ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД
БА НОМИ АКАДЕМИК Б. ҒАФУРОВ

Низомиддин Зоҳидов

НАСРИ АРАБИЗАБОНИ АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР АСРҲОИ VIII - IX

Нашриёти
«Нури маърифат»
Хуҷанд – 2004

ББК
83.3(0)9
З.87Б.

Шўрои табъу нашри
ДДХ ба номи академик
Ғафуров ба чоп тавсия намудааст.

Н. Зоҳидов Насри арабизабони адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои VIII – IX. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2004. 402 саҳ.

Дар китоб насри арабизабони асрҳои VIII - IX, ки мазҳари тадовуми суннатҳои адабиёти тоисломии эронӣ дар қолаби забони арабӣ маҳсуб мешавад, ба ҳайси як қисми таркибии адабиёти форсу тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар бобҳо ва бахшҳои марбути китоб муаллиф кўшиш ба харҷ додааст, ки дар заминаи таҳқиқи насри арабизабони садаҳои мазкур ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти адабии халқҳои эрониро дар шароити истилоҳо араб ва тасаллути забони арабӣ ба тасвир гирад.

Китоб ба хидмати мутахассисон ва алоқамандони таърихи адабиёти форсу тоҷик ва равобити адабии Арабу Аҷам манзур мегардад.

© ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров, 2003

МУҚАДДИМА

Адабиёти ҳар як халқ дар масири мавҷудияти хеш асосан дар қолаби забони он халқ тазоҳур мекунад. Ба ин маънӣ, забон беҳтарин воситаи ҳифзу идомаи анъанаву суннатҳои адабиву бадеӣ ва муассиртарин мояи рушду такомули адабиёту фарҳанги миллӣ маҳсуб мешавад. Адабиёти форсу тоҷик низ дар дарозои таърихи тўлонии хеш ғолибан дар қолаби забонҳои бумӣ офарида шуда ва бо борвар гаштан аз ин хазинаи маънавӣ дар ҳар марҳилаи рушди хеш бо рангомезиҳои тоза ҷилва намудааст.

Аммо таҷрибаи адабиёти умумиҷаҳонӣ далел бар он аст, ки дар таърихи халқҳои гуногун давраҳое будаанд, ки адибони он халқҳо ба тақозои шароити таърихӣ осори худро на ба забони қавми худ, балки ба забони бегона эҷод кардаанд. Ба қавли И.Г. Неупокоева, «ин ҳолат дар шароити истилои бегоназаминон, ки бо манъи забони миллӣ ва ё маҳдуд гардонидани он тавъам буд, рўй менамуд. Дар ин шароит адибони миллӣ дар марҳалаи начандон тўлонӣ забони бегонаро ба ҳайси воситаи ягонаи нашри афкори худ ба кор мегирифтанд» [173, 250].

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик садаҳои VIII-IX ҳамин гуна як марҳалае буд, ки дар тўли он забони арабӣ – забони истилогарон дар Эронзамин ба ҳайси забони ягонаи адабӣ тасаллут пайдо кард ва адибони маҳаллӣ осори худро дар қолаби он офариданд. Ин ҳолат тадқиқ ва таъйини риштаҳои пайванди адабиёти қадимаи тоисломиро бо адабиёти форсу тоҷики асри X ва қарнҳои баъдӣ душвор гардонида, боиси пайдоиши чунин тасаввури ғайривоқеӣ гаштааст, ки гўё тараққии адабиёти халқҳои эронӣ пас аз истилои араб қатъ гардидааст, гўё мардуми Эронзамин дар дарозои зиёда аз дусад сол аз эҷоди адабиву бадеӣ маҳрум буданд. Аз ин ҷост, ки бархе аз мусташриқон давраи мазкурро чун «лавҳи сафед» ва «қарнҳои сукут» дар таърихи адабиёти халқҳои эронӣ арзёбӣ намуда, ташаккул ва равнақи адабиёти оламгири аҳди Сомониёнро бештар ба таъсир ва нуфузи суннатҳои адабиёти араб марбут донистаанд.

Таърихи тамаддуни башарӣ гувоҳ аст, ки ягон падидаи бузурги фарҳангӣ дар ҷои холӣ ва бидуни фароҳам омадани заминаҳои мусоиди сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавӣ ба вуҷуд наомадааст. Гузашта аз ин, тамоми падидаҳои бузурги адабу фарҳанг, пеш аз ҳама, дар заминаи анъанаву суннатҳои гузаштаи худӣ зуҳур мекунанд ва такомул меёбанд. Бад-ин маънӣ нашъунамо ва равнақи ҳар адабиёт дар ин ё он давра натиҷа ва маҳсули ҷараёни қаблии он адабиёт аст. Албатта, ангезаҳои «бегона» низ дар рушди адабиёт муассир буда метавонанд, вале нақши онҳо дар ин маврид муҳол аст, ки аслӣ ва ҳалкунанда бошад.

Пас аз истилои араб қавмҳои эронӣ исломро пазируфтанд ва аз пайи он забони аъробро ба ҳайси забони расмӣ қабул карданд. Бар асари ин, забони арабӣ дар дарозои қариб дусад сол ба воситаи ягонаи ифодаи афкори адабиву бадеӣ ва илмиву фарҳангии эрониён табдил ёфт. Қабули ислом ва забони арабӣ боиси дар байни халқҳои эронӣ интишор ёфтани алифбои арабӣ гардид. Вале бо вуҷуди он, ки ин се рукни муҳимми тамаддун,яъне дин, забон ва алифбо тағйир пазируфт, халқҳои эронӣ ҳувияти миллӣ ва асолати фарҳангу тамаддуни хешро нигоҳ доштанд.

Халқҳои эрониро таҷриба ва собиқаи бузурги фарҳангиашон аз «араб шудан» наҷот бахшид. Фарзандони бедори Эронзамин - ҳомилони он фарҳанги бузург ба мубориза баҳри растагории маънавии Аҷам ба по хестанд ва ба майдони набарди фикрӣ ва муоразаи фарҳангӣ бо арабҳо ворид гардиданд. Гурӯҳе аз онҳо забони арабиро дар ғояти камол омӯхтанд ва муҳимтарин дастовардҳои адабиёту таъриху фарҳанги аҷдоди тоисломии худро ба ин забон тарҷума карданд ва ба онҳо умри дубора бахшиданд. Гурӯҳи дигар дар назму насри арабӣ ба мартабаи устодӣ расиданд ва дар навиштаҳои худ анъанаву суннатҳои адабии эрониро ворид карданд.

Осори шоирон ва нависандагони арабизабони эронинажод, қабл аз ҳама, ба ҳукми он, ки ба забони арабӣ навишта шудааст, як қисми таркибии адабиёти арабиро ташкил мекунад ва бидуни он тасаввур кардани таърихи адабиёти араб, хоссатан ҳамон марҳалаи инкишофи он,

ки ба давраи «таҷаддуд» маъруфият дорад, номумкин аст. И.М. Филштинский барҳақ навиштааст, ки эҷодгарони адабиёти араби давраи таҷаддуд «ғолибан аз миёни эрониён ва соири халқҳои навмусулмон бархоста буданд» [205, 289]. Аммо чунин гузориши масъала ба ҳеҷ ваҷҳ маънои онро надорад, ки халқҳои эронӣ дар давраи истилои араб то пайдоиши адабиёти навини форсӣ аз эҷоди адабиву бадеӣ маҳрум буданд. Гузашта аз он, ки эҷодиёти бадеии шифоҳии халқҳои эронӣ дар давраи истилои араб қатъ нагардида буд ва дар заминаи анъанаҳои пешин ба забонҳои маҳаллӣ инкишоф меёфт, анъана ва суннатҳои адабиву бадеии эронӣ дар адабиёти арабизабон, ба вижа дар эҷодиёти адибони эронинажод мақом ва вусъати беш аз пеш пайдо мекард.

Аз ин рӯ, адабиёти арабизабони садаҳои VIII-IX, ки маҳсули қаламу эҷоди эрониён ва ифодагари ҳусни таваҷҷӯҳи онҳо ба анъанаҳои адабиву бадеии тоисломӣ аст, метавонад як қисми таркибии адабиёти форсу тоҷик маҳсуб шавад.

Мусаллам аст, ки дар мавриди гузориши ин масъала ва ҳалли он эътимод ва иттико танҳо ба аслу нажоди муаллифони арабизабон кифоя нест. Агар аслу табори нависандаро дар ин маврид меъёри ягонаи ҳалли масъала ба шумор оварем, ногузирем, ки аз таърихи адабиёти араби асрҳои VIII-IX номи як идда нависандагону шоирони бузургро ҳазф намоем. Ин равиш, албатта, нодуруст буда, хатоҳои ҷиддии методологиро ба бор хоҳад овард. Дар баробари ин, дар ҳалли ин масъала забони эҷоди нависанда низ милоки асосӣ ва муайянкунанда шуда наметавонад, зеро агар ин равишро бипазирем, пас бояд тамоми осореро, ки дар асрҳои миёна ба забони арабӣ таълиф шудааст, моли адабиёти араб ба шумор оварем ва маҳсули суннатҳои адабиву фарҳангии халқҳои ғайриараб будани қисмате аз адабиёти арабро нодида бигирем. Аз ин рӯ, танҳо аслу табор ва ё танҳо забони эҷоди нависандагон, ки дар ин маврид он арабӣ аст, дар ҳалли масъалаи мазкур меъёри ягона ва асосӣ буда наметавонад. Пас, ҳалли масъала ба меъёри ҷомее ниёз дорад, ки он на танҳо ғаномандиву асолати

адабиёти арабизабони садаҳои VIII-IX-ро дар мадди назар дошта бошад, балки муҳити таърихӣ ва шароити мушаххаси ташаккул ва рушди ин адабиётро низ мавриди эътибор ва таваҷҷӯҳ қарор бидиҳад. Ба ҳайси чунин як меъёр пайванди адибро бо муҳите, ки мазиятҳои асосии эҷодиёти ӯро таъйин мекунад, бо суннатҳои адабиву фарҳангӣ ва рӯҳу оҳангҳое, ки манбаи илҳом ва дарунмояи эҷодиёти ӯро фароҳам меоварад, метавон пазируфт. Ин меъёр ҳангоми таҳқиқи адабиёти арабизабони халқҳои эронӣ метавонад пайванди осори адибони асрҳои VIII-IX-ро бо суннатҳои адабиёти тоисломии эронӣ таъйид кунад.

Масъалаи омӯзиши адабиёти арабизабони садаҳои VIII-IX аз лиҳози мақом ва аҳамияти он дар таърихи адабиёти халқҳои эронӣ диққати бисёр муҳаққиқонро ба худ ҷалб карда буд. Ҳанӯз олими англис Эдвард Браун навишта буд, ки «агар мункири осоре шавем, ки эрониён дар давраи мазкур ба забони тозӣ аз худ гузоштаанд, мункири бисёре аз муҳимтарин таҷаллиёти хоссаи нубуғи эронӣ шудаем ва дар бораи фаъолияти димоғии ин миллати ҳушманд ва боқариҳа ақидаи ба куллӣ қосир ва норасо пайдо кардаем» [317, I, 4]. Э.Браун дар таърихи адабиёти форсӣ ба чаҳор марҳала (1. Катибаҳои хатти мехии форсии бостон; 2. Авесто; 3. Адабиёти паҳлавӣ; 4. Адабиёти баъд аз ислом ё «форсии ҷадид») ишора карда, зарурати ба ин тақсимбандӣ илова намудани марҳалаи панҷум, яъне «қисмати бузурге аз адабиёти арабиро, ки зодаи фикр ва асари қалами эронӣ аст», таъкид карда буд [317, I, 89]. Муҳаққиқи мазкур бо гузориши масъала иктифо карда, баррасии бевоситаи онро хориҷ аз аҳдофи асари худ дониста буд.

Олими рус В.А.Эберман ба тадқиқи «муҳити муштараки адабиву эроние, ки, аз як тараф, боиси тавлиди назми ҷадид гардид, ва, аз тарафи дигар, ба назми араб таъсир карда, мӯҷиби сифатан тағйир ёфтан ва, баръакси назми ҷоҳилия, симои фарҳангӣ касб кардани он гардид» [219; 429], ҷиддан пардохта буд. Ӯ ният дошт, ки силсилаи тадқиқотро дар бораи ҳаёт ва осори адибони эронии асрҳои VIII-IX, ки ба забони арабӣ эҷод кардаанд, анҷом диҳад. Марги нобаҳангом ба ӯ имкон надод, ки ин

нияташро пурра амалӣ гардонад. Ба ҳар ҳол, ду тадқиқоти пуразиши олим – яке дар бораи шуарои эронинажоди давраи умавӣ, дигаре оид ба ҳаёт ва фаъолияти шоир Хураймии суғдӣ [219; 218] – аввалин қадами ҷиддие дар омӯзиши адабиёти арабизабони халқҳои эронӣ гардид.

Олими дигари рус К.А. Иностранцев як силсила мақолотро доир ба саҳми аносири эронӣ дар рушди адабиёти араби қарнҳои нахусти ислом ба нашр расонида, тарҷумаҳои осори ахлоқии паҳлавиро ба ҳайси яке аз авомили ташаккули насри ахлоқии арабӣ арзёбӣ намуда буд [138].

Ағлаби таҳқиқоти донишманди эронӣ М.Муҳаммадӣ низ ба ҷустуҷӯи осори тоисломии эронӣ дар адабиёти арабии қарнҳои нахусти ислом ва аҳамияти манобеи арабӣ дар шинохти адабиёти давраи сосонӣ тахсис ёфтааст [292; 293; 294; 295]. Тадқиқоти донишманди мазкур доир ба мутарҷимони эронӣ ва осори паҳлавие, ки дар қуруни нахустини исломӣ ба забони арабӣ тарҷума шудаанд, бо вусъати матолиб ва густардагии заминаи таҳқиқ бисёр паҳлуҳои ҳаёти адабии халқҳои эрониро дар садаҳои нахустини исломӣ равшан кардаанд. Бо вуҷуди ин, М.Муҳаммадӣ адабиёти арабизабони қарнҳои нахусти исломиро асосан чун манбаи омӯзиши адабиёти тоисломии эронӣ ва таҳаввули суннатҳои он дар давраи интиқол ба адабиёти исломии эронӣ шинохтааст, вале онро чун як давраи хос дар таърихи адабиёти халқҳои эронӣ арзёбӣ накарда ва аз ин лиҳоз онро мавриди таҳқиқ қарор надодааст.

Ҷанбаҳои алоҳидаи нуфузу мақоми суннатҳои адабии эронӣ дар адабиёти араби нахустин қарнҳои исломӣ дар тадқиқоти В.Р.Розен [188;189], Ш.Шакед [324;325;326], М.Гриняски [321], Исо ал-Окуб [269] ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Муҳаққиқони таърихи адабиёти форсу тоҷик Я.Рипка [142,126-132], М.Занд [132], А.Н.Болдирев [112;113;114], И.С.Брагинский [115;116; 118], М.Н.Османов [176; 177] ва Р.Ҳодизода [210; 211] дар асарҳои худ ба масъалаи мавриди назар дахл кардаанд. Онҳо ба таҳқиқи бевоситаи мавзӯъ напардохта бошанд ҳам, муҳокима ва мулоҳизаҳои пуразише доир ба он

баён намудаанд. Аз ҷумла, гузориши масъала дар бораи як қисми таркибии адабиёти форсу тоҷик маҳсуб шудани адабиёти арабизабони халқҳои эронӣ дар асрҳои VIII-IX ба доираи мубоҳисаву муҳокимаҳои назарӣ кашида шуд, дар даврабандии таърихи адабиёти форсу тоҷик мақоми адабиёти мавриди назар ҳамчун як давраи муҳим таъйид гардид ва ба давраи «вазъи ғайрзабонии адабиёт» («период иноязычного состояния») номзад шуд.

Дар солҳои охир таваҷҷӯҳ ба адабиёти арабизабони форсу тоҷик рӯ ба фузунӣ оварда, дар ин замина тадқиқоти И.Абдуллоев [91], Т.Мардонов [160; 161] ва А.Абдусатторов [92;93] ба миён омаданд. Ин тадқиқот баъзе нукотеро фаро гирифтаанд, ки дар тадқиқи адабиёти арабизабони асрҳои VIII-IX низ метавон аз онҳо истифода кард, вале ба таври умум онҳо ба баррасии адабиёти арабизабони асрҳои X-XI, яъне даврaҳои баъдӣ ихтисос доранд.

Бо дарки зарурати таҳқиқи мавзӯи мазкур нигорандаи ин сатрҳо дар иддае аз пажӯҳишҳои худ масъалаҳои марбут ба назми арабизабони садаҳои VIII-IX ва мақому арзиши онро дар раванди адабии халқҳои эронӣ мавриди тадқиқ қарор додааст [134;135], вале насри арабизабон, ки қисмати аъзами он адабиётро фароҳам оварда ва аз лиҳози тадовуми суннатҳои адабиёти тоисломии эронӣ нисбат ба назми давраи мазкур арзиш ва аҳамияти бештарро доро аст, аз маърази таҳқиқ то ҳол берун мондааст.

Ҳамин тариқ, адабиёти арабизабон, хосса қисмати насри он, ки халқҳои эронӣ дар асрҳои VIII-IX ба вуҷуд оварданд, ба ҳайси як ҷузви таркибии адабиёти форсу тоҷик мавриди омӯзиши доманадору пурвусъат қарор нагирифтааст. Ҳол он ки бидуни омӯзиши ин адабиёт аз лиҳози мақом ва арзиши он дар таърихи адабиёти форсу тоҷик таҳқиқи пайвандҳои адабиёти давраи сосонӣ ва адабиёти навини форсии дарӣ, тарсими хатти сайри таърихии адабиёти форсу тоҷик ва таъйини маъхазҳои асосии рушду нумӯи он дар асри X ва даврaҳои баъдӣ бо мушкилоте афзун тавъам хоҳад буд.

Бино бар ин, таҳқиқи насри арабизабони садаҳои VIII-IX ба ҳайси як қисми таркибии адабиёти форсу тоҷик ҳадафи асосии муаллифи ин рисола қарор гирифтааст. Дар бобҳо ва бахшҳои марбути рисола муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки заминаҳои вуруди аносири эрониро ба насри арабизабон муайян кунад; саҳми нахустин нависандагони эронитабор, хоссатан Абулалои Солим ва Абдулҳамиди Котибро дар ташаккули насри арабизабон ба таҳқиқ гирад; доираи мутарҷимони эронӣ, авомили густариши тарҷума ва анвои осори паҳлавиро, ки дар садаҳои VIII-IX ба забони арабӣ баргардон шуданд, мавриди таҳқиқ қарор диҳад; манзараи нисбатан комили ширкати адибони эронитаборро дар насри арабизабони садаҳои VIII-IX тарсим намояд; нақш ва нуфузи суннатҳои насри тоисломии эрониро дар пайдоиш ва ташаккули анвои мухталифи насри арабизабони садаҳои VIII-IX таъйин намояд.

Агар муаллифи рисола дар кӯшишҳои хеш то андозае муваффақ шуда бошад, инро аз юмни роҳнамоии устоди гаронқадри хеш, донишманди маъруфи тоҷик, профессор Расулхон Ҳодизода ва аз баракати дастгирии дӯстони ҳампешаву ҳамраъи худ, хоссатан бародари арҷмандаш, узви вобастаи АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор Носирҷон Салимов медонад ва аз онҳо то абад миннатпазир аст.

Боби I

Оғози нуфузи унсури эронӣ дар насри арабизабон

Насри тарассул

I.1. Омилҳои пойдорӣ ва давоми суннатҳои насри тоисломии форсу тоҷик дар қарнҳои нахусти исломӣ

Истилои Эронзамин аз ҷониби аъроб яке аз марҳалаҳои душвор ва сарнавиштсози таърихи халқҳои эронӣ ба шумор меояд. Нерӯи аскарии шоҳаншоҳии Сосониён пеши селаи ҳуҷуми аъроби бодиянавардро, ки ливои дини нав – ислом эшонро муттаҳид ва ғайраташонро қувват бахшида буд, гирифта натавонист. Охирин намояндаи дудмони Сосониён Яздигурди III пас аз шикаст дар муҳорибаҳои назди Қодисия (соли 636) ва Наҳованд (соли 642) маҷбур шуд, аз як маҳал ба маҳалли дигар фирор кунад ва ахиран дар Марв қарор гирад. Ӯ кӯшиш кард, ки аз қувваи вилоятҳои то ба ҳол аз истилои арабҳо эминмонда истифода бурда, ҳуҷуми арабҳоро боздорад, вале кӯшишҳои шоҳаншоҳи сосонӣ бар абас рафтанд ва худи ӯ соли 651 кушта шуд. Бо ҳамин мавҷудияти тақрибан панҷасраи давлати Сосониён хотима ёфт ва Хуросон пурра таҳти тасарруфи арабҳо қарор гирифт. Пас аз ин арабҳо ба Мовароуннаҳр рӯй оварда, то охири садаи VII чанд маротиба ба Бухоро, Самарқанд, Хатлон, Чағониён ва ноҳияҳои дигар лашкар кашиданд, вале ҳар дафъа муқобилати сахт дида, бо ғаниматҳое, ки ба даст оварда буданд, ба Марв бармегаштанд. Танҳо дар нимаи аввали асри VIII ба онҳо муяссар гардид, ки ҳокимияти худро дар Мовароуннаҳр барқарор кунанд. (Дар ин бора ниг.: [128, I, 403-431; 107, 190-200; 146, 52-146]).

Истилои Эронзамин аз ҷониби аъроб нашри дини эшонро дар пай дошт. Фарқи куллии тасхири ин кишвар аз ҷониби арабҳо аз истилогариҳои бегонагони дигар, ки қаблан ва баъдан низ бисёр воқеъ гардидааст, он буд, ки арабҳо бар хилофи соири истилогарон ба Эронзамин ойини нав – исломро оварданд. Ислом барои аъроби фотеҳ ба

масобаи аслиҳаи мафкуравие буд, ки пас аз ғалабаи аскариву сиёсӣ мебоист пирӯзии маънавиву мафкуравии онҳоро бар мардуми Эронзамин таъмин кунад. Қавмҳои эронӣ исломро пазируфтанд, вале ин раванд саҳлу осон сурат нагирифтааст. Бино ба хабари Наршахӣ, аҳолии Бухоро се бор маҷбуран ислом пазируфта ва боз риддат оварда буданд. «Бори чаҳорум-навиштааст ӯ, - Қутайба ҳарб карда шаҳр бигрифт ва аз баъди ранҷи бисёр ислом ошкоро карда ва мусулмонӣ андар дили эшон биншонд, ба ҳар тариқе кор ба эшон сахт кард ва эшон ислом пазируфтанд ба зоҳир ва ба ботин бутпарастӣ мекарданд» [12, 43]. Ин хабари Наршахӣ ба воқеаҳои Бухоро дахл дорад, вале он метавонад манзараи умумии интишори исломро дар байни халқҳои эронӣ инъикос кунад.

Ба ҳар ойин, нашри ислом дар байни халқҳои эронӣ ба арабҳо ба он суръате, ки лашкари онҳо Эронзаминро фатҳ карда буд, даст надод. Мардуми ин сарзамин то дер ба расму ойинҳои худ содиқ монданд ва дини ниёгонашонро гоҳе пинҳониву гоҳе ошкоро пайравӣ мекарданд.

Арабҳо дар Эрону Мовароуннаҳр ҳамзамон бо нашри ислом забон ва алифбои арабиро ҷорӣ мекарданд. Ин амр ба тараққии минбаъди забонҳои маҳаллӣ, аз қабили паҳлавӣ, суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ ва ғайра бетаъсир намонд. Онҳо ҳамчун забонҳои илму адаб ва коргузорӣ тадриҷан аз маърази истифода хориҷ шуданд ва ҷои худро ба забони арабӣ доданд. Дар густариши забони арабӣ нақли коргузории девонҳои давлатӣ ба ин забон нақши муассир дошт. Ин кор дар ғарби Эрон соли 697 ҳангоми ҳукумати Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф ба вуқӯъ пайваст [42, II, 368-369; 54, 68; 86, 303]. Дар Хуросон бошад, коргузорӣ боз ҳам дертар, яъне соли 742 ба арабӣ нақл шуд. Дар ин бора Ҷаҳшиёрӣ чунин овардааст: «Он замон бештари котибони Хуросон маҷус буданд ва ҳисобҳо ба форсӣ менавиштанд. Соли 124ҳ. Юсуф ибни Умар, ки дар Ироқ ҳукумат дошт, ба (волии Хуросон) Наср ибни Сайёр номае фиристод ва ба ӯ дастур дод, ки дар корҳо ва китобаташ аз ҳеҷ як аз аҳли куфр кӯмак нахоҳад. Нахустин касе, ки

коргузориро дар Хуросон аз форсӣ ба арабӣ нақл кард, Исҳоқ ибни Тулайқи котиб буд» [54, 100].

Тадбири мазкур дар интишори забони арабӣ аҳамияти хосса дошт. Беҳуда набуд, ки эрониён ба Солеҳ ибни Абдурраҳмони котиб, ки коргузории девонҳои ғарби Эронро ба арабӣ гардонда буд, нидо карда буданд: «Худо решаи туро аз ҷаҳон барканад, ки ту бо ин корат решаи порсиро баркандӣ!» [42, II, 369]. То ин вақт дар дастгоҳҳои идории Эрону Мовароуннаҳр асосан намояндагони халқҳои маҳаллӣ кор мекарданд ва коргузорӣ низ ба забонҳои маҳаллӣ сурат мегирифт. Минбаъд иҷрои вазифа дар девонҳо донистан ва ба кор бурдани забону хатти арабиро талаб мекард. Ин худ омиле гардид, ки раванди интишори забону хатти арабиро дар байни эрониён тезонид ва аз доираи истифода баромадани хат ва забонҳои маҳаллиро чун забонҳои коргузорӣ муайян кард. Аз ин пас дар дарозои дусад сол забони арабӣ забони расмии Эрону Мовароуннаҳр ва воситаи ягонаи нашри афкори адабиву илмиву динӣ гардид.

Оқибати истилои араб барои фарҳангу тамаддуни халқҳои ориёӣ бисёр гарон афтод. Бар асари таассуби аъроб ва дар ҳаводиси давраи истило қисме аз осори адабиву фарҳангии Эронзамин нобуд гардид. Баъзе муҳаққиқон бар онанд, ки гӯё маҳв шудани осори фарҳангии Эрон ҳангоми кишваркушоии арабҳо ҷой надошт ва ин даъво тӯҳмати мухолифони ислом нисбат ба мусулмонон аст. Аммо далелу қаринаҳое, ки аз маъхазҳои таърихӣ бармеоянд, нодуруст будани ин ақидаро ба исбот мерасонанд. Аз ҷумла, Ибни Халдун дар «Муқаддима»-и худ ба ҳодисаи бо фармони халифа Умар нест кардани осори эронӣ чунин ишора кардааст: «Куҷо шуд илму дониши Эрон, ки Умар дар ҳангоми фатҳ ба нобуд кардани онҳо фармон дод?» [22, 112]. Тафсили ин ҳодисаро Ҳоҷӣ Халифа баён карда, навиштааст, ки «вақте лашкари араб бо сардории Саъд ибни Абуваққос кишвари Эронро фатҳ намуд, китоби бисёре ба дасти аъроб афтид. Саъд ба Умар нома навишта, раъйи ӯро дар бораи китобҳо бихост. Умар дар ҷавоб навишт: «Китобҳоро дар об афканед, зеро агар онҳо боиси роҳнамоӣ

бошанд, мусулмононро роҳнамое беҳтар аз Қуръон нест ва агар далели гумроҳӣ бошанд, мо аз он бениёзем» [55, I, 66]. Пас аз ин сарбозони Саъд китобҳоро дар об рехтанд. Муаррихи дигар – Абӯрайҳони Берунӣ ҳамин гуна муносибати мутаассибонаи муҳоҷимони арабро нисбат ба осори адабиву фарҳангии хоразмиён дар «ал-Осор-ул-боқия» зикр кардааст. Бино ба навиштаи ӯ, «вақте Қутайба ибни Муслими Боҳилӣ (сарлашкари араб – З.Н.) бар мардуми Хоразм даст ёфт, нависандагони эшонро ба қатл расонид, ҳирбадонро бикушт, китобу рисолаҳои онҳоро ба оташ афканд. Аз он пас мардуми Хоразм дар нодонӣ фурӯ рафтанд ва он чиро, ки имрӯз аз ҳикмату улум медонанд, ҳамаро сина ба сина нақл кардаанд ва танҳо аз рӯи ҳофиза гуфтаанд» [4,63]. Дар ҷои дигар аз ҳамин китоб Берунӣ аз дасти Қутайба ибни Муслим ба ҳалокат расидани онҳоеро, ки хатти хоразмӣ медонистанд, хабар дода, афзудааст, ки «бад-ин ҷиҳат ахбору осори хоразмиён аз байн рафта ва ҳеҷ умеде барои ба даст овардани онҳо боқӣ намондааст» [4, 48].

Нобуд кардани осори адабиву фарҳангии мардуми эронинажод на танҳо ҳангоми кишваркушоии арабҳо, балки сонитар низ воқеъ гардидааст. Аз ҷумла, соли 923 дар асари мубориза бар зидди монавиён дар Бағдод акси Монӣ ва чаҳордаҳ ҷувол китобҳои пайравони ӯ, ки ҳама бо нақшу тасвирҳо ороста буданд, сӯзонида шуданд [294, 23]. Бино ба хабари Давлатшоҳ, Абдуллоҳи Тоҳирӣ китоби «Вомиқу Азро»-ро ба эътибори осори маҷусӣ буданаш дар об андохта ва дастур додааст, ки ҳар чӣ аз он гуна китобҳо биёбанд, нобуд созанд [60,35]. Ҳарчанд ки В.В.Бартолд ҳақиқати ин хабарро зери шубҳа гузоштааст [102, VII, 508-509], он ва далелҳои дар боло оварда сарнавишти осори адабиву фарҳангии гузаштагони моро пас аз истилои араб ба хубӣ инъикос мекунанд.

Дар баробари китобсӯзиҳои аъроб ва ҳаводиси даврааи истило бояд ба иллати дигари аз байн рафтани кутубу расоили тоисломии форсу тоҷик ишора кард, ки он тағйири алифбо ва хат буд. Бо густариши ислом ва устувор гаштани пояҳои ҷаҳоншиносии нави ваҳдонӣ хатти паҳлавӣ

тадриҷан аз маърази истифодаи умум хориҷ шуд ва ҷои худро ба хатти арабӣ вогузошт. Дар натиҷа, корбасту истифодаи хатти паҳлавӣ танҳо мунҳасир ба доираи пайравони зардуштия ва тоифаи мӯбадону ҳирбадон гардид. Бо мурури замон ин хат ва мероси мактуб ба он барои аксарияти мардум ноошно гардида, ба гӯшаи фаромӯшӣ афтод ва аз миён рафт. Таѓйири хат мобайни фарҳангу тамаддуни тоисломӣ ва давраи исломии Эронзамин фосилае ба вуҷуд овард, ки убур аз он ба қисмате аз осори адабиву фарҳангӣ ба сабаби бегонагии хат ба «муштариёни» баъдӣ муяссар нагардид.

Ҳамин тавр, бар асари истилои араб се рукни муҳими тамаддуни эронӣ, яъне дин, забон ва хат таѓйир пазируфтанд, қисмате аз мероси маънавӣ ва обидаҳои фарҳангии тоисломӣ нобуд гаштанд. Вале бо вуҷуди ин халқҳои Эронзамин ҳувияти миллӣ ва асолати фарҳангии хешро ҳифз карданд, зеро омилҳое мавҷуд буданд, ки заминаҳои пойдорӣ ва идомаи суннатҳои адабу фарҳанг, аз ҷумла ҳунари насрнависии тоисломиро дар муҳити ислом фароҳам оварданд. Ин омилҳо ба масобаи пули фарҳангие буданд, ки Аҷами тоисломиро бо Эронзамини исломӣ пайвастанд.

Яке аз ин гуна омилҳо ҳастии забони форсӣ ва лаҳҷаву гӯишҳои маҳаллӣ маҳсуб мешавад. Поя ва мояи аслии адабу фарҳанги Эронзамин дар қолаби забону лаҳҷаҳое, ки мардуми оддӣ ба он сухан мегуфтанд, таърих ва саргузаштҳои шоҳону паҳлавонони худро мехонданд, достонҳо ва афсонаҳои куҳанашонро ривоят мекарданд, боқӣ монд ва идома пайдо кард.

Чунон ки дар боло ишора шуд, забони арабӣ баъд аз истилои араб забони расмии Эронзамин гардида буд ва асосан дар байни намояндагони илму адаб ривоҷ дошт. Дар ин ҷо ҳаминро бояд илова кард, ки интишори он дар ин қисмати Хилофат аз ин ҳад жарфтар нарафт ва дар байни оммаи мардум нуфузи ночиз дошт. Ошноии омма бо забони расмӣ аз маърифати ибораву оёти ҷудогонаи қуръонӣ, ки барои адои расму ойинҳои исломӣ зарур буданд, таҷовуз намекард. Ба мӯҷиби ривояти Наршахӣ, мардуми Бухоро, азбаски арабиро намедонистанд, дар марҳалаҳои аввали

интишори ислом ҳатто «дар намоз Қуръон ба порсӣ хондандӣ» [12, 43]. Ҷоҳиз аз Мӯсои Асворӣ ном муфассире, ки дар нимаи дуюми асри VIII зистааст ва фасоҳати суханаш дар арабӣ ва форсӣ яксон будааст, ёд карда, навиштааст: «Дар маҷлиси Мӯсои Асворӣ тозиён аз рост ва эрониён аз чап менишастанд ва ӯ ояте аз Қуръонро мехонд ва онро ба арабӣ барои тозиён тафсир мекард. Сипас ба эрониён рӯй меовард ва тафсири онро барои эшон ба форсӣ мегуфт ва касе дарнамеёфт, ки ба кадом як аз ин ду забон беҳтар сухан мегӯяд» [50, I, 342]. Аз ин ҷо ба хубӣ метавон ду чизро дарк кард: якум ин, ки аксарияти эрониён бо забони арабӣ ошноӣ надоштанд ва дар фаҳмидани он ба тарҷума ниёз доштанд; дуюм, фасоҳати забони форсӣ ҳамсанги арабӣ будааст.

Забони форсӣ дар қарнҳои нахусти ислом дар шаҳрҳои марказии Хилофат – Басра, Бағдод, Куфа ва ғайра ривоҷ дошт. Аз қаринаву далелҳое, ки дар сарчашмаҳои адабиву таърихӣ ба қайд омадаанд, аён мегардад, ки дар шаҳрҳои мазкур дар сатҳи нутқи шифоҳӣ муҳити дузабонаи арабӣ-форсӣ ҳукмфармо буд [50, I, 146-147]. Ҳамин ҳастии забони форсӣ ва лаҳҷаҳои маҳаллӣ буд, ки дар давраи пурҳаводиси ҳукумати аъроб боиси маҳфуз мондани қисме аз осори шифоҳиву суннатҳои адабии форсу тоҷик гардид.

Омили дигаре, ки мӯҷиби интиқоли қисме аз осори фарҳангии тоисломӣ ба муҳити исломӣ гардид, фаъолияти пайравони кешу мазҳабҳои маҳаллӣ, хоссатан зардуштия буд, ки ҳадафи «гирд кардану гиромӣ доштани» мероси маънавии Аҷамро дар пай дошт. Пайравони зардуштия дар қарнҳои нахусти ислом ҳанӯз дар ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии Эронзамин соҳиби таъсиру нуфуз буданд. Бино ба навиштаи муаррихони асрҳои миёна, аксарияти аҳолии баъзе ноҳияҳо, аз ҷумла Кирмон, Шероз, Форс, Табаристон ва ғайра дар баробари нашри ойини ҷадид устуворӣ зоҳир карда, то ду-се қарн пас аз пайдоиши ислом зардуштӣ мондаанд [40, 87-160]. Пайравони зардуштия заруриёти кеши худро ба ҷо меоварданд, идҳои қадимаи эрониро ҷашн мегирифтанд ва бо ин мӯҷиби маҳфуз

мондани на танҳо анъанаҳои динӣ, балки расму ойинҳои фарҳангӣ ва мардумӣ мешуданд. Дар ҳифзи осори фарҳангии тоисломӣ аз газанду осеби давраи истилои араб махсусан нақши мӯбадон ва оташкадаҳо муассир буд. Ҳарчанд ки пайравони мутаассиби ислом қисме аз оташкадаҳоро вайрон ва ё оташи онҳоро хомӯш карданд, ҳанӯз ҳам бисёр оташкадаҳо дар манотиқи мухталиф побарҷой буданд. Аз нигоштаи Истахрӣ бармеояд, ки дар Форс ҳатто дар садаи чаҳоруми ҳичрӣ оташкадаҳо ҳанӯз фаровон будаанд. Ҷуғрофидони мазкур афзудааст, ки дар ин минтақа ба нудрат шаҳристонеро метавон дарёфт, ки дар он чанд оташкадае набошад [40, 90]. Оташкадаҳо, алалхусус онҳое, ки дар мавзеъҳои дурдасти кӯҳистон воқеъ буданд, дар шароити истилои араб ба масобаи марказҳои динӣ ва илмиву фарҳангии эронӣ ба шумор мерафтанд. Дар онҳо осори бозмондаи фарҳангӣ нигоҳ дошта мешуданд ва мӯбадону донишмандони зардуштӣ ба дарсу баҳс машғул мешуданд. Бад-ин васила на танҳо аз нобуд шудани осори қадима ҷилавгирӣ карда мешуд, балки он чӣ, ки дар давраи истило аз миён рафта ва ё ноқис шуда буд, таҳриру такмил меёфт.

Аз хидматҳои мӯбадону донишмандони зардуштӣ буд, ки дар қарнҳои нахусти ислом риштаи таълифу тадвин ба забон ва хатти паҳлавӣ канда нашуд ва кутубу расоиле дар масъалаҳои мазҳаб, ахлоқ, адаб, таърих ва ҷуғрофиё рӯй намуданд. Дар ин радиф бояд аз китобҳои «Динкарт», «Бундаҳишн», «Додистони диник», «Ривоёти паҳлавӣ», «Шиканд гумоник визор» ва ғайра ёдовар шуд, ки ҳамагӣ дар қарнҳои VIII ва IX аз ҷониби ҳирбадон ва донишмандони мӯътабари зардуштӣ таълиф шудаанд [234, 128-158]. Китобҳои мазкур дар баробари масоили мазҳабӣ ҳамчунин матолиби таърихӣ ва қиссаву ривоёти бостониро дар бар гирифтаанд ва бино бар ин дар тадовуми суннатҳои фарҳангу адаб ва кешу мазҳаби тоисломӣ нақше корсоз доштаанд. Бо таваҷҷӯҳ ба ин матлаб, эроншиноси рус К.А.Инострансев барҳақ қайд кардааст, ки маҳз ҳамин ҳирбадону мӯбадон ва донишмандони зардуштии қарнҳои нахусти ислом барои муаррихони арабизабони он даврон, ки ба таълифи асарҳо дар бораи

таъриху фарҳанги Эронзамин пардохта буданд, аз манбаъҳои мўътамад ва мўътабар ба шумор мерафтанд [138, 8].

Қисме аз осори тоисломии эронӣ дар дижу қалъаҳои барои арабҳо дастнорас нигаҳбонӣ мешуданд. Баъзе аз ин дижҳоро муаррихону ҷуғрофидонҳои асрҳои нахусти ислом ёдовар шуда, аҳамияти онҳоро ҳамчун махзани китобҳои қадимаи эронӣ таъкид кардаанд. Яке аз чунин дижҳо «Ҳисн ул-ҷисс» ном дошт, ки дар бораи он Истахрӣ чунин овардааст: «Дижи Ҷисс дар ноҳияи Арраҷон воқеъ аст. Дар он зардуштиён ва донандагони осори қадимаи Эрон нишеман доранд ва ба омӯзиши он осор машғуланд. Ва он диж сахт устувор аст» [40, 104]. Дар ҷои дигар Истахрӣ афзудааст: «Дар ноҳияи Шопур кӯҳест, ки дар он тасвири тамоми подшоҳон ва марзбонони маъруфи Эрон, ҳамаи раисони машҳури оташкадаҳо, мӯбадони бузург ва дигарон ҳак(к) шудааст. Сурати онҳо, саргузашт ва достонҳояшон муттасилан дар ҷилдҳо баён шудаанд. Ҳифзи ин ҷилдҳо ба зиммаи онҳост, ки дар ноҳияи Арраҷон, дар ҷое, ки ба «Ҳисн ул-ҷисс» маъруф аст, нишеман доранд» [40, 141]. Аз ин хабар аён аст, ки маҳалли мазкур ганҷинаи китобҳои таърихии эронӣ будааст. К.А.Иностранцев тахмин кардааст, ки ин китобҳо ба забони паҳлавӣ нигошта шуда буданд [138,9].

Дар сарчашмаҳои арабизабон ба ҷуз аз «Ҳисн ул-ҷисс» маҳаллоти дигаре низ номбар шудаанд, ки дар онҳо осори тоисломии эронӣ ҳифз мешуданд. Аз ҷумла, Ибни Надим ва Ҳамзаи Исфаҳонӣ аз биное дар Исфаҳон ёдовар шудаанд, ки «Соруя» (Сорувайҳ?) ном дошт. Сохтмони ин бино ба шоҳ Таҳмурас нисбат дода шудааст ва ҳадаф аз сохтмон ҳифзу нигаҳдории китобу расоил ва анвои донишҳои мактуб қаламдод шудааст. Бино ба иттилои донишмандони мазкур, соли 350/961 қисмате аз ин бино вайрон шуд ва китобҳои бисёре аз пешиниён ба даст афтод, ки ба хатти форсии қадим буд [57,182-183; 86, 301]. Ибни Абӯтоҳири Тайфур дар «Таърихи Бағдод» ахбореро зикр кардааст, ки он аз мавҷудияти ганҷинаи китобҳои форсӣ дар Марв дарак медиҳад [19, VI, 157-158].

Омили дигаре, ки ба тадовуми суннатҳои фарҳангу адаби тоисломии эронӣ боис гардид, ин эҳсоси ватанпарастиву эронгароӣ ва рӯҳияи истиқлолхоҳии мардуми Эронзамин, хоссатан намояндагони илму адаби он буд, ки дар қарнҳои нахусти ислом дар баробари таассуби нажодӣ ва фишори маънавии аъроб ба ташаккул ва густариши ҳаракати шуубия дар Хилофат мусоидат намуд. Хилофати Умавиён рӯҳияи ғолиби арабиву бадавӣ дошта ва ба асабиййати қабилавии аъроб ва иҳонату таҳқири халқҳои ғайриараб, аз ҷумла мардуми Эронзамин асос ёфта буд. Чунин нобаробарии сиёсиву иҷтимоӣ ва асабийяти бадавии аъроб боиси норозигӣ ва эътирози шадиди эрониён гардид, ки он дар ҳаракати шуубия ифодаи худро пайдо кард. Дар ин ҳаракат намояндагони халқҳои гуногуни Хилофат иштирок кардаанд, вале азбаски ақоиди шуубӣ пештар ва бештар аз ҳама дар байни халқҳои Эронзамин роиҷ буд, ин ҳаракат ғолибан оҳанги муоразаи арабиву эрониро касб кардааст.

Шуубиён шеваи муассир ва василаи ҳадафраси мубориза алайҳи фишори маънавии аъробро ба кор гирифтанд. Гурӯҳе аз онҳо дар назму насри арабизабон ба мартабаи устодӣ расиданд ва дар навиштаҳои худ анъанаву суннатҳои тоисломии адабиёти форсу тоҷикро ворид карданд. Гурӯҳе дигар забони арабиро дар ғояти камол омӯхта, муҳимтарин дастовардҳои адабиёту таъриху фарҳанги ниёгони тоисломии худро ба ин забон тарҷума карданд ва бад-ин васила ба онҳо умри дубора бахшиданд. Хулласи калом, шуубия наҳзати бузурги фарҳангиву маънавие буд, ки сукути иҷбориву муваққатии забонҳои эрониро дар садаҳои VIII-IX бо хурӯши афкори эронӣ дар забони арабӣ таъвиз кард.

Омили дигари бақо ва идомаи суннатҳои адабу фарҳанги тоисломӣ борварии андешаи сиёсӣ ва ғаномандии таҷрибаи кишвардории халқҳои эронӣ аст, ки бузургтарин дастоварди он низоми девонсолорӣ маҳсуб мешавад. Аъроб, ки дар давлатдорӣ собиқа ва таҷрибаи таърихӣ надоштанд ва, ба қавли Ибни Халдун, «нисбат ба ҳамаи миллатҳо аз сиёсати кишвардорӣ дур буданд» [22,108], дар бунёди ниҳодҳо ва сохторҳои

идории Хилофат низоми девонсолории Сосониёнро сармашқи кори худ қарор доданд. Аз ҷумла, нахустин девонҳое, ки дар Хилофат таъсис ёфтанд, пайравии маҳз аз девонҳои сосонӣ буд, девони хироҷ бошад, дар Эронзамини истилошуда ба ҳамон тарзе, ки Сосониён ташкил карда буданд, бидуни тағйири усул ва низоми кор бар ҷой монда буд [294, 48-49]. Гузашта аз ин, забони коргузорӣ дар девонҳо дар ҳудуди бештар аз сад сол пас аз пайдоиши ислом ҳамоно забони форсӣ (паҳлавӣ) буд ва коргузорон низ аксар мардуми эронӣ буданд. Сонитар ҳамзамон бо инкишофу тараққии Хилофат дар аҳди Умавиён девонҳои дигар низ таъсис ёфтанд ва коргузорӣ, чунон ки қаблан зикр шуд, ба забони арабӣ нақл гардид. Вале азбаски ин девонҳо ба василаи эрониён ва ба тақлид аз девонҳои сосонӣ ташкил шуда буданд, рӯҳи ғолиби эронии онҳо боқӣ монд.

Нуфузи ташкилоти идории сосонӣ дар сохтори сиёсии Хилофат алалхусус баъди ба сари ҳокимият омадани Аббосиён (аз соли 750) пурқувват гардид. Хилофати аббосӣ ҳам аз ҷиҳати бунёни худ, ки ранги комили эронӣ дошт ва ҳам аз ҷиҳати бунёдгузоронаш, ки хуросониён буданд, аз хилофати Умавиён ба куллӣ фарқ дошт. Яке аз муосирони давлати Аббосиён Ҷоҳиз ин фарқро ба хубӣ дарк карда, давлати Умавиёнро давлати «арабии аъробӣ» ва давлати Аббосиёнро давлати «аҷамии аъҷамӣ» номида буд [50, II, 61].

Дар замони Аббосиён, илова ба тавсиаи девонҳо, мансаби вазорат таъсис ёфт, ки он, ба ақидаи А.Кристенсен, тақлиди маҳз аз мансаби «вузург-фрамадор» - вазири аъзами давлати Сосониён буд [283, 173]. Дар садсолаи аввали ҳукмронии Аббосиён мансаби вазоратро ғолибан намояндагони хонадонҳои бузурги эронӣ бар ӯҳда доштанд. Аз ҷумла, вазири хилофат дар аҳди Ҳорунаррашид – Яҳё ибни Холиди Бармакӣ буд. Дар аҳди Маъмун бошад, ду бародар аз дудмони Саҳли хуросонӣ – Фазл ва Ҳасан паси ҳам ба вазорат расида буданд. Чунон ки аз пажӯҳиши А.Кристенсен бармеояд, вазирони эронии хилофат аз ҳайси қудрат ва нуфуз аз бисёр ҷиҳат бо шахси халифа баробар буданд [283, 172].

Нуфузи анъанаҳои давлатдории сосонӣ ба созмони идории хилофат танҳо бо ташкили низоми девонҳо ва вазорат маҳдуд нагардид, балки натиҷае муҳимтар аз онро ба бор овард. Гап дар сари он меравад, ки котибон ва вазирони эронии Хилофат омили муҳимтарини эҳёи на танҳо анъанаҳои давлатдории сосонӣ, балки умуман расму русуми иҷтимоӣ ва суннатҳои адабиву фарҳангии тоисломии эронӣ дар давраи ислом гардиданд. Ин амр бесабаб набуд. Дар замони Сосониён аз дабирони девонҳо ба ҷуз соҳиби маълумоти касбӣ будан боз маърифати илмҳои гуногун, донистани таъриху фарҳанги гузаштагон, ойину одоби давлатдорӣ ва ғайра талаб карда мешуд. Пас аз ташкили Хилофат ва қабули низоми девонҳои сосонӣ котибони девонҳои Хилофат, ки аксар эронӣ буданд, аз ҳамон равиши дабирони сосонӣ пайравӣ карданд. Ҳарчанд ки котибони эронӣ дар коргузорӣ забони арабиро истифода мебурданд, фарҳанги умумии онҳо ҳамоно фарҳанги эронӣ буд. Бесабаб набуд, ки аввалин мутарҷимони осори паҳлавӣ ба арабӣ, бештари шоирону адибони арабизабон ва аксари пайравони шуубия маҳз аз ҳамин табақаи дабирони эронӣ буданд.

Вазирони эронии Хилофат тамоюли зинда кардани анъана ва суннатҳои тамаддуни тоисломии эрониро дастгирӣ мекарданд. Бештари вазирон, алалхусус Бармакиён ва Фазл ибни Саҳлу бародараш Ҳасан ибни Саҳл худ аз пайравони мутаассиби ин анъанаву суннатҳо буданд. Онҳо аз нуфузи худ дар дастгоҳи идории Хилофат истифода бурда, халифаҳои арабро низ ба пазируфтани суннатҳои қадимаи эронӣ вомедоштанд. Дар натиҷа, дар замони Аббосиён вазъи зоҳирии дарбор ҳамранги дарбори Сосониён гардида буд [166,118-129]. Вазирон шоирону адибони арабизабони эрониро ҳимоят ва дастгирӣ мекарданд. Аз ҷумла, Бармакиён маҳфили адабие ташкил карда буданд, ки асосан аҳли адаби эрониаслро муттаҳид мекард. Барои ҳар як узви ин маҳфил ротиба муқаррар шуда буд [135, 121-122]. Гузашта аз ин, Бармакиён ва баъдан Фазл ибни Саҳл адибони эрониро ба тарҷума ва ба риштаи назм кашидани осори

тоисломии эронӣ тарғиб ва ташҷеъ мекарданд. Ҳусни таваҷҷӯҳи вазирони эронии хилофат ба фарҳанг ва тамаддуни тоисломии эронӣ ба андозае буд, ки хулафо ва арабҳои мутаассиб борҳо онҳоро ба эронгароӣ ва зиндиқа муттаҳам кардаанд. Ҷаҳшиёрӣ дар «Китоб ул-вузаро ва-л-куттоб» ашъори Асмаиро дар мазаммати Бармакиён ва пайравони Маздак будани онҳо иқтибос кардааст [54, 264]. Бино ба хабари ҳамин муаллиф, яке аз бузургони араб дар ҳузури халифа Маъмун вазири ӯ – Фазл ибни Саҳлро бо суханони зер муттаҳам кардааст: «Ту мехоҳӣ давлатро аз Банӣ Аббос ба авлоди Алӣ интиқол диҳӣ ва давраи Кисрову салтанати Сосониёнро таҷдид кунӣ» [54, 393].

Анъана ва суннатҳои тоисломии мардуми эронинажод на танҳо дар дарбори хулафо ва байни аҳли сиёсату фарҳанг интишор ёфт, балки дар соҳаҳои дигари ҳаёти иҷтимоии Хилофат низ нуфуз кард. Дар байни арабҳо пӯшидани либосҳои эронӣ ба расмият даромад. Идҳои тоисломии эронӣ аз қабили Наврӯз, Меҳргон ва Ромрӯз дар замони Аббосиён аз нав зинда гашта, бо ҳамон суннатҳои бостонӣ ҷашн гирифта мешуданд [166, 328-336]. Ҳамин тариқ, тадовуми андешаи сиёсӣ ва таҷрибаи кишвардории Эрони тоисломӣ ба тавсиаи нуфузи аносири эронӣ дар ниҳодҳои идории Хилофат мусоидат карда, бад-ин васила роҳро барои вуруди рӯҳоният ва маънавияти халқҳои эронӣ ба матну батни тамаддуни ҷадиди исломӣ ҳамвор кард.

Дар радифи авомиле, ки дар ҳифзу эҳёи фарҳангу адабиёти тоисломии форсу тоҷик нақши муҳим бар ӯҳда дошт, бояд наҳзати тарҷумаи осори тоисломиро ба забони арабӣ таъкид кард. Дар давраи сукути забони форсӣ ва тасаллути комили забони арабӣ дар паҳнои таълифу тадвин тарҷумаи осори мактуби Эронзамини тоисломӣ василаи ягона барои аз нобудӣ эмин мондани он осор буд. Мутарҷимони эронӣ ин рисолати таърихиро ба дӯш гирифта, аз солҳои сиюми асри VIII то солҳои сиюми асри IX муҳимтарин дастовардҳои завқу тафаккури халқҳои эрониро ба забони арабӣ нақл

карданд, ки дар ин бора дар бахши марбут ба насри тарҷума ба тафсил сухан хоҳад рафт.

Авомиле, ки зикр гардид, дар маҷмӯъ бақову пойдории ҳастии маънавии халқҳои эронӣ ва тадовуми суннатҳои адабу фарҳанги тоисломии эрониро дар қарнҳои нахусти ислом таъмин намуданд. Бад-ин васила, қисмате аз осори мансури паҳлавӣ ва суннатҳои ҳунари нависандагиву балоғати тоисломӣ низ пойдор бимонданд ва бо мурури фурсате дар насри арабизабон мавриди ҳусни истиқбол ва пайравӣ қарор гирифтанд.

I.2. Нуфузи услуби форсӣ ва балоғати эронӣ дар насри арабизабон

Яке аз омилҳои муҳиме, ки пойдорӣ ва идомаи суннатҳои насри қадими эрониро дар қарнҳои нахусти ислом таъмин намуд, ривоҷи фанни нависандагӣ ва балоғат дар Эронзамини тоисломӣ буд. Албатта, осори мактубе, ки аз даврони тоисломӣ боқӣ мондааст, нисбатан маҳдуд ва ба маротиб камтар аз он аст, ки дар он адвор таълиф ва тадвин мегардид. Бино бар ин, агар таҳқиқ дар абъоди фанни нависандагӣ ва балоғати тоисломии эронӣ танҳо мунҳасир ба ҳамон осори бозмонда бошад, пас тасаввуре, ки аз ин таҳқиқ ҳосил мешавад, нисбатан қосир ва ғайри-мунтабиқ ба сурати аслии ҳунари нависандагӣ дар он даврон хоҳад буд. Хушбахтона, барои таҳқиқи масъалаи мавриди назар манбаи дигаре низ вуҷуд дорад, ки он мутуни адабиву таърихии қарнҳои нахусти ислом аст. Мутуни мазкур аз лиҳози омӯзиши фарҳангу тамаддуни халқҳои эронӣ дар адвори моқабли ислом дорои арзиш ва аҳамияти афзун ҳастанд. Дар лобалои ин мутун аснод ва шавоҳидеро метавон пайдо кард, ки аз шеваҳои нигориш ва усули балоғат дар он даврон дарак медиҳанд.

Асноду шавоҳиди мазкур далолат бар он доранд, ки дар Эронзамини тоисломӣ табақаи нависандагону дабирон аз табақоти мумтози ҷомеа ва ҳунари нигориш аз ҳунарҳои шоиста ба шумор меомадааст. Ҷаҳшиёрӣ дар муқаддимаи «Китоб ул-вузаро ва-л-куттоб»-и хеш таъкид кардааст,

подшоҳони эронӣ аҳамияти ҳунари нависандагӣ ва дабириро дарк карда, дар навозиши ин табақа пайваста саъй мекарданд [54,30-31].

Вобаста бар эътибор ва мақоми арҷмандe, ки ҳунари нависандагӣ дар Эронзамини тоисломӣ дошт, дар тарбияи нависандагону дабирон ва такмили малакаву маҳорати эшон низ саъйи вофир мабзул медоштанд. Бино ба ахборе, ки дар китоби мазкури Ҷаҳшиёрӣ омадааст, дар дарбори шоҳони сосонӣ низоми муқаррари тарбия ва истихдоми дабирону нависандагон вуҷуд доштааст. Тибқи ин низом нависандагони ҷавон пас аз анҷоми марҳалаи омӯзиши фанни нависандагӣ аз санҷиши раиси нависандагони дарбор, яъне дабирпат мегузаштанд. Номи ҳар касе, ки маҳорату истеъдодаш мавриди писанд қарор мегирифт, ба подшоҳ арза мегардид ва ба таносуби шоистагӣ ва қудрати қаламаш ба хидмати девони шоҳӣ гумошта мешуд [54, 30].

Ҳунари нависандагӣ ва балоғат дар Эронзамини тоисломӣ дорои завобит ва қавоиди хосе будааст, ки маъмулан дар шакли дастур ва тавсиёт аз ҷониби подшоҳон ва фарзонагон ба нависандагон пешниҳод мегардид. Ағлаби ин дастуроти балоғӣ дар «Тоҷнома»-ву «Ойиннома»-ҳои сосонӣ шакли мудаввани худро пайдо карда, пас аз тарҷумаи ин китобҳо ба забони арабӣ дар асрҳои VIII-IX дар таквини асосҳои балоғати арабӣ нақши муҳим бозидаанд. Иддае аз ин гуна дастуротро, ки ба Хусрави Парвиз тааллуқ дорад, Ибни Қутайба ба нақл аз «Тоҷнома» зикр кардааст. Қисме аз ин дастурот ба ахлоқу одоби нависандагӣ дахл дошта, бахши дигар ба шеваи нигориш ва асолиби балоғат муртабит аст. Дастури зерини Хусрави Парвиз аз бахши дуюм аст, ки гуфта: «Маонии бисёрро, ки муроди туст, дар лафзи андак, ки мегӯӣ, ҷамъ овар» [29, I, 88]. Ин дастур комилан мунтабиқ бо муқтазоёти сабки иҷоз дар балоғати арабӣ аст ва бад-ин ваҷҳ аст, ки ба ҷуз аз «Уюн-ул-ахбор»-и Ибни Қутайба дар дигар кутуби адабии арабӣ низ мукаррараn иқтибос шудааст [26,I,284; 28, 16; 88, VII, 11].

Ҷаҳшиёрӣ низ аз дастуроти «мулуки Эрон ба дабиронашон» ёдовар шудааст, ки ба қавоид ва асолиби ҳунари нависандагӣ оид аст, чунончи: «Рағбат ба тахфифи калом набояд шуморо ба коҳиш додани маънои он, сарфи назар кардани тартиби ибороту балоғати онҳо ва суст кардани мантиқи сухан водорад» [54, 29].

Аз мадорике, ки дар кутуби адабиву таърихӣ омадааст, метавон истинбот кард, ки дар он даврон қавоид ва ойини нигориш дар шакли китобу расоили мустақил низ вазъ мешудааст. Аз ҷумла, Ҷаҳшиёрӣ аз «навиштаҳое» хабар додааст, ки ба шоҳони эронӣ мутааллиқ буда ва дар замони ӯ дар Исфаҳон маҳфуз будаанд. Аз сиёқи ривояти муаллифи «Китоб ул-вузаро ва-л-куттоб» бармеояд, ки ин навиштаҳо дастуроти хоси ойини номанависӣ будааст, чунончи: «Ин навиштаҳо ҳар гоҳ хитоб ба ҷамоат буд, бо ҷумлаи «Пойдор бимонед» ва агар ба унвони як нафар буд, бо ҷумлаи «Пойдор бимонӣ» шурӯъ шуда буд. Сипас нависанда матолиби худро баён мекард» [54, 29].

Яке аз ҳамин гуна рисолаҳо аз авохири даврони сосонӣ ба забони паҳлавӣ боқӣ мондааст, ки он бо унвони «Ойини нома набиштан» маъруфият дорад. Ба ақидаи аҳли таҳқиқ, ин рисола аслан фасле аз китоби муфассале будааст, ки соири қисматҳои он аз байн рафтааст [238,295]. Рисолаи бозмонда шомили чиҳилу чаҳор банд ё қитъа буда, ба ду бахш тақсим мешавад. Бахши аввал доир ба шеваи оғози номаҳои ихвонӣ ва бахши дуюм роҷеъ ба баёни матлаби асосии нома аст. Муаллифи рисола дар ҳар ду бахш намунаҳое зикр кардааст.

Дастурот ва рисолоти фавқуззикр ва таваҷҷӯҳи афзун ба шеваю асолиби нигориш далел бар он аст, ки ҳунари нависандагӣ ва балоғат дар Эронзамини тоисломӣ ба марҳалаи муайяни камол расида буд. Ин нукта дар маохизи арабизабони асрҳои VIII-IX тасдиқи худро меёбад. Чунончи, шуубиёни эронӣ дар муоразаи адабии худ бо аъроб дар баробари зикри бисёре аз фазилатҳо ва мафохири ақвоми эронӣ бо камоли балоғати Аҷам низ ифтихор кардаанд ва осоре таҳти унвони «Фазоил ул-фурс», ки сухан

дар боби онҳо дар пеш аст, дар исботи бартарии балоғати Эрон бар балоғати Араб навиштаанд. Аз сӯи дигар, аъроб дар исботи бартарии балоғати хеш кутубе дар радди балоғати Аҷам табвиб кардаанд, ки онҳо бо номи умумии «Фазоил ул-араб» маъруфанд. Гурӯҳи дигар ҷиҳати доварӣ миёни ин ду гурӯҳ расоиле дар муқоисаи балоғати Арабу Аҷам иншо намуданд, ки намунаи он «ат-Тафзил байна балоғатаййи-л-Араб ва-л-Аҷам»-и Абӯаҳмад Ҳасан ибни Абдуллоҳ ибни Саиди Аскарӣ аст. Таълифи ин се даста кутуб худ далел бар он аст, ки дар қарнҳои VIII-IX балоғати тоисломии эронӣ чунон шӯҳрате дошта, ки бо балоғати Араб ба доираи муқобалаву муқояса кашида мешуд ва ривоҷу равнақи он мавриди эътирофи донишмандони арабизабон қарор мегирифт. Алломаи араб Ҷоҳиз, ки аз маърифати фарҳангу балоғати Эрон баҳраи вофир дошт, мудавван будани балоғати Эронро ба қайд оварда ва аз вуҷуди китоби «Корванд», ки дар замони Ҷоҳиз ба арабӣ тарҷума шуда буд, хабар дода ва аз забони шуубиён, ки бо китоби мазкур ифтихор доштанд, онро чунин васф кардааст: «Ҳар кӣ бихоҳад ба кунҳи фанни балоғат бирасад ва ба луғоти ғариб пай барад ва дар луғат ғавр кунад, бояд китоби «Корванд»-ро бархонад» [50, III, 710].

Ангезаи зиддишуубии Ҷоҳиз ӯро ба он водоштааст, ки китоби мазкурро дар баробари «Калила ва Димна» ва осори дигари тоисломӣ аз бофтаҳои хаёли адибони эронӣ аз қабили Абдулҳамиди Котиб, Ибни Муқаффаъ, Саҳл ибни Ҳорун ва дигарон пиндорад. Китоби «Корванд»-ро дар радифи «Калила ва Димна» гузоштан ва асолати онро бад-ин шева инкор кардан худ ботил будани даъвои Ҷоҳизро собит мекунад, зеро имрӯз асолати «Калила ва Димна» шакку шубҳаеро ба вуҷуд намеоварад ва дар ҳамин қиёс иддаои маҳсули хаёли нависандагони баъдӣ будани китоби «Корванд» низ рад мегардад.

Гузашта аз ин, дар осори адабиву таърихии қуруни мазкур, аз ҷумла дар асарҳои худи Ҷоҳиз низ балоғати эронӣ мавриди тавсиф қарор гирифтааст. Чунончи, Ҷоҳиз кайфияти балоғати эрониёнро чунин ба қалам

додааст: «Эрониён балоғате доштанд, ки дар натиҷаи тўли тафаккуру иҷтиҳод, диросату муованат ва мушоварат, нақли сонӣ аз илми аввал ва зиёдати солис бар илми сонӣ тадвин шуда ва тамомии он қавонин ва шароит назди охирини онҳо ҷамъ шудааст» [50, III, 721].

Ҳадафи Ҷоҳиз аз ин тавсиф исботи бартарии балоғати араб аст, ки бар завқу табъ бунёд ёфта ва ҳанўз тадвину табвиб наёфта буд, вале ў ноогоҳона ба шакли китобии тафаккур ва эҷоди эронӣ, дар муқобили гунаи шифоҳии донишу маърифат дар назди аъроби бадавӣ, ишорат кардааст. Таърихи такомули донишу андеша дар назди қавмҳову миллатҳои мухталиф гувоҳ аст, ки гунаи китобии тафаккур ва шеваи мактуби дониш марҳалае пешрафтатар дар қиёс бо даврае аст, ки андўхтаҳои маърифатӣ аз сина ба сина нақл мегардид ва ҳанўз ба қайди китобат ворид нагардида буд. Бояд таъкид кард, ки марҳалаи балоғати мудавван ва мактуби арабӣ аз осори худи Ҷоҳиз оғоз ёфт ва дар ташаккулу равнақи он афкори балоғии Эронзамин ва соири кишварҳои мутамаддин, аз ҷумла Юнон нақши муассир ва корсоз дошт.

Ба рушди нависандагӣ ва камоли балоғат дар Эронзамини тоисломӣ он чиз низ далолат мекунад, ки иддае аз осори тоисломии адабиёти форсу тоҷик пас аз тарҷума ба забони арабӣ аз ҷониби донишмандони қарнҳои нахусти ислом аз беҳтарин кутуб эътироф шуданд. Чунончи, Ибни Надим таҳти унвони «Беҳтарин китобҳо аз назари ҳама» панҷ асарро номбар кардааст, ки сетои он: «Аҳди Ардашер», «Калила ва Димна» ва «Ятима»-и Ибни Муқаффаъ ҳосили завқ ва андешаи эронӣ аст [86, 140]. Чунин таснифу арзёбӣ ва таъини маротиби шоирону адибон ва китобу рисолаҳо дар фарҳангу тамаддуни арабӣ – мусалмонии қарнҳои VIII-IX ба ҳукми суннати маъмул даромада буд ва ғолибан ба завқу ихтиёри ашхоси алоҳида такя намекард, балки бозтоби эътирофи умум ва назари ҷомеи давр ба ин осор буд.

Мусаллам аст, ки фанни нависандагӣ бояд мароҳили тўлонии рушду тараққиро паймуда ва балоғат ва завқи ҳунарӣ ба дараҷоти камол расида

бошад, то дастоварди мазкур дар майдони сухан муяссар гардад. Дар идомаи ин матлаб бояд аз он низ ёдовар шуд, ки дар осори таърихиву адабии арабизабон аз китобу расоили паҳлавӣ ва ё тарҷумаи онҳо ба забони арабӣ бо васфи балоғат ёд шудааст. Аз ҷумла, дар «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим ва ба пайравӣ аз ӯ дар кутуби дигар «Васиятномаи Хусрави Анӯшервон ба фарзандаш» ба «Айн ул-балоға», яъне «сарчашмаи балоғат» мавсум гардидааст [86, 378].

Рушди ҳунари нависандагӣ ва шӯҳрати балоғати тоисломии форсу тоҷик мӯҷиб гардид, ки осори мактуби он даврон дар қарнҳои нахусти ислом мавриди эъҷоб ва ҳусни истиқболи табақаҳои мухталифи ҷомеаи исломӣ қарор гирифт, онҳоро ба ҷустуҷӯву нигаҳдорӣ ва тарҷумаву ташреҳи он осор водошт. Дар маохизи арабизабони давраи мавриди назар борҳо ба таваҷҷӯҳ ва алоқаи хулафои умавиву аббосӣ ба кутуби таъриху адаби қадими эронӣ ва дастури онҳо ба тарҷумаи он ишора рафтааст. Дар таъйиди ин нукта метавон ба ривояти Масъудӣ доир ба тарҷумаи таърихномаи шоҳони эронӣ барои халифаи умавӣ Ҳишом ибни Абдулмалик ишора кард. Китоби мазкур ҳовии ахбор ва суратҳои бисту ҳафт тан аз шоҳони сосонӣ буд ва дар хазинаи Сосониён нигаҳдорӣ мешуд [79, 99].

Халифаи умавӣ ба ин китоб бо назари эъҷоб ва дидаи ибратпазир менигарист ва аз таҷоруби шоҳони сосонӣ дар умури кишвардорӣ сабақ меомӯхт. Дар ҳамин радиф ҷоиз аст, ки ба ривояти Мискавайҳ доир ба алоқаи муболиғаомези халифаи аббосӣ – Маъмун ба китоби «Ҷовидон хирад» ишора шавад. Бино ба ривояти мазкур, китоб то ба ҳадде ба халифа писанд омадааст, ки қироати он ӯро ҳатто ба қазои намоз водоштааст [83, 19-22].

Гузашта аз ҳуккоми давр, чунин рағбат ва алоқа ба осори тоисломии форсу тоҷик ба ағлаби адибону нависандагони арабизабон хос буд. Ин нуктаро тарҷумаву ташреҳ ва бозгӯиву иқтибоси мукаррари осори мазкур дар адабиёти арабии қарнҳои нахусти ислом ба субут мерасонад, ки дар ин

хусус дар бобҳои баъдӣ ба тафсил сухан хоҳад рафт. Дар байни адибону шоирони араб Кулсум ибни Амри Аттобӣ (752-835) бо майлу алоқаи шадид ва ҳавохоҳонаи худ ба осори куҳани форсу тоҷик маъруфият дошт. Бино ба ахборе, ки дар «Таърихи Бағдод»-и Аҳмад ибни Абутоҳири Тайфур дарҷ шудааст, Аттобӣ ҷиҳати фарогирии осори тоисломии форсу тоҷик се маротиба ба Марв омада, китобҳои форсии маҳфуз дар китобхонаи ин шаҳрро бознависӣ кардааст. Аттобӣ нақл кардааст, ки «пас аз Марв ба Нишопур шудам ва аз он ҷо низ даҳ фарсанг онсӯтар рафта, ба рустое ба номи «Зӯдаз» расида будам, ки ба ёд овардам рӯнависии матлаберо аз китобе фаромӯш кардаам. Пас ба Марв бозгаштам ва як моҳи дигар он ҷо мондам». Вақте аз Аттобӣ сабаби чунин алоқаи шадидро ба китобҳои форсӣ пурсиданд, ӯ ҷавоб дод, ки балоғату маонӣ танҳо дар кутуби форсӣ аст ва лафз аз они арабҳост [19, 157-158].

Шӯҳрат ва эътибори фанни нависандагӣ ва балоғати эронӣ дар қарнҳои нахусти ислом ба ҳадде буд, ки аз асри VIII сар карда огоҳӣ аз суннатҳои он ва омӯхтану ривоят кардани осори тарҷумашудаи паҳлавӣ аз шартҳо ва омилҳои асосии балоғат ва нависандагии арабӣ-мусалмонӣ ба шумор омад. Ба тасреҳи Ҷоҳиз, дабирону нависандагони муосири ӯ саргарми мутолиаву ривоят кардани расоилу кутуби Аҷам, аз қабили андарзҳои Бузургмеҳр, аҳдномаи Ардашер, расоили Абдулҳамид, осори Ибни Муқаффаъ, китобҳои Маздак ва «Калилаву Димна» будаанд ва маърифати ин осор аз рукнҳои фанни китобат маҳсуб мешудааст [129, 63-64]. Нависанда ва шоири маъруфи араб Ибн ал-Мудаббир (ваф. 892) низ, ки самти китобати халифа Мутаваккилро бар ӯҳда дошт, дар рисолаи маъруфи «ал-Азро»-и хеш ҳини баршумурдани шартҳои балоғат ва суханварӣ дар радифи хутбаҳову мақомот ва суханрониҳои араб донистани амсолу ҳикам, рисолаҳо, аҳдномаҳо, тавқеот, корномаҳо ва найрангҳои ҷангии Аҷамро барои нависанда зарур шуморидааст [63, 177].

Дар натиҷаи чунин шинохт аз балоғати эронӣ ва ҳусни истиқболи он дар насри арабизабони қарнҳои нахусти ислом «услуби форсии китобат»

нуфуз пайдо кард ва нависандагоне, ки дар осори худ аз ин услуб пайравӣ менамуданд, мавриди ситоиш қарор гирифтанд. Аз ҷумла, халифа Ҳишом ибни Абдулмалик (724-743) яке аз дабирони худро бад-ин тарз месутуд: «Рав ибни Занбоъ дар тоат шомӣ, дар хат ироқӣ, дар фиқҳ ҳиҷозӣ ва дар услуби китобат форсӣ аст» [54, 65].

Ҳамин тариқ, аснод ва мадорики сареҳе, ки зикр шуд, нукоти зеринро ба субут мерасонад:

1. Фанни нависандагӣ ва балоғат дар Эронзамини тоисломӣ марҳалаҳои рушду камолро паймуда ва дорои завобит ва қавоиди хос будааст.
2. Суннатҳои насрнависӣ ва балоғати эронӣ ба даврони исломӣ интиқол ёфта, мавриди пайравиву истиқбол қарор гирифт ва дар шеваи нигориш ва балоғати арабӣ нуфуз пайдо кард.
3. Ин нуфуз аз тариқи тарҷумаи китобу расоили паҳлавӣ ба забони арабӣ ва ба василаи нахустин нависандагони арабизабони эронинажод густариш ва тавсиа ёфт, ки дар ин хусус дар бахшҳои баъдии рисола сухан хоҳад рафт.

I.3. Абулалои Солими Котиб

Пас аз истилои араб ва нашри ислом дар Эронзамин дар асрҳои VIII-IX намояндагони аҳли адаби эронӣ забони арабиро чун воситаи нашри афкори илмиву адабӣ ва таърихиву фарҳангӣ истифода карданд. Ин амр мӯҷиб гардид, ки дар назму насри арабизабони қарнҳои нахусти ислом як идда шуарову удабои эрониасл нуфуз ёбанд. Аксари кулли онҳо дар баробари он, ки забону адаби арабиро дар ғояти камол омӯхта буданд, аз забону адабиёт ва фарҳангу тамаддуни ниёгони хеш вуқуфи комил доштанд ва анъанаву суннатҳои онро посдорӣ мекарданд. Дар давраи сукути иҷбории забонҳои эронӣ, ки ба ду аср, яъне асрҳои VIII ва IX тӯл кашид, рисолати ҳифзу идомаи осори фарҳангу адабиёти тоисломии эрониро таърих ба дӯши ҳамин шоирону адибони арабигӯ гузошт. Эшон ин вазифаи таърихиро бо истифода аз забон ва қолабҳои адабии арабӣ дар беҳтарин вачҳ ба иҷро расониданд. Дар натиҷа дар қаламрави назми араб

теъдоди зиёди шоирони эрониасл буруз карданд, ки аз байни онҳо чанд нафар, хоссатан Башшор ибни Бурд ва Абӯнувос ба ҳайси шуарои тирози аввал ва таҷдидгарони шеъри араб маъруфият пайдо карданд. Ашъори онҳо боис гардид, ки маониву матолиб ва рӯҳи эронӣ ба шеъри арабӣ ворид гардад ва он дар даврaи хулафои аббосӣ бо рангомезиҳои ҷадид ҷилва намояд. Гузашта аз назми арабизабон, иддае касир аз адибони эронинажод дар эҷоди насри арабӣ низ саъйи вофир ба харҷ доданд ва тавассути фаъолияти адабии онҳо расму сунани адабиву фарҳангии Эрони пеш аз ислом дар насри арабӣ дар қиёс бо назм нуфуз ва тавсиаи бештаре пайдо кард.

Дар даврае, ки нахустин нависандагони эронинажод даст ба эҷоди осори мансур заданд, доираи насри арабӣ асосан бо фанни хитоба маҳдуд буд. Хитоба бо он ҳама равнақе, ки байни аъроб дошт, аз анвои насри шифоҳӣ ба шумор меомад. Насри мактуби арабии он даврон бошад, танҳо аз номаҳои кӯтоҳе иборат буд, ки ҳаҷми онҳо ба иллати гароиши аъроб ба иҷозу ихтисор ва айни балоғат шуморидани он гоҳо аз як ё ду сатр таҷовуз намекард ва бадеҳист, ки чунин ҳаҷми маҳдуд маҷоле барои зуҳури ҳунари нависандагӣ ва завқу тафаннун боқӣ намегузошт. Сониян, номанависӣ ва умуман ҳунари нависандагӣ дар байни аъроб дар қарни нахусти ислом ҳанӯз ба ҳирфаи махсус, ки ба ашхоси дорои омодагӣ ва салиқаи хос ихтисос дошта бошад, табдил наёфта буд. Бино ба ишораи яке аз муҳаққиқони маъруфи араб Анис ал-Мақдисӣ, насри арабӣ дар ин даврa ҳанӯз дар маҷрои табиӣ сайр мекард ва барои он қавоиде вазъ накарда буданд ва риояти ойин ва русумеро лозим намешумурданд [298, 9]. Бар муқобили ин, дар Эрони пеш аз ислом насри мактуб аз фунуни пешрафтаи адабӣ ва ҳунари нависандагӣ аз ойинҳои шоиста маҳсуб мешуд, табақаи дабирон, ки ин фан ва ин ҳунар ба эшон ихтисос дошт, дар радифи табақоти мумтози иҷтимоӣ қарор доштанд. Низоми муқаррар ва мукаммали тарбияи дабирон, ки дар даврони Сосониён мавҷуд буд, ҳадафи ба шуғли дабирӣ ҷалб намудани ашрофзодагони дорои маърифату дониши

муносиб ва салиқаи шоистаи нависандагиро дар пай дошт (Дар ин бора ниг.: [283, 196-201, 294, 100-102]).

Яке аз донишмандони маъруфи таърих ва тамаддуни тоисломии Эрон А.Кристенсен доир ба нуфузи дабирон ва шеваи нигориши номаҳо дар он даврон чунин овардааст: «Эрониён ҳамеша оростагии сурати зоҳири умурро муҳим мешумурдаанд. Асноди расмӣ ва номаҳои хусусӣ ҳамеша мебоист ба сурати маснӯъ ва сабки муқаррар таҳрир гардад. Дар ин номаҳо нақли қавли бузургон, насоеҳи ахлоқӣ, пандҳои динӣ, ашъор, муаммоёт, латифа ва амсоли он ворид мешуд ва маҷмӯаи бисёр зариферо ташкил медод. Мақом ва рутбаи мухотаб ва нависандаро дар тарзи истеъмоли калимот комилан риоят менамуданд. Ҳамон иборатпардозӣ ва тасаннӯоти адабӣ, ки дар ағлаби кутуби паҳлавӣ ва дар аксари баёноти подшоҳон ҳангоми ҷулус мебинем, дар мукотиботе, ки зимомдорони бузурги давлати сосонӣ фимобайни худашон ё бо дували хориҷа мекардаанд, ошкор аст» [283,196]. Аз суханони А. Кристенсен бармеояд, ки дар даврони Сосониён наср ҷанбаи ҳирфаӣ ва ҳунарӣ касб карда буд ва он аз ҷониби дабирон дар иншои номаҳои расмӣ, фармонҳои шоҳон, хитобаҳои тоҷгузорӣ, андарзномаҳо ва таълифоти адабӣ ба кор гирифта мешуд. Дар аҳди Сосониён низоми девонсолорӣ, ки дастоварди бузурги давлатдории халқҳои эронӣ пеш аз ислом ба шумор меояд, ба ҳайси як ниҳоди идории мураттабу муназзам рушду нумӯъ кард ва кишвардории Сосониёнро чун оинаи ибрат ва сармашқи давлатдорӣ дар назари пасовандон ҷилвагар намуд.

Аъроб низ бо басту тавсеа ёфтани Хилофат рӯи ниёз ба ойинҳои давлатдории тоисломии эронӣ оварданд ва аз низоми девонсолориву созмони идории сосонӣ истиқбол намуданд. Дар таъйиди ин нукта метавон ба алломаи араб Ҷоҳиз (ваф.869) истинод кард, ки чунин эътироф кардааст: «… ва мо ойин ва қавонини кишвар ва кишвардорӣ ва тартиб додани табақоти вижагон ва хавос ва соири табақоти оммаро аз онҳо (Сосониён – З.Н.) гирифта ва сиёсатмадорӣ ва мардумнавозӣ аз онон омӯхтаем» [51, 67].

Ин буд, ки ойинҳои давлатдории тоисломии халққҳои эронӣ ба ҷомеаи нави исломӣ ворид шуданд ва аз паси худ бисёр суннатҳои фарҳангу тамаддуни гузаштаи Эронзаминро ба муҳити ислом ва ҷомеаи мусалмонӣ кашиданд. Доир ба ташкили нахустин девонҳои Хилофат ба пайравӣ аз девонҳои аҳди Сосониён ва ба тадриҷ ба эрониён ихтисос ёфтани ағлаби маносиби девонҳои Умавиён ва хоссатан Аббосиён пажӯҳишоти судманди М.Муҳаммадӣ [294, 66-126] мавҷуд аст, ки моро аз вуруд ба ин масъала бениёз мегардонад. Фақат ҳамин нуктаро бояд таъкид бикунем, ки ҳифзи суннатҳои насри мактуби тоисломӣ ва таҳаввули онҳо дар муҳити нави исломӣ маҳз дар батни ҳамин низоми девонсолории асрҳои VIII – IX ва ба дасти дабирони арабизабони эронӣ сурат гирифт. Бо вуруди низоми девонсолорӣ ба созмони идории Хилофат котибони девонҳо дар аркони давлатдорӣ аз нуфуз ва мақоми шомих бархурдор гаштанд. Таъкид ҷоиз аст, ки дар ибтидо коргузорӣ дар девонҳои Хилофат ба забонҳои маҳаллӣ, аз ҷумла дар Шом ба забони сурёнӣ ва дар Эрон ба забони паҳлавӣ, сурат мегирифт. Аъроб ба хотири ҷилавгирӣ аз нуфузи котибони ғайриараб дар коргузории девонҳо забони онро ба арабӣ нақл карданд, ки дар ин бора қаблан сухан рафт.

Нақли коргузории девонҳо ба забони арабӣ аз нуфузи намояндагони ақвоми эронӣ дар дастгоҳҳои идории Хилофат ҷилавгирӣ карда натавонист. Онҳо дар забони арабӣ ба зудӣ табаҳҳур пайдо карданд ва маносибу мақомоти аввалияро дар девонҳои Хилофат ба худ ихтисос доданд. Нахустин нависандагони номвар, ки дар осори худ суннатҳои адабу фарҳанги тоисломии эрониро ҳифз карда ва бад-ин васила насри арабиро бо ағрозу матолиби ҷадид ғаноманд гардониданд, аз доираи ҳамин котибони девонҳои Хилофат бархоста буданд. Ба василаи осори котибони эронӣ дар насри он даврон «услуби форсии китобат» шӯҳрат пайдо кард. Таъсири услуби форсӣ боис гардид, ки насри арабӣ бо марҳалаи таҳаввул ворид гардад, аз қолаби иҷозу ихтисор берун ояд ва сӯи итнобу насри мурсал роҳ паймояд. Чунин таҳаввулоти шакливу услубӣ

нахуст дар номанигории арабии нимаи аввали асри VIII мелодӣ рӯ намуда, пасон дар шохаҳои дигари насри арабизабон густариш пайдо кард.

Агар замони чунин як таҳаввулро дақиқан таъйин кардан тақозо шавад, бояд онро ба чанд далел ба даврони хилофати Ҳишом ибни Абдулмалик (724-743) мансуб донист. Аввалан, Ҳишом арабикунонии девонҳои Хилофатро, ки дар аҳди падараш оғоз ёфта буд, ба охир расонид ва муҳити ягонаи забониро дар низоми девонсолории давлат таъмин намуд. Сониян, Ҳишом низоми девонии Хилофатро ба ҳайси як дастгоҳи муназзами идорӣ такмил дод ва бад-ин васила пойгоҳе барои рушди минбаъдаи низоми девонсолорӣ дар аҳди Аббосиён фароҳам овард. Солисан, Ҳишом бо таҳрики дабирони эронии дастгоҳи идории хеш ба таъриху фарҳанг ва ойинҳои кишвардории эрониён таваҷҷӯҳ зоҳир мекард ва аз тақрибаи онон дар ҳалли масоили даврони хеш истифода мекард. Ҳамчунон ки Масъудӣ навиштааст, ӯ дар Истахр дар хонадони яке аз ашрофи эронӣ китоберо дидааст, ки он таърихи подшоҳони сосонӣ ва тасвирҳои ҳар яке аз ононро дар бар дошт. Масъудӣ таъкид кардааст, ки ин китобро аз рӯи китобе, ки дар хазоини подшоҳони эронӣ ёфт шуда буд, фароҳам оварда ва дар ҷумодиюлохири соли 113/731 барои Ҳишом ибни Абдулмалик аз форсӣ ба арабӣ нақл кардаанд [79, 99].

Фузун бар ин, омили дигаре низ мавҷуд аст, ки оғози вуруди суннатҳои насри тоисломии эрониро ба насри арабизабон ва бар асари ин тадриҷан таҳаввул ёфтани онро аз лиҳози мазмуну мӯҳтаво ва сабку услуб ба даврони хилофати Ҳишом пайванд медиҳад. Ин омил фаъолияти дабирии девони расоили Ҳишом, нависанда ва мутарҷими осори тоисломии эронӣ ба забони арабӣ Абулалои Солим ва хонадони ӯ аст.

Таъкид ҷоиз аст, ки фаъолияти эҷодии Абулалои Солим таҳтушшуои шӯҳрати шогирди ӯ – нависандаи маъруфи эронинажод Абдулҳамиди Котиб монда ва хидмати ӯ дар таҳаввули насри арабизабон ба тавре, ки мебояд, мавриди омӯзиш ва арҷгузорӣ қарор нагирифтааст. Ҷои тардид нест, ки Абдулҳамиди Котиб барҳақ поягузори насри арабизабон аст, вале

эътирофи ин нукта ба ҳақиқат наздик хоҳад буд, ки дар нуфузи услуби форсӣ ба тарассулоти арабӣ ва фароҳам овардани заминаҳои таҷаддуди насри арабизабон Абулалои Солим хидмати шоиста анҷом дода ва, ба қавли маъруф, роҳро барои Абдулҳамиди Котиб ҳамвор намудааст.

Дар ағлаби манобеи адабиву таърихӣ, аз қабили «Таърих»-и Табарӣ, «ал-Вузаро ва-л-куттоб»-и Ҷаҳшиёрӣ, «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим, «Вафаёт ул-аъйон»-и Ибни Халликон ва ғайра котиби девони расоили халифаи умавӣ Ҳишом ибни Абдулмалик (724-743) будани Абулалои Солим ба қайд омадааст [67, X, 4231-4234, 4303-4305; 54, 96; 86, 194, 206, 207; 23, III, 230, 7, 101-102]. Дар манобеи таърихӣ доир ба аслу насаби Солим ишорае нарафтааст, вале Табарӣ ўро мавлои Анбаса ибни Абдулмалик [67,X,4231], Ибни Халликон ўро мавлои Ҳишом ибни Абдулмалик [23,III,230] хондаанд. Дар ҳар сурат, мавлои хонадони хулафои умавӣ будани Солим мусаллам аст.

Аксари маохизи қадима аз ў ба унвони «Солими Котиб» ёд кардаанд ва номи падару ҷадди ўро ба қайд наовардаанд. Танҳо Табарӣ дар як ҷои «Таърих»-и хеш, ҳангоме ки номаи вафоти Халифа Ҳишомро ба Валид ибни Язид (743-744) меоранд ва ў мепурсад, ки нома аз ҷониби кист, овардааст, ки номаро «Солим ибни Абдурраҳмон – соҳиби девони расоил» навиштааст [67, 10, 4323]. Аз ин ҷо Абдурраҳмон будани номи падари Солими Котиб ба субут мерасад. Бино ба нигоштаи муаллифи «ал-Вузаро ва-л-куттоб», ки аз осори қадим ва мўътамад доир ба вазирон ва дабирони Хилофат маҳсуб мешавад, Солим пас аз вафоти халифа Ҳишом низ як муддат дабирии девони расоили Валид ибни Язидро бар ўҳда доштааст [54, 102].

Лозим ба таъкид аст, ки иддае аз муҳаққиқони муосир номи падари Солимро «Абдуллоҳ» забт кардаанд. Аз ҷумла, донишманди араб Умар Фаррух ному насаби ўро бо истинод ба «ал-Фиҳрист» ба гунаи «Абулало Солим ибни Абдуллоҳ» зикр кардааст [274,I,723], вале муаллифи «ал-Фиҳрист» дар се мавриде, ки аз Солим ёд кардааст, ўро «Солими Котиб» ва

кунияашро «Абулало» менависад [86, 131, 139, 140]. Донишмандони эронӣ Муҳаммади Муҳаммадӣ ва Нуруллоҳи Кисоӣ низ бидуни зикри маъхаз падари Солимро Абдуллоҳ хондаанд [294, 109; 285,128]. Гумон меравад, ки дар ин маврид ному насаби Солими Котиб бо ному насаби фақеҳи маъруфи ҳамзамони ӯ – Солим ибни Абдуллоҳ, ки набераи халифаи рошид Умар ибни Хаттоб буд (ниг.: [23, II, 349-350; 29, III, 188, IV, 299-300; 50, II, 802; 67, IX, 4063]), омезиш ёфтааст. Солими Котибро бо фақеҳи мазкур на танҳо замони зиндагӣ, балки иртибот бо халифа Ҳишом ба ҳам мепайваст. Гузашта аз ин, Солим ибни Абдуллоҳи Фақеҳ аз ҷониби модараш, ки духтари охирин шаҳаншоҳи эронӣ – Яздигурди III буд, эрониасл маҳсуб мешавад. Шояд ин омилҳо боис шуда, ки муҳаққиқони мазкур ному насаби дуро омезиш додаанд. Аз тарафи дигар, мадорике мавҷуданд, ки миёни ин ду Солим фарқ мегузоранд. Чунончи, Солим ибни Абдуллоҳи Фақеҳ, бино ба иттилои Табарӣ, дар соли 105/723 дар Мадина даргузаштааст [67, IX, 4063], дар ҳоле ки Солими Котиб дар аҳди Валид ибни Язид (743-744) низ даст андар кори девони расоил буд [54,102].

Муҳаққиқи араб Исо ал-Окуб дар зикри номи падари Солим ба иштибоҳ афтода ва ӯро «Солим ибни Ҷабала» ба қайд овардааст [269, 200].

Ҳамин тавр, бо такя ба аснод ва далоиле, ки дар маохизи қадима омадааст, номи пурраи Солими Котибро метавон ба гунаи Абулало Солим ибни Абдурраҳмон забт намуд.

Писари Солим низ пешаи дабирӣ дошт. Ҷаҳшиёрӣ номи ӯро Абдуллоҳ забт карда, дабири девони расоили Валид ибни Язид будани ӯро хабар додааст [54, 102].

Дар «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим дар миёни мутарҷимоне, ки аз форсӣ ба арабӣ нақл кардаанд, номи писари Солим - Ҷабала ибни Солим қайд гардида [86, 305] ва дар ҷои дигари ҳамин китоб тарҷумаи достонҳои «Рустам ва Исфандиёр» ва «Баҳроми Чӯбин» ба ӯ нисбат дода шудааст [86, 364].

Бар мабнои ахбори Ҷаҳшиёрӣ ва Ибни Надим бар вуҷуди ду писари Абулалои Солим: яке Абдуллоҳ ва дигаре Ҷабала метавон иқрор буд. Албатта, қаробати тарзи навишти арабии номҳои Ҷабала ва Абдуллоҳ боз ҳам маҷоле барои тардид, ки оё ин ду ном гунаи таҳрифшудаи номи як шахс нест, боқӣ мегузорад. Вале бо таваҷҷӯҳ ба сароҳати таъбири Ҷаҳшиёрӣ ва Ибни Надим бояд бипазирем, ки Абулало Солим ибни Абдурраҳмон – котиби девони расоили халифа Ҳишом ибни Абдулмалик ду писар дошта, ки яке Абдуллоҳ ибни Солим дар китобати расоил ва дигаре Ҷабала ибни Солим дар тарҷумаи осори тоисломии эронӣ ба арабӣ иштиҳор доштаанд.

Дар маохизи қадима доир ба аслу нажоди Солими Котиб ба ҷуз он, ки ӯ мавло аст, ишорае нарафтааст. Мавло (ҷамъаш маволӣ) дар қуруни нахусти ислом ғолибан маънои «навмусулмони ғайриараб»-ро дошт, ки аз ғуломӣ озод шуда, ҳимояту сарпарастии яке аз қабоили арабро қабул ва вобастаи он гардида буд. Дар Хилофати аҳди Умавиён (661-750) теъдоди бузурге аз маволӣ, ки дар натиҷаи футуҳоти исломӣ ба ҳайси асирон аз Эронзамин ва соири кишварҳои мафтӯҳ ба Арабистон интиқол ёфта буданд, дар ҳаёти фарҳангии шаҳрҳои марказии Хилофат нақши муҳим доштанд. Таъкид ҷоиз аст, ки ағлаби маволӣ, ки дар китобату нависандагии аҳди Умавиёну Аббосиён дасте доштанд, аз эрониён буданд. Асли эронии Солими Котибро низ чанд нукта метавонад собит кунад. Аввалан, ӯ, ба эҳтимоли ғолиб, ва писараш Ҷабала дақиқан аз мутарҷимони осори паҳлавӣ ба арабӣ маҳсуб мешаванд. Сониян, Солими Котиб устоди нависандаи маъруфи арабизабон Абдулҳамиди Котиб аст, ки дар асли эронии ӯ ҳеҷ тардиде нест. Солисан, Абдулҳамид на танҳо шогирд, балки домоди Солим низ буд [86, 131]. Ин се нукта дар маҷмӯъ дар асли эронии Солим ва вуҷуди хонаводаи дабирони эронӣ, ки иборат аз Солим, ду писараш – Абдуллоҳ ва Ҷабала ва домодаш Абдулҳамиди Котиб буд, шубҳае боқӣ намегузорад.

Дар иртибот ба хонадони Солими Котиб ба як ибҳоми дигар бояд рӯшанӣ андохт. Дар манобеи қадима Солими Котиб устоди Абдулҳамид ба

қалам омадааст [23, III, 230], вале дар баъзе таҳқиқоти мутааххир ҳаққи устодии Абдулҳамид на ба Солим, балки ба писари ӯ Ҷабала нисбат дода шудааст. Чунончи, устод Забеҳуллоҳи Сафо роҷеъ ба Ҷабала ибни Солим чунин мефармояд: «Аз ҷумлаи нахустин касоне, ки низому русуме барои китобати расоил эҷод карданд, яке Ҷабала ибни Солим ибни Абдулазиз – мавло ва котиби Ҳишом ибни Абдулмалик (мутаваффо ба соли 125ҳ.) аст. Вай устоди Абдулҳамид – котиби машҳури эронист» [258, I, 183]. Дар китоби дигари устод Сафо «Ҳамосасаройӣ дар Эрон» низ Ҷабала ибни Солим котиби Ҳишом ибни Абдулмалик муаррифӣ шудааст [260, 43]. Бо таваҷҷӯҳ ба он чӣ дар бораи Солим ва авлоди ӯ зикр шуд, аён мегардад, ки дар таҳқиқоти устод Сафо ҷои Солимро писараш Ҷабала гирифта ва гузашта аз ин номи падари Солим – Абдулазиз забт шудааст, дар ҳоле ки Табарӣ ӯро «Абдурраҳмон» навишта буд. Бо гумони ғолиб, ин иштибоҳ аз тавҷеҳи нодурусти як ҷумлаи Ибни Надим бархостааст, ки дар «ал-Фиҳрист» дар радифи мутарҷимони форсӣ ба арабӣ Ҷабала ибни Солимро чунин муаррифӣ мекунад: «Ҷабала ибни Солим – котиби Ҳишом, ки номаш гузашт…» [86, 305]. Дар ин таъбир устод З.Сафо таърифи «котиби Ҳишом»-ро ба Ҷабала нисбат дода ва дар ин асос ӯро устоди Абдулҳамид пиндоштааст. Агар чунин тавҷеҳро бипазирем, пас таъбири «ки номаш гузашт» низ бояд ба Ҷабала дахл дошта бошад. Ҳол он ки Ибни Надим аз ин пештар дар се маврид [86, 131, 139, 140] ба Солим ишора кардааст, аз Ҷабала бошад, бори нахуст дар ҳамин ҷой [86, 305] ёд кардааст. Бино бар ин, дар ҷумлаи фавқуззикри Ибни Надим таъбири «котиби Ҳишом, ки номаш гузашт»-ро бояд на ба Ҷабала, балки ба падари ӯ – Солим нисбат дод ва худи ҷумларо бад-ин тарз бояд забт ва тавҷеҳ кард: «Ҷабала, писари Солим – котиби Ҳишом, ки номаш гузашт». Дар ин сурат, он чӣ, ки Ибни Надим дар ин ҷо зикр кардааст, бо ахбори қаблии ӯ дар бораи Солим ва маълумоти сарчашмаҳои дигар мувофиқат хоҳад кард.

Абулалои Солим яке аз дабирони номвари нимаи аввали асри VIII буд. Беваҷҳ нест, ки Ибни Надим ӯро аз фасеҳтарин ва балеғтарин

нависандагони аср дониста ва маҷмӯаи рисолаҳои ӯро дар ҳудуди сад варақ муайян кардааст [86, 131]. Соҳиби «ал-Фиҳрист» дар мавориди дигар низ ба ҳунару салиқаи нависандагии Абулалои Солим арҷи бисёр ниҳода, номи ӯро на танҳо дар радифи номи суханварони шевои арабигӯ зикр кардааст [86, 139], балки ӯро дар қатори Ибни Муқаффаъ ва дигарон яке аз даҳ нафар балеғтарин нависандагони араб ба шумор овардааст [86, 140].

Фаъолияти Абулалои Солим ба ҳайси нависанда ва дабир танҳо бо номанигорӣ маҳдуд набуд. Ба шаҳодати Ибни Надим, ӯ «номаҳои Арастуро ба Искандар тарҷума намуд ва (ё) барояш тарҷума карданд ва ӯ ислоҳ кардааст» [86, 131]. Муҳаққиқи маъруфи араб Шавқӣ Зайф бар мабнои хабари мазкур тасреҳ кардааст, ки Солим забони юнониро медонист ва номаҳои Арастуро ба Искандар мустақиман аз ин забон ба арабӣ баргардон кардааст. Бино бар ин, Ш.Зайф аз боби таъсири юнонӣ ба китобати Солим сухан карда ва дар шахсияти эҷодии ӯ ҳомили аносири юнониро дидааст [265, 110]. Таъкид ҷоиз аст, ки Ибни Надим дар мавриди тарҷумаи номаҳои Арасту равиши баёни духӯраро пеш гирифтааст, ки аз он ду маънӣ кашидан мумкин аст: якум, Солим он номаҳоро худ тарҷума кардааст; дуюм, номаҳоро дигарон баргардон кардаанд ва ӯ онҳоро «ислоҳ» кардааст. Дар қиёс бо мавориде, ки муаллифони қуруни вусто дар робита бо тарҷумаи осори гуногун ба забони арабӣ вожаи «ислоҳ»-ро ба кор гирифтаанд, ин вожаро метавон ба маъниҳои шарҳу тафсир, талхис ва бозгӯ фаҳмид.

Бо ҳар ойин, Ибни Надим ба он, ки Солим забони юнониро медонист, сареҳан ишора накардааст ва дар суханонаш низ далели қотее бар он ки осори Солим таҳти таъсири ойини нигориши юнонӣ қарор доштааст, вуҷуд надорад. Дар қарнҳои нахусти ислом бисёр эрониён дар ҳикмат ва фалсафаи Юнон вуқуфи комил доштанд ва ба тарҷума ва тафсиру шарҳи осори ҳакимони юнонӣ пардохта буданд. Дар тасбити ин нукта кофист, ки ба осори Ибни Муқаффаъ таваҷҷӯҳ кард, хоссатан «Китоб ал-мантиқ»-и ӯ, ки талхиси «Мантиқ»-и ҳакими Юнони қадим – Арасту аст. Бино ба

навиштаи Ибни Надим, «эрониён дар қадим аз фалсафа ва мантиқ чизҳоеро ба порсӣ дароварда буданд, ки Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ва дигарон онҳоро ба арабӣ тарҷума кардаанд» [86, 303].

Ба гумони ғолиб, Абулалои Солим низ номаҳои Арастуро аз форсӣ (паҳлавӣ) ба арабӣ даровардааст. Бояд тазаккур дод, ки аслан сухан дар бораи юнониро донистан ё надонистани Абулалои Солим ва дигар нависандагони эронӣ намеравад. Дар Хилофати қарнҳои VIII-IX як зумра эрониёне буданд, ки дар «Байт-ул-ҳикма»-и Бағдод осори ҳукамои Юнонро аз забони асл тарҷума ва тафсир мекарданд ва бад-ин васила дар вуруди илму фалсафаи юнонӣ ба матну батни тамаддуни арабӣ – мусалмонӣ хидмати шоиста ба анҷом расонидаанд. Ин нукта ҷои тардид надорад ва ҳар кас, ки мехоҳад иттилои бештаре дар ин хусус ба даст оварад, метавонад ба қисматҳои марбут ба тарҷумаи осори ҳикамиву фалсафии юнонӣ дар китоби «ал-Фиҳрист» муроҷиат намояд. Аммо дар мавриди Солиму дигар нависандагони эронӣ ва иртиботи эшон бо илму фалсафаи Юнон ҳаминро бояд тазаккур дод, ки ин ҷо масъала дар он аст, ки қисме аз осори Юнонзамин ба қаламрави илму тамаддуни Хилофат аз тариқи Эрон ва нависандагони эронии қарнҳои нахусти ислом ворид шудааст. Имрӯз дар эроншиносӣ мусаллам гардидааст, ки Эрон дар давраи Хусрави Анӯшервон наҳзати фарҳангиро аз сар мегузаронид. Дар ҳамин давра буд, ки тиббу ҳикмати Юнон ва Ҳинд ба Эрон ворид гардида ва бо осори фикру қариҳаи эронӣ омезиш ва то андозае ранги эронӣ пайдо кард. Ҳарчанд ки ин наҳзат ба сабаби суқути шоҳаншоҳии сосонӣ ба ғояти камоли хеш нарасид, вале онро метавон «яке аз пояҳое шумурд, ки бинои илмӣ ва фарҳангии ислом бар он қарор гирифт ва онро такмил намуд» [294, 207]. Осори Солим, Абдулҳамиди Котиб, Ибни Муқаффаъ ва амсоли онҳо бар ҳамин поя такя дошт, аз он нерӯву тавон меёфт ва бо рангомезиҳои хоси эронӣ ҷилва мекард. Бо таваҷҷӯҳ ба ин нукта ақидаи Ш.Зайф дар хусуси таъсири юнонӣ ба китобати Солим, ки амалан ҳадафи инкори саҳми

аносири эрониро дар таквину ташаккули насри арабӣ дар пай дорад, наметавонад мавриди тааммул ва таарруз қарор нагирад.

Номаҳои Арасту, ки Солим онҳоро тарҷума ва ё талхис кардааст, то замони мо нарасидаанд. Аз расоили ӯ, ки ба шаҳодати Ибни Надим маҷмӯаеро тақрибан аз сад варақ ташкил мекард, танҳо чанд нома дар «Таърих»-и Табарӣ боқӣ мондаасту бас. Албатта, аз рӯи ду-се номаи боқимонда доир ба вижагиҳои услуби номанигории Абулалои Солим ҳукм кардан ғайриимкон аст. Вале онро бояд ба назар гирифт, ки ағлаби номаҳое, ки аз номи Ҳишом ибни Абдулмалик навишта шудаанд, ба қалами Солим ва шогирдонаш мутааллиқанд ва дорои услуби ягонаи таҳрир ҳастанд. Ҳақ бар ҷониби Шавқӣ Зайф аст, ки девони расоили халифа Ҳишомро бо сарварии Солим «мактаби бузурги номанигорӣ» номидааст [265, 470]. Дар ҳамин мактаб, ки писарони Солим – Абдуллоҳ ва Ҷабала ва домодаш – Абдулҳамид касби камол кардаанд, заминаҳои таҳаввул ва таҷаддуди насри фаннии араб фароҳам омад. Бо таваҷҷӯҳ ба ин нукот ва дар заминаи номаҳои бозмондаи Солим метавон доир ба хасоиси номанигории ӯ дар ҳадди тақриб изҳори назар кард.

Як номаи нисбатан муфассали Солим аз номи Ҳишом ба волии Ироқ Холид ал-Қасрӣ дар «Таърих»-и Табарӣ сабт ёфтааст [67, Х, 4226-4227]. Нома ба сабаби яке аз бузургони хонадони Ҳишомро таҳқир кардани Холид ал-Қасрӣ ба таҳрир омада, дар он халифаи мазкур Холидро барои ин гуноҳ сахт накӯҳиш кардааст. Тибқи расми маъмул, номаи халифаро аз номи ӯ дабири девон менавишт, бино бар ин дар нома аз халифа ба ҳайси шахси ғоиб ёд мешуд, бад-ин тарз, ки «амири мӯъминон ба ту менависад»… Дар номаи Солим низ ин расм риоят шуда, дар оғоз аз боби эътимоде, ки халифа ба Холид дошт, сухан рафтааст ва хитобан ба Холид зикр шудааст, ки «амири мӯъминон хосони хонадони хешро фарши ту накарда, ки по бар он ниҳӣ ва чашм бад-он хира кунӣ». Пас аз он ки тамоми айбу гуноҳҳои Холид ва носипосиҳои ӯ як ба як таъкид мешавад, халифа бо таҳдиду ваид ба ӯ амр медиҳад, ки барои узрхоҳӣ ба назди он

шахси таҳқирдида биравад, то ӯ гуноҳи Холидро бибахшад ё ҷазояш бидиҳад, ки дар ҳар ду маврид ҳам халифа монеъ нахоҳад шуд.

Нома нисбатан тӯлонӣ ва муфассал буда, ҷиҳати огаҳӣ аз сабки таҳрири он пораеро зикр мекунем:

"حللت هضبة أصبحت تنحو بها عليهم مفتخرا، هذا إن لم يدهده بك قلة شكرك متحطماً وقيذاً فهلا – يا بن مجرشة قومك – أعظمت رجلهم عليك داخلا، ووسعت مجلسه إذ رأيته إليك مقبلا، و تجافيت له عن صدر فراشك مكرماً، ثم فاوضته مقبلا عليه ببشرك إكراماً لأمير المؤمنين".

(Тарҷума: «Намудор шудӣ мисли кӯҳе (яъне ба мақоми воло расидӣ) ва аз сари ғурур ба онҳо менигарӣ, ҳушёр бош, ки носипосиат туро аз он мақоми волоят ба зудӣ ба зер наяфканад ва дар ҳам нашканад. Чаро, эй писари машшотаи қавми хеш, вақте марди мӯътабари онҳо назди ту даромад, ҳурмати ӯро нигоҳ надоштӣ, ҷой барои ӯ холӣ накардӣ ва ба эҳтироми ӯ аз ҷои нишастаи хеш бар канор нарафтӣ ва ба ҳурмати амири мӯъминон бо ӯ бо рӯи хуш гуфтугӯ накардӣ?!») [263,471]. Номаи мазкур аз лиҳози алфозу тарокиб, истифодаи санъати издивоҷу саҷъ ва ташбеҳу истиорот бо намунаҳои насри арабии қарни аввали ҳиҷрӣ мушобиҳат дорад.

Дар айни замон миёни номаҳои Солим ва пешгузаштагони ӯ тафовут низ ба назар мерасад, ки он дар тамоюли номанигории аҳди Солим ба сӯи тафсилу итноб зоҳир шудааст. Дар номаҳои қарни аввали ҳиҷрӣ сабки ғолиб равиши ихтисору эҷоз буд, ки на танҳо дар оғозу анҷоми номаҳо, балки дар рукни аслии он, яъне баёни матлаб низ дар ҳадди ниҳоят риоя мешуд. Гароиши аъробро ба ин сабк сабаб он буд, ки кӯтоҳбаёниву эҷоз дар назди онҳо айни балоғат маҳсуб мешуд. Бо ишора ба ин матлаб яке аз донишмандони маъруфи асрҳои миёна Ибн Абд Раббиҳи чунин навиштааст: «Араб тахфифу ҳазфро меписандид ва қасри мамдудро бартар аз мадди мақсур ва таскини мутаҳаррикро беҳтар аз таҳрики сокин медонист… ва ба ихтисор ва эҷоз бештар меандешид» [26, III, 2-3].

Аз оғози қарни дуюми ҳиҷрӣ, аз замоне, ки Абулалои Солим ва дигар дабирони эрониасл даст ба китобати расоил заданд, дар номанигорӣ ҷои

ихтисору эҷозро ба тадриҷ равиши тафсилу итноб ишғол кард. Зоҳираҳои чунин як таҳаввулро дар номаи фавқуззикри Абулалои Солим метавон ба мушоҳида гирифт. Чунон ки қаблан ишора шуд, номаи мазкур нисбатан тӯлонӣ буда ва ҳамин вусъату тӯли нома ба муаллиф имкони басту таъкиди маъниро фароҳам овардааст. Дар натиҷа, матолибе, ки котиб хостааст ба мактуб илайҳи арза дорад, бо тафсилу тасалсули мантиқӣ ва дар пайвастагӣ бо ҳам баён шудааст.

Дар сарчашмаҳо як мактуби писари Солим – Абдуллоҳ ибни Солим, ки таҳти сарварии падараш дар дарбори Ҳишом ба ҳайси дабир ифои вазифа мекард ва дар аҳди Валид ибни Язид (743-744) сарварии девони расоилро ба ӯҳда дошт [54, 102], маҳфуз мондааст, ки он дар соли 119/737 аз номи Ҳишом ба волии саркаши Ироқ – Холид ал-Қасрӣ иншо шудааст [75, 790-792]. Мӯҳтавои мактуби Абдуллоҳ низ мисли номаи фавқуззикри падараш аз танбеҳ ва накӯҳиши волии Ироқ ба сабаби муносибати дағалонаи ӯ ба вакили Ҳишом иборат аст. Нома бо сабки итноб ба таҳрир омада, муаллиф матолиби хешро бо басту таъкид ва тафсил баён кардааст. Дар оғози нома зикр шудааст, ки хабари носипосиҳои Холид ба халифа расидааст ва дар робита бо ин амр некиҳое, ки халифа бо таъйини Холид ба вилояти Ироқ дар ҳаққи ӯ карда буд, таъкид гардидааст. Пасон котиби нома хатову гуноҳҳоеро, ки Холид дар сиёсат ва вилоятдории хеш содир кардааст, як-як баён намудааст. Аз ҷумла, қайд шудааст, ки ӯ дар аъмоли худ аз маҷусиён (яъне дабироне, ки ба оини зардуштӣ содиқ монда буданд), истифода мебарад, амволи муслиминро бо кофтани наҳри «ал-Муборак» зоеъ кардааст, бо баҳонаи қабули ҳадоёи Наврӯзу Меҳргон моли мардумро ба зӯрӣ аз худ мекунад, дар ҷамъи хироҷ норасоиҳои зиёд дорад ва нуқси хироҷро бори вакили халифа кардааст, бародари худро ҳокими Хуросон таъйин карда ва бад-ин васила таассуби ямании худро зоҳир намудааст ва ғайра. Ба таври умум, ин номаи тӯлонӣ таърихчаи вилоятдории Холид ал-Қасриро мемонад, ки мисли номаи фавқуззикри Солим бо тӯлу вусъат ва сабки итноби худ аз номаҳои қарни аввали ҳиҷрӣ тафовут дорад.

Донишмандони гузаштаву муосири араб ин тафовутро натиҷаи таъсири анъанаҳои номанигории тоисломии эронӣ ва ё, ба иборати дигар, маҳсули густариши «услуби форсӣ» дар расоили арабӣ донистаанд. Услуби форсии номанигорӣ дар авохири қарни аввали ҳиҷрӣ дар Хилофати араб шӯҳрат ёфта ва ба ин масъала дар бахши қаблии рисола ишора рафта буд. Муҳаққиқони муосир низ нуфузи услуби форсиро дар насри қарни дувуми ҳиҷрӣ таъйид кардаанд. Аз ҷумла, яке аз пажӯҳишгарони насри классикии араб Муҳаммад Курд Алӣ номанигории арабро дар қарнҳои якуму дувуми ҳиҷрӣ ба доираи муқобала кашида, ба чунин хулоса омадааст, ки дар қарни дувуми ҳиҷрӣ таҳти таъсири услуби форсӣ номаҳо ба дарозӣ кашиданд. Ба ақидаи муҳаққиқи мазкур, «ҳамин дароз кардани номаҳо аст, ки он ба иловаи афкори ҷадиде, ки аз роҳи тарҷума ва ихтилоти қавмҳо ворид шудааст, номанигории қарни дувумро аз қарни аввал фарқ кунонид» [281, I, 21]. Аз навиштаи Муҳаммад Курд Алӣ аён аст, ки ӯ таъсири услуби форсиро танҳо дар тӯлонӣ гаштани номаҳо донистааст. Таъкид ҷоиз аст, ки таҳаввуле, ки дар номанигории қарни дуюм рӯй намуд, маҷмӯи падидаҳои мухталифи маънавиву лафзӣ буд, ки боиси тағйир пазируфтани сабки насри арабӣ гардид. Аз ин рӯ, ин таҳаввули бунёдиро танҳо ба тӯлонӣ гаштани номаҳо вобаста кардан нашояд. Баръакс, тӯлу вусъати нома яке аз зоҳираҳои нахустини сабки ҷадид ба шумор омада, ба нависанда на танҳо имкони баёни мусалсал ва мантиқии мазмун ва мӯҳтаво, балки маҷоли тафаннун ва тазйини каломро низ фароҳам меовард. Бино бар ин, таҳаввули номанигории қарни дуюми ҳиҷрӣ, ки таҳти таъсири услуби форсӣ сурат гирифт, маънои танаввӯи мазмуну маонӣ, тафаннуни лафзӣ ва таҷаддуди сохтории номаҳоро дошт.

Чанд номае, ки аз Абулалои Солим ва писараш Абдуллоҳ боқӣ мондааст, гувоҳ бар он аст, ки дабирони мазкур бо тафсил ва татвили номаҳо ба ин таҳаввул ибтидо гузоштанд. Дар номаҳои расидаи Солими Котиб ва писараш ҳоло тақсими нома ба қисматҳои мухталиф, зикри алқобу унвонҳои соҳиби нома ва ё мухотаби ӯ, ҳамчунин таҳмидот ва

қоидаҳои хосе, ки дар оғозу анҷоми нома риоят мешуд, ба назар намерасанд ва ҳатто аз халифаи давр ба таври сода ба иборати «амир-ул-мўъминин» ёд мешаваду бас. Вале ба дарозӣ гаравидани номаҳои дабирони мазкур роҳро барои вуруди аносири нав, ки ғолибан дар номанигории тоисломии эронӣ собиқа доштанд, ҳамвор кард. Ҳамин роҳ буд, ки бо паймудани он шогирди Абулалои Солим – Абдулҳамиди Котиб таҳаввул ва таҷаддуди номанигории арабро ба ғояти камол расонид.

I. 4. Абдулҳамиди Котиб

Пас аз Абулалои Солим шогирд ва домоди вай – Абдулҳамиди Котиб ба ҳайси пешвои фанни тарассул дар қаламрави насри арабизабон буруз кард. Хизмати ў дар идомаи анъанаву суннатҳои насри тоисломии эронӣ дар муҳити нави забонӣ ва дар партави ҷаҳоншиносии ҷадиди ваҳдонӣ хеле бузург аст. Аз ҷониби дигар, ин дабири забардаст бо осори худ, ки аз сарчашмаҳои маънавии ниёгонаш сероб буд, дар насри арабизабон марҳалаи тозае боз кард ва шўҳрататаш то ҷое расид, ки ўро мубтакири фунуни китобат ва нависандагӣ шинохтанд ва дар ҳаққаш гуфтанд: «Футиҳат ил- китобату би Абдилҳамиди…» (яъне китобат бо Абдулҳамид оғоз шуд.) [23, 228].

Пеш аз он ки ба таҳқиқи осори бозмондаи Абдулҳамиди Котиб пардозем, зарур аст, ки ба зиндагӣ ва рўзгори вай назаре андохта шавад, зеро шарҳи ҳоли Абдулҳамид барин нависандае, ки дар муҳити арабӣ зиста ва бо посдорӣ аз суннатҳои адабиёти ниёгонаш насри фаннии арабизабонро ба вуҷуд овардааст, то андозае ба таҳқиқи сарнавишти фарҳангу адаби эронӣ дар даврони интиқол аз Эрони тоисломӣ ба асри исломӣ мусоидат мекунад.

Зиндагӣ ва рўзгори Абдулҳамиди Котиб. Бино ба шаҳодати сарчашмаҳо, номи пурраи ин нависандаи тавоно Абўғолиб Абдулҳамид ибни Яҳё ибни Саъд аст [23, III, 228; 54, 106]. Соли таваллуди Абдулҳамид дар баъзе аз тадқиқот ба тақриб соли 60/680 таъйин шудааст [274, I, 723],

валє ба ҳар ҳол ин сана барои таваллуди ӯ барвақт ба назар мерасад ва ба охири асри VII бурдани он шояд наздик ба воқеияти рӯзгораш бошад.

Абдулҳамид низ мисли ағлаби намояндагони аҳли адаб ва фарҳанги ғайриараб тибқи одати маъмули қарнҳои нахусти ислом бо ҳадафи ҳифзи шахсият ва молу ҳоли худ аз таассубу иҳонати қабилавӣ вобастагӣ ва интисоби яке аз хонадонҳои соҳибнуфузи арабӣ – Банӣ Омир Луай аз қабилаи Қурайшро қабул кард ва мавлои ин қабила маҳсуб гардид [23, 228]. Асли эронии Абдулҳамид дар сарчашмаҳо таъйид шудааст. Аз ҷумла, Истахрӣ дар «Мамолик ва масолик» ҳини сухан аз мардуми Форс чунин овардааст: «Аммо касоне, ки аз ин қавм бархоста ва дар илму ҳилм ва ғайра ягона ва ваҳиди даҳр буданд, чунон ки салоҳияти вазорат ва амал ва китобат ва ғайра аз аъмоли ҷалил ва афъоли хатир доштанд. Яке аз эшон Абдулҳамид ибни Яҳё буд ва ӯ дар асри худ беназир ва муфрад будааст ва дар Банӣ Умайя ӯро қаробат буд, ки эшонро ба вай нисбат мебурданд ва дар илму китобат ва фаҳму фитнат аз ақрони худ қасабуссабқ рабуда ва мумтоз гашта буд, чунон ки ахбору ҳикоёти ӯ дар офоқ соиру муҳташир аст ва эҳтиёҷ ба шарҳи афъол ва басти аҳволи ӯ намеафтад» [40, 136]. Бино ба шаҳодати Ибни Халликон, Абдулҳамид дар шаҳри Анбор, ки яке аз шаҳрҳои эронии аҳди Сосониён буда, дар наздикии Куфа дар Ироқ мавқеъ дошт, таваллуд шудааст ва баъдан дар шаҳри Раққаи Шом маскан гузидааст [23, III, 230].

Аз даврони ҷавонӣ ва касби илм кардани Абдулҳамид маълумоте дар сарчашмаҳо зикр нашудааст. Аз ахборе, ки дар «Вафаёт ул-аъён» омадааст, аён мегардад, ки дар оғози фаъолият ӯ ба таълими кӯдакон пардохта ва бо ин пеша дар шаҳрҳои гуногуни Ироқ касби маош кардааст [23, III. 228]. Пас аз ин, Абдулҳамид ба Шом рафт ва ба хидмати девони Язид ибни Абдулмалик (720-724) ва баъдан Ҳишом ибни Абдулмалик (724-743) иштиғол варзид. Дар ин ҷо ӯ таҳти роҳнамоии Абулалои Солим маҳорат ва истеъдоди худро дар китобати арабӣ сайқал дод ва дар ин фан табаҳҳури тамом пайдо кард. Сипас ӯ ба охирин халифаи умавӣ Марвон ибни

Муҳаммад (744-750) пайваст ва ҳангоме ки ӯ волии Арманистон буд, ҳамроҳаш ба он диёр рафт, дар наздаш соҳиби мақому эътибори махсус гардид. Баъд аз он ки Марвон зимоми хилофатро ба даст гирифт, Абдулҳамид аз зумраи нахустин ашхосе буд, ки ҳамроҳи Марвон ба Шом баргаштанд. Табиист, ки Марвон сарварии девони расоили Хилофатро ба Абдулҳамид тафвиз намуд ва фузун бар ин ӯро яке аз муқаррабон ва мушовирони худ гардонд. Даврони хилофати Марвон охирин солҳои кишвардории Умавиён буд. Давлати ин сулола, ки бар бузургманишии арабӣ ва иҳонати ақвоми ғайриараб бунёд ёфта буд, таҳти фишори сиёсиву аскарии хонадони Аббосиён, ки аз дастгирии эрониён бархурдор буданд, соли 750 бо қатли Марвон аз миён рафт. Абдулҳамиди Котиб низ бар асари садоқат ва ихлосе, ки ба Марвон дошт, қурбони ин ҳодисот шуд.

Дар маохизи адабиву таърихӣ роҷеъ ба фарҷоми зиндагии Абдулҳамид ривоёти мухталиф дарҷ шудаанд. Аз ҷумла, дар ривояте омадааст, ки Абдулҳамид то дақиқаи охирини умраш бо Марвон бимонд. Марвон, чун ба паёмади шуми кори хеш итминон ҳосил кард, аз Абдулҳамид хоҳиш кард, ки аз назди ӯ биравад, ба Аббосиён пайвандад ва чунин вонамуд кунад, ки ӯ ба Марвон хиёнат кардааст. Халифаи умавӣ ба Абдулҳамид гуфт, ки «Аббосиён ба сеҳри қалам ва қудрати нависандагии ту ниёз доранд ва туро мепазиранд, бошад ки ту ба ман ва ё пасовандонам ёрӣ расонӣ». Абдулҳамид, ки пойбанди арзишҳои олии маънавӣ, аз қабили сидқу сафо ва ихлосу вафо буд, ин пешниҳодро қабул накард ва бо Марвон кушта шуд [23, III, 229; 80, II, 252; 54, 113-114; 29, I, 68]. Ибни Халликон овардааст, ки Марвон дар ҷанги Зоб аз Аббосиён шикаст хӯрда, ба диёри Миср фирор кард. Абдулҳамид бо ӯ ва ҳар ду дар ноҳияти Бусир рӯзи душанбеи сездаҳуми зулҳиҷҷаи соли 132/5 августи соли 750 мелодӣ кушта шуданд [23, III, 229].

Дар мавриди қатли Абдулҳамид ривояти дигаре низ дар сарчашмаҳо зикр шудааст, ки тибқи он дабири номвари умавӣ баъд аз шикасти Марвон дар набарди Зоб ба ал-Ҷазира бигрехт ва дар хонаи дӯсти худ-Абдуллоҳ

ибни Муқаффаъ пинҳон шуд, вале масъулони аббосӣ дар ин ҷо низ ба ӯ даст ёфтанд. Вақте онҳо барои гирифтани Абдулҳамид омаданд, ӯро бо Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ якҷо ёфтанд. Чун онҳо Абдулҳамидро намешинохтанд, суол карданд, ки кадом як аз шумо Абдулҳамид аст? Ҳам Абдулҳамид ва ҳам Ибни Муқаффаъ, ҳар як барои наҷоти дӯсти худ, худро Абдулҳамид муаррифӣ карданд. Он гоҳ Абдулҳамид аз бими он, ки Ибни Муқаффаъ бегуноҳ ҷазо бинад, гуфт, ки ман нишонаҳое хос дорам ва онҳоро ба ашхосе, ки шуморо фиристодаанд, бигӯед, то Абдулҳамид будани ман бароятон ошкор гардад. Ҳамин тавр карданд ва Абдулҳамид дастгир шуд [54, 114-115; 23, III, 231].

Бино ба шаҳодати сарчашмаҳо, маъмурони аббосӣ Абдулҳамидро ба таври ваҳшиёна ба қатл расониданд. Тибқи ривояте, ки дар «Китоб ул-вузаро ва-л-куттоб» омадааст, пас аз даст ёфтан ба Абдулҳамид ӯро ба назди Абулаббоси Саффоҳ - нахустин халифаи аббосӣ (750-754) бурданд ва ӯ ба қатли пешвои нависандагони давр амр дод. Таштеро рӯи оташ тасфониданд ва бар сари Абдулҳамид гузоштанд ва ин амали ваҳшиёнаро то вақте такрор карданд, ки вай ҷон ба ҳақ таслим кард [54, 114].

Дар ривояти дигаре омадааст, ки Абдулҳамидро ба дасти Абӯҷаъфар ал-Мансур – дуюмин халифаи аббосӣ ва бародари ас- Саффоҳи фавқуззикр супориданд. Ӯ чанд тан аз ашхосе, ки бо Абдулҳамид дастгир шуда ва аз муқаррабони дарбори Умавиён буданд, озод кард, вале чун навбат ба Абдулҳамид расид, ба ӯ гуфт: «Оё ту ҳамон нестӣ, ки бо неши забону қалами хеш мӯҷиби озори мо мегардидӣ?» Пас ба қатлаш фармон дод ва аввал ӯро ду даст, пас ду пой ва ахирон сар буриданд [23, III, 230]. Ривоёти мазкур, новобаста ба он ки кадом як аз онҳо саҳеҳ ё наздик ба воқеият мебошад, гувоҳ бар он аст, ки қудрати қалам ва нуфузи қареҳаи бузурги нависандагии Абдулҳамид боиси хавфу ҳароси Аббосиён гашта буд. Зеро нерӯву тавони маънавӣ ва истеъдоди беназири суханофаринӣ, ки дар шахсияти Абдулҳамид бо ҳақшиносӣ ва вафодории ӯ нисбат ба охирин

халифаи умавӣ таҷаммӯъ ёфта буд, метавонист ба Аббосиён газанд ва осеби зиёд бирасонад.

Бозмондагони Абдулҳамид, ки пас аз сари ӯ ба Миср муҳоҷират карданд ва ба «Банӣ Муҳоҷир» шӯҳрат ёфтанд, аз пайи касби падар рафтанд ва ба ҳайси дабирони тавоно шинохта шуданд. Соҳиби «Вафаёт ул-аъён» аз писари ӯ Исмоил ёдовар шуда ва ӯро чун дабири чирадаст ва фозил муаррифӣ кардааст [23, III, 231]. Ҷаҳшиёрӣ чаҳор тан аз авлоди Абдулҳамидро ном бурдааст, ки ҳамагӣ дар хидмати амири Миср Аҳмад ибни Тулун буданд ва дар назди ӯ мақому манзалати хосса доштанд [54, 117-118].

Осори Абдулҳамиди Котиб. Чунон ки қаблан ишора шуд, Абдулҳамид дар аҳди Марвон сарварии девони расоили Умавиёнро ба ӯҳда гирифт ва ба ҳайси пешвои нависандагони замон эътироф гардид. Фаъолияти эҷодии ӯ ба оғози марҳалаи тоза дар насри арабӣ ва таҳаввули сифатии он асос гузошт. Абдулҳамид бо расоили худ насри соддаву бепироя арабиро кисвати нав пӯшонид ва онро ба сурати насри фаннӣ даровард. Равиши китобат ва сабке, ки Абдулҳамид ибдоъ кард, ба зудӣ дар қаламрави насри арабизабон иштиҳори тамом ва пайравони зиёд пайдо кард. Бесабаб нест, ки ағлаби муаллифони манобеи қадима равиши нависандагии Абдулҳамидро мавриди ситоишу таҳсин қарор дода ва ба моҳияти таҳаввуле, ки дар насри арабизабон ба вуҷуд овард, ишора карданд. Аз ҷумла, Ибни Надим зимни шарҳи мухтасари ҳоли ӯ овардааст, ки «номанигорон аз вай омӯхтанд ва равияи ӯро пайравӣ карданд. Ва ӯ касест, ки роҳи балоғатро дар номанигорӣ ҳамвор кард ва дар ин боб ягонаи даврон буд» [86, 131]. Аксари донишмандони мутақаддим дар тасвири Абдулҳамид ва аҳамияти коре, ки ӯ дар номанависии арабизабон анҷом дод, вожаи «нахустин»-ро ба кор бастаанд. Чунончи, Масъудӣ дар ҳаққи ин нависандаи бузург овардааст: «Абдулҳамид ибни Яҳё нависандаи номаҳои балеғ буд. Вай нахустин кас буд, ки номаи муфассал навишт ва ҳамду ситоишро дар матни номаҳо ҷой дод ва пас аз вай нависандагон аз ӯ

пайравӣ карданд» [80,II,252]. Дар ҳамовозӣ бо адиби мазкур донишманди дигар аз қудамо – Ибн Абд Раббиҳи чунин тасреҳ кардааст: «Абдулҳамид - соҳиби рисолат ва балоғат – аввал касе буд, ки дар насри арабӣ равиши итноб ба кор бурд ва таҳмидотро дар фусули номаҳо ҷой дод ва пас аз вай мутарассилон роҳи ӯро пеш гирифтанд» [26, II, 206].

Қабл аз он ки хусусият ва мазияти номаҳои Абдулҳамидро бар мабнои он чӣ қудамо ишорат карданд, ба риштаи таҳлил бикашем, назаре ба мероси ин нависандаи номвар ва ҳаҷму теъдоди расоили бозмонда аз ӯ зарур менамояд.

Бино ба ахбори Ибни Надим, маҷмӯаи расоили Абдулҳамид, ки мудавван гардида буд, беш аз ҳазор сафҳаро дар бар мегирифт [86, 131]. Мутаассифона, он то замони мо нарасидааст. Иддае аз расоили ӯ, ки дар батни мутуни мухталифи таърихиву адабӣ ғунҷоиш ёфта ва бад-ин васила имрӯз дар дастраси муҳаққиқон аст, аз лиҳози ҳаҷм ба маротиб камтар аз он рақам аст, ки Ибни Надим таъйин карда буд. Расоили бозмонда дар мавзӯоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ иншо шуда, аз лиҳози ҳаҷм яксон нестанд. Дар миёни онҳо ду номаи тӯлонӣ: яке нома аз ҷониби халифаи умавӣ Марвон ба писар ва валиаҳди ӯ ва дигар «Рисола ила-л-куттоб», яъне нома ба дабирон барои таъйину ташхиси хусусиятҳои номанигории Абдулҳамид ва мақоми ӯ дар таърихи насри арабизабон аз аҳамияти вижа бархурдоранд. Номаи аввал, ки дар миёни расоили бозмондаи нависанда тӯлонитарин аст, беш аз чиҳил сафҳаи чопиро фаро гирифта, ба василаи «Субҳ ул-аъшо»- и Қалқашандӣ то замони мо расидааст. Номаи дуюм – «Рисола ила-л-куттоб» дар чунин манобеи мӯътабар, аз қабили «ал-Вузаро ва-л-куттоб»-и Ҷаҳшиёрӣ, «Муқаддима»-и Ибни Халдун ва асари мазкури Қалқашандӣ дарҷ ёфта, ҳаҷми он дар ҳудуди даҳ сафҳаи чопӣ аст.

Ба ҷуз ин, ҳашт номаи нисбатан кӯтоҳи Абдулҳамид, ки ҳаҷман то се сафҳаро шомил ҳастанд, дар манобеи фавқуззикр ва кутуби дигари адабиву таърихӣ мавриди иқтибос қарор гирифта ва дар мавзӯоти зерин навишта шудаанд: 1. Дар наҳйи шатранҷ. 2. Дар васфи бародарӣ. 3. Доир ба шикор.

4. Дар таслияти хонаводаи хеш. 5. Номаи фатҳ. 6. Дар милоди фарзанди хеш. 7. Дар бурузи фитнае. 8. Нома ба яке аз тоғиёни ҳукумат.

Фузун ба ин, дар манобеи мухталиф ҷумлаҳои кӯтоҳ ва суханони мӯҷаз аз Абдулҳамид дар матолиби гуногун нақл шудаанд, ки аз сатрҳои маъдуд иборатанд. Онҳо зоҳиран ё номаҳои мустақили кӯтоҳанд ё ҷузъе аз номаҳои дигаранд. Ағлаби номаҳои Абдулҳамид дар радифи рисолаҳои нависандагони дигари арабизабон дар маҷмӯаҳои «Расоил ул-булағо» ва «Ҷамҳарат расоил-ал-араб» бо саъю эҳтимоми муҳаққиқони маъруфи мисрӣ Муҳаммад Курд Алӣ ва Аҳмад Закӣ Сафват гирд оварда шудаанд [63; 65], ки дар маҷмӯъ доир ба мавзӯъ, матолиб ва ҷанбаҳои ҳунари номанигории ӯ асноду мадорики кофӣ барои аҳли таҳқиқ фароҳам меоранд.

Дар иддае аз тадқиқоти уламои муосири араб бо истинод ба манобеи куҳан ишорате бад – ин мазмун рафтааст, ки Абдулҳамид осори аҳди сосониро ба арабӣ тарҷума кардааст. Аз ҷумла, Шавқӣ Зайф бо такя ба навиштаҳои Ҷоҳиз ва Абӯҳилоли Аскарӣ чунин тахминро пеш рондааст [265, 116].

Бояд таъкид кард, ки дар манобеи куҳан, аз ҷумла дар «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим, ки номгӯи мутарҷимони осори паҳлавӣ ба арабӣ таъкид шудааст, аз Абдулҳамид ба ҳайси тарҷумон ном набурдаанд ва мушаххасан китоберо, ки ӯ тарҷума кардааст, ба қайд наовардаанд. Аз навиштаҳои Ҷоҳиз ва Аскарӣ низ, ки Шавқӣ Зайф ба онҳо истинод кардааст, чунин маънӣ бармеояд, ки Абдулҳамид ба осори тоисломии эронӣ вуқуфи комил дошт ва асолиби расоили хешро аз он истихроҷ карда буд [50, III, 722-723; 69, 42]. Пас, метавон ба хулоса омад, ки Абдулҳамид мустақиман ба тарҷумаи осори ниёкони хеш напардохтааст, вале дар пайравӣ аз он осоре офаридааст, ки боиси идомаи суннатҳои адабиёти куҳан дар замон ва муҳити ҷадид гардидааст.

Дар манобеи қуруни нахустини исломӣ ба қалами Абдулҳамид абёт ва ашъоре ҷудогона нисбат дода шудааст [54, 114, 116; 29, I, 68; 30, 553; 23,

III, 229]. Таъкид ҷоиз аст, ки Ҷоҳиз дар мавриди ашъори Абдулҳамид назари нек надорад ва навиштааст, ки «Абдулҳамиди Акбар ва Ибни Муқаффаъ бо вуҷуди сеҳри қаламашон ва балоғати суханашон дар шеър ба чизе комёб нашудаанд, ки он қобили зикр бошад» [50, I, 208]. Бо вуҷуди ин, Ибни Қутайба дар тазкираи хеш «Китоб уш-шеър ва шуаро» дар радифи шуарои дигар ба шеъри Абдулҳамид низ таваққуф карда ва рақазеро аз ӯ дарҷ кардааст [30,553], ки ин амр дархури таваҷҷӯҳ будани фаъолияти шоирии Абдулҳамидро таъйид мекунад. Ба ҳар ойин, Абдулҳамид нубуғ ва истеъдоди адабии хешро дар сурудани шеъри арабӣ низ ба зуҳур овардааст. Ин суннат минбаъд аз ҷониби адибони дигари эронинажод, ки аз онҳо сухан дар пеш аст, истиқбол ва идома пайдо кард.

Расоили Абдулҳамид. «Рисола ила-л-куттоб» (Нома ба дабирон) аз маъруфтарин рисолаҳои Абдулҳамид маҳсуб мешавад. Дар якчанд манобеи мўътабари асрҳои миёна ба тамомӣ нақл шудани номаи мазкур худ гувоҳ бар иштиҳори он дар қаламрави фарҳангу тамаддуни арабизабон аст. Дар аҳамият ва арзиши ин нома муаллифи «ал-Вузаро ва-л-куттоб» чунин нигоштааст: «Номае аз Абдулҳамид… ёфтам, ки хитоб ба дабирон навишта шудааст. Ин нома муфассал, аммо бо баёне шево таҳрир ёфтааст. Аз ин рӯ нахостам қисмате аз онро ҳазф кунам ва тамоми онро бо ҳамаи тафсил нақл намудам, зеро нависанда ва дабир аз назоири он бениёз нахоҳад буд» [54, 108].

Нома аз лиҳози матолибе, ки дарбар гирифтааст, дар адабиёти араб бесобиқа аст. Дар он Абдулҳамид, ки сарварии табақаи нависандагони замонро ба ӯҳда дошт, ба ҳампешагони хеш доир ба шароити фанни дабирӣ ва маҷмӯи сифату хислатҳои барои эшон зарурӣ дастур додааст. Аз ин лиҳоз, миёни ӯ ва раиси табақаи дабирони аҳди сосонӣ – «эрондабирпат» метавон хатти мувозие кашид, зеро дабири девони расоили умавӣ бо номаи хеш ҳамон рисолати ҳидоятгарӣ ва раҳнамоии табақаи дабиронро, ки дар аҳди сосонӣ «эрондабирпат» бар ӯҳда дошт, ба иҷро мерасонад.

Матолиберо, ки дар нома омадааст, метавон чунин дастбандӣ кард:

1. **Таъйини мақом ва манзалати иҷтимоии дабирон**. Дар ифтитоҳи нома Абдулҳамид кӯшидааст, ки ба дабирон мақоми волоеро, ки дар низоми табақотии ҷомеа насиби онҳост, талқин намояд. Ба ақидаи муаллифи нома, Худованд мардумро ба табақоти гуногун тақсим кард ва ба ҳар як табақа пешаҳои муайянро насиб гардонид ва беҳтарин ҳунарро ба дабирон ато фармуд, зеро дабирон ҳастанд, ки назми сохти хилофатро барқарор ва умури онро устувор мегардонанд. «Худованд бо насиҳату тадбири шумо, - навиштааст Абдулҳамид ба дабирон,- салтанатро барои халқ шоиста мекунад ва шаҳрҳои ононро ободон месозад. Подшоҳ наметавонад аз шумо бениёз бошад ва шумо ҳастед, ки ӯро аз дигарон бениёз мекунед» [71, I, 85]. Бино бар ин, Абдулҳамид бо таваҷҷӯҳ ба мақоми рафеи дабирон дар зинаҳои иҷтимоии ҷомеа онҳоро «чашму гӯшу забони подшоҳон» номидааст.

Ҷои тардид нест, ки Абдулҳамид дар таъйину талқини мақоми шомихи дабирон аз низоми табақотии ҷомеаи Сосониён, ки дар он дабирон аз табақаи мумтози иҷтимоӣ маҳсуб мешуданд (ниг.: [283,148-154]), илҳом гирифтааст ва сарони ҷомеаи замони худро ба пайравӣ аз ин суннати тамаддун ва фарҳанги Эрони тоисломӣ таҳрик кардааст.

2. **Сифат ва хислатҳои зарурӣ барои табақаи дабирон**. Абдулҳамид дар рисола ба ҳампешагони хеш зарурати ороста шудан ба сифат ва хислатҳои ҳамидаро талқин кардааст. Ба ақидаи ӯ, намояндаи ҳеҷ як аз ҳунарҳои дигар мисли дабир ба маҷмӯи сиришҳои неку писандида ниёзманд нест. Муқтазоёти пешаи дабириро ӯ чунин таъйин кардааст: «Дабирро зарур аст, ки дар ҷои бурдборӣ бурдбор ва дар ҳангоми қазоват дар масоили душвор кордону мудаббир бошад; ҷое, ки пеш рафтан лозим аст, далерона пеш равад ва агар зарурати бозистодан пеш ояд, хештандор бошад; покдомониву адлу инсофро баргузинад: розҳоро нигаҳдор ва дар сахтиҳо вафодор бошад» [71,I,25]. Ба андешаи Абдулҳамид, муҳимтарин хислатҳои дабир бояд парҳезгорӣ, покдоманӣ ва худотарсии ӯ бошад. Ин

хислатҳо ба ӯ имкон медиҳанд, ки ба нотавонон ёвар ва ба ситамдидагон додрас бошад, бо бандагони Худо меҳр варзад ва дар қазоват ба дод гардад, бо раият улфат гирад, аз озори эшон бипарҳезад ва дар рафтору кирдори хеш фурӯтану бурдбор бошад. Фаъолияти дабирон бо умури кишвардорӣ ва идораи давлат пайванд аст. Аз ин рӯ, Абдулҳамид ба эшон тавсия медиҳад, ки дар ободонии кишвар саъйи вофир ба харҷ диҳанд, дар афзудани молиёти давлат саҳмгузор бошанд, дар ҷамъи хироҷ мизони адлу инсофро риоя кунанд.

3. **Маърифати умумии дабирон**. Дабиронро барои анҷоми вазифаву рисолати хеш ба ҷуз аз сифатҳову хислатҳои ҳамида ҳамчунин донишу маълумоти фаровон зарур аст. Аз ин рӯ, Абдулҳамид дар нома доираи донишу маърифати барои дабир заруриро муайян кардааст, ки он хеле фарох буда, аз донистани Қуръону ҳадис ва забону хатти арабӣ оғоз мешавад. Абдулҳамид ба дабирон тавсия кардааст, ки «дар ривояти ашъор бикӯшед ва маънову мушкилоти онҳоро бишносед, таъриху ахбори Арабу Аҷам ва достону корномаҳои онҳоро биёмӯзед, зеро ин гуна маълумот шуморо дар ҳадафи баланде, ки бад-он ҳиммат гуморидаед, ёрӣ хоҳад кард» [71, I, 86]. Барои дабирон вуқуф аз улуми дақиқ, аз ҷумла фаро гирифтани ҳисоб низ зарур аст, зеро тавфиқи кори дабирони хироҷ ба донистани ин навъи дониш вобаста аст.

4. **Одоб ва ахлоқи ҳирфаии дабирон.** Абдулҳамид дар номаи хеш ба дабирони давр ба ҳайси як табақаи иҷтимоӣ, ки аҳли онро тааллуқи эшон ба ҳунар ва ҳирфаи нависандагӣ ба ҳам муттаҳид мекунад, муроҷиат кардааст. Ба андешаи муаллифи нома, дар дохили ин иттиҳодияи дабирон бояд одоб ва ахлоқи писандидаи ҳирфаӣ, ки он ба меҳрубонӣ ва дастгирии якдигар, сидқу сафо ва самимият нисбат ба ҳампешагон бунёд ёфтааст, ҷорӣ бошад. Адиби инсонпарвар, ки худ ба арзишҳои олии маънавӣ то лаҳзаи вопасини умр содиқ монд, ба дабирону нависандагон чунин дастур додааст: «Дар ҳунари хеш ба якдигар дӯстӣ ва меҳр варзед …Агар рӯзгор нисбат ба яке аз шумо бемеҳрӣ варзад, шумо нисбат ба вай

дилсӯзиву меҳрубонӣ кунед ва ӯро ёрӣ диҳед» [71,I,86]. Абдулҳамид ба дастгирии ҳампешагони солхӯрда, ки аз доираи амалу фаъолият дур шуда ва худро яккаву танҳо эҳсос мекунанд, таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда, ба аҳли қалам чунин панд медиҳад: «Агар солхӯрдагӣ яке аз шуморо бознишин кунад ва аз пешаву дидори дӯстонаш маҳрум созад, ба зиёрати ӯ биравед, ӯро гиромӣ доред, бо вай дар корҳо машварат кунед ва таҷрибаву маърифати андӯхтаи ӯро ба кор бандед» [71,I,86].

Масъалаи дигаре, ки Абдулҳамид дар доираи одоби ҳирфаии дабирон ба он эътибори вижа қоил шудааст, ин эҳтиром ва гиромӣ доштани устод аст. Ӯ ба ҳампешагони хеш талқин месозад, ки ҳар як аз онҳо ба устоди тарбиятгараш беш аз фарзанд ва бародари хеш алоқа ва муҳаббат нишон диҳад.

Ба ақидаи Абдулҳамид, эҳтироми шогирд нисбат ба устод дар он тазоҳур мекунад, ки агар дабир дар кори хеш ба тавфиқ ва шоистагӣ даст ёбад, онро бояд аз шарофати тарбияти устодаш бидонад. Ва агар дар амре аз умур ба нокомӣ дучор ояд, онро бояд ба худ нисбат диҳад. Худситоиву такаббур нисбат ба ҳампешагон, бартар донистани ҳунару истеъдоди хеш ва паст задани бизоати ҳамгинон мӯҷиби табоҳии кори аҳли қалам мегардад. Бино бар ин Абдулҳамид ба дабирон чунин дастур медиҳад: «Ҳеҷ як аз шумо набояд бигӯяд, ки ӯ дар ҳунар ва хидматгузорӣ аз ҳамкори дигараш донотару тавонотар ва дар таҳаммули бори умур шикеботар аст, зеро мардуми доно он касро хирадманд медонанд, ки худбинӣ ва ғурурро ба дур афканад ва чунин ҳисобад, ки дӯсташ аз вай хирадмандтар ва некӯравиштар аст» [71,I,88]. Дар идомаи ин дастурот Абдулҳамид қадри неъматҳои Эзидро шинохтан ва аз сари тавозӯъву фурӯтанӣ худро дар ҳунар аз ҳампешагон бартар нашумориданро аз воҷиботи ахлоқи ҳирфаии дабирон ва аҳли қалам донистааст.

5. **Одоби мусоҳибат ва муошират бо салотин ва омма.** Азбаски дабир ба ҳайси унсури асосии дастгоҳи идории кишвар пайваста бо салотин ҳамнишин ва мусоҳиб аст ва дар айни замон бо оммаи мардум сарукор

дорад, Абдулҳамид дар номаи хеш бар он будааст, ки воҷиботи мусоҳиботу муомилатро бо ин ду қутби иҷтимоии ҷомеа, яъне салотину омма, ба дабирон арза дорад. Аз ин рӯ , ӯ ба дабирон чунин хитоб кардааст: «Шумо бояд бидонед, ки вақте ҳамнишинӣ бо султон бароятон муяссар мешавад, ӯ адои ҳуқуқи шуморо бар хеш воҷиб мешуморад. Пас, бар шумо низ воҷиб аст, ки аз рӯи эътиқод нисбат ба вай вафодор, сипосгузор, ҳақшинос, хайрхоҳ ва роздор бошед, то подоши ҳаққеро, ки бар гардан доред, адо кунед ва инро бояд бо рафтору кирдоратон ҳангоми рӯи ниёз овардани султон ба шумо ва рӯ намудани ҳолатҳои душвор ба субут расонед» [71,I,86]. Шоистаи таъкид аст, ки зиндагии Абдулҳамид худ намунаи олии пайравӣ аз ин арзишҳо буд, зеро дар душвортарин ҳолате, ки марг ба ӯ таҳдид мекард, вай дар муносибат ба халифаи давр, ки солҳо ҳамнишину мусоҳибаш буд, равиши сидқу сафо ва ихлосу вафоро пеш гирифт.

Дар муносибат бо мардум Абдулҳамид зарурати ба сони ромкунандаи чорпоён рафтор кардани дабирро таъкид мекунад. Ҳамчунон ки ромкунанда хулқу хӯи чорпоро меомӯзад ва ба муқтазои ҳоли он амал мекунад, дабир низ дар муносибати хеш бо мардум бояд равиши нармиву мулотифатро пеш гирад ва ба иқтизои табиату сиришти ҳар яке тадбире накӯ андешад. «Чунин дабир, - хулоса мекунад соҳиби нома, - дар лутфу мадоро бо худойгони хеш ва рост кардани кажиҳои ӯ бартар ва шоистатар аз ромкунандаи чаҳорпоён аст, зеро чаҳорпоён ба гуфтаи соҳибашон посух намедиҳанд, савобро аз носавоб намешиносанд ва хитобро дарк намекунанд, магар ба андозае, ки соҳибашон ба онҳо савор шавад ва роҳнамоиашон кунад» [71,I,87].

6. **Таҳзир аз кирдор ва рафтори нохушоянд.** Абдулҳамид дар нома дабиронро аз равишҳое, ки метавонад мӯҷиби нокомӣ ва табоҳии ҳоли онҳо гардад, барҳазар медорад. Ба ақидаи ӯ, яке аз ин аъмоли нописандида надонистани ҳадди хеш ва таҷовуз аз он дар гуфтору рафтор ва кирдор мебошад. Ба дастури Абдулҳамид, дабир набояд дар муошират,

либоспӯшӣ, савор шудан, хӯрдану ошомидан, хонаву хидматгузорон ва умури дигари зиндагӣ аз ҳадди хеш таҷовуз кунад, зеро дабирон, бо он ки Худованд эшонро ба шарафи ҳунарашон бар дигарон бартарӣ дода, дар айни замон аз хидматгузороне ҳастанд, ки набояд дар хидматгузории хеш кӯтоҳӣ кунанд. Абдулҳамид «харобоварии исрофкорӣ» ва «бадфарҷомии нозпарвардагӣ»-ро дар сиришти дабирон махсусан таъкид карда, навиштааст, ки «ин ду равиш фақру нодорӣ ба бор меоваранд, бандагонро дучори хорӣ мекунанд ва касонеро, ки бад-ин равишҳо моиланд, ба вижа дабирону арбоби адаб ва фарҳангро беобрӯ месозанд» [71,I,88].

Дар фарҷоми нома Абдулҳамид ба ҳайси мусалмони комил ба дабирон зарурати пос доштани ҳаққи неъматҳои Худованд ва сари таслим фуруд оварданро дар пешгоҳи бузургии вай ба дабирон таъкид карда, аз ӯ барои ҳампешагони хеш ҳидоят ва раҳнамоӣ таманно кардааст [71,I, 85-89].

Ҳамин тавр, Абдулҳамид дар номаи хеш дабиронро ба одобу русуми нависандагӣ ва вазифаву рисолате, ки эшон бар ӯҳда доранд, роҳнамоӣ кардааст. Нома дар миёни дабирону адибони муосири Абдулҳамид ва адвори баъдӣ истиқболи тамом пайдо кард ва, ба шаҳодати яке аз удабои маъруфи қуруни вусто Қалқашандӣ, манбаи тамоми одоб ва русуме шуд, ки дабирони дарбори Хилофат риояти онро зарур мешумориданд [71, I, 84-85]. Сабаби чунин шӯҳрат пайдо кардани «Нома ба дабирон», пеш аз ҳама, вобаста ба он буд, ки мазмуну матолиб ва рӯҳу оҳанги навиштаи Абдулҳамид барои муҳити арабӣ тоза ва дар таърихи фарҳанги эшон бесобиқа буд. Баръакс, он чӣ дар ин нома аз қалами муаллиф таровидааст, маҳсули фикру андешае буд, ки аз манобеи дигари қадимтару ғаномандтар – таҷрибаи таърихиву фарҳангии Эронзамини тоисломӣ сарчашма гирифта ва ба муқтазоёти замони Абдулҳамид ҷавобгӯ ва мувофиқ афтодааст.

Чунон ки қаблан ишора шуд, дар аҳди Сосониён на танҳо девонҳо як дастгоҳи идории муназзам ва дорои қавоиду қавонини устувор буд, балки тарбияи дабирону нависандагон низ тибқи расму русуми муайян сурат

мегирифт. Ин ҷо бемуносибат нест, агар порае аз муқаддимаи китоби «ал-Вузаро ва-л-куттоб», ки муаллифи он аз таъриху фарҳанги Эронзамини тоисломӣ вуқуфи тамом дошт, иқтибос гардад: «Дар замони эрониён (манзур аҳди Сосониён аст- З.Н.) расм ин буд, ки нависандагони ҷавон ва касоне, ки дар дарбори шоҳ тарбият ёфта буданд, ҷамъоварӣ ва ба кор гумошта мешуданд. Подшоҳ ба руасои нависандагони худ фармон медод эшонро озмоиш кунанд ва ҳушу истеъдодашонро бисанҷанд. Он гоҳ ҳар кадом аз эшон, ки мавриди писанд буд, номаш ба подшоҳ арза мешуд ва ба ӯ дастур дода мешуд, ки аз мулозимони дарбор бошад ва ба хидмат машғул гардад. Сипас подшоҳ дастур медод, ки онон ба дарбориён пайванданд ва ба таносуби шоистагиву истеъдоди хеш ба корҳои мухталиф гумошта шаванд, то ҳар як мақомеро, ки шоистаи он аст, ишғол кунад» [54, 30]. Ин иқтибос вуҷуди низоми мураттаби тарбия, интихоб ва истихдоми дабиронро дар дарбори шоҳони пешини эронӣ ба субут мерасонад.

Гузашта аз ин, дар Эронзамини тоисломӣ худи пешаи дабирӣ ва нависандагӣ низ ойину суннатҳои марсум ва одобу ахлоқи ҳирфаии худро дошт, ки дабирон мусталзами риояти он буданд. Аз ин ҷост, ки дар ҳидояти аҳли қалам ба ин одобу сунан дастурамал ва кутуби вижа таълиф мешуданд, шоҳон ҷиҳати роҳнамоиву тарбия ба дабирони худ панду андарз мегуфтанд. Дар иртибот ба ин масъала метавон ёдовар шуд, ки аз аҳди Сосониён то замони мо рисолае дар ойини номанависӣ боқӣ мондааст, ки ҳадафи он «фароҳам овардани алгуҳое барои дабирон будааст, ки чӣ гуна дар маворид ва муносибатҳои гуногун нома бинависанд» [234, 294].

Дар пораҳое аз тарҷумаҳои арабии «Тоҷнома» ва «Ойиннома»-ҳои паҳлавӣ, ки дар манобеи қуруни нахустини исломӣ ғунҷоиш ёфтаанд, панду андарзҳои иддае аз шоҳон ва гуфтори ашхоси мӯътабари эронӣ ба назар мерасанд, ки ба вазоифу одоби ҳирфаӣ ва рисолати иҷтимоии дабирон марбут аст (ниг.: [29, I, 88; 54, 29-38]).

Аз мадорике, ки зикр шуд, аён аст, ки раҳнамоии ахлоқӣ ва ҳирфаии табақаи дабирон ва таълифи кутубу расоили вижа дар ин хусус аз ойинҳои роиҷ дар фарҳанги тоисломии эронӣ маҳсуб мешудааст. “Нома ба дабирон ”- и Абдулҳамиди Котиб ба таври умум дар пайравӣ аз ҳамин ойини бостонӣ таълиф ёфтааст, ҳарчанд ки мӯҳтавои он мутобиқ бо воқеияти замони муаллиф аст. Абдулҳамид дар ин нома кӯшидааст, ки бар мабнои ойини ниёгони хеш меъёрҳои одобу русуми дабириро барои замони хеш вазъ намояд. Дар ин иқдоми худ ӯ ойини дабирии сосониро сармашқи кор қарор додааст.

«Нома ба дабирон»-и Абдулҳамиди Котиб на танҳо дар рӯҳу оҳанги умумии хеш, балки дар ҷузъиёти мӯҳтавояш низ идомаи осори тоисломии эронӣ аст. Ин матлабро метавон бо муқоисаву муқобалаи миёни фиқраҳои алоҳидаи он ва намунаҳои осори тоисломии эронӣ, ки дар манобеи адабиву таърихии арабизабон мундариҷ ҳастанд, ба субут расонид. Аз ҷумла, Ҷаҳшиёрӣ дар «ал-Вузаро ва-л-куттоб»-и хеш овардааст: «Подшоҳони эронӣ нависандагон ва дабиронро бар дигарон муқаддам медоштанд ва ба аҳамияти ҳунари нависандагӣ пай бурда буданд ва ин табақа аз мардумро ба худ наздик месохтанд, ононро соҳиби раъй ва тадбир ва аҳли ҳунар медонистанд ва мегуфтанд: «Эшон низоми умур ва камоли мамлакат ва равнақи кори подшоҳ мебошанд ва забони гӯёи подшоҳон ва хизонадорони онон ва амонатдорон ва хидматгузорони раият ва кишвари худ ба шумор меоянд» [54, 30-31]. Шабеҳи ҳамин маънӣ дар фиқраи зер аз номаи Абдулҳамид, ки дар он ба муқтазои ҳол ҷои подшоҳро Худованд гирифтааст, ифода ёфтааст: «Худованд ба шумо – дабирон, ки аҳли адабу мурувват ва донишу ривоят ҳастед, беҳтарин ҳунарро ато фармуд. Вуҷуди шумо аст, ки назми хилофатро барқарор ва умури онро устувор мегардонад. Худованд бо насиҳату тадбири шумо салтанатро барои халқ шоиста мекунад. Ва шаҳрҳои ононро ободон месозад» [71, I, 85].

Ба тасреҳи Ибни Қутайба дар «Уюн-ул-ахбор», ӯ дар яке аз китобҳои эронӣ хондааст, ки «мӯбадон мӯбад дабиронро чунин васф мекард: «Дабирон дар назди подшоҳон ба масобаи чашмони бино, гӯшҳои шунаво ва забони гӯёи эшон ҳастанд» [29, I, 89]. Айни ҳамин маънӣ дар «Нома ба дабирон» низ омадааст: «Мақоми шумо назди подшоҳон монанди гӯшҳои эшон аст, ки бад-он мешунаванд ва чашмони эшон, ки бад-он сухан мегӯянд ва дастҳои эшон, ки бад-он қудрат ва неруӯмандии хешро нишон медиҳанд» [71,I, 85].

Ҷаҳшиёрӣ дастурҳои ахлоқии Гаштоспро ба дабирон овардааст, ки гуфта буд: «Покдоманиро пешаи худ созед ва дар умуре, ки ба шумо супорида мешавад, амонатдор бошед… Адолат ва инсофро пешаи худ бисозед. Он чиро, ки интихоб ва баҳси он барои мо шоиста нест, ба мо ҷилва надиҳед» [54,35]. Назири чунин насоеҳ ва дастурот аз забони Хусрави Парвиз хитоб ба дабири ӯ дар «Тоҷнома» сабт ёфта будааст, ки онро Ибни Қутайба хонда ва дар китоби хеш нақл кардааст: «Роз пинҳон дор, сухан рост гӯй, дар некхоҳӣ бикӯш, аз бадӣ бим дор… Барои тазмини фардоят ба сӯи некӣ роҳ сипор ва барои ҳифзи обрӯят дижи покдоманиро устувор дор» [29, I, 88].

Тавсияҳои зерини Абдулҳамид ба он чӣ Гаштосп ва Хусрави Парвиз ба дабирони худ зарур шуморидаанд, қаробат доранд, чунончи: «Дабир бояд… покдомониву адлу инсофро баргузинад; розҳоро нигаҳдор ва дар сахтиҳо вафодор бошад; балову офатҳое, ки мумкин аст пеш ояд, пешбинӣ кунад ва аз румузи онҳо огоҳ бошад…» [71, I, 86].

Муқобалаву муқоясаро миёни қитаоти бозмонда аз осори тоисломии эронӣ ва номаи Абдулҳамид метавон идома дод, вале аз шавоҳиде низ, ки зикр шуд, метавон ба хубӣ дарёфт, ки «Нома ба дабирон» истиқбол аз суннати дерин ва идомаи он дар муҳити навин аст.

Рисола аз номи халифа Марвон ибни Муҳаммад ба валиаҳдаш Абдуллоҳ. Дар миёни рисолаҳои бозмондаи Абдулҳамиди Котиб номае, ки

ӯ аз ҷониби халифа Марвон ба фарзанд ва валиаҳдаш Абдуллоҳ навиштааст, тўлонитарин маҳсуб мешавад.

Бо таваҷҷўҳ ба мавзўъ ва матолиби нома онро метавон чун аҳднома ё насиҳатнома арзёбӣ кард, ки дар ойину одоби кишвардорӣ, мазомини ахлоқӣ ва дастуру фармонҳои ҷангӣ ба унвони валиаҳди хилофат навишта шудааст. Таълифи рисола ба воқеаи ҳуҷуми Заҳҳок ибни Қайс, ки дар авохири давлати Умавиён ҳаракати аҳли хавориҷро сарварӣ мекард, муртабит аст. Шўришчиёни Заҳҳок ибни Қайс соли 754 шаҳри Мавсилро истило карданд ва пояҳои хилофати Марвонро ба ларзиш оварданд (дар ин бора ниг.: [107, 200-203]). Соли 747 Марвон валиаҳди хеш- Абдуллоҳро ба набарди шўришчиён гусел кард. Бад-ин муносибат Абдулҳамид номаи мазкурро иншо кард, то ба василаи он валиаҳди халифаро дар набард бо хориҷиён раҳнамоӣ кунад ва ба таври умум ўро ба иҷрои рисолати хилофат омода созад. Аз мўҳтавои рисола бармеояд, ки Абдулҳамид ҳам дар ойину ахлоқи ҷаҳондорӣ ва ҳам дар умури ҳарбӣ донишу маърифати комил доштааст.

Рисола вобаста ба аҳдофе, ки муаллифи он пайгирӣ кардааст, ба ду бахш тақсим мешавад. Бахши нахуст ба масъалаҳои марбут ба одобу ахлоқи кишвардорӣ ихтисос ёфта, дар он Абдулҳамид маҷмўи равишҳои писандидаи ахлоқиро ба мухотаби нома талқин кардааст.

Ин бахш бо муқаддима оғоз ёфтааст, ки дар он Заҳҳок ибни Қайс ва пайравони ӯ ба ҳайси душманони Худованд ва барангезандагони фитнаву гумроҳӣ муаррифӣ шуда ва тасмими халифа бар фиристодани Абдуллоҳ бар зидди онҳо эълон гардидааст. Дар муқаддима ҳамчунин ба суннати панду мавъизат кардани фарзандон аз ҷониби падарон ишора рафта ва ангезаи таҳрири рисола бад-ин сурат таъкид шудааст: «Инак, амирулмўъминин ба ту дастур медиҳад ва далелу бурҳон пеш меорад, то ҳаққеро, ки Худованд дар роҳнамоии ту бар ӯ воҷиб гардонидааст ва он чиро, ки падари меҳрубон барои фарзандонаш дар назар дорад, адо намояд».

Пас аз муқаддимаи мазкур насоеҳ ва дастуроти ахлоқӣ, ки риояти он аз воҷиботи одоби валиаҳд ва ба таври умум одоби давлатмардони Хилофат маҳсуб мешавад, аз забони халифа Марвон баён гардидаанд.

Таъкид ҷоиз аст, ки дар ироаи панду андарзҳо дар рисолаи Абдулҳамид як тартибу низоми муайян риоя нашудааст ва матолибе, ки бо арзишҳои олии маънавӣ алоқаманд ҳастанд, бо мавзӯоти марбут ба зиндагии ҳамарӯзаи валиаҳд паси ҳам омаданд. Чунин сиғаи ироаи матолиб, ки барои андарзномаву пандномаҳои давраи сосонӣ низ хос ҳастанд [7, 20], шояд дар назари аввал орӣ аз низом ва тартиб намояд, вале дар паси чунин «беназмӣ» бояд мантиқе нуҳуфта бошад. Ба гумони ғолиб, ин мантиқ барои он тасаввур поя дорад, ки дар камолоти маънавӣ ва ҳирфаии инсон ҳама гуна сифот дорои арзиши якхела ҳастанд ва шахсияти риҷоли давлат ва кишвардорон бояд як навъ таҷаммӯи одобу маънавияти олӣ ва сифоту ахлоқи сиёсиву ҳирфаӣ бошад.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин матлаб, панду насоеҳ ва дастуроти ахлоқиро, ки Абдулҳамид бад-онҳо ороста будани шахсияти валиаҳдро зарур шуморидааст, метавон ба таври зайл дастбандӣ кард:

1. **Зарурати касби донишу ҳикмат.** Абдулҳамид касби донишу ҳикматро аз муқаддамоти умури валиаҳд ба ҳисоб оварда ва таъкид намудааст, ки «тангнои оғози роҳи донишу ҳикмат касеро, ки қасди паймудани ин роҳро кард ва хатарҳои онро ҳамл намуд, ба фарохии анҷомаш, амнияти саҳнаш ва шарафи арҷмандиву иззаташ мерасонад».

Муаллифи нома бар он аст, ки донишу ҳикмат «беҳтарин василаест, ки бад-он ризои Худованд талабида шавад; комёбтарин хостаест, ки бароварда шавад; бузургтарин савобест, ки ҷуста шавад. Он муфидтарини манфаатҳо ва олитарини маслаҳатҳост» [71,Х,197].

Дар доираи донишҳое, ки касби он аз воҷиботи камоли шахсияти валиаҳд маҳсуб мешавад, донистану хондани Қуръон мавриди таъкиди махсус қарор гирифтааст.

2. **Истодагарӣ бар муқобили ҳавову ҳавасҳои нафс.** Абдулҳамид ба мухотаби хеш талқин кардааст, ки бар ҳавову ҳавасҳояш пайваста пирӯз бошад. Ба ақидаи муаллифи нома, ҳавову ҳавасҳо пӯшандаи дари хубиҳо, бозкунандаи дари бадиҳо ва душмани ақланд. Аз ин рӯ, ӯ ба валиаҳд чунин ҳушдор медиҳад: «Бидон, ки ҳавову ҳавасҳои ту душманест, ки ҳалокати туро хоҳад ва нигарони ғафлатат аст, зеро ҳавову ҳавас найрангу фиреби иблис, доми макр ва тӯри ҳилаҳои ӯст. Аз ӯ барҳазар бош ва канорагирӣ кун, худро аз ӯ ҳифз ва ҳиросат намо» [71,Х,197].

3. **Зарари худписандӣ.** Муаллифи нома худписандиву мағруриро оғози гумроҳӣ ва сабаби ҳалокат дониста, мухотаби хешро аз одатҳои нописанд, аз қабили гузоштани лақабҳои зишт ба дигарон барҳазар доштааст ва аз номи падараш чунин дастур додааст: «Зарур аст, ки дар корҳоят ҳадди эътидолро риоят кунӣ, ба лашкарат ба хубӣ муомила намоӣ, сирратро ниҳон дорӣ, кинаатро бо доруи инсоф даво кунӣ, нафсатро бо адл шикаста гардонӣ, айбҳоятро бо рост намудани кажиҳои сиришtат бартараф намоӣ» [71,Х,199].

4. Хислат ва хӯйҳое, ки барои давлатмардон зарур аст. Ба ақидаи Абдулҳамид, валиаҳд дар танҳоиву хилвати хеш бояд ғафлатзадаву бехабар аз душманон набошад. Агар ӯ хомӯширо гузинад, ин хомӯшӣ натиҷаи аҷзи забон набошад. Агар даҳон ба сухан кушояд, набояд каломи носазо гӯяд; агар ба касе гӯш фаро медиҳад, матлаби гӯяндаро бояд нек дарёбад ва бо нерӯи фикр онро бифаҳмад. Абдулҳамид таъкид бар он дорад, ки давлатмард атову бахшиши худро бояд ба аҳли шарафу насаб раво бинад ва дар он аз исрофкориву миннат парҳез кунад. Ба ҳоким зарур аст, ки дар ҷазову уқубат ифрот накунад ва онро танҳо ба касе раво дорад, ки мустаҳаққи уқубат бошад. Ба дастури Абдулҳамид, «афв бояд адлу додро бекор накунад, танҳо дар ҳолати зарурӣ ва воҷиб будан воқеъ гардад ва кажиҳои роҳу равишҳои ахлоқиро рост намояд» [71,Х,199].

Одоби кишвардорӣ тақозо дорад, ки барои ҳар як кор давлатмард бояд вақту соате муайян созад, нерӯву тавонмандиашро беҳуда сарф

накунад, аз дилгириву сутўҳ ва хастагӣ дур бошад, агар ба коре азм кунад, осемасарӣ ва ситезро аз худ дур биандозад, дар эҳтиёту парҳезгории худ ба тарсуиву буздилӣ роҳ надиҳад ва ба ҷасорату дурандешӣ такя намояд, дар умедвориҳои хеш хавфи таҳаққуқ наёфтани онҳоро аз мадди назар дур надорад ва роҳи расидан ба онҳоро амну бехатар напиндорад.

Хислат ва равишҳои нописанде, ки бад-онҳо ишора рафт, ба хулосаи Абдулҳамид, «боиси табоҳии дину дунёи кас шуда метавонад, вале ҳар кас, ки онҳоро дар хўву сиришт ва рафтори хеш коҳиш дод, бе нозукии тадбир ва сарфи қудрат ба камоли ақл бирасад» [71,Х,199].

5. **Муқаррабону надимони халифа ва одоби муносибат бо эшон.** Яке аз масоили муҳими кишвардорӣ, ки бад – он Абдулҳамид таваҷҷўҳи вижа зоҳир кардааст, масъалаи гузиниши наздикону ҳамнишинони халифа ва одоби муносибат бо эшон аст. Муқаррабону надимони халифа бояд аз зумраи ашхоси ботақвову парҳезгор, аҳли илму ҳурмат ва аз хавосси хонадони ў бошанд.

Абдулҳамиди Котиб маҷмўи сифат ва мазиятҳое, ки шахсияти наздикони халифа ва сарони умури ў бад – онҳо бояд ороста бошад, чунин муайян кардааст: « Бояд синну сол онҳоро таҷрибаи зиндагӣ омўзонида ва рўзгор эшонро дар сахтиву душвориҳо обутоб дода бошад. Онҳо бояд пушту рўи корҳоро санҷида ва аз пастиву баландиҳои он гузар карда бошанд, маҳосини корҳоро донанд. Мавқеи маслиҳату машваратро бишносанд, соҳибони насоеҳи мўътамад ва тоати туро аз дилу ҷон пазируфта бошанд»[71,Х,200]. Дар муносибат бо зердастону муқаррабон халифа бояд бовиқор бошад, то онон аз вай дар ҳайбат бошанд; унсу мулотифат зоҳир кунад, то онон вайро дўст доранд; ба суханони онон гўш фаро диҳад, то ин бар эшон ҷуръат бахшад ва вайро аз қадамҳои ноҷо ва рафтори нораво боздоранд.

Наздикону муқаррабон набояд заъфу сустие аз халифа пай баранд ва имкони бадгўиву ғайбатро пайдо кунанд. Чунин имкон дар ҳоле воқеъ

мегардад, ки агар халифа ба суханчинию ғайбат дар ҳузури хеш иҷозат диҳад.

Эҳтироми халифа тақозо дорад, ки дар ҳузури вай наздикону мусоҳибон набояд ба латифаву ҳикоятгӯӣ пардозанд ва ба масхараву мазоҳ иқдом намоянд, зеро он мардуми беэътиборро ба сабукиву бешармӣ во медорад ва таваҷҷӯҳи аҳли ҷаҳолатро ба зудӣ ба сӯи худ ҷалб менамояд. Абдулҳамид ба валиаҳди Марвон дастур медиҳад, ки дар ҳузури хеш ба ин гуна гуфторҳои беҳуда рухсат надиҳад, зеро дар ин гуфторҳо камхирадӣ, нопокии насаб, бешарафӣ ва нерӯи табиатҳои зишт, ки ба фарзандони одам хос аст, ниҳон ҳастанд, ҳамон сон, ки оташ дар санги оташзана ниҳон аст ва агар ба ҳам зада шавад, шарора бархезад ва оташ афрӯхта гардад.

6. Одоби ҳаракат бо надимон ва сайр бо омма. Қисме аз тавсиёт ва дастуроти Абдулҳамид ба валиаҳди Марвон ба матолиби марбут ба расму русум ва одоби «мавкиб», яъне ҳаракати савора ва ё пиёдаи подшоҳ бо касони худ ихтисос ёфтааст. Абдулҳамид ҳини сухан аз маойиби мавкиб таъкид кардааст, ки ағлаби риҷоли давлату қудрат ҳангоми ҳаракат бо хавос ва сайр бо омма ба забту назми афъоли худ қодир нестанд, худро орому ботааннӣ нигоҳ намедоранд, бо надимон бо ҳазлу шӯхӣ ва ханда мепардозанд, аспро аз рӯи такаббур ба суръат медавонанд. Баръакси ин равишҳои нописанд, Абдулҳамид риояти тамкину виқорро аз воҷиботи мавкиб ба шумор оварда, ба мухотаби хеш талқин кардааст, ки ҳини роҳпаймоӣ ба ҳамроҳон камтар рӯй оварад, аспро бошитоб маронад ва барои давонидану таҳрики он андомҳояшро маҷбур накунад. «Ҳусни ҳаракати подшоҳ ва тамкину виқори ӯ ҳини роҳпаймоӣ далели ниҳонии умур ва пӯшидагии аҳволи ӯст» - навиштааст Абдулҳамид [71,Х,201].

7. Расму ойини баррасии арзу шикояти мардум, пазироии хоссагон ва намояндагону фиристодагон. Абдулҳамид валиаҳди хилофатро дар масоили баррасии арзу шикояти мардум панду андарз дода, аз ҷумла таъкид кардааст, ки мардуми гуногун мехоҳанд ба ту муроҷиат кунанд ва арзу шикояти худро ба ту расонанд, вале ҳақиқати он арзу шикоятҳо то

даме, ки мавриди санҷиш қарор мегиранд, маълум намешавад. Бино бар ин шахси масъули ту бояд нахуст арзи эшонро бишнавад, онро таҳқиқ кунад ва сипас натиҷаро ба ту расонад, то ту дар ин хусус ба ӯ дастур диҳӣ ва фикратро маълум созӣ. Агар он арзу шикоят дуруст бошад, хайри он ба ту расад, вагарна уқубати он ба гунаҳкор бирасад.

Шахсе, ки баррасии арзу шикоят ба ӯҳдаи ӯ вогузор шудааст, набояд бе рухсати халифа ба иқдоме даст занад. Агар шахсе сазовори маҳбас ва шоистаи муҷозот бошад, халифа бояд ба масъули ин амр дастур диҳад, ки гунаҳкор ба назди халифа дарояд ва бо ӯ сухан гӯяд. Муҷозоти гунаҳкорро халифа набояд худаш ба иҷро расонад. Дар ин сурат халифа аз бадбинии гунаҳкор ва ғализии ҷазо пок хоҳад монд. Вале агар шахси мавриди таҳқиқ арзандаи афву бахшиш ва аз он айбҳое, ки ба ӯ бастаанд, барӣ бошад, халифа худ бояд афвро эълом кунад ва ӯро худ раҳо намояд. «Дар натиҷа, - навиштааст Абдулҳамид, - аҷри афвкардаатро ҳосил намоӣ ва мустаҳаққи сипоси ӯ гардӣ ва забони ӯро ба шукри худ водорӣ ва қавли ӯро ба ситоиши худ мукаллаф гардонӣ ва ҳаққи худро бар вай воҷиб кунӣ. Бо ин ту ду хислатро ба ҳам оварӣ ва соҳиби ду насиби нек гардӣ: савоби Худованд дар охират ва зикри сутуда дар дунё» [71,X,203].

Дар мавриди муроҷиати хоссону пайвандон ва нӯкарону надимон низ расму тартиби муайян бояд муроот гардад. Ба дастури Абдулҳамид, халифа набояд рухсат бидиҳад, ки хавоссу муқаррабон хоҳише ё ҳоҷатеро бевосита ба ӯ арз намоянд. Эшон бояд нахуст ба дабире, ки барои ин кор баргузида шудааст, муроҷиат намоянд ва ӯ матлаби эшонро, ҳамон тавр ки ҳаст, ба халифа бирасонад. Агар ҳоҷат бароварда гардад, халифа худ онро ба муроҷиаткунанда эълон медорад, вагарна дабири масъул бояд хабари радди иҷобати талабро ба соҳибаш бирасонад ва нагузорад, ки дархосткунанда бо халифа рӯ ба рӯ шавад. Ин расму равишро Абдулҳамид бад–ин ваҷҳ тавҷеҳ кардааст: «Бо ин равиш душвории ту осон гардад ва зикри ту ба некӣ бимонад. Туршрӯӣ, ки ҳини радди хостае ба зуҳур ояд, аз ту мунташир нагардад ва зиштсуханӣ, ки ҳангоми манъи

талабе буруз намояд, ба ту мансуб нагардад. Маломату накўҳиш дар ин кор ба дабират бирасад ва домони ту аз он пок бимонад» [71,X,203].

Абдулҳамид мухотаби худро аз расму русуми пазироии намояндагону фиристодагон огоҳ месозад. Бино бар дастури ў, қабл аз пазироии эшон халифа бояд ба василаи дабири худ аз ҳадафи фиристодагон иттилоъ ёбад, то имкони фикр кардан дар хусуси ҳоҷату дархостҳои эшон барои вай фароҳам ояд.

Дар мавриди қабули наздикону надимон ва одоби муносибат бо эшон Абдулҳамид шартҳои зеринро ба валиаҳд тавсия кардааст, ки риояти онҳо боиси салоҳи умур ва некномӣ хоҳад шуд, чунончи: «Магзор, ки аҳли дарбор ва хоссагони хидматгузори ту дар ҳаққи дигарон дар ғайби онҳо сухан гўянд, дар назди ту ба суханчинӣ пардозанд ва якеро ба дигаре ба шўр андозанд ва ё аз ҳолатҳои ниҳони эшон ба ту хабаркашӣ кунанд ва ё дар шакли насиҳат туро ба раҳму шафқат нисбат ба яке аз худ водор намоянд. Риояи ин равиш туро ба мартабаҳои баланди шараф расонад, мўҷиби зикри накўи ту дар миёни мардум гардад ва фазли туро дар ҳусни андешаву назар, баландии ҳиммат ва қуввати тадбир мунташир намояд» [71,X,205].

8. Одоби маҷлис. Маҷлиси шоҳон одобу қавонини худро дорад, ки омўхтани онҳо барои валиаҳд – халифаи оянда зарур аст. Бино бар ин, Абдулҳамид ба валиаҳд панд медиҳад, ки дар маҷлис ҳангоми ханда ў бояд худро ба даст гирад ва аз ҳадди эътидол гузар накунад, ҳамчунон ки дар турш кардани рўй низ набояд зиёдаравӣ кунад. Хандаи шоҳ табассум ё лабханде бояд бошад, ки дар ҷою вақти худ ва дар ҳоли вуҷуди ангезаи тарабу фараҳ воқеъ гардидааст. Хашми шоҳ низ бояд дар мавқеаш зоҳир гардад ва ўро зуд ба бедодиву сабуксарӣ набарад.

Иддае аз тавсиёти Абдулҳамид ба тарзи назар андўхтан ба аҳли маҷлис, гўш фаро додан ба суханони эшон, фурўҳиштани назар аз ҳамсуханон ва ғайра дахл дорад. Фузун бар ин, подшоҳ бояд ҷои ҳар яке аз аҳли маҷлиси худро бидонад, аз ҳозиру ғоиби эшон огоҳ бошад, сабаби

ғиёби онҳоеро, ки дар маҷлис ҳузур надоштанд, бозпурсӣ кунад. Подшоҳ ашхоси ба худ наздику ҳамфикр ва соҳибмаслиҳате дорад, ки набояд дар маҷлиси худ танҳо ба онон рӯй биёварад, балки таваҷҷӯҳаш миёни аҳли маҷлис муқассам бошад. Подшоҳ дар маҷлиси хеш ба нақле ё қавле, ки мавриди эъҷоби вай қарор гирифт, набояд аз ҳад зиёд дода шавад. Ҳамчунин набояд сухани ҳамсӯҳбати хешро бибуррад ва ба ӯ суоле диҳад, ки ба мавзӯи сӯҳбат рабте надорад.

Аз одоби маҷлиси шоҳ дигар он аст, ки вай нохушнудӣ ва маломати хешро аз дарозии маҷлис ва дилтангиву ноҳинҷориашро аз ашхосе, ки дар ҳузураш ҳастанд, набояд зоҳир кунад. Ба хулосаи Абдулҳамид, шоҳро дар маҷлиси хеш «суботи гуфтор, тамкини нишаст, оромии рӯҳ, худдорӣ аз ҳашви калом ва тарки суханҳои беҳуда зарур аст» [71,Х,207].

Абдулҳамид таваҷҷӯҳи валиаҳди хешро ба одатҳои нописанд, ки ба қавли ӯ «аз ҷумлаи айбу кӯтоҳиҳои шоҳон ба шумор оянд ва раият ба онҳо мутаваҷҷеҳ набошанд», ҷалб кардааст. Аз ҷумлаи ин гуна одатҳо ӯ бисёр гулӯ афшондан, бинӣ кашидан, хамёза кашидан, бидуни зарурат дастҳоро ба ҳаракат овардан, оруғ додан, пойҳоро ҷунбонидан, бо ангуштон бозӣ кардан, пайваста даст задан ба рӯй ва ришу мӯйлаб, бозӣ кардани асо ё дастаи шамшер ва ғайраро, ки аз шоҳон дар маҷлисҳо ба зуҳур ояд, ёдовар шуда, парҳез кардан аз онҳоро зарур шуморидааст.

Шоҳ дар гуфтори худ бояд аз суханҳое, ки бори маънӣ намекашанд, барҳазар бошад, дар корҳои хурду бузург қасам нахӯрад, бо қавли носазо дашном надиҳад ва инро аз ҳамсӯҳбати хеш низ талаб кунад. Хӯрдани шоҳ бо тамкин, нӯшиданаш бо нафосат ва фурӯ бурданаш бо оромӣ бояд пайванд бошад.

Дар фарҷоми сухан аз одоби маҷлиси шоҳ ӯ бори дигар зарурати аз аҳли фазл дар дину ақл ва соҳибони раъйу тадбир ва эҳтиром дар миёни мардум баргузидани наздикону ҳамнишинон ва сарони умурро таъкид карда, ба валиаҳд чунин дастури ҷолиби диққат додааст: «Набояд ба онҳо беш аз ҳад таваҷҷӯҳ фармоӣ ва боиси аз худ рафтани эшон гардӣ.

Ҳамчунин набояд дар ҳаққи онҳо аз ҳад зиёд бепарвоӣ кунӣ ва боиси аз даст рафтани эшон шавӣ» [71,Х,208].

Бо ҳамин қисмати аввали рисола ба итмом расида, қисмати дуюм оғоз меёбад, ки он ба баёни матолиби танзиму ташкили лашкар, вазоифу воҷиботи сарони сипоҳ ва равишҳои ҷангӣ ихтисос ёфтааст.

Дар ин қисмат, ки нисбат ба бахши аввал тўлонитар аст, Абдулҳамид ба ҳайси шахсе зуҳур кардааст, ки аз нозукиҳои масоили низомӣ огоҳии комил дорад. Тавсиёт ва дастурҳои ў ба валиаҳди халифа дар масоили мухталифи идораи сипоҳ дар маҷмўъ дастурамалеро барои сарлашкар фароҳам овардаанд.

Матолиби ин «дастурамали низомӣ» - ро метавон ба чанд даста тақсим кард, то шарҳу баёни онҳо ба низоме муайян ва ба сурате мухтасар муяссар гардад:

1. Пирузӣ бидуни хунрезӣ беҳтар ва авлотар аз пирўзиест, ки дар натиҷаи муҳорибаи шадид ва бар асари талафоти ҷонӣ ба даст меояд. Бино бар ин Абдулҳамид дастур медиҳад, ки барои ноил шудан ба чунин пирўзӣ сарлашкар бояд аз чораву тадбири накў ва ҳилаву найранги расо истифода кунад. Ў бояд душманро бо ҳар роҳу васила ба таслим шудан таҳрик намояд, ба онҳо ваъдаи афву бахшоиш диҳад. Фиристодани намояндагӣ ба назди душман бо пешниҳоду итоату фармонбардорӣ, замонати амну осоиш ва ваъдаи дараҷоту маротиботи олӣ барои онҳое, ки ин пешниҳодро мепазиранд, ба салоҳи кор хоҳад буд. Бо ҳар роҳ бояд кўшиш кард, ки саломату сиҳҳати сипоҳ ҳифз шавад ва пирўзӣ бар душман ба даст ояд [71,Х,209-211].

2. Расми фиристодани ҷосусон ба назди душманон. Яке аз омилҳое, ки пирўзиро бар душман таъмин мекунад, ин касби иттилои бештар дар бораи вай аст. Ин матлаб танҳо ба воситаи ҷосусон метавонад ба даст ояд. Ҳадаф аз фиристодани ҷосусон донистани ҷои заъфи душман, муайян кардани олату уддат ва омодагии вай, огоҳӣ пайдо кардан аз ҳолу аҳвол ва матлабу мақсадҳои вай аст.

Маълумоте, ки ба воситаи ҷосусон ба даст меояд, имкон медиҳад, ки лашкар барои бархўрд бо душман омодагӣ дошта бошад ва пеши роҳи ҳуҷуми ногаҳонии вайро гирифта тавонад. Ба дастури Абдулҳамид, душман набояд кўчак шуморида шавад, вагарна шикасти кор ва заъфи тадбир пеш хоҳад омад.

Агар ҷосусон доир ба душман маълумоти мухталиф оваранд, набояд мавриди бадгумонӣ ва ҷазо қарор бигиранд, зеро аҳволи душман ва қасдҳои ў ҳар лаҳза метавонанд тағйир ёбанд ва бар асари ин тағйир маълумоти ҷосуси аввал ахбори ҷосуси дуюмро метавонад истисно кунад.

Ҷосусон бояд мавриди илтифот ва меҳрубонии сарлашкар қарор гиранд. Касе набояд аз онон пай барад ва эшонро шиносад. Танҳо дабири сипоҳ бояд бо ҷосусон робита дошта бошад ва мулоқоти сарлашкар низ бо эшон ба василаи ў сомон пазирад. Ҷосусон набояд ҳамдигарро шиносанд, то натавонанд, ки дар фиреби сарлашкар ба ҳам оянд ё якдигарро ба душманон бифурўшанд.

Душманон низ дар дохили лашкар чашмони бино ва ҷосусони ҷўё доранд, ки аз онҳо бояд эҳтиёт шуд [71,X,209-215].

3. Вазоиф ва одоби фармондеҳи сипоҳ. Абдулмалик ба масъалаи таъйини сардори сипоҳ ва сифату хислатҳое, ки шахсияти вай бо онҳо бояд музайян бошад, таваҷҷўҳи вижа зоҳир кардааст. Ба ақидаи муаллифи рисола, ба ин вазифа бояд шахсе баргузида шавад, ки аз лиҳози тақвову парҳезгорӣ, муҳассаноти ахлоқӣ ва кордориву тадбир бар сарони дигари сипоҳ афзалият дошта ва аз номи неку шўҳрати тамом дар миёни лашкар бархурдор бошад.

Қисме аз дастурҳои Абдулҳамид ба ҳусни сулук, хештандорӣ ва рафтори сардори сипоҳ бо тобеон ва сипоҳиён оид аст. Тартибу низоми урдугоҳ ва таъйини посбон бар ўҳдаи ў баргузор мешавад, вале худи сарлашкар низ бояд ўро пайваста назорат кунад. Гузоштани посбонон дар атрофи урдугоҳ аз вазоифи сардори сипоҳ аст. Ў ба сарварии посбонон бояд касеро интихоб кунад, ки марди матинородаву муҷарраб, далеру шуҷоъ, ҳушёру зирак ва огоҳ аз қавоиди посбонгузорӣ бошад, дурўягӣ ва

ҳирс ба молу сарват барояш бегона бошад. Сардори сипоҳ бояд интизоми қатъиро дар байни лашкар ҷорӣ намояд, вале дар айни замон дар тазйиқи эшон ба ифрот роҳ надиҳад [71,Х, 215-217].

4. Қозии лашкар ва одобу вазоифи ӯ. Қозии лашкар аз зумраи ашхосест, ки фаъолияти онҳо барои забту низоми сипоҳ ва омода сохтани василаҳои пирӯзӣ бар душман нақше муассир дорад. Бино бар ин, ба ин мансаб бояд шахсе баргузида шавад, ки «дар қаноату покдоманӣ, тамкину виқор ва исмату парҳезгорӣ ба ҳадди камол расида бошад, гунаҳои қазоват ва мавқеи ҳукм карданро хуб бидонад, синну сол ӯро кордида ва таҷрибаи рӯзгор ӯро оқилу доно гардонида бошад» [71,Х,217]. Абдулҳамид ба валиаҳд дастур додааст, ки тамоми мояҳтоҷи қозиро таъмин кунад, то ӯ бо осудагии хотир ба иҷрои вазифа ва муҳиммоти хеш иқдом кунад.

5. **Масъули молияи сипоҳ.** Ба ин вазифа шахси амонатдор, ботақвову парҳезгор, мунсифу содиқ бояд таъйин шавад. Ӯ сарвари хазинаву девони сипоҳро бар ӯҳда дорад ва барои сарфи оқилонаи молиёт ва ҳифзи он дар аснои ҳаракат ва вуқуфи сипоҳ ҷавобгар аст. Нафароне бояд пайваста ҳамроҳи ӯ бошанд ва хазинаро нигоҳбинӣ кунанд. Дар ҳама ҳолатҳо лашкар аз хазина ва нигаҳбонии он бояд дур бошад, то аҳли фитна ва зишттинатон дасти таарруз ба он дароз накунанд [71,Х,231].

6. **Шуртаи сипоҳ.** Вазифаи шуртаи сипоҳ назорати тартиботи дохилии сипоҳ ва сафороии он, ҳифзи урдугоҳ ва таъйини посбон ва ғайра аст. Сардори шурта низ мисли соири сарони сипоҳ марди кордидаву муҷарраб, аз хонадонҳои шариф, соҳиби басирату садоқат бояд бошад.

Абдулҳамид таъкид кардааст, ки сипоҳиён бояд ба сардорони хеш итоат кунанд ва интизоми қатъиро риоя намоянд [71,Х,215-216].

7. **Талиа (гурӯҳи пешгард)-и сипоҳ.** Абдулҳамид ба мухотаби хеш на танҳо доир ба одоб ва вазоифи сарварону масъулони сипоҳ дастур додааст, балки ба шарҳу тавзеҳи танзимоти дохилии сипоҳ низ пардохтааст ва дар хусуси вазъи ҳол ва воҷиботи қисматҳое, ки лашкар аз он мураккаб аст, тавсия ва пешниҳодоти худро ба мухотаби хеш –

валиаҳди халифа Марвон баён кардааст. Яке аз муҳимтарин қисматҳои лашкар талиа, яъне қисмати пешгарди он аст, ки аз сарбозони савора фароҳам меояд. Абдулҳамид талиаи сипоҳро чун қисмате муаррифӣ кардааст, ки «оғози тадбир, аввали пайкор ва равиши корзор» [71,X,218] ба он вобаста аст. Аз ин рӯ, ба ин гурӯҳ бояд ашхоси далеру шуҷоъ, муҷаррабу мудаббир, ки саҳнаи пайкорро дидаанд ва талхии шароби онро чашидаанд, шомил шаванд. Онҳоро бояд худи сарлашкар интихоб кунад ва ба неруву тавонмандиашон шахсан эътимод пайдо кунад. Фузун бар ин, вогузоштани интихоби сарбозони талиа ба шахси дигар кӯтоҳие аз ҷониби сарлашкар қаламдод шудааст, ки он метавонад боиси нокомӣ ва табоҳии умур гардад. Сарвари талиа ва сарбозони он бояд номоварони саҳнаи пайкор бошанд, овоза ва шӯҳрати корномаи эшон бояд дар замири душман ваҳму тарсро барангезад.

Иддае аз дастуроти Абдулҳамид ба аслиҳаву аспҳои сарбозони талиа дахл дорад. Аз ҷумла, таъкид шудааст, ки маркаби онҳо ҳатман бояд аспони модаи думбурида бошанд, ки тездав, пурбардошт ва чолок маҳсуб мешаванд. Дар шумули аслиҳа зиреҳи оҳанӣ, найза, шамшери ҳиндӣ, тирҳои кач (маъоқис) ва ғайра номбар шудааст, ки аз вуқуфи комили Абдулҳамид аз олоти ҷангии замонаш дарак медиҳад. «Талиаи сипоҳ ба масобаи қалъаҳои фатҳнопазири муслимин ва чашмони гузарои эшонанд»,- хулоса кардааст Абдулҳамид [71,X,220].

8. **Ҳолати омодабош ба пайкори душман.** Агар талиаи сипоҳ хабари наздик шудани душманро расонад, сарлашкар бояд лашкарро дар ҳолати омодабош қарор диҳад. Сипоҳ бояд ба қисматҳои муқаддама, маймана, майсара ва муаххара тақсим шуда бошад ва ҳар яке аз қисматҳо ҷои худро нек бидонад.

Ҳар як сарбоз бояд бидонад, ки ҷои ӯ дар кадом қисмат аз сипоҳ аст ва дар он ҷо устувор бимонад. Ҳолати омодабош талаб мекунад, ки шамшерҳо аз наём бароварда ва парчамҳо афрохта шаванд. Сарлашкар

бояд бо яке аз қисматҳои чаҳоргонаи мазкур ҳаракат кунад [71,Х, 223-224].

9. **Муаххараи лашкар.** Муаххара қисмати дунболарави лашкар аст, ки аз сарбозони пиёда фароҳам омадааст ва дар ҳалли тақдири набард нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, Абдулҳамид аз шахсияти фармондеҳи муаххара ороста буданашро бо хислатҳои диловариру мардонагӣ, адолату инсоф, тоату парҳезгорӣ ва ғайра талаб кардааст. Фармондеҳи муаххара ба фирор кардани сарбозон, аз саф ақиб мондани эшон набояд роҳ диҳад ва ҳар касе, ки ба роҳи хиёнат по мегузорад, бояд аз ҷониби ӯ мавриди уқубат ва ҷазо қарор гирад, то ин барои дигарон намунаи ибрат бошад.

Ба дастури Абдулҳамид, дар паси муаххараи лашкар бояд гурӯҳи панҷоҳнафараи сарбозони савора бо сарварии шахсе аз ҷумлаи солорони номвари сипоҳ, ки покизакор, нерӯманд ва дар уқубат бетараҳҳум бошад, равон гардад. Вазифаи ин гурӯҳ ҷамъ овардани сарбозони фирорӣ, пинҳоншудагон ва аз саф ақибмондагон аст. Фирориёни корзор ва хоинони пайкор бояд ба ҷазои сахт ва мусодараи молу мулк мубтало гарданд [71,Х,223-225].

10. **Раҳили лашкар ва қарор гирифтани он дар урдугоҳ ва шартҳои он.** Вақти раҳил (яъне ба роҳ баромадани лашкар) бояд муайян ва муҳаддад бошад, то сарбозон то он вақт бо оромӣ ва таскини қалб омодагӣ бигиранд.

Бонги раҳил танҳо ҳамон вақт бояд садо диҳад, ки гурӯҳи масъул аз ду ҷониби лашкаргоҳ ба ҳимоя биистад ва дар ҳолати омодабош қарор бигирад, то хавфи бархӯрд бо талиаи душман бартараф гардад. Танҳо пас аз омодагии тамом сарлашкар дар ҳоле, ки худ болои аспаш қарор гирифтааст, бояд ба раҳил фармон диҳад. Фуруд омадани лашкар дар маконе ва омода сохтани урдугоҳ низ қонун ва қавоиди хоссаи худро дорад, ки риояти онро Абдулҳамид ба валиаҳди халифа тавсия мекунад. Аз ҷумла, фуруд омадани лашкар танҳо баъд аз омӯхтани он мавзеъ ва мувофиқаташ барои урдугоҳ бояд сурат бигирад. Мавҷудияти обу хӯроки

чорво, амнияти мавзеъ барои урдугоҳ бояд ба назар гирифта шаванд. Қароргоҳи сарлашкар бояд дар ҷои амну бехатар, дар хандақ ва макони мӯҳкам воқеъ гардад. Дар урдугоҳ барои ҳар як гурӯҳи лашкар бояд мавзеи муайян ҷудо шавад. Сарбозон дар атрофи урдугоҳ ду қатор хандақ мекобанд ва рӯи хандақи аввалро бо хасу хор ва регу хок мепӯшанд. Хандақ дар дастуроти Абдулҳамид василаи беҳтарини таъмини амният ва саломати лашкар арзёбӣ гардидааст [71,X,225-227].

11. **Равиши лашкар ҳангоми шабехун задани душман.** Ҳангоми ҳамлаи ногаҳонии душман ба урдугоҳ қисматҳои сипоҳ бояд ҷойҳои худро ишғол кунанд. Сарбозон бояд бо найза ба душман муқобилат кунанд ва худро бо силоҳ ҳимоят намоянд. Агар душман ба қисмате аз лашкар фишор оварад ва он мӯҳтоҷи кӯмак бошад, солори ин қисмат бояд ба такбир садо баланд кунад ва бо ин дар куҷо ва мӯҳтоҷи ёрӣ буданашро маълум кунад. Сипоҳ дар ин ҳол бояд на бо шамшер, балки бо найзаҳо ба ҷанги душман иқдом намояд.

Чароғи қароргоҳи сарлашкар бояд фурӯзон бошад, то лашкар дар куҷо будани вайро бинад ва он чароғ дар дили сарбозон эътимоду бовариро бар пирӯзӣ тақвият диҳад [71,X,228].

12. **Таъқиби душман.** Агар ҳамла ва ё шабохуни душман ба шикаст анҷомад, ба таъқиби вай гурӯҳе аз сарбозони савора бояд фиристода шавад. Онҳо бояд душманро бо шамшерҳои аз наём кашида таъқиб намоянд. Дар зулмати шаб ин амр тарсу ваҳми онҳоро бармеангезад. Таъқибкунандагон бояд сарбозони ҷангдидаву муҷарраб ва савори аспони бодпой бошанд [71,X,229].

13. **Ҳамла бар душман ва шартҳои омодагӣ ба он.** Нахустин шарти омодагӣ барои ҳуҷум ба душман баргузидани сарварони далеру шуҷоъ ва чусту чолок аз зумраи касоне аст, ки «синну сол боиси вомондагиву хастагии эшон нашуда бошад, мастии ҷавонӣ эшонро аз худ набурда ва шарафи насаб эшонро мағрур насохта бошад» [71,X,229]. Ин сарбозон бояд дар аспсаворӣ моҳир бошанд, даҳшатҳои шабро таҳаммул кунанд ва

аз ҳар лаҳзаи мусоид барои саркӯбии душман истифода кунанд. Маркаби онҳо аспи мода аз зоти асил бошад. Саворагон бояд бо анвои беҳтарини аслиҳа, ки Абдулҳамид онҳоро ба тафсил васф кардааст, муҷаҳҳаз бошанд.

Сарбозонро бояд ба гурӯҳҳои саднафарӣ тақсим кард ва сарварии ҳар як гурӯҳро ба ӯҳдаи солори муҷаррабе вогузошт. Гурӯҳҳоро бо рақамҳои тартибии якум, дуюм, сеюм, чаҳорум ва ғайра бояд номгузорӣ кард. Гурӯҳҳо бояд аз рӯи эҳтиёҷ бар зидди душман фиристода шаванд [71,X,230-231].

14. **Зарурати вуҷуди мубаллиғон дар лашкар.** Бино ба дастуроти Абдулҳамид, дар миёни лашкар бояд шабу рӯз такбиргӯёну мубаллиғон бошанд, ки пайваста сифати Худованд ва «Оллоҳу акбар»-ро бар забон ронанд ва сипоҳро ба пайкор бо душман ташвиқ кунанд, савобу мартабаи шаҳидон, дараҷоти ҷаннат ва наими аҳли онро тавсиф намоянд. Сарбозон дар аснои ҷанги рӯёрӯй бо душман хомӯш бошанд, вале дар замир пайваста такбир гӯянд. Бо овози баланд гуфтани такбир ҳангоми ҳамла зарур шуморида шудааст [71,X,232-233].

Дар фарҷоми рисола Абдулҳамид бори дигар масъалаи ба даст овардани пирӯзиро бидуни ҷангу куштор аз тариқи ҳусни тадбир ва лутфи ҳилаву найранг таъкид кардааст. Абдулҳамид ба валиаҳд дастур додааст, ки ба сарони сипоҳи душман мактуб нависад, ба онҳо молу сарват ва вазифаву мансаб ваъда кунад, бо бахшишу атоъ онҳоро ба худ моил гардонад, онҳоро ба қиём алайҳи сардоронашон ва маъзул гардонидани эшон даъват намояд. Зарар надорад, агар валиаҳд ба дасти худ мактубе аз ҷониби яке аз сарони онҳо ба номи худ ва ҷавоби он мактуби дурӯғинро ба вай нависад ва онҳоро ба урдугоҳи душман расонад, ки ин василаи некӯ боиси бадгумонӣ миёни душман ва парокандагии онҳо хоҳад шуд. Ба ақидаи Абдулҳамид, пирӯзие, ки аз ин роҳ ба даст меояд ва лашкарро аз талафоти ҷониву молӣ ва хатарҳои дигар эмин нигоҳ медорад, дар миёни мардум пуровоза мегардад ва ба сарлашкар номи некӯ меорад [71,X,232].

Чунон ки аз шарҳи мухтасар ва феҳриствораи матолиби рисола бармеояд, он моҳиятан андарзнома ва ё дақиқтараш аҳдномаест, ки аз ҷониби соҳибсалтанат ба ҷонишини хеш дар мавзўоти марбут ба одоби кишвардорӣ, тадбири мулк ва сиёсатҳои ҷангӣ иншо шудааст. Ба эътирофи аҳли таҳқиқ, корбасти ин мавзўот ба таври хос ва аҳдноманависӣ ба таври умум дар насри арабӣ то Абдулҳамиди Котиб собиқа надошт. Бад-ин ваҷҳ рисолаи мазкури ин нависандаи номварро метавон нахустин аҳдномае арзёбӣ кард, ки ба забони арабӣ таълиф шуда ва дар ҷомеаи исломӣ бо мазмуну мўҳтаво ва сабки нигориши хеш маъруфият пайдо кардааст. Мазияте, ки рисолаи мазкур ва осори дигари Абдулҳамидро дар муҳити он замон бадеъ ва барҷаста намоён мекард, он буд, ки муаллиф забон ва қолаби насри арабиро барои ифодаи мазмуну мўҳтавои ҷадид, мазмуну мўҳтавое, ки то кунун барои аъроб номаълум ва номаънус буд, ба кор гирифтааст. Сармашқи кори ў дар ин равиш, бидуни тардид, суннатҳои аҳдноманависии адабиёти тоисломии эронӣ буд.

Низоми маврусияти салтанат дар Эрони тоисломӣ, ки тибқи он тахту тоҷи шоҳаншоҳӣ аз падар ба фарзанд ва ё яке дигар аз хонадони ў мегузашт, боис гардида буд, ки шоҳони эронӣ панду насоеҳ ва дастуроти хешро дар шакли нома ба ҷонишини хеш ҷиҳати иқтидо ва риояти онҳо ба ҷо мегузоштанд. Чунин андарзномаҳо дар адабиёти аҳди исломӣ номи «васоё» ва «уҳуд» , яъне «васиятнома» ва «аҳднома»-ро ба худ гирифтанд. Намуна ва ё номҳои чунин андарзномаҳо, ки ҳам бевосита аз адабиёти тоисломии эронӣ ва ҳам ба василаи тарҷума ва ё бозгўиву бознависӣ дар адабиёти арабиву форсии қуруни нахустини исломӣ то замони мо расидаанд, метавонанд густаришу ривоҷи суннати аҳдноманависиро дар адабиёти тоисломии эронӣ ба субут расонанд. Ба тариқи мисол метавон аз «Андарзи Хусрави Қаводон» ёд кард, ки асли паҳлавии он имрўз дар даст аст [192, 124-126]. Тарҷумаи иддае аз аҳдномаҳои тоисломии эронӣ, аз қабили «Аҳди Ардашер», «Аҳди Ардашер ба писараш Шопур», «Аҳди Қубод», «Аҳди Анўшервон» ва ғайра дар китобҳои таъриху адаби арабиву

форсӣ зикр шудаанд (ниг.: [81, I, 114-129; 87, 186-192, 196-200,300-301]). Аҳдномаҳои баъзе аз шоҳони афсонавиву таърихии Эрони тоисломӣ, гоҳе мухтасар ва гоҳе ба тафсил, дар «Ҷовидон хирад»-и Мискавайҳ низ нақл шудааст (ниг.: [82,7-34,111-116,120-121]). Фирдавсӣ низ дар «Шоҳнома» дар мавориди мутааддид аз андарзи шоҳони эронӣ роҷеъ ба ойини кишвардорӣ ёд кардааст [17].

Рисолаи фавқуззикри Абдулҳамид дар пайравӣ ва истиқбол аз ҳамин суннати пандноманависии адабиёти тоисломии эронӣ таълиф шудааст. Агар рисолаи Абдулҳамид бо бозмондаи пандномаҳои тоисломӣ ба доираи муқобалаву муқояса кашида шавад, рӯҳу оҳанги умумӣ миёни онҳо ва дар доираи талаботи як суннати ягонаи адабӣ таълиф шуданашон баръало ба назар мерасад.

Шакке нест, ки рисолаи Абдулҳамид мавлуди замони ислом ва муҳити арабӣ аст ва бино бар ин дар ҷузвиёту тафосили матолиб ва мӯҳтавои хеш аз андарзномаҳои тоисломӣ тафовут дорад. Вале дар масоили асосӣ ва куллӣ, аз қабили маҳсули пайванди адабиёт ва сиёсат будани аҳдномаҳо, вазифаи иҷтимоии далолати хайр ва таҳзиби ахлоқи мулукро ба ӯҳда доштани ин навъи наср, рисолаи Абдулҳамид пайравӣ аз ҳамон суннати адабии тоисломӣ ва идомаи он дар муҳити ҷаҳоншиносии нави ваҳдонӣ мебошад. Гузашта аз ин, рисолаи Абдулҳамид дар ҷузъиёти матолиби хеш низ ҳаммонандиҳое бо пандномаҳои тоисломӣ дорад, ки ишора ба чанде аз онҳо мувофиқи матлаб ба назар мерасад.

Аз ҷумла, Абдулҳамид касби донишу ҳикматро аз нахустин шурути кишвардорӣ ба шумор овардааст ва валиаҳдро ба ҷидду ҷаҳд дар ин роҳ ҳидоят кардааст. Айни ҳамин равиш дар аксари пандномаҳои тоисломӣ риоят шудааст, чунончи дар пандномаи Озарбод ба писараш, ки ҳам асли паҳлавӣ ва ҳам тарҷумаи арабии он маҳфуз мондааст, чунин дастур ҳаст: «Мебояд, ки маҳбубтарин ва дӯстдоштатарини чизҳои дунё ва азизтарини ҷумлаи ашё бар ту илм ва фазилат бошад» [82, 48].

Дар андарзномаи Ҳушанг низ донишу ҳикмат бартар аз ҳама чизҳо арзёбӣ гардидааст: «Фозилтарин ва беҳтарин чизе, ки дода шудааст бандаро дар дунё, ҳикмат аст ва мурод аз ҳикмат дониши чизҳост чунон ки ҳаст ва кардани корҳост чунон ки сазовору лоиқ аст ба қадри қудрати одамӣ» [82, 8-9]. Дар андарзи Бузургмеҳр ба Хусрави Анӯшервон низ матолиби мушобеҳ ба дастури Абдулҳамид нақл шудааст: «Афзали подшоҳон аз рӯи саодат касе аст, ки бисёр бошад илми ӯ ва тавфиқ ёфта бошад бар амал кардан ба он илм» [82, 85] ва ё «бештари чизе, ки подшоҳ ба он мунтафеъ мешавад ва аз он фоида мегирад, сӯҳбати уламост ва бисёр шунидани сухани илм ва миқдору маблағи илми худро бисёр кардан» [82, 87-88].

Абдулҳамид дар рисолаи хеш тарки ҳавову ҳаваси нафсро аз шурут ва одоби кишвардорӣ маҳсуб кардааст. Ҳамин равиши ахлоқӣ дар андарзномаҳои тоисломӣ низ ба шоҳон талқин гардидааст, чунон ки: «Пурсида шуд, ки кадом як аз мардум сазовортар аст ба мулк ва подшоҳӣ?» Гуфт: «Дӯстдортарини эшон ислоҳи мардумро ва донотарини эшон ба тадбир». Гуфтанд, ки баъд аз ӯ дигар кӣ сазовортар аст? Гуфт: «Ҳокимтарини эшон бар ҳавои нафс ва қаҳркунандатарини эшон ҳавои нафсро» [82, 92].

Абдулҳамиди Котиб дар рисолаи хеш тамкину виқорро дар ҳама хислатҳо барои соҳибсалтанат зарур шуморидааст. Ин матлаб дар андарзномаҳои тоисломии эронӣ низ ба касрат ба чашм мерасад, чунончи: «Беҳтарини хулқҳо ва хӯйҳои подшоҳон виқор ва тамкин ва оҳистагӣ аст дар корҳо ва беҳтарини подшоҳон подшоҳе аст, ки дар вақти ғазаб бовиқортар аз дигарон бошад ва бурдбориву ҳилми ӯ зиёда аз дигарон бошад» [82, 86].

Ҷоиз ба таъкид аст, ки ағлаби дастуроти ахлоқии Абдулҳамид ба мухотаби хеш дар қисми аввали рисолаи вай қобили муқояса ва татбиқ бо матолиби пандномаҳои адабиёти тоисломии эронӣ аст. Ин нуктаро аксари муҳаққиқони адабиёти араб низ эътироф доранд. Аз ҷумла, Шавқӣ Зайф

бар он аст, ки «таъсири фарҳанги форсӣ ва осоре, ки эрониён дар одоби кишвардорӣ ва сиёсат доштанд, дар қисми аввали рисолаи Абдулҳамид зоҳир ва ошкор аст» [265, 117]. Вале дар мавриди қисми дуюми рисола, ки ба матолиби марбут ба одоби сарлашкар, танзиму тартиби сипоҳ ва равишҳои ҷангӣ марбут аст, қисме аз донишмандони араб сармашқи кори Абдулҳамидро осори юнонӣ роҷеъ ба ҳарб арзёбӣ кардаанд. Чунончи, донишманди маъруф Таҳа Ҳусайн ба ҷонибдорӣ аз ин ақида таъсири осори юнониро дар дастуроти Абдулҳамид роҷеъ ба тақсими сипоҳ ба гурӯҳҳои саднафарӣ дидааст. Фузун бар ин, ба бандҳои муайян тақсим шудани каломи Абдулҳамид ва ифодаи як фикри том дар дохили ҳар банд, ҳамчунин истифодаи фаровони ҳолро дар ҷумлаҳо, ки гӯё хоси осори юнонӣ будааст, ӯ чун тазоҳури таъсири юнонӣ дар қисмати дуюми рисолаи Абдулҳамид ба қалам додааст [267, II, 442-443]. Олими дигари араб Шавқӣ Зайф низ таъсири осори Юнонро бар рисолаи Абдулҳамид эътироф кардааст, вале ӯ ин таъсирпазириро на ба таври мустақим, балки аз тариқи осори устоди вай – Абулалои Солим, ки гӯё забони юнониро медонистааст ва расоили Арастуро ба арабӣ тарҷума кардааст, муайян намудааст [265, 117-118].

Қаблан, ҳини сухан аз эҷодиёти Абулалои Солим таъкид гардид, ки ӯ номаҳои Арастуро ба Искандар на аз юнонӣ, балки аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума кард. Ҳамчунин зикр шуд, ки қисме аз осори Юнони қадим ба муҳити арабӣ-исломӣ аз тариқи Эрон ва ба василаи тарҷума аз паҳлавӣ ворид гардид. Бино бар ин, агар зоҳирае аз завоҳири таъсири осори Юнони қадим дар эҷодиёти Абдулҳамид ба назар расад, ин маънои мустақиман мутаассир будани ӯро аз фарҳангу осори юнонӣ надорад ва ӯро ба сони Таҳа Ҳусайн наметавон ҳомили фарҳанги юнонӣ ба насри арабизабон муаррифӣ кард. Мусаллам аст, ки Абдулҳамид, ки эронинажод ва парвардаи адабу фарҳанги тоисломии эронӣ мебошад, забону адаби арабиро дар ғояти камол омӯхта ва дар муҳити исломӣ фаъолият доштааст. Аз ин рӯ, расоили ӯ, қабл аз ҳама, зодаи фарҳангу

тафаккури эронӣ аст, ки ба муҳит ва таълимоти ҷадиди исломӣ ҳамоҳанг ва дар қолаби забони арабӣ пайрезӣ гардидааст. Ин нукта ба қисми дуюми рисолаи Абдулҳамид низ татбиқпазир аст. Бидуни тардид дар ин қисм муаллиф, пеш аз ҳама, танзимоти дохилии лашкар ва равишҳои маъмули ҷангии замони хешро дар мадди назар доштааст. Вале қолаби адабие, ки ин матолибро дар бар гирифтааст, ҳамчунин шеваи ироаи матолиб, ки ба василаи андарзгузорӣ ва дастурдиҳӣ сурат гирифтааст, аз адабиёту фарҳанги тоисломии эронӣ маъхуз аст.

Гузашта аз қолаб ва шеваи ироаи матолиб Абдулҳамид баъзе аз дастуроти қисми дуюми рисоларо низ аз осори тоисломӣ роҷеъ ба одоб ва ойини ҳарб иқтибос кардааст. Дар тақвияти ин фикр метавон тазаккур дод, ки дар Эрони тоисломӣ китобу рисолаҳо доир ба одоби ҳарб ва равишҳои ҷангӣ мавҷуд буданд ва, бино ба ишораи Ибни Надим, қисме аз онҳо дар қарнҳои нахусти ислом аз паҳлавӣ ба забони арабӣ баргардон шудаанд [86, 376-377]. Дар миёни осори тарҷумашуда Ибни Надим китобҳои зеринро номбар кардааст: «Китоб ойин ар-рами»(Китоб дар ойини тирандозӣ) аз Баҳроми Гӯр ё ба қавле аз Баҳроми Чӯбина, «Китоб таъбиат ал-ҳуруб ва одоб ал-асовира ва кайфа конат мулук ал-фурс тавалла ал-арбиъат-ас-суғури мин аш-шарқ ва-л-ғарб ва-л-ҷануб ва ал-шимол» (Китоб дар омодагӣ ва дар бораи он ки чӣ тавр подшоҳони Эрон чаҳор марзҳои шарқу ғарб ва ҷанубу шимолро муҳофизат мекарданд) ва «Китоб адаб-ал-ҳуруб ва фатҳ ал-ҳусун ва тарбис ал-камин ва тавҷиҳ ал-ҷавосис ва т-талоё ва-с-сароё ва вазъ ал-масолиҳ» (Китоб дар одоби ҷанг, фатҳи дижҳо, ниҳодани каминҳо, фиристодани ҷосусон, талиа ва гурӯҳҳои махфӣ ва гузоштани дидбонгоҳҳо), ки тарҷумаи китобест, ки барои Ардашер писари Бобак таълиф шудааст [86, 376-377]. Чунон ки аз ановини кутуби мазкур бармеояд, онҳо ғолибан матолиберо фаро гирифта буданд, ки дар қисмати дуюми рисолаи Абдулҳамид мавриди шарҳу тавзеҳ қарор гирифтаанд.

Ғайр аз ин, дар «Ойиннома»-и паҳлавӣ низ, бино бар пораҳое, ки аз он дар кутуби адабиву таърихии арабизабон боқӣ мондааст (ниг.: [29, I, 150-

151]), қавоиду русуми ҷанг ва дастурҳои марбут ба одоби сипаҳсолор ва сарони лашкар баён ёфта буданд. Абдулҳамид, ки аз осори тоисломии эронӣ огоҳии тамом дошт, табиист, ки аз ин гуна китобу рисолаҳо низ бехабар набуд ва матолиберо аз онҳо дар рисолаи хеш метавонист мавриди истиқбол ва истифода қарор диҳад.

Дар тақвияти ин гуфтор метавон ба ҳамоҳангии баъзе аз дастуроти қисми дуюми рисолаи Абдулҳамид бо порае аз матолиби «Ойиннома», ки дар «Уюн ул- ахбор»-и Ибни Қутайба нақл шудааст, ишора кард, чунончи:

1. Абдулҳамид дар оғоз ва анҷоми қисми дуюми рисолаи хеш авло будани пирӯзӣ бар душманро бидуни хунрезӣ ва бо талафоту хатарҳо пайванд будани ҷангро таъкид кардааст. Дар порае аз «Ойиннома» низ чунин матлаб баён гардидааст: «Сипоҳ набояд ба муҳориба бо душман пардозад, магар дар ҳоли зарурати шадид ва дар сурате, ки аз он гузир нест.» Ва ё: «Бигзор ҷанг ҳар қадар ки мумкин бошад, ба таъхир гузошта шавад, зеро дар ҷанг сипоҳ бо зӯриву ҷасорат ва ҳилаву найранги душман мувоҷеҳ хоҳад буд» [29, I, 150, 152].

2. Абдулҳамид дар рисола ба истифода аз ҳилаву найранг алайҳи душман таваҷҷӯҳи хосса зоҳир карда ва чанде аз усулу шеваҳои онро баён намудааст. Ин масъала дар пораи фавқуззикри «Ойиннома» борҳо таъкид шудааст. Аз ҷумла, дар мавриди ҷанги шабона тавсия шудааст, ки иддае аз сарбозон бояд аз номи душман садо баланд кунанд, кушта шудани солори онҳо ва фирор кардани сарбозонашонро эълон намоянд. Дар зулмати шаб душманон он сарбозонро аз они худашон мепиндоранд ва ба воҳима меафтанд.

3. Абдулҳамид дар рисолаи хеш ба ҳайси яке аз найрангҳои ҷангӣ навиштани нома ба номи худ аз ҷониби яке аз солорони душман ва ҷавоб ба он номаи дурӯғин ва расонидани онро ба урдугоҳи душман ба хотири барангехтани бадгумонӣ миёни эшон тавсия кардааст. Китобҳои таъриху адаби исломӣ бо истинод ба «Худойнома»-и паҳлавӣ айни ҳамин найранги

ҷангиро ба Хусрави Парвиз дар муҳорибаи ӯ бо қайсари Рум нисбат додаанд [51, 247; 81, I, 216-219; 80, I, 272].

4. Абдулҳамид дар рисола шурути фуруд омадани лашкар ва сохтани урдугоҳро баён кардааст, ки он бо дастури зерини «Ойиннома» мушобеҳ аст: «Барои урдугоҳ ва сафарҳои лашкар бояд макони амну пурдарахт ва ҷое, ки об дошта бошад, ба даст оварда шавад» [29, I,152].

5. Абдулҳамид кофтани ду қатор хандақро дар атрофи урдугоҳ ҷиҳати ҳимоя аз ҳуҷумҳои душман зарур шуморидааст. Кофтани хандақ яке аз усулҳои ҷангии хоси сипоҳи Эрон маҳсуб мешавад. Ҳанӯз дар оғози ислом асҳоби пайғамбар бо тавсияи Салмони Форсӣ ин усулро дар ҳимояи Мадина ба кор гирифта буданд [138, 46].

Ҳамин тариқ, ҳамоҳангиҳои мазкур миёни рисолаи Абдулҳамид ва осори тоисломии эронӣ роҷеъ ба одоби ҳарб ва равишҳои ҷангӣ далел бар он аст, ки қисми дуюми рисолаи мавриди назар низ мисли қисми аввали он дар пайравӣ аз осори ҳамгуни тоисломии эронӣ таълиф шудааст. Агар унсуре аз аносири танзимоти аскарии юнонӣ дар рисола ба назар расад, пас он натиҷаи таъсири мустақими осори юнонӣ ба расоили Абдулҳамид набуда, балки унсурест, ки аз тариқи фарҳанги Эрони тоисломӣ ба эҷодиёти нависандаи бузурги арабизабон роҳ ёфтааст.

Сабк ва услуби расоили Абдулҳамид. Абдулҳамиди Котиб дар таърихи адабиёти арабизабон бунёдгузори сабки наве дар насри арабӣ эътироф шудааст. Боризтарин хусусияти сабки ӯро донишмандони мутақаддим, аз қабили Масъудӣ ва Ибни Абд Раббиҳи, чун номанигорӣ ба равиши итноб ва истифодаи таҳмидот дар матни номаҳо таъйин кардаанд [80, II, 252; 26, II, 206].

Ин сабк ва шеваи нигориши Абдулҳамид, чунон ки қаблан низ зикр шуд, дар насри арабизабон таҳаввуле ба вуҷуд овард ва минбаъд мавриди истиқбол ва пайравии нависандагон қарор гирифт.

Ба тасреҳи иддае аз донишмандони қадим, сармашқи кори Абдулҳамид дар ибдои сабки нав шеваи насрнависии тоисломии эронӣ буд. Аз

ҷумла, донишманди маъруфи қарни Х-и мелодӣ Абӯҳилоли Аскарӣ бад-ин маънӣ навиштааст: «Касе, ки тартиби маонӣ ва истеъмоли алфозро ба вуҷӯҳи мухталиф дар забоне аз забонҳо шинохт ва сипас забони дигар омӯхт, метавонад дар таркиби калом қавоиди якеро дар дигаре ба кор барад, чунон ки Абдулҳамиди Котиб услуби китобати худро, ки пас аз ӯ пайравони зиёде ёфт, аз форсӣ ахз намуд ва дар арабӣ ба кор бурд» [69, 51].

Муроҷиати бевосита ба осори бозмондаи Абдулҳамид, хоссатан ду рисолаи фавқуззикри ӯ, ҷиҳати таъйини мазиятҳои сабки вай фикру андешаи донишмандони мутақаддимро доир ба сарчашмаи эронии равиши нигориши нависанда таъйид мекунад. Дар ҳақиқат ҳам, нахустин падидае, ки дар расоили Абдулҳамид ба чашм мехӯрад ва онро аз мактуботи арабии пешин тафовут медиҳад, ин татвили рисола ва тафсил дар баёни матолиби он аст. Чунон ки қаблан зикр шуд, дар роҳи татвил ва басти калом қадамҳои нахустинро Абулалои Солим гузошта буд. Дар расоили Абдулҳамид ба тӯл анҷомидани ришгаи калом ба вижагии сабк табдил ёфт. Падидаи нахустини ин вижагӣ ҳаҷми тӯлонии рисолаҳо маҳсуб мешавад. Абдулҳамид дар ағлаби рисолаҳои хеш аз роҳи иҷозу ихтисор, ки хоси мактуботи пешини арабӣ буд, ба сӯи баёни муфассалу мутаввали матолиб ва риояти тасалсули мантиқӣ дар пайомади афкору андеша гаравидааст. Дар натиҷа, расоили ӯ, хоссатан рисола аз ҷониби халифа Марвон ба валиаҳди ӯ, аз тӯлонитарин рисолаҳои насри арабизабон ба шумор омадаанд. Дар мавриди тӯли рисолаҳои Абдулҳамид дар кутуби таворих санаде ҷолиб бад-ин мазмун зикр шудааст. Чун даъвати Абӯмуслими Хуросонӣ ба ҷонибдории Аббосиён ҳавохоҳони зиёде пайдо кард ва пояҳои хилофати Умавиёнро ба ларза овард, Абдулҳамид аз номи Марвон номае ба Абӯмуслим навишт, ки хеле тӯлонӣ ва сангин буд ва онро ду мард ба шутур ҳамл карданд. Абдулҳамид ба Марвон гуфт, ки номае навиштам, ки агар онро Абӯмуслим бихонад, тадбираш табоҳ гардад ва дар миёни пайравонаш хилоф афтад ва кор ба салоҳ ояд, вале агар аз хондани нома

даст кашад, ҳалокат яқин аст. Абӯмуслим, ки аз нубуғи нависандагӣ ва сеҳри қалами Абдулҳамид хабар дошт, номаро нахонда ба оташ афканд ва ба Марвон навишт: «Шамшер сатрҳои балеғро нобуд кард ва шерони беша аз ҳар ҷониб ба ту наздик мешаванд» [281,I, 50].

Амалан, рисолаҳои Абдулҳамид бо мавзӯъ ва мӯҳтавое, ки фарогири он ҳастанд, аз доира ва ҳудуди маъмулии номанигорӣ хориҷ шуда, ба сӯи китобу рисолаҳои мустақили адабӣ майл кардаанд.

Ба тӯл кашидани номаҳо ва тафсил дар ироаи матолиб дар онҳо ба се чиз мусоидат кард. Нахуст, номанигории арабизабон барои истиқбол аз мавзӯот ва матолиби пурдоманае, ки дар адабиёти тоисломии эронӣ роиҷ буд ва ифодаи онҳо басти сухан ва вусъати маҷоли тафаннунро тақозо дошт, омода гардид. Расоили Абдулҳамид, хоссатан ду рисолае, ки дар фавқ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд, аз нахустин ва беҳтарин зуҳуроти чунин омодагӣ маҳсуб мешаванд. Дар онҳо ағроз ва маоние дар пайравӣ аз осори ҳамгуни тоисломии эронӣ ба доираи шарҳу тавзеҳ кашида шудаанд, ки баёни онҳо дар маҳдудаи шеваи иҷозу ихтисор ё даст намедод ё боиси эҷоди ибҳоме дар маънӣ мешуд.

Сониян, ба тӯл кашидани номаҳо боиси ба қисмҳои мухталиф ҷудо шудани онҳо вобаста ба мавзӯъ гардид. Дар номаҳои пешини арабӣ пас аз салом дарҳол ба баёни матлаб мегузаштанд ва бо ҳамин нома ба итмом мерасид. Дар расоили Абдулҳамид қабл аз баёни матлаб муқаддимае меояд, ки он маъмулан фарогири ҳамду наъти Худованд ва шукри неъматҳои ӯ аст. Бад-ин сабаб аст, ки донишмандони қуруни вусто Абдулҳамидро ба ҳайси нависандае шинохтаанд, ки бори нахуст таҳмидотро дар номаҳояш истифода кардааст [26, II, 206]. Таҳмидот қисмате аз нома буд, ки дар он истеъдод ва маҳорати нависанда дар иборатпардозӣ ва ҳусни калом ба тамомӣ зуҳур мекард, зеро ин қисмат аз қайду шартҳое, ки ифодаи матлаби асосӣ тақозои риояти онҳоро дошт, озод буд. Дар таъйиди ин нукта метавон ба яке аз таҳмидоти Абдулҳамид ишора кард, ки он дар оғози фатҳномаи ӯ ҷой дорад. Барои он ки

боризтарин хусусиятҳои таҳмидоти Абдулҳамид аён бошад, онро ба таври шикаста, бо риояти ҳудуди таркибот ва ҷумлаҳо меорем:

الحمد لله العلی مکانه،
المنیر برهانه،
العزیز سلطانه ،
الثابته کلماته ،
الشافیة ایاته،
الذی قدر علی خلقه بملکه،
و عز فی سماواته بعظمته،
و دبر الامور بعلمه،
و قدرها بحکمه علی ما یشاء من عزمه ،
مبتدعا لها بانشائه ایاها،
و قدرته علیها و استصغار عظمها،
لا تجري الا علی تقدیره،
و لا تنتهی الا علی تأجیله،
و لا تقع الا علی سبق من حتمه. [63, 214-215].

Дар ин пора аз таҳмиди Абдулҳамид вижагиҳое, аз қабили баробарӣ ва таодули фиқраҳо, ҳамоҳангии иборот, тародуфи таркибот, такрор ва таъкид, ки ба таҳмидот ва ба таври умум ба расоили вай хос аст, намудор мебошанд.

Овардани таҳмидот дар оғози нома ба қавли М.Муҳаммадӣ, «дар миёни аъроб на дар ҷоҳилият ва на дар садри ислом маъмул набуд» [294, 346]. Бар акси ин, иншои муқаддамоти муфассал ба ҳамон сурати таҳмидоти расоили Абдулҳамид дар номаҳои девонии аҳди Сосониён расме мутадовил ва роиҷ будааст. Бино ба ақидаи Ҳусайни Хатибӣ, Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» бо тамоми таваҷҷӯҳе, ки ба иҷоз ва ихтисор дар калом доштааст, ҳини сухан аз номаҳои девонӣ ин гуна муқаддамотро ба таври фишурда ва кӯтоҳ дар қолаби шеър овардааст [238, 300]. Фузун бар ин, Байҳақӣ дар «ал-Маҳосин ва-л-масовӣ» ривоятеро нақл кардааст, ки он вуҷуди муқаддимаро дар номаҳои аҳди сосонӣ ва эҳтимоми шоҳони эрониро ба зебоӣ ва камоли ин гуна муқаддимаҳо собит мекунад. Бино ба

ривояти Байҳақӣ, Хусрави Парвиз пас аз ғалаба бар Баҳроми Чӯбин бифармуд, то дабирон фатҳномае нависанд ва хабари ин пирӯзиро ба атрофи кишвар эълом доранд. Дабирони бузурги девон ҳар як фатҳномае навиштанд, вале Хусрав муқаддимаи ҳеҷ яке аз онҳоро написандид. Пас яке аз дабирони ҷавон муқаддимаи балеғе иншо кард ва онро ба Хусрав арза дошт. Шоҳ онро биписандид ва фармуд, то ба дараҷа ва мақомаш афзуданд [238, 300-301].

Бо таваҷҷӯҳ ба ин ривоят метавон ба бардоште расид, ки таҳмидоти номаҳои Абдулҳамид истиқбол аз ҳамин суннати номанигории тоисломии эронӣ ва идомаи он дар қолаби расоили арабизабон аст. Пайравӣ аз ин суннати дерин ҳангоме муяссар гардид, ки Абдулҳамид ва қабл аз вай устодаш – Абулалои Солим дар номанигорӣ осори тоисломии эрониро сармашқи кори худ қарор доданд ва ба тафсилу иборатпардозӣ дар баёни матолиб рӯй оварданд.

Солисан, ба тӯл анҷомидани риштаи калом дар номаҳои Абдулҳамид заминае барои зуҳури завқи ҳунарӣ дар расоили арабизабон фароҳам овард. Мусаллам аст, ки дар доираи иҷозу ихтисор, ки номанигории араб қабл аз Абдулҳамид пойбанди он буд, маҷол барои тафаннун ва изҳори ҳунари нависандагӣ хеле маҳдуд буд. Донишманди маъруфи араб Анис ал-Мақдисӣ дар таҳқиқоти гаронмояи хеш доир ба рушди услубҳои наср дар адабиёти арабизабон таъкид бар он доштааст, ки басти калом ва иборатпардозиҳо дар назди аъроб то замони нуфузи услуби дабирони эронинажод дар қаламрави насри арабизабон шинохта набудааст, зеро аъроб ба тақозои зиндагии содаву дур аз такаллуфи хеш дорои насри сода ва холӣ аз ҳар гуна перояи лафзӣ будаанд [298, 86]. Бар хилофи ин, дар Эронзамини тоисломӣ бар асари ривоҷи фарҳанг ва тамаддуни шаҳрнишинӣ, такаллуфот ва таҷаммулоти дарбори шоҳон аз насри номаҳои девонӣ низ ҷамоли лафз, перояи калом ва ҳусни зоҳири номаҳо талаб карда мешуд. Ба ин маънӣ М.Муҳаммадӣ бо такя ба таҳқиқоти А.Кристенсен «Эрон дар замони Сосониён» навиштааст, ки «дар Эрони

сосонӣ нависандагӣ ҳунаре ба шумор мерафт ва нависанда муваззаф буд, ки дар зебоии муншаоти худ саъйи балеғ мабзул дорад ва аз усуле, ки барои ин фан вазъ шуда буд, пайравӣ намояд» [294, 345].

Ривояте, ки чанде қабл аз Байҳақӣ нақл гардид, низ гувоҳ бар он аст, ки мурооти зебоии калом ва тафаннун аз шартҳои номанигории тоисломии эронӣ маҳсуб мешудааст.

Бино бар аснод ва шавоҳиде, ки зикр гардид, метавон истинбот кард, ки дар Эронзамини тоисломӣ нависандагӣ ҳунар ва наср, аз ҷумла насри номаҳо мазҳари завқи ҳунарӣ буд. Яке аз хидматҳои Абдулҳамид он буд, ки ӯ ба кор гирифтани завқи ҳунариро дар расоили арабизабон ба ҳамон равиши маъмул дар насри форсӣ ба ҳукми суннат даровард ва нависандагиро ба ҳунаре табдил дод, ки он ба табақаи махсуси дабирон ихтисос ёфт ва тадриҷан расму русум ва қавоиди мувофиқ бо муҳити исломӣ ва созгор бо зарфияти забони арабиро пайдо кард.

Ҳамин тариқ, басти калом ва тафсил дар ироаи матолиб, ки аз боризтарин вижагиҳои сабки нигориши Абдулҳамид маҳсуб мешаванд, ба омодагии насри арабизабон ба қабули ағроз ва матолиби эронӣ, тақсим шудани нома ба аркони мухталиф, дар оғози он ҷойгузин шудани таҳмидот ва мунтаҳо ба зуҳури завқи ҳунарӣ дар насри арабизабон мусоидат карданд. Ин се амр, ки моҳиятан идомаи анъанаҳои насри тоисломии эронӣ дар осори Абдулҳамид мебошанд, муҳимтарин абъод ва аркони таҳаввулеро, ки дар насри арабизабон ба василаи эҷодиёти ӯ ва нависандагони дигари эронинажод падид омад, таъйин карданд.

Масъалаи сабки расоили Абдулҳамид ва сармашқи кори ӯ дар оини нигориш диққати ағлаби муҳаққиқонро ба худ ҷалб карда, мӯҷиби ба миён омадани назарҳои мухталиф гардидааст. Иддае аз муҳаққиқон, аз қабили Аҳмад Амин [230, 123], Ҷирҷӣ Зайдон [252, III, 490], Ҳусайни Хатибӣ [238, 104-113], М.Муҳаммадӣ [294, 343-347] ва дигарон бар онанд, ки Абдулҳамид на танҳо дар матолиб ва мавзӯоти расоили хеш, балки дар сабки нигориш низ аз шеваҳои номанигории тоисломии эронӣ пайравӣ ва

тақлид кардааст. Назаре дигар ба Таҳа Ҳусайн тааллуқ дорад, ки ӯ дар сабку услуби расоили Абдулҳамид ва матолиби номаи вай ба валиаҳди халифа Марвон таъсири юнониро дида ва пайравиву истиқболи нависандаро аз суннатҳои номанигории тоисломии эронӣ нодида гирифтааст [267, II, 440-444]. Назари сеюм ба Анис ал-Мақдисӣ [298, 40-42], Шавқӣ Зайф [265, 117-118] ва дигарон хос аст, ки онҳо бо эътирофи таъсирпазирии Абдулҳамид аз фарҳанги эронии тоисломӣ дар маонӣ ва матолиби рисолаҳояш шеваи нигориши ӯро муртабит бо сабки насри пешини арабӣ донистаанд. Муҳаққиқони мазкур дар ин маврид чунин далел пеш гузоштаанд, ки ба сабки Абдулҳамид ҳамоҳангии таркибот, яъне тавозун хос аст, сабки мутавозин бошад, дар насри арабӣ бесобиқа нест. Воқеан ҳам, дар осори мансури пешини араб, хоссатан хутбаҳои садри ислом падидаҳои сабки мутавозин ба чашм мерасанд (ниг.: [265, 105-113]), вале гап танҳо дар сари ба кор гирифтани тавозун намеравад. Сабки Абдулҳамид маҷмӯи падидаҳои ҳунарист, ки дар куллиёт ва мабонӣ барои насри арабӣ чизи нав буд ва аз ин ҷост, ки Абӯҳилоли Аскарӣ ва донишмандони дигари гузаштаву муосир ин сабкро ибдоъ ва ихтирои Абдулҳамид донистаанд ва бо таваҷҷӯҳ ба нажоди эронӣ ва вуқуфи комили ӯ бар осори тоисломии эронӣ онро дунболаи шеваи нигориши паҳлавӣ арзёбӣ кардаанд [69, 51].

Ҷоиз ба таъкид аст, ки шеваи насри паҳлавӣ, хоссатан андарзномаҳо, бино ба пажӯҳиши муҳаққиқон, дорои хусусиятҳое аст, ки метавон миёни онҳо ва боризтарин мазиятҳои сабки расоили Абдулҳамид хатти мувозӣ кашид. Аз ҷумла, яке аз муҳаққиқони маъруфи андарзномаҳои паҳлавӣ Э.Фихтнер ба ҳамоҳангӣ ва мавзунии таркибот, такрори иборотӣ мушобеҳ ва воҳидҳои луғавии ҳамгун дар охири ҷумлаҳо, ки хоси андарзномаҳо буда, ба пайдоиши қофия сабаб мешаванд, ишора кардааст [7, 14]. Ҳамин гуна хусусиятҳои услубиро дар расоили Абдулҳамид низ метавон ташхис дод, чунончи:

و اعلم ان كل اهوائك لك عدو،

يحاول هلكتك،
ويعترض غفلتك،
لانها خدع ابليس،
و خواتل مكره ،
و مصايد مكيدته،
فاحذرها مجانبالها،
و توقها محترسا منها. [71,X,197].

Ин пора, ки мо онро ба хотири таъкиди ҳамоҳангиву тавозуни фиқраҳо ва нишон додани навъе аз қофия дар охири таркибот ба таври шикаста зикр кардем, воқеан шеъргунаеро мемонад, ки дар он ҷамоли лафзу оҳанг ва тафаннун ҳувайдо аст.

Мушобиҳату ҳамгунӣ миёни шеваи нигориши осори паҳлавӣ ва сабку услуби расоили Абдулҳамид далел бар он аст, ки дабири номвари аҳди Умавиён шеваи нависандагии хешро аз насри тоисломии эронӣ иқтибос кардааст. Дар таъйиди ин нукта М.Муҳаммадӣ роҳи дигареро пеш гирифта ва ба сабки тарҷумаи пораҳое аз осори паҳлавӣ, ки дар мутуни арабизабони қуруни нахустини исломӣ боқӣ мондаанд, мутаваҷҷеҳ гардидааст. Ӯ ба бардоште расидааст, ки «аз ҷумлаи мазоёе, ки дар онҳо (яъне тарҷумаҳо) дида мешавад, яке таодули фиқрот ва ҳамоҳангии иборот ва дигар касрати атф ва тародуф аст» [294, 348]. Ба тахмини муҳаққиқи мазкур, агар вижагиҳои услубиро, ки дар тарҷумаҳои арабии осори тоисломии эронӣ дида мешаванд, инъикосе аз сабки паҳлавӣ ва намунае аз фунуни адабии хоси он бишуморем, пас бояд бипазирем, ки «таодули фиқрот ва ҳамоҳангии ҷумалот, ки асоси услуби мутавозин аст, дар фанни нависандагии Эрон ҳам яке аз маҳосини баёнӣ ба шумор мерафта» [294, 348].

Ҳақиқат доштани тахмини муҳаққиқи мазкурро натоиҷи пажӯҳиши Э.Фихтнер, ки қаблан бар он ишора рафт, тасдиқ мекунад. Аз ҷониби дигар, метавон бар ин афзуд, ки осори паҳлавӣ ба забони арабӣ аз ҷониби мутарҷимони эронӣ баргардон шудаанд. Ҳангоми тарҷума онҳо хоҳу нохоҳ таҳти таъсири вижагиҳои фаннии матни аслӣ қарор гирифта буданд

ва агар сабки тарҷумаи арабии он матнҳо ба шеваи нигориши Абдулҳамид, ки сабке бадеъ ва тоза дар насри арабӣ эътироф шудааст, мушобеҳ бошад, пас мусаллам аст, ки ҳам сабки расоили Абдулҳамид ва ҳам шеваи тарҷумаҳои арабии мутуни паҳлавӣ аз як сарчашма шодоб шудаанд ва ин сарчашма яқинан фанни насрнависии тоисломии эронӣ аст. Дар таъйиди ин нукта ду пораи матнро: яке аз тарҷумаи осори паҳлавӣ ва дигаре аз рисолаи Абдулҳамид ба валиаҳди Марвон, рӯи ҳам мегузорем, то мушобиҳати онҳо ба зуҳур ояд:

1. Порае аз тарҷумаи насиҳати Хусрави Парвиз ба дабираш, ки онро Ибни Қутайба аз «Тоҷнома»-и паҳлавӣ нақл кардааст [29, I, 88]:

و قارب الناس مجاملة عن نفسك
و باعد الناس مشايحة من عدوك
و اقصد الى الجميل ادراعا لغدك
و تحصن با لعفاف صونا لمرؤتك
و تحسن عندى بما قدرت عليه من حسن.

2. Порае аз рисолаи Абдулҳамид ба валиаҳди Марвон [71,X, 208]:

هذه جوامع خصال
قد لخصهالك امير المؤمنين مفسرا
و جمع لك شواذها مؤلفاً
و اهداها اليك مرشداً
فقف عند اوامرها
و تناه عن زواجرها
و تثبت فى مجامعها.

Ҳамин тариқ, дар фарҷоми сухан аз осори Абдулҳамид ба таври хулоса бояд зикр кард, ки ин нависандаи бузург бо ворид кардани аносири маънавиву шаклии осори тоисломии эронӣ ба насри арабизабон пояҳои таҷаддуди онро устувор кард, шеваеро дар нависандагӣ ибдоъ намуд, ки дар он дастовардҳои завқи ҳунарии эронӣ бо зарфияту имконоти баёнии забони арабӣ ва фикру андешаи исломӣ дар беҳтарин ваҷҳ инсиҷом ёфт. Бар асари ин буд, ки расоили Абдулҳамид барои пасовандон намунаи олии ҳунари нигориш ва огоҳӣ аз онҳо барои дабирону нависандагон мояи ғурур ва ифтихор маҳсуб мешуд. Бесабаб нест, ки алломаи араб Ҷоҳиз аз

мавқеи асабиййати арабии хеш нависандагони замонашро барои он мазаммат кардааст, ки онҳо омӯхтану ривоят кардани расоили Абдулҳамидро дар радифи андарзҳои Бузургмеҳр, аҳдномаи Ардашер, осори Ибни Муқаффаъ, китоби «Калила ва Димна» ва ғайра аз асосҳои фанни нигориш ба шумор меовардаанд [52, 42].

Шӯҳрати Абдулҳамид ва камоли ҳунари ӯ мавриди эъҷобу ситоиши шуарову удабои адвори баъдӣ қарор гирифт. Эшон шеваи нависандагии Абдулҳамидро милок ва меъёри балоғат ба шумор овардаанд ва қудрати қалами хеш ё мамдӯҳонашонро дар муқобалаву муқояса бо балоғати Абдулҳамид арзёбӣ кардаанд. Чунончи, яке аз шуарои тавонои араб Бӯҳтурӣ (822-897) ҳамин равишро дар яке аз қасидаҳои хеш пеш гирифтааст:

و تفننت فی البلاغة حتی عطل الناس فن عبد الحمید

(Яъне: дар балоғат он қадар соҳибҳунар гаштам, ки мардум бо таваҷҷӯҳ бар он аз шеваи Абдулҳамид даст кашиданд).

Ё худ шоири маъруфи арабизабон Ибни Румӣ (836-896) ҳунарпарварии мамдӯҳи худро дар китобат ба тариқи зер собит кардааст:

لو ان عبد الحمید الیوم شاهده لکان بین یدیه مذعنا وسنا

(Яъне: агар имрӯз Абдулҳамид ҳунари ӯро мушоҳида мекард, дар баробари ӯ мутеъву хомӯш мемонд).

Мақом ва манзалати рафеи Абдулҳамидро дар поягузории насри арабизабон иборати зерин, ки дар кутуби адаби арабӣ аз он ба касрат ёд мешавад ва ҳукми зарбулмасалро ба худ гирифтааст, дар беҳтарин ваҷҳ инъикос мекунад: «Футиҳат-ил-китобату би Абдилҳамиди…», яъне «нависандагӣ бо Абдулҳамид оғоз ёфт». Дар ҳақиқат ҳам, Абдулҳамид бо расоили хеш ба насри фаннии арабизабон ибтидо гузошт, ки ин ибтидо бо таваҷҷӯҳ ба иртиботи Абдулҳамид ба фарҳангу адаби тоисломии эронӣ дар айни замон давоми суннатҳои насри паҳлавӣ дар муҳити исломӣ маҳсуб мешавад.

Боби II

Наҳзати тарҷумаи насри паҳлавӣ ба арабӣ дар қарнҳои VIII-IX

II.1. Омилҳои густариши наҳзати тарҷума

Ба ислом ва ҷаҳоншиносии нави ваҳдонӣ рӯй овардани аксарияти мардуми Эронзамин, аз саҳнаи таърих хориҷ шудани зардуштия ва соири мазҳабҳои маҳаллӣ, ҷойгузини хатти паҳлавӣ гардидани расмулхатти арабӣ, тасаллути забони арабӣ дар паҳнаи эҷоди адабиву илмӣ дар баробари сукути иҷбориву муваққатии забонҳои эронӣ дар қарнҳои VIII-IX аз умдатарин таҳаввулоте буданд, ки пас аз истилои араб дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавиву фарҳангии халқҳои эронӣ сурат гирифтанд. Бар асари чунин таҳаввулот риштаи инкишофи мӯътадилу муқаррарии забону адаб ва фарҳанги Эронзамин гусаста шуд ва ҳастии маънавии он дар дами вартаи нобудӣ қарор гирифт. Дар ин шароити таърихӣ роҳи ягонаи наҷоти адабу фарҳанг ва тамаддуни Эронзамин аз ин вартаи нобудии маънавӣ дар тағйири хатти сайри мӯътоди он буд, ки ба василаҳои зерин бояд сурат мегирифт:

1. Ворид кардани арзишҳои адабу фарҳанги тоисломӣ ба матну батни тамаддуну ҷаҳоншиносии нави исломӣ.

2. Созгору ҳамнаво кардани суннатҳои адабу фарҳанги тоисломӣ ба муҳити нави исломӣ.

3. Рангу рӯҳи эронӣ бахшидан ба адабу фарҳанги арабизабон, ки дар партави ҷаҳоншиносии исломӣ шакл мегирифт.

Қадами нахустин дар ин ҷодаи растагории маънавӣ, ки дар мунтаҳои хеш бояд тадовуми адабу фарҳанги Эронзаминро таъмин мекард, тарҷумаи осори мактуби тоисломии эронӣ ба забони арабӣ буд. Бо дарки ин ҳақиқат ва зарурати таърихӣ намояндагони аҳли адабу фарҳанг ва илми Эронзамин ба тарҷумаи муҳимтарин осори тоисломии эронӣ ба забони арабӣ пардохтанд.

Оғози тарҷумаи кутубу расоили паҳлавӣ ба забони арабӣ ба аҳди Умавиён, аниқтараш ба замони хилофати Ҳишом ибни Абдулмалик (724-743) оид аст. Аввалин китобҳое, ки тарҷума шуданд, аз лиҳози мавзӯъву матолиб ба таърихи Эрон ва таҷрибаи кишвардории шоҳони эронӣ марбут буданд. Аз ҳамин зумра аст тарҷумаи китобе дар ҷуғрофиёи Эрон аз паҳлавӣ ба арабӣ, ки ба қалами яке аз нахустин дабирон ва мутарҷимони эронии Хилофат Зодонфаррухи Каскарӣ (ваф.701) таалluқ дошт. Тарҷумаи китоби мазкур аз байн рафтааст, вале ба шарофати Ибни Фақеҳ, ки дар «Китоб ул-булдон»-и хеш борҳо тарҷумаи Зодонфаррухро мавриди истинод қарор додааст, пораҳо ва матолибе аз он имрӯз дар даст аст [27, 209-211].

Дар радифи нахустин осоре, ки ба арабӣ тарҷума гардид, ҳамчунин бояд китоби бузургеро доир ба таърихи шоҳони сосонӣ мавсум ба «Китоб ус-сувар», ки онро Масъудӣ дар Исфаҳон дида буд, зикр кард. Китоб тасвири 27 тан аз шоҳон, корнома ва панду андарзҳои эшонро дар бар мегирифт ва, бино ба ишораи Масъудӣ, дар нимаи ҷумодиюлохири соли 113/731 барои Ҳишом ибни Абдулмалик аз порсӣ ба арабӣ нақл гардида буд [79, 99]. Бо таваҷҷӯҳ ба санаи мазкур метавон ҳадс зад, ки ин китоб аз нахустин тарҷумаҳо аз паҳлавӣ ба забони арабӣ ба шумор меояд.

Интиқоли зимоми хилофат аз сулолаи Умавиён ба дудмони Аббосиён дар доман густурдани ҳаракати тарҷума ба таври умум ва баргардони осори мансури паҳлавӣ ба арабӣ хоссатан нақши созгор ба ӯҳда дошт. Хирадгароӣ ва тамоюл ба илму дониш, дастгирӣ аз рушди адаб ва фарҳанг, ки аз мазиятҳои боризи сиёсати давлат дар аҳди хулафои аббосӣ, ба вижа дар сад соли аввали ҳукмфармоии ин хонадон маҳсуб мешуд, боиси равнақи бозори тарҷума ва фароҳам омадани муҳити доду ситади фикриву маънавӣ дар қаламрави Хилофат гардид. Дар натиҷа, сели азими китобу рисолаҳои паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума шуд ва дар муҳити доду ситади фарҳангӣ мавриди ҳусни қабул ва пайравӣ қарор гирифт. Як назари ом(м) ба вусъати ҳаракати тарҷума дар он даврон собит мекунад, ки аз солҳои

сиюми асри VIII то солҳои сиюми асри IX тақрибан ағлаби дастовардҳои фикру қариҳаи халқҳои ориёӣ ба забони арабӣ тарҷума гардид. Бино бар ин, марҳалаи мазкурро дар таърихи насри форсу тоҷик метавон ба «асри тарҷума» номзад кард.

Ба вусъати ҳаракати тарҷума ангеза ва омилҳое таъсир доштанд, ки ишораи мухтасар ба онҳо ҷиҳати дарки беҳтари моҳият ва мӯҳтавои ин ҳаракати маънавӣ зарур аст.

Нахустин, балки асоситарин ангезаи тарҷумаи осори тоисломии эронӣ ба забони арабӣ ин талоши аҳли шуубия – дабирону нависандагони эронинажод бар ҳифзу эҳёи адабу фарҳанги ниёгонашон буд. Намояндагони наҳзати шуубия дар садади он буданд, ки фиқдони қудрати Эронзаминро дар саҳнаи сиёсату мазҳаб бо пирӯзии маънавияту рӯҳонияти он дар майдони илму дониш ва фарҳанг ҷуброн кунанд. Таассуби эронгароёнаи мутарҷимону адибони шуубимазҳаби эронӣ баъзан онҳоро, чунон ки дар бахшҳои баъдӣ хоҳем дид, ба инкори ҳама гуна фазилат дар аъроб ва ифрот дар тафзили Аҷам водоштааст, вале агар ба ин масъала ба таври куллӣ назар андозем, пас аён мегардад, ки аҳли шуубия бо тарҷумаҳо аз паҳлавӣ ба арабӣ на танҳо аз хидматгузорони адабиёти форсу тоҷик буданд, балки барои ғаномандии адабиёт, аз ҷумла насри арабизабон низ хидмати шоиста ба анҷом расонидаанд.

Омили дигаре, ки дар вусъати тарҷума аз паҳлавӣ ба арабӣ нақши зоҳир дошт, ин кӯшиши посух гуфтан ба ниёзҳои фикрӣ ва ҳунарии замон ва ҷомеа аст. Ҳамчунон ки зикр шуд, аъроб дар кишвардорӣ ва умури идорӣ собиқа ва таҷрибаи кофӣ надоштанд. Аз ин рӯ, хулафо ва зимомдорони давлат ба андӯхтаҳои халқҳои эронӣ дар боби тадбири мулк ва сиёсат ниёз доштанд, то онро сармашқи кори худ қарор диҳанд. Ҷоҳиз ниёзе, ки дар ҷомеаи исломии он даврон ба таҷрибаи кишвардории Эронзамини тоисломӣ вуҷуд дошт, чунин тавсиф кардааст: «Бояд аз шоҳони Эрон оғози сухан кунем, ки пешгоми ин кор буданд ва мо қавонини ҳукумат ва кишвардориро аз онҳо гирифтем ва чигунагии идораи мардум ва интизоми табақоти хавосу авом ва водоштани ҳар табақаро ба

кори худ аз онон омўхтем» [51, 23-24]. Ҳамин ниёзи сиёсиву фарҳангӣ буд, ки боиси ба миён омадани тарҷумаҳои осори мутааддиди тоисломӣ дар боби сиёсату одоби кишвардорӣ гардид. Ё худ бо рушди ҷомеа ва танаввўи мўҳтавои ҳаёти адабиву фарҳангии он ниёз ба навъҳо ва қолабҳои ҷадиди ифода, ки онҳо дар адабиёти пешини араб собиқа надоштанд, зуҳур кард. Тарҷумаи андарзномаву пандномаҳои паҳлавӣ, корбасти асолиби номанигории тоисломии эронӣ дар насри тарассули арабизабон, баргардони «Калила ва Димна» ва қиссаҳои дигар аз забони ҷонварон кўшиши посух гуфтан ба ҳамин ниёзҳои маънавии ҷомеа ба шумор меояд.

Омили дигари густариши тарҷума дастгирӣ ва тақвияти он аз ҷониби хулафо ва вузарои Хилофат аст. Ба шаҳодати манобеи адабиву таърихӣ, нахустин хулафои аббосӣ ба осори маънавии эронӣ, юнонӣ, ҳиндӣ ва соири халқҳо рағбат ва таваҷҷўҳ доштанд ва аҳли илму адабро ба тарҷумаву нақли он ташвиқ ва таҳрик мекарданд. Муҳаммади Fуфронӣ таваҷҷўҳи хулафоро ба тарҷума «гароише омм» номида ва оғози ин гароишро ба замони халифаи аббосӣ Мансур (754-776) нисбат додааст [276, 35].

Дар замони Ҳорунаррашид (776-809) дар Бағдод китобхонае бо номи «Дор ул-ҳикма» таъсис ёфт, ки дар он дар баробари ҳифзи кутуб ба кори тарҷумаву таълиф низ мепардохтанд. Ин амр дар замони хилофати Маъмун (813-833) ривоҷи тамом пайдо кард. Халифаи мазкур дар Бағдод нахустин муассисаи исломии тарҷумаву таълифро бо номи «Байт ул-ҳикма» ё «Хизонат ул-ҳикма» таъсис дод, ки он дар айни замон маркази таҷаммўи нависандагону мутарҷимон ва нассохону саҳҳофони эронӣ буд.

Мутарҷимону адибони эронӣ дар фаъолияти «Байт ул-ҳикма» нақши корсозро бар ўҳда доштанд. Аз ҷумла, Саҳл ибни Ҳорун ва Салм, ки сухан роҷеъ ба онон дар пеш аст, солҳо ҳамраисони ин муассиса буданд ва ба шумули мутарҷимони осори паҳлавӣ ворид ҳастанд [292, 121-122]. Ҷирҷӣ Зайдон ҳамин мақом ва манзалати донишмандони эрониаслро дар фаъолияти тарҷумаву таълифи «Байт –ул-ҳикма» ба назар гирифта, чунин нигоштааст: «Байт ул-ҳикма» ба дасти эрониён таъсис шуд ва ба дасти

онон идора мешуд ва касоне, ки ба он ҷо омадушуд доштанд, бештарашон эронӣ буданд ва бештарашон шуубӣ буданд» [252, III, 632].

Дар доман густурдани наҳзати тарҷума аз форсӣ нақши вазирони Хилофат, ки аксаран эрониасл ва эронгаро низ буданд, хеле бузург аст. Намунаи беҳтарини ташҷеи тарҷума ва майл ба эҳёи мероси тоисломии Эронзамин ҳамоно фаъолияти вазирони маъруф аз хонадони Бармакиён маҳсуб мешавад. Муҳаққиқи араб Исо ал-Окуб талош ва ғайрати Бармакиёнро дар зинда кардани мероси маънавии эронӣ ва ба кори тарҷумаи он таҳрик кардани мутарҷимонро чунин хулоса кардааст: «Бармакиён ҳар касро, ки тавони анҷоми хидмате ба фарҳанги Эрон ва мероси сосонӣ дошт, гирди худ ҷамъ мекарданд» [269, 103].

Ангезаи дигари равнақи бозори тарҷума ва доду ситади фарҳангиро дар давраи мавриди назар метавон чун омодагии тамаддуни навтаъсиси исломӣ ба қабули дастовардҳои нубуғи адабиву фарҳангӣ ва илмии халқҳои мухталиф арзёбӣ кард. Фарҳангу тамаддуни ҷадиди исломӣ маҳсули пайванду омезиши нерӯву тавоноии маънавии халқҳои мухталиф дар партави ҷаҳоншиносии ваҳдонӣ маҳсуб мешавад. Тааммул бар номгӯи китобу рисолаҳое, ки дар қарнҳои VIII-IX ба забони арабӣ нақл гардид, далел бар он аст, ки дар таквини тамаддуни муштараки исломӣ ба ғайр аз мероси арабӣ осори фикрии эронӣ, ҳиндӣ ва юнонӣ ҳар яке дар бахшҳои хосе таъсир гузоштаанд. Чунончи аз забони юнонӣ асосан кутуби фалсафӣ, тиббӣ ва риёзӣ, аз ҳиндӣ бештар осори тиббӣ, нуҷумӣ ва риёзӣ ба арабӣ тарҷума шуда ва дар ҳамин заминаҳо бар тамаддуни арабӣ-мусалмонӣ нуфуз пайдо кардаанд. Адабиёту фарҳанги тоисломии эронӣ яке аз пояҳои асосӣ ва рукнҳои созанда дар ташаккули тамаддуни арабӣ-мусалмонӣ маҳсуб мешавад. Осоре, ки аз паҳлавӣ тарҷума гардид, бештар ба соҳоти таърих, адабиёт, сиёсат, кишвардорӣ, нуҷум, баъзе аз риштаҳои тиб ва ғайра марбут буд ва дар бахшҳои зиндагии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабии Хилофат таъсир ва нуфуз дошт. Ба қавли М.Муҳаммадӣ, «дар асре, ки адабиёти араб густариш меёфт, адаб ва фарҳанги эронӣ муҳимтарин адаб

ва фарҳанги хориҷӣ буд, ки бо он пайванд ёфт. Ба иборати дигар, эрониён ҳам худ соҳибони осори фикрӣ ва ҳам тарҷумакунандагони он осор ба арабӣ ва ҳам бавуҷудоварандаи назоири онҳо дар арабӣ будаанд» [294, 136].

Ҳамин тариқ, ангеза ва омилҳои фавқуззикр мавҷи тарҷумаи осори мансури паҳлавиро ба арабӣ тақвият бахшида, боиси ба тарҷумаву нақл рӯй овардани на танҳо мутарҷимони ҳирфаӣ, балки номовартарин адибону нависандагони эрониасли қарнҳои VIII-IX гардиданд.

II.2. Мутарҷимони осори паҳлавӣ

Муҳимтарин ва ҷомеътарин маъхазе, ки он номи иддае аз мутарҷимони осори мансури паҳлавӣ ва ановини баъзе аз китобу рисолаҳои тарҷумакардаи онҳоро дар бар гирифтааст, китоби «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим маҳсуб мешавад. Дар ин асар дар бахши «Номи мутарҷимон аз форсӣ ба арабӣ» номи 16 тан ва дар соири бахшҳо номи 4 тани дигар зикр шудааст [86, 134, 303, 305]. Ба ҷуз аз «ал-Фиҳрист», дар манобеи дигар низ номи иддае аз мутарҷимони осори паҳлавӣ зикр шудааст. Дар ин радиф бояд аз «Мӯъҷам ул-удабо»-и Ёқути Ҳамавӣ, «Ҷовидон хирад»-и Мискавайҳи Розӣ ва ғайра ёдовар шуд, ки номгӯи мутарҷимони мазкур дар «ал-Фиҳрист»-ро бо номҳои ҷадид такмил додаанд. Дар иртибот бо тарҷумаи «Худойнома»-и паҳлавӣ номи чанд тан аз мутарҷимони ин китоб дар «Таърих синий мулук ал-арз ва-л-анбиё»-и Ҳамзаи Исфаҳонӣ, «Муқаддимаи «Шоҳномаи Абӯмансурӣ», тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Осор ул-боқия»-и Берунӣ ва «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас»-и маҷҳулулмуаллиф зикр шудааст, ки дар бахшҳои баъдии ин рисола ба онҳо ишора хоҳад шуд.

Дар маҷмӯъ, маохизи фавқуззикр аз вусъати ҳаракати тарҷумаи осори паҳлавӣ ба арабӣ ва аз ташаккули мактаби мутарҷимони эронӣ дар қарнҳои VIII-IX паём мерасонад.

Фаъолияти намояндагони ин мактаб бозтобе аз қариҳаи адабии халққҳои эронӣ ва ҷузъе аз раванди адабии форсу тоҷик дар шароити истилои араб ва тасаллути забони арабӣ буд.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин нукот ва бо такя ба маълумоти маохизи адабиву таърихӣ ба муаррифии намояндагони мактаби тарҷумаи осори паҳлавӣ ба арабӣ мепардозем.

Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ

Ба иттифоқи донишмандони гузаштаву имрӯз, Ибни Муқаффаъ дар раъси мутарҷимони осори паҳлавӣ ва дар шумули бузургтарин нависандагони арабизабон қарор дошт. Бино ба мақоме, ки ӯ дар таърихи адабиёти арабӣ-мусалмонӣ дорад ва хидматҳое, ки ӯ ҷиҳати эҳёи мероси маънавии Эронзамини тоисломӣ ба анҷом расонидааст, рӯзгор ва осори ин адиби забардаст пайваста таваҷҷӯҳи донишмандони Шарқу Fарбро ба худ ҷалб кардааст. Дар ин замина як идда пажӯҳишҳои судманде аз ҷониби Ф.Габриэли, М.Бойс, М.Гвиди, П.Краус, К.А.Наллино, Т.Нелдеке, Д.Сурдел, Аббос Иқбол, Халил Мардамбек, Муҳаммад Салим ал-Ҷундӣ, Абдуллатифи Ҳамза, Муҳаммад Курд Алӣ, Умар Фаррух, Ҳанна ал-Фохурӣ, Муҳаммади Fуфронии Хуросонӣ, И.М.Филштинский ва даҳҳо нафари дигар ба анҷом расидааст (ниг.:[221,IV, 679-680; 203,88-96]), ки шарҳу арзёбии онҳо аз ҳавсалаи ин рисола хориҷ аст.

Бино бар он чи дар манобеи куҳан таъкид шудааст, номи форсии нависанда то даме, ки ислом наовард, Рӯзбеҳ ва куняаш Абӯамр буд [86, 132]. Рӯзбеҳ дар оилаи ашрофи эронӣ, ки дар рустои Ҷур (Фирӯзободи кунунӣ)-и вилояти Форс иқомат дошт, дар ҳудуди солҳои 722-724 ба дунё омад [86, 132; 54,148]. Номи падарашро Ибни Халликон «Додуя» (Додувайҳ?) ва Абӯалии Мискавайҳ «Додҷушнас» зикр кардаанд [23, II, 155; 83, 293]. Додуя (Додҷушнас) дар аҳди Умавиён, дар замоне ки Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф волии Ироқ буд, маъмури хироҷи Форс таъйин гардид ва барои содир кардани гуноҳе дар ҷамъи амвол мавриди шиканҷаи Ҳаҷҷоҷ қарор гирифт. Бар асари ин уқубат дасташ «муқаффаъ» шуд, яъне

хушкидагӣ пайдо кард ва худи ӯ ба ин сифат мулаққаб гашт [86, 132; 23, II, 155]. Додуя зоҳиран исломро напазируфта, ба ойини зардушту суннатҳои тоисломӣ содиқ мондааст ва писараш Рӯзбеҳро низ дар рӯҳи садоқат ва ҳусни ихлос ба ин ойину суннатҳо тарбия кардааст. Рӯзбеҳ забону адаби паҳлавиро дар Форс азбар кард ва баъдан дар Басра ва Куфа касби илм намуда, забони арабиро дар назди фусаҳои араб, аз қабили Абулҷомус ва Абулғул дар ғояти камол омӯхт ва мунтаҳо худ дар радифи даҳ тан аз балеғтарин нависандагони арабизабон ҷой гирифт [86, 140].

Рӯзбеҳ фаъолияти худро дар авохири ҳукумати Умавиён ба ҳайси дабири ҳокими шаҳри Шопур – Масеҳ ибни Ҳаворӣ оғоз карда, баъдан дар Кирмон самти дабирии волии он ҷой – Довуд ибни Язид ибни Умар ибни Ҳубайраро ба ӯҳда дошт [86, 132; 54,144]. Пас аз он ки зимоми Хилофатро дудмони Аббосиён ба даст гирифтанд, Рӯзбеҳ ба онон пайваст ва дабири амми халифаи аббосӣ Мансур (754-772) – Исо ибни Алӣ гардид. Бо исрори Исо ибни Алӣ ӯ расман ислом оварда, номи мусалмонии Абдуллоҳ ва куняи Абӯмуҳаммадро ба худ қабул кард [23, II, 151]. Вале ба ин нигоҳ накарда, ӯ ҳам дар зоҳир ва ҳам дар ботин ойинҳои эрониро парастиш мекард. Ин буд, ки саранҷом ӯ ба куфру зиндиқа муттаҳам гардид. Дар маъхазҳо «далелҳои» мухталифи зиндиқияти Ибни Муқаффаъ зикр шудааст. Аз ҷумла, ӯро ба тарҷумаи китобҳои зиёди монавӣ аз паҳлавӣ ба арабӣ, тақлиди Қуръон ва интиқоди он айбдор кардаанд [77, I, 93-95]. Ғайр аз ин китоби Қосим ибни Иброҳим ном муаллифе таҳти унвони «Китоб ур-рад ала-з-зиндиқ ал-лаъин Ибн ал-Муқаффаъ» («Китоби эътироз ба зиндиқи лаин Ибни Муқаффаъ») низ боқӣ мондааст, ки, бино ба навиштаи муаллифаш, бар зидди китоби дар ситоиши монавият навиштаи Ибни Муқаффаъ таълиф шудааст [265, 136-137].

Иттиҳоми Ибни Муқаффаъ бар зиндиқа ва монавият яке аз сабабҳои қатли ин нависандаи озодандеш гардид. Дар сарчашмаҳои куҳан сабабҳои дигари қатли Ибни Муқаффаъ, аз қабили амонномаи дар дифои Абдуллоҳ ибни Алӣ аз халифа Мансур навиштаи ӯ, ки боиси хашми халифа гардид,

ҳамчунин кинаи волии Басра – Суфён ибни Муовияи Муҳаллабӣ нисбат ба ӯ зикр гардидааст [54, 144-146; 23, II, 152-153]. Дар радифи авомиле, ки дар қатли Ибни Муқаффаъ муассир буда, аҳли таҳқиқ мӯҳтаво ва мундариҷаи «Рисолат ус-саҳоба»-и ӯро низ зикр кардаанд [221, IV, 665]. Дар ҳар ҳол, маҷмӯи сабаб ва омилҳои мазкур баҳонаи кофиро барои қатли нависанда ба ихтиёри бадхоҳону душманони ӯ вогузоштанд. Онҳо бо истифода аз ин фурсат Ибни Муқаффаъро соли 759 дар синни 36-солагӣ ба таври ваҳшиёна ба қатл расониданд, ки қиссаи он дар китоби «ал-Вузаро ва-л-куттоб»-и Ҷаҳшиёрӣ ва «Вафаёт ул-аъйон»-и Ибни Халликон нақл шудааст [54, 145-146; 23, II, 152-153].

Фаъолияти адабии кӯтоҳмуддат, вале хеле пурсамари Ибни Муқаффаъ дар ду самти асосӣ ҷараён дошт: якум, тарҷумаи осори тоисломии эронӣ ба забони арабӣ; дуюм, таълифи осор дар рӯҳ ва равияи анъанаҳои адабиву бадеии халқҳои эронӣ.

Ибни Муқаффаъ аз аввалин ва пурмаҳсултарин мутарҷимони эронӣ маҳсуб мешавад. Муаллифи «ал-Фиҳрист» тарҷумаи чунин осори муҳимми адабиву таърихии Эрони тоисломӣ, аз қабили «Худойнома», «Ойиннома», «Калила ва Димна», «Китоби Тоҷ дар сирати Анӯшервон»-ро ба қалами ӯ нисбат додааст [86, 132]. Иддае аз тарҷумаҳои Ибни Муқаффаъ дар манобеи дигар низ ба қайд омадааст. Чунончи, Масъудӣ дар «Муруҷ уз-заҳаб» аз китобҳое бо номи «Сакисарон» ва «Банкаш» (Пайкор?) ёд карда ва мутарҷими онҳоро Ибни Муқаффаъ донистааст [80, I, 190, 221]. Дар «Таърихи Табаристон» тарҷумаи «Рисолаи Тансар» аз паҳлавӣ ба арабӣ ба Ибни Муқаффаъ мансуб дониста ва тарҷумаи форсии он нақл шудааст [45, 12-41; 85, 38-39].

Дар китоби «Сифат уд-давот ва-л-қалам ва тасрифуҳо», ки нигоштаи Абулқосим Абдулазизи Бағдодии Наҳвӣ – адиби қарни IX аст, ба қалами Ибни Муқаффаъ ба ҷуз аз «Калила ва Димна» ва «Китоби Маздак» ҳамчунин тарҷумаи китобҳои «Ҳазор афсона», «Аҳди Ардашер» ва «Корванд» нисбат дода шудааст (ниг.: [36, 63]).

Аз ин тарҷумаҳо танҳо «Калила ва Димна», ки ба Ибни Муқаффаъ шӯҳрати оламгир овардааст ва «Рисолаи Тансар» дар тарҷумаи минбаъди форсӣ то имрӯз боқӣ мондаанд. Тарҷумаҳои дигари Ибни Муқаффаъ аз байн рафтаанд, вале аз онҳо, алалхусус аз «Худойнома» ва «Ойиннома», дар осори адабиву таърихии муаллифони арабизабони асрҳои миёна пораҳои мутафарриқа боқӣ мондаанд.

Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ на танҳо аз пешоҳангони ҳаракати тарҷума, балки яке аз нависандагони бузург ва поягузорони насри арабизабон низ буд. Ба қалами ӯ як идда китобу рисолаҳо, аз қабили «ал-Адаб-ал-кабир», «ал-Адаб-ас-сағир», «ал-Ятима», «Рисолат-ус-саҳоба», «ал-Адаб ал-ваҷиз ли-л-валад ас-сағир» навишта шудаанд, ки дар бораи онҳо дар боби сеюми рисола сухан хоҳад рафт.

Дар манобеи адабиву таърихӣ абёте чанд аз Ибни Муқаффаъ нақл шуда ва дар «ал-Фиҳрист» низ ба шеъру шоирии ӯ ишора рафтааст [86, 191]. Ҳамчунин ба қалами ӯ қасидае дар шарҳи моҳҳои румӣ ва боду ҳавои он моҳҳо дар 40 байт мансуб аст. Ховаршинос О.Решер қасидаи мазкурро аз рӯи нусхаи хаттие, ки дар китобхонаи Аясофияи Истамбул маҳфуз аст, ҳамроҳ бо тарҷумаи олмонии он ба чоп расонидааст [221, IV, 679].

Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ яке аз аввалин шуубиёни эронӣ буд, ки фаъолияти эҷодияш на танҳо ба нашр ва нуфузи шуубия дар Хилофат мусоидат кардааст, балки мақсад ва мароми ин ҷунбишро дар беҳтарин шаклу сиға инъикос намудааст. Агар эҳсосу ангезаи шуубии аксари шоирону адибони эронӣ дар ситоиши гузаштаи Эрон ва мазаммату таҳқири арабҳо зоҳир гашта бошад, Ибни Муқаффаъ дар посдории фарҳангу тамаддуни тоисломии Аҷам ва таъмини ҳастии он дар шароити ҳукмфармоии ислом василае нишонрастар аз онро истифода бурдааст, яъне бузургиву шаҳомати фарҳангу тамаддуни Эрони тоисломиро ӯ на бо роҳи муораза бо арабҳо, балки бо тарҷумаи бевоситаи осори тоисломӣ ва таълифи асарҳо дар рӯҳи он осор исбот кардааст.

Тарҷума ва таълифоти Ибни Муқаффаъ боиси ҳифз ва умри дубора пайдо кардани осори тоисломии эронӣ ва ривоҷи анъанаву суннатҳои гузашта дар ҷомеаи нав гаштанд. Тарҷумаи «Худойнома» аз паҳлавӣ ба арабӣ ва минбаъд яке аз сарчашмаҳои асосии «Шоҳнома» қарор гирифтани он худ далели равшани аҳамияти фаъолияти Ибни Муқаффаъ ҳамчун нависандаи шуубимазҳаб аст ва тадовуми суннатҳои осори мансури тоисломиро дар насри арабизабони қарнҳои VIII-IX ва адабиёти навини форсӣ таъйид мекунад.

Барои дарки моҳияти афкор ва маслаки шуубии Ибни Муқаффаъ ба назар гирифтани он чиз низ муҳим аст, ки ба ӯ таассуби нажодии ба баъзе шуубиён хосбуда бегона аст. Ибни Муқаффаъ ба фасоҳату балоғати забони арабӣ ва суннатҳои адабиёти ҷоҳилия қоил буд. Гузашта аз ин, ӯ ҳамчун адиби маърифатпарвар фаъолияти тарҷумонии худро танҳо бо тарҷумаи осоре, ки асли эронӣ дорад, маҳдуд накардааст, балки дар қатори он иддае аз кутуби фалсафии Юнони қадимро ба арабӣ нақл карда ва дар ошно сохтани аҳли фарҳанги Хилофат бо дастовардҳои тафаккури фалсафии Юнон низ саҳм гузоштааст. Аз миёни ин осор китоби «ал-Мантиқ»-и Ибни Муқаффаъ то замони мо расида ва рӯи чопро низ дидааст, ки он шомили «Исоғучӣ», «Қотигуриус» (Мақулот), «Бори арминос» (Китоб-ул-ибора) ва «Анолутиқо» (Қиёс) аст. Се китоби ахир ба ҳакими юнонӣ Арасту ва китоби аввал ба шогирди ӯ – Порфирий тааллуқ дорад [36,1-93]. Ин китобҳоро Ибни Муқаффаъ на аз юнонӣ, балки аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума карда, зеро ба ишораи Ибни Надим «эрониён дар қадим аз мантиқ ва тиб китобҳоеро ба порсӣ дароварда буданд, ки Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ва дигарон онҳоро ба арабӣ тарҷума кардаанд» [86, 303].

Хонадони Навбахтиён

Дар бахше аз «ал-Фиҳрист», ки ба номи мутарҷимони осори паҳлавӣ ба арабӣ ихтисос дорад, Ибни Надим «Оли Навбахт»-ро зикр карда ва «аксари онҳо»-ро аз зумраи мутарҷимон донистааст [86, 305], вале номи

эшон ва ановини кутубу расоиле, ки тарҷума кардаанд, дақиқ нанамудааст. Дар ҷойҳои дигари «ал-Фиҳрист» Ибни Надим ба чанде аз намояндагони ин хонадон ва осори онҳо ишора кардааст. Бино бар ин, навъи кутуберо, ки намояндагони ин хонадон ба тарҷумаи он ихтисос доштанд, бояд дар миёни ҳамин ишораҳо ҷустуҷӯ кард.

Навбахтиён асли обову аҷдоди хешро ба дудмони паҳлавони асотирии эронӣ Гев писари Гударз, ки ном ва пайкараш дар «Шоҳнома» низ зикр шудааст, нисбат медоданд. Ҳамин маънӣ дар яке аз мадҳияҳои шоири номвари араб Буҳтурӣ дар ҳаққи Навбахтиён таъкид шудааст [292, 138].

Намояндагони ин хонадон дар тӯли 2-3 қарн дар ҳаёти адабиву фарҳангӣ ва илмии Хилофат нақше муҳим аз худ ба ёдгор гузошта ва ба эронгароиву эрондӯстӣ маъруф гардидаанд.

Саромади ин хонадон Навбахти Аҳвозӣ дар нимаи дуюми қарни VIII ба ҳайси мунаҷҷим ва донишманди маъруфи илми нуҷум иштиҳор дошт. Манобеи куҳан ба ӯ мақоми арҷмандеро дар назди халифаи аббосӣ Мансур (754-775) қоиланд ва ширкаташро дар таъйини маҳал ва таҳияи нақшаи шаҳри Бағдод таъкид кардаанд [19,I, 67].

Навбахт ва пас аз ӯ писараш – Абӯсаҳл аз мунаҷҷимони хоси халифа Мансур буданд, ки ба илми нуҷум ва аҳкоми он таваҷҷӯҳи афзун дошт. Дар манобеъ китобе аз Навбахт ва ё тарҷумае аз ӯ зикр нагардидааст, вале шарҳи ҳоли мухтасар ва номгӯи китобҳои писари ӯ – Абӯсаҳл дар «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим ва манобеи дигар зикр шудааст. Бино ба манобеи мазкур, Абӯсаҳли Навбахтӣ дар аҳди Ҳорунаррашид (766-809) аз ҷумлаи коргузорони «Хизонат-ул-ҳикма» (Байт ул-ҳикма) буд ва дар он ба таълифу тарҷумаи китобҳо иштиғол меварзид. Дар сарчашмаҳо омадааст, ки вақте Абӯсаҳл бори нахуст ба ҳузури халифа Мансур омад, худро бо ному насаби тӯлонии форсӣ муаррифӣ кард. Талаффузи он барои Мансур гарон омад, аз ин рӯ халифа ӯро «Абӯсаҳл» номид. Аз номе, ки Абӯсаҳл барои худ зикр кард ва он ба иллати таҳриф аз аслаш дур афтодааст (ниг.: [292, 141]), метавон истинбот кард, ки ӯ то он дам ба ойини зардуштӣ содиқ

монда ва ислом наоварда будааст. Дар сарчашмаҳо барои падараш низ номи исломӣ зикр нашуда ва аҳли таҳқиқ ҳадс задаанд, ки «Навбахт» на ном, балки лақаби ӯ будааст [247,II, 177-178]. Бино ба ахбори Масъудӣ дар «Муруҷ уз-заҳаб», Навбахт низ то пайвастанаш ба дарбори Мансур зардуштӣ мондааст ва ба дасти ин халифаи аббосӣ ислом овардааст [80, II, 695-696]. Ибни Надим бо таъкиди он, ки Абӯсаҳл «тарҷумаҳое аз форсӣ ба арабӣ дорад ва пояи дониши ӯ бар китобҳои эрониён аст», номгӯи китобҳои ӯро бад-ин тарз зикр кардааст:

1. Китоб ан-Наҳамтон (Наҳмутон?) фи-л-маволид. 2. Китоб ал-фаъл ан-нуҷумӣ. 3. Китоб ул-маволид. 4. Китоб таҳвил синий ал-маволид. 5. Китоб ул-мадхал. 6. Китоб ут-ташбиҳ ва-т-тамсил. 7. Китоб ул-мунтаҳал мин ақовил ал-мунаҷҷимин фи-л-ахбор ва-л-масоил ва-л-маволид ва ғайра [86, 333].

Ибни Надим дақиқан таъйин накардааст, ки кадоме аз кутуби мазкур тарҷума ва кадоме аз таълифоти Абӯсаҳл аст, вале аз ишораи ӯ ба он, ки Абӯсаҳл тарҷумаҳо аз форсӣ дорад ва пояи илмаш бар китобҳои эронӣ устувор аст, чунин бармеояд, ки ағлаби китобҳои мазкур ё тарҷума аз паҳлавӣ ҳастанд ва ё бо истифода аз маохизи куҳани эронӣ навишта шудаанд. Ин нуктаро ҳадди ақал китоби аввали Абӯсаҳл, яъне «Китоб ан-Наҳамтон фи-л-маволид» ба ду далел таъйид мекунад. Далели аввал ин аст, ки номи аслии китоби мазкур, яъне «ан-Наҳамтон», ба эҳтимоли қавӣ, номи форсии китоб буда, бар асари таъриб ва таҳриф пай бурдан ба асли он ғайриимкон гардидааст. Дар қуруни нахустини ислом бо вожаҳои куҳани форсӣ маъмулан китобҳое номгузорӣ мешуданд, ки ё тарҷумаи мустақими осори тоисломии эронӣ буданд ва ё бо истифодаи фаровон аз он осор таълиф шудаанд. Дар боби сеюми ин рисола ба чанде аз китобҳои Алӣ ибни Убайдаи Райҳонӣ ишора хоҳад шуд, ки ановини форсӣ доранд ва мӯҳтавояшон низ аз матолиби эронӣ фароҳам омадааст. Дар ин қиёс метавон ҳадс зад, ки китоби «ан-Наҳамтон» низ, агар тарҷума аз паҳлавӣ набошад, пас бозгӯи китоби куҳани эронӣ дар илми нуҷум аст. Далели

дигар он аст, ки Ибни Надим дар оғози фанни аввал аз мақолаи ҳафтуми «ал-Фиҳрист», ки «муштамил бар ахбори фалосифа, улуми бостонӣ ва китобҳое, ки дар ин бора тасниф кардаанд», порае нисбатан тӯлонӣ аз китоби «ан-Наҳамтон»-и Абӯсаҳли Навбахтӣ иқтибос кардааст. Дар пораи мазкур сухан аз таърихи улум, хоссатан илми нуҷум меравад. Абӯсаҳл бо таваҷҷӯҳ ба марҳалаҳои рушди улуми қадима аз даврони кишвардории Ҷамшед, Заҳҳок, Доро, харобкориҳои Искандар дар Эрон, ба салтанат расидани Ардашери Бобакон ва аз Ҳинду Чину Рум ҷамъ овардани анвои донишҳо аз ҷониби ӯ, дунбол намудани ҳамин равия аз ҷониби Шопур ва ниҳоятан аз саҳми Хусрави Анӯшервон дар ҷамъи кутуб ва ташвиқи уламо ба таълифу тадвини осори илмӣ ёдовар шудааст [86, 299-301]. Пораи мазкур ва матолибе, ки дар он омадааст, низ тахмини нахустро, ки «ан-Наҳамтон» китобе доир ба илми нуҷуми Эрони тоисломӣ буда ва Абӯсаҳл онро ба арабӣ нақл ва ё бозгӯй кардааст, таъйид мекунад.

Писари Абӯсаҳл – Фазл, бино бар он чӣ М.Муҳаммадӣ бо истинод ба «Табақот ул-умам»-и Қозӣ Соиди Андалусӣ навиштааст, аз ҷумлаи мунаҷҷимони маъруфи аҳди халифа Маъмун (813-833) ба шумор мерафта ва таълифоте дар илми нуҷум доштааст [292, 143].

Набераи Навбахт – Ҳасан ибни Саҳл (зоҳиран – Абӯсаҳл) ибни Навбахт низ аз паси падару ҷадди худ рафта ва дар илми нуҷум китобҳое доштааст, ки яке аз онҳо бо номи «Китоб ул-анвоъ» дар «ал-Фиҳрист» ба қайд омадааст [86, 334].

Иддае аз намояндагони хонадони Навбахтиён дар илми калом шӯҳрат ёфта ва аз мутакаллимини бузург маҳсуб мешаванд. Аз ин ҷумла яке Абӯмуҳаммад Ҳасан ибни Мӯсои Навбахтӣ (вафоташ 912-913) – писари хоҳари Абӯсаҳли Навбахтӣ аст, ки Ибни Надим дар «ал-Фиҳрист» барояш мақолаи алоҳидае тахсис дода ва навиштааст, ки «дар манзили ӯ гурӯҳе аз мутарҷимон барои тарҷумаи китобҳои фалсафа ҷамъ меомаданд… Ҳасан ба ҷамъоварии китоб рағбат дошт ва китобҳои зиёдеро шахсан нусхабардорӣ кардааст» [86, 225]. Ҳасан ибни Мӯсо дорои таълифот ва

таснифоте дар илми калом ва фалсафа будааст, ки иддае аз онҳо дар «ал-Фиҳрист» зикр шудааст [86, 225-226]. Дар миёни онҳо китобе бо номи «Ихтисор ул-кавн ва-л-фасод ли Аристолис» вуҷуд дорад, ки зоҳиран тарҷумае аз осори Арасту мебошад. Ин китоб бояд аз паҳлавӣ тарҷума шуда бошад, зеро ағлаби мутарҷимони эронӣ осори Арастуро аз рӯи тарҷумаҳои паҳлавӣ ба арабӣ даровардаанд.

Нафари дигар аз ин хонадон – Абӯсаҳл Исмоил ибни Алӣ ибни Навбахт низ аз уламои маъруф ба шумор меомад ва дар таҳкими пояҳои ин мазҳаб бар асоси қавоиди илми калом нақше бузург бар ӯҳда дошт. Ибни Надим аз маҳфиле, ки дар ҳузури ӯ бо ширкати мутакаллимон доир мегашт, ёдовар шуда ва номи беш аз 20 китобу рисолаҳои каломии ӯро зикр кардааст [86, 225].

Афроде аз ин хонадон, мисли Абӯабдуллоҳ Аҳмад ибни Абдуллоҳи Навбахтӣ ва Абулҳусайн Алӣ ибни Ҳусайни Навбахтӣ, ки дар қарни IX зистаанд, ба ҳайси дабирону нависандагон шӯҳрат доштанд ва дар айни замон шеър низ мегуфтанд. Ибни Надим ҳаҷми девонҳои шеъри онҳоро 200 варақ таъйин кардааст [86, 193, 194].

Ба ҷуз онҳое, ки дар ин ҷо зикрашон рафт, боз чанд нафари дигар аз хонадони Навбахтиён дар ҳаёти адабиву илмии Хилофат дар асрҳои IX-X ном ва осоре аз худ боқӣ гузоштаанд. Шарҳи ҳол ва зикри осори онҳоро, ки аз доираи ҳадафҳои ин рисола берун аст, метавон дар пажӯҳишҳои Аббос Иқбол ва соири донишмандон пайдо кард [227].

Ҳамин тариқ, намояндагони ин хонадони пуровозаи эронӣ дар қарнҳои VIII-IX ба тарҷумаи осори нуҷумӣ ва фалсафӣ аз паҳлавӣ ба арабӣ пардохта, дар идомаи суннатҳои насри тоисломӣ дар ин навъ осори қуруни нахустини исломӣ саҳми бориз гузоштаанд.

Мӯсо ва Юсуф – писарони Холид

Ибни Надим дар бахше аз «ал-Фиҳрист», ки номи мутарҷимони осори паҳлавиро зикр кардааст, пас аз хонадони Навбахтиён ва пеш аз Алӣ ибни Зиёди Тамимӣ, ки ба тарҷумаи осори нуҷумии паҳлавӣ ихтисос доранд,

номи Мӯсо ва Юсуф – писарони Холидро овардааст [86, 305]. Бино бар ин, К.А.Иностранцев бар он буд, ки Мӯсо ва Юсуф низ мисли хонадони Навбахтиён ва Алӣ ибни Зиёди Тамимӣ ба тарҷумаи осори нуҷумӣ иштиғол меварзиданд [138, 32]. Дар «ал-Фиҳрист» ишорае ба номи кутуб ё навъи осоре, ки писарони Холид тарҷума кардаанд, нарафтааст ва муаллиф танҳо бо иловаи он, ки «ин ду нафар дар хидмати Довуд ибни Абдуллоҳ ибни Ҳумайд ибни Қаҳтаба буданд ва барои ӯ аз форсӣ ба арабӣ тарҷума мекарданд», иктифо кардааст [86, 305]. Ҳумайд ибни Қаҳтаба, ки Ибни Надим ин ҷо зикр кардааст, яке аз сардорони аббосӣ дар ҷанг бо Умавиён буда, дар аҳди халифаи аввали аббосӣ – Абулаббоси Саффоҳ (750-754) ҳокими Миср буд. Ӯ аз ин вазифа дар аҳди халифа Мансур (754-775) маъзул гардид [23, VI, 322]. Пас, замони зиндагии набераи ӯ – Довуд ибни Абдуллоҳ, ки барои ӯ Мӯсо ва Юсуф кутубе аз паҳлавӣ тарҷума мекардаанд, бояд ба нимаи аввали асри IX мувофиқ бошад.

Дар манобеи адабиву таърихӣ доир ба Мӯсо ва Юсуф ва китобҳое, ки онҳо тарҷума кардаанд, ҳамчунин доир ба падари онҳо – Холид маълумоте дақиқ ба қайд наомадааст. Танҳо Ибни Қифтӣ дар «Таърих ул-ҳукамо»-и хеш ишорае бад-ин мазмун дорад, ки Мӯсо ибни Холид маъруф ба «ат-Тарҷумон» қисме аз «Шонздаҳ китоб»-и Ҷолинусро ба арабӣ нақл кардааст [31, 171]. Ҷирҷӣ Зайдон дар «Таърихи тамаддуни ислом» бидуни зикри маъхаз овардааст, ки «Ҳунайн ибни Исҳоқ дар замони Мутаваккил (847-861) раиси мутарҷимон гашт ва иддае аз мутарҷимон, монанди Истефан ибни Босил ва Мӯсо ибни Холид тарҷумаҳои худро барои ислоҳ ба Ҳунайн медоданд» [252, II, 562].

Ҳунайн ибни Исҳоқи мазкур аз табибони масеҳимазҳабе буд, ки дар аҳди Маъмун ба дарбори хулафои аббосӣ пайваст ва дар тарҷумаву таълифи осори тиббӣ ва табобат шӯҳрат пайдо кард. Агар Мӯсо ибни Холид бо ӯ ҳамкорӣ карда бошад, пас ин ҳамкорӣ дар заминаи тарҷумаи осоре сурат гирифтааст, ки ба илми тиб марбут буд. Осори илми тиб дар он даврон асосан аз забони юнонӣ ва сурёнӣ ба арабӣ нақл мегардид. Ҳунайн

низ кутуберо аз ҳамин забонҳо тарҷума мекард. Ибни Надим бошад, Мӯсо ибни Холидро дар радифи мутарҷимон аз паҳлавӣ ба арабӣ зикр кардааст. Дар баробари чунин таноқуз, метавон ду тахминро пеш овард: якум, Мӯсо забони юнонӣ ё сурёниро медонист ва кутуби Ҷолинусро аз ҳамин забонҳо тарҷума кард ва дар айни замон аз паҳлавӣ низ осореро ба арабӣ дароварда; дуюм, ӯ китобҳои тиббии Ҷолинусро аз тарҷумаи паҳлавии онҳо ба арабӣ нақл кард. Ба ҳар ойин, фаъолияти тарҷумонии Мӯсо ибни Холид амри мусаллам аст ва наметавонад боиси эҷоди тардиде гардад.

Дар бораи фаъолияти бародари Мӯсо – Юсуф низ маълумоте дақиқ дар дастраси муҳаққиқон қарор надорад. К.А.Иностранцев, чунон ки қаблан ишора шуд, ин ду бародарро аз мутарҷимони осори нуҷумии тоисломӣ ба шумор овардааст, вале далеле барои таъйиди назари худ зикр нанамудааст. З.Сафо дар «Таърихи адабиёт дар Эрон» бидуни зикри маъхаз аз «Юсуф ан-ноқил» ёдовар шуда, ӯро шогирди Исо ибни Чаҳорбухт – пизишки маъруфи қарни IX ва тарҷумони осори Ҷолинус номидааст. З.Сафо навиштааст, ки Юсуф «бештар ба тарҷумаи китобҳои тиббӣ иштиғол дошт», вале ба он,ки ӯ бародари Мӯсо ибни Холид аст, ишорае накардааст [258, I, 110].

Муҳаммади Муҳаммадӣ бо такя ба назари К.А.Иностранцев, ки Мӯсо ва Юсуфро аз мутарҷимони осори нуҷумӣ медонист, ҳадс задааст, ки ин ду нафар шояд писарони Холид ибни Абдулмалики Марврудӣ – олими маъруфи нуҷум дар асри Маъмун (813-833) бошанд [292, 144]. Абӯрайҳони Берунӣ дар китоби «ат-Тафҳим»-и хеш овардааст, ки Холид ибни Абдулмалики Марврудӣ бо фармони Маъмун ба мушоҳидаи ситораҳо ва таъйини масофати доираи замин пардохта будааст [3,147].

Холиди дигаре, ки ба ҳадси М.Муҳаммадӣ метавонист падари Мӯсо ва Юсуф бошад, яке аз саромадони хонадони Бармакиён – Холид ибни Бармак, вазири халифаи нахусти аббосӣ – Абулаббоси Саффоҳ (750-754) аст [292, 144-145]. Ин тахмин ба ду сабаб наметавонад мавриди қабул бошад: аввал, ба сабаби дурии замони Холид ибни Бармак, ки миёнаҳои

қарни VIII аст, аз даврони фаъолияти Мӯсо ва Юсуф, ки ба нимаҳои қарни IX рост меояд; дуюм, авлоди Бармакиён бо он ҳама шаҳомату эътиборе, ки доштанд, ҳатто пас аз қатли ноҷавонмардонаи сарони ин хонадон аз ҷониби Ҳорунаррашид (соли 803) низ наметавонистанд дар хидмати набераи ғайримаъруфи яке аз сардорони араб бошанд, ҳамчунон ки Ибни Надим дар бораи Мӯсо ва Юсуф қайд кардааст.

Чунон ки гузашт, лаҳзаҳои рӯзгор ва навъи осоре, ки Мӯсо ва Юсуф – писарони Холид ба тарҷумаи он пардохтаанд, дар пардае аз ибҳом қарор дорад ва то замоне, ки асаре аз тарҷумаҳои ин ду нафар ва ё иттилооти дақиқ дар бораи зиндагии онҳо ба даст наояд, ин ибҳом боқӣ мемонад. Алҳол нуктае, ки мусаллам аст, ин он аст, ки Мӯсо ва Юсуф – писарони Холид аз мутарҷимон ва ноқилони кутуби тоисломӣ ба забони арабӣ буданд.

Алӣ ибни Зиёди Тамимӣ

Ибни Надим дар радифи мутарҷимони осори паҳлавӣ Абулҳасан Алӣ ибни Зиёди Тамимиро зикр карда, тарҷумаи «Зиҷи шаҳриёр»-ро ба ӯ мансуб донистааст [86, 305].

Доир ба рӯзгор ва фаъолияти тарҷумонии Алӣ ибни Зиёди Тамимӣ дар масодири куҳан маълумоти қобили зикр ба назар намерасад, вале китобе, ки ӯ тарҷума кардааст, бино ба арзиш ва аҳамияте, ки он дар таквини илми нуҷуми исломӣ доштааст, мавриди эътино ва таваҷҷӯҳи донишмандони қарнҳои нахусти ислом қарор гирифтааст. Ҳамзаи Исфаҳонӣ бо истинод ба китоби «Ихтилоф уз-зиҷот»-и Абӯмаъшар Ҷаъфар ибни Муҳаммади Балхӣ (ваф. 885) - донишманди маъруфи илми нуҷум ва фалак маълумоте нисбатан муфассал доир ба «Зиҷи шаҳриёр» зикр кардааст, ки аз он метавон ба манзалати ин китоб дар назди уламои нуҷуми исломӣ пай бурд. Ҳамзаи Исфаҳонӣ ба нақл аз китоби мазкури Абӯмаъшар овардааст, ки подшоҳони қадими Эрон ба ҳифзи донишҳо ва бақои онҳо алоқаи шадиде доштанд ва китобхоро ба пӯсти дарахти туз менавиштанд, то он донишҳо аз офатҳои табиӣ ва осеби рӯзгор эмин бимонанд. Таҳмурас, ки подшоҳи

дӯстдори донишҳо будааст, фармон додааст, ки ҷиҳати нигаҳдории китобҳо ҷоеро дар қаламрави мамлакати ӯ баргузинанд, ки боду ҳаво ва хоку оби он ба бақои китобҳо мусоид бошад. Чунин як ҷой дар Исфаҳон дар рустои «Ҷай» пайдо шуда ва дар он мавзеъ биное устуворро мавсум ба «Соруя» барои ҳифзи китобҳо сохтаанд. Пас аз тавсифи бинои мазкур Ҳамзаи Исфаҳонӣ суханони Абӯмаъшарро овардааст, ки гуфта буд: «Дар ин бино китобе мансуб ба яке аз ҳукамои пешин низ вуҷуд дошт, ки солҳо ва адвори маълум барои истихроҷи авсоти кавокиб ва илали ҳаракоти онҳо дар он омада буд. Мардуми рӯзгори Таҳмурас ва эрониёни пеш аз вай онро «солҳо ва давраҳои ҳазорагӣ» мехонданд. Бештари донишмандон ва подшоҳони Ҳинд, подшоҳони пешини Эрон ва Калдониёни қадим авсоти кавокибро аз солҳо ва адвори мазкур истихроҷ мекарданд, зеро Таҳмурас аз миёни зиҷҳои рӯзгори худ онро барои нигаҳдорӣ баргузид, чи ҳамаи онҳоро озмуданд ва ба назари ӯ ва касони дигаре, ки дар замони ӯ буданд, ин китоб саҳеҳтарин ва мухтасартарини онҳо буд. Мунаҷҷимони он рӯзгор аз он зиҷе истихроҷ карданд ва «Зиҷи шаҳриёр»-аш номиданд, яъне шоҳ ва амири зиҷҳо» [57, 182-184].

Айни ҳамин ривоятро Ибни Надим низ нақл карда ва вай низ ба китоби Абӯмаъшари Балхӣ истинод кардааст [86, 301-302]. Ривояти мазкур, бо вуҷуди он ки таҳияи «Зиҷи шаҳриёр»-ро ба даврони подшоҳи асотирии Эрон – Таҳмурас марбут дониста ва бо ин то андозае ранги афсонавӣ касб кардааст, ду нуктаро собит мекунад: аввалан, «Зиҷи шаҳриёр», ки дастоварди илми нуҷуми тоисломии эронӣ аст, дар тӯли таърих манбаи асосии гоҳшумории халқҳои эронӣ буда ва дар миёни соири қавмҳои Шарқ низ иштиҳор доштааст; сониян, «Зиҷи шаҳриёр» муҳимтарин китобе аз кутуби нуҷумии Эрони тоисломӣ буда, ки бо тарҷума шуданаш ба забони арабӣ ба идомаи суннатҳои ин навъи осори куҳани эронӣ дар муҳити исломӣ мусоидат кардааст. Фазли тарҷумаи ҳамин китоб буда, ки номи Алӣ ибни Зиёди Тамимӣ дар сафаҳоти таърихи фарҳанги форсу тоҷик ва тамаддуни арабӣ – мусалмонӣ нақш бастааст.

Ҳасан ибни Саҳл

Дар «ал-Фиҳрист» дар ҷузви мутарҷимон аз паҳлавӣ ба арабӣ номи «Ҳасан ибни Саҳл» ба қайд омада ва таъкид гардидааст, ки «зикраш дар ахбори мунаҷҷимон хоҳад омад» [86, 305]. Дар ҳақиқат ҳам, дар бахши мунаҷҷимон ва донишмандони улуми риёзӣ Ибни Надим номи «Ҳасан ибни Саҳл ибни Навбахт»-ро зикр карда ва аз мусаннафоти ӯ «Китоб ул-анво»-ро ном бурдааст [86, 334]. Ишораи Ибни Надим ба ҷадди Ҳасан ибни Саҳл – Навбахт далолат бар он дорад, ки ин мунаҷҷим намояндаи хонадони маъруфи Навбахтиён аст. К.А.Инострансев, бо истинод ба Г.Л.Флюгел, Ҳасан ибни Саҳлро, ки дар ҷузви мутарҷимон зикр шудааст, бо Ҳасан ибни Саҳл ибни Навбахт як шуморидааст [138, 32]. Вале ин ҷо саволе метавонад матраҳ бишавад, ки Ибни Надим, ки зимни номгӯи мутарҷимон як сатр пештар хонадони Навбахтиёнро ба таври умум зикр кардааст, оё метавонист баъди ду мутарҷими дигар як нафар намояндаи на он қадар маъруфи ин хонадонро ба таври алоҳида қайд кунад? Ва ин ҳам дар ҳоле, ки номи афроди номвартари ин хонадонро, ки ахборашон ба таври нисбатан муфассал дар бахши мунаҷҷимон шарҳ ёфтааст, дар ҷузви мутарҷимон ба алоҳидагӣ таъкид накардааст. Аён аст, ки ин тавр шуданаш аз эҳтимол дур буд. Пас Ҳасан ибни Саҳл, ки бидуни номи ҷаддаш дар ҷузви мутарҷимон зикр шудааст, муқарраран бояд шахсе ғайр аз афроди хонадони Навбахт бошад. Ин шахс, ба эҳтимоли наздик ба яқин, вазири Маъмун – Ҳасан ибни Саҳл ибни Зодонфаррухи Сарахсӣ (ваф. 849/850) аст. Донишмандони эронӣ Маликушшуаро Баҳор ва Муҳаммади Муҳаммадӣ низ бидуни ишора ба назари К.А.Инострансев ва Г.Л.Флюгел ва бе раво дидани тардид, дар шахси Ҳасан ибни Саҳл ҳамин вазири Маъмунро дида буданд [233, I, 154; 292, 145-146]. Таъкид ҷоиз аст, ки айнияти Ҳасан ибни Саҳли мутарҷим бо Ҳасан ибни Саҳли вазир ҳамон вақт таъйид мегардад, ки агар ба ду суоли зерин посухе қонеъкунанда ба даст ояд:

1. Ибни Надим Ҳасан ибни Саҳлро мутарҷими осори нуҷумӣ ба шумор оварда буд. Ҳасан ибни Саҳли вазир ба илми нуҷум ва тарҷумаи осори нуҷумӣ алоқае дорад ё на?

2. Ибни Надим зимни ном бурдан аз Ҳасан ибни Саҳл таъкид карда буд, ки зикраш дар бахши ахбори мунаҷҷимон хоҳад омад. Оё дар бахши мазкури «ал-Фиҳрист» зикре аз Ҳасан ибни Саҳли вазир рафтааст ё на?

Дар иртибот ба ин суолҳо бояд таъкид кард, ки Ҳасан ибни Саҳл ва бародараш – Фазл ибни Саҳл аз хонадони маъруфи эронӣ бархостаанд, ки дар он суннатҳои адабу фарҳанг ва кеши тоисломии эронӣ посдорӣ мешуданд. Бино ба ривояти Ҷаҳшиёрӣ, падари ин хонадон – Саҳл ибни Зодонфаррух дар замони халифа Маҳдӣ (775-784) бо даъвати Бармакиён ислом оварда ва дар назди онҳо аз мақому манзалати воло бархурдор гардид. Ду писарони Саҳл – Ҳасан ва Фазл низ ба хидмати Бармакиён камар бастанд [54, 93]. Тибқи ахбори Ибни Халликон, Фазл ва Саҳл низ мисли падарашон то дер дар кеши зардуштии хеш боқӣ монда ва соли 805 ба дасти Маъмун, ки ҳоло ба хилофат нарасида буд, ислом овардаанд [23,IV, 42-43]. Пас аз кушта шудани Бармакиён Фазл ва Ҳасан ба хидмати Маъмун пайвастанд ва нахуст Фазл ва пасон Ҳасан ба мансаби вазирӣ расиданд. Ҳасан ибни Саҳл соли 818 аз ин мансаб ба иллати беморӣ канора гирифт.

Дар манобеи куҳан ба муносибати бевоситаи Ҳасан ибни Саҳл ба илми нуҷум чанд далели ғайримустақим вуҷуд дорад, ки аз алоқаи ӯ ба ин илм ва аҳли он паём мерасонад. Нахуст Ҳасан ибни Саҳл аз хонадони навмусулмони эроние буд, ки аҳли он дар рӯҳи гиромӣ доштани фарҳанги ниёгони хеш тарбия ёфта ва бо эронгароии хеш иштиҳор доштанд. Илми нуҷум ва осори нуҷумӣ ҷузъи муҳимми мероси фарҳангии Эрони тоисломӣ буд ва ҳар кас, ки бо ин фарҳанг алоқа дошта ва ё худ ҳомили ин фарҳанг бошад, то андозае аз он воқиф ва баҳравар буданаш амре табиӣ маҳсуб мешуд. Ҳасан ибни Саҳл низ, мисли афроди хонадони Навбахтиён ва Бармакиён ба фазли вуқуфи комилаш аз фарҳанги тоисломии эронӣ аз

илми нуҷум низ огоҳӣ дошт. Аз ин рӯ, ӯро дар шумори мунаҷҷимон овардани Ибни Надим бояд асосе мӯҳкам дошта бошад.

Сониян, аз ахборе, ки Ибни Халликон доир ба бародари Ҳасан – Фазл зикр кардааст, ба хубӣ пайдост, ки Фазл яке аз мунаҷҷимони маъруф ва дар пешгӯиҳои хеш соиб будааст [23, IV, 41-42]. Пас баид нест, ки мунаҷҷимӣ фазилати хонаводагии эшон ва Ҳасан низ мисли Фазл мунаҷҷим ва ошно ба аҳкоми нуҷум бошад.

Дар «ал-Фиҳрист», дар бахши ахбори мунаҷҷимон мақолае ҷудогона барои Ҳасан ибни Саҳл тахсис наёфтааст, вале дар чанд маврид аз ӯ ва муносибаташ бо мунаҷҷимони давр ёд шудааст. Аз ҷумла, Ибни Надим зимни шарҳи ҳоли Саҳл ибни Бишр, ки аз донишмандони соҳибфазл маҳсуб мешуд ва таълифоти мутааддиде дар илми нуҷум дошт, ба равобити ӯ бо Ҳасан ибни Саҳл ишора кардааст [86, 333]. Ҳамчунин дар баёни ҳоли Ҳориси мунаҷҷим низ соҳиби «ал-Фиҳрист» таъкид кардааст, ки «ӯ ҳамеша бо Ҳасан ибни Саҳл буд» [86, 377].

Ҳасан ибни Саҳл дар иншои расоил ва шеъргӯӣ низ дасти тавоно доштааст. Намунаҳое аз ашъор ва расоили ӯ дар кутуби адабиву таърихӣ, аз қабили «Уюн ул-ахбор»-и Ибни Қутайба, «Заҳр ул-одоб»-и Ҳусрӣ, «Вафаёт ул-аъйон»-и Ибни Халликон ва ғайра зикр шудаанд. Ибни Надим низ ба расоили мудавван ва девони ашъори ӯ ишора карда, ҳаҷман хурд будани онҳоро таъкид кардааст [86, 135, 191].

Гузашта аз асноду шавоҳиди фавқуззикр, ки алоқаи Ҳасан ибни Саҳлро ба илми нуҷум ва шеъру адаб таъйид мекунад, далели қотеи дигар мавҷуд аст, ки бо тарҷумаи осори тоисломии эронӣ иштиғол варзидани ӯро ба субут мерасонад. Бино ба ахборе, ки Мискавайҳ дар муқаддимаи китоби «Ҷовидон хирад» нақл кардааст, асли паҳлавии ин китобро Ҳасан ибни Саҳл ба арабӣ тарҷума карда ва Мискавайҳ онро такмил додааст [83, 3]. Тарҷумаи китоби мазкур, ки матолиби онро панду андарз фароҳам овардааст, аз он дарак медиҳад, ки Ҳасан ибни Саҳл ба ҷуз он метавонист

кутуби дигареро низ дар илми нуҷум ба арабӣ нақл кунад, ҳамчунон ки Ибни Надим дар «ал-Фиҳрист» ба ин муқир(р) аст.

Балозурӣ

Аҳмад ибни Яҳё ибни Ҷобир ибни Довуди Балозурӣ, ки Ибни Надим номи ӯро дар ҷузви мутарҷимон аз паҳлавӣ ба арабӣ овардааст, аз адибону муаррихони маъруфи қарни IX маҳсуб мешавад.

Балозурӣ аслан эронитабор буда, дар оғози қарни VIII таваллуд шудааст ва дар Бағдод ба камол расидааст. Ҷадди ӯ – Ҷобир дар аҳди Ҳорунаррашид (766-809) дабирии волии Миср – Хасибро бар ӯҳда дошт [86, 125].

Балозурӣ пас аз касби камол ва иштиҳор ёфтанаш ба ҳайси шоир, адиб ва муаррих ба дарбори халифа Мутаваккил (847-861) пайваст ва аз нудамои ӯ гардид [89,V, 89-90]. Бино ба ахборе, ки дар «Вафаёт ул-аъйон» нақл шудааст, Балозурӣ пас аз Мутаваккил бо халифа Мӯътасим (862-866) низ равобити хуб дошта ва аз ӯ бар ивази қасоидаш силаҳое гарон мегирифтааст [23, VI, 24]. Дар замони хилофати Мӯътазз (866-869) Балозурӣ тарбияти фарзанди ӯ – Абдуллоҳро, ки яке аз шуаро ва сухансанҷони бузурги араб маҳсуб мешавад, бар ӯҳда дошт. Дар фарҷоми зиндагии хеш Балозурӣ ба бемории васвос мубтало гардид ва дар охири хилофати Мӯътамид дар соли 892 аз олам чашм пӯшид [89,V, 90]. Сабаби марги Балозурӣ ба ривояти Ибни Надим, он буда, ки ӯ надониста меваи гиёҳи балозурро мехӯрад ва бар асари ин васвосӣ гашта вафот мекунад ва пас аз маргаш ба «Балозурӣ» маъруф мегардад [86, 125].

Ҷаҳшиёрӣ дар китоби «ал-Вузаро ва-л-куттоб»-и хеш, ки қадимтар аз «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим аст, «Балозурӣ»-ро нисбаи ҷадди Аҳмад – Ҷобир донистааст [54, 326]. Аз ин рӯ, сиҳҳати ривояти Ибни Надим дар бораи меваи балозурро хӯрдани Аҳмад ибни Яҳё мавриди тардид қарор мегирад, ки инро ҳанӯз Ёқути Ҳамавӣ пай бурда буд [89, V, 92].

Ибни Надим ва дар пайравӣ аз ӯ Ёқути Ҳамавӣ номи муаллафоти ӯро бад-ин тарз зикр кардаанд: «Китоб ул-булдон ас-сағир», «Китоб ал-булдон

ал-кабир» (нотамом), «Китоб ал-ахбор ва-л-ансоб», «Китоб Аҳд Ардашер», ки онро ба шеър тарҷума кардааст» [86, 126; 89, V, 99-100]. «Китоб ул-булдон ас-сағир» ҳамон китоби «Футуҳ ул-булдон» аст, ки таърихи кишваркушоиҳои аъробро дар бар гирифта ва номи Балозуриро ба ҳайси муаррихи дақиқназар ва мунсиф машҳур гардонидааст. Дар баробари ин китоб зикр шудани «Китоб ул-булдон ал-кабир», ки нотамом мондааст, далолат бар он дорад, ки Балозурӣ дар садади такмилу тафсили китоби аввал, яъне «Футуҳ ул-булдон» буда, вале ин кор нотамом мондааст. Китоби дигари Балозурӣ – «Китоб ул-ахбор ва-л-ансоб» имрӯз бо номи «Ансоб ул-ашроф» маъруф буда, ба кӯшиши Абдулазизи Даврӣ ба нашр расидааст [41, 225].

Ибни Надим тарҷумаи манзуми «Аҳди Ардашер»-ро ба қалами Балозурӣ нисбат дода ва дар ду маврид ӯро аз мутарҷимони осори паҳлавӣ ба арабӣ муаррифӣ кардааст [86, 126, 305]. Аз ин таъкид пайдост, ки Балозурӣ чанд китоберо аз адабу фарҳанги тоисломии форсу тоҷик тарҷума кардааст, вале аз ин тарҷумаҳо ном ва асаре то кунун пайдо нашудааст. Бо вуҷуди ин, номи Балозурӣ дар таърихи адабу фарҳанги қуруни нахустини исломӣ ба ҳайси адибе сабт шудааст, ки фаъолияташ ба ҳифзу идомаи суннатҳои адабиёти ахлоқии Эронзамини тоисломӣ мусоидат намудааст.

Ҷабала ибни Солим

Яке аз нахустин мутарҷимоне, ки ба тарҷумаи осори тоисломии форсу тоҷик ба забони арабӣ пардохтанд, Ҷабала ибни Солим аст. Ӯ аз хонадони дабирони эроние бархостааст, ки дар нимаи аввали асри VIII дар ҳаёти фарҳангии Хилофати Умавиён нақше фаъол бар ӯҳда доштанд. Сарвари ин хонадон – Абулалои Солим дабири халифа Ҳишом ибни Абдулмалик (724-743) буд, ки лаҳзаҳои зиндагӣ ва саҳми ӯ дар таҳаввули номанигории арабизабон дар боби аввали ин рисола мавриди баррасӣ қарор гирифт. Яке аз писарони Абулалои Солим – Абдуллоҳ низ мисли падараш дар девони

расоил ифои вазифа мекард ва намунаи номаҳои ӯ ба василаи «ал-Комил»-и Мубаррад то мо расидаанд. Писари дигари Абулалои Солим ҳамин Ҷабала ибни Солим аст, ки дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии ӯ маълумоти қобили зикр боқӣ намондааст. Танҳо Ибни Надим аст, ки дар «ал-Фиҳрист»-и худ номи ӯро нахуст дар ҷузви мутарҷимони эронӣ зикр кардааст ва пасон дар бахши «Китобҳое, ки эрониён дар шарҳи ҳол ва достонҳои саҳеҳи подшоҳони худ таълиф кардаанд», тарҷумаи достонҳои «Рустам ва Исфандиёр» ва «Баҳроми Чӯбин»-ро ба ӯ нисбат додааст [86, 305, 364]. Ба ҳадси М.Муҳаммадӣ, китобе, ки Масъудӣ онро дар Истахр дида ва он ҳовии ахбору ақволи 27 тан аз подшоҳони сосонӣ ва суратҳои онҳо буд, ҳамчунин аз ҷониби Ҷабала ибни Солим барои халифа Ҳишом ибни Абдулмалик дар соли 730 тарҷума шудааст [292, 151].

Аз он чӣ зикр шуд, бармеояд, ки Ҷабала ибни Солим ба тарҷумаи осори ҳамосии эронӣ ихтисос дошт ва ба шарофати тарҷумаҳои ӯ достонҳои фавқуззикр аз нобудӣ эмин монда ва ба даврони исломӣ интиқол ёфтанд.

Исҳоқ ибни Язид

Дар «ал-Фиҳрист» дар қатори мутарҷимон аз форсӣ (паҳлавӣ) ба арабӣ номи «Исҳоқ ибни Язид» зикр шуда ва таъкид гардидааст, ки «яке аз китобҳои тарҷумакардаи ӯ «Сияр ул-фурс» маъруф ба «Ихтиёрнома» аст» [86, 305]. Аз оғоз муҳаққиқон, аз ҷумла В.Р.Розен, К.А.Иностранцев, М. Муҳаммадӣ ва М.Н. Османов бо таваҷҷӯҳ ба он, ки «Худойнома»-и паҳлавӣ дар арабӣ бо номҳои «Сияр ул-мулук» ва «Сияр мулук ал-фурс» маъруф аст, бар он ақида буданд, ки китоби тарҷумакардаи Исҳоқ ибни Язид «Сияр ул-фурс» ҳамон «Сияр мулук ал-фурс» ва «Ихтиёрнома» таҳрифе аз «Худойнома» мебошад [189, 177; 138, 32; 294, 142; 177, 161]. Бино бар ин, дар миёни аҳли таҳқиқ Исҳоқ ибни Язид яке аз ҳашт мутарҷимони «Худойнома» ба забони арабӣ пазируфта шуд. Валс ахиран М.Муҳаммадӣ, ки худ дар оғоз аз ҷонибдорони ин ақида буд, ба ду далел дар сиҳҳати он тардид кард: якум, номи мутарҷимони «Худойнома» ба ҷуз

аз «ал-Фиҳрист» дар китоби Ҳамзаи Исфаҳонӣ «Синий мулук ал-арз ва-л-анбиё», тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Муқаддимаи «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» қадими «Шоҳнома» ва «Муҷмал ут-таворих»-и маҷҳулулмуаллиф зикр шудаанд, вале дар ҳеҷ як аз маохизи мазкур номи Исҳоқ ибни Язид ба қайд наомадааст. Сониян, дар «ал-Фиҳрист» пас аз номи Исҳоқ ибни Язид номи шаш тан аз мутарҷимони «Худойнома» омадааст ва дар муқобили номи ҳеҷ як аз онҳо зикре аз китобе, ки дар муқобили номи Исҳоқ ибни Язид омадааст, нест. Бино бар ин ду далел, М.Муҳаммадӣ «Ихтиёрнома»-ро китобе ғайр аз «Худойнома» ба шумор меорад ва ҳаммаъно будани иборати «Сияр ул-фурс»-ро, ки Ибни Надим дар тавзеҳи «Ихтиёрнома» овардааст, бо «Сияр мулук ал-фурс» ва «Худойнома» ҳатмӣ намедонад [292, 152-153]. Дар тақвияти ин ду далели М. Муҳаммадӣ метавон ба як нуқтаи дигар ишора кард, ки он дархури ин мавзӯъ аст. Дар манобеи арабӣ, ҳар вақт ки аз «Худойнома» ва ё китобу расоили марбут ба таърих ва ё корномаи шоҳони эронӣ сухан рафтааст, ҳатман калимаи «малик» дар шакли ҷамъи он-«мулук» ба кор гирифта шудааст. Аз ҷумла, тарҷумаҳои арабии «Худойнома» бо номҳои «Сияр ул-мулук», «Таърих мулук ал - фурс» ва ғайра маъруфанд. Ва ин чиз комилан мувофиқ бо таркиби «Худойнома» аст, ки дар он вожаи «худой» ҳамон «малик» дар шакли ҷамъаш, яъне «мулук» аст.

Дар номи китоби тарҷумакардаи Исҳоқ ибни Язид – «Сияр ул - фурс» вожаи «мулук» ҳузур надорад, пас он таъбире аз «Худойнома» - и паҳлавӣ буда наметавонад. Аз ин рӯ, «Сияр ул - фурс» бояд унвони китобе бошад, ки мунҳасир ба таърихи шоҳони эронӣ набуда, балки умуман ба таърихи эрониён ва ё қиссаву достонҳои марбут ба ин ақвом ихтисос дорад. М.Муҳаммадӣ номи аслӣ ва хусусиятҳои китоберо, ки Исҳоқ ибни Язид тарҷума кардааст, дар достонҳои қадими эронӣ ҷустуҷӯ карда ва эҳтимол додааст, ки асли форсии китоби тарҷумакардаи Исҳоқ ибни Язид достонест, ки ахиран бо номи «Бахтиёрнома» бо кӯшиши З.Сафо ба нашр расидааст [62]. М.Муҳаммадӣ иҷмолан бар ин назар аст, ки «китоби

«Бахтиёрнома» аз ҷумлаи достонҳое аст, ки аз давраи сосонӣ ба даврони исломӣ расида ва дар қарнҳои нахустини исломӣ ба арабӣ тарҷума шуда ва сипас ё аз тариқи ҳамон тарҷумаи арабӣ ё мустақиман аз форсии сосонӣ ба форсии исломӣ даромадааст» [292, 154].

Дар муқаддимаи нашри «Бахтиёрнома» З.Сафо иттилоъ додааст, ки таҳрирҳои мухталифи ин достон ҳам ба забони форсӣ ва ҳам ба арабӣ мавҷуд аст. Ба ақидаи муҳаққиқи мазкур, ин таҳрирҳо ҳамагӣ «аз як асли қадим ва, ба занни ғолиб, аз як асли қадими пеш аз ислом ва ҷузъи достонҳое аст, ки дар давраи эҷоди ҳаёти адабии арабӣ, яъне дар се-чаҳор қарни аввали ҳиҷрӣ аз форсии сосонӣ ба арабӣ даромада ва дар шумори китобҳое, аз қабили «Калила ва Димна», «Синдбоднома» ва назоири онҳо ва аз қабили кутуби мутааддиди дигаре буда, ки Ибни Надим дар «ал-Фиҳрист» аз онҳо ёд мекунад» [292, 156].

Таҳрирҳои арабии «Бахтиёрнома», ки ба ҳадси З.Сафо аз нусхаи тарҷумашудаи ин китоб аз паҳлавӣ дур нестанд, бо номи «Қиссат ул-ашара вузаро ва мо ҷаро лаҳум маъа ибн ал-малик Озодбахт» (қиссаи даҳ вазир ва он чӣ байни онҳо ва писари шоҳ Озодбахт гузашт) дар Аврупо ва Миср ба чоп расидаанд.

Дар «Таърихи Систон» аз «Бахтиёрнома»-е сухан рафтааст, ки мӯҳтавои он зоҳиран аз корномаи Бахтиёр – паҳлавони даврони Хусрави Парвиз фароҳам омада буд. Мусаҳҳеҳи китоби «Таърихи Систон» - Маликушшуаро Баҳор, ин «Бахтиёрнома»-ро ғайр аз «Бахтиёрнома»-е ба шумор овардааст, ки дар Бомбай ба нашр расида ва қиссаи подшоҳеро бо писари гумшудааш нақл мекунад [45, 8]. Яке аз таҳрирҳои «Бахтиёрнома»-ро эроншиноси рус Е.Э.Бертелс низ ба чоп расонида буд. Чунон ки аён аст, таҳрирҳои мухталифи «Бахтиёрнома» аз лиҳози мӯҳтаво низ аз ҳам фарқ дорад ва агар бипазирем, ки Исҳоқ ибни Язид ҳамин достони «Бахтиёрнома»-ро ба арабӣ даровардааст, пас имрӯз қатъан наметавон гуфт, ки кадоме аз ин таҳрирҳо асоси китоби тарҷумакардаи Исҳоқ ибни

Язид будааст. Ба ҳар ойин, «Худойнома» набудани асаре, ки Исҳоқ ибни Язид тарҷума кардааст, наздик ба яқин мебошад.

Он чизе, ки алҳол тардидеро эҷод намекунад, ин аст, ки Исҳоқ ибни Язид ба тарҷумаи осори таърихиву адабӣ ихтисос дошта ва дар эҳёи ин навъи осори тоисломии форсу тоҷик дар давраи ислом саҳмгузор будааст.

Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ

Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ аз зумраи мутарҷимони осори паҳлавӣ ба арабӣ аст, ки номашон дар «ал-Фиҳрист» зикр шудааст [86, 305]. Фаъолияти ӯ танҳо мунҳасир ба тарҷума набуда, балки дар илми нуҷум ва шеъри арабизабон низ дасти тавоно доштааст. Шояд ҳамин амр сабаб шуда, ки доир ба Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ дар қиёс бо мутарҷимони дигар дар манобеи арабизабон маълумоти бештар ба қайд омадааст. Аз ҷумла, Ибни Қифтӣ дар «Таърих ул-ҳукамо»-и хеш шарҳи ҳоли мухтасари ӯро баён кардааст [31, 284]. Ҳамчунин Абулфараҷи Исфаҳонӣ дар «Китоб ул-оғонӣ», Ибни Қутайба дар «Уюн ул-ахбор», Табарӣ дар «Таърих ур-русул ва-л-мулук», Ибни Халликон дар «Вафаёт ул-аъйон» ва ғайри онҳо ахборе аз ӯ нақл кардаанд.

Аз ахбори маохизи мазкур бармеояд, ки Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ дар нимаи аввали асри IX дар Бағдод зиста ва дар дарбори Маъмун (813-833) соҳиби мақом ва нуфузе будааст. Табарӣ овардааст, ки «Маъмун рӯзе ба Муҳаммад ибни Ҷаҳм гуфт, ки се байт дар мадҳ, ҳаҷв ва рисо барои ман бихон ва барои ҳар байт вилояте хоҳӣ дошт». Шоир се байт хондааст, ки он абёт мақбули хотири халифа гардида ва ӯ ба ваъдааш вафо кардааст [67, XIII, 5797-5798]. Ибни Қутайба ин ривоятро нақл карда афзудааст, ки Маъмун бар ивази он абёт ба Муҳаммад ибни Ҷаҳм вилояти Динавар ва Ҳамадонро бахшидааст [29, IV, 325-326].

Аз рӯи ахборе, ки дар «Китоб ул-оғонӣ» дар бораи Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ нақл шудааст, бармеояд, ки ӯ муддате дар Аҳвоз низ зиста будааст [37, XVII, 131]. Бино ба нақли Ибни Халликон, Муҳаммад ибни Ҷаҳм дар аҳди Мӯътасим (833-842) мавриди ғазаби халифаи мазкур қарор

гирифта ва ҳатто ба куштан маҳкум шудааст, вале дар лаҳзаи ахир аз марг наҷот ёфтааст. Ин ҳодисаро Ибни Халликон чунин нақл кардааст: «Мӯътасим бар Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ бисёр хашмгин шуд ва фармон дод, то гардани ӯро бизананд. Ва чун Аҳмад ибни Абӯдовуд дид, ки Муҳаммад ибни Ҷаҳмро бо сари баста бар рӯи натъ нишондаанд ва ҷаллод шамшерро барои задани гардани ӯ омода сохта ва роҳе барои наҷоти ӯ нест, ба Мӯътасим гуфт: «Ҳар гоҳ ӯро бикушӣ, амволи ӯро чӣ гуна хоҳӣ гирифт?» Мӯътасим гуфт: «Чӣ касе маро аз тасарруфи амволи ӯ монеъ метавон шуд?» Ибни Абӯдовуд гуфт: «Ҳам Худо ва ҳам расули Худо ва ҳам худи адолати амирулмӯъминин чунин амалеро намепазиранд, зеро пас аз куштани вай моли ӯ аз они ворисонаш хоҳад шуд, то он ки хилофи вайро бо далел собит намоӣ. Пас гирифтани сарвате, ки вай бо хиёнат гирд овардааст, бо зинда мондани вай осонтар аст нисбат ба он, ки ӯ мурда бошад». Бо шунидани ин суханони Аҳмад ибни Абӯдовуд, ки қозии маъруф буд ва бо Муҳаммад ибни Ҷаҳм низ дӯстӣ дошт, Мӯътасим аз қатли ӯ даст кашид ва вай бад-ин ҳила аз кушта шудан наҷот ёфт [23, II, 82-83]. Дар вафоти Муҳаммад ибни Ҷаҳм ду ақида мавҷуд аст: якум, ӯ дар соли 833 пас аз ба хилофат расидани Мӯътасим аз олам чашм пӯшид. Дар ин маврид вафоти Муҳаммад ибни Ҷаҳм бо ҳамон уқубате, ки вай аз Мӯътасим дид ва бад-он ишора шуд, алоқаманд мегардад [292, 162]. Сониян, Ҷоҳиз дар «ал-Баён ва-т-табйин» ахборе овардааст, ки далел бар зинда будани Муҳаммад ибни Ҷаҳм дар замони хилофати Восиқ (842-847) аст [50, II, 601-602].

Қадимтарин маъхаз, ки доир ба фаъолияти тарҷумонии Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ санадеро шомил аст, таърихномаи Ҳамзаи Исфаҳонӣ «Синий мулук ал-арз ва-л-анбиё» ба шумор меояд. Ҳамза овардааст, ки ӯ бо мақсади навиштани таърихи табақоти чаҳоргонаи подшоҳони Эрон ва муайян кардани солҳои салтанати эшон ҳашт китобе дар ин боб ҷамъ овардааст, ки яке аз онҳо китоби «Сияр мулук ал-фурс», яъне «Худойнома»-и паҳлавӣ ба тарҷумаи Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ буд [57, 7].

Номи Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ ба ҳайси мутарҷими «Худойнома» ба ҷуз аз «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим ҳамчунин дар «Муқаддимаи «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» куҳани «Шоҳнома» [280, 123-148], тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ [2,I,4], «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас»-и маҷҳулул-муаллиф [76, 2] ва ғайра ба қайд омадааст.

Муаллифи китоби «ал-Бадъ ва-т-таърих» Мутаҳҳар ибни Тоҳири Муқаддасӣ (асри Х) дар се маврид аз «Ибни Ҷаҳм» ёдовар шудааст: нахуст дар боби офариниши Одам ӯ бо таъкиди он, ки қиссаи Одаму Ҳавворо «Ибни Ҷаҳм» дар қасидаи хеш нақл кардааст, 17 байтро аз ин қасида иқтибос намудааст [84, 325-326]. Бори дуюм Муқаддасӣ аз «Ибни Ҷаҳм» зимни баёни фарҷоми кори дудмони Сосониён ва кушта шудани охирин шоҳаншоҳи сосонӣ дар Марв ёдовар шуда, байтеро аз ӯ овардааст [84, 522]. Дафъаи сеюм як байти «Ибни Ҷаҳм» дар китоби Муқаддасӣ зимни баёни таърихи шоҳони Яман, ки гӯё ҳамзамони Манучеҳр будаанд, иқтибос гардидааст [84, 524]. Ҳамин тавр, 19 байте, ки аз Ибни Ҷаҳм мавриди иқтибоси Муқаддасӣ қарор гирифтааст, ҳамагӣ дар мавзӯи таърих иншо шудааст. Чунин ба назар мерасад, ки Ибни Ҷаҳми мазкур таърихномае манзум дошта ва дар он баёни таърих аз офариниши Одаму Ҳавво сар шуда, бо суқути Сосониён ба интиҳо мерасидааст. Пас, муаллифи ин абёт – Ибни Ҷаҳм кист? Манобеи адабиву таърихӣ дар бораи се «Ибни Ҷаҳм», ки дар асри IX зистаанд, иттилоъ медиҳанд. Яке аз ин се тан Абӯбакр Муҳаммад ибни Ҷаҳм – фақеҳи маъруфи мазҳаби моликӣ ва соҳиби таълифотест, ки дар «ал-Фиҳрист» зикр шудаанд [86, 90, 253]. Пайванди ин Ибни Ҷаҳм бо шеъру шоирӣ дар маохиз ишора нашудааст, аз ин рӯ ӯ наметавонад муаллифи абёти фавқуззикр бошад. «Ибни Ҷаҳм»-и дуюм Алӣ ибни Ҷаҳм (804-863) – шоири номдори арабизабон аст, ки аҷдодаш аз аъроби Баҳрайн будаанд, вале ба Марв муҳоҷират карда, дар авоили хилофати Аббосиён ба Бағдод баргаштаанд [274, II, 289]. Шафеии Кадканӣ, ки китоби «ал-Бадъ ва-т-таърих»-ро ба форсӣ тарҷума карда ва онро бо муқаддимаи муфассале ба чоп расонидааст, «Ибни Ҷаҳм»-и мазкур дар ин

китобро Алӣ ибни Ҷаҳм дониста ва ашъори мавриди назарро низ ба ӯ нисбат додааст [84, 522], ҳарчанд ки ин абёт дар девони нашршудаи ӯ ба назар намерасанд. «Ибни Ҷаҳм»-и сеюм Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ – шоир ва мутарҷими «Худойнома» аст, ки ин ҷо сухан дар бораи ӯ меравад. М.Қазвинӣ ашъори мазкур дар «ал-Бадъ ва-т-таърих»-ро на аз Алӣ ибни Ҷаҳм, балки аз ҳамин Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ донистааст [280, 141].

Ба ақидаи М.Н. Османов низ муаллифи «ал-Бадъ ва-т-таърих» абёти Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакиро иқтибос кардааст [177, 162]. Бо таваҷҷӯҳ ба он, ки Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ «Худойнома»-ро ба арабӣ нақл карда ва ин чиз шакку шубҳаеро эҷод намекунад, мансуб донистани абёти фавқуззикр ба вай ба назар мураҷҷаҳ ва мантиқитар менамояд. Вале дар ин маврид суоле метавонад матраҳ бишавад, ки оё ӯ «Худойнома»-ро ба шеър тарҷума карда буд, ҳамчунон ки Балозурӣ «Аҳди Ардашер»-ро ба шеъри арабӣ даровард? Он 19 абёте, ки боқӣ мондаанд, имкон намедиҳанд, ки ба ин суол ҷавоби мусбат дода шавад. Агар «Худойнома»-и тарҷумакардаи Муҳаммад ибни Ҷаҳм манзум мебуд, муаллифони сарчашмаҳо ҳатман ба ин чиз ишора мекарданд, ҳамон тавр ки Ибни Надим ба назм тарҷума шудани «Аҳди Ардашер»-ро аз ҷониби Балозурӣ ва «Калила ва Димна», «Корномаи Анӯшервон» ва «Корномаи Ардашер»-ро аз ҷониби Абони Лоҳиқӣ махсус таъкид кардааст [86, 126, 132]. Сониян, Ҳамзаи Исфаҳонӣ ва муаллифоне, ки дар пайравӣ аз ӯ номи мутарҷимони «Худойнома»-ро зикр кардаанд, китоби тарҷумакардаи Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакиро дар баробари тарҷумаҳои Ибни Муқаффаъ ва дигарон, ки дар мансур будани онҳо тардиде нест, гузоштаанд ва бад-ин васила мансур будани онро низ таъйид кардаанд. Бино бар далоили мазкур метавон бар мансур будани «Худойнома» (Сияр мулук ал- фурс)-и тарҷумакардаи Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ ҳукм кард ва эҳтимол дод, ки ӯ, чун худ шоир буда, баъзе ҳаводиси таърихиро ба назм даровардa, онро дар ҷо-ҷои тарҷумаи хеш ғунҷоиш додааст. Бо ин ӯ ба суннате оғоз гузоштааст, ки он дар

таърихномаҳои арабиву форсии асрҳои миёна мавриди пайравӣ ва истиқбол қарор гирифтааст.

Ҳишом ибни Қосим

Ҳишом ибни Қосим яке дигар аз мутарҷимони осори паҳлавӣ ба арабӣ аст, ки номаш дар «ал-Фиҳрист» ба қайд омадааст [86, 305]. Ҳамзаи Исфаҳонӣ номи ӯро бо нисбааш, яъне Ҳишом ибни Қосими Исфаҳонӣ зикр карда ва унвони китобе, ки ӯ тарҷума ва ё таълиф кардааст, «Таърих мулук Банӣ Сосон» (Таърихи подшоҳони хонадони Сосониён) номидааст [57,7]. Аз унвони мазкур бармеояд, ки «Худойнома»-и ба арабӣ нақлкардаи Ҳишом ибни Қосим таърихи аҳди Сосониёнро дар бар мегирифтааст.

Яке аз мутарҷимони «Худойнома»-и паҳлавӣ будани Ҳишом ибни Қосими Исфаҳонӣ ба ҷуз аз осори Ҳамза ва Ибни Надим ҳамчунин дар «Муқаддимаи «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» қадими «Шоҳнома» [280, 141-142], «Осор ул-боқия»-и Берунӣ [4,124] ва «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас»-и маҷҳулулмуаллиф [76, 2] таъкид шудааст. Аз манобеи таърихиву адабӣ асаре аз рӯзгор ва осори Ҳишом ибни Қосим, ба ҷуз он чӣ зикр шуд, ба даст наёмадааст. Танҳо дар қиёс бо замони зиндагии мутарҷимони дигари «Худойнома» метавон ҳадс зад, ки ӯ дар нимаи дуюми асри VIII – аввали асри IX зистааст.

Мӯсо ибни Исои Кисравӣ

Мӯсо ибни Исои Кисравӣ яке аз мутарҷимони осори паҳлавӣ ба забони арабӣ аст, ки доир ба рӯзгор ва осораш дар манобеи куҳан дар қиёс бо мутарҷимони дигар маълумоти бештар ба қайд омадааст. Бино ба ахбори Ҳамзаи Исфаҳонӣ, ки дар таърихномаи хеш «Синий мулук ал-арз ва-л-анбиё» порае аз китоби Мӯсо ибни Исои Кисравиро иқтибос ва шарҳ додааст, Кисравӣ чанде аз нусхаҳои «Худойнома»-ро бо ҳам муқобалаву муқояса карда ва дидааст, ки ҳамаи онҳо бо ҳамдигар ихтилоф доштаанд ва ду нусхаи мутобиқ бо ҳамдигарро наёфтааст. Ӯ ин ихтилофотро натиҷаи тарҷумаи ин китоб аз як забон ба забони дигар дониста ва барои ислоҳи он дар Мароға бо донишманди илми нуҷум Ҳасан ибни Алии Ҳамадонӣ дар

ҳузури ҳокими шаҳри Мароға Ало ибни Аҳмад мулоқот кардааст. Дар натиҷа Кисравӣ, ба иддаои худи ӯ, хатоҳое, ки дар нусхаҳои «Худойнома» дар солҳои салтанати подшоҳони Сосониён рафтааст, дар китобаш ислоҳ кардааст [57, 13-17]. Ҳамзаи Исфаҳонӣ баъди иқтибоси ин пора аз гуфтаҳои Кисравӣ навиштааст, ки «иддаои Кисравӣ дар мавриди сиҳҳати санавоти Сосониён нодуруст аст ва бо баёни таърихи Искандар созгор нест, зеро дар шарҳе, ки дода, шумораи солҳоро ба 692 солу 9 рӯз расонида, ҳол он ки солҳое, ки ман аз зиҷ истихроҷ кардаам, бо солҳои истихроҷкардаи Кисравӣ 90 солу 9 моҳу 10 рӯз фарқ дорад» [57, 17-18].

Иқтибоси Ҳамза аз навиштаҳои Кисравӣ ва шарҳи Ҳамза бар онҳо барои таъйини замони зиндагии Кисравӣ ва хусусиятҳои китоби ӯ аз чанд ҷиҳат муҳим аст. Нахуст, ин иқтибос яке аз мутарҷимони «Худойнома» будани Кисравиро ба субут мерасонад. Сониян, аз ишораҳои худи Кисравӣ бармеояд, ки китоби ӯ тарҷумаи ҳарф ба ҳарфи «Худойнома» набуда, балки тарҷумаи озоди он бо ворид кардани ислоҳот ва тағйиру иловаҳо ва ё таълифе мустақил бар асоси «Худойнома» будааст. Сеюм, китобе, ки Кисравӣ тарҷума ва ё таълиф кардааст, фарогири таърихи даврони салтанати Сосониён будааст. Чаҳорум, аз ишораи Кисравӣ ба мулоқоти ӯ бо ҳокими шаҳри Мароға Ало ибни Аҳмад бармеояд, ки ин мулоқот имкон дошт дар соли 251-252 / 865-866 сурат гирифта бошад, зеро маҳз дар ҳамин солҳо Ало ибни Аҳмад дар таворих ба ҳайси ҳокими Озарбойҷон муаррифӣ шуда ва санаи қатлаш соли 260/873 таъйин шудааст [235, 33]. Пас аён аст, ки Мӯсо ибни Исои Кисравӣ дар авосити қарни IX зиндагӣ ва эҷод кардааст.

Ба ҷуз аз таърихномаи Ҳамза, номи Кисравӣ ва ривоёт аз ӯ доир ба таърих ва суннатҳои фарҳангии Эронзамин дар манобеи дигар низ нақл шуданд, ки муроҷиат ба онҳо метавонад нуктаҳои фавқро таъйид ва тасдиқ кунад. Аз ҷумла, дар китоби «ал-Маҳосин ва-л-аздод»-и Ҷоҳиз дар се маврид Кисравӣ мавриди иқтибоси муаллиф қарор гирифтааст: якум, дар оғози боби «Маҳосини сабр дар ҳабс» аз қавли Кисравӣ суханони кӯтоҳи

Хусрав ибни Ҳурмуз (зоҳиран, Хусрави Парвиз) нақл шудааст [53, 41]. Дуюм, дар боби «Маҳосини вафои занон» қиссаи шоҳи сосонӣ Балош ва духтари шоҳи Ҳинд аз забони Кисравӣ баён шудааст [53, 162-167]. Сеюм, дар боби «Маҳосин ан-Найруз ва-л-Меҳраҷон» муаллифи китоб ақволи Кисравиро дар бораи Наврӯз ва Меҳргон ва суннатҳои он иқтибос намудааст [53, 231-235]. Чунон ки аён аст, дар ҳар се маврид дар «ал-Маҳосин ва-л-аздод» аз Кисравӣ матолиби марбут ба фарҳангу тамаддуни тоисломии эронӣ иқтибос гардидааст. Аҳли таҳқиқ бар онанд, ки маъхази матолиби мазкур ҳамон «Худойнома»-ест, ки Кисравӣ онро ба арабӣ тарҷума ё таълиф карда буд [189, 169-171].

Дар «ал-Маҳосин ва-л-аздод» зикр гардидани Кисравӣ имкон медиҳад, ки санаи тарҷумаи «Худойнома» аз ҷониби ӯ таъйин гардад. Муаллифи «ал-Маҳосин ва-л-аздод» Ҷоҳиз соли 255/869 аз олам гузаштааст ва китоби мазкурашро дар охири умраш таълиф кардааст. Пас, китоби Кисравӣ бояд то ин сана ва пас аз соли 252/866, ки Кисравӣ бо ҳокими Мароға мулоқот карда буд, ба арабӣ нақл шуда бошад. Аз ин рӯ, эҳтимол меравад, ки Кисравӣ тарҷумаи «Худойнома»-ро соли 253/867 ба охир расонидааст.

Муаллифи маҷҳули «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» низ Мӯсо ибни Исои Кисравиро дар чанд маврид зикр кардааст. Гузашта аз ин, ӯ ба ҳамон қиссаи шоҳи сосонӣ Балош ва духтари шоҳи Ҳинд, ки онро Ҷоҳиз аз қавли Кисравӣ нақл карда буд, ишора намуда ва таъкид кардааст, ки ин қиссаро дар «Сияр ул-мулук» хондааст [76, 72]. Бо таваҷҷӯҳ ба ин нукта, В.Р.Розен ҳадс задааст, ки он мавриди истифодаи Ҷоҳиз низ буд [189, 172-173]. В.Р.Розен дар заминаи он, ки дар қиссаи мазкури Балош ва духтари шоҳи Ҳинд аносири қиссапардозии ҳиндӣ, аз ҷумла шеваи қисса андар қисса нуфуз дорад ва асли баъзе ҳикоятҳои он низ ба адабиёти ҳиндӣ оид аст, тахмин кардааст, ки Кисравӣ ин гуна қиссаҳоро аз осори адабии паҳлавӣ гирифта, онро ба матни «Худойнома» ворид кардааст [189, 182].

Ба ҳақиқат наздик будани ин тахминро бо далели дигар низ метавон таъйид кард. Қиссаи Балош дар шакли нисбатан муфассал дар

таърихномаи маҷҳулулмуаллифи «Ниҳоят ул-ираб фи ахбор ал-фурс ва-л-араб» ва тарҷумаи форсии асримиёнагии он «Таҷоруб ул-умам фи ахбор мулук ал-араб ва-л-аҷам» низ омадааст [87, 280-294; 81, 251-269], ки В.Р.Розен аз онҳо ёдовар нашудааст. Муаллифони ин китобҳо зимни ривояти қиссаи Балош бар хилофи Ҷоҳиз дар «ал-Маҳосин ва-л-аздод» ба Кисравӣ истинод накардаанд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо қиссаи Балошро аз рӯи асари мустақиле, ки дар адабиёти паҳлавӣ роиҷ буда ва он дар боби ояндаи ин рисола мавриди таҳқиқ қарор хоҳад гирифт, ривоят кардаанд. В.Р.Розен бар он ақида буд, ки китоби Кисравӣ аз соири тарҷумаҳои «Худойнома» бо он имтиёз дошт, ки ӯ ба матни китобаш қиссаҳо ва ривояти асли ҳиндидоштаро ворид кардааст [189,188]. Вале таваҷҷӯҳ бар китоби «Ниҳоят ул-ираб…»-и фавқуззикр, ки қиссаи Балош дар он нақл шудааст, ақидаи В.Р.Розенро тасдиқ намекунад, зеро муаллифи маҷҳули он, ба шумори мо, ҳафт маротиба ахбори таърихиро аз қавли Ибни Муқаффаъ ривоят карда ва зоҳиран манзураш ҳамон «Худойнома»-и тарҷумакардаи ӯ будааст [87, 110, 159, 203, 277, 324, 328, 334]. Аз ин бармеояд, ки дар китоби Ибни Муқаффаъ низ ҳамон қиссаҳои асли ҳиндидошта ба назар мерасидаанд ва ин хусусиятро танҳо хоси китоби Кисравӣ донистан шояд дур аз савоб бошад.

Дар «Осор ул-боқия»-и Абӯрайҳони Берунӣ низ матлабе дар бораи Меҳргон ва сабаби ин рӯзро «Мурон» номидани эрониён аз қавли Кисравӣ нақл шудааст [4, 243]. Таваҷҷӯҳи Ҷоҳиз ва Берунӣ ба ахбори Кисравӣ дар бораи Наврӯзу Меҳргон бесабаб набуд, зеро Кисравӣ китобе бо номи «Найрӯз ва Меҳраҷон» таълиф кардааст, ки он дар «Таърихи Табаристон»-и Ибни Исфандиёр ба қайд омадааст. Аз ишораи муаллифи «Таърихи Табаристон» пайдост, ки Кисравӣ дар китоби худ қиссаи Бевараспи - Заҳҳокро оварда будааст. Ибни Исфандиёр навиштааст, ки ин қисса «чун аз ақл дур аст ва аз ахбори асҳоби шариат манқул нест, тарк кардам, то хонандагон бар такозиб ҳамл накунанд» [21, 83].

Ба ақидаи М. Муҳаммадӣ, китоби «Найрӯз ва Меҳраҷон» ҳамон аст, ки Ибни Надим онро ба Кисравии дигар – Абулҳусайн Алӣ ибни Маҳдии Кисравӣ ба ғалат нисбат додааст [292, 163-164]. Валє бояд қайд кард, ки китоби Алӣ ибни Маҳдии Кисравӣ «Китоб ал-аъйод ва-н-Навориз» (Китоби идҳо ва наврӯзҳо) ном дошт [86, 167], ҳол он ки китоби Мӯсо ибни Исои Кисравӣ мавсум ба «Найруз ва Меҳраҷон» буд. Сониян, зарурат надорад, ки ҳамаи китобҳое, ки муаллифони қуруни нахустини исломӣ дар бораи ин идҳои бостонии эронӣ навиштаанд, ба Мӯсо ибни Исои Кисравӣ нисбат диҳем, зеро ӯ ягона нависандае набуда, ки доир ба Наврӯзу Меҳргон китоб таълиф кардааст. Ба ҷуз ӯ дар он даврон чанд нафари дигар низ китобҳое дар ин мавзӯъ иншо карда будаанд (ниг.: [86, 161]).

Ибни Надим дар шарҳи ҳоли мухтасар аз Кисравӣ, ки дар бахши марбут ба дабирону хатибон ва нависандагон оварда ва бо ин ба шуғли дабирии ӯ дар девони Бағдод ишора кардааст, ду китоби ин нависанда ва мутарҷими эронинажодро зикр кардааст. Китоби аввал «Ҳубб ул-автон» (Муҳаббат ба ватан) ном дорад. М.Муҳаммадӣ номи онро дар шакли «ал-Ҳанин ила-л-автон» зикр карда, таъкид намудааст, ки нусхаи дастнависи он дар китобхонаи Истамбул маҳфуз аст [292, 164].

Китоби дуюме, ки ба номи ӯ зикр шудааст, «Китоб муноқазоти ман заъама аннаҳу ло янбағи ан яқтади ал-қуззоту фи матоъимиҳим би-л-аиммати ва-л-хулафои» (Ихтилофоти онҳое, ки мегӯянд қозиён набояд дар хӯрданиҳои худ ба имомон ва халифагон пайравӣ кунанд) ном дорад [86, 142]. Ибни Надим ин китобро зимни муаллифоти Кисравии дигар, яъне Алӣ ибни Маҳдӣ низ оварда ва гуфтааст, ки он ба Кисравии Котиб, яъне Мӯсо ибни Исо нисбат дода шудааст [86, 167]. Аз ин бармеояд, ки мансубияти китоби мазкур ба яке аз ин ду Кисравиҳо барои худи Ибни Надим низ норавшан мондааст, вагарна ӯ онро зимни шарҳи ҳоли ҳар ду нависанда зикр намекард.

Ҳамин тариқ, фаъолияти тарҷумонӣ ва адабии Мӯсо ибни Исои Кисравӣ, ки дар миёнаҳои қарни IX ҷараён дошт, далел бар он аст, ки ӯ бо

гароиш ва дилбастагиаш ба осор ва суннатҳои тамаддуни тоисломии халқҳои эронӣ дар ҳифзу эҳёи мероси маънавии ниёгонаш саҳми бориз гузоштааст.

Зодуя ибни Шоҳуяи Исфаҳонӣ

Зодуя ибни Шоҳуяи Исфаҳонӣ яке аз мутарҷимони осори паҳлавӣ ба арабӣ аст, ки зикраш дар «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим омадааст [86, 305]. Ҳамзаи Исфаҳонӣ номи Зодуя ибни Шоҳуяро дар шумори мутарҷимони «Худойнома» баршумурда ва тарҷумаи ӯро «Сияр мулук ал-фурс» номидааст [57, 7]. В.Р.Розен бо таваҷҷӯҳ ба вожаи «нақл», ки Ҳамза дар шарҳи кори Зодуя дар баргардони «Худойнома» истифода кардааст, бар он ақида аст, ки Зодуя мисли Ибни Муқаффаъ ва Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ матни «Худойнома»-ро ҳамон тавр, ки буд, бидуни илова, ислоҳ ва ё тағйири матн ба арабӣ даровардааст [189, 183].

Китоби тарҷумакардаи Зодуя ибни Шоҳуя ҳамчунин дар «Муқаддимаи «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» [280, 141-142], тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ [2,I,4] ва «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» [76, 2] ба қайд омадааст.

Дар манобеи куҳан ба қалами Зодуя ибни Шоҳуя ба ҷуз тарҷумаи «Худойнома» таълифи китобе доир ба ҷашнҳо ва идҳои қадимаи эронӣ мансуб дониста шуда ва Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осор ул-боқия»-и хеш дар се маврид аз он матолиберо роҷеъ ба рӯзу моҳҳои эрониёни қадим, ҷашни Наврӯз ва моҳи «Шаҳревар»-у рӯзи «Озарҷашн» нақл кардааст [4, 66, 235, 241]. Мутаассифона, доир ба замони зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Зодуя ибни Шоҳуяи Исфаҳонӣ маълумоте дар сарчашмаҳо зикр нашудааст. К.Брокелман ӯро мисли аксари мутарҷимони «Худойнома» ҳамасри Ибни Муқафффаъ номидааст [231, III, 43]. Ба ҳар ойин, замони зиндагии Зодуя ибни Шоҳуяро нимаи дуюми асри VIII-аввали асри IX, ки давраи авҷи наҳзати тарҷумаи осори паҳлавӣ ба арабӣ буд, таъйин кардан аз савоб дур нахоҳад буд.

Муҳаммад ибни Баҳром ибни Матёри Исфаҳонӣ

Ибни Надим дар «ал-Фиҳрист»-и хеш Муҳаммад ибни Баҳром ибни Матёри Исфаҳониро яке аз мутарҷимони осори паҳлавӣ ба арабӣ муаррифӣ кардааст [86, 305]. Аз ахбори Ҳамзаи Исфаҳонӣ бармеояд, ки Муҳаммад ибни Баҳром «Худойнома»-ро ба арабӣ таҳти унвони «Сияр мулук ал-фурс» баргардондааст [57, 7]. Ҳамза баргардони ӯро бо таъбири «тарҷума ё таълиф» тавзеҳ додааст. Бино бар ин, В.Р.Розен дуруст ҳадс задааст, ки Муҳаммад ибни Баҳром дар баргардони «Худойнома» аз пайи тарҷумаи ҳарф ба ҳарфи матни паҳлавии китоб нарафта, ба он иловаҳое ворид кардааст [189, 184-185]. Муаллифи «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» низ аз Муҳаммад ибни Баҳром ба ҳайси мутарҷими «Худойнома» ёд кардааст [76, 2].

Ҷоиз ба таъкид аст, ки Ибни Надим, Ҳамзаи Исфаҳонӣ ва муаллифи «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» номи мутарҷимро дар ҳамин шакли «Муҳаммад ибни Баҳром ибни Матёри Исфаҳонӣ» овардаанд. Аммо дар «Муқаддимаи «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» ба ҷои ин ном «Баҳроми Исфаҳонӣ» ва дар «Осор ул-боқия»-и Берунӣ ва тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ номи «Баҳром ибни Меҳрони Исфаҳонӣ» омадааст [280, 141; 4, 124; 2, I, 4]. М.Қазвинӣ ин се номро мутааллиқ ба як шахс донистааст, ки бар асари таҳриф гунаҳои мухталифро касб кардаанд [280, 141]. С.Тақизода ва З.Сафо ду номи ахир, яъне «Баҳроми Исфаҳонӣ» ва «Баҳром ибни Меҳрони Исфаҳонӣ»-ро номи як шахс дониста, ӯро дар баробари номи аввал, яъне Муҳаммад ибни Баҳром ибни Матёри Исфаҳонӣ як мутарҷими дигари «Худойнома» пиндоштаанд [235, 32-33; 258, I, 135]. Ба назар чунин мерасад, ки тахмини М.Қазвинӣ дар ин маврид мураҷҷаҳ аст, зеро дар манобеи қадимтар, аз қабили таърихномаи Ҳамзаи Исфаҳонӣ ва китоби Ибни Надим номи мутарҷими «ҷадиди» «Худойнома» ба қайд наомадааст.

Дар сарчашмаҳо маълумоте доир ба замони зиндагӣ ва шарҳи ҳоли Муҳаммад ибни Баҳром ибни Матёри Исфаҳонӣ ба назар намерасад. Ба

ҳадси М.Муҳаммадӣ, имкон дорад, ки мутарҷими мазкур аз хонадони Матёр ном деҳқони Исфаҳон бархоста бошад. Қиссаи Матёр, ки дар солҳои нахусти истилои араб дар Исфаҳон бо гурӯҳи муҳоҷимини араб задухӯрде дошта буд, дар «Таърих»-и Табарӣ нақл шудааст (ниг.: [292, 166-167]).

Баҳром ибни Мардоншоҳ

Ибни Надим дар «ал-Фиҳрист» дар радифи мутарҷимон аз форсӣ ба арабӣ аз Баҳром ибни Мардоншоҳ - «мӯбади шаҳри Нишопур аз билоди Форс» ёд кардааст [86, 305]. Аён аст, ки дар ин иборат «Нишопур» таҳрифе аз «Шопур» аст, зеро шаҳре, ки дар билоди Форс мавқеъ дорад, «Шопур» аст, на «Нишопур». Ҳамзаи Исфаҳонӣ номи китоби ӯро бад-ин тарз сабт кардааст: «Таърихи мулуки Банӣ Сосон», ислоҳи Баҳром ибни Мардоншоҳ - мӯбади шаҳри Шопур аз билоди Форс [57, 7].

Дар муаррифии Ҳамзаи Исфаҳонӣ аз китоби Баҳром ибни Мардоншоҳ ду чиз таваҷҷӯҳро ба худ ҷалб мекунад. Якум, аз унвони китоби мӯбади шаҳри Шопур бармеояд, ки он ба таърихи подшоҳони хонадони Сосониён ихтисос ёфта будааст. Дуюм, Ҳамза китоби мазкурро на тарҷума, балки «ислоҳи» Баҳром ибни Мардоншоҳ хонда ва аз ин иборат бармеояд, ки «Таърих мулук Банӣ Сосон»-и Баҳром ибни Мардоншоҳ тарҷумаи мустақим аз «Худойнома»-и паҳлавӣ набуда, балки баргардони он китоб тағйиру ислоҳи матни аслӣ аст. Ин хусусияти китоби мӯбади шаҳри Шопурро Ҳамза дар саҳифаҳои баъдии таърихномаи худ бо нақли матлаби зер аз қавли муаллифи он таъйид кардааст:

«Баҳроми мӯбад гӯяд: Бисту анд нусха аз китоби «Худойнома»-ро ба даст овардам ва санавоти таърихии подшоҳони Эронро аз замони Каюмарс – падари башар то поёни рӯзгори онон ва заволи ҳукумати эшон ба дасти тозиён ислоҳ кардам» [57, 19]. Аз ин суханон бармеояд, ки Баҳром ибни Мардоншоҳ беш аз бист нусхаи «Худойнома»-ро бо ҳам муқобалаву муқояса ва дар ин замина солҳои салтанати подшоҳони асотириву таърихии Эронро ислоҳ кардааст. В.Р.Розен бо таваҷҷӯҳ ба ибораи «ислоҳ»

китоби Баҳром ибни Мардоншоҳро «таҳрири мустақил» бар асоси «Худойнома» ба шумор овардааст, ки дар он на танҳо солҳои салтанати подшоҳон ислоҳ шудааст, балки муаллиф «ба матни аслии «Худойнома» муносибати интиқодӣ ва мустақилона дошта ва онро ба хонандагони араб дар шакле, ки худ саҳеҳ ва қобили итминон мешуморид, пешниҳод кардааст» [189, 185].

Ин ҳадси В.Р.Розен дар қиёс бо суханони худи Баҳром ибни Мардоншоҳ, ки танҳо бар «ислоҳи» солҳои салтанати подшоҳон қоил аст, ба назар хеле боҷуръатона менамояд ва то он даме, ки санади қотеъ дар ин хусус пайдо бишавад, дар доираи тахмину фарзиёт боқӣ мемонад. Як нуктаи дигар низ ин ҷо бояд ишора шавад, ки он номувофиқатӣ миёни эътирофи худи Баҳром ибни Мардоншоҳ, ки ӯ солҳои салтанати шоҳони Эронро аз оғоз то истилои аъроб ислоҳ кардааст ва номи китоби ӯ, ки мунҳасир ба баёни таърихи шоҳони сосонӣ будани онро таъйид мекунад. Дар ин замина М.Н.Османов ҳадс задааст, ки Баҳром ибни Мардоншоҳ дар муқаддимаи китоби худ солҳои салтанати подшоҳони Эронро аз Каюмарси Гилшоҳ сар карда то охирин шоҳи сосонӣ мухтасаран зикр карда ва баъдан ба шарҳи муфассали таърихи Сосониён пардохтааст [177, 164]. Аммо ишороте, ки муаллифи «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» ва манобеи дигар ба мӯҳтавои китоби Баҳроми мӯбад кардаанд, наздик ба ҳақиқат будани ҳадси М.Н.Османовро зери шубҳа мегузорад. Аз ҷумла, дар «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» номи китоби Баҳроми мӯбад «Таърихи подшоҳон» омада [76,2] ва ишорае ба он нарафтааст, ки зимни ин ном танҳо шоҳони хонадони сосонӣ дар назар аст. Сониян, дар «Муҷмал ут-таворих» ҳашт маротиба ба китоби Баҳром ибни Мардоншоҳ ишора ва аз он матолибе нақл шудааст, ки танҳо дар се маврид сухан дар бораи даврони Сосониён, аз ҷумла ҷое дар бораи муддати подшоҳии Баҳром ибни Баҳром, ҷое дигар дар хусуси подшоҳии кӯтоҳи Хашнасфанда, маъруф ба «Гуроз» ё «Шаҳрбароз» ва ҷое сеюм дар теъдоди умумии подшоҳони сосонӣ ва муддати салтанати ин хонадон рафтааст [76, 65, 83,

84]. Дар мавориди боқимонда матолибе, ки аз Баҳроми мӯбад нақл шудааст, ба даврони подшоҳии Каюмарс ва шарҳи ҳоли фарзандони ӯ Машӣ ва Машёна, насаби Ашкониён, муддати подшоҳии Пешдодиён, табақаи шоҳони каёнӣ, теъдоди шоҳони ашконӣ ва муддати салтанати ҳар яке аз эшон дахл дорад [76, 21, 32, 39, 45, 58]. Аз ин истинодҳои мукаррар ба Баҳроми мӯбад бармеояд, ки муаллифи «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» китоби ӯро дар даст доштааст. Балъамӣ низ дар тарҷумаи «Таърихи Табарӣ» дар зикри насаби Ҳушанг, ки «падараш Машӣ ва модараш Машоя» будаанд, ба «номаи Баҳром ал-мӯбад» истинод кардааст, ки ҳамон Баҳром ибни Мардоншоҳ аст [2,I, 66].

Бар мабнои далоил ва асноди мазкур метавон ҳадс зад, ки китоби Баҳром ибни Мардоншоҳ танҳо ба таърихи шоҳони сосонӣ ихтисос надошта, он воқеан ҳам таърихи тамоми подшоҳони эронӣ аз оғоз то истилои араб буда ва «Таърихи подшоҳон» номгузорӣ шудани он дар китоби «Муҷмал ут-таворих» бесабаб набудааст. Ҳамзаи Исфаҳонӣ ягона муаллифест, ки номи китоби Баҳроми мӯбадро «Таърихи подшоҳони сосонӣ» номида ва зоҳиран ин иштибоҳест, ки аз ӯ ё носихони баъдӣ сар задааст. Номи Баҳром ибни Мардоншоҳ дар «Муқаддимаи «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» [280, 141] ва «ал-Осор ул-боқия»-и Берунӣ [4, 124] низ бидуни таъйини унвони китобаш зикр шудааст.

Дар бораи замони зиндагӣ ва шарҳи ҳоли Баҳром ибни Мардоншоҳ иттилое дар даст нест. М.Муҳаммадӣ тахмин кардааст, ки шояд ӯ писари Мардоншоҳ писари Зодонфаррух бошад, ки ҳар ду аз дабирони номвари аҳди Умавиён маҳсуб мешаванд ва алоқаи онҳо ба адабу фарҳанги тоисломии эронӣ дар манобеъ ба қайд омадааст [292, 168]. Ин ҳадс воқеан ҳам наздик ба ҳақиқат аст. Бо пазируфтани он метавон иқрор шуд, ки Баҳром ибни Мардоншоҳ дар нимаи дуюми асри VIII зиста ва ба баргардони «Худойнома» иштиғол варзида будааст.

Умар ибни Фаррухон

Умар ибни Фаррухон яке аз мутарҷимони осори паҳлавӣ ба забони арабӣ ва дар айни замон аз донишмандони маъруфи илми нуҷум ва фалсафа дар охирҳои асри VIII ва аввалҳои асри IX ба шумор меояд. Қифтӣ дар «Таърих ул-ҳукамо»-и хеш шарҳи ҳоли мухтасари ӯ ва ановини китобҳояшро зикр карда, вайро «яке аз руасои мутарҷимон ва муҳаққиқон дар илми ҳаракоти нуҷум ва аҳкоми он» номидааст [31, 24]. Ибни Соиди Андалусӣ ба суханони Абӯмаъшари Балхӣ истинод кардааст, ки ӯ Умар ибни Фаррухонро яке аз чаҳор нафар уламои машҳури нуҷум дар баробари Ҳунайн ибни Исҳоқ, Яъқуб ибни Исҳоқи Киндӣ ва Собит ибни Курраи Ҳарронӣ ба ҳисоб овардааст [292, 170].

Ибни Надим низ Умар ибни Фаррухонро дар «ал-Фиҳрист» дар бахшҳои мутарҷимон ва мунаҷҷимон зикр карда ва бо баршумурдани кутуби ӯ дар илми нуҷум ва фалсафа шӯҳраташро дар ин соҳа таъйид кардааст [86, 305, 332]. Аз ахбори манобеи мазкур бармеояд, ки номи пурраи ин мутарҷим ва донишманди маъруфи эронитабор Абӯҳафс Умар ибни Ҳафс ал-Фаррухон ат-Табарӣ аст ва нисбааш далолат бар он дорад, ки вай аз Табаристон бархостааст [86, 337]. Ӯ бо хонадони маъруфи эронии Бармакиён, хоссатан бо Ҷаъфари Бармакӣ алоқаи наздик дошт ва барои онҳо китобҳоеро дар илми нуҷум ва фалсафа тарҷума мекард. Пас аз кушта шудани Бармакиён дар соли 803 Умар ибни Фаррухон зоҳиран ба зодгоҳаш - Табаристон баргаштааст. Бино ба навиштаи Қифтӣ ба нақл аз Абӯмаъшари Балхӣ, вазири эронитабор ва эронигарои Маъмун – Фазл ибни Саҳли Зурриёсатайн ӯро аз Табаристон бозпас хонда, ба хидмати Маъмун гумошт [31, 242].

Аз ишороте, ки дар манобеъ ба осори Умар ибни Фаррухон рафтааст, метавон се самти фаъолияти ӯро ташхис дод. Самти аввал тафсири осори нуҷумӣ ва фалсафии донишмандони Юнони қадим аст. Бино ба ишораи Ибни Надим, Умар ибни Фаррухон китобҳои нуҷумии Зурусиус (Дорофей Сидоний) ва «Китоб ул-арбаъа»-и Батлимус (Птоломей)-ро дар тарҷумаи

дигарон мавриди тафсир қарор додааст [86, 328, 332]. Самти дигари фаъолияти Умар ибни Фаррухон таълифи осори нуҷумӣ аст. Ибни Надим яке аз чунин китобҳои ӯро бо номи «Иттифоқ ул-фалосифа ва ихтилофуҳум фи хутут ал-кавокиб» зикр кардааст [86, 332]. Дар манобеи арабизабон ба қалами ӯ ҳамчунин китобҳои «Ҷавомеъ ул-асрор фи илм ан-нуҷум», «Мухтасар Мадхал ал-Қайсаронӣ фи аҳком ан-нуҷум» ва чанд рисолаи дигар мансуб дониста шудааст [258, I, 116]. Самти сеюми фаъолияти Умар ибни Фаррухон иборат аз тарҷумаи осори тоисломии эронӣ ба забони арабӣ аст. Шакку шубҳае нест, ки ӯ китобу расоили нуҷумии паҳлавиро ба забони арабӣ даровардааст. Халифа Маъмун ва хонадони Бармакиён ба ин гуна китобҳо рағиб буданд ва Умар ибни Фаррухон, ки дар хидмати онҳо буд, тарҷумаҳое аз ин навъ барояшон пешкаш мекард. Фузун бар ин, Фазл ибни Саҳли вазир, ки яке аз ҳомиёни Умар ибни Фаррухон маҳсуб мешуд, худ аз илми нуҷум баҳраи вофир дошт ва табиист, ки Умарро низ ба тарҷумаву таълифи осори нуҷумӣ ташҷеъ мекард.

Аз ин ҷост, ки Ибни Надим номи Умар ибни Фаррухонро дар шумори асоситарин мутарҷимон аз паҳлавӣ ба арабӣ зикр кардааст [86, 305]. Ба ақидаи К.А.Иностранцев, номи Умар ибни Фаррухон дар «ал-Фиҳрист» танҳо ба хотири тарҷумаи осори нуҷумӣ ба қайд наомадааст, балки тарҷумаи навъи дигаре аз осори тоисломии эронӣ ба ин чиз сабаб шудааст. Ин навъи осор, ба таъйини К.А.Иностранцев, кутуби адабиву ахлоқии тоисломӣ аст, ки дар онҳо хислатҳои нек ва манишҳои писандида дар баробари сифатҳои мазмум ва равишҳои бад баён мешуданд. Ин навъ китобҳо дар адабиёти тоисломии эронӣ бо унвони «Шойист-нашойист» маълуманд. К.А.Иностранцев мўътақид аст, ки «Китоб ул-маҳосин», ки дар радифи асарҳои Умар ибни Фаррухон дарҷ гардидааст, тарҷумаи китобе аз ҳамон навъи кутуби тоисломии эронӣ аст [138, 34-38]. Пас аз Умар ибни Фаррухон дар насри арабизабон таълифи китобҳо таҳти унвони «ал-Маҳосин ва-л-аздод» ва «ал-Маҳосин ва-л-масовӣ» ба ҳукми анъана даромад. Одатан дар ин қабил китобҳо матолиби эронӣ ба касрат ба назар

мерасанд ва ин худ гувоҳ бар решаҳои эронии ин навъ осори адабиву ахлоқӣ аст. Ба пиндори К.А.Иностранцев, Умар ибни Фаррухон бо тарҷумаи китобе бо номи «Китоб ул-Маҳосин» боиси дар қаламрави насри арабизабон идома пайдо кардани суннатҳои навъи мазкури осори адабиву ахлоқии Эрони тоисломӣ гардид.

Фарзанди Умар ибни Фаррухон – Абӯбакр Муҳаммад ибни Умар низ аз паси падар рафта ва дар илми нуҷум аз уламои соҳибном будааст. Ибни Надим ӯро «яке аз мунаҷҷимони бофазл» номида, унвони дувоздаҳ китобашро дар илми нуҷум зикр кардааст [86, 332-333].

Ҳамин тариқ, гароиш ба суннатҳои илму адаби тоисломии эронӣ, ки аз фазилатҳои хонаводагии Умар ибни Фаррухон маҳсуб мешуд, дар самтҳои мухталифи фаъолияти ӯ ба зуҳур омад ва боиси сабт шудани номаш дар радифи посдорони мероси маънавии халқҳои эронӣ гардид.

Салм – раиси «Байт ул-ҳикма»

Номи Салм (ё Солим дар баъзе нусхаҳо) дар «ал-Фиҳрист» дар бахши мутарҷимон аз форсӣ ба арабӣ ба қайд наомадааст, вале дар чанд ҷои дигар аз ин китоб ба ӯ ишора рафтааст. Аз ҷумла, дар бахши нависандагон, хатибон, дабирони девони хироҷ ва номанигорон дар бораи Салм чунин омадааст: «Салм – ҳамраиси «Байт ул-ҳикма» бо Саҳл ибни Ҳорун. Ва ӯро тарҷумаҳо аз форсӣ ба арабӣ аст» [86, 134]. Аз ин ишораи Ибни Надим бармеояд, ки Салм ҳамроҳ бо Саҳл ибни Ҳоруни Даштимёшонӣ (758-830), ки шарҳи ҳоли ӯ дар боби баъдии рисола баён хоҳад шуд, «Байт ул-ҳикма»-ро сарварӣ мекардааст. Чунон ки қаблан зикр шуд, «Байт ул-ҳикма» дар замони Ҳорунаррашид ба ҳайси китобхона таъсис гардид ва баъдан дар замони Маъмун бо тавсиаи фаъолияти худ ба маркази тарҷума, таҳқиқ ва таълиф табдил ёфт. Аз самти раёсати «Байт ул-ҳикма»-ро ба ӯҳда доштани Салм ва бо Саҳл ибни Ҳорун ҳамзамон будани ӯ метавон истинбот кард, ки фаъолияти ӯ дар авохири асри VIII-авоили асри IX ҷараён доштааст. «Байт ул-ҳикма» ғолибан ҷои таҷаммӯи нависандагони

эронитабор ва эронигарой буд, ки бо тарҷумаи осори фарҳангии Эронзамини тоисломӣ иштиғол меварзиданд. Бино бар ин, тарҷумаҳое аз форсӣ доштани Салм, ки ба он Ибни Надим ишора карда, вале аз зикри унвони онҳо худдорӣ кардааст, табиӣ ба назар менамояд.

Ибни Надим дар шарҳи ҳоли Батлимус ва муаррифии китоби ӯ – «ал-Маҷастӣ» навиштааст, ки «ин китоб аз сездаҳ мақола иборат аст ва аввалин касе, ки ба тафсир ва тарҷумаи он ба арабӣ ҳиммат гумошт, Яҳё ибни Холиди Бармакӣ аст. Гурӯҳе он китобро барои вай тафсир карданд, вале аз ӯҳдааш барнаомаданд ва ӯро писанд наафтод. Пас ӯ ин корро ба Абӯҳасан ва Салм – сарвари «Байт ул-ҳикма» супорид. Эшон ин супоришро ба хубӣ иҷро карданд. Онон ба ин кор мутарҷимони варзидаро ҷалб карданд ва сипас тарҷумаҳои онҳоро санҷиданд ва фасеҳтарину саҳеҳтарини онҳоро баргузиданд ва дар тасҳеҳи он кӯшиши фаровон ба кор бурданд» [86, 327].

Аз иқтибоси мазкур бармеояд, ки Салм дар илми нуҷум ва риёзиёт дониши фарох дошта, вагарна тасҳеҳи китоби «ал-Маҷастӣ» бад-он хубӣ, ки Ибни Надим зикр кардааст, барояш муяссар намешуд. Зоҳиран Салм дар баробари табаҳҳур дар забони арабӣ юнониро низ медонистааст. Ба ин амр на танҳо тасҳеҳи тарҷумаи китоби мазкури Батлимус, балки ирсоли ӯ аз ҷониби Маъмун ба Рум низ далолат мекунад. Ибни Надим дар ин хусус навиштааст, ки Маъмун ба малики Рум нома навишт ва барои баҳрабардорӣ аз донишҳои пешиниён, ки дар кишвари Рум маҳфуз буд, иҷозат хост. Малики Рум пас аз чанде худдорӣ ин хоҳишро пазируфт. Маъмун ҷамоатеро аз уламои маъруфи Бағдод ба Рум фиристод, ки Салм низ миёни онҳо буд. Эшон баргузидаи донишҳо ва китобҳоеро, ки пайдо карданд, ба Бағдод оварданд ва ба амри Маъмун ба тарҷумаи онҳо пардохтанд [86, 304].

Бино ба ишорае, ки дар поёни нусхаи тарҷумаи арабии китоби «Мантиқ»-и Арасту омадааст, Салм пас аз Ибни Муқаффаъ ин асари Арастуро барои Яҳё ибни Холиди Бармакӣ тарҷума кардааст. Дар ҳамин

нусха номи Салм бо нисбаи ӯ «Ҳарронӣ» омадааст [36, 78]. Дар қиёс бо он, ки Ибни Муқаффаъ китоби «Мантиқ»-ро аз форсӣ тарҷума кардааст, метавон тахмин кард, ки Салм низ ин китобро аз тарҷумаи паҳлавии он ба арабӣ даровардааст.

Фаъолияти тарҷумонии Салм мунҳасир ба нақли китобҳои нуҷумӣ ва фалсафӣ набуда, балки тарҷумаи китобҳои адабиву ахлоқии паҳлавиро низ фаро гирифтааст. Бо ишора ба ин ҷанбаи фаъолияти Салм, Ибни Надим навиштааст, ки «нависандагоне, аз қабили Ибни Муқаффаъ, Саҳл ибни Ҳорун ва Салм – сарвари «Байт ул-ҳикма» аз китоби «Калила ва Димна» маҷмӯаҳо ва баргузидаҳое фароҳам овардаанд» [86, 364].

Манобеи таърихиву адабӣ аз аслу насаб ва рӯзгору хонадони Салм маълумоте зикр накардаанд. Эронитабор будани Салм тардидеро эҷод намекунад, хоссатан, ки вайро Ибни Надим соҳиби тарҷумаҳо аз форсӣ номида ва алоқаашро бо хонадони Бармакиён таъкид кардааст. Дар муаррифии Салм маохизи куҳан аксаран таъбири «раиси Байтулҳикма»-ро ба кор гирифтаанд. Ин худ гувоҳ бар он аст, ки фаъолияти ӯ асосан дар доираи ҳамин маркази тарҷумаву таҳқиқ ва таълиф ҷараён доштааст.

Фазл ибни Саҳл

Фазл ибни Саҳл – вазири халифаи аббосӣ Маъмун (813-833) ва бародари Ҳасан ибни Саҳл аст, ки қаблан шарҳи ҳоли ӯ баён гардид. Падари Фазл ва Ҳасан – Саҳл ибни Зодонфаррух аз гумоштагони хонадони Бармакиён ба шумор меомад ва бо даъвати онҳо дар даврони хилофати Маҳдӣ (775-784) ба ислом гаравида буд. Ӯ писарони худро низ водошт, ки ба хидмати Бармакиён рӯй оваранд. Дар ин бора Ҷаҳшиёрӣ чунин нигоштааст: «Фазл ибни Саҳл дар хидмати Фазл ибни Ҷаъфар (-и Бармакӣ) гумошта шуд ва идораи корҳои ӯро бар ӯҳда гирифт. Ҳасан ибни Саҳл ба хидмати Аббос ибни Фазл (-и Бармакӣ) пайваст. Он ду ҳамчунон дар хидмати эшон буданд. Яҳё (ибни Холиди Бармакӣ) ҳаққи эшонро шинохт ва риоят ва ҳимоят намуд. Ӯ ба таъмини осоиши хидматгузорон таваҷҷӯҳ дошт. Фазл ибни Саҳл рисолае аз форсӣ ба арабӣ барои Яҳё тарҷума

намуд. Яҳё аз дуруст фаҳмидани матн ва зебо пардохтани тарҷумаи Фазл ба шигифт омад» [54, 293-294]. Пас аз ин Яҳё ибни Холиди Бармакӣ ба воситаи писараш – Ҷаъфар, ки вазири Ҳорунаррашид буд, Фазлро ба Маъмун – халифаи оянда муаррифӣ кард. Фазл ба дасти Маъмун ислом овард. Бино ба навиштаи Ҷаҳшиёрӣ, ба ислом гаравидани Фазл то кушта шудани Бармакиён дар соли 803 сурат гирифтааст [54, 294]. Вале Ибни Халликон санаи ислом овардани Фазлро ба дасти Маъмун соли 190/805, яъне баъди қатли Бармакиён таъйин кардааст [23, IV, 41]. Ба ҳар ойин, Фазл ибни Саҳл, мисли падар ва бародараш, навмусулмон буда ва то дер дар кеши зардуштии ниёгони хеш боқӣ мондааст. Пас аз фоҷиаи Бармакиён Фазл ба хидмати Маъмун пайваст ва дар замони Хилофати ӯ мақоми вазириро соҳиб гашт. Бино ба ахбори сарчашмаҳо, Фазл дар ин мансаб то ба дараҷае мақом ва нуфуз пайдо кардааст, ки бар Маъмун чира гашта, ӯро ба танг овардааст. Маъмун, ҳамчунон ки падараш - Ҳорунаррашид Бармакиёнро ноҷавонмардона ба қатл расонида буд, нисбат ба Фазл ибни Саҳл низ ноҷавонмардиро раво дид ва ӯро ба дасти гумоштаҳои худ дар Сарахс – зодгоҳи Фазл дар ҳаммом ба қатл расонид. Қатли ӯро Ибни Халликон соли 202/817 ва синнашро 48 ва ба қавле 41 таъйин кардааст [23, IV, 44]. Табарӣ ҳодисаи қатли Фазл ибни Саҳлро бо тафсили бештаре ба қалам дода ва аз он бармеояд, ки Фазл дар синни 60-солагӣ ба қатл расидааст [67, XIII, 5671-5673].

Аз шарҳи ҳоли Фазл ибни Саҳл, ки Ибни Халликон дар «Вафаёт ул-аъйон»-и хеш овардааст, пайдост, ки ӯ аз илми нуҷум ва аҳкоми он баҳраи вофир дошта ва дар пешгӯиҳои хеш соиб будааст. Аз ҷумла, вақте Маъмун хостааст ба муҳорибаи бародараш – Амин ҷиҳати ба даст овардани тахти хилофат Тоҳир ибни Ҳусайни сарлашкар ва муассиси давлати Тоҳириёнро фиристад, аз Фазл ибни Саҳл раъй пурсидааст. Фазл бо назар дар аҳкоми нуҷум пирӯзиро бар Амин пайғом дод ва пас аз ин Маъмун майле бештар ба ин илм зоҳир кард. Бино ба ривояти дигари Ибни Халликон, Фазл

ҳатто фарҷоми зиндагии худро низ бар асоси аҳкоми нуҷум пешгӯй карда буд, ки он амри воқеъ гардидааст [23, IV, 41-42].

Ба ҷуз аз илми нуҷум, Фазл ибни Саҳл дар насру назми арабизабон низ дасти тавоно дошт. Бад-ин ваҷҳ аст, ки Ибни Надим ӯро дар радифи нависандагон ва шоирон зикр ва таъкид кардааст, ки номаҳояш мудавван ва теъдодаш зиёд, вале ашъораш нисбат кам аст [86, 135, 160]. Фазл ибни Саҳл ба ҳусни хат низ маъруф буда ва қаламеро ихтироъ кардааст, ки он, ба ишораи Ибни Надим, аз беҳтарин қаламҳо ва мавсум ба «ал-қалам ар-риёсӣ» будааст [86, 11].

Фузун бар фазоили мазкур, Фазл ибни Саҳл ба фарҳангу тамаддуни ниёгони хеш алоқаву рағбати шадид дошт ва онро бо ҳар роҳу шева эҳё ва посдорӣ мекард. Манобеи адабиву таърихӣ дар бораи он, ки Фазл забони форсиро хуб медонист ва адабу ҳикмат ва панду ахлоқи тоисломии эрониро арҷи бисёр мениҳод, асноду шавоҳиди зиёд нақл кардаанд. Аз ҷумла, адиби маъруфи араб (асри X) ал-Ҳусрий ал-Қайрувонӣ дар китоби «Заҳр ул-одоб ва самар ул-албоб» қиссаеро нақл кардааст, ки он ҳусни таваҷҷӯҳи Фазл ибни Саҳлро ба дороиҳои маънавии Эронзамини тоисломӣ ва вуқуфи комили ӯро дар ин соҳа ба хубӣ бозгӯ мекунад. Аз ин рӯ, нақли ин қисса, ки бо вуҷуди нисбатан тӯлонӣ буданаш дар тарсими шахсият ва симои маънавии Фазл судманд аст, ба мақсад мувофиқ аст: «Ямонӣ ибни Амр – ғуломи Фазли Зурриёсатайн гуфтааст: «Зурриёсатайн ман ва чанд тан аз навҷавонони хонаводаашро ба Хуросон назди пире мефиристод ва мегуфт: «Аз ӯ ҳикмат биёмӯзед». Мо мерафтем ва чун бозмегаштем, Зурриёсатайн аз омӯхтаҳоямон суол мекард ва мо гузориш медодем. Рӯзе ба ҳузури он мард рафтем. Вай гуфт: «Шумо адаб омӯхтаед, ҳикмат шунидаед ва соҳиби неъмат ва ҷавон ҳастед. Пас оё дар миёни шумо ошиқе ҳаст?» Гуфтем: «Не». Гуфт: «Ошиқ шавед, ки ишқ нодонро доно, кундзеҳнро зирак, бахилро кушодадаст мекунад. Он ангезае аст барои покизагӣ ва зебоии зоҳир ва даъвате аст ба ҳаракат ва баландҳиммат ӣ. Аммо барҳазар медорам шуморо аз корҳои ҳаром».

Вақте бозгаштем, Зурриёсатайн омӯхтаҳои он рӯзро пурсид. Иҷозат хостем, то бигӯем. Иҷозат дод ва мо гуфтем, ки он пир моро чунину чунон фармуд. Гуфт: «Рост гуфтааст. Медонед ин сухани ҳакимонаро аз куҷо гирифтааст?» Гуфтем: «Не». Гуфт: «Баҳроми Гӯр писаре дошт, ки ӯро барои ҷонишинии худ номзад карда буд, аммо вай дунҳиммат, сустирода, беадаб, ноҷавонмард, камзавқ ва кӯтоҳфикр буд ва Баҳромро андӯҳгин мекард. Ӯ мураббиён ва мунаҷҷимоне ҳаким бар писар гумошт, то бо ӯ бошанд ва таълимаш диҳанд. Ҳар бор, ки Баҳром аз эшон дар бораи писараш пурсише мекард, посухҳое мешунид, ки дилгир мешуд. Рӯзе яке аз мураббиён гуфт: «То кунун аз беадабии ӯ метарсидем, аммо акнун бо роҳнамоии мо вазъе пеш омадааст, ки моро аз тавфиқи ӯ умедвор месозад». Баҳром гуфт: «Он вазъ чӣ аст?» Гуфт: «Духтари фалон марзбонро дида, ошиқи ӯ шудааст. Ишқи он духтар бар вай чира шуда ва танҳо аз ӯ ҳарф мезанад ва ҷуз дар ёди ӯ нест». Баҳром гуфт: «Инак ба ислоҳи ӯ умедвор шудам» [56, IV, 951-952].

Бо таваҷҷӯҳ ба он чи зикр шуд, суоле метавонад матраҳ бишавад, ки он рисолае, ки, бино ба навиштаи Ҷаҳшиёрӣ, Фазл ибни Саҳл барои Яҳёи Бармакӣ аз форсӣ ба арабӣ тарҷума кард, дар кадом мавзӯъ ва навъи осори тоисломии эронӣ буд? Ба ақидаи Исо ал-Окуб, мавзӯи он китоб бояд панду андарз бошад [269, 114]. М.Муҳаммадӣ эҳтимол додааст, ки он китоб шояд аз кутуби нуҷумии тоисломӣ бошад [292, 178]. Таъкид ҷоиз аст, ки давраи зиндагии Фазл ибни Саҳл – авохири асри VIII – авоили асри IX давраи авҷи тарҷумаи кутуби нуҷумӣ, адабиву таърихӣ ва пандуахлоқии Эронзамини тоисломӣ буд. Бино бар ин, китобе, ки Фазл тарҷума кард, метавонад дар яке аз ҳамин заминаҳо бошад. Муҳим он аст, ки Фазл ибни Саҳл дар баробари таҳрики удабо ва мутарҷимони эронӣ ба тарҷумаву посдории осори тоисломӣ худ низ ба кори тарҷума даст зада ва дар тадовуми адабу фарҳанги ниёгонаш дар давраи тасаллути аъроб ва забони арабӣ саҳм гирифтааст.

Ҷабал ибни Язид

Номи Ҷабал ибни Язид ба ҳайси мутарҷим дар китоби «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим ба тарзи зерин зикр шудааст: «Ҷабал ибни Язид – котиби Имора ибни Ҳамза аз мутарҷимон аст. Ӯ аз маъдуди суханварон ва саромадони забоновар мебошад» [86, 132]. Имора ибни Ҳамза, ки Ҷабал ибни Язид котиби ӯ хонда шудааст, аз адибони маъруфи арабизабон ва соҳиби таълифоти мутааддид, аз ҷумла рисолаи машҳури «ал-Моҳония» аст. Ӯ аз гумоштагони хулафои нахустини аббосӣ – Абулаббоси Саффоҳ (750-754), Мансур (754-775) ва Маҳдӣ (775-783) маҳсуб мешуд. Дар китоби «ал-Вузаро ва-л-куттоб»-и Ҷаҳшиёрӣ [54, 126-130, 174-176] ва «Мӯъҷам ул-удабо»-и Ёқути Ҳамавӣ [89, XV, 242-257] шарҳи ҳол ва унвони таълифоти ӯ ба қайд омадааст. Дар манобеи мазкур таъкид шудааст, ки ӯ бо Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ дӯсти наздик буд. Аз ин мадорик бармеояд, ки Ҷабал ибни Язид дар миёнаҳо ва нимаи дуюми асри VIII зистааст.

Ибни Надим ба ҷуз ишора ба мутарҷим будани Ҷабал ибни Язид номи вайро ҳамчунин дар миёни даҳ тан суханварони забардаст дар радифи Ибни Муқаффаъ, Абулалои Солим ва дигарон зикр кардааст [86, 139]. Соҳиби «ал-Фиҳрист» аз баёни он, ки Ҷабал ибни Язид аз кадом забон ва кадом навъи осорро тарҷума кардааст, худдорӣ намудааст. Аз китоби «Ихтиёр ал-манзум ва-л-мансур»-и Ибни Тайфур бармеояд, ки Ҷабал ибни Язид ду китобе дар «Ойини бародарӣ» навишта будааст. Ибни Тайфур порае аз ин китобҳо нақл кардааст [65, III, 137].

Мавзӯи ойини бародарӣ аз мавзӯъҳои маъмули кутуби ахлоқии эронӣ ба шумор меравад. Дар боби аввали ин рисола ба як номаи Абдулҳамиди Котиб, ки дар «Васфи бародарӣ» иншо шудааст, ишора рафта буд. Пас аз Абдулҳамид дар насри арабизабони асрҳои VIII-IX таълифи китобҳои мустақил дар ин мавзӯъ ба ҳукми анъана ворид гардид. Китобҳои мутааддиде, ки дар ин мавзӯъ таълиф гардиданд, ғолибан ба қалами нависандагони эронитабор Саҳл ибни Ҳорун, Алӣ ибни Убайдаи Райҳонӣ, Ибни Қутайба ва дигарон тааллуқ доштанд (дар ин бора дар боби сеюми

рисола сухан хоҳад рафт). Матолибе, ки дар ин китобҳо баён шудааст, амалан идомаи мавзўи мазкури осори ахлоқии паҳлавӣ аст, ки бо муҳит ва арзишҳои нави исломӣ ҳамоҳанг гардидааст.

Пас, ду китоби Ҷабал ибни Язид дар мавзўи «ойини бародарӣ» низ, ба гумони наздик ба яқин, дар идомаи ҳамон суннати осори ахлоқии тоисломии эронӣ навишта шудаанд ва ё тарҷумаи мустақими он осор аз паҳлавӣ ба арабианд.

Хизр ибни Алӣ

Аз мутарҷимони осори паҳлавӣ ба арабӣ, ки зикре аз онҳо дар кутубе ғайр аз «ал-Фиҳрист» омадааст, яке Хизр ибни Алӣ аст. Қаблан дар шарҳи ҳоли Ҳасан ибни Саҳл ишора рафт, ки ў ба ҷуз аз китобҳои нуҷумӣ ҳамчунин «Ҷовидон хирад»-ро ба арабӣ даровардааст. Хизр ибни Алӣ шарики Ҳасан ибни Саҳл дар баргардони «Ҷовидон хирад» аст. Мискавайҳи Розӣ дар қиссаи тарҷумаи «Ҷовидон хирад» ба нақл аз Ҳасан ибни Саҳл овардааст, ки ў, яъне Ҳасан бо амри Маъмун ба тарҷумаи «Ҷовидон хирад» пардохтааст. Ў баргҳои алоҳидаи ин китобро, ки ҳамагӣ аз сад барг иборат будааст, аз Зўбон – ҳакими фиристодаи подшоҳи Кобулистон гирифта, бо ҳадафи тарҷума ба он назар кардааст, вале матолиби онро аз зеҳни худ дур ёфтааст. Пас Хизр ибни Алиро даъват кардааст. Хизр он баргҳоро хонда ва тафсир кардааст ва Ҳасан онро ба рўи коғаз овардааст. «Пас аз он, - нақл кардааст Ҳасан ибни Саҳл, - он баргро баргардондам ва барги дигаре аз Зўбон гирифтам ва Хизр ҳамчунон назди ман мебуд, ў мехонд ва ман менавиштам ва бад-ин наҳв то сӣ барг аз ў (яъне Зўбон) гирифтам» [83, 210].

Муҳаққиқи араб Абдурраҳмони Бадавӣ, ки китоби «Ҷовидон хирад»-ро ба нашр расонидааст, қиссаи тарҷумаи онро «афсона» номидааст [83, 30], вале чунин арзёбии ин қисса ба масъалаи тарҷумаи китоб дахл надорад. Ҳам дар қиссаи мазкур ва ҳам дар оғози китоб сареҳан ишора рафтааст, ки «Ҷовидон хирад»-ро Ҳасан ибни Саҳл бо ҳамдастии Хизр ибни Алӣ ба арабӣ нақл кардааст [83, 3]. Мутаассифона, аз Хизр ибни Алӣ

иттилое дар сарчашмаҳо ба қайд наомадааст. Аз қиссаи тарҷумаи «Ҷовидон хирад» бармеояд, ки Хизр ибни Алӣ дар нимаи аввали асри IX фаъолият доштааст. Сониян, аз қиссаи мазкур пайдост, ки вай дар осори пандуахлоқии тоисломӣ ва забони паҳлавӣ табаҳҳури комил доштааст, вагарна Ҳасан ибни Саҳл дар тарҷумаи «Ҷовидон хирад» ба ӯ рӯи ниёз намеовард ва дар ин кор шарикаш намекард.

Зодонфаррух ибни Пирии Каскарӣ

Зодонфаррух ибни Пирии Каскариро бино ба замони зиндагӣ ва фаъолияташ, ки ба нимаи дуюми асри VII мувофиқ меояд, метавон аз нахустин мутарҷимони осори паҳлавӣ ба арабӣ ба шумор овард.

Бино ба маълумоти Ҷаҳшиёрӣ, Зодонфаррух нахуст дабири девони хироҷи волии Ироқ – Зиёд (ваф. 687) ва писари ӯ – Убайдуллоҳ буда, баъдан самти дабирии волии дигари Ироқ Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф (694-714)-ро бар ӯҳда дошт [54, 54] ва ҳангоми шӯриши сипоҳиёни Ибни Ашъас ба муқобили Ҳаҷҷоҷ, ки дар соли 701 рӯй намуда буд, дар Басра кушта шуд.

Зодонфаррух аз номвартарин дабирони девони хироҷ ва соҳиби тариқаи хос дар ин амал маҳсуб мешуд. Бесабаб нест, ки Ҷоҳиз дар амали хироҷ ва сабту забти он ба ӯ масал задааст ва дабири маъруф – Иброҳими Синдиро ба он сутудааст, ки вай дар тадбири девони хироҷ ба тариқаи хоси Зодонфаррухи «аъвар» (яъне якчашма) амал мекард [50, I, 316].

Ҷаҳшиёрӣ аз ҳофизаи бисёр қавии Зодонфаррух хабар дода навиштааст, ки вақте девони хироҷи Басра оташ гирифт ва ҳамаи дафтарҳо ба тамом сӯхтанд, Зодонфаррух номи ҳаштод ҳазор нафар хироҷсупорандагонро «ба ҷуз номи як зан аз тоифаи «Банӣ Салим», ки фаромӯш карда буд, бидуни иштибоҳ аз ҳифз навишт» [54, 137].

Дар манобеи куҳан номи Зодонфаррух дар иртибот бо нақли забони коргузории девони Ироқ аз паҳлавӣ ба арабӣ низ зикр шудааст. Чунон ки дар боби аввали рисола зикр шуд, ин амр соли 697 ба василаи Солеҳ ибни Абдурраҳмон – дабири эронитабор ва шогирди Зодонфаррух сурат гирифта буд. Ҷаҳшиёрӣ тазаккур додааст, ки Солеҳ ибни Абдурраҳмон дар

назди Ҳаҷҷоҷ соҳиби нуфуз ва аз хоссагони ӯ шуд. Аз ин рӯ, ӯ ба назди Зодонфаррух омада гуфт, ки ман ба Ҳаҷҷоҷ хеле наздик шудаам, вале намехоҳам, ки ӯ маро, ки шогирди ту ҳастам, ба ҷои ту ба раёсати девон таъйин кунад. Зодонфаррух гуфт, ки аз ин дар ташвиш мабош, зеро Ҳаҷҷоҷ касеро, ки девони хироҷро мисли ман донад, пайдо намекунад. Дар ҷавоб Солеҳ ибни Абдурраҳмон гуфт, ки вай метавонад ҳисобро аз паҳлавӣ ба арабӣ нақл кунад. Зодонфаррух хоҳиш кард, ки як сатрро аз он ба арабӣ дароварад. Солеҳ миқдори зиёде аз ҳисобҳоро ба арабӣ тарҷума кард. Зодонфаррух аз ин ба шигифт омада, ба ёрону ҳамкорони худ гуфтааст, ки «биравед, аз ин пас шуғли дигаре барои худ ҷустуҷӯ кунед!». Ҷаҳшиёрӣ пас аз нақли ин хабар навиштааст, ки «Ҳаҷҷоҷ дар соли 78/697 ба Солеҳ дастур дод девонҳоро ба арабӣ баргардонад» [54, 68]. Ибни Надим ин воқеаро бо андаке тафовут нақл карда ва аз он бармеояд, ки Солеҳ ибни Абдурраҳмон девонро ба арабӣ баъди вафоти Зодонфаррух нақл кардааст. Писари Зодонфаррух – Мардоншоҳ ба хотири он, ки Солеҳро аз раъйи нақли девон бигардонад, ба ӯ гуфт, ки «даҳ вайҳ», «бист вайҳ» ва «анд»-ро чӣ тавр ба арабӣ нақл мекунӣ? Солеҳ барои ин вожаҳои форсӣ муодилҳои арабӣ зикр кард ва писари Зодонфаррух ба имкони нақли девон аз паҳлавӣ ба арабӣ яқин ҳосил карда, ба Солеҳ нидо кард: «Худованд бехатро аз ҷаҳон барафканад, ки ту бо ин корат бехи забони форсиро бармеафканӣ!».

Чунон ки қаблан тазаккур рафт, вафоти Зодонфаррух дар аснои шӯриши Ибни Ашъас соли 701 сурат гирифтааст. Ҷаҳшиёрӣ бошад, соли нақли девонро 697 таъйин кардааст. Агар ривояти Ибни Надимро бипазирем, ки он то андозае ба ахбори Балозурӣ дар «Футуҳ ул-булдон» ҳамоҳанг аст [42, 300-301], пас девони Ироқ ногузир бояд пас аз вафоти Зодонфаррух дар ҳудуди солҳои 701-702 ба арабӣ нақл шуда бошад.

Ба Зодонфаррух тарҷумаи китобе дар ҷуғрофиёи Эрон аз паҳлавӣ ба арабӣ тааллуқ дорад, ки Ибни Фақеҳ дар «Китоб ул-булдон»-и хеш аз он матолиберо нақл намудааст. Ибни Фақеҳ тазаккур додааст, ки китоби мазкур ҳангоми ғалабаи аъроб бар лашкариёни Фирӯз писари Яздигурд

дар ҷузви ғаниматҳо ба даст омад ва ба Ҳаққоқ фиристода шуд. Ҳаққоқ чун дид, ки китоб ба форсӣ аст, ба дабири худ – Зодонфаррухи Каскарӣ амр кард, ки онро ба арабӣ тарҷума кунад ва вай низ ин амрро ба иҷро расонид [27, 209; 292, 172].

Бино ба навиштаи Ибни Фақеҳ, китоб бо ибораи «Бисмиллоҳил-мусаввир» (яъне ба номи Худованди нақшофарин) сар шуда, пас хабаре омадааст, ки тибқи он шоҳи сосонӣ Қубод писари Фирӯз бо мақсади сохтани шаҳре барои худ обу хоки кишварашро санҷид ва муайян кард, ки дар мамлакати ӯ сездаҳ шаҳр аз беҳтарин мавзеъҳо будаанд [27, 209-211; 292, 172-173]. Ибни Фақеҳ дар мавриди тавсифи шаҳрҳои гуногуни Эрон ба китоби мазкур истинод карда, пасон тазаккур додааст, ки Қубод аз Мадоин то рӯди Балх ҳеҷ маконеро, ки бар ҷода воқеъ шуда бошад, дилкушотар ва хушобу ҳавотар аз Кирмоншоҳ то навоҳии Ҳамадон наёфт ва бад-ин сабаб дар он ҷо биное азим барои худ бисохт [27, 209-211; 292, 173]. Аз ишороти Ибни Фақеҳ ба китоби тарҷумакардаи Зодонфаррух бармеояд, ки он ба «Шаҳристонҳои Эрон», ки ба забони паҳлавӣ дар авохири аҳди Сосониён таълиф шуда, дар асрҳои VIII-IX ба он иловаҳое ворид шудааст [234, 264-267; 192, 76-92], то андозае шабоҳат доштааст.

Таваҷҷӯҳи Зодонфаррух ба фарҳангу тамаддуни Эрон, ки яке аз мазоҳири он китоби тарҷумакардаи ӯ аст, аз ҷониби Ёқути Ҳамавӣ низ таъйид шудааст. Бино ба ривояти Ёқут, рӯзе Ҳаққоқ ибни Юсуф аз Зодонфаррух хоҳиш кардааст, ки ба ӯ аз аъроб ва сарзамини онҳо ҳикоят кунад. Зодонфаррух ҷавоб додааст, ки огоҳии ӯ аз эрониён бештар аз огоҳиаш дар бораи аъроб аст.

Гароиши Зодонфаррух ва хонадони ӯ ба фарҳанги суннатии эронӣ аз он низ пайдост, ки ӯ, писараш, набераш ва абераш, ки якояк шуғли дабирӣ доштаанд, дар манобеъ бо номҳои сирф эронӣ зикр шудаанд. Чунончи, Ҷаҳшиёрӣ номи абераи ӯро, ки дар замони охирин халифаи умавӣ – Марвон ибни Муҳаммад (744-750) дабирии Сулаймон ибни Ҳабибро бар ӯҳда доштааст, дар шакли «Моҷасбас ибни Баҳром ибни

Мардоншоҳ ибни Зодонфаррухи якчашм» ба қайд овардааст [54, 136]. Аз ин бармеояд, ки намояндагони ин хонадон паси ҳам дар чаҳор насл ҳанӯз дар кеши зардуштӣ боқӣ мондаанд, дар акси ҳол дар манобеъ номе исломӣ барояшон нақл мегардид.

Нисбаи Зодонфаррух – «Каскарӣ» далел бар он аст, ки ӯ аз ноҳияи Каскар воқеъ дар қарибиҳои Хузистон бархоста будааст.

Абдуллоҳ ибни Алӣ

Абдуллоҳ ибни Алӣ аз мутарҷимони осори илмии паҳлавӣ ба забони арабӣ маҳсуб мешавад. Ибни Надим дар бахше аз «ал-Фиҳрист», ки ба китобҳои ҳиндии тиббӣ дар забони арабӣ ихтисос дорад, овардааст, ки Абдуллоҳ ибни Алӣ китоберо бо номи «Сирак» (Сайрак?) аз паҳлавӣ ба арабӣ даровардааст. Ӯ афзудааст, ки асли ин китоб ҳиндӣ буда, қаблан аз ҳиндӣ ба паҳлавӣ тарҷума шудааст.

Дар бораи Абдуллоҳ ибни Алӣ иттилое беш аз ин дар даст нест. Шахсиятҳое, ки дар асрҳои VIII-IX мавсум ба ин номанд, хеле зиёданд, вале аз онҳое, ки ба илму адаб алоқае доранд, метавон ду нафарро номбар кард, ки шояд бо мутарҷими мазкур айният дошта бошанд. Яке аз инҳо шоирест, ки, бино ба ахбори Ибни Надим, дар «Китоб ул-авроқ фи ахбор ал-хулафо ва-шуаро» пас аз бахши ашъори хулафо дар оғози қисмати шуаро зикр шудааст [86, 167]. Нафари дуюм Абдуллоҳ ибни Алӣ ибни Довуд ал-Ҷарроҳ аст, ки соҳиби таълифоте буда ва Ибни Надим дар шарҳи ҳоли Ибни Абӯазҳари Бушанҷӣ низ ба ӯ ишора кардааст [86, 143, 165]. Ин Абдуллоҳ ибни Алӣ набераи Довуд ибни Ҷарроҳ аст, ки намояндагони хонадони ӯ вазирон ва адибони маъруф дар нимаи дуюми асри IX ва оғози асри X маҳсуб мешуданд [86, 142-143]. Бино ба маълумоти Масъудӣ, Довуд ибни Ҷарроҳ китоби ҷомеи бузурге дар таърихи эрониён ва қавмҳои дигар навишта будааст [80, I, 5].

Исҳоқ ибни Алӣ ибни Сулаймон

Ибни Надим дар бахше аз «ал-Фиҳрист», ки ба «китобҳои соҳаи байторӣ, дармони ҳайвонот ва сифоти аспу интихоби он» ихтисос ёфтааст,

ба китобе дар мавзўи «муолиҷаи ҳайвонот, асп, астар, гов, гўсфанд, шутур ва шинохти арзишу суми онҳо» ишора карда ва тазаккур додааст, ки онро Исҳоқ ибни Алӣ ибни Сулаймон аз форсӣ ба арабӣ даровардааст [86, 377]. Маълумоти дигар дар бораи ин мутарҷими осори илмии паҳлавӣ ба забони арабӣ дар даст нест.

Абулаббоси Думайрӣ

Яке дигар аз мутарҷимони осори паҳлавӣ Абулаббос Муҳаммад ибни Марзбони Думайрӣ аст, ки соли 309/921 аз олам гузаштааст. Зимни баёни ҳоли ў Ёқути Ҳамавӣ дар «Мўъҷам ул-удабо»-и хеш навиштааст: «Абулаббоси Думайрӣ марде фозил, адибе суханвар ва аз муаррихону олимони забоновар буд ва аз ў китобҳои бузург содир мешуд. Вай яке аз мутарҷимон буд, ки китобҳои форсиро ба арабӣ нақл мекард. Ўро беш аз панҷоҳ тарҷума аз китобҳои эрониён аст. Даҳҳо кутуб дар авсоф ба қалами ў тааллуқ дорад, ки аз он ҷумла аст китобҳои «Васфи савор ва асп», «Васфи шамшер», «Васфи қалам»» [89, XIX, 52]. Абулаббоси Думайрӣ дар улуми қуръонӣ низ табаҳҳури тамом дошта ва китоберо бо номи «ал-Ҳовӣ фи улум ал-Қуръон» таълиф карда, ки аз бисту ҳафт ҷузъ иборат будааст. Фузун бар ин, Ёқут китобҳое, аз қабили «Китоб ул-ҳамоса», «Китоби ахбори Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар ибни Абўтолиб» ва ғайраро ба ў нисбат додааст [89, XIX, 52].

Шарҳи ҳоле аз Абулаббоси Думайрӣ ҳамчунин дар китоби «Буғят ул-вуъот» омадааст. К.Брокелман бо истинод ба ин китоб як идда рисолаҳои дигари Абулаббоси Думайриро зикр кардааст, ки дар миёни онҳо «Китоби Искандар» қобили зикр аст. К.Брокелман ҳадс задааст, ки ин китоб шояд яке аз ҳамон панҷоҳ кутубест, ки Абулаббоси Думайрӣ аз паҳлавӣ ба арабӣ нақл кардааст [231, II, 239; III, 104].

Муриди Асвад

Ибни Надим ҳини сухан аз китоби «Калила ва Димна» таъкид бар он дорад, ки «аз ин китоб маҷмўаҳо ва баргузидаҳое ҳаст, ки онҳоро адибоне, мисли Ибни Муқаффаъ, Саҳл ибни Ҳорун, Салм – раиси «Байт ул-ҳикма»

ва Муриди Асвад, ки ўро Мутаваккил (847-861) дар замони хилофаташ аз Форс ба ҳузури хеш даъват карда буд» [86, 364], анҷом додаанд. Аз ин ишораи Ибни Надим метавон истинбот кард, ки Муриди Асвад дар миёнаҳои қарни IX дар Форс мезиста ва аз адабу фарҳанги тоисломии эронӣ вуқуфи тамом доштааст.

Зикр шудани номи ў дар радифи Ибни Муқаффаъ, Салм ва Саҳл ибни Ҳорун, ки ҳам ба тарҷумаи кутуби паҳлавӣ ва ҳам ба таълифи кутуб дар рӯҳи осори тоисломии эронӣ маъруфият доранд, гувоҳ бар он аст, ки фаъолияти ў низ дар ҳамин ду самт ҷараён доштааст.

Асбағи Систонӣ

Дар «ал-Фиҳрист» дар бахши «Кутуби ҳиндувон дар хурофот, асмор ва аҳодис» дар радифи «Калила ва Димна» аз «Китоби Синдбод» ёд шуда, ки дар ду таҳрири муфассал ва мухтасар бо номҳои «Китоб Синдбод ал-кабир» ва «Китоб Синдбод ас-сағир» мавҷуд будааст. Дар баъзе аз нусхаҳои дастнависи «ал-Фиҳрист» дар ҳошия омадааст, ки мутарҷими таҳрири мухтасари ин китоб, яъне «Китоб Синдбод ас-сағир» ал-Асбағ ибни Абдулазиз ибни Салим ас-Сиҷистонӣ аст (ниг.: [86, 364]).

Бино ба навиштаи Ибни Надим, китоби «Синдбод»-ро шоири арабигӯи эронитабор Абон ибни Абдулҳамиди Лоҳиқӣ (ваф. 815) ба шеъри арабӣ даровардааст [86, 186; 135, 112-113]. А.Е.Кримский ҳадс задааст, ки Абони Лоҳиқӣ тарҷумаи шеърии худро аз ин китоб аз рӯи тарҷумаи мансури Асбағи Систонӣ ба амал баровардааст [152, 17-18]. Мутаассифона, дар бораи Асбағи Систонӣ дар манобеъ ба ҷуз он чӣ ишора шуд, дигар маълумоти қобили таваҷҷӯҳ зикр нашудааст.

Номгӯи мутарҷимон ва осори тарҷумакардаи эшон, ки дар ин бахши рисола ба қайд омаданд, вусъати наҳзати тарҷумаи осори паҳлавиро дар асрҳои VIII-IX ба субут мерасонад. Ҷои тардид нест, ки дар садаҳои мазкур мутарҷимони дигар низ ба нақли осори тоисломии эронӣ ба забони арабӣ пардохта буданд, вале номашон дар манобеи куҳан зикр нашудааст. Ин

нуктаро даҳҳо кутуби паҳлавие, ки мутарҷимашон ба забони арабӣ маълум нест, таъйид мекунанд.

Бар мабнои он чӣ зикр шуд, метавон ба бардоште расид, ки тарҷумаи осори алоҳидаи паҳлавӣ дар охири асри VII – аввали асри VIII (тарҷумаи китоби ҷуғрофиёи Эрон аз ҷониби Зодонфаррух) сурат гирифтааст, вале авҷи наҳзати тарҷума ба нимаи дуюми асри VIII – нимаи аввали асри IX рост омадааст. Маҳз дар ҳамин давра ағлаби осори тоисломии эронӣ ба забони арабӣ баргардон шуда, бад-ин васила дар муҳити нави забонӣ ва дар партави ҷаҳоншиносии ваҳдонӣ умри дубора пайдо кардаанд.

Тарҷумаи осори паҳлавӣ дар нимаи дуюми асри IX (тарҷумаҳои Абулаббоси Думайрӣ) низ сурат гирифта ва дар адвори баъдӣ, ки баррасии он аз ҳадди матолиби ин рисола берун аст, идома ёфтааст.

II.3. Тарҷумаи осори таърихӣ

Ба тавассути заҳмат ва талошҳои мутарҷимони қарнҳои нахусти ислом, ки ном ва ҳосили кори қисме аз онҳо дар манобеи адабиву таърихӣ мазкур аст ва дар бахши қаблии ин рисола низ ба онҳо ишора рафт, анвои мухталифи осори мансури паҳлавӣ ба арабӣ баргардон шуд. Дар миёни осори тоисломии эронӣ таваҷҷӯҳи мутарҷимонро, қабл аз ҳама, кутуби таърихии паҳлавӣ ба худ ҷалб кард. Бад-ин ваҷҳ, дар миёни китобҳои паҳлавие, ки дар қуруни аввали ислом кисвати арабӣ ба бар карданд, таърихномаҳо ва ба таври умум осоре, ки таҷрибаи таърихии қавмҳои ориёӣ дар онҳо баён ёфта буданд, тасаллут доштанд. Чунин як таваҷҷӯҳи вижа ба тарҷумаи кутуби таърихӣ бесабаб набуд ва ангезаву омилҳои худро дошт, ки ишора бад-онҳо ҷиҳати дарки мақоми илми таърих ва таърихнигорӣ дар тамаддуни бостонии халқҳои эронӣ ва идомаи ин раванд дар қарнҳои нахусти ислом муфид хоҳад буд.

Нахуст бояд таъкид кард, ки забту сабти вақоеи таърихӣ, ки таърихнигорӣ аз он ибтидо мегирад, дар миёни қавмҳои ориёӣ аз даврони куҳан мутадовил буд. Бино ба ишораҳои муаррихони қадими юнонӣ ва

сангнабиштаҳое, ки дар қисматҳои мухталифи Эронзамин аз аҳди бостон боқӣ мондаанд, метавон истинбот кард, ки шоҳони қадими эронӣ ба сабти муҳимтарин вақоеи рӯзгори худ ҷиҳати ҳифз ва иштиҳори ному пайкорашон таваҷҷӯҳ ва алоқаи вижа доштаанд. Дар дарбори шоҳони ҳахоманишӣ дафтарҳои махсусе мавҷуд будаанд, ки дар онҳо вақоеи муҳимми таърихӣ ба қайд меомаданд [294, 149-152].

Дар аҳди Сосониён таваҷҷӯҳ ба дониши таърихӣ боз ҳам бештар гардида, таърихнигорӣ дар тамаддуни он даврон аз мақом ва манзалати шоиста бархурдор гардид. Дар заминаи солномаҳои дарбори шоҳони сосонӣ таҳия шудани «Худойнома» дар авохири салтанати ин дудмон ва тарҷумаву бозгӯиҳои пайвастаи асари мазкур дар асрҳои VIII-IX, ки сухан дар ин бора дар пеш аст, худ гувоҳ бар он аст, ки бузургдошти таърих ва ибратпазирӣ аз он аз даврони моқабли ислом аз хусусиятҳои тафаккур ва ҷаҳоншиносии қавмҳои эронӣ маҳсуб мешудааст.

Сониян, тааммул бар таърихномаҳое, ки дар густураи тамаддуни эронӣ таълиф шудаанд, - аз «Худойнома» сар карда, то таърихномаҳои бешумори асрҳои миёна, - мубаййини он матлаб аст, ки қавмҳои эронӣ ба таърих ва воқеоту ҳодисоти таърихӣ аз дидгоҳи ахлоқу маънавият назар мекардаанд. Бад-ин маънӣ, ҳадафи таърихнигории эронӣ танҳо воқеанигории сирф ва зикри асноду шавоҳид набуда, балки муҳимтар аз он дарёфти моҳияти ахлоқиву маънавии рӯйдодҳои сиёсӣ ва равандҳои таърихӣ маҳсуб мешудааст. Дар таъйиди чунин наҳви нигариш ба таърих аз асноду далоили фаровоне, ки дар таърихномаҳо метавон дарёфт, сарфи назар намуда, танҳо бо иқтибосе аз суханони Хусрави Анӯшервон иктифо мекунем, ки гуфтааст: «… Он гоҳ ба шеваҳо ва ойинҳои пешин рӯй биёвардем ва бад-он чӣ барои мо ва сипоҳ ва мардуми мо судмандтар буд, оғоз кардем. Дар шеваҳои ниёгон аз Гаштосп то шаҳриёрии Қубод – наздиктарин падари хеш нек нигаристем ва он чӣ дуруст буд, баргирифтем ва он чӣ нодуруст буд, аз он рӯй бигардонидем. Ва дар ин кор меҳри падарон ҳаргиз моро ба пазируфтани шеваҳои носудманд барнаангехтааст,

ки меҳри Яздон ва сипосу фармонбардории ўро бартар доштаем. … Аз он пас ба шеваҳои Руму Ҳинд пардохтем, ойинҳои ононро бо санҷаи хирад бисанҷидем ва сутудаҳои онро баргузидем ва аз миёни онҳо бад-он чӣ зевари шаҳриёримон буд, чанг задем ва онро хӯву шеваи хеш кардем ва ҳаргиз бад-он чӣ ҳавои нафс ба сӯи он мекашид, нагаравидем» [81, 180].

Ин суханони Хусрави Анӯшервон воқеан баёнгари муносибат ва нигариши ниёгони мо ба таҷрибаи таърихии аслоф аст, ки он аслан ҳадафи шинохти ҳикмати ахлоқии таърих ва дар ин замина фароҳам овардани василаҳои камолоти маънавии шаҳриёр ва ҷомеаро пайгирӣ мекард. Аз ин ҷост, ки дар «Худойнома» ва таърихномаҳои баъдӣ ҷанбаҳои ахборӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ ва адабӣ ба ҳам омадаанд ва ин амр боиси густариш ва ривоҷи донишҳои таърихӣ дар ҷомеаи эронӣ гардидааст.

Солисан, нависандагони эронитабори қуруни нахустини исломӣ, хоссатан онҳое, ки пайрави мазҳаби шуубия буданд, ҷиҳати ҳифз ва эҳёи мероси маънавии ниёгонашон, қабл аз ҳама, ба осори таърихии паҳлавӣ, хоссатан «Худойнома» рӯй оварданд, зеро маҳз дар ҳамин навъ кутуб ҳувияти маънавиву ахлоқии халқҳои эронӣ бештар ва беҳтар аз дигар анвои мероси мактуб мунъакис гардида буд. Бесабаб набуд, ки шуубиён «Худойнома»-ро ганҷинаи донишу хиради эронӣ медонистанд ва бо он ба ҳайси василаи ислоҳи сиёсиву иҷтимоӣ ва ахлоқиву маънавӣ менозиданд. Чунончи, Ҷоҳиз аз забони аҳли шуубия овардааст: «Ва ҳар кӣ ҷӯёи хираду адаб, илму дониш, панду насиҳат, суханҳои арҷманд ва маъниҳои воло бошад, бигзор ба «Сияр-ул-мулук» («Худойнома») рӯй оварад» [50, III, 710].

Дар ҳамин поя шинохтани арзиши «Худойнома» аз ҷониби нависандагони шуубимазҳаб боис гардид, ки онҳо ба тарҷумаву бозгӯ ва ислоҳу таҳзиби мукаррари «Худойнома» ва соири осори таърихии тоисломии эронӣ рӯй оваранд. Дар натиҷаи фаъолияти онҳо дар қарнҳои VIII-IX дар маркази Хилофат мактаби таърихнигории эронӣ ташаккул ёфт (ниг.: [256, 565-566]). Гурӯҳе аз намояндагони ин мактаб бо тарҷумаи осори

таърихии эронӣ ба арабӣ сарукор доштанд, қисми дигар дар заминаи истифодаи маохиз ва маводи «Худойнома» ва соири кутуби таърихии тоисломӣ ба таълифи таърихномаҳо даст заданд, ки дар ин бора дар боби сеюми рисола сухан хоҳад рафт. Ҳосили кори мактаби мазкур буд, ки таърихи Эронзамин на танҳо бо сармоя ва дороиҳои маънавиву ахлоқиаш ба матну батни тамаддуни ҷадиди исломӣ ворид гардид ва расмияту арзиши сиёсиву динӣ пайдо кард, балки ба густаришу равнақи таърихнигории исломӣ мусоидат намуд.

«Худойнома». Ба иттифоқи орои муҳаққиқон, муҳимтарин асари таърихие, ки дар қарнҳои нахусти ислом аз паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума гардид, «Худойнома» ба шумор меояд. Ин китоб дар заминаи солномаҳое, ки дар дарбори шоҳони эронӣ аз қадим вуҷуд дошт, дар авохири даврони салтанати Сосониён тадвин шудааст.

Замони дақиқи таълифи «Худойнома»-ро ағлаби муҳаққиқон, аз ҷумла Т.Нелдеке, А.Кристенсен ва А.Тафаззулӣ аҳди Хусрави Анӯшервон (531-579), ки даврони гирд кардану гиромӣ доштани донишу хирад ва наҳзати адабиву фарҳангӣ маҳсуб мешавад, таъйин кардаанд. Минбаъд, дар давраи салтанати охирин шоҳаншоҳи сосонӣ – Яздигурди III (ваф. 651) ин китоб такмил ёфтааст [283, 97; 234, 270].

Асли паҳлавии «Худойнома» аз байн рафтааст, вале дар қиёс бо мӯҳтавои «Шоҳнома» ва таърихномаҳои форсиву арабии қуруни нахустини исломӣ метавон таъкид кард, ки «Худойнома» таърихи ақвоми эрониро аз ибтидои офариниш то суқути дудмони Сосониён дар бар гирифта, дар он таърихи воқеӣ бо устураву ривоёт ва достонҳои куҳан омезиш ёфтааст. Ба ҷуз аз матолиби таърихиву афсонавӣ, «Худойнома» ҳамчунин урфу одатҳои мардумӣ, ахлоқу маънавиёт ва ақоиду боварҳои динӣ, хоссатан усули мазҳаби зардуштиро дар матни худ ғунҷонидааст (Доир ба мӯҳтавои «Худойнома» ниг.: [283, 100; 294, 271-272]). Бино ба мӯҳтавиёти худ, «Худойнома» ба масобаи як қомуси таърих, адабиёт, фарҳанг, ахлоқ ва дину фалсафаи Аҷами тоисломӣ буд, ки ҳувияту ҳайсияти таърихиву

маънавии ақвоми эрониро дар ҷомеъатарин шакл бозтобӣ мекард. Аз ин ҷост, ки ин китоб дар қарнҳои нахусти ислом ҳамвора мавриди тарҷума ва иқтибосу истифода қарор гирифт ва зиндагии худро дар муҳити нави исломӣ идома дод, ки ҷузъиёти он дар як идда манобеи арабиву форсии куҳан сабт гардидааст. Қабл аз он ки матолиби ин манобеъро ба доираи баррасӣ бикашем, бояд таъкид кард, ки «Худойнома» пас аз тарҷума ба арабӣ дар муҳити исломӣ бо номҳои «Таърих мулук ал-фурс» ё «Сияр ул-мулук» иштиҳор ёфт.

Қадимтарин маъхазе, ки доир ба тарҷумаҳои арабии «Худойнома» ва ҷузъиёти умри дубораи ин китоб дар даврони исломӣ маълумотеро ҳовӣ аст, таърихномаи Ҳамзаи Исфаҳонӣ «Синий мулук ал-арз ва-л-анбиё» мебошад, ки қабл аз соли 346/957 таълиф шудааст.

Аз матолибе, ки Ҳамзаи Исфаҳонӣ зикр кардааст, аён мешавад, ки «Худойнома» дар қарнҳои VIII-IX борҳо ба арабӣ тарҷума гардида ва миёни тарҷумаҳои ин китоб тафовутҳо ба назар мерасидааст. Чунончи, Ҳамза суханони яке аз мутарҷимони «Худойнома» - Мӯсо ибни Исои Кисравиро овардааст, ки мегӯяд: «Ба китоби мавсум ба «Худойнома», ки чун аз форсӣ ба арабӣ тарҷума шуд, ба «Таърих мулук ал-фурс» мавсум гардид, нигаристам ва дар нусхаҳои он чандин бор диққат ва истиқсо кардам, ҳамаи онҳо бо якдигар ихтилоф доштанд, то он ҷо, ки ду нусхаи якнавохт ва мутобиқ наёфтам. Ва ин ихтилоф дар натиҷаи иштибоҳи мутарҷимон аз забоне ба забони дигар ба вуҷуд омада буд» [57, 13].

Ҳамза дар мавриди дигар низ ба касрат ва тадовули нусхаҳои «Худойнома»-и паҳлавӣ ва тарҷумаҳои он ба арабӣ дар қарнҳои аввали ислом ишора намуда, аз забони мутарҷими дигари ин китоб – Баҳром ибни Мардоншоҳ овардааст: «Бисту анд нусха аз китоби «Худойнома»-ро ба даст овардам ва санавоти таърихии подшоҳони Эронро аз замони Каюмарс – падари башар то поёни рӯзгори онон ва заволи ҳукумати эшон бо дасти тозиён ислоҳ кардам» [57, 19]. Чизе, ки, қабл аз ҳама, дар ин иқтибосот таваҷҷӯҳро ба худ ҷалб мекунад, ин ишорати мукаррар ба тафовутҳо миёни

нусхаҳои «Худойнома» аст. Аз сиёқи ривояти Ҳамзаи Исфаҳонӣ ва суханони мутарҷимоне, ки ӯ зикр кардааст, метавон истинбот кард, ки ин тафовутҳо бештар ба солҳои салтанати шоҳони афсонавиву таърихии Эрон дахл доштаанд. Ҳам мутарҷими аввал – Мӯсо ибни Исои Кисравӣ ва ҳам мутарҷими сонӣ – Баҳром ибни Мардоншоҳ таъкид бар он доштаанд, ки онҳо солҳои салтанати шоҳони Эронро ислоҳ кардаанд. Албатта, тафовутҳо миёни нусхаҳои «Худойнома» дар зикри воқеоту ҳаводиси таърихӣ ва ривоёти қиссаву достонҳо низ мавҷуд буданд. Ба ҳар ойин, худи вуҷуди тафовутҳо миёни нусхаҳо далел бар он аст, ки «Худойнома» аз роиҷтарин ва мутадовилтарин осори таърихии тоисломии эронӣ дар қарнҳои аввали ислом будааст.

Касрат ва тафовути нусхаҳои тарҷумаи арабии «Худойнома» дар назди муаррихоне, ки ба таърихи тоисломии Эрон пардохта ва ин китобро мавриди истифода қарор дода буданд, вазифаи ҷамъоварӣ, муқояса ва талфиқи онҳоро пеш мегузошт. Ҳамзаи Исфаҳонӣ низ, вақте хостааст таърихномаи хешро таълиф кунад, дар баёни таърихи тоисломии Эрон ба тарҷумаҳои арабии «Худойнома» рӯй оварда ва ҳашт тарҷумаи мухталифи онро гирд овардааст, ки бад-ин қарор буд:

1. «Сияр мулук ал-фурс», тарҷумаи Ибни Муқаффаъ;
2. «Сияр мулук ал-фурс», тарҷумаи Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ;
3. «Таърих мулук ал-фурс», аз ганҷинаи халифа Маъмун (813-833);
4. «Сияр мулук ал-фурс», тарҷумаи Зодуя ибни Шоҳуяи Исфаҳонӣ;
5. «Сияр мулук ал-фурс», тарҷума ё таълифи Муҳаммад ибни Баҳром ибни Матёри Исфаҳонӣ;
6. «Таърих мулук Банӣ Сосон», тарҷума ё таълифи Ҳишом ибни Қосими Исфаҳонӣ;
7. «Таърих мулук Банӣ Сосон», ислоҳи Баҳром ибни Мардоншоҳ, мӯбади вилояти Шопур аз билоди Форс.

Чунон ки пайдост, Ҳамза ҳафт тарҷумаи «Худойнома»-ро зикр кардааст, ҳол он ки ӯ худ ҷамъ овардани ҳашт тарҷумаро таъкид карда буд. Чунин номувофиқатиро мусташриқи борикбини рус В.Р.Розен барҳақ аз

саҳви хаттотону носихони таърихномаи Ҳамза ба шумор оварда, бар он ақида буд, ки аз ин рӯихати ҳафтнафара номи мутарҷими дигари «Худойнома» - Мӯсо ибни Исои Кисравӣ афтидааст [189, 174]. Сиҳҳати ақидаи В.Р.Розенро ду чиз таъйид мекунад: якум, худи Ҳамза дар саҳафоти баъдӣ аз Мӯсо ибни Исои Кисравӣ чун мутарҷими «Худойнома» ёд кардааст. Дуюм, муаллифи маҷҳули «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» бо такя ба таърихномаи Ҳамза номи мутарҷимони «Худойнома»-ро зикр кардааст, ки Мӯсо ибни Исои Кисравӣ дар радифи онҳо ҷойгузин аст [76, 2].

Номгӯи мутарҷимони «Худойнома» аз паҳлавӣ ба арабӣ ҳамчунин дар «Муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ» [280, 141-142], «Таърихи Табарӣ»-и Абӯалии Балъамӣ (ниг.: [2,I, 4-5]) ва «Осор ул-боқия»-и Абӯрайҳони Берунӣ [4, 124] бо баъзе тафовут дар ҷузъи иддае аз номҳо зикр шудааст.

Аз манобеи арабӣ муҳимтарин асаре, ки доир ба мутарҷимони осори паҳлавӣ ба арабӣ, аз ҷумла мутарҷимони «Худойнома» маълумотеро шомил аст, ҳамоно «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим ба шумор меояд. Дар ин асар муаллиф номи ҳафт тан мутарҷимони «Худойнома»-ро ба тариқи зайл номбар кардааст: 1. Ибни Муқаффаъ; 2. Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ; 3. Ҳишом ибни Қосим; 4. Мӯсо ибни Исои Кисравӣ; 5. Зодуя ибни Шоҳуяи Исфаҳонӣ; 6. Муҳаммад ибни Баҳром ибни Матёри Исфаҳонӣ; 7. Баҳром ибни Мардоншоҳ - мӯбади шаҳри Шопур аз билоди Форс. Ин номгӯй бо он чӣ Ҳамзаи Исфаҳонӣ зикр кардааст, мувофиқати комил дорад.

Дар рӯихати мутарҷимони эронӣ Ибни Надим аз Исҳоқ ибни Язид ном тарҷумоне ёдовар шуда, ба қалами ӯ китоберо бо номи «Сират ул-фурс», ки маъруф ба «Ихтиёрнома» аст, нисбат додааст. Розен В.Р. бар он буд, ки «Ихтиёрнома» аслан таҳрифе аз «Худойнома» аст. Бино бар ин, ӯ ақида дошт, ки Исҳоқ ибни Язид низ яке аз мутарҷимони ин таърихномаи маъруфи паҳлавӣ аст [189, 177]. Ин ақидаи В.Р.Розенро минбаъд К.А.Иностранцев қонибдорӣ карда, дар масъалаи яке аз мутарҷимони

«Худойнома» будани Исҳоқ ибни Язид тардидеро раво надидааст [138, 32]. Османов М.Н. низ назари муҳаққиқони қаблиро пазируфта, ба мавҷудияти нӯҳ тарҷума ё таҳрири «Худойнома» ба забони арабӣ қоил буд [177, 161]. Аммо муҳаққиқи эронӣ М.Муҳаммадӣ, ки қаблан ақидаи донишмандони фавқуззикрро ҷонибдорӣ мекард (ниг.: [294, 142]), ахиран бо чанд далел дар сиҳҳати он тардид кард [292,152-153], ки дар ин бора дар боби қаблии рисола ҳини баррасии фаъолияти тарҷумонии Исҳоқ ибни Язид сухан рафта буд.

Ба пиндошти М.Муҳаммадӣ, унвони «Ихтиёрнома» таҳрифи «Худойнома» набуда, балки он таҳрифе аз «Бахтиёрнома» аст, ки таҳрирҳои мухталифе аз он мавҷуд буда, тавассути З.Сафо, Е.Э.Бертелс ва дигарон чандин бор ба чоп расидааст (ниг.:[62]).

Дар ҳоле ки матни асари Исҳоқ ибни Язид ё ишорае ба мӯҳтавои он боқӣ намондааст, дар таъйид ё радди ин ақидаи М.Муҳаммадӣ бурҳоне қотеъ пеш овардан душвор аст. Вале дар тасдиқи он, ки китоби тарҷумакардаи Исҳоқ ибни Язид ба «Худойнома» айният надорад, метавон чунин далелеро пеш овард. Дар тамоми манобее, ки дар онҳо дар хусуси тарҷумаҳои арабии «Худойнома» сухан рафтааст, ин китоб дар сиғаҳои арабии «Сияр ул-мулук», «Сияр мулук ал-фурс», «Таърих мулук ал-фурс» ва «Сияр мулук Банӣ Сосон» зикр шудааст, яъне дар ҳамаи сиғаҳо вожаи «мулук» (ҷамъи «малик») ҳузур дорад. Дигар хел шуданаш мумкин ҳам набуд, зеро дар унвони паҳлавии китоб вожаи «хватай» - «худо», «шоҳ» омада ва дар тарҷумаи арабӣ низ он нигоҳ дошта шудааст. Пас, агар китоби тарҷумакардаи Исҳоқ ибни Язид воқеан ҳам «Худойнома» мебуд, Ибни Надим онро дар шакли «Сияр ул-фурс» (бидуни вожаи «мулук») зикр намекард. Аз ин ҷо метавон бар хилофи ақидаи В.Р.Розен ва пайравони ӯ, ба чунин бардоште расид, ки «Ихтиёрнома» (ё «Бахтиёрнома» ба пиндори М.Муҳаммадӣ) таҳрифе аз «Худойнома» нест ва Исҳоқ ибни Язидро низ наметавон аз мутарҷимони ин таърихномаи паҳлавӣ ба забони арабӣ ба шумор овард. Бино бар он чӣ зикр шуд, метавон ба бардоште расид, ки

дар қарнҳои VIII-IX ҳафт тан аз мутарҷимону нависандагони эронитабор «Худойнома»-ро ба арабӣ баргардон ва тасниф карда буданд. Як тарҷумаи дигар, ки Ҳамзаи Исфаҳонӣ онро «ба дастомада аз ганҷинаи Маъмун» муаррифӣ кардааст, бидуни номи мутарҷим зикр шудааст. Бино бар ин, метавон бар вуҷуди ҳашт (на нӯҳ) тарҷума ё таҳрири «Худойнома» дар қарнҳои нахусти ислом қоил буд.

Мусташриқи олмонӣ Т. Нелдеке ақида дошт, ки нахустин тарҷумаи мустақим аз «Худойнома»-и паҳлавӣ тарҷумаи Ибни Муқаффаъ буда, тарҷумаҳои дигар аз рӯи он сурат гирифтаанд (ниг.: [283, 98-99]). Ин ақида то замоне, ки В.Р.Розен ба таҳқиқи тарҷумаҳои «Худойнома» рӯй овард, қоим буд, вале натиҷаи пажӯҳишҳои донишманди рус онро мавриди тардид қарор дод. В.Р.Розен бо таваҷҷӯҳ бар он, ки мавҷудияти ихтилофҳо миёни тарҷумаҳои «Худойнома» дар манобеи арабӣ, хоссатан таърихномаи Ҳамза мукарраран таъкид шудааст, ба чунин хулоса омад, ки далеле кофӣ барои тасдиқи он, ки мутарҷимони дигар аз тарҷумаи Ибни Муқаффаъ пайравӣ ва истифода кардаанд, вуҷуд надорад. Баръакс, аз миёни нусхаҳои зиёди тарҷумаҳои «Худойнома» ду нусхаи ба ҳам мувофиқро пайдо накардани Мӯсо ибни Исои Кисравӣ, ки қаблан ба он ишора шуд, худ гувоҳ бар он аст, ки ҳар яке аз мутарҷимони ин китоб дар кори тарҷума аз Ибни Муқаффаъ то андозае мустақил будаанд [189, 182-183].

В.Р. Розен бо диққати назар ба маълумоте, ки Ҳамзаи Исфаҳонӣ дар бораи тарҷумаҳои «Худойнома» зикр кардааст, пай бурд, ки муаррихи мазкур дар тавсифи тарҷумаҳо се таъбири гуногунро ба кор гирифтааст. Чунончи, «Сияр мулук ал-фурс»-и Ибни Муқаффаъ ва асарҳои ҳамноми Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ ва Зодуя ибни Шоҳуяи Исфаҳониро Ҳамза «нақл», яъне тарҷумаи «Худойнома» номидааст. Дар таърифи «Сияр мулук ал- фурс»-и Муҳаммад ибни Баҳром ибни Матёри Исфаҳонӣ ва «Таърих мулук Банӣ Сосон»-и Ҳишом ибни Қосими Исфаҳонӣ таъбири «нақл ав ҷамъ», яъне «тарҷума ё таълиф»-ро истифода кардааст. Асари

Баҳром ибни Мардоншоҳи мӯбад «Таърих мулук Банӣ Сосон»-ро Ҳамза «ислоҳ», яъне таҳрири «Худойнома» номидааст. В.Р. Розен тарҷумаи Мӯсо ибни Исои Кисравиро низ, ки мисли Баҳром ибни Мардоншоҳ чандин нусхаҳои «Худойнома»-ро муқоиса ва ба заъми худи вай, ислоҳ карда будааст, ба ҳамин гурӯҳи сеюм дохил намуд [189, 182-183]. Ба ақидаи В.Р.Розен, Ҳамзаи Исфаҳонӣ се навъ таъбирро барои таърифи тарҷумаҳои «Худойнома» бесабаб ба кор нагирифтааст, яъне ҳар як аз ин таъбир ифодакунандаи як навъи мушаххаси тарҷума ва ё як дастаи мутарҷимони «Худойнома» аст. Аз ин рӯ, В.Р.Розен мутарҷимони «Худойнома»-ро ба се даста тақсим кард: дастаи аввал аз Ибни Муқаффаъ, Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ ва Зодуя ибни Шоҳуяи Исфаҳонӣ иборат аст, ки матни китоби мазкурро дар шакли наздик ба асл тарҷума кардаанд. Албатта, тарҷумаи онҳо баргардони ҳарф ба ҳарф набуда, балки ҳазфу ихтисори матолиби китоб вуҷуд доштааст. Ба дастаи дуюми мутарҷимон Муҳаммад ибни Баҳром ибни Матёри Исфаҳонӣ ва Ҳишом ибни Қосими Исфаҳонӣ шомиланд. Онҳо дар тарҷума пайрави матни асл будаанд, вале матолиби таърихиву афсонавиро аз кутуби дигари паҳлавӣ бар он афзудаанд. Дастаи сеюми мутарҷимонро Баҳром ибни Мардоншоҳ ва Мӯсо ибни Исои Кисравӣ ташкил мекунанд. Онҳо тарҷумаҳои мухталифи «Худойнома»-ро бо якдигар муқоиса намуда, кӯшидаанд, ки як матни ҳамоҳанги китобро ба вуҷуд ованд ва ихтилофоти миёни онҳоро аз байн баранд. Дар пайи ин ҳадаф онҳо қиссаву ривоёти ҷаълиро бар матн афзуда ва матолиберо аз он ҳазф кардаанд. В.Р.Розен чанд намуна аз ин «ислоҳ»-ҳои Мӯсо ибни Исои Кисравиро бар мабнои ахборе, ки дар китоби «ал-Маҳосин ва-л-аздод»-и Ҷоҳиз боқӣ мондааст, зикр намудааст [189, 183-188]. Вуҷуди ҳамин се даста аз мутарҷимон ва се навъ аз тарҷумаҳои «Худойнома» боис шуда, ки ихтилофоти мавҷуда миёни нусхаҳои китоби мазкур на танҳо рафъ нагардад, балки боз ҳам бештар рӯй намояд ва мунтаҳо ба таърихномаҳои аҳди исломӣ ворид шавад.

Ҳашт тарҷумаи мазкури «Худойнома»-ро аз лиҳози фарогирии матолиби таърихӣ метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард: гурӯҳи аввал тарҷумаҳое буданд, ки таърихи ақвоми эрониро аз оғоз то суқути хонадони Сосониён дар бар мегирифтанд ва ба масобаи таърихҳои комили Эрон буданд. Ба ин гурӯҳ бар асоси унвони тарҷумаҳо ва ишороти мавҷуда ба матолиб ва мӯҳтавои онҳо метавон тарҷумаҳои зеринро шомил кард:

1. «Сияр мулук ал-фурс»-и Ибни Муқаффаъ;
2. «Сияр мулук ал-фурс»-и Муҳаммад ибни Ҷаҳми Бармакӣ;
3. «Таърих мулук ал-фурс» аз хизонаи Маъмун;
4. «Сияр мулук ал-фурс»-и Зодуя ибни Шоҳуяи Исфаҳонӣ;
5. «Сияр мулук ал-фурс»-и Муҳаммад ибни Баҳром ибни Матёри Исфаҳонӣ.

Гурӯҳи дуюми тарҷумаҳои «Худойнома» аз рӯи унвонашон, ки дар таърихномаи Ҳамза зикр шудаанд, ба баёни таърихи хонадони Сосониён ихтисос доштанд. Чунончи:

1. «Таърих мулук Банӣ Сосон»-и Ҳишом ибни Қосими Исфаҳонӣ;
2. «Таърих мулук Банӣ Сосон»-и Мӯсо ибни Исои Кисравӣ.

Тарҷумаи Баҳром ибни Мардоншоҳ, ки дар таърихномаи Ҳамза чун «Таърих мулук Банӣ Сосон» ёд шудааст, аз рӯи унвонаш мебоист мунҳасир ба баёни таърихи Сосониён бошад. М.Н. Османов низ ба таърихи шоҳони сосонӣ ихтисос доштани ин тарҷумаро ҷонибдорӣ кардааст [177, 169]. Аммо ҳамчунон ки дар шарҳи ҳоли Баҳром ибни Мардоншоҳ қаблан зикр шуд, ишороти муаллифи «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» ва манобеи дигар таърихномаи хоси замони салтанати Сосониён будани китоби Баҳром ибни Мардоншоҳро зери шубҳа мегузоранд. Бар мабнои далоил ва асноде, ки дар ин хусус қаблан баён гардид, метавон ҳадс зад, ки тарҷумаи Баҳром ибни Мардоншоҳ низ аз таърихномаҳои комили Эронзамин будааст.

Тарҷумаҳои арабии «Худойнома», ки ғолибан дар нимаи дуюми асри VIII ва нимаи аввали асри IX ба миён омаданд, куллан аз байн рафтаанд.

Сабаби ин амр, аз як тараф, ҳаводиси рӯзгор аст, ки тарҷумаҳои «Худойнома»-ро мисли осори дигари тоисломии эронӣ мавриди дастбурди хеш қарор дод. Аз ҷониби дигар, пас аз он ки матолиби «Худойнома» ба василаи тарҷумаҳои арабии он ба матну батни таворихи исломӣ ворид гардида, таърихи Эронзамин расмият ва сибғаи эронӣ пайдо намуд ва мунтаҳо «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ арзи ҳастӣ кард, ниёзи иҷтимоиву фарҳангӣ ба вуҷуди тарҷумаҳои «Худойнома» ба таври умум аз миён рафт. Ба иборати дигар, тарҷумаҳои арабии «Худойнома» бо он ки матолиби онҳо мавриди истифодаи пайвастаи муаррихони исломӣ қарор гирифт ва заминае барои рушди таърихнигории исломӣ фароҳам омад, рисолати хешро дар баробари таърихи бузурги Эронзамин ба иҷро расониданд ва дар гӯшаи нисёни таърих ҷой гирифтанд.

Муаррихони исломии асрҳои миёна бо вуҷуди иқтибос ва истифодаи фаровон аз матолиби тарҷумаҳои арабии «Худойнома» дар осори худ зарур намешумориданд, ки ба маъхази худ ишора кунанд. Ба ин маънӣ А.Кристенсен овардааст, ки «муаррихони араб ва эронӣ, ки китобашон дар дасти мост, ҷуз дар баъзе маворид маохизи мустақими худро зикр намекунанд. Аз ин ҷиҳат мо наметавонем бигӯем, китоби ҳар як аз онҳо маъхуз аз кадом тарҷума ё таълифи қадим аст» [283, 100].

Сабаби чунин шеваи иқтибос ва истиқбол аз осори пешиниён ҳамон суннати мутадовил дар таърихнигории классикии исломӣ буд, ки тибқи он «истифода намудани қисматҳои комиле аз осори дигарон бидуни ишорат ба маъхаз ва соҳиби он дар назари муаллифон ва хонандагони асрҳои миёна сирқат ба шумор намеомадааст» [15,I,12]. Барои нависанда ва муаррихи асрҳои миёна баёни мусалсали воқеоту равандҳои таърихӣ ва риояти сиҳҳати ахбори гузашта муҳимтар аз таъйини он буд, ки инро қабл аз ӯ киҳо ва дар кадом китобҳо зикр кардаанд. Барои хонанда низ дар таърихномаҳо ҷанбаи ахбориву иттилоотӣ муқаддам бар шахсияти гузорандаи воқеоту ҳаводиси таърихӣ буд. Аз ин ҷост, ки муаррихони исломӣ дар баёни таърихи тоисломии Эронзамин комилан ба

«Худойнома» такя ва матолиби онро истифода намуда бошанд ҳам, на ҳама вақт номи ин китоб ва тарҷумаҳои арабии онро ба ҳайси маъхази худ зикр кардаанд. Албатта, ин қоидаи умумӣ аст ва истисноҳо низ аз он ба назар мерасад. Чунончи, муаллифи маҷҳули таърихномаи «Ниҳоят ул-ираб фӣ ахбор ал-фурс ва-л-араб» дар баёни таърихи тоисломии Эрон мукарраран ба Ибни Муқаффаъ истинод ва аз ӯ нақли қавл намуда бошад ҳам, номи асари ӯро таъйин накардааст (ниг.: [87, 110, 159, 203, 277, 324, 328, 336]). Вале дарёфтан душвор нест, ки манзури муаллифи таърихномаи мазкур аз Ибни Муқаффаъ ҳамон тарҷумаи арабии «Худойнома»-и ӯст.

Шеваи иқтибос ва истифода аз осори пешиниён, аз ҷумла «Худойнома», дар осори адабиву ахлоқӣ дигар аст. Дар ин навъ осор, ки ҷанбаи адабии бориз доранд, асолати фикр, расоии маонӣ ва перояи калом дар мақоми нахуст қарор доранд. Инҳо ҳама аз аносире маҳсуб мешаванд, ки ба шахсияти гӯянда ё муаллиф, завқу салиқа ва ҳунару истеъдоди ӯ вобастаанд ва хусусияти фардӣ доранд. Бино бар ин, муаллифони ин навъ осор дар мавриде, ки қавле, фикре ё маъниеро аз пешиниён иқтибос кардаанд, кӯшидаанд, ки муаллиф ё маъхази онро таъйин кунанд. Ин ҳукм дар мавриди «Худойнома» низ мисдоқ пайдо мекунад, ки далели он нисбатан бештар будани иқтибос аз ин китоб бо зикри унвонаш дар осори адабиву ахлоқии арабиву форсӣ, аз қабили «Уюн ул-ахбор» ва «Китоб ул-маориф»-и Ибни Қутайба, «ас-Саъода ва-л-исъод»-и Абулҳасани Омирӣ ва ғайра аст. Чунончи, муаллифи ахир нӯҳ маротиба матолиби ахлоқиро аз «Худойнома» иқтибос карда ва ҳар бор нақли қавлро бо ҷумлаи «дар «Худойнома» мазкур аст» оғоз намудааст (ниг.: [68, 296, 298, 300, 317, 427, 429, 431, 432, 435]).

Ибни Қутайба низ дар «Уюн ул-ахбор» дар чаҳор маврид бо тасреҳи номи китоб матолиберо аз «Худойнома» нақл кардааст, ки дар онҳо мутаносибан сухан дар бораи шукргузории мардум ба Ардашер, қиссаи шоҳи Ҳайтолиён Хушнавоз бо Фирӯз ибни Яздигурд, қиссаи Баҳроми Гӯр

бо канизаки ӯ перомуни сайди оҳу, қиссаи Ардашер ва духтари шоҳи Савод меравад [29, I, 136, 154-156, 213; II, 404].

Истифодаи фаровон аз матолиби тарҷумаҳои арабии «Худойнома» дар таърихномаҳои асрҳои миёна, иқтибосоти мукаррари ин китоб дар осори адабиву ахлоқии арабиву форсӣ далели мақом ва эътибори волои он дар назди донишмандони гузашта аст. Фузун бар ин, маъхази аслии «Шоҳнома»-ҳои мансур ва манзуми форсӣ, аз ҷумла асари безаволи Фирдавсӣ будани тарҷумаҳои арабии «Худойнома» (баҳси он, ки оё Фирдавсӣ нусхаҳои арабии «Худойнома»-ро истифода кардааст ё не, берун аз ҳадаф ва ғунҷоиши ин рисола аст) худ гувоҳи аҳамият ва арзиши кори мутарҷимони эронии қарнҳои VIII-IX аст.

«Тоҷнома». Гузашта аз «Худойнома», осори дигари таърихиву адабии паҳлавӣ, ки дар қуруни нахустини исломӣ ба забони арабӣ тарҷума гардида, мавриди истиқбол ва истиноду иқтибоси донишмандони арабизабон қарор гирифт, силсилаи китобҳо бо номи умумии «Тоҷнома» маҳсуб мешавад. Лозим ба таъкид аст, ки миёни донишмандоне, аз қабили Ф.Габриэли, А.Кристенсен, И.Ю.Крачковский, К.А.Иностранцев, М. Муҳаммадӣ ва дигарон, ки доир ба кутуби мавсум ба «Тоҷнома» ибрози андеша кардаанд, ихтилофи назар вуҷуд дорад. Ин ихтилоф ношӣ аз он ҷост, ки қисме аз муҳаққиқон «Тоҷнома»-ро дар адабиёти даврони Сосониён як китоби ягона ва мунҳасир ба фард пиндоштаанд. Чунончи, Ф.Габриэли дар ҳамин ақида буд ва ду китоби «Тоҷнома»-ро, ки дар «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим зикр шудааст, бино ба назарияи хеш як китоб ба шумор меовард (ниг.:283,106). Ховаршиносон А. Гутшмидт, И.Ю. Крачков-ский ва К.А.Иностранцев низ ба ягонагии «Тоҷнома»-и паҳлавӣ қоил буданд [138, 29-31]. Ховаршиноси даниягӣ А.Кристенсен аз нахустин муҳаққиқоне маҳсуб мешавад, ки дар як китоб будани «Тоҷнома» тардид кард ва эҳтимол дод, ки ба ҷуз аз «Тоҷнома»-и умумӣ ҳамчунин «китобҳои хосе ҳам ба номи «Тоҷномак» мавҷуд будааст» [283, 106]. Пажӯҳишҳои муҳаққиқони баъдӣ, хоссатан М.Муҳаммадӣ, ҳамчунин дарёфт ва ба

доираи таҳқиқ кашида шудани пораҳое аз китобҳои мавсум ба «Тоҷнома» собит карданд, ки «Тоҷнома» мисли унвони дигар осори адабиёти аҳди Сосониён, аз қабили «Ойиннома», «Андарзнома», «Панднома» номи умумии силсилае аз китобҳо будааст, ки дар мавзўи муайян таълиф шудаанд.

Дар манобеи таърихиву адабии қарнҳои нахусти ислом ишорот ва иттилооте доир ба «Тоҷнома»-ҳо мавҷуд аст, ки бар мабнои онҳо метавон доир ба теъдоди ин силсила китобҳо ва мазмуну мўҳтавои онҳо изҳори андеша намуд. Қадимтарин маъхазе, ки дар он «Тоҷнома» дар шакли «Китоб ут-Тоҷ» зикр шудааст, «Уюн ул-ахбор»-и Ибни Қутайбаи Динаварӣ аст. Муаллифи мазкур, ки зода ва парвардаи хонадони эронӣ ва баҳравар аз маърифати осори адабии тоисломии ниёгонаш буд, дар асари худ ҳашт пора аз «Тоҷнома» бо тасреҳи номи он нақл кардааст. Пораҳои мазкур метавонанд тасаввуре доир ба мазмуну мўҳтавои «Тоҷнома»-ҳо фароҳам оваранд. Бино бар ин, ба таври иҷмолӣ аз назар гузаронидани онҳо дархури мавзўи баҳс аст.

Пораи аввалро Ибни Қутайба бо ҷумлаи «Дар «Тоҷнома» суханони яке аз шоҳонро хондам…» оғоз намуда, сипас суханони ҳикматомези он шоҳро овардааст: «Ҳиммати мардумон андак ва ҳиммати шоҳон баланд аст. Фикри шоҳон машғули корҳои бузург ва фикри мардуми оддӣ гирифтори умури ночиз аст. Нодонони эшон дар ниҳояти осоише, ки доранд, ба кўтоҳиву нуқсонҳои хеш узру баҳонае пеш меоваранд, аммо шоҳ бо он ҳама масъулияти сангине, ки ба дўши ўст, худро маъзур намедонад. Пас, Худованд султони худро азиз медорад, ўро роҳнамоӣ ва ёрияш мекунад» [29, I, 50].

Пораи дуюм низ бо ҷумлаи «Дар «Тоҷнома» хондам» оғоз ёфта, сипас омадааст: «Хусрави Парвиз, дар ҳоле ки дар ҳабси писараш Шерўя буд, ўро гуфт: «Сипоҳи худро аз ҳад зиёд озод магзор, то аз ту бениёз шаванд. Онҳоро бисёр сахт ҳам магир, то аз ту рўй нагардонанд. Дар бахшидан ҳадди эътидолро риоя кун, дар манъ кардан назокат зоҳир кун. Барои

пурсиш маҷолро фарох гузор, вале дар диҳиш ба исроф роҳ мадеҳ»[29, I, 55].

Дар пораи сеюм Хусрави Парвиз аз ҳабс ба писараш дар мавриди интихоби сардорони умур панду андарз медиҳад [29, I, 58].

Пораи чаҳорум шомили суханони ҳикматомези вазире аст, ки яке аз шоҳон аз ӯ дар мавриди ифшои роз машварат пурсида буд [29, I, 69].

Пораҳои панҷум, шашум ва ҳафтум андарзҳои Хусрави Парвизро мутаносибан ба котиб, хазинадор ва пардадораш дар бар гирифтаанд [29, I, 88, 101, 123].

Пораи ҳаштум фарогири калимоти шукр ва ҳамди дабире дар баробари «яке аз шоҳон» аст [29, I, 136].

Фузун бар ин, Ибни Қутайба панҷ пораи дигар, бидуни он ки номи «Тоҷнома»-ро зикр кунад, иқтибос кардааст. Дар ин пораҳо Хусрави Парвиз, дар ҳоле ки дар ҳабси писараш – Шерӯя буд, ба ӯ мутаносибан дар бораи интихоби омили хироҷ, аҳамияти машварат дар корҳо, зарурати ҷазои хиёнат, нигоҳ доштани ғазабу фурӯ нишондани хашм, риояти ҳадди эътидол дар умури кишвардорӣ панду андарз додааст (ниг.: [29, I, 59, 71, 100, 333, 378]).

Ин пораҳо ҳамагӣ аз номаи Хусрави Парвиз ба писараш – Шерӯя нақл шудаанд ва яқинан ҷузъе аз «Тоҷнома»-и мавриди истифодаи муаллиф будаанд, зеро дар миёни ҳашт порае, ки аз «Тоҷнома» будани онҳо сароҳатан зикр шудааст, ду пора (пораҳои дуюм ва сеюм) аз ҳамин номаи Хусрави Парвиз ба писараш – Шерӯя иқтибос шудаанд.

Ҳамчунин дар «Уюн ул-ахбор» насиҳати Хусрави Парвиз ба ошпаз ва шаробдори ӯ бидуни зикри маъхаз нақл шудааст [29, II, 216]. Дар қиёс бо он, ки дар пораҳои панҷум, шашум ва ҳафтум Хусрави Парвиз ба котиб, хозин ва пардадори худ насиҳат карда ва ба тасреҳи Ибни Қутайба ин пораҳо маъхуз аз «Тоҷнома» ҳастанд, метавон ҳадси наздик ба яқин зад, ки насиҳати шоҳи сосонӣ ба ошпаз ва шаробдораш низ ҷузъе аз «Тоҷнома» буда ва аз он дар «Уюн ул-ахбор» нақл шудааст.

Ҳамин тариқ, аз чаҳордаҳ порае, ки Ибни Қутайба аз «Тоҷнома» иқтибос кардааст, ёздаҳтои он аз забони Хусрави Парвиз нақл шудааст. Дар се пораи дигар нақли қавл аз забони «яке аз шоҳон» омада, номи Хусрави Парвиз таъкид нашудааст. Бино бар ин метавон ба бардоште расид, ки «Тоҷнома»-и мавриди истифода ва иқтибоси Ибни Қутайба китобе будааст, ки ба шарҳи ҳол ва андарзу васиятҳои яке аз маъруфтарин шоҳони сосонӣ – Хусрави Парвиз ихтисос доштааст.

Пас аз Ибни Қутайба муаллифи дигаре, ки аз китобҳое мавсум ба «Тоҷнома» ба сароҳат ёд кардааст, Ибни Надим мебошад. Ӯ дар «ал-Фиҳрист»-и хеш дар ду маврид ин китобро зикр кардааст: нахуст, дар радифи китобҳои тарҷумакардаи Ибни Муқаффаъ асаре бо номи «Китоб ут-тоҷ фи сират Анӯшервон» (яъне Тоҷнома дар сирати Анӯшервон) сабт шудааст [86, 132], сониян, дар боби китобҳое, ки эрониён дар саргузашт ва достонҳои саҳеҳи шоҳони хеш таълиф кардаанд, китобе бо номи «ат-Тоҷ ва мо тафоалат фиҳи мулукуҳум» (яъне Тоҷнома ва фолҳое, ки шоҳони эронӣ бад-он мезаданд) зикр ёфтааст [86, 364]. Ф. Габриэли бар мабнои назарияи худ дар бораи мунҳасир ба фард будани китоби «Тоҷнома»-и паҳлавӣ ин ду асарро як китоб мешуморид. Вале аз унвони китобҳои мазкур низ пайдост, ки китоби аввал, яъне «ат-Тоҷ фи сират Анӯшервон», ки онро Ибни Муқаффаъ тарҷума кардааст, ба шарҳи ҳол ва корҳои Анӯшервон ихтисос дошт. Китоби дуюм, яъне «ат-Тоҷ ва мо тафоалат фиҳи мулукиҳим», чунон ки аз номаш маълум мешавад, дар мавзӯи пешгӯиҳо ва фолзаданҳо дар заминаи ситорашиносӣ, толеъбинӣ, хобгузорӣ ва ғайра, ки дар дарбори Сосониён ривоҷ ва эътибор доштаанд, таълиф шудааст. М.Муҳаммадӣ мӯътақид аст, ки «ҳикоёт ва достонҳои мутааддиде дар бораи пешгӯиҳо аз шоҳони сосонӣ ривоят мешуда ва ҳамин ҳикоёт ва достонҳо буда, ки шояд ба замимаи иттилооти дигаре дар ҳамин замина мавзӯи ин китоб будааст» [292, 206].

Ба ҷуз аз «Уюн ул-ахбор» ва «ал-Фиҳрист» номи «Тоҷнома» ва ду пора аз он дар китоби «ас-Саъода ва-л-исъод»-и Абулҳасани Омирӣ низ сабт

ёфтааст [68, 432, 435]. Муаллифи мазкур, ки аз Нишопур бархоста ва бо осори тоисломии эронӣ ошноии комил доштааст, дар асари худ аз кутуби адабиву таърихии сосонӣ иқтибосоти зиёде карда ва зоҳиран он китобҳо, аз ҷумла «Тоҷнома»-ро дар даст доштааст.

Матолибе аз «Тоҷнома» ҳамчунин дар «ал-Иқд ал-фарид»-и Ибн Абд Раббиҳи ва «Сироҷ ул-мулук»-и Тартушӣ нақл гардидааст [26, I, 27,66]. Бино бар он, ки матолиби мазкур қаблан дар «Уюн ул-ахбор» низ дарҷ ёфта буд, метавон ҳадс зад, ки Ибн Абд Раббиҳи ва Тартушӣ он матолибро аз китоби Ибни Қутайба нақл кардаанд.

Гузашта аз ин, дар қарнҳои нахусти ислом «Тоҷнома»-нависӣ ба ҳукми анъана даромад ва чанде аз нависандагони араб ва арабизабон бо истиқбол аз ин суннат китобҳое бо номи «ат-Тоҷ» навиштанд. Яке аз ин китобҳо таҳти унвони «ат-Тоҷ фи ахлоқ ал-мулук», яъне «Тоҷнома дар ахлоқи шоҳон» то замони мо расидааст, ки таълифи онро ба қалами Ҷоҳиз мансуб медонанд [51]. Дар мавриди интисоби китоби мазкур ба Ҷоҳиз миёни муҳаққиқон ихтилофи назар вуҷуд дорад, вале барои мо аҳамият ва арзиши ин китоб на дар муаллифи он, балки дар маҳзи вуҷуди он аст. Мундариҷаи бахшҳои китоби мазкурро метавон ба се қисмат ҷудо кард. Дар қисмати аввали ҳар як бахш расму русум ва одоби дарбори шоҳони эронӣ ва суннату қоидаҳое, ки дар маҷлисҳои хусусиву расмии онҳо мавриди риоят буд, ҳамчунин воҷибот ва вазифаҳое, ки аҳли дарбор нисбат ба шоҳ ва шоҳ нисбат ба ҳар яки онон доштааст, шарҳу баён ёфтаанд. Дар қисмати дуюм ҳикоёт ва қиссаҳое аз рӯзгори шоҳони эронӣ нақл шудааст, ки шоҳиди риояти суннату қоидаҳои мазкур дар бахши аввал аст. Дар қисмати сеюм ҳамин гуна қиссаву ривоёт аз рӯзгори хулафои исломӣ оварда шудааст. Аз ин лиҳоз, китоби «ат-Тоҷ фи ахлоқ ал-мулук» як маъхази гаронбаҳое ҷиҳати таҳқиқи тадовуми афкор ва андешаи сиёсиву ахлоқии тоисломии эронӣ дар муҳити ҷаҳоншиносии исломӣ ба шумор меояд. Ба эҳтимоли қавӣ, муаллифи китоби мазкур дар қисмати аввали бахшҳои он ғолибан ва дар қисмати дуюм ҷузъан аз маводи «Тоҷнома»-ҳои

сосонӣ истифода кардааст. Чунин як эҳтимолро на танҳо мувофиқати мавзӯоти «Тоҷнома»-ҳои сосонӣ бо матолиби қисматҳои аввалу дуюми бахшҳои ин китоб, балки ба ҳайси унвони китоб пазируфта шудани вожаи «ат-Тоҷ» («Тоҷнома») низ таъйид мекунад.

Ин ҷо суоле метавонад матраҳ бишавад, ки агар муаллифи «ат-Тоҷ фи ахлоқ ал-мулук» тарҷумаи арабии яке аз «Тоҷнома»-ҳои сосониро ба ҳайси маъхази худ истифода карда бошад, пас он оё ҳамон «Тоҷнома»-е нест, ки манбаи иқтибосоти Ибни Қутайба дар «Уюн ул-ахбор» буд ва ё яке аз ду «Тоҷнома»-е нест, ки Ибни Надим дар «ал-Фиҳрист» ба онҳо ишора карда буд? Посух ба ин суол манфӣ хоҳад буд, зеро он «Тоҷнома»-ҳои маълум ҳамагӣ дар як мавзӯи хос, яъне дар шарҳи ҳол ва ақволи Хусрави Парвиз, дар корномаи Хусрави Анӯшервон ва дар бораи пешгӯиҳо ва фолзаданҳо таълиф шудаанд. Мавзӯи «Тоҷнома»-е, ки маъхази китоби «ат-Тоҷ фи ахлоқ ал-мулук» қарор гирифтааст, як мавзӯи хос набуда, балки ба таври умум одоб ва қавонини дарборӣ ва суннатҳои маҷолиси шоҳони эрониро дар бар мегирифтааст. Аз ин ҷо метавон хулоса кард, ки «Тоҷнома»-и мавриди истифодаи муаллифи «ат-Тоҷ фи ахлоқ ал-мулук» ғайри он «Тоҷнома»-ҳои маълум будааст.

Ҳамин тариқ, дар заминаи маълумоте, ки доир ба «Тоҷнома»-ҳо дар манобеи фавқуззикр ба қайд омадааст, метавон бар вуҷуди тарҷумаҳои арабии даст андар кам чаҳор китоби мустақили «Тоҷнома» дар қарнҳои нахусти ислом қоил буд:

Китоби аввал ҳамон «Тоҷнома»-ест, ки дар дастраси Ибни Қутайба қарор дошт ва, бино ба пораҳои боқимонда аз он дар «Уюн ул-ахбор», ба шарҳи ҳол, суханони ҳикматомез ва панду андарзҳои Хусрави Парвиз ихтисос дошт.

Китоби дуюм ҳамон «Тоҷнома»-ест, ки дар «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим таҳти унвони «ат-Тоҷ фи сират Анӯшервон» ба қайд омада ва мутарҷими он Ибни Муқаффаъ таъйин шудааст. Доир ба ин китоб Муҳаммади Муҳаммадӣ тадқиқоти арзишманде ба сомон расонидааст, ки он моро аз вуруд ба баҳс перомуни китоби мазкур бениёз мегардонад.

Хулосаи М. Муҳаммадӣ дар бораи ин китоб ба таври иҷмолӣ ин аст, ки «ат-Тоҷ фи сират Анӯшервон» тарҷумаи арабии «Тоҷнома»-и паҳлавиест, ки перомуни саргузашт ва корномаи Хусрави Анӯшервон таълиф шуда буд. Ин тарҷума то авохири қарни даҳум вуҷуд дошта ва мавриди иқтибосу истифодаи донишманди маъруфи асри мазкур Абӯалии Мискавайҳ қарор гарифтааст [292, 214-228; 295, 237-263, 395-378]. Дар ҳақиқат ҳам, дар «Таҷоруб ул-умам»-и Мискавайҳ «Номае, ки Анӯшервон худ дар бораи зиндагӣ ва кишвардории хеш навиштааст» ва матни «Суханронии Анӯшервон» нақл шудааст (ниг.: [81,I, 169-181; 181-186]). М.Муҳаммадӣ мӯътақид аст, ки ин ду қитъа аз ҳамон китоби «ат-Тоҷ фи сират Анӯшервон» аст, ки Ибни Муқаффаъ тарҷума кардааст. Ба ин маънӣ ӯ навиштааст: «Метавон бо қатъ ва яқин гуфт, ки он китобе, ки дар ихтиёри Мискавайҳ буда, ҳамон аст, ки Ибни Надим онро ба номи «Китоб ут-тоҷ фи сират Анӯшервон» хонда ва қитаоте ҳам, ки мо акнун дар «Таҷоруб ул-умам» аз он китоб меёбем, тиккаҳое аст аз ҳамон китоби «ат-Тоҷ фи сират Анӯшервон». Метавон эҳтимол дод, ки он китоберо ҳам, ки Ибни Надим ба ин ном муаррифӣ карда, монанди маҷмӯае, ки дар ихтиёри Мискавайҳ буда, илова бар шарҳи ҳоли худи Анӯшервон шомили суханон, панду андарзҳо, хитобаҳо ва тавқеоти ӯ низ буда ва ҳамаи он маҷмӯа ба номи «ат-Тоҷ» хонда мешуда. Ё ин ки унвони «ат-Тоҷ» фақат ба ҳамон қисмати аввали он, яъне он чӣ навиштаи худи Анӯшервон буда, ихтисос доштааст» [292, 225].

Ховаршиноси маъруф М.Гриняски дар солҳои шастуми асри гузашта дар яке аз китобхонаҳои Истамбул дастнависеро пайдо кард, ки он шомили тарҷумаи арабии чанде аз асарҳои паҳлавӣ буд. Ин асарҳо дар мавзӯи расму русум ва қавонини кишвардорӣ ва одоби дарбору аҳли он таълиф шуда ва аз андарзномаҳои сиёсӣ ба шумор меоянд. Ба ақидаи М.Гриняски, яке аз қитъаҳои пайдошуда, ки дар он аз одоби бори наврӯзӣ, суханрониҳои бузургон, монанди раиси дабирон, мӯбадон мӯбад, вазири

бузург, раиси сипоҳ хитобан ба шоҳ ва посухи шоҳ ба онон сухан рафтааст, аз ҳамин китоби «ат-Тоҷ фи сират Анӯшервон» аст [321, 1-142].

Китоби сеюм ҳамон «Тоҷнома»-ест, ки Ибни Надим онро таҳти унвони «ат-Тоҷ ва мо тафоалат фиҳи мулукуҳум» ба қайд овардааст. Аз ин китоб то имрӯз порае ба даст наёмадааст, вале аз рӯи унвони китоб ва дар қиёс бо осори дигаре, ки матолиберо доир ба равнақи пешгӯиҳо ва фолзаданҳо дар дарбори Сосониён шомил ҳастанд (ниг.: [293, 198-208]) метавон ҳадс зад, ки ин «Тоҷнома» ҳикоёт ва достонҳоеро, ки дар ин замина аз подшоҳони эронӣ ривоят мешудааст, дар бар доштааст.

Ва ахиран китоби чаҳорум ҳамон «Тоҷнома»-ест, ки он мавриди истифодаи муаллифи «ат-Тоҷ фи ахлоқ ал-мулук» қарор гирифта буд. Чунон ки пайдост, «Тоҷнома»-ҳо аз лиҳози мавзӯъ мутанаввеъ ҳастанд. Баъзе аз онҳо ба масоили хос, аз қабили саргузаштномаи шоҳони алоҳида ва афъолу ақволи онҳо ё умури вобаста ба пешгӯиву фолзаниҳо бахшида шуда бошанд, қисми дигар ба баёни матолиби умумии марбут ба одобу сунани дарборӣ ихтисос доштаанд. Ба ин маънӣ, «Тоҷнома» дар адабиёти паҳлавӣ номи як китоби мунҳасир ба фард набуда, балки унвони умумии силсилаи китобҳое будааст, ки ҳар яке дар мавзӯи муайян таълиф шудаанд. Чизе, ки китобҳои ин силсиларо ба ҳам мепайваст, ин вобаста будани мавзӯоти онҳо ба шоҳони дарбори эшон аст. Зоҳиран, саргузашту шарҳи ҳол ва панду андарзҳои шоҳони алоҳида дар китобе фароҳам оварда мешуд, ки он «Тоҷнома»-и хоси он шоҳ маҳсуб мегардид.

Азбаски дар «Тоҷнома»-ҳо сухан аз саргузашт ва вақоеи рӯзгори шоҳони гузашта мерафт, ин қабил китобҳо ҷузви осори таърихӣ маҳсуб мешаванд. Дар баробари ин, «Тоҷнома»-ҳо муштамил бар панду андарзҳо ва одобу суннатҳои давлатдорӣ буданд ва аз ин лиҳоз онҳоро метавон осори ахлоқи сиёсӣ ва ё андарзномаҳои сиёсӣ номид. Ба ин маънӣ, дар «Тоҷнома»-ҳо таърих бо ахлоқу адаб ба ҳам омада, аз синкретизми жанру мавзӯъ дар насри паҳлавӣ ва исломӣ паём мерасонад.

«Тоҷнома»-ҳо дар даврони исломӣ мавриди истиқбол, тарҷума ва пайравии адибони арабизабон қарор гирифтанд. Дар натиҷа, чанде аз осори ин силсила ба забони арабӣ баргардон шуда ва бо ин бахше аз таърих, афкори ахлоқӣ ва таълимоти сиёсии Эронзамини тоисломӣ ҳаққи бақо ва тадовум дар муҳити исломӣ пайдо кард. Номи яке аз мутарҷимони «Тоҷнома»-ҳои паҳлавӣ ба арабӣ – Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ва китоби тарҷумакардаи ӯ маълум аст. Мутарҷимони «Тоҷнома»-ҳои дигаре, ки дар фавқ перомуни онҳо сухан рафт, маҷҳул мондаанд. Вале муҳим он аст, ки тавассути тарҷумаҳои «Тоҷнома» анъанаҳои навъе аз анвои насри паҳлавӣ дар муҳити ҷадид идома пайдо кард.

«Ойиннома». Дар манобеи асрҳои аввали ислом дар миёни китобҳое, ки аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума шуданд, дар радифи «Худойнома» ва «Тоҷнома» маъмулан аз «Ойиннома» ёд шудааст. «Ойиннома» ба дастае аз китобҳои аҳди Сосониён итлоқ мешавад, ки мавзўи онҳоро «Одобу русуми дарбор, маротиб ва мақомоти бузургони давлат ва намояндагони табақоти иҷтимоӣ, қавоид ва русуми бозиҳо ва саргармиҳо, одоби ҷанг, ойинҳои баргузории ҷашнҳои эронӣ, монанди Наврўз, Меҳргон ва Сада, мавзўоти динӣ ҳамроҳ бо зикри устураҳо, достонҳо, латифаҳо ва суханони ҳикматомез» [234, 245] фароҳам меовардаанд. Ба ин маънӣ, «Ойиннома» низ мисли «Тоҷнома» китобе мунҳасир ба фард набуда, балки он унвони умумии силсилаи китобу рисолаҳо доир ба одоб ва русуми илм, фан, ҳунар ё падидае аст, ки ба таври умум бо умуру вазоифи кишвардорӣ ва дарбори салтанатӣ алоқаманд мебошад. Дар ҷомеаи табақотии Сосониён аз ҳар шахс, ки ин ё он мақом ва вазифаро дар ниҳоди идории кишвар ишғол мекард, талаб карда мешуд, ки ойин ва русуми марбут ба вазифаи худро, ки дар «Ойиннома»-и хоси он мақом ва мартаба маҷмўъ гардида буд, бидонад ва онҳоро риоят кунад. Аз ин ҷост, ки дар аҳди Сосониён ойинномаҳои мутааддид мавҷуд буданд ва ба иддае аз онҳо дар китобу рисолаҳои паҳлавии то замони мо расида ишороте рафтааст [234, 228].

К.А.Иностранцев эҳтимол додааст, ки ҳамаи ин ойинномаҳо китобҳои мустақил набуда, ҷузъҳои як «Ойиннома»-и бузургро ташкил мекардаанд [138, 42]. Назари муҳаққиқи мазкур ба он маънӣ дуруст аст, ки як «Ойиннома»-и бузурге вуҷуд дошта ва ба забони арабӣ тарҷума шудааст. Вале ҳамчунон ки баъдан хоҳем дид, дар баробари ин ойинномаи бузург ойинномаҳои хос низ вуҷуд доштанд, ки бар сари худ мустақил буданд.

Ойинномаҳои паҳлавӣ бино бар иштимоли худ бар одоб ва қавоиду ойини кишвардорӣ, ки ҳуккоми хилофати исломӣ дар марҳалаи бунёдгузории давлати худ ба маърифат ва баҳрабардорӣ аз он ниёзманд буданд, дар қарнҳои VIII-IX мавриди тарҷумаву бозгӯиҳо қарор гирифтанд. Бино ба ахбори муаллифи «ал-Фиҳрист», Ибни Муқаффаъ «Ойиннома фил-ойин», яъне «Ойиннома дар бораи ойинҳо»-ро ба арабӣ тарҷума кардааст [86, 132]. Тарҷумаи ин китоб дар бахши дигари «ал-Фиҳрист» низ, ки сухан дар он дар бораи китобҳои таълифкардаи эрониён дар таърих ва саргузашти саҳеҳи шоҳони онҳо меравад, таъйид шудааст [86, 361]. Ҳам асли китоб ва ҳам тарҷумаи Ибни Муқаффаъ аз байн рафтааст, вале дар қарни даҳум нусхаи паҳлавии «Ойиннома» ҳанӯз вуҷуд дошта ва донишманди он даврон Масъудӣ онро дида ва чунин тавсиф кардааст: «Эрониён китобе доранд бо номи «Гоҳнома», ки мансабҳои мамлакати Эрон дар он ҳаст ва онро ба шашсад мансаб мураттаб кардаанд. Ва ин китоб ҷузви «Ойиннома» аст ва маънии «Ойиннома» «китоби русум» аст. Ва китобе бузург аст дар чанд ҳазор варақ, ки ҷуз ба назди мӯбадон ва дигар соҳибони мақомоти мӯътабар ёфт нашавад» [79, 97-98]. Аз қавли Масъудӣ бармеояд, ки ин «Ойиннома»-и бузург китоби «Гоҳнома» - ҷадвали унвони шашсад мансаб ва вазифаҳои идории замони Сосониёнро низ дар бар мегирифтааст. Аҳли таҳқиқ бар онанд, ки ҳамин асар буда, ки онро Ибни Муқаффаъ тарҷума кардааст [234, 262].

Ба ҷуз аз ин «Ойиннома»-и бузург, дар асрҳои VIII-IX боз чанд ойинномаҳои дигар ба арабӣ баргардон шуда буданд. Аз ҷумла, Ибни Надим дар боби марбут ба китобҳое, ки дар ҳунари асптозӣ, силоҳдорӣ,

олоти ҳарбӣ ва ғайра таълиф шудаанд, аз тарҷумаи ду «Ойиннома»-и паҳлавӣ ном мебарад. Яке аз ин китобҳо «Ойин ар-рамӣ ли Баҳром Ҷур ва қила ли Баҳром Чубин» (Ойини тирандозӣ аз Баҳроми Гӯр ва гӯянд аз Баҳроми Чӯбин) аст [86, 376]. Чунон ки аз унвони китоб пайдост, интисоби он ба яке аз ду шахси таърихии Эронзамин мавриди тардиди Ибни Надим қарор гирифтааст. Таъкид ҷоиз аст, ки ҳар ду Баҳром дар шуҷоату қаҳрамонӣ шӯҳрати афзун доранд. Вале бо таваҷҷӯҳ ба он, ки маҳорати Баҳроми Гӯр дар шикору тирандозӣ мавзӯи достонеро фароҳам овардааст, интисоби ин «Ойиннома» ба ӯ мураҷҷаҳ аст. Мутарҷими китоб ва мӯҳтавои он маълум нест, аммо бар асоси унвонаш метавон ҳадс зад, ки он дастур ва қавоидеро доир ба анвои мухталифи тирандозӣ шомил будааст.

«Ойиннома»-и дигаре, ки дар «ал-Фиҳрист» ба қайд омадааст, «Ойин аз-зарб би-с-саволиҷа» (Ойини чавгонбозӣ) ном дорад [86, 376]. Чавгонбозӣ аз намудҳои маъруфи варзиши эронӣ ба шумор меомад. Он аз давраи Ҳорунаррашид (783-809) сар карда дар Хилофати аббосӣ низ маъмул гашт. Метавон ҳадс зад, ки «Ойиннома»-и мазкур низ дар ҳамин давра аз ҷониби мутарҷими номаълум аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума гардид, то ниёзи мухлисони мусалмони ин бозиро ба маърифати қонуну қавоиди он қонеъ гардонад. Ин ду «Ойиннома» зоҳиран ҷузъе аз «Ойиннома»-и бузург ба шумор намеомада ва бар сари худ мустақил будаанд, вагарна Ибни Надим ҳар яки онҳоро алоҳида ба қайд намеовард.

Як «Ойиннома»-и дигаре, ки ба бунёнгузори салтанати Сосониён – Ардашер ихтисос дорад, то замони мо расидааст. Матни кӯтоҳи онро М.Гриняски дар яке аз дастнависҳои арабии китобхонаи Истамбул дарёфта буд. Матни мазкур, ки «Ойин ли Ардашер» номгузорӣ шудааст, дастуроти ин шоҳаншоҳро доир ба одоб ва русуми табақаи ашроф ва панду ҳикматҳои ӯро дар бар гирифтааст [321, 91-102].

Аз тарҷумаи «Ойиннома»-ҳо қитаоте дар китобҳои таърихиву адабии қарнҳои нахусти ислом нақл шудаанд. Аз лиҳози иштимол бар ин гуна қитаот китоби «Уюн ул-ахбор»-и Ибни Қутайба бар соири манобеъ имтиёз

дорад. В.Р.Розен ва пас аз ӯ К.А.Иностранцев ба се қитъа аз «Ойиннома», ки дар «Уюн ул-ахбор» иқтибос шудааст, ишора карда буданд [138, 41-44]. Минбаъд М.Муҳаммадӣ ва А.Тафаззулӣ вуҷуди нӯҳ қитъа аз «Ойиннома»-ро дар «Уюн ул-ахбор» таъйин карданд [292, 192-202; 234, 246-277]. Ду қитъаи дигар аз китоби мазкур аз назари муҳаққиқон дур мондааст, ки бо иловаи онҳо шумораи иқтибосоти Ибни Қутайба аз «Ойиннома» ба ёздаҳ қитъа мерасад. Ин қитъаҳоро, ки ҳамагӣ бо ҷумлаи «Дар китоби ал-Ойин (= Ойиннома) хондам» сар мешавад, ба таври иҷмолӣ метавон чунин шарҳ дод:

Қитъаи якум порае аз суханронии яке аз шоҳони эрониро дар бар мегирад, ки гуфтааст: «Ман бар танҳои шумо ҳокимам, на бар ҷонҳоятон. Аз рӯи адолат ҳукм мекунам, на аз рӯи хости худ. Пайгири корҳои шумоям, на ақоидатон» [29, I, 53].

Қитъаи дуюм шомили гуфтори кӯтоҳест дар бораи қазовати ҳоким бар ин маънӣ: «Ҳокимро зарур аст бидонад, ки қазовати одилона ва баҳақ кадом ва қазовати одилонаи ноҳақ кадом ва қазовати ҳаққи ноодилона кадом аст, ҳама чизро ба диққат бисанҷад ва худро аз иштибоҳ дур дорад» [29, I, 103].

Қитъаи сеюм пораи нисбатан тӯлонӣ буда, ойини ҷанг, ҳилаҳои он ва роҳу усулҳои қалъакушоиро, ки дар сипоҳи Эрон мутадовил буд, шомил аст. Дар қитъаи мазкур матолибе аз қабили танзимоти дохилии сипоҳ ҳини набард бо душман, интихоби замони оғози ҳамла, муносибат ба фирориёну асирони сипоҳи душман, шароити дур кардани душман аз манбаи об, воҷиботи ҳамла ба душман дар сурате, ки сарбозон муҷаррабу корзордида ва ё, баръакс, бетаҷрибаву ноозмуда бошанд, роҳу равиши камин гирифтан барои шабохун задан ба душман, усули муҳосираи қалъа ва ҳилаву тадбирҳо ҷиҳати фатҳи он ва ғайра шарҳу тавзеҳ ёфтаанд [29, I, 150-152]. Ин қитъаро К.А.Иностранцев ҷиҳати пажӯҳиш дар таълимоти ҳарбии Сосониён ва таъсири он ба ташкилоти ҳарбии исломӣ мавриди баррасӣ ва тарҷума ба русӣ қарор дода буд [138, 41-66]. Матолиби қитъаи мазкур аз

бисёр ҷиҳатҳо бо қисмати дуюми рисолаи Абдулҳамиди Котиб, ки аз номи халифа Марвон ба валиаҳдаш иншо шуда ва, чунон ки дар боби аввали рисола таъкид гардид, дастуру тавсиётро дар масоили сарварӣ ба сипоҳ ва идораи он дар набард бо душман дар бар гирифтааст, ҳамоҳанг мебошад. Ин ҳамоҳангӣ идомаи суннатҳои насри тоисломиро бо василаи тарҷумаи осори паҳлавӣ ва таълифи китобу рисолаҳо дар пайравӣ ва истиқбол аз он осор таъйид мекунад.

Қитъаи чаҳорум низ ба ойини ҷанг муртабит буда, аз дастуре кӯтоҳ ба сарбоз фароҳам омадааст: «Бигзор аввалин чизе, ки бо худ мегирӣ, нон бошад, нон бошад ва боз нон бошад. Туро набояд, ки нахуст палосу либос бигирӣ» [29, I, 152].

Қитъаи панҷум дар ойини тирандозӣ буда, дастурҳоеро перомуни нигоҳ доштани камон, иҷрои ҳаракатҳои зарурӣ бо дастҳои чапу рост ва ангуштон ҷиҳати андохтани тир дар бар гирифтааст [29, I, 169]. Тирандозӣ аз камон аз ҳунарҳои ҳарбиву варзишии маъруф дар Эрони бостонӣ ва фанне аз фунуне маҳсуб мешуд, ки таълими он барои ҷавонмардон ҳатмӣ буд [138, 66-67]. Аз ин ҷост, ки дар Эрони бостонӣ китобҳои мухталифе дар ин ҳунар таълиф мешудаанд. Ин нуктаро на танҳо қитъаи мазкур, балки вуҷуди китоби «Ойини тирандозӣ аз Баҳроми Гӯр ё Баҳроми Чӯбина» низ, ки қаблан ба он ишора рафт, таъйид мекунад.

Қитъаи шашум дар ойини чавгонбозӣ буда, дар он тарзу усули задани гӯй бо чавгон, идора кардани асп ҳангоми бозӣ, муносибат бо тамошобинон ва андозаҳои майдони бозӣ шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Ин қитъаро низ К.А.Иностранцев мавриди баррасӣ қарор дода, нуфузи ин бозиро чун унсуре аз аносири тамаддуни тоисломии эронӣ дар аҳди хулафои аббосӣ ва осори нависандагони арабизабон ба қайд овардааст [138, 72-77].

Таъкид ҷоиз аст, ки дар ойини чавгонбозӣ низ мисли ойини тирандозӣ ба ҷуз аз қитъаи мазкур китоби мустақиле дар насри паҳлавӣ вуҷуд дошт, ки қаблан ба он ишора рафт. Ба қатъ наметавон гуфт, ки оё муаллифи

«Уюн ул-ахбор» ин қитъаро аз ҳамон китоб гирифтааст ё аз «Ойиннома»-е, ки онро Ибни Муқаффаъ тарҷума карда буд. Ҳаминаш аниқ аст, ки дар адабиёти аҳди Сосониён дар ойини чавгонбозӣ ба ҷуз аз бахши марбути «Ойиннома»-и бузург ҳамчунин китобҳои дигаре аз қабили китоби фавқуззикр вуҷуд доштааст.

Қитъаи ҳафтум аз «Ойиннома» порае нисбатан тӯлонӣ дар мавзӯи пешгӯӣ ва фолзанӣ аст [29, I, 186-188]. Дар миёни эрониён мисли қавмҳои дигар, аз ҷумла арабҳо, аз даврони куҳан пешгӯии ин ё он ҳодиса дар заминаи парвози паррандагону рафтори ҳайвонот ва ё падидаву умури ғайриоддӣ маъмул буд. М.Муҳаммадӣ навиштааст, ки «дар мардуми бадавӣ ва саҳронишин ин амр ҳам ба сурати сода ва ибтидоӣ буда ва дар миллатҳое, ки пешрафтатар буда ва бо навишта ва китоб сарукор доштаанд, ин маълумот ҳам аз сурати сода ва ибтидоӣ хориҷ шуда ва кам-кам ба сурати яке аз маорифи аср даромада ва дар китобҳо мудавван гардидааст» 292, 198]. Дар ҳақиқат ҳам, дар адабиёти тоисломии эронӣ мавзӯи пешгӯиҳо на танҳо дар «Ойиннома» шарҳу баст ёфтааст, балки он мӯҳтавои яке аз «Тоҷнома»-ҳоро, ки дар бахши қаблӣ ба он ишора шуд, фароҳам овардааст. Фузун бар ин, дар ин мавзӯъ дар аҳди Сосониён чанд китобе мустақил низ таълиф ва дар қарнҳои нахусти ислом ба забони арабӣ баргардон шудааст, ки дар ин хусус дар бахши марбути ҳамин боби рисола сухан хоҳад рафт.

Қитъаи ҳаштум аз «Ойиннома» шомили шартҳое барои интихоби маҳалли хобгоҳи шоҳ ва маҷлиси ӯ мебошад [29, I, 360-361]. Дар қитъа зарурати барои хобгоҳ ва маҷлиси шоҳ гузидани маҳалле, ки рӯ ба ҷониби машриқ ва ба истиқболи боди сабо бошад, таъкид шуда ва фазилатҳои чунин маҳал баён шудааст.

Қитъаи нӯҳум дастуроти ахлоқии яке аз дарбориёнро ба фарзандаш дар бораи одоби таомхӯрӣ ва рафтори шоиста дар бар гирифтааст [29, II, 221].

Қитъаи даҳум аз «Ойиннома» дастуроти сардори ҳарамсарои шоҳро ба канизакон доир ба парҳез аз хӯрданиҳое, ки даҳонро бадбӯй мекунад, дар бар гирифтааст [29, II, 280].

Қитъаи ёздаҳум дар бораи навоқиси ҷисмоние, ки ба сабаби он мардон ва занон набояд ба дарбор истихдом шаванд, баҳс мекунад [29, II, 347].

Қитъае зерин аз «Ойиннома» дар «Ғурар ус-сияр»-и Саолабӣ низ иқтибос шудааст: «Дар китоби «Ойин» омадааст, ки мардум дар замони Ҷам бар пояи дарозии зиндагӣ радабандӣ мешуданд ва ҳар кӣ солхӯрдатар буд, пойгоҳе волотар дошт. Пас аз он дар рӯзгори Заҳҳок пойгоҳи мардум аз рӯи дорой санҷида мешуд ва дар ҳангоми подшоҳии Фаридун ба дорой ва пешина буд. Дар замони Манучеҳр ба решаҳо ва пешинаҳо нигариста мешуд ва дар рӯзгори подшоҳии Кайковус ба дониш ва хирад, дар замони Кайхусрав ба диловарӣ ва ба рӯзгори Лӯҳросп ба диндорӣ ва покдоманӣ. Дар замони шоҳони пас аз ӯ андозаи бузургӣ ба шарофату бузургворӣ буда ва дар замони подшоҳии Анӯшервон ба ҳамаи инҳо, ҷуз дорой, нигариста мешуд, ӯ дороиро дар шумор намеовард» [47, 46]. Абӯрайҳони Берунӣ низ дар осори худ ду бор ба китоби «Ойиннома» истинод карда ва матолиберо аз он зикр намудааст (ниг.: [234, 247]).

Ба ҷуз аз иқтибосоти мустақим аз «Ойиннома» як идда аз муаллифони кутуби таърихиву адабии қуруни нахустини исломӣ бидуни он, ки номи «Ойиннома»-ро зикр кунанд, матолиберо аз он китоб нақл кардаанд. Чунончи, аҳли таҳқиқ муттафиқ бар онанд, ки матолиби марбут ба ҷашнҳои бостонии эронӣ дар «ат-Тоҷ фи ахлоқ ал-мулук»-и Ҷоҳиз, «ал-Осор ул-боқия»-и Берунӣ, «Аҷоиб ул-махлуқот»-и Қазвинӣ ва «Наврӯзнома»-и мансуб ба Хайём аз тарҷумаҳои арабии «Ойиннома»-ҳои паҳлавӣ гирифта шудааст [234,247]. Ҳамчунин матолибе, ки дар бораи табақоти ичтимой ва мансабу мартабаҳои аҳди Сосониён дар «Таърих»-и Яъқубӣ, «ат-Танбиҳ ва-л-ишроф» ва «Муруҷ уз-заҳаб»-и Масъудӣ, «Форснома»-и Ибни Балхӣ ва кутуби дигари арабиву форсии асрҳои миёна

зикр шудааст, аз тарҷумаи арабии «Ойиннома»-ҳои паҳлавӣ, аниқтараш аз «Гоҳнома»-е, ки ба таркиби он ворид буд, маъхуз аст [293, 261-271].

Ҳамин тариқ, муаллифони осори таърихиву адабии қуруни вусто тарҷумаҳои арабии «Ойиннома»-ҳоро мавриди иқтибосу истинод ва бозгӯии мукаррар қарор додаанд, вале, мутаассифона, маъхази худро таъйин ва ташхис накарда ва мисли Ибни Қутайба дар қитъаҳои фавқуззикр бо ҷумлаи «Дар «Ойиннома» хондам» иктифо намудаанд. Метавон эҳтимол дод, ки маъхази аксари муаллифон ҳамон тарҷумаи «Ойиннома»-и бузург буда, ки онро Ибни Муқаффаъ ба арабӣ даровардааст. Ҳаминро низ бояд дар назар дошт, ки ба ҷуз аз тарҷумаи Ибни Муқаффаъ «Ойиннома»-ҳои хоси дигар низ вуҷуд дошта ва дар нахустин садаҳои исломӣ бо ҳиммати мутарҷимони маҷҳул кисвати арабӣ ба бар карда буданд. Метавон тахмин кард, ки тарҷумаи ин «Ойиннома»-ҳо низ дар дастраси муаррихону адибони қуруни вусто ва мавриди истифодаи онҳо қарор доштанд.

Ба ҳар ойин, тарҷумаҳои арабии «Ойиннома»-ҳо дар асрҳои VIII-IX боиси ҳифзу тадовуми суннатҳои як шохаи махсуси насри паҳлавӣ дар муҳити исломӣ гардиданд. Осори ин шохаро Ибни Надим бесабаб дар шумори китобҳои таърихӣ ба қайд наовардааст. «Ойиннома»-ҳо бо вуҷуди дар мӯҳтавои онҳо имтиёз доштани мавзӯоти марбут ба расму русум ва одобу қавоид дар назари муаллифи нахустин садаҳои исломӣ арзиши таърихӣ дошт ва барои омӯхтани гузаштаи Эронзамин ва баҳра бардоштан аз он маъхази мӯътабаре маҳсуб мешуд.

«Китоб ус-сувар». Китоби дигаре, ки аз насри таърихии паҳлавӣ дар нахустин садаҳои исломӣ ба арабӣ тарҷума шуд, мавсум ба «Китоб ус-сувар» ё дар шакли комилаш «Китоб сувар мулук Банӣ Сосон» (Китоби суратҳои шоҳони хонадони сосонӣ) аст. Ин китобро муаррих ва ҷуғрофидони бузурги араб Масъудӣ (ваф. 956) дар Истахри Форс дида ва тавсифи онро дар китоби «ат-Танбиҳ ва-л-ишроф»-и худ бад-ин тарз овардааст: «Ба соли 303 (915-916 мелодӣ) дар шаҳри Истахри Форс ба

назди яке аз бузургзодагони Эрон китобе бузург дидам, ки аз улуму ахбор ва биноҳо ва тадбирҳои эрониён матолиби фаровон дошт, ки чизе аз онро дар кутуби дигар чун «Худойнома» ва «Ойиннома» ва ғайра надида будам. Тасвири бисту ҳафт тан аз мулуки Эрон аз хонадони сосонӣ – бисту панҷ тан марду ду зан дар он буд. Ва ҳар якеро ба рӯзи марг, пир буда ё ҷавон, бо зевару тоҷ ва ришу чеҳра тасвир карда буданд бо қайди ин, ки инон чаҳорсаду сию се солу як моҳу ҳафт рӯз подшоҳӣ кардаанд. Ва расм чунон буда, ки вақте яке аз шоҳон бимурдӣ, тасвири ӯро кашида, ба хазина месупурданд, то зиндагон аз васфи мурдагон бехабар намонанд. Сурати подшоҳе, ки дар ҷанг буд, истода ва подшоҳе, ки ба корҳои мамлакат мепардохт, нишаста менигоштаанд, бо зикри саргузашти ҳар подшоҳ ва рафтори вай бо хавосси ёрон ва авоми раият ва ҳодисаву воқеоти муҳим, ки ба даврони подшоҳии вай иттифоқ афтода буд» [79, 99].

Ин китоб, бино ба ахбори Масъудӣ, дар нимаи ҷумодиюлохири соли 113/731 аз рӯи асноди хазоини шоҳони эронӣ тадвин шуда ва барои халифаи умавӣ Ҳишом ибни Абдулмалик (724-743) ба арабӣ баргардон шудааст [79, 99]. Масъудӣ сурати ду тан аз подшоҳони сосонӣ – шоҳи нахуст аз ин хонадон Ардашер ва шоҳи охир Яздигурдро дар китоби худ тавсиф кардааст. Масъудӣ афзудааст, ки суратҳо «бо рангҳои шигифт, ки акнун назири он ёфт намешавад ва бо тиллову нуқраи маҳлул ва мис ҳаккокӣ шуда. Сафҳа ба ранги фарфирӣ буд бо сохте аҷиб, ки аз фарти некӯӣ ва диққати сохт надонистам коғаз аст ё пӯст» [79, 100]. Аз навиштаи Масъудӣ нуктаҳои зерин истинбот мешавад: якум, китоби фавқуззикр шомили таърихи подшоҳони сосонӣ буда, саргузашти ҳар яке аз онҳо, шарҳи ободкориву додгустариашонро ҳамроҳ бо суратҳои рангаашон дар бар доштааст. Дуюм, ин китобро эрониён эҳтиром ва тамҷид мекардаанд ва он танҳо дар хонадонҳои бузургон ва ашрофи эронӣ нигаҳдорӣ мешудааст. Сеюм, суратҳои шоҳони сосонӣ бо санъати олии пайкаранигорӣ ва рангҳои махсусе, ки дар асри Масъудӣ ёфт намешудаанд, ҳамчунин дар коғази босифате, ки онро аз пӯст фарқ кардан душвор буд,

кашида шуда будаанд. Чаҳорум, арзиши таърихии ин китобро Масъудӣ ҳамсанг бо «Худойнома», «Ойиннома» ва «Гоҳнома» дониста, вале таъкид кардааст, ки он асаре ғайри ин китобҳо будааст. Панҷум, Масъудӣ тарҷума шудани ин китобро бо забони арабӣ барои халифаи умавӣ Ҳишом шарҳ додааст, вале унвони китобро таъйин накардааст.

А. Гутшмидт ва дар пайравӣ аз ӯ К.А.Иностранцев ҳадс задаанд, ки ин китоб ҳамон «Тоҷнома» аст, ки дар бораи он қаблан сухан рафт [138, 27-29]. А.Кристенсен ин ақидаро «бисёр мӯҳтамал» ҳисобида ба пазируфтани он моил буд [284, 108]. М.Муҳаммадӣ бо таваҷҷӯҳ ба ақидаи А.Гутшмидт таъкид карда буд, ки то ба даст омадани далоили қонеъкунанда дар ин мавзӯъ «ин назария эҳтимоле беш нахоҳад буд» [294, 166].

Сабаби ба «Тоҷнома» айният додани китоби мавриди баҳс, қабл аз ҳама, он буд, ки ба пиндори муҳаққиқони мазкур аз ин китоб ба ҷуз аз таърихномаи Масъудӣ дар манобеи дигар асаре боқӣ намондааст. Чунончи, М.Муҳаммадӣ навишта буд, ки «роҷеъ ба ин таърихи гаронбаҳо ҷуз дар китоби «ат-Танбиҳ ва-л-ишроф»-и Масъудӣ маълумоте намеёбем» [294, 164]. Зоҳиран, М.Муҳаммадӣ ва соири муҳаққиқон аз он, ки ба ин китоб дар маохизи дигар низ ишора шудааст, бехабар будаанд. Яке аз ин маохизро Забеҳуллоҳи Сафо таъйин карда буд, ки он «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» аст [258, I, 133; 260, 57-58]. Лозим ба таъкид аст, ки «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас»-и форсӣ дар пайравӣ аз «Синий мулук ал-арз ва-л-анбиё»-и Ҳамзаи Исфаҳонӣ ва бо истифода аз матолиби он таълиф шудааст. Аз ин рӯ, мебоист, ки дар таърихномаи Ҳамзаи Исфаҳонӣ низ ишороте ба китоби мавриди баҳс рафта бошад. Вуқуф бар мӯҳтавои таърихномаи мазкур собит мекунад, ки, дар ҳақиқат ҳам, Ҳамза дар чанд маврид ба китобе, ки Масъудӣ шарҳ додааст, истинод намуда ва номи он китобро низ ба сароҳат «Сувар мулук Банӣ Сосон» таъйин кардааст. Муаррихи мазкур ҳини сухан аз салтанати Сосониён саргузашти ҳар як подшоҳ ва шаҳрҳое, ки ӯ бунёд ниҳодааст, зикр карда, сипас бо истинод ба китоби мазкур сурати онҳоро якояк васф намудааст. Ба ин маънӣ,

матолибе, ки Ҳамза доир ба ҳар як подшоҳ зикр кардааст, ҳамоҳангии том бо мӯҳтавои китобе дорад, ки онро Масъудӣ шарҳ додааст. Фузун бар ин, тавсифи сурати Ардашер ва Яздигурд дар китоби шарҳдодаи Масъудӣ комилан мутобиқ бо шарҳи сурати ин ду подшоҳ дар таърихномаи Ҳамза аст. Чунончи, дар китобе, ки Масъудӣ шарҳ додааст, сурати Ардашер бад-ин тарз тавҷеҳ ёфтааст: «Нахустин подшоҳ Ардашер буд, ки дар заминаи сурхи дурахшон ва либосаш бо ранги осмонӣ ва тоҷаш сабзи тиллоӣ буд ва найзае ба даст дошт» [79, 99].

Ҳамза низ сурати Ардашерро тақрибан дар ҳамин иборот тавсиф кардааст: «Дар китоби «Сувар мулук Банӣ Сосон» навиштаанд, ки ҷомаи Ардашер мунаққаш ба нақши динор ва шалвор осмонранг ва тоҷ сабзи дар тилло ниҳода ва ба дасти ӯ найзаи афрошта буд» [57, 46]. Муаллифи «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» низ сурати Ардашерро шабеҳ бо он чӣ зикр шуд, шарҳ додааст: «Ва андар китоби «Сурати подшоҳони Банӣ Сосон» гуфтааст, ки пероҳани ӯ ба динорҳо буд ва шалвор осмонгун ва тоҷ сабз дар зар ва найза қоим дар даст» [76, 33].

Ҳамин гуна ҳамоҳангӣ дар шарҳи сурати охирин шоҳи сосонӣ – Яздигурд низ миёни ин се маъхаз ба назар мерасад. Чунончи, дар китобе, ки Масъудӣ шарҳ додааст, дар ин бобат омада: «Ва охирашон Яздигурд… буд, ки дар заминаи сабзи музайян бо либоси музайяни осмонӣ бо тоҷи қирмиз истода ва найза ба даст, дар ҳоле ки ба шамшер такя карда буд,… ҳаккокӣ шуда» [79, 99-100]. Тасвири Ҳамза аз сурати Яздигурд бад-ин тарз аст: «Пероҳанаш сабзи мунаққаш ба нуқуш, шалвораш нигошта ба ранги осмон, тоҷаш сурх буд ва ба дасташ найзае ва ба шамшер такя зада» [57, 59]. Дар «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» сурати Яздигурд чунин шарҳ ёфтааст: «Пероҳани вашйи сурх дошт ва шалвори осмонгун ва тоҷи сурх, найза андар даст ва бар шамшер фаро хамида» [76, 38].

Ҳамоҳангӣ ва мувофиқате, ки дар баёни сурати Ардашер ва Яздигурд миёни се китоби мазкур ба назар мерасад, далолат бар он дорад, ки маъхази таърихномаи Ҳамза ва «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» ҳамон

китоби таърихиест, ки Масъудӣ онро дар Истахр дида ва шарҳ додааст. Номи он китобро Ҳамза дақиқан «Сувар мулук Банӣ Сосон» ва дар баъзе маворид дар шакли кӯтоҳи «Китоб ус-сувар» зикр кардааст. Масъудӣ, чунон ки қаблан зикр шуд, шомили суратҳои 27 тан аз шоҳони сосонӣ будани ин китобро ба қайд оварда буд. Дар таърихномаи Ҳамза бошад, шарҳи тасвири 26 шоҳи сосонӣ омада ва пайдост, ки яке аз шоҳони сосонӣ аз ин радиф афтодааст [57, 46-60]. Миқдори шоҳоне, ки тасвирҳояшон дар «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» шарҳ ёфтааст, ҳамчунин 26 нафар аст [76, 32-38]. Ин амр худ гувоҳ бар он аст, ки муаллифи маҷҳули таърихномаи форсӣ дар истинод ба «Китоб ус-сувар» комилан пайрави Ҳамзаи Исфаҳонӣ аст.

Ҳамзаи Исфаҳонӣ яке аз муаррихон ва адибони номии эронитабор буд. Осори ӯ далолат бар он дорад, ки вай забони паҳлавиро медонист ва аз кутуби тоисломии эронӣ, аз ҷумла «Тоҷнома» огоҳ буд. Бино бар ин, агар ӯ китоби мавриди истифодаи худро, ки муштамил бар таърихи шоҳони сосонӣ ва тасвирҳои онҳо буд, сароҳатан «Китоб сувар мулук Банӣ Сосон» номида бошад, пас ин маънои онро дорад, ки ин китоб бо «Тоҷнома» робитае надорад ва китоби мўътабари таърихие ғайри он маҳсуб мешудааст.

Чунон ки қаблан ишора шуд, «Китоб ус-сувар» бо супориши халифа Ҳишом ибни Абдулмалик соли 113/731 ба арабӣ баргардон шудааст, вале дар ягон маъхаз номи мутарҷими он ба қайд наомадааст. Забеҳуллоҳи Сафо бидуни зикри далеле эҳтимол додааст, ки мутарҷими китоб метавонад Ҷабала ибни Солим бошад [260, 58]. Бо назардошти он, ки дар аҳди халифа Ҳишом теъдоде аз мутарҷимони эронӣ ба кори тарҷума пардохта буданд ва аз миёни онон Ҷабала ибни Солим ба нақли осори таърихии эронӣ ихтисос дошт, чунин эҳтимол дур аз ҳақиқат наменамояд.

«Сакисарон». Асари дигари таърихие, ки аз насри паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума шуд, китобе мавсум ба «Сакисарон» аст, ки онро Масъудӣ дар «Муруҷ уз-заҳаб ва маодин ул-ҷавҳар»-и хеш зикр кардааст. Номи ин

китоб дар нусхаҳои «Муруҷ уз-заҳаб» дучори таҳриф шуда ва Барбе де Менар – мусаҳҳеҳи китоби Масъудӣ онро дар ҳамин сурати «Сакисарон» ба қайд овардааст.

А.Кристенсен ва А.Тафаззулӣ низ ин унвонро, ки аз он маънии «Сарони Систон» мустафод мешавад, қабул доштаанд [284, 163; 234, 269]. З.Сафо ва М.Муҳаммадӣ эҳтимол додаанд, ки асли ин калима шояд «Саксиййин» ё «Саксикин» ба маънии сакоиҳо – систониҳо бошад [260, 46; 294, 167]. Ба ҳар ойин, аҳли таҳқиқ бар онанд, ки робитае миёни унвони китоби мазкур ва силсилаи ахбору вақоеи сакоиҳо вуҷуд дорад. Ишораи зерини Масъудӣ ба мӯҳтавои китоб низ ин робитаро таъйид мекунад: «Эрониён дар бораи кушта шудани Афросиёб ва чигунагии қатли ӯ ва пайкорҳое, ки миёни эрониёну туркон буд ва кушта шудани Сиёвуш ва ҳикояти Рустам писари Дастон сухани бисёр доранд ва ин ҳама дар китоби мавсум ба «Сакисарон», ки Ибни Муқаффаъ аз форсии қадим (паҳлавӣ – З.Н.) ба арабӣ тарҷума карда, ба шарҳ омадааст бо ҳикояти Исфандиёр писари Гаштосб писари Лӯҳросб ва кушта шудани ӯ ба дасти Рустам писари Дастон ва кушта шудани Рустам ба дасти Баҳман писари Исфандиёр ва дигар аҷоиб ва ахбори эрониёни қадим» [80, I, 221].

Масъудӣ бори дуюм аз ин китоб ҳини сухан аз подшоҳии Кайхусрав ёдовар шуда ва матлаби зеринро баён намудааст: «Ба назари эрониён, чунон ки дар китоби «Сакисарон» ҳаст, пеш аз Кайхусрав ҷадди падарии ӯ Кайковус подшоҳӣ дошт ва дониста нест, ки ӯ писари кист. Кайхусрав фарзанд надошт ва шоҳӣ ба Лӯҳросб дод» [80, I, 222].

Бо таваҷҷӯҳ ба матолибе, ки китоби «Сакисарон» дар бар мегирифтааст, онро метавон яке аз манобеи муҳимми достону ривоятҳои куҳани эронӣ ва таърихи ҳамосии аҳди Каёниён ба шумор овард. Масъудӣ таъкид кардааст, ки эрониён ин китобро, бино ба шомили ахбори гузаштагон ва саргузашти шоҳонашон будани он, бузург мешуморидаанд. Мусалламан, ҳамин арзиши адабиву таърихӣ ва шӯҳрату эътибори китоби

«Сакисарон» боис шуда, ки Ибни Муқаффаъ ба тарҷумаи арабии он пардохтааст.

«Китоб ал-Банкаш» ё китоби «Пайкор». Масъудӣ дар «Муруҷ уз-заҳаб»-и хеш ҳини сухан аз қалъае, ки миёни сарзамини Алан ва кӯҳҳои Қафқоз ҷойгир аст ва онро дар даврони пешин гӯё Исфандиёр бунёд ниҳода будааст, таъкид мекунад, ки «Исфандиёр дар Машриқ бо ақвоми мухталиф ҷангҳои бисёр дошт, ҳам ӯ буд, ки ба диёри Турк ронд ва шаҳри Суфрро, ки ба сарсахтӣ ва муноат миёни эрониён зарбулмасал буд, вайрон кард. Аъмоли Исфандиёр ва он чӣ бигуфтем, дар китоби маъруф ба «Китоб ал-Банкаш», ки Ибни Муқаффаъ ба забони арабӣ оварда, мазкур аст» [80, I, 190].

Аз суханони Масъудӣ метавон истинбот кард, ки дар мавзӯи ҷангҳои Исфандиёр бо туркон, кушодани Рӯйиндиж («Суфр» ба арабӣ – З.Н.) ва корзорҳои дигари ӯ китобе миёни эрониён вуҷуд доштааст. Номи он – «ал-Банкаш» мусалламан дучори таҳриф шуда ва маъние аз он барнамеояд. Дж.Маркварт ва дар пайравӣ аз ӯ иддае аз муҳаққиқон вожаи «Банкаш»-ро таҳрифе аз «Пайкор» донистаанд ва унвони «Пайкор»-ро мувофиқ бо мӯҳтавои китоб ба шумор овардаанд [260, 47]. Дар баробари ин М.Муҳаммадӣ мӯътақид аст, ки «Банкаш» ҳамон китоби фавқуззикри «Сакисарон» мебошад ва бар асари тасҳиф номи як китоб ба ду сурат даромадааст. Дар таъйиди ин матлаб ӯ таъкид кардааст, ки аввалан имлои арабии ин ду вожа ба ҳам наздик аст, сониян, матолиби ин ду китоб, бино ба шарҳи Масъудӣ, мушобеҳ ба якдигар аст [294, 166-167].

Тааммули амиқтар бар матолибе, ки Масъудӣ дар мавриди ин ду китоб баён кардааст, дур аз савоб будани ақидаи М. Муҳаммадиро таъйид мекунад. Бино ба шарҳи Масъудӣ бар китоби аввал – «Сакисарон», ки қаблан зикр шуд, метавон ба хулосае омад, ки мӯҳтавои он як давраи нисбатан тӯлонии таърихи Каёниёнро аз аҳди Афросиёб то кушта шудани Рустам ба дасти Баҳман писари Исфандиёр дар бар мегирифт. Аз шарҳе, ки Масъудӣ дар мавриди китоби «Банкаш» ё «Пайкор» овардааст, пайдост, ки

ин китоб ба аъмоли Исфандиёр ихтисос дошта ва аз лиҳози замонӣ низ воқеоти марҳалаи нисбатан кӯтоҳро (дар қиёс бо китоби аввал) дар худ ғунҷоиш додааст. Сониян, агар ин ду китоб яке мебуданд, ин амр дар наҳваи истиноди Масъудӣ ба онҳо бо ин ё он тарз аён мегардид, ҳол он ки чунин оҳанге дар суханони ӯ ба назар намерасад. Бино бар ин, китоби алоҳида ва ғайри «Сакисарон» будани китоби «Пайкор» ба назар мусаллам менамояд, ҳарчанд эҳтимол дорад, ки номҳои ин ду китоби мустақил таҳриф шуда ва аз асл дур афтодаанд.

II.4. Тарҷумаи осори ахлоқӣ

Дар миёни осори фикрӣ ва фарҳангии Эронзамини тоисломӣ, ки дар нахустин садаҳои исломӣ ба забони арабӣ баргардон шуд, бахши аъзамро китобу рисолаҳои ахлоқӣ фароҳам овардаанд. Сабаби ин амр, қабл аз ҳама, дар он буд, ки осори ахлоқӣ аз борвартарин ва ғанитарин риштаҳои насри тоисломии эронӣ ба шумор меомад. Теъдоди зиёди пандномаву андарзномаҳо, ки аз даврони куҳан дар миёни қавмҳои эронӣ мутадовил буданд, аз таълимоти ахлоқии Зардушт сарчашма гирифта, ҳадафи нишон додани роҳи растагорӣ ва зиндагии солимро ба афроди ҷомеа пайгирӣ мекарданд.

Дарунмоя ва меҳвари ин таълимотро дастуроти сегонаи «кирдори нек», «гуфтори нек», «пиндори нек» фароҳам оварда буданд. Риояи ин дастурот ва амал аз рӯи онҳо, тибқи тасаввур ва ҷаҳоншиносии зардуштӣ, саодати дунёи фониву боқиро барои мардум замонат медод. Аз ин ҷост, ки роҳнамоӣ ба арзишҳои олии ахлоқӣ, далолати хайр ва ислоҳу салоҳи ахлоқи фардиву иҷтимоӣ рисолати бузург ва вазифаи шоиста ба шумор омад, ки дар ҷомеаи табақотии Эронзамини тоисломӣ он ба ӯҳдаи подшоҳон, вазирон, ҳакимон ва динмардони зардуштӣ вогузошта шуд. Дар ин замина панду андарзҳои фаровон ва китобу рисолаҳои ахлоқиву тарбиявии мутааддиде арзи вуҷуд карданд, ки, ғолибан, ба подшоҳони таърихиву афсонавӣ, бузургони давлат ва мӯбадону ҳирбадони зардуштӣ

мансуб ҳастанд. Ин ҷо масъалаи сиҳҳат ва дурустии интисоби он панду андарзҳо матраҳ нест ва лузуме ҳам надорад, ки ин нисбат доданҳо ҳатман воқеият ва ҳақиқат дошта бошад. Баръакс, қавонин ва қавоиди ҳоким бар ҷомеаи табақотӣ худ тақозо мекард, ки саронӣ ҷомеа ба ҳайси роҳнамо ва мураббии ахлоқиву маънавии мардум пазируфта шаванд. Тазоҳури ҳамин қонуни нонавишт буд, ки ҳазорон суханони ҳикматомез ва панду андарзҳо дар китобҳои таъриху адаби арабиву форсӣ аз забони шоҳоне, мисли Ардашер, Хусрави Анӯшервон, Шопур, Қубод, Баҳман, Ҳушанг, Ҳурмуз, Хусрави Парвиз, Баҳроми Гӯр ва дигарон нақл шудаанд.

Расму ойини кишвардорӣ низ тақозо мекард, ки подшоҳони эронӣ ҳангоми ҷулус ба тахти шоҳӣ хитобаҳои пандомез ироа кунанд ва асосҳои ахлоқии сиёсат ва фаъолияти худро эълом доранд. Дар фарҷоми салтанат ё қабл аз марги шоҳон низ аз забони эшон панду андарзҳо дар масъалаҳои мухталифи марбут ба сиёсати шоҳӣ ва ойини салтанатӣ ривоят мешуд, ки онҳоро метавон васиятномаҳои ахлоқиву сиёсӣ номид. Ҳамин расму ойини пандгузорӣ ва васияткунии подшоҳони бостонӣ дар таърихнигории исломӣ нақши худро гузоштааст. Дар «Таърих ур-русул ва-л-мулук»-и Табарӣ, «Синий мулук ал-арз ва-л-анбиё»-и Ҳамзаи Исфаҳонӣ, «ал-Ахбор ут-тивол»-и Динаварӣ, «Ғурар ус-сияр»-и Саолабии Марғанӣ, «Ниҳоят ул-ираб фи таърих ал-фурс ва-л-араб» ва мунтаҳо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳини сухан аз оғози салтанати ҳар яке аз шоҳон суханони ҳикматомези онҳо зикр гардида, пас аз баёни саргузашт ва марги онҳо низ силсилае аз насоеҳу мавоизи эшон нақл шудааст, ки маъхази онҳо, ғолибан, ҳамон хитобаҳои тоҷгузорӣ ва васиятномаҳои шоҳон буд.

Яке аз мабодии ойини салтанатӣ дар Эронзамини тоисломӣ он буд, ки подшоҳон на танҳо худ ба панду андарзгӯӣ мепардохтанд, балки дастурҳои сиёсии пешгузаштагони худро мавриди омӯзиш қарор медоданд ва пайравӣ аз равиши писандида ва истиқбол аз маниши накӯи онҳоро мояи салоҳи умури кишвардорӣ ба шумор меоварданд. Бо ишора ба ин матлаб муаллифи маҷҳули «Китоб ул-ғурра» навиштааст: «Ҳар гоҳ яке аз подшоҳон дастуре барои шоҳони пас аз худ менавишт, бар тамоми онон,

ки пас аз ӯ ба подшоҳӣ мерасиданд, лозим буд, ки ҳамвора онро бихонанд ва дар матолиби он биандешанд. Ғурур ва қудрати салтанат набояд мӯҷиб мешуд, ки рӯй аз дастур бигардонанд ва эътиборе бар он қоил нагарданд. Муроқибати шоҳон ба дастурҳои пешиниён омили аслии ислоҳи умур ва зоеъ гузоштанаш мояи нобудиашон буд» [39, 20]. Намунаи боризи арҷгузорӣ ба ҳикматҳои аслоф ҳамоно равиши Хусрави Анӯшервон аст, ки худ низ дар таърихи адабу фарҳанги халқҳои эронӣ бо панду андарз ва ақволи ҳакимона мумтоз аст. Муаллифи «Форснома» ба равиши мустаҳсани ин шоҳи сосонӣ бад-ин тарз ишора кардааст: «Чун подшоҳӣ бар Кисро Анӯшервони одил қарор гирифт, уҳуди Ардашер ибни Бобак пеш ниҳод ва васиятҳои ӯро, ки дар он уҳуд аст, кор баст. Ва ҳар куҷо китобе буд аз ҳикматҳо ва сиёсат, мехонд ва он чӣ ӯро ихтиёр омад аз он, бармегузид ва кор мебаст» [6, 88].

Аҳамияте, ки мардуми Эронзамин ба панду андарзҳо қоил будаанд, ба андозае буд, ки суханони ҳикматомезро дар девори қасру биноҳо, ҳошияи дастархону фаршҳо, даруну беруни зарфҳо, тоҷу нигинҳои шоҳӣ менавиштанд ва ҳатто дар сахраҳову лавҳҳои сангин ҳаккокӣ мекарданд. Чунончи, Масъудӣ аз хони бузурги Анӯшервон хабар додааст, ки дар канораҳои он бо ҷавоҳир чунин суханони ҳикматомезро навишта будаанд: «Ҳар кӣ ғизо аз ҳалол хӯрад ва зиёдати он ба ҳоҷатманд диҳад, нӯшаш бод. Ҳар чиро ба иштиҳо хӯрӣ, ту онро мехӯрӣ ва ҳар чиро беиштиҳо хӯрӣ, туро мехӯрад» [80, I, 262]. Алломаи араб Ҷоҳиз низ ишора кардааст, ки эрониён дар баробари воқеоти бузурги таърихи худ, ки мояи ифтихору сарафрозиашон буд, панду андарзҳоро низ «бар сахраҳои азим менигошта ё дар биноҳои бузург ба ёдгор мегузоштанд» [53, 201]. Алоқаву рағбати мардуми Эронзаминро ба андарзу ҳикматҳо аз Ҳиндустон овардани китоби «Калила ва Димна» ва тарҷумаи он ба забони паҳлавӣ низ таъйид мекунад.

Аз қароину далоиле, ки зикр шуд, аён аст, ки таваҷҷӯҳи омм ва фарогир ба панду андарз яке аз боризтарин вижагиҳои ҳастии маънавии

қавмҳои эронӣ қабл аз ислом будааст. Ҳамин ҳикматгароӣ ва андарзпазирӣ боис шуда, ки мардуми эронинажод ба таърих ва таҷрибаи зиндагии аслофи худ аз равзанаи ахлоқу маънавият ва бо дидаи ибратҷӯй назар кунанд, аз таърих ҳикмати ахлоқии онро ҷӯё шаванд, аз ҳаводису воқеоти гузашта панд бигиранд. Бесабаб нест, ки ағлаби кутуби таърихии Эронзамини тоисломӣ, аз ҷумла «Худойнома», «Тоҷнома» ва «Ойиннома»-ҳо дар баробари баёни раванди таърих шомили панду андарз ва мавъизаву насоеҳ ҳастанд ва ҳар вақт, ки муаллифони осори адабии арабиву форсӣ аз онҳо матлаберо нақл кардаанд, мавзӯи он, ғолибан, дастурҳои ахлоқӣ ва панду андарз будааст. Дар натиҷа, дар ваҳлаи аввал чунин ба назар мерасад, ки он китобҳои таърихӣ аслан кутуби панду андарз будаанд. Ба он, ки таърихномаҳои тоисломии эронӣ саршор аз панду ҳикмат будаанд, Ҳамзаи Исфаҳонӣ низ бад-ин тарз ишора кардааст: «Аммо расоил ва васоёи мулук ва монанди онҳо, ки дар китобҳои таърих аст, аз зикри онҳо дар ин ҷо чашм пӯшидем» [57, 60].

Омилҳои мазкур мӯҷиб шуданд, ки дар аҳди Сосониён, хоссатан дар авохири салтанати ин хонадон пандномаву андарзномаҳои мутааддид рӯи кор омаданд, ки дар маҷмӯъ арзишҳои ахлоқии Эронзамини тоисломиро бозтобӣ мекунанд.

Қисмати зиёде аз ин андарзномаву пандномаҳои паҳлавӣ дар нахустин садаҳои исломӣ бо кӯшиш ва ҳиммати мутарҷимони эронитабор ба забони арабӣ тарҷумаву бозгӯй шуданд. Ангезаву авомили мухталифе дар вусъату густариши ин тарҷумаҳо нақшу таъсир доштанд, вале дар миёни онҳо ду омил муҳимтар ба назар менамояд. Омили нахуст ин кӯшиши намояндагони аҳли адаби эронӣ ба ҳифзу эҳёи арзишҳои ахлоқии Эронзамини тоисломӣ ва ворид кардани он ба доираи таълимоти ахлоқии ислом ба шумор меояд. Омили дуюм ин ниёзи ҷомеаи мусалмонон ба андешаи ахлоқиву сиёсии тоисломии эронӣ маҳсуб мешавад. Натиҷаи ба ҳам омадани ҳамин ду омил буд, ки селаи китобу рисолаҳои паҳлавии марбут ба ахлоқи фардиву иҷтимоӣ, сиёсати шоҳӣ ва одоби кишвардорӣ кисвати арабӣ ба бар карданд ва таҳти унвонҳои «уҳуд» (яъне аҳдномаҳо)

ва «васоё» (яъне васиятномаҳо) дар муҳити исломӣ маъруфият ва маҳбубият пайдо карданд. Донистану ба кор бастани матолиби ин китобҳо василае аз васоили тарбияи ахлоқӣ ва унсуре аз аносири фарҳангу маърифати исломӣ ба шумор омад. Беҳуда нест, ки хулафои аббосӣ ба пурсиши тарбиятгарони фарзандонашон роҷеъ ба он, ки ба онҳо чиро биёмӯзонанд, дастур медоданд эшонро дар баробари омӯхтани китоби Худованд ба хондани «Аҳди Ардашер» ва «Калила ва Димна» водоранд [75, 4]. Бесабаб нест, ки Хусрави Анӯшервон, Бузургмеҳр ва даҳҳо шоҳону вазирон ва ҳакимони тоисломии эронӣ, ки саросар маҷусӣ буданд, на танҳо бо ҳуқуқи комил ба адабиёти исломӣ ворид шуданд, балки дар паҳнаи ин адабиёт чун рамзҳои ҳикмату адолат ва сиёсати кишвардорӣ шинохта шудаанд. Ин ҳама натиҷа ва самараи тарҷумаи китобу рисолаҳои ахлоқии паҳлавӣ ба забони арабӣ дар садаҳои VIII-IX аст.

Осори ахлоқии тоисломӣ, ки пораҳое аз он тавассути тарҷумаи арабӣ боқӣ мондаанд ё номе аз онҳо дар манобеи арабӣ ба қайд омадааст, ба маротиб бештар аз он аст, ки ба забони паҳлавӣ аз он даврон то замони мо расидааст. Муҳимтарин маъхазе, ки доир ба осори ахлоқии тоисломӣ нисбат ба манобеи дигар маълумоти бештарро шомил аст, ҳамоно «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим ба шумор меояд. Дар бахши «Китобҳое, ки эрониён, румиён, ҳиндуён ва араб дар мавоиз ва одоб ва ҳикам таълиф кардаанд» Ибни Надим номи 44 асарро зикр кардааст [86, 377-378]. К.А.Инострансев, ки маълумоти ин бахши «ал-Фиҳрист»-ро ба риштаи таҳқиқ кашида буд, 14 асарро аз ин номгӯй мусалламан тарҷумаҳои китобҳои паҳлавӣ дониста, як идда таълифоти дигарро ҷузви осоре ба шумор овардааст, ки дар пайравӣ ва истиқбол аз адабиёти ахлоқии эронӣ иншо шудаанд [138, 14-21]. Таҳқиқоти К.А.Инострансев, бо вуҷуди он ки як аср пеш аз ин ба миён омада буд, ба таври умум арзиши илмии худро нигоҳ доштааст, вале дар он нуктаҳое низ ба чашм мерасанд, ки имрӯз ниёз ба тасҳеҳ ва такмил доранд. Дар ин хусус дар саҳифаҳои баъдӣ сухан хоҳад рафт.

Дувумин маъхазе, ки аз он доир ба пандномаву андарзномаҳои тоисломӣ ва тарҷумаи онҳо ба арабӣ маълумоти пуразришро метавон пайдо кард, китоби «Ҷовидон хирад» (ал-Ҳикмат ал-холида)-и Мискавайҳ (ё Ибни Мискавайҳ)-и Розӣ аст. Арзиши ин китоб ва имтиёзи он бар «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим, ки бино ба тақозои табиати асараш танҳо номи осори тарҷумашуда аз паҳлавиро зикр кардааст, дар он аст, ки Мискавайҳ матни арабии беш аз даҳ асари пандуахлоқии паҳлавиро комилан ё ҷузъан нақл кардааст [83, 1-88].

Ба теъдоде аз пандномаҳои паҳлавӣ дар масодири дигари арабизабону форсизабон низ ишора рафта ва матолибе аз онҳо нақл гардидааст. Фузун бар ин дар аксари китобҳои адаби садаҳои нахусти ислом аз забони шоҳону ҳакимони тоисломии эронӣ ҷумлаҳои кӯтоҳи ҳикматомез бидуни таъйини маъхази онҳо оварда шудаанд. Бо такя бар ин масодир ва манобеъ метавон доир ба китобу рисолаҳои ахлоқии зерин, ки дар даврони мавриди баҳс ба арабӣ баргардон шуда ва аксаран мутарҷимони онҳо номаълуманд, изҳори назар кард:

Аҳд Ардашер (Аҳдномаи Ардашер). Ин панднома аз лиҳози мӯҳтаво васиятномаи бунёнгузори давлати Сосониён ба шоҳони баъд аз вай буда, матолиберо доир ба ҷанбаҳои ахлоқӣ ва сиёсии одоби кишвардорӣ дар бар гирифтааст. Асли паҳлавии он боқӣ намондааст, вале матни тарҷумаи арабии он дар китоби «ал-Ғурра»-и муаллифи маҷҳули нимаи дуюми асри X [39, 35, 39], дар «Таҷоруб ул-умам»-и Мискавайҳ [81, 114-129], дар «Наср уд-дурар»-и ал-Обӣ [18, V, 84-107] ва дар дастхате, ки онро М.Гриняски дар китобхонаи Истамбул пайдо кардааст, мундариҷ аст [321, 46-90]. Дар мутуни арабӣ номи аҳдномаи мазкур дар шакли комили «Аҳд Ардашер ила-л-мулук ат-толиййин мин баъдиҳи», яъне «Аҳдномаи Ардашер ба шоҳони пас аз худ» мазкур аст, ки ба мӯҳтавои рисола мувофиқат дорад ва ҷиҳати фарқ кардани он аз аҳдномаи дигари ин шоҳи сосонӣ, ки ба унвони фарзандаш аст, судманд мебошад.

Муаллифи «ал-Фиҳрист» ҳини шарҳи мухтасари рӯзгор ва осори муаррих, ҷуғрофидон ва адиби арабизабон Аҳмад ибни Яҳё ибни Ҷобири Балозурӣ (ваф. 892) ёдовар шудааст, ки ӯ китоби «Аҳд Ардашер»-ро ба шеър даровардааст [86, 126]. Ибни Надим ҳамчунин «Аҳди Ардашер»-ро дар муқаддимаи рӯихати панҷ китобе, ки ҳамагон бар хубии онҳо қоил будаанд, зикр карда ва бо ин мақому мартабаи онро дар муҳити адабиву фарҳангии нахустин садаҳои исломӣ таъйид кардааст [86, 140]. Муаллифи «ал-Фиҳрист» дар бахши фавқуззикри марбут ба китобҳои ахлоқии эрониён, румиён, ҳиндуён ва аъроб аз аҳдномае мавсум ба «Аҳд Ардашер Бобакон ило ибниҳи Собур» (Аҳдномаи Ардашери Бобакон ба фарзандаш Шопур) ёдовар шудааст [86, 377-378], ки К.А.Иностранцев ва М.Муҳаммадӣ онро ҳамон «Аҳд Ардашер» донистаанд [138, 18-19]. А.Тафаззулӣ моил бар он аст, ки ин ду аҳднома рисолаҳои мустақил ҳастанд [234, 218-219]. Нигорандаи ин сатрҳо низ, бино бар далоиле, ки бад-онҳо дар мавридаш ишора хоҳад шуд, аҳдномаи Ардашерро асаре ғайр аз аҳдномаи Ардашер ба писараш Шопур меҳисобад.

«Аҳд Ардашер»-ро бо эътимод ба матне, ки дар китоби «ал-Ғурра» омадааст, Эҳсон Аббос бо муқаддима ва таълиқот дар Бейрут мунташир сохт [39]. Муҳаққиқи мазкур, бино ба супориши халифаи аббосӣ Маъмун (813-833) ба муаллими фарзандаш роҷеъ ба водор сохтани ӯ ба омӯхтани «Аҳдномаи Ардашер» дар баробари «Қуръон», ҳадс задааст, ки аҳдномаи мазкур бояд хеле пештар аз замони Маъмун ва шояд ҳанӯз дар авохири аҳди Умавиён (661-750) ба забони арабӣ тарҷума шуда бошад, то битавонад ин дараҷа шӯҳрати фаровонро касб намояд [39, 20].

«Аҳд Ардашер»-ро метавон намунае беҳтарин аз аҳдномаҳои роиҷ дар насри паҳлавӣ ба шумор овард ва ба хотири огоҳӣ аз мӯҳтавои ин даста аз рисолоти ахлоқӣ матолиби онро ба таври иҷмолӣ бад-ин сурат дастбандӣ кард:

1. Сиришти шоҳон имтиёз бар сиришти мардум дорад ва тўли салтанат набояд шоҳонро ба сармастии фармонравоӣ кашад, ки он аз сармастии бода сахттар аст.

2. Ҳар як шоҳ бояд андўхтаҳои аслофи хешро аз худ кунад ва онро идома диҳад, вагарна кораш рў ба табоҳӣ хоҳад овард.

3. Шоҳро хоссону надимон ва мардуми зиёде иҳота мекунанд ва ўро зарур аст, ки нисбат ба онон равише дурустро ба кор гирад, зеро дурустии шаҳриёр барои мардум аз фаровонӣ беҳтар аст.

4. Подшоҳиву дин ду бародарони ҳамзоданд, яъне дину давлат ба ҳам вобастаанд. Бино бар ин, фурўмоягон набояд ба кори дину омўзиши он пардозанд, ки ин боиси табоҳии на танҳо дин, балки давлат низ хоҳад шуд.

5. Шоҳ бар тани мардум ҳоким аст, на бар дили эшон. Бино бар ин, ўро мебояд, ки аз бидъатгузороне, ки такя бар дин мекунанд, ҳушёр бошад. Аҳли динро набояд ба кори шоҳӣ дахолате бошад. Берун мондани аҳли дин аз фармони шоҳон аз кўтоҳиҳои шоҳон аст.

6. Шоҳ ба ҷуз аз хоссону муқаррабон ва вазирони худ аҳволи раоёро аз ашхоси дигар низ бипурсад, то дар паси пардаи торики бехабарӣ намонад.

7. Шоҳ бояд дар баробари мардум ду дарро кушояд: яке дари дилсўзиву меҳрубонӣ, бахшандагиву навозиш, хушрўиву кушодадилӣ; дигаре дари тундиву бим додан, пофишориву сахтгирӣ, танг гирифтану ҷазо додан. Ин ҳар ду моҳиятан дари меҳр ҳастанд.

8. Ҷанг бо нодурустиҳои сиришту равишҳои мардуми худ бояд муқаддам бар ҷанг бо мардуми бегона бошад, зеро бо дилҳое, ки ҳамнаво нестанд ва дастҳое, ки душмани якдигаранд, бо душманон ҷангидан муҳол аст.

9. Бекории мардум метавонад боиси табоҳии умури шоҳӣ гардад, зеро аз байни мардуми бекор, бино ба манишҳои мухталифи онҳо, равишҳои номатлуб ва душманиву кинатўзӣ бархезад.

10. Шоҳ бояд тақсими мардумро ба чаҳор табақаи сипоҳиён (асворон), рўҳониён (мўбадон, ниёишгарон ва ҳирбадон), коргузорон (дабирон,

мунаҷҷимон ва табибон), пешагарон (кишоварзон, пешаварон ва бозаргонон) риоят кунад ва гузаштанро аз як табақаи иҷтимоӣ ба табақаи дигар манъ кунад, зеро дигаргунӣ дар пояҳои мардум боиси рашку оз ва дар ниҳояти кор мӯҷиби нобудии шаҳриёрӣ мешавад.

11. Агар ситам кардан бар гурӯҳе мояи дурустии кор ва осоишу амонати мардум бошад, шоҳ набояд худро аз чунин ситам кардан барҳазар дорад.

12. Агар шоҳ мардумро дар табоҳӣ бинад ва ҳоли онҳоро беҳтар кардан аз дасташ наёяд, бояд ҷомаи шоҳиро аз тан бадар кунад, ҳамчунон ки ҷомаи шабушкзеркардаро шитобон аз тан дармеоваранд.

13. Шоҳ бояд ҷонишини худро ошкоро эълон накунад, то ин боиси сар задани душманӣ миёни шоҳу ҷонишин нагардад. Ӯро зарур аст, ки номи ҷонишинро дар чаҳор нома бинвисад ва онҳоро мӯҳр карда, бар чаҳор тан аз баргузидагони кишвар бисупорад ва як нусха аз он нома бо мӯҳри худ дар хазина нигоҳ дорад. Пас аз марги шоҳ бояд он номаҳоро кушоянд ва дар ҳолати мувофиқати онҳо номи шоҳро эълон намоянд.

14. Шоҳ бояд бахилӣ накунад, ки бенавоӣ ба ӯ таҳдид намекунад; дурӯғ нагӯяд, ки касе ӯро ба дурӯғгӯӣ ногузир насозад; беҳуда хашм нагирад, ки пушаймонӣ ба бор орад; бекор нашинад, ки бекорӣ хоси фурӯдастон аст; бар касе рашк набарад, ҷуз бар шоҳон ва кишвардории неки онҳо.

15. Хӯроку пӯшоки шоҳ бояд ҳаммонанди хӯроку пӯшоки тӯдаи мардум бошад. Бартарии шоҳ бар мардум дар ин аст, ки шоҳ, ҳар гоҳ ки бихоҳад, некӣ тавонад кард ва тӯда чунин набошад.

16. Шоҳ бояд аз ифшои роз дар назди кӯдакону хидматгузорони худ бипарҳезад, худро аз хашму озу худписандӣ дур дорад, то Аҳриман бар ӯ ғолиб наояд.

17. Хиради шоҳ бояд бар хоҳишҳои ӯ пирӯз бошад, зеро агар инони хоҳишҳо аз даст равад, хирадро забун кунад.

18. Шоҳон бо дастаҳои мухталифи мардум сарукор доранд: дастае аз бадӣ кардан ба подшоҳ хушнудтаранд то ба некӣ кардан; дастае ба ҳама

кас бадӣ карда ва бар муқобили сарварон далер шудаанд; дастае дар зоҳир фурӯтан ва дар ботин худписанданд; дастае дар назди шоҳ дар ҳаққи дигарон бадгӯӣ мекунанд ва аз ин барои худ суд меҷӯянд. Шоҳ бояд дар баробари ҳамаи ин дастаҳо аз мардум равиши матлубро ба кор гирад.

19. Шоҳ бояд дар бахшандагӣ, сахтгирӣ, сухангӯӣ ва хомӯшӣ миёнаравиро риоят кунад.

20. Барои ҳар кор, аз қабили кору истироҳат, хӯрдану ошомидан, дониш омӯхтану хушгузаронӣ шоҳро бояд вақте муайян бошад ва соати он бояд муроот шавад.

21. Шоҳзодагонеро бояд ба шоҳӣ баргузид, ки аз фарзанди аммуҳои шоҳ таваллуд ёфтаанд. Аз миёни онон касоне шоистаи подшоҳӣ ҳастанд, ки барӯманду бохирад бошанд, сустие дар раъй ва нуқсе дар андом ва дини худ надошта бошанд. Дар ин ҳолат даъвогарони мақоми шоҳӣ камтар мешаванд ва ҳар кас ҳадди худро мешиносад.

22.Шоҳ бояд аз некхоҳону дӯстони қадими худ бар ивази ранҷише рӯй нагардонад ва оғӯши худро барои ононе, ки нав дӯст шудаанд, саросар боз накунад.

23. Дар сари ҳар ҳазор сол балову мусибатҳои иҷтимоӣ фуруд меоянд, мардум тобеи ҳавову ҳавасҳои худ мешаванд, аз пойгоҳҳои хеш қадам фаро мениҳанд ва бар сарварон нофармонӣ мекунанд, он чӣ ки гузаштагон сохтаанд, вайрон ва он чиро, ки пешиниён устувор кардаанд, суст мегардонанд.

Дар фарҷоми аҳднома Ардашер ба шоҳоне, ки пас аз ӯ меоянд, таманно кардааст, ки Яздон пуштибону нигаҳбони онҳо бошад, онҳоро бузург ва душманонашонро хор гардонад [81, I, 114-129].

Аз аҳдномаи Ардашер дар таворихи нахустин садаҳои ислом мукарраран ёд шудааст. Аз ҷумла, Абӯҳанифаи Динаварӣ дар «ал-Ахбор ут-тивол» овардааст, ки «Ардашер ҳамон касе аст, ки … аҳдномаи маъруфи худро барои подшоҳон навишт ва шоҳон аз он пайравӣ мекарданд ва бо

ҳифз ва амал ба он табаррук меҷустанд ва онро сармашқи кори худ қарор медоданд ва пайваста ба он назар мекарданд» [61, 45].

Масъудӣ низ дар «ат-Танбиҳ ва-л-ишроф»-и худ бо таъкиди он, ки «Ардашер писари Бобак дар охир аҳдномае барои мулуки аъқоби худ дар бораи тадбири дин ва мулк ба ҷо гузоштааст», суханони Ардашерро дар бораи фуруд омадани балоҳои иҷтимоӣ дар сари ҳар ҳазор сол нақл кардааст [79, 92].

А.Тафаззулӣ бар он аст, ки Масъудӣ дар китоби дигараш - «Муруҷ уз-заҳаб» низ ба аҳдномаи Ардашер ишора кардааст [234, 218]. Вале тааммул бар навиштаи Масъудӣ иштибоҳ будани ақидаи А.Тафаззулиро таъйид мекунад. Чунончи, Масъудӣ навиштааст: «Ардашери Бобак китобе дорад, ки ба номи «Корнома» маъруф аст ва ахбору ҷангҳо ва ҷаҳонгирии хешро дар он ҷо овардааст» [80, I, 242]. Чунон ки аён аст, китобе, ки ин ҷо ба Ардашер мансуб дониста шудааст, на «Аҳднома», балки «Корнома» ном дорад ва ин китобест, ки асли паҳлавии он имрӯз дар даст аст ва дар садаҳои VIII-IX низ ба забони арабӣ тарҷума шуда ва бо номи «Сират Ардашер» маъруф гардидааст. Сониян, аз шарҳи Масъудӣ ба мӯҳтавои китоби Ардашер бармеояд, ки он шомили саргузашти шоҳи мазкури сосонӣ будааст, на панду андарзҳои ӯ.

Ҷоҳиз дар рисолаи худ дар мазаммати котибон «Аҳдномаи Ардашер»-ро дар шумули китобҳое аз қабили «Пандномаи Бузургмеҳр», расоили Абдулҳамиди Котиб ва Ибни Муқаффаъ, «Калила ва Димна», «Марвакнома» ва ғайра зикр карда, омӯхтан ва аз бар кардани онро ҷузъе аз фарҳанг ва маърифати умумии адибони муосири хеш ба шумор овардааст [52, 191].

Як идда аз муаррихони гузашта, аз қабили Табарӣ, Саолабӣ, Ибни Балхӣ ва муаллифи маҷҳули «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» мавриди таваҷҷӯҳи хос ва корбасти Хусрави Анӯшервон будани андарзҳои «Аҳдномаи Ардашер»-ро ба қайд овардаанд [67, II, 649; 47, 346; 6, 88; 76, 61]. Қароини мазкур далел бар он аст, ки «Аҳдномаи Ардашер» пас аз

тарҷумаи мансур ва манзуми арабӣ дар муҳити исломӣ аз мақом ва манзалати волое бархурдор гардид ва пайваста мавриди иқтибосу истинод ва истиқбол аз ҳикматҳояш қарор гирифт. Дар ағлаби манобее, ки дар бораи «Аҳдномаи Ардашер» сухан рафтааст, номи тарҷумони он ба насри арабӣ ба қайд наомадааст, вале ахиран М.Донишпажӯҳ бо истинод ба китоби адиби асри IX Абулқосим Абдулазизи Бағдодии Наҳвӣ – «Китоб сифат ад-давот ва-л-қалам ва тасрифиҳо» тарҷумаи аҳдномаи мазкурро ба Ибни Муқаффаъ нисбат додааст [36, 63].

«Аҳд Ардашер Бобакон ило ибниҳи Собур» (Аҳдномаи Ардашери Бобакон ба писараш Шопур). Муаллифи «ал-Фиҳрист» номи ин аҳдномаро зимни китобҳои ахлоқии эрониён, румиён, ҳиндуён ва аъроб бидуни таъйини мутарҷими он ба қайд овардааст [86, 378]. Матни ин аҳднома дар китоби «Ниҳоят ул-ираб фи ахбор ал-фурс ва-л-араб» ба қайд омада, бо ҷумлаи «Ин андарзҳои Ардашери Бобакон ба писараш Шопур аст дар вақте, ки ӯро барои шоҳӣ баргузид ва либоси каромат бар ӯ пӯшонид» оғоз ёфтааст [87, 196-200].

Аҳдномаи мазкур шомили матолибест, ки бештар ба ҷанбаҳои ахлоқии ойини кишвардорӣ марбут аст. Бандҳои алоҳидаи он бо ибораи «Бидон, эй писарам» сар мешавад. Оҳанги умумии аҳднома низ далел бар он аст, ки дастурҳои ахлоқӣ хитоб ба фарзанди шоҳ аст.

Аз лиҳози мӯҳтавои умумӣ ва мазмуни андарзҳои алоҳида миёни ин аҳднома ва аҳдномаи қаблии Ардашер, ки муанван ба шоҳони баъдӣ аст, шабоҳат ва ҳамоҳангиҳо ба назар мерасад. Бино бар ин, К.А.Иностранцев ва М.Муҳаммадӣ ин ду аҳдномаро як рисола ба шумор оварда буданд [138, 18-19; 192, 287-289]. А.Тафаззулӣ эҳтимол додааст, ки аҳдномаҳои мазкур рисолаҳои мустақил мебошанд [234, 218]. Нигорандаи ин сатрҳо низ бар он аст, ки ин ду аҳднома бо вуҷуди ҳовии матолиби мушобеҳ буданашон шояд ҳанӯз дар насри авохири аҳди Сосониён чун ду рисолаи мустақил дар одоби шоҳон ва ойини кишвардорӣ маъруф будаанд ва пас аз тарҷума ба

забони арабӣ низ ба ҳамин ҳайс шинохта шудаанд. Дар таъйиди ин матлаб метавон чанд нуктаро зикр кард, чунончи:

1. Дар манобеи арабӣ дар муаррифии ин ду аҳднома, ғолибан, таъбироти гуногун корбаст шуда ва хитоб ба шоҳони баъдӣ будани аҳдномаи аввал ва хитоб ба писари Ардашер – Шопур будани аҳдномаи дуюм ҳам дар ном ва ҳам дар ҷумлаи оғозини онҳо таъкид шудааст, яъне номи аҳдномаи аввал – «Аҳд Ардашер ило мулук ат-толиййин мин баъдиҳи» аз номи аҳдномаи дуюм – «Аҳд Ардашер Бобакон ило ибниҳи Собур» низ фарқ мекунад. Дар баробари ин, бояд ба назар гирифт, ки ҳар ҷое ки «Аҳдномаи Ардашер» бидуни муаррифии иловагӣ зикр шуда бошад, мурод аз он ҳамон аҳдномаи аввали муанван ба шоҳон аст.

2. Дар матни боқимондаи аҳдномаи аввал нишоне аз хитоб ба фарзанд нест, мухотаб шоҳонанд ва бандҳои ҷудогона бо хитобаи «бидонед, ки…» оғоз ёфтаанд. Бар хилофи ин, дар аҳдномаи дуюм, фарзанд мухотаб қарор гирифта ва ҳар банд одатан бо таъбири «бидон, эй писарам…» шурӯъ шудааст.

3. Дар иддае аз таърихномаҳои нахустин садаҳои исломӣ ҳини сухан аз аҳдномаҳои Ардашер ба шоҳони баъдӣ ва ё ба фарзандаш дахл доштани онҳо ба таври алоҳида қайд шудааст. Чунончи, Масъудӣ дар «Муруҷ уз-заҳаб» аз аҳднома навиштани Ардашер ба писараш «вақте ки ӯро ба шоҳӣ мегумошт», ёдовар шуда [80, I, 242-243], дар китоби дигараш «ат-Танбиҳ ва-л-ишроф» дар фарҷоми умр барои шоҳон ба ҷо гузаштани аҳдномаро аз ҷониби Ардашер таъкид кардааст [79, 92]. Ибни Қутайба дар «Уюн ул-ахбор» матлаберо аз аҳдномаи Ардашер нақл карда ва хитоб ба писараш будани онро тасреҳ кардааст [29, I, 57]. Динаварӣ дар «ал-Ахбор ут-тивол» ишора кардааст, ки «Ардашер аҳдномаи маъруфи худро барои подшоҳон навишт» [61, 45]. Бино ба тасреҳи Табарӣ, «Ардашер дар авохири рӯзгори худ ба валиаҳдаш (яъне Шопур) аҳднома навишт» [67, II, 585]. Саолабӣ низ дар ду маврид аз номаҳои Ардашер ёдовар шуда, номаи аввалро «дар бораи ойину кеш ба подшоҳон» муаррифӣ кардааст ва дар шарҳи номаи

дуюм навиштааст, ки «он чӣ дар дил дошт, ба фарзандаш навишт» [47, 280-281]. Пайдост, ки манзури Саолабӣ аз ин номаҳо ҳамон аҳдномаҳои маъруфи муассиси дудмони сосонӣ аст.

4. Ин ду аҳднома аз лиҳози ҳаҷм низ аз ҳам фарқ доранд. Аҳднома ба шоҳон хеле мутаввал буда, дар баробари масоили ахлоқӣ матолиби марбут ба низоми табақотии ҷомеаро низ дар бар гирифтааст. Аҳднома ба Шопур нисбатан мухтасар буда, асосан перомуни одобу ахлоқ ва манишу равиши писандидаи шоҳӣ баҳс мекунад.

Далелҳое, ки зикр шуд, вуҷуди ду аҳдномаи мансуб ба Ардашерро дар қарнҳои нахусти ислом таъйид мекунанд. Сабаби ҳамоҳангӣ ва шабоҳат миёни матолиби ин ду аҳднома зоҳиран дар он аст, ки аҳдномаи дуюм, яъне аҳднома ба Шопур шакли мухтасар ва мунтахаби аҳдномаи аввал бо ворид кардани баъзе тағйироту иловаҳо ба матни он мебошад. Ин эҳтимолро вуҷуди шаклҳои мукаммалу мухтасари як силсила китобҳои ахлоқӣ дар қарнҳои нахусти ислом, аз қабили «ал-Адаб ас-сағир» ва «ал-Адаб ал-кабир»-и Ибни Муқаффаъ ва ғайра ва ба ҳайси рисолаҳои ба сари худ мустақил пазируфта шудани онҳо таъйид мекунад.

Қаблан дар мавриди тарҷумаи мансури аҳдномаи Ардашер ба шоҳони баъдӣ ба Ибни Муқаффаъ будани мутарҷими он ишора рафт. Агар аҳдномаи Ардашерро ба Шопур шакли мухтасар ва мунтахаби аҳдномаи аввал бипазирем, пас ихтисору интихоби онро низ мансуб ба Ибни Муқаффаъ донистан набояд аз савоб дур бошад.

Андарзномаи Ардашер ба табақоти мухталифи ҷомеа. Дар манобеи қуруни нахустини исломӣ, аз ҷумла дар «Уюн ул-ахбор»-и Ибни Қутайба номае аз Ардашер нақл шудааст, ки он ба табақоти мухталифи ҷомеа муанван буда, панду андарзи шоҳи мазкурро фаро гирифтааст. Матни нома ё порае аз он, ки дар «Уюн ул-ахбор» омада, бад-ин сурат аст: «Аз Ардашер, шоҳаншоҳ ва вориси бузургон, ба фақеҳон, ки сутунҳои динанд, ба сипоҳиён, ки муҳофизони кишваранд, ба дабирон, ки зинати мамлакатанд ва ба кишоварзон, ки ободгарони заминанд. Дуруд бар шумо!

Мо, сипос бар Яздон, хуб ҳастем ва ба иқтизои меҳрубониву дилсӯзӣ нисбат ба раият молиётро аз шумо бардоштем. Ин насиҳатро, ки ба шумо менависем, дар ёд дошта бошед: ба ҳамдигар кина маварзед, то душман шуморо ғофилгир макунад; дар ҷамъ кардани мол ба хотири гарон фурӯхтани он макӯшед, то дучори қаҳт нашавед; ба хешовандони худ издивоҷ кунед, то хонадон ва насабатон маҳфуз бимонад; ба ин дунё дил мабандед, ки ба ҳеҷ кас пойдор намонад ва дар баробари ин аз дунё рӯй магардонед, ки охиратро ба ҷуз он ба даст натавон овард» [29, I, 52].

Матни ин нома дар «Муруҷ уз-заҳаб»-и Масъудӣ ва «ал-Иқд ал-фарид»-и Ибн Абд Раббиҳӣ низ бо тафовуте андак нақл шудааст [80, I, 243; 26, I, 41].

Зоҳиран, номаи мазкур ҷузви «Худойнома»-и паҳлавӣ ё китоби дигари таърихӣ аз он аҳд ба арабӣ тарҷума шудааст. Ин эҳтимолро ишораи муаллифи «Уюн ул-ахбор» ба он ки ӯ ин номаро «дар яке аз китобҳои эрониён» хондааст, таъйид мекунад.

А.Тафаззулӣ дар «Таърихи адабиёти Эрон пеш аз ислом» ба Ардашер рисолаеро дар ойини кишвардорӣ мансуб дониста ва мӯътақид аст, ки тарҷумаи ин рисола дар «Ниҳоят ул-ираб фи ахбор ал-фурс ва-л-араб» омадааст [234, 219]. Дар ҳақиқат ҳам, муаллифи маҷҳули «Ниҳоят ул-ираб» расму русум ва ойину тадбирҳои Ардашерро дар интихоби сипоҳиён (асворон), дабирон, доварон (қуззот), фиристодани лашкар ва пайкор бо душман, пазируфтани сафирони мамолики дигар, бунёди шаҳрҳо, тарбияти аҳли хонадонҳои ашроф, расидан ба доди мазлумон ва обод кардани сарзаминҳо муфассалан шарҳ додааст [87, 186-193]. Матолиби мазкур дар шакли нисбатан мухтасар дар «Таҷоруб ул-умам фи ахбор мулук ал-араб ва-л-аҷам», ки бозгӯи форсии «Ниҳоят ул-ираб» аст, низ нақл шудааст [81, 183-189]. Порае аз ин матолиб, ки дар хусуси одати Ардашер дар интихоби дабирон баҳс мекунад, дар китоби Ҷаҳшиёрӣ «ал-Вузаро ва-л-куттоб» низ омадааст [54, 30]. Фирдавсӣ низ дар «Шоҳнома» дар бахши «Тадбир сохтани Ардашер дар кори подшоҳӣ» матолиби

фавқуззикрро дар кисвати шеъри форсӣ ҷилвагар сохтааст [17, VIII, 252-265].

Дар ҳамаи ин маохиз сухан дар бораи расму русум ва ойину одатҳои роиҷ дар замони Ардашер меравад ва ҷое ишора нашудааст, ки ин матолиб аз рисолаи Ардашер маъхуз аст. Бино бар ин, маълум нест, ки дар кадом асос А.Тафаззулӣ матолиби мазкурро ба «рисолаи Ардашер дар ойини кишвардорӣ» нисбат додааст. Пайдост, ки муаллифони маохизи фавқуззикр дар баёни расму русуми Ардашер ба китоб ё рисолае такя кардаанд, вале аён аст, ки он китоб ва рисола на аз они Ардашер ё мансуб ба ӯ, балки дар бораи ӯ ва равишаш дар кишвардорӣ будааст. Ба назари нигорандаи ин сатрҳо, манбаи иттилои муаллифони фавқуззикр дар шарҳи расму одатҳои кишвардории Ардашер на рисолае мансуб ба ӯ, ки бар вуҷуди он дар мутуни мавриди назар ишорае нашудааст, балки китоби маъруфи «Сират Ардашер» (Саргузаштномаи Ардашер) аст, ки дар асри VIII ба забони арабӣ тарҷума гардид ва аз ҷониби Абони Лоҳиқӣ ба шеъри арабӣ дароварда шуд [86, 132].

Хитобаи Ардашер ба раият дар панду андарз. Дар «Ниҳоят ул-ираб» бо таъкиди он ки «вақте Ардашер дар мақоми шоҳӣ истиқрор ёфт, вазирон, марзбонон, сарварони сипоҳ ва соири ашрофи мамлакати худро ҷамъ намуд ва онҳоро андарз кард», матни хитобаи пандомези ӯ нақл шудааст [87, 193-196]. Дар «Шоҳнома» низ бахши «Андарз кардани Ардашер мардумонро» мавҷуд аст [17, VII, 265-268], ки дар баъзе андарзҳои худ бо он чӣ дар «Ниҳоят ул-ираб» омадааст, ҳамоҳанг мебошад. Зоҳиран, ин хитобаи пандомез рисолае ғайр аз аҳдномаҳои фавқуззикри Ардашер буда ва ба ҳайси ҷузъе аз «Худойнома»-ҳои паҳлавӣ дар қарнҳои нахусти ислом ба арабӣ тарҷума шудааст.

Китобу мо амара Ардашер би истихроҷиҳи мин хазоин ал-кутуб, аллатӣ вазаъаҳо ал-ҳукамоу фи-т-тадбир. (Китоби он чӣ ба фармони Ардашер аз ганҷинаи китобҳое, ки ҳакимон дар бораи тадбир навишта буданд, истихроҷ шуда). Ибни Надим номи ин китобро дар бахши осори

ахлоқии эрониён, румиён, ҳиндуён ва аъроб зикр кардааст [86, 378]. Дар манобеи дигар ишорае ба он нарафта ва мазмуну мӯҳтавои он номаълум аст. М. Муҳаммадӣ бо такя ба номи китоб ҳадс задааст, ки он «маҷмӯае буда аз суханони ҳакимона аз ҳукамо ва доноёни мухталиф, ки ҷамъоварии онро ба фармони Ардашер мансуб доштаанд» [292, 194].

Аҳдномаи Шопур ба писараш Ҳурмуз. Дар иддае аз манобеи қарнҳои нахусти исломӣ аз аҳдномаи Шопур ба писараш Ҳурмуз ёд шуда ва пораҳое аз он нақл шудааст. Дар шумори ин манобеъ метавон таърихномаи Табариро зикр кард, ки бо ишора бар вуҷуди аҳдномаи Шопур иктифо кардааст. Чунончи: «Чун марги Шопур даррасид, подшоҳӣ ба писари хеш - Ҳурмуз дод ва аҳде бинвишт ва бигуфт, то бад-он кор кунад» [67, II, 593].

Масъудӣ бо таъкиди он ки Шопур ба писараш Ҳурмуз ва подшоҳони баъди ӯ аҳде навиштааст, андарзи зеринро аз он нақл кардааст: «Ахлоқатонро чун мақоматон олӣ кунед ва караматонро боло баред ва кӯшишатонро ба таносуби иқболатон биафзоед»[80 I, 244]. Қитъаҳое нисбатан тӯлонӣ аз аҳдномаи Шопур ба писараш - Ҳурмуз дар «Ғурар ус-сияр»-и Саолабӣ [47, 286-287], «ал-Вузаро ва-л-куттоб»-и Ҷаҳшиёрӣ [54, 32-34] ва «Наср уд-дурар»-и ал-Обӣ [18, V, 80-82] низ нақл шудаанд. Аз лиҳози иштимол бар қитаоте аз аҳдномаи мавриди назар китоби «ас-Саода ва-л-исъод»-и Абулҳасани Омирӣ бар соири манобеъ имтиёз дорад. Дар он 28 қитъа аз аҳдномаи мазкур иқтибос шудааст, ки ҳамагӣ бо ҷумлаи «Шопур ба писараш - Ҳурмуз гуфт» оғоз меёбанд [68, 195, 251, 283, 286, 287, 294, 295, 296, 297, 298, 299, 300, 303, 314, 315, 217, 318, 331, 421, 427, 429, 430, 432, 435, 436, 443, 444]. Аз ин миқдор 8 қитъа ба нақл аз «Худойнома» зикр шуда ва ин амр далел бар он аст, ки аҳдномаи мазкур ба таркиби таърихномаи расмии аҳди Сосониён ворид будааст. Мавзӯоте, ки қитъаҳои боқимондаи аҳдномаи мазкур бар онҳо ихтисос доранд, ба таври умум бо қавоид ва русуми идораи кишвар марбут ҳастанд.

Аҳдномаи Шопур дар «Шоҳнома» низ нақл шудааст, вале Фирдавсӣ онро ба ҳадде ихтисор кардааст, ки татбиқи андарзҳои он бо матолиби пораҳои мазкур дар манобеи арабӣ имконнопазир аст [17, VII, 287-288].

Аҳдномаи Қубод. Аз шоҳони хонадони сосонӣ яке дигар Қубод ибни Фирӯз аст, ки ба номи ӯ низ аҳдномае мансуб аст. Табарӣ бо ишора ба ин аҳднома навиштааст, ки «Қубод подшоҳӣ ба фарзанди хеш – Кисро дод ва аҳде дар ин боб навишт ва гуфта буд, ба кор баст» [67, II, 641].

Муаллифи «Ниҳоят ул-ираб» овардааст, ки «чун чиҳилу се сол аз муддати салтанати Қубод бигзашт ва вафоташ наздик расид, аҳдномае барои писараш – Кисро (Анӯшервон) навишт ва онро ба қозиюлқуззот супорида амр кард, ки ҳар гоҳ писараш ба сарири салтанат нишинад ва тадбири шоҳӣ қиём кунад, онро дар ҳузури мардум бар ӯ хонад». Пас аз ин муқаддима матни аҳднома нақл шудааст, ки, зоҳиран, матни комил набуда, балки пораест аз он [87, 300-301]. Сурати аз ин ҳам мухтасари аҳдномаи мазкур дар «Таҷоруб ул-умам фи ахбор мулук ал-араб ва-л-аҷам» низ омадааст [81, 272-273].

Қитаоти бозмонда аз аҳдномаи Қубод матолиберо роҷеъ ба зарурати тақвову парҳезкорӣ, манфиати машварат бо уламо ва соири мавзӯоти роиҷ дар аҳдномаҳои паҳлавӣ дар бар гирифтааст.

«Аҳд Кисро ило ибниҳи Ҳурмуз ювассиҳи ҳина асфоҳу ал-мулка ва ҷавоб Ҳурмуз иййоҳу» (Аҳдномаи Хусрав (-и Анӯшервон) ба писараш - Ҳурмуз, ки дар он ба фарзандаш ҳангоми бар тахт нишондан андарз гуфт ва посухи Ҳурмуз ба падар). Номи ин аҳднома бад-ин сурати тӯлонӣ дар «ал-Фиҳрист» дар ҳамон бахши китобҳои ахлоқӣ ба қайд омада, вале ишорае ба мазмун ва мӯҳтавои он нарафтааст [86, 377]. Аз номи китоб пайдост, ки он аз ду қисмат иборат буда, қисмати аввал панду андарзҳои шоҳи сосониро ба писараш ва қисмати дуюм ҷавобҳои писарро ба падар дар бар гирифта будааст. Дар манобеи арабизабон андарзҳои фаровон аз Хусрави Анӯшервон нақл шудааст, вале матни нисбатан комиле, ки ҳам

андарзҳои Хусрави Анӯшервон ва ҳам ҷавобҳои Ҳурмузро ба ӯ дар худ ғунҷоиш дода бошад, ба назар намерасад.

К.А.Иностранцев мӯътақид буд, ки ин китоб ё қисмати аввали он ҳамон рисолаи маъруфи «Андарзи Хусрави Каводон» аст [138, 18], ки асли паҳлавии он то замони мо расидааст [192, 124-125]. Вале ин ақида ба ду далел наметавонад пазируфта шавад: якум, «Андарзи Хусрави Каводон», чунон ки дар матни он омадааст, ҳовии андарзҳоест, ки Хусрави Анӯшервон пеш аз марги худ хитобан ба ҷаҳониён васият кардааст. Андарзҳои китоби мавриди назари мо бошад, ба писари Анӯшервон ҳангоми ба тахт нишастани ӯ ироа гардидааст. Сониян, «Андарзи Хусрави Каводон» танҳо шомили пандҳои Анӯшервон буда, нишоне аз ҷавоби Ҳурмуз ба падар дар он ёфт намешавад. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ низ боби «Панд додани Нӯшинравон писари худ Ҳурмуздро» омадааст [17, VIII, 391-396], ки агар, фаразан, бо қисмати аввали китоби мавриди баҳс мутобиқ бошад, боз ҳам дар он аз қисмати дуюм, яъне ҷавобҳои Ҳурмуз асаре нест.

Ба тахмини М.Муҳаммадӣ, ки қобили қабул ба назар меояд, китоби мавриди баҳс бо бобҳои дигари «Шоҳнома», ки дар онҳо сухан аз озмоиши Ҳурмуз аз ҷониби Бузургмеҳр ва мӯбадону бузургон, посухи Ҳурмуз ба пурсишҳои онҳо, шод гаштани Анӯшервон аз донишу хиради Ҳурмуз ва аҳднома навиштани ӯ ба писар меравад [17, VIII, 428-447], метавонад татбиқ гардад [292, 285-286]. Ба ин маънӣ, метавон ҳадс зад, ки китоби мавриди баҳс ҳам аҳдномаи навиштаи Хусрави Анӯшервонро ба писараш - Ҳурмуз ва ҳам ҷавобҳои ӯро ба саволҳои бузургон дар он анҷумани озмоиш дар бар гирифта буд.

Номи мутарҷими ин китоб ва ҳам тарҷумаи арабии он аз байн рафтааст.

Аҳд Кисро Анӯшервон ило ибниҳи аллазӣ юсаммо «Айн ул-балоға» (Аҳдномаи Хусрави Анӯшервон ба писараш, ки «сарчашмаи балоғат» номида мешавад). Номи ин китобро муаллифи «ал-Фиҳрист» зимни кутуби

ахлоқии эрониён, румиён, ҳиндуён ва аъроб зикр карда ва бо ин дар қуруни нахустини исломӣ ба арабӣ тарҷума шудани онро таъйид кардааст [86, 378].

Дар манобеи дигар номи ин китоб ва ё пораҳое аз он ба қайд наомадааст. К.А.Иностранцев мўътақид аст, ки ин аҳднома ҳамон китоби қаблии «Аҳд Кисро ило ибниҳи Ҳурмуз ювассиҳи ҳина асфоҳу-л-мулка ва ҷавоб Ҳурмуз ийёҳу» аст [138, 18]. Аммо пазируфтани ин ақида бад-он сабаб душвор аст, ки Ибни Надим барин китобшинос ва варроқи маъруфи давр дар як бахши китоби худ як китобро ба ду ном зикр карданаш аз ҳақиқат дур менамояд. Муҳаммади Муҳаммадӣ низ дар ҷустуҷўи асаре, ки бо аҳдномаи мазкури Хусрави Анўшервон татбиқпазир бошад, ба иштибоҳ афтодааст. Нахуст, ў дар унвони аҳдномаи мавриди назар номи «Хусрави Анўшервон»-ро бо сабабҳои номаълум танҳо «Хусрав» зикр кардааст [293, 34, 36], ҳол он ки дар «ал-Фиҳрист» интисоби ин аҳднома ба Хусрави Анўшервон дақиқан сабт шудааст. Сониян, ў тарҷеҳ додааст, ки ин аҳднома бояд номаи Хусрави Парвиз ба писараш - Шерўя бошад, ки дар ағлаби таърихномаҳо аз он ёд шудааст. Дар таъйиди тахмини худ М.Муҳаммадӣ навиштааст, ки дар пораҳое аз номаи Хусрави Парвиз ба Шерўя, ки дар «Уюн ул-ахбор» нақл шудааст, шарҳу тавзеҳи усули балоғат ва қавоиди суханварӣ ба назар мерасад ва ин ҳамон мавзўъ аст, ки дар унвони аҳдномаи мавриди назар бо иборати «сарчашмаи балоғат» таъкид шудааст [293, 36].

Дар «Уюн-ул-ахбор»-и Ибни Қутайба, ки М.Муҳаммадӣ ба он такя кардааст, ҳафт қитъа аз номаи Хусрави Парвиз ба писараш – Шерўя нақл шудааст. Мавзўи ҳамаи ин қитъаҳо ба қавоиду одоби кишвардорӣ ва сиёсати шоҳӣ ихтисос дорад [29, I, 55, 58, 59, 71, 100, 333, 378] ва нишоне аз матолиби марбут ба усули балоғат ва суханварӣ дар онҳо дида намешавад. Бино бар ин, ақидаи мазкури М. Муҳаммадӣ наметавонад мавриди қабул қарор бигирад.

Ба пиндори мо, аҳдномаи Хусрави Анӯшервон, ки «сарчашмаи балоғат» номида шудааст, метавонад бо ҳамон бахше аз «Шоҳнома», ки «Панд додани Нӯшинравон писари худ Ҳурмуздро» ном дорад ва муштамил бар мавъизаву насоеҳи шоҳи сосонӣ ба писараш аст [17, VIII, 391-336], иртибот дошта бошад.

Тавсифи «сарчашмаи балоғат», ки дар унвони аҳднома омадааст, зоҳиран, ишора ба балоғати сухан ва расоии фикр дар аҳдномаи Анӯшервон аст ва онро набояд ба ин маънӣ фаҳмид, ки дар аҳднома сухан аз усул ва қавоиди балоғат рафта бошад.

Мутарҷим ва санаи тарҷумаи аҳдномаи мавриди назар ба забони арабӣ маълум нест, вале метавон ҳадс зад, ки он дар нимаи дуюми асри VIII- аввали асри IX тарҷума шудааст. Зеро дар китобҳои адабиву таърихие, ки баъд аз ин давра таълиф шудаанд, панду андарзҳои зиёде аз Хусрави Анӯшервон нақл шудаанд, ки муқаррараи маъхази қисмате аз онҳо бояд ҳамин аҳднома бошад.

«Аҳд Кисро ило ман адрака-т-таълима мин байтиҳи» (Аҳдномаи Хусрав ба касоне аз хонаводааш, ки омодаи таълим будаанд). Номи ин китоб танҳо дар «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим зикр шуда [86, 378] ва маълум нест, ки он аз кадом китоби паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума шудааст. Бино бар номи китоб, он аз навъи китобҳои таълимии ахлоқӣ будааст, ки ба шоҳзодагони хонадони сосонӣ омӯзонида мешуд. Аз унвони аҳднома пай бурдан душвор аст, ки зери номи «Кисро/Хусрав» кадоме аз ду шоҳи сосонӣ – Хусрави Анӯшервон ё Хусрави Парвиз дар назаранд. Дар ин маврид ҳадси М.Муҳаммадӣ қобили қабул менамояд, ки навиштааст: «Дар ин ҷо эҳтимоли ин ки мурод Хусрави Анӯшервон бошад, бештар аст, зеро он ки дар адабиёти сосонӣ ва пас аз он дар адабиёти арабӣ ва форсӣ бештар ба илму ҳикмат маъруф шуда ва осори мутааддиде дар ин замина ба ӯ нисбат дода шуда, ҳамин Хусрави Анӯшервон аст, на Хусрави Парвиз» [292, 286]. К.А.Иностранцев эҳтимол додааст, ки шояд ин китоб бо ҳамон ду аҳдномаи қаблӣ як бошад [138, 18]. Бар ҳамин назар А.Тафаззулӣ

низ моил аст. Ӯ навиштааст, ки «эҳтимол дорад ҳар се аҳди мазкур дар ҳақиқат як аҳд будааст ва нависандагони мухталиф аз тарҷумаи арабии он истифода бурда ва ҳар кадом барои он унвони хосе қоил шудаанд» [234, 222].

Чунон ки қаблан низ зикр шуд, як китобро бо номҳои мухталиф дар як ҷой овардани Ибни Надим аз имкон дур аст. Сониян, мавзӯоти ин китобҳо ва мухотабони панду андарзҳои онҳо мухталиф ва мутафовитанд.

Бино бар далоили мазкур, ин аҳднома ва ду аҳдномаи қаблӣ низ, ки ҳамагӣ бар Хусрави Анӯшервон мансубанд, дар муҳити адабиву фарҳангии нахустин садаҳои ислом ҳар яке ба ҳайси асарҳои мустақил мутадовил будаанд.

«Китоб ул-масоил аллатӣ анфазаҳо малик ур-Руми ило Анӯшервон ъало йад Буқрот ар-Румӣ» (Китоби пурсишҳое, ки подшоҳи Рум ба василаи Буқроти румӣ барои Анӯшервон фиристодааст). Ин китоб яке аз он асарҳои ахлоқиест, ки дар садаҳои VIII-IX ба арабӣ тарҷума шудаанд ва номашон дар «ал-Фиҳрист» ба қайд омадааст [86, 378]. М.Муҳаммадӣ ва Исо ал-Окуб мӯътақиданд, ки аз «Китоб ул-масоил…» бахше тӯлонӣ дар «Ҷовидон хирад»-и Мискавайҳ таҳти унвони «Ҳикам туассар ъан Анӯшервон» (Ҳикматҳои расида аз Анӯшервон) боқӣ мондааст [269, 124-125; 293, 40-41]. Ҳақиқатан ҳам, қитъае, ки дар «Ҷовидон хирад» омадааст, ба сурати пурсишу посух таълиф шудааст. Ин гуна китобҳо дар арабӣ ба унвони «Китоб ул-масоил…» хонда мешуданд. Аз ин лиҳоз мӯҳтавои қитъае, ки дар «Ҷовидон хирад» омадааст, бо унвони китоби мавриди назари мо мувофиқат дорад. Гузашта аз ин, дар охири қитъаи мазкур ҷумлае бад-ин маънӣ омадааст: «Чун Анӯшервон аз «Китоб ул-масоил» пардохт, чунин гуфт…» [83, 49-61]. Ин ҷумла собит мекунад, ки қитъаи мазкур аз ҳамон «Китоб ул-масоил…»-ест, ки дар «ал-Фиҳрист» ба қайд омадааст. Ягона чизе, ки метавонад боиси тардид шавад, он аст, ки дар қитъаи боқимонда аз «Китоб ул-масоил» ҷое аз малики Рум ва Буқроти румӣ ёд нашудааст. Ҳол он ки дар унвони комили ин китоб дар «ал-

Фиҳрист» номҳои мазкур ҳузур доранд. Дар ин маврид метавон эҳтимол дод, ки дар матни комили «Китоб ул-масоил» ин номҳо ҷой доштанд, вале дар қитъае аз ин китоб, ки дар «Ҷовидон хирад» нақл шудааст, онҳо ҳазф шудаанд.

Бар мабнои қитъаи боқимондаи «Китоб ул-масоил…» метавон истинбот кард, ки он саршор аз ҳикматҳои кӯтоҳи Анӯшервон будааст. Назири ҳамин суханони ҳакимона аз Анӯшервон дар китобҳои дигар низ фаровон нақл шудаанд. Чунин ба назар мерасад, ки маъхази аслии онҳо матни комили ҳамин «Китоб ул-масоил…» будааст.

Матни паҳлавии «Китоб ул-масоил…» то замони мо нарасида ва маълум нест, ки унвони паҳлавии он чӣ сурате доштааст. Тарҷумаи арабии китоб, ки дар садаҳои VIII-IX ба анҷом расидааст, то охири асри X – ибтидои асри XI, яъне то замони зиндагии Мискавайҳ дар тадовул буда ва зоҳиран дар қуруни баъдӣ аз байн рафтааст.

«Китобу мо катаба биҳи Кисро ила-л-марзубон ва иҷобатиҳи ийёҳу» (Китоби он чӣ Хусрав ба марзбон навишт ва посухи марзбон ба ӯ). Номи ин китоб низ дар ҳамон номгӯи китобҳои ахлоқии эронӣ, ки дар «ал-Фиҳрист» омада, зикр шудааст [86, 378], вале маълум нест, ки асли паҳлавии китоб чӣ ном дошта ва мӯҳтавояш аз чӣ фароҳам омада будааст. К.А.Иностранцев ҳадс задааст, ки ин китоб шояд бозгӯи лаҳзаҳое аз муносибати Сосониён бо Яман дар замони Хусрави Парвиз бошад [138, 19].

Дар таърихномаҳои садаҳои нахустини исломӣ, аз ҷумла дар «ал-Ахбор ут-тивол»-и Динаварӣ ва «Таърих»-и Табарӣ шарҳе муфассал бар ин муносибатҳо рафта ва аз он бармеояд, ки ҳанӯз дар замони Хусрави Анӯшервон яманиҳо аз Сосониён дар мубориза алайҳи ҳабашиҳо кӯмак хоста будаанд. Анӯшервон дастае аз сипоҳиёнро бо сарварии Ваҳриз (ё Ваҳризон) ба Яман фиристодааст ва онҳо ҳабашиҳоро аз он кишвар берун ронда ба ватани худ баргаштаанд. Пас аз ин ҳабашиҳо бори дигар даст ба фитна задаанд ва Ваҳриз дубора ба Яман баргашта, аз номи шоҳи сосонӣ

бар он ҷо фармонравоӣ кардааст. Фармонравоии марзбонони Эрон бар Яман то зуҳури ислом идома пайдо карда ва дар таърихномаҳои мазкур номи чанд тан аз фиристодагони шоҳони сосонӣ ба Яман, аз қабили Марвазон, Бингон, Хурра Хусрав ва Бодон зикр шудааст [61, 63-65; 67, II, 673-700, 764-765]. Миёни шоҳони сосонӣ, хоссатан Хусрави Анӯшервон ва Хусрави Парвиз ва омилони онҳо дар Яман – Ваҳриз ва Марвазон радду бадали номаҳо воқеъ шудааст, ки дар таърихномаҳои мазкур ба онҳо ишора рафтааст. Бо таваҷҷӯҳ ба ин ҳаводис ва радду бадали номаҳо китоби мавриди назарро К.А.Иностранцев ҳамон номаи Хусрави Парвиз ба Марвазон ва ҷавоби ӯ ва М.Муҳаммадӣ номаи Хусрави Анӯшервон ба Ваҳриз ва ҷавоби ӯ ба шоҳ пиндоштаанд [138, 19; 292, 292-293]. Агар ин пиндорро қабул кунем, пас саволе метавонад матраҳ бишавад, ки чӣ муносибате миёни китоби мавриди назари мо, ки асаре ахлоқӣ будани онро Ибни Надим таъйид кардааст, бо номаҳои мазкур вуҷуд дорад? Ҷавоби мусбат пайдо кардан ба ин суол душвор аст.

Ба назари мо, «ал-Марзубон» дар унвони китоби мавриди назар на исми хос, балки муарраби вожаи форсии «марзбон», яъне ҳокими сарҳад, сарҳаддор ё ҳокими музофоти сарҳадӣ аст (ниг.:Деҳхудо, вожаи «марзбон») ва лузуме надорад, ки он бо номи омилони эронии Яман – Марвазон ё Ваҳризон айният дошта бошад. Бинобар ин, метавон ҳадс зад, ки китоби мавриди баҳс ба муносиботи таърихии Эрону Яман иртибот надошта, балки номаи яке аз хусравони сосониро дар таъдиб ва панду андарзи яке аз марзбонони эронӣ ва ҷавоби ӯро ба он нома дар бар гирифта ва ангезаи арзи вуҷуд кардани он шабеҳ ба заминаи пайдоиши «Номаи Тансар» будааст.

«Китоб ирсол малик ар-Руми ал-фалосифата ило малик ал-фурси йасъалуҳу ан ашёи мин ал-ҳикмати». (Китоби фиристодани подшоҳи Рум файласуфонро ба сӯи подшоҳи эронӣ, ки аз вай панд бипурсанд). Аз унвони ин китоб, ки дар «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим ба қайд омадааст, пай бурдан душвор нест, ки он мисли бисёр рисолаҳои роиҷ дар насри

паҳлавӣ ба сурати пурсишу посух таълиф шудааст. Исо ал-Окуб мўътақид аст, ки Мискавайҳ порае аз ин китобро дар «Ҷовидон хирад»-и хеш дар бахши «Мо ахтартуҳу мин ҳикам Кисро Қубод» (Он чӣ аз ҳикматҳои Хусрави Қубод баргузидаам) нақл кардааст [269, 126]. Ин ақидаи Исо ал-Окубро зерунвони ин бахш, ки «Посухҳои Кисро Қубод ба пурсишҳои подшоҳи Рум ва посухҳои ў ба пурсишҳои дигарон» аст [83, 41-45] ва дар ин сурат ба унвони китоби мавриди баҳс шабоҳат дорад, таъйид мекунад. Дар поёни ин бахш чунин таъкиде ба назар мерасад: «Фиристодаи подшоҳи Рум аз Хусрав хост, ки пандҳое гўяд, ки подшоҳи ўро судманд афтад» [83, 45]. Ин ҷумла собит мекунад, ки подшоҳи Рум ба воситаи фиристодагони худ аз Хусрави Қубод посухе бар пурсишҳои худ хоста ва шоҳи сосонӣ ба онҳо посух додааст. Бино бар ин, бо эҳтимоли наздик ба яқин, метавон гуфт, ки мурод аз «подшоҳи Эрон» дар унвони китоби мавриди баҳс ҳамин Хусрави Қубод аст. М.Муҳаммадӣ бар он аст, ки ин подшоҳи Эрон «Хусрав ибни Қубод», яъне Хусрави Анӯшервон аст, ки дар адабиёти сосонӣ ва исломӣ дар адабу ҳикмат нисбат ба падараш-Қубод маъруфияти бештар дорад. Дар таъйиди назари хеш М.Муҳаммадӣ такя бар он мекунад, ки дар яке аз нусхаҳои «Ҷовидон хирад» номи подшоҳи Эрон на дар сурати «Хусрави Қубод», балки ба гунаи «Хусрав ибни Қубод» зикр шудааст [292, 311-312]. Дар иртибот ба ин масъала метавон ёдовар шуд, ки дар тарҷумаи шарҳгунаи «Ҷовидон хирад» ба забони форсӣ, ки дар охири садаи XVI – аввали садаи XVII аз ҷониби Тақиуддин Муҳаммади Шуштарӣ сурат гирифтааст, номи шоҳи сосонӣ дар бахши мазкур на танҳо «Кисро Қубод» зикр шудааст, балки «падари Кисро Нӯшервон» будани ў таъкид шудааст [82, 77]. Сониян, Қубод аз зумраи шоҳонест, ки дар маохизи куҳан аз ў панду андарз, суханони ҳакимона ва порае аз аҳдномаи ў низ, ки қаблан ба он ишора рафт, нақл шудаанд. Бино бар ин, интисоби китоби мавриди назар низ ба ў дур аз ҳақиқат наменамояд.

«Китоб Кисро ила зуамо ар-раъияти фи-ш-шукри» (Номаи Хусрав ба пешвоёни раият дар сипосгузорӣ). Номи ин китоб низ, ки дар қуруни VIII-IX аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума шудааст, дар рӯихати китобҳои ахлоқӣ дар «ал-Фиҳрист» ба қайд омадааст [86, 378]. Аз унвони китоб пай бурдан душвор аст, ки мурод аз «Кисро» кадом шоҳи эронӣ аст. Ин ном, ки аслан исми ҷомеи тамоми шоҳони эронӣ аст, дар адабиёти араб бештар ба ду нафар – Хусрави Анӯшервон ва Хусрави Парвиз итлоқ мешавад. Агар нишоне аз китоби мавриди назар дар осори марбут ба ин ду шоҳ ҷустуҷӯ намоем, пас хитобае аз Хусрави Анӯшервон, ки матни он дар «Таҷоруб ул-умам»-и Мискавайҳ нақл шудааст [81, I, 181-186], таваҷҷӯҳро ба худ ҷалб мекунад. Мискавайҳ қабл аз нақли матни хитоба навиштааст: «Дар охири номае, ки Анӯшервон дар бораи зиндагӣ ва корҳои хеш навишта, хондам, ки Анӯшервон чун корҳои кишварро аз табоҳӣ бипирост ва аз он бипардохт, асворону сардорон, бузургону марзбонон, ҳирбадону мӯбадон ва гузидагонро ба назди хеш гирд кард ва бо эшон чунин сухан гуфт» [81, I, 181]. Аз ин навишта бармеояд, ки Анӯшервон сарварони раияти худро ҷамъ оварда ва суханрониаш хитоб ба онҳо будааст. Аз унвони китоби мавриди назар бармеояд, ки он низ хитоб ба пешвоёни мардум аст. Аз ин лиҳоз миёни хитобаи Анӯшервон ва «Номаи Анӯшервон ба пешвоёни раият дар сипосгузорӣ» робитае ба назар мерасад. Аён аст, ки ин робита барои як шуморидани ин ду таълиф ҳоло далеле кофӣ нест.

«Китоб Меҳр Озар Ҷушнас ал-фрамадор ило Бузарҷмиҳр ибн ал-Бухтакон» (Номаи Меҳр Озар Гушнаспи фрамадор ба Бузургмеҳр – писари Бухтакон). Номи ин китоб дар нашрҳои аврупоӣ ва эронии «ал-Фиҳрист» бо чанд таҳриф зикр шудааст. Аз ҷумла, исми хоси Меҳр Озар Ҷушнас дар суратҳои муҳаррафи «Меҳрод ва ҳасис» ва «Меҳрод Ҷуснас» омада, калимаи «фрамадор»-и паҳлавӣ, ки маънои «раис, сарвар, раҳбар»-ро дорад, ба «мӯбадон» табдил ёфтааст [86, 377]. Ба шакли саҳеҳи номи муаллифи нома – «Меҳр Озар Гушнасп» ховаршиноси маъруф Юсти ишора ва дурустии истифодаи «фрамадор»-ро ба ҷои «мӯбадон» А.Тафаззулӣ

собит кардааст [234, 203]. Муаллифи «ал-Фиҳрист» ҷумлаи оғозини ин номаро иқтибос карда, ки он ба ин маънӣ аст: «Ду тан бар сари як назар ситеза накунанд, ки яке бар хато ва дигаре бар савоб бошад». Аз ин ҷумла ва вуҷуди номи Бузургмеҳр дар унвони китоб пайдост, ки ин асари ахлоқӣ дар сурати мубодилаи орои ду тан аз ҳакимон, ки барои пандномаҳои аҳди Сосониён хос буда, таълиф ёфтааст. Иттилое дар бораи ин китоб ва ё порае аз он дар соири манобеъ боқӣ намондааст. Дар «ал-Фиҳрист» зимни таълифоти нависандаи эронитабор Алӣ ибни Убайдаи Райҳонӣ «Китоби Меҳр Озар Ҷушнас» ба қайд омадааст [86, 133]. Ба тахмини А.Тафаззулӣ, ин ҳамон «китоби Меҳр Озар Гушнаспи фрамадор ба Бузургмеҳр писари Бухтакон» аст ва Алӣ ибни Убайдаи Райҳонӣ зоҳиран мутарҷими он мебошад [234, 203]. Дар бораи шахсияти Меҳр Озар Гушнасп низ иттилои кофӣ дар даст нест. Танҳо М.Муҳаммадӣ бо истинод ба «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» овардааст, ки дар миёни ашхосе, ки бо фармони Анӯшервон барои баҳс бо Маздак баргузида шуданд, яке Меҳр Озар ном доштааст. Муҳаққиқи мазкур эҳтимол додааст, ки шояд ӯ муаллифи китоби мавриди назар бошад, хоссатан, ки бо Бузургмеҳр ҳамзамон будааст [292, 284]. Алҳол далели қотее нест, ки ин эҳтимолро таъйид ё рад кунад.

«Китоби Зодонфаррух фи таъдиби валадиҳи» (Китоби Зодонфаррух дар тарбияти фарзандаш). Номи ин китоб дар муқаддимаи номгӯи китобҳои ахлоқии эрониён дар «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим зикр шудааст [86, 377]. Аз унвони китоб пайдост, ки он аз зумраи пандномаҳои падар ба писар аст, ки дар насри аҳди Сосониён роиҷ буд ва бархе аз онҳо дар асрҳои VIII-IX ба забони арабӣ баргардон шуданд. Зодонфаррух шахсияте ношинохта аст. Дар қиёс бо он ки пандномаҳои паҳлавӣ аз падар ба писар маъмулан ба шоҳону вазирон ва бузургони дин интисоб доранд, аз динмардони номии аҳди Сосониён будани Зодонфаррух низ аз ҳақиқат дур нест. М.Муҳаммадӣ имкони як будани Зодонфаррухро бо ду шахсияти таърихии ҳамном таъкид кардааст [292, 282], ки ба назар баид менамояд. Аббос Иқболи Оштиёнӣ бо тавоҷҷӯҳ ба яке аз китобҳои мансуб ба Ибни

Муқаффаъ бо номи «ал-Адаб ал-ваҷиз ли-л-валад ас-сағир» таъкид кардааст, ки ин китоб аз таълифоти Ибни Муқаффаъ набуда, балки аз тарҷумаҳои ӯст. Дар ин замина муҳаққиқи мазкур ҳадс задааст, ки китоби тарҷумакардаи Ибни Муқаффаъ ҳамин китоби Зодонфаррух дар таъдиби фарзандаш аст, зеро ҳар ду китоб ба тарбияи фарзанд ихтисос дорад ва гузашта аз ин, дар китоби мансуб ба Ибни Муқаффаъ ҳар банд бо хитобаи «Ё бунайя» (Эй писаракам) оғоз ёфтааст [276, 150].

«Китоб мӯбадон мӯбад фи-л-ҳикам ва-л-ҷавомеъ ва-л-одоб» (Китоби мӯбадон мӯбад дар пандҳо, суханони ҳикматомези ҷомеъ ва одоб). Аз унвони ин китоб, ки дар «ал-Фиҳрист» дар радифи осори ахлоқии тарҷумашуда аз паҳлавӣ зикр шудааст [86, 378], метавон истинбот кард, ки он аз зумраи пандномаҳои маъмул дар насри паҳлавӣ ва фарогири матолиби марбут ба ҳикмати амалӣ будааст.

«Сиранома»-и Худобуд ибни Фаррухзод. Муаллифи «ал-Фиҳрист» дар баробари зикри номи ин китоб тавзеҳ додааст, ки он фарогири ахбору ҳикоёт ва ривоёт мебошад [86, 378]. Дар нусхаҳои «ал-Фиҳрист» исми муаллиф дар гунаи «Худоҳуд» ба қайд омада ва К.А.Иностранцев онро тасҳифе аз «Худоҳуя» ба шумор овардааст [138, 19]. А.Тафаззулӣ бо таваҷҷӯҳ ба он, ки исмҳои хоси мураккаби эронӣ бо ҷузъи дуюми «буд» дар аҳди сосонӣ роиҷ будааст, «Худоҳуд»-ро ба «Худобуд» тасҳеҳ кард [234, 204]. Муаллифи китоб, зоҳиран, яке аз ҳакимони ношинохтаи аҳди сосонӣ аст ва дар китоби худ ахбору ҳикоёти ахлоқиро ҷамъ овардааст.

Китоб Сакар (?) ибн Мардуяҳ ли Ҳурмуз ибни Кисро ва ҷавоб Кисро ила Ҷавосб (?). Номи ин китоб дар ҳамин сурат дар «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим дар бахши китобҳои ахлоқии эрониён зикр шуда ва аён аст, ки исмҳои хос дар унвони китоб ба гунае таҳриф шудаанд, ки асли онҳоро дарёфтан душвор аст [86, 378]. Бино ба унвони китоб, метавон ҳадс зад, ки он номаи яке аз донишмандонро ба Ҳурмуз писари Хусрави Анӯшервон ва ҷавоби Хусравро ба донишманде бо номи Ҷавосб (шояд Ҷомосп – ҳакими маъруфи сосонӣ бошад?) дар бар гирифта будааст. Ба ҳар ойин, «ал-

Фиҳрист» ягона маъхазест, ки аз вуҷуди ин китоб дар аҳди Сосониён ва тарҷумаи он ба забони арабӣ дар асрҳои VIII-IX дарак медиҳад.

Китоб маликин мин ал-мулук ал-холия ила ибниҳи фи-т-таъдиб (Номаи шоҳе аз шоҳони гузашта ба писараш дар таълиму тарбият). Ин китоб, ки Ибни Надим онро зикр кардааст [86, 377], ба яке аз шоҳони гузашта мансуб дониста шуда ва эронӣ будани вай маҳалли тардиде шуда наметавонад, зеро он аз зумраи аҳдномаҳои ахлоқиест, ки аз номи шоҳони эронӣ бо ҳадафи таълиму тарбияти фарзандон ё аҳли хонаводаашон таълиф мешудаанд. Назири ин китоб ҳамон «Аҳд Кисро ило ман адрака-т-таълима мин байтиҳи» аст, ки ба он қаблан ишора рафт.

Китоб маликин солиҳин фиҳи ҷимоъу рууси умури-л-мулки аллатӣ алайҳо тадуру сиёсатуҳо (Китоби подшоҳе шоиста аз миёни шоҳон, фарогирии масоили умдае, ки сиёсати мулк бар пояи он мечархад). Аз ин китоб ба ҷуз зикри номи он дар «ал-Фиҳрист» [86, 377] асари дигаре боқӣ намондааст. Бо таваҷҷӯҳ ба номи китоб онро метавон аз зумраи осори мутааддиде дар сиёсати шоҳӣ ва одоби кишвардорӣ ба шумор овард, ки дар насри паҳлавӣ роиҷ буда ва ба василаи тарҷума ба забони арабӣ дар муҳити фарҳангии садаҳои аввали ислом ҳастии худро идома бахшидаанд.

«Китоби Мардак». Дар «ал-Фиҳрист» зимни шарҳи ҳоли Ибни Муқаффаъ ба қалами ӯ тарҷумаи китобе аз паҳлавӣ бо номи «Китоби Маздак» мутааллиқ дониста шудааст [86, 132]. Бори дигар Ибни Надим ин китобро дар номгӯи осоре, ки Абон ибни Абдулҳамиди Лоҳиқӣ ба шеъри арабӣ дароварда, ба қайд овардааст [86, 186]. Бар мабнои ин ахбор, ағлаби муҳаққиқон бар вуҷуди китобе паҳлавӣ марбут ба Маздаки маъруф, ки дар аҳди Қуboди аввал бо ойини худ зуҳур карда буд, қоил шуда ва онро «Маздакнома» ҳам номидаанд. Чунончи, А.Кристенсен навишта буд, ки «Маздакномак» қиссае аст роҷеъ ба Маздаки маъруф, ки дар замони Қуboди аввал қиём кард. Ибни Муқаффаъ онро ба арабӣ тарҷума кард ва Лоҳиқии шоир онро ба назм овард» [283, 109]. Як идда уламои номӣ, аз қабили А.Е.Кримский, К.А.Иностранцев, К.Брокелман, Маликушшуаро

Баҳор, Забеҳуллоҳи Сафо ва дигарон низ дар пайравӣ аз Кристенсен «Маздакнома»-ро қиссаи Маздаки бидъатовари таърихӣ донистаанд [152, 27; 138, 25-26; 231, III, 97-98, 105; 233, I, 156; 260, 78].

Таъкид ҷоиз аст, ки дар нусхаҳои мухталифи «ал-Фиҳрист» номи китоби мазкур дар гунаҳои «Марвак», «Мардак», «Маздак» ва ҳатто «Ҳардак» дарҷ шуда ва донишманди маъруфи араб Ҷирҷӣ Зайдон дар китоби худ онро дар шакли ахир зикр кардааст [252, II, 575]. Ҳамин гуногунии тарзи навишти ин ном дар нусхаҳои «ал-Фиҳрист» боис шуда, ки аксари кулли муҳаққиқон онро «Маздак» хонанд. Вале, ба ақидаи А.Тафаззулӣ, ин ном бояд «Мардак» бошад, ки яке аз ҳакимони эронӣ буд ва ба Маздаки маъруф иртиботе надошт [234, 209-211]. Дар таъйиди назари хеш А.Тафаззулӣ чандин далел пеш оварда ва ба сурати хулоса навиштааст: «Китоби Мардак» ҳамчун «Калила ва Димна» ва гуфтаҳои Бузургмеҳр аз зумраи китобҳои адаб ва ахлоқ буда, ки аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума шуда ва назди удабо аз маҳбубият бархурдор будааст» [234, 210-211].

Ҳам тарҷумаи мансури Ибни Муқаффаъ ва ҳам бозгӯи шеърии Абони Лоҳиқӣ аз «Китоби Мардак» аз дастбурди ҳаводис раҳо наёфтаанд, вале чанд иқтибос аз ин китоб дар манобеи арабии қуруни нахустини исломӣ, аз қабили «Ятимат уд-даҳр»-и Саолабӣ, «Сироҷ ул-мулук»-и Тартушӣ ва «Наср уд-дурар»-и ал-Обӣ ба назар мерасанд, ки ҳамагӣ мазмуни пандуахлоқӣ доранд [48, IV, 351; 18, VII, 77]. Аз ҷумла, Саолабӣ чаҳор байт шеъри Абулмузаффари Балхиро нақл кардааст, ки дар он Мардак (дар матн - Маздак) дар радифи Бузургмеҳр гузошта шуда ва панде дар мавриди гузиниши дӯст ба ҳар ду мансуб дониста шудааст [48, IV, 351].

«Ҷовидон хирад» ё васияти Ҳушанг ба писараш ва подшоҳони баъдӣ. Яке аз китобҳои ахлоқӣ, ки, бино ба ахбори Абӯалии Мискавайҳ, дар аҳди Маъмун [813-833] аз паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума гардид, «Ҷовидон хирад» ном дошт. Мискавайҳ дар китоби ҳамноми худ, ки нашри имрӯзаи он бо унвони «ал-Ҳикмат ул-холида» низ маъруф аст, иттилоъ додааст, ки

вай дар рӯзгори ҷавониаш китобе аз Ҷоҳиз ба номи «Истиτолат ул-фаҳм» хонда ва дар он зикре аз китоби «Ҷовидон хирад» рафта будааст. Пас аз ин Мискавайҳ дар ҷустуҷӯи китоби «Ҷовидон хирад» саъй намуда, онро дар Форс дар назди мӯбадон мӯбад пайдо мекунад. «Ин китоб, – навиштааст Мискавайҳ, - васияти Ҳушангшоҳ ба фарзанд ва подшоҳони баъд аз хеш аст. Ин подшоҳ андаке пас аз тӯфон мезиста ва аз касоне, ки пеш аз ӯ будаанд, на зиндагинома ва на ҳикмат ва на адабе бар ҷой монда, ки аз он суде тавон ҳосил намуд. Аз ин рӯ бар он шудам, ки ин васиятро, чунон ки ҳаст, нусха баргирам ва сипас тамоми он чизҳоеро ҳам, ки аз васоё ва одоби чаҳор миллат, яъне эрониён, ҳиндиён, аъроб ва румиён дар даст аст, бар он биафзоям» [83, 5-6]. Сипас Мискавайҳ матни «Ҷовидон хирад»-ро нақл кардааст, ки он шомили андарзҳо ва суханони кӯтоҳи ҳикматомез аз навъи ҳикматҳои амалӣ аст. Дар поёни «Ҷовидон хирад» Мискавайҳ саргузашти иҷроқомези ин китобро аз «Истиτолат ул-фаҳм»-и Ҷоҳиз ва Ҷоҳиз аз Воқидӣ ва ӯ аз забони Ҳасан ибни Саҳл, ки дар бораш қаблан дар бахши марбут ба мутарҷимони эронӣ сухан рафт, ривоят кардааст. Бино бар ин ривоят, подшоҳи Кобулистон пас аз хондани хутбаи хилофат ба номи Маъмун ҳакимеро мавсум ба «Зӯбон» ба расми ҳадя ба назди ӯ мефиристад. Пас аз фатҳи Ироқ Маъмун хост, ки ба Зӯбон бар ивази маслиҳату машваратҳояш сад ҳазор дирҳам инъом диҳад. Зӯбон инро напазируфт ва хоҳиш кард, ки ба ҷои он ба ӯ китоберо диҳад, ки он фарогири «макорими ахлоқ ва донишҳои офоқ» буда, дар миёни хазоини шоҳони эронӣ зери Айвони Мадоин мадфун аст. Чун Маъмун ба Ироқ ворид шуд, бо роҳнамоии Зӯбон он китобро, ки иборат аз сад барг ва дар порчае аз дебо дар даруни сандуқчае маҳфуз буд, аз зери хок берун оварданд. Ба қавли Зӯбон, он авроқ китоби «Ҷовидон хирад» буда, ки онро Ганҷур – вазири подшоҳи Эроншаҳр аз ҳикмати пешиниён гирд овардааст [83, 19-20].

Ба дунболи ин ривоят ҳикояте аз Ҳасан ибни Саҳли вазир ва яке аз мутарҷимони осори паҳлавӣ нақл шудааст ва аз он бармеояд, ки Ҳасан

ибни Саҳл бо ҳамдастӣ бо Хизр ибни Алӣ – нависанда ва мутарҷими дигари эронитабор сӣ барг аз китоби «Ҷовидон хирад»-ро аз паҳлавӣ ба арабӣ баргардондаанд, вале қисмати боқимондаи китобро Зӯбон ба онҳо надодааст [83, 20-21]. Зоҳиран, тарҷумаи ҳамин сӣ барг дар «Истиолат ул-фаҳм»-и Ҷоҳиз омада ва Мискавайҳ онро дар китоби худ нақл карда будааст, вале он «Ҷовидон хирад», ки Мискавайҳ дар назди мӯбадон мӯбад дидааст, матни паҳлавии он будааст. Бино ба навиштаи Мискавайҳ, Маъмун вақте аз мутолиаи сӣ барги тарҷумашуда аз китоби «Ҷовидон хирад» фориғ мешавад, нидо мекунад, ки «ба Худо, ҳикмат ҳамин аст, на гуфтаҳо ва суханпардозиҳои мо!» [83, 22]. Муҳаққиқ ва нашири «Ҷовидон хирад»-и Мискавайҳ - донишманди араб Абдурраҳмони Бадавӣ дар сиҳҳати суханони Маъмун дар ҳаққи китоби мазкур тардид кардааст [83, 30], вале он чӣ дар бораи «Ҷовидон хирад» дар манобеи қуруни нахустини исломӣ нақл шудааст, ҳокӣ бар азамат ва шаъни ин китоб дар назди эрониён ва мусалмонони садаҳои VIII-IX аст. Аз ҷумла, Абулҳасани Омирӣ дар «ас-Саъода ва-л-исъод»-и хеш «Ҷовидон хирад»-ро аз беҳтарин китобҳои эрониён ба шумор оварда, чаҳор пора аз онро нақл кардааст [68, 296, 320, 321, 422]. Ҳамчунин матолибе аз ин китоб бо ситоиш ва арҷгузорӣ бар он дар «Муҳозарот ул-удабо»-и Роғиби Исфаҳонӣ, «Сироҷ ул-мулук»-и Тартушӣ ва ғайра дарҷ гардидааст [234, 208-209].

«Ҷовидон хирад» дар асрҳои миёна чанд бор аз арабӣ ба форсӣ баргардон шудааст. Аз ҷумла, пораҳо ё хулосае аз он дар китоби «Хираднома»-и муаллифи маҷҳули асрҳои X ё XI таҳти унвони «Нуктаҳои китоби «Ҷовидон хирад» кисвати форсӣ ба бар кардааст» [58]. Фузун бар ин, «Ҷовидон хирад» зимни тарҷумаҳои китоби ҳамноми Мискавайҳ низ ба форсӣ баргардон шуда, ки яке аз ин тарҷумаҳо ба қалами Тақиуддин Муҳаммади Шуштарӣ – адиби асри XVI мутааллиқ аст ва бо эҳтимоми Беҳрӯзи Сарватиён рӯи чопро дидааст [82].

«Мавоизи Озарбод». Дар миёни андарзномаҳое, ки дар асрҳои VIII-IX аз паҳлавӣ ба арабӣ баргардон шуда ва дар муҳити исломӣ иштиҳор пайдо

карданд, чанд андарзномаи мансуб ба Озарбоди Маҳраспандон ба назар мерасанд. Қабл аз он ки дар бораи тарҷумаи онҳо сухан равад, ишорае чанд ба шахсияти Озарбод ва осори ӯ дар адабиёти паҳлавӣ зарур менамояд. Озарбоди Маҳраспандон мӯбадон мӯбади маъруфи замони салтанати Шопури дуюм (309-379) ва яке аз чеҳраҳои шинохтаи мазҳабиву ахлоқии аҳди Сосониён ба шумор меояд. Дар адабиёти паҳлавӣ ба номи ӯ якчанд андарзномаҳо ё маҷмӯаи андарзҳо нисбат дода шуда ва иддае аз онҳо зимни мутуни паҳлавӣ то замони мо расидаанд. Яке аз онҳо «Андарзи Озарбоди Маҳраспандон ба писараш» аст, ки шомили панду насоеҳи марбут ба ҷанбаҳои амалии зиндагӣ ва ахлоқи умумӣ мебошад [192, 149-156; 7, 77-82; 234, 182]. Андарзномаи дуюм дар адабиёти илмӣ «Чанд вожаи Озарбоди Маҳраспандон» номгузорӣ шуда, васиятҳои ӯро қабл аз вафоташ ба мардум шомил аст [192, 160-165; 7, 97-101; 234, 182-183]. Андарзномаи сеюм матнест, ки дар он Озарбод бо хоҳиши шогирдаш бисту ду андарзеро, ки аз устодаш Меҳр Ҳурмузд ба ёд дошта буд, ба ӯ баён кардааст. Бино бар ин, ин маҷмӯаи андарзҳо дар адабиёти илмӣ бо номи «Бисту ду вожа аз Озарбоди Маҳраспандон» номгузорӣ шудааст [192, 166-170; 234, 183].

Як рисолае мавсум ба «Рисолаи рӯзҳо» дар дохили «Андарзи Озарбоди Маҳраспандон ба писараш» (бандҳои 119-148-и он) боқӣ мондааст, ки иддае аз муҳаққиқон онро чун рисолаи мустақил [192, 157-159] ва дигарон чун ҷузъе аз ҳамин андарзнома таҳқиқ ва ташреҳ кардаанд [7, 80-81; 234, 182]. Матолиби ин рисола марбут ба «чигунагии ҳар рӯзи маҳ буда, дар он бар асоси суннат ва боварҳои куҳан хосияти ҳар яке аз сӣ рӯзи маҳ аз рӯи тартиб ба гунаи андарз баён шудааст» [192, 157].

Ҳамчунин маҷмӯае аз андарзҳои Озарбод дар китобҳои сеюм ва шашуми «Динкарт» нақл шудааст [234, 183-184]. Дар яке аз ин андарзҳо Озарбод умури гетиро ба 25 боб ва ба 5 даста тақсим намудааст. Ин андарз минбаъд дар манобеи арабизабон борҳо мавриди бозгӯй ва нақл қарор гирифт [7, 273-280].

Аз он чӣ зикр шуд, метавон дарёфт, ки Озарбоди Маҳраспандон дар адабиёти паҳлавӣ ба ҳикмат ва панду андарз маъруф будааст. Бар ин ваҷҳ аст, ки мутарҷимони эронӣ дар қарнҳои VIII-IX ба тарҷумаи андарзҳои ӯ пардохтанд ва бад-ин васила ба онҳо умри дубора бахшиданд. Мискавайҳ дар китоби «Ҷовидон хирад»-и хеш тарҷумаи арабии «Андарзи Озарбоди Маҳраспандон ба фарзандаш»-ро бо номи «Мавоизи Озарбод» нақл кардааст [83, 26-28]. Дар оғози «Мавоизи Озарбод» пас аз иборати «инро Озарбод дар насиҳати фарзандаш гуфтааст» баёни андарзҳо бо хитобаи «Эй фарзанди ман» шурӯъ мешавад. Муқоисаву муқобалаи матни паҳлавӣ ва арабии ин андарзнома нишон медиҳад, ки матолиби муштарак миёни ин ду матн ба назар мерасад, вале на ба он ҳадде, ки якеро комилан тарҷумаи дигаре ба шумор овард. Бино бар ин, матнҳои мавҷуди паҳлавӣ ва арабиро бояд қисматҳои мухталифи як андарзномае донист, ки матни комили он аз байн рафтааст бо ба ҳам овардани ин ду қитъаи паҳлавӣ ва арабӣ шояд як матни наздик ба асл ба даст ояд.

Ба ҷуз аз «Мавоизи Озарбод» дар «Ҷовидон хирад»-и Мискавайҳ ҳамчунин қитъаи дигаре таҳти унвони «Ҳакими эронӣ Озарбод гуфтааст» омада, ки он чанд андарзи ин донишмандро шомил аст [83, 67]. Мусаллам аст, ки ин қитъа аз андарзномаи дигаре ғайр аз «Мавоизи Озарбод» гирифта шудааст, вагарна Мискавайҳ ин ду матнро паси ҳам зикр мекард. Яке аз андарзҳои ин қитъа тарҷумаи ҳамон андарзи фавқуззикр роҷеъ ба тақсими умури дунё ба бисту панҷ боб ва 5 даста аст, ки дар китоби шашуми «Динкарт» низ ба назар мерасад. Аён аст, ки ин пора аз андарзҳои Озарбод тарҷума аз «Динкарт» набуда, балки маъхазе қадимтар дар адабиёти аҳди Сосониён доштааст.

Андарзҳои Озарбод ба ғайр аз «Ҷовидон хирад»-и Мискавайҳ ҳамчунин дар баъзе аз осори дигари арабиву форсӣ нақл шудаанд [326, 240, 283, 300].

«Одоби Бузургмеҳр». Дар адабиёти аҳди Сосониён ба Бузургмеҳр – вазири фарзонаи Хусрави Анӯшервон андарзномае мансуб дониста

шудааст, ки асли паҳлавии он то замони мо расида ва бо номи «Ёдгори Бузургмеҳр» маъруфият дорад (Дар бораи матни паҳлавии «Ёдгори Бузургмеҳр» ниг.: [192, 136-148; 7, 24-27; 86-93; 234, 185-186]). Ҳамин андарзнома дар нимаи дуюми асри VIII – аввали асри IX ба забони арабӣ тарҷума шуд ва таҳти унвони «Одоби Бузургмеҳр» шӯҳрати тамом пайдо кард. Тарҷумаи онро О.М.Чунакова бо истинод ба У.В. Ҳеннинг ба қалами Мискавайҳ мутааллиқ донистааст [7, 24], вале Мискавайҳ худ мутарҷими «Одоби Бузургмеҳр» ба арабӣ нест, балки қитъаи нисбатан бузургеро аз тарҷумаи арабии он дар китоби «Ҷовидон хирад»-и хеш нақл кардааст [83, 29-37]. Мискавайҳ ин қитъаро «Он чӣ ман аз «Одоби Бузургмеҳр» баргузидаам» номгузорӣ кардааст ва аз ин ном бармеояд, ки нусхаи аслии «Одоби Бузургмеҳр» муфассалтар ва бузургтар аз ин қитъа будааст.

Андарзҳо дар «Одоби Бузургмеҳр» дар сурати суолу ҷавоб матраҳ гардида, перомуни фазоил ва разоили ахлоқӣ баҳс мекунанд. Асли паҳлавӣ ва тарҷумаи арабии пандномаи Бузургмеҳр, ба истиснои муқаддимае, ки дар матни паҳлавӣ омада ва дар тарҷума ҳазф гардидааст, комилан мунтабиқ бо ҳамдигаранд. Қаробат ва наздикии ин нусхаҳо ба ҳадде аст, ки ба ақидаи бархе аз муҳаққиқон метавон ба қаринаи яке дигареро тасҳеҳ кард [7, 27; 292, 344]. Ба ҳукми «мушт-намунаи хирвор» чанде аз пурсишу посухи ҳикматомезро аз «Одоби Бузургмеҳр» метавон нақл кард. Чунончи:

«Агар пурсанд аз ман: «Кӣ аз мардум авлотар ба он ки саодатманд бошад?». Гӯям: «Он, ки камгуноҳтар аст».

Ва агар пурсанд: «Кӣ аз миёни мардум камгуноҳтар аст?» Гӯям: «Он, ки ба амри Худойи таоло бар дини ҳаққи ӯ росттар ва аз амри шайтон дуртар бошад».

Пас агар пурсанд: «Дини Худой чӣ чиз аст?» Гӯям: «Дини Худой некӯиҳо аст: некии пиндор, некии гуфтор ва некии рафтор» [83, 30].

Агар ин қитъа бо тарҷумаи матни паҳлавӣ ба доираи муқобала кашида шавад, қаробати ин ду матн ва ҳам наҳваи таҳаввуле, ки дар тарҷумаи арабӣ ба хотири мутобиқ кардани андарзҳои бостонӣ ба муҳити исломӣ

рӯй намудааст, аён мегардад. Чунончи: «Кадом мардум фаррухтар? Он кӣ камгуноҳтар. Кӣ камгуноҳтар? Он кӣ ба доди Яздон росттар бувад ва аз доди девон бештар бипарҳезад.

Доди Яздон кадому доди девон кадом? Доди Яздон некиву доди девон бадӣ.

Некӣ чисту бадӣ чист? Некӣ пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек ва бадӣ пиндори бад, гуфтори бад ва кирдори бад» [192, 140-141].

Андарзҳое, ки дар матни паҳлавии «Ёдгори Бузургмеҳр» ва тарҷумаи арабии он бо номи «Одоби Бузургмеҳр» нақл шудаанд, дар аҳди Сомониён бо супориши Нӯҳ ибни Мансур (976-997) аз ҷониби Ибни Сино ба забони форсӣ низ таҳти унвони «Зафарнома» тарҷума шуда ва шӯҳрат доштаанд [55, II, 134]. Фирдавсӣ низ ин андарзҳоро дар «Шоҳнома»-и худ дар бахши «Панд додани Бузарҷмеҳр Нӯшинравонро» дар қолаби назм баён намудааст [17, VIII, 273-290].

Маҷмӯае аз андарзҳои Бузургмеҳр. Мискавайҳ дар «Ҷовидон хирад» пас аз нақли «Одоби Бузургмеҳр» қитъаи дигаре аз андарзҳои ин вазири фарзонаро таҳти унвони «Бузургмеҳр гуфтааст» зикр кардааст [83, 37-41]. Андарзҳои ин қитъа дар матни паҳлавии «Ёдгори Бузургмеҳр» ва тарҷумаи арабии он «Одоби Бузургмеҳр» ба назар намерасанд. Бино бар ин, метавон ҳадс зад, ки он аз андарзномаи дигаре, ғайр аз «Одоби Бузургмеҳр» гирифта шуда ва сабаби аз ин асар бо сарлавҳаи алоҳида ҷудо кардани он ҳам ҳамин будааст. Сониян, андарзҳои «Одоби Бузургмеҳр» дар шакли суолу ҷавоб ва аз номи шахси аввал ироа гардида бошанд, дар ин қитъа андарзҳо аз номи шахси сеюм ва бидуни истифода аз гунаи пурсишу посух баён шудаанд. Ин амр низ далел бар он аст, ки дар қуруни нахустини исломӣ ба ҷуз аз «Одоби Бузургмеҳр» маҷмӯаҳои дигаре низ аз андарзҳои ин ҳаким ба арабӣ баргардон шуда ва ин қитъа, ки Мискавайҳ нақл кардааст, маъхуз аз яке аз онҳост.

«Номаи Бузургмеҳр, ки ба дархости Хусрав барои ӯ навишта буд» («Китоб ли Бузурҷмиҳр ило Кисра ли мо саалаҳу золика»). Ин

андарзномаи дигари мансуб ба Бузургмеҳр аст, ки матни тарҷумаи арабии онро Мискавайҳ дар «Ҷовидон хирад»-и хеш ғунҷоиш додааст [83, 45-48]. Дар баъзе аз нусхаҳо номи он «Васияти Бузургмеҳр, ки ба дархости Хусрав барои ӯ навишта буд» низ ба қайд омадааст. Мӯҳтавои ин асар ба номаш мувофиқ буда, дар он дастур ва андарзҳои марбут ба одоби шоҳӣ ва ахлоқи фармонравоӣ баён шудаанд. Тафовути дигари ин васиятнома аз ду андарзномаи қаблии Бузургмеҳр он аст, ки дар ин асар панду андарзҳо на ба сурати суханони кӯтоҳи дорои мазмунҳои ҷудо аз ҳам, балки бо ҷумлаҳои тӯлоние, ки бандҳои алоҳидаро ба вуҷуд оварда ва як фикру мазмуни мусалсалро ифода кардаанд, баён шудаанд. Барои намуна аз мӯҳтавои ин васиятнома пораеро аз оғози он дар тарҷума меорем:

«Бидон, ки мардуми олам, аз подшоҳон то бозориён, зафар накардаанд бар чизе, ки он мояи хушбахтӣ ва саодаташон бошад ва зинату ҷамоли онҳоро биафзояд, магар он тақвову парҳезгорӣ барои Худойи азза ва ҷалла, бузург доштани ӯ ва кӯчак шуморидани нафсҳои худ, иқрор будан бар иззати Худой ва мазаллати худ, яқин доштан бар фанои худ ва бозгаштан ба сӯи Худой буда бошад. Мардуми оламро мебояд, ки умри худро то лаҳзаи вопасини он дар талаби ҳақ ва дар пайи он чизе, ки шинохтанаш воҷиб аст, сарф намоянд, шинохтани ҳақро ба илму донишҳо мӯҳкам гардонанд ва тавре амал кунанд, ки он илму донишҳо барояшон воҷиб гардонидааст. Бад-ин васила аст, ки мардум ба тавфиқ мерасанд, роҳи рушду ҳидоятро мепаймоянд ва ба он чӣ аз дунёву охират дӯст медоранд, даст меёбанд. Пас, ҳар кас, ки нияти ӯ некӯст ва ботинаш покиза аст ва талабаш пайваста аст, ҳар ойина зафар меёбад ба маърифати он чӣ ҳақ аст бар вай…». Пас аз ин муқаддима хислатҳои беҳтарин ва равишу манишҳои писандидатарин, ки подшоҳонро сазовор аст, баён шудаанд.

Дар миёни осори мансуб ба Бузургмеҳр, ки ба паҳлавӣ ва форсии дарӣ боқӣ мондаанд, асаре аз ин васиятнома пайдо кардан душвор аст. Зоҳиран, асли паҳлавӣ ва тарҷумаи форсии он, агар чунин тарҷума сурат гирифта бошад, то замони мо нарасидааст. Пас, ягона манбаи иттилоъ аз вуҷуди ин васиятнома ҳамин тарҷумаи арабӣ аст, ки мутарҷими он маълум нест.

«Ҳикматҳои Баҳманшоҳ» («Ҳикам ли Баҳман ал-малик»). Дар «Ҷовидон хирад»-и Мискавайҳ таҳти унвони «Ҳикам ли Баҳман ал-малик» тарҷумаи матни асари дигари ахлоқии замони Сосониён дарҷ ёфтааст [83, 61-64]. Аз мӯҳтавои ин андарзнома бармеояд, ки Баҳман рӯзе донишмандони замони худро, ки ба фаҳму ҳикмат машҳур будаанд, гирд оварда ва бо онҳо перомуни масоили ахлоқиву ҳикамӣ гуфтугӯе доир кардааст. Дар ҷараёни ин гуфтугӯ ҳар яке аз ҳукамо раъйи худро доир ба масъалаҳое, ки аз ҷониби шоҳ матраҳ шуда, изҳор намудаанд.

Бино бар ин, дар унвони асар танҳо номи Баҳман, ки яке аз шоҳони достонии Эрон аст (дар бораи ӯниг.: [292, 369-378]), зикр шуда бошад ҳам, андарзҳое, ки дар он омадааст, танҳо ба ӯ мутааллиқ набуда, балки суханони ҳукамои дарбори Баҳманро низ фаро гирифтаанд. Дар «Ҷовидон хирад» ва соири манобеи куҳан ишорае ба мутарҷими ин андарзнома нарафтааст.

Дастурҳои ахлоқии Ҷамшед ба коргузорони давлат. Дар «Ҷовидон хирад» қитъае нисбатан кӯтоҳ, ки муштамил ба дастурҳои ахлоқии шоҳи афсонавии Эрон – Ҷамшед ба зимомдорони умури давлат аст, нақл гардидааст [83,65-66]. Ҷамшед дар ин қитъа якояк ба дабири девони расоил, мутасаддии амри хироҷ, фармондеҳи сипоҳ, раиси нигаҳбонон, раиси шурта, ҳоҷиб, ходим, мӯҳрдор, раиси девони нафақот ва соҳиби зимом муроҷиат карда ва меъёрҳои ахлоқиеро, ки ҳар яки онҳо дар иҷрои вазоифи худ бояд онро риоят кунанд, таъйин намудааст.

Дар миёни осори бозмонда аз насри паҳлавӣ навиштаи ахлоқӣ ва ҳикамие, ки ба Ҷамшед ихтисос дошта бошад, ба назар намерасад. Аз ин рӯ, эҳтимол меравад, ки асли паҳлавии қитъаи мавриди назар аз миён рафтааст.

Андарзи Ҳурмуз ба яке аз коргузоронаш. Мискавайҳ дар «Ҷовидон хирад» порае аз андарзҳои Ҳурмуз писари Анӯшервонро ба коргузораш дар Аҳвоз, ки Хуршед ном дошт, нақл кардааст [83, 66-67]. Дар он Ҳурмуз ба коргузораш даҳ айберо, ки аз як айб – яъне бузург донистану бузург

шуморидани худ бармехезад, номбар кардааст. Дар насри паҳлавӣ ба номи Ҳурмуз ё ба унвони ӯ чанд рисолаи ахлоқӣ ихтисос ёфтааст, ки ба онҳо қаблан ишора рафт. Бино бар ин, вуҷуди яке дигар аз осори ахлоқии мансуб ба Ҳурмуз, ки фарогири андарзҳои ӯ ба коргузораш буда ва дар қарнҳои нахусти ислом ба арабӣ нақл гардидааст, маҳалли тардид шуда наметавонад.

Маҷмӯаи андарзҳо аз ҳукамои номаълум. Дар «Ҷовидон хирад» дар баробари андарзномаҳое, ки ба шоҳон, вазирон, мӯбадон ва фарзонагони маъруфи таърихиву достонӣ мансуб дониста шудаанд, ҳамчунин тарҷумаи чанд маҷмӯаи андарзҳое омадааст, ки аз забони шоҳону ҳакимони номаълум нақл шудаанд [83, 67-88]. Ин маҷмӯаҳо маъмулан бо иборатҳои «Фасле аз суханони ҳакими дигари эронӣ», «Васияти дигаре аз эрониён», «Дигаре гуфтааст» ва ғайра унвонгузорӣ шудаанд. Гумон меравад, ки ин маҷмӯаҳо аз пандномаву андарзномаҳои роиҷ дар насри паҳлавӣ тарҷума шудаанд.

Ба ҷуз аз «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим ва «Ҷовидон хирад»-и Мискавайҳ нишонеро аз тарҷумаҳои осори ахлоқии тоисломии эронӣ дар соири манобеи адабиву таърихии қуруни нахустини исломӣ низ метавон пайдо кард, ки маъмулан онҳо аз хитобаҳои шоҳон ҳини ҷулус ба тахти шоҳӣ, номаҳои мухталифи шоҳон дар масоили кишвардорӣ ва одоби салтанатӣ, тавқеоти шоҳон ва ғайра иборатанд. Ишора ба онҳо низ аз лиҳози омӯзиши тарҷумаи осори ахлоқии тоисломӣ ва баррасии тадовуми афкори сиёсиву ахлоқии Аҷам дар муҳити ҷаҳоншиносии ваҳдонӣ муҳим ва арзишманд ба назар мерасад.

Мискавайҳ дар «Таҷоруб ул-умам»-и хеш пас аз нақли зиндагиномаи Хусрави Анӯшервон, ки гӯё ба қалами худи ин шоҳи сосонӣ навишта шудааст, хабар медиҳад, ки Анӯшервон пас аз фориғ шудан аз кори кишвар ва аз фасоду табоҳӣ раҳонидани он бузургони давлат ва баргузидагони мардумро ҷамъ намуд ва ба онҳо бо хитобаи пандомез муроҷиат кард [81, II, 181]. Сипас Мискавайҳ матни ин хитобаро овардааст, ки дар он шоҳи

сосонӣ мардумро ба мубориза ба муқобили «душманони ботинӣ», яъне ҳасадварзӣ, саркашӣ, суханчинӣ ва парокандагӣ, ки аз душманони хориҷии шамшерзану асптоз тавонотаранд, даъват карда ва онҳоро ба дидаи ибрат нигаристан ба таҷрибаи аслоф, аз ҷумла ба шикасти Доро аз Искандари Мақдунӣ роҳнамоӣ намудааст. Муроди Анӯшервон аз душмани ботинӣ, ки, ба қавли ӯ, нифоқу ихтилоф ва фасоду зиштиро дар ҷомеа бармеангезад, бидъати маздакия буд [81, II, 181-186]. Табарӣ низ ба ин хитоба ишора карда ва мӯҳтавои онро ба иҷмол нақл кардааст [67, II, 648].

Хитобаи Ҳурмузд. Хитобаи нисбатан тӯлонӣ аз Ҳурмузд писари Анӯшервон дар «ал-Ахбор ут-тивол»-и Абӯҳанифаи Динаварӣ маҳфуз мондааст [61, 75-77]. Дар он матолиби ахлоқӣ тибқи суннати маъмули андарзнигории сосонӣ дар сурати муқобалаи хислату хӯйҳои шоиста бо сифоти ношоиста баён шудааст, ки ҳадаф аз ин шева тарғиби мардум ба пайравӣ аз фазилат ва парҳез аз разилат мебошад.

Хитобаҳои кӯтоҳи баъзе аз шоҳони дигар дар «Ғурар ус-сияр»-и Саолабӣ, «Муруҷ уз-заҳаб»-и Масъудӣ, «Ниҳоят ул-ираб»-и маҷҳулул-муаллиф ва соири таърихномаҳои куҳан ба назар мерасанд. Зоҳиран, ин хитобаҳо дар «Худойнома»-ҳои паҳлавӣ ғунҷоиш ёфта буданд. Дар баробари ин, имкон дорад, ки хитобаҳои муфассали баъзе аз шоҳон ҳамчун навиштаҳои мустақил низ вуҷуд доштанд ва дар нахустин садаҳои исломӣ ба арабӣ баргардон шуда, ба матни таърихномаву осори адабии исломӣ роҳ ёфтанд. Бино ба иттилои Масъудӣ, ӯ ҳамин гуна хитобаҳои тоҷгузории чаҳор табақаи маъруфи шоҳони эрониро дар баробари зикри корҳое, ки онҳо кардаанд, дар китоби «Ахбор уз-замон»-и худ ҷамъ оварда будааст [80, I, 277].

Хитобаҳои тоҷгузорӣ дар баробари он, ки як навъ эъломи барномаи фаъолияти шоҳи батахтнишаста маҳсуб мешаванд, ҷанбаи боризи ахлоқӣ доранд ва бо тарҷумаи онҳо маҷмӯи афкор ва назариёти ахлоқиву маънавии Эронзамини тоисломӣ дар ташаккули арзишҳо ва меъёрҳои ахлоқии исломӣ нақши худро гузоштанд.

Номаҳо дар масоили кишвардорӣ ва одоби салтанатӣ. Дар манобеи арабизабони қуруни нахустини исломӣ як идда номаҳои шоҳони бостонии Эрон комилан ё ҷузъан нақл шудаанд. Ин номаҳо маъмулан аз номи шоҳон ба коргузоронашон дар навоҳиву вилоятҳои Эрон, ба вазирон, мӯбадон ва давлатмардони алоҳидаи кишвар ва ё ба шоҳони мамолики хориҷӣ навишта шудаанд. Дар номаҳои мазкур матолиби марбут ба таърих, сиёсати шоҳӣ, умури мухталифи кишвардорӣ, қонун ва қавоиди идорӣ ва ғайра баён шудаанд, вале ҷанбаи бориз дар онҳо ҳамоно ҷанбаи ахлоқӣ аст, зеро ҳадафи асосӣ аз таълифи ин номаҳо ислоҳу салоҳи иҷтимоӣ, далолат ба роҳу равиши неку писандида, талқини одоби ҳамида ба шумор меоянд, ки дар маҷмӯъ саодати фард ва саломати ҷомеаро бояд тазмин кунанд. Аз қабили ин гуна номаҳо Табарӣ тарҷумаи номаи Анӯшервонро ба подусбони Озарбойҷон, Арманистон, Дамованд ва Табаристон нақл карда ва он яке аз чаҳор номае будааст, ки Анӯшервон пас аз ҷулус ба тахти шоҳӣ ба подусбонони чаҳор ноҳияи кишвар навишта буд [67, II, 645-646].

Порае аз номаи Хусрави Анӯшервон ба марзбонони Хуросон дар «Наср уд-дурар»-и ал-Обӣ иқтибос шудааст [18, VII, 79]. Ҳамчунин дар бахши китобҳои ахлоқии эрониён, ки дар «ал-Фиҳрист» номбар шуда ва қаблан ба онҳо ишора рафт, номаи Хусрав ба пешвоёни раият дар сипосгузорӣ («Китоб Кисро ила зуамо ар-раъияти фи-ш-шукри»), номаи Хусрав ба Марзбон ва посухи Марзбон ба ӯ («Китобу мо катаба биҳи Кисро ила-л-марзубон ва иҷобатиҳи ийёҳу») ба қайд омадаанд [86, 378]. Матни тарҷумаи ду номаи Баҳроми Гӯр – яке ба бузургон ва ашрофи мамлакат ва оммаи мардуми кишвар пас аз истиқрор ёфтанаш дар тахти шоҳӣ ва дигаре ба саронии тамоми навоҳии кишвар пас аз ғалаба ба Ҳоқони Турк – дар «Ниҳоят ул-ираб фи ахбор ал-фурс ва-л-араб» нақл шудааст [87, 261, 264-266].

Яке аз номаҳое, ки дар ағлаби таворихи куҳан нақл ё ёдрас шуда, номаи мансуб ба Хусрави Парвиз дар посухи даъвоҳои писараш – Шерӯя

аст. Бино ба ахбори асҳоби таворих, Шерӯя пас аз халъи падараш аз тахти шоҳӣ барои асоснок кардани ин амали худ падарашро ба чанд чиз айбдор кард. Дар номаи Хусрави Парвиз тамоми айбҳое, ки писар бар гардани падар ниҳодааст, рад гардидаанд. Матни ин нома ба таври муфассал дар «Таърих»-и Табарӣ ва тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-Балъамӣ, ба гунае мухтасар дар «Ғурар ус-сияр»-и Саолабӣ, «ал-Ахбор ут-тивол»-и Динаварӣ ва бо иктифо ба ишорае кӯтоҳ дар «Таҷоруб ул-умам»-и Мискавайҳ, «Муруҷ уз-заҳаб»-и Масъудӣ ва ғайра баён шудааст [67, II, 773-777; 2, I, 645-649; 47, 400-401; 61, 107-110; 81, I, 221; 80, I, 274]. Номаи Хусрави Парвиз дар он сурате, ки дар манобеи мазкур зикр шудааст, асосан аз посухҳо бар айбҳои матраҳшуда иборат аст, вале зимни посухҳо панду андарзҳое доир ба умури кишвардорӣ ироа гардидаанд. Ибни Қутайба дар «Уюн ул-ахбор» аз номаи Хусрави Парвиз аз ҳабс ба писараш – Шерӯя дар чанд маврид матолибе нақл кардааст, ки мӯҳтавои онҳо асосан аз панду андарз ба Шерӯя дар умури кишвардорӣ фароҳам омадааст [29, I, 55, 58, 59, 71, 100, 333, 378]. Мусалламан, ин нома бо номаи фавқуззикри Хусрави Парвиз дар посухи иттиҳомоти писараш як аст. Аз ин ҷо метавон ба бардоште расид, ки номаи Хусрави Парвиз дар посухи айбномаи писараш хусусияти боризи ахлоқӣ доштааст.

Асли паҳлавии ин нома ва соири номаҳои фавқуззикр боқӣ намондааст. Эҳтимол дорад, ки ин номаҳо дар ду сурат ба забони арабӣ тарҷума шудаанд: якум, чун асарҳои ба сари худ мустақил; дуюм, чун ҷузъе аз «Худойнома» ва осори дигари паҳлавӣ. Дар қиёс бо он ки Ибни Қутайба дар нақли матолиби номаи Хусрави Парвиз дар посухи иттиҳомоти Шерӯя маъхази худро аксаран «Тоҷнома» таъйин кардааст, эҳтимоли дуюм мураҷҷаҳ ба назар мерасад.

Дар баробари ин, дар садаҳои нахустини исломӣ аз насри паҳлавӣ номаҳои ба сари худ мустақил низ ба арабӣ тарҷума шудаанд. Яке аз ин номаҳо дар таворих бо номи «Номаи Тансар ба Гушнасф» машҳур аст, ки асли паҳлавии он аз миён рафта ва тарҷумаи арабии он, ки ба қалами Ибни

Муқаффаъ тааллуқ дорад, то оғози асри XIII-и мелодӣ ҳанӯз дар тадовул будааст. Дар соли 611/1214 муаллифи «Таърихи Табаристон» Ибни Исфандиёр тарҷумаи Ибни Муқаффаъро дар Хоразм ба даст оварда, онро ба форсӣ баргардон кард ва дар муқаддимаи таърихномаи худ ғунҷоиш дод [67,12-41]. Пас аз ин тарҷумаи арабии «Номаи Тансар» низ тӯъмаи ҳаводиси рӯзгор гашт ва ҳамин тарҷумаи форсии Ибни Исфандиёр маҳфуз монд.

Тансар, ки нома мансуб ба ӯст, ҳирбадон ҳирбади маъруфи аҳди Ардашери Бобакон ва яке аз шахсиятҳои маъруфе ба шумор меравад, ки дар таҳкими пояҳои давлати Ардашер хидмати босазо кардааст. Масъудӣ дар тавсифи ӯ навиштааст, ки «Тансар расоили накӯ дорад дар ақсоми тадбирҳои шоҳӣ ва динӣ, ки зимни он аз Ардашер ва аҳволи ӯ сухан дорад ва аъмолеро, ки дар подшоҳии худ карда, …тавҷеҳ мекунад, ки ба муқтазои он рӯзгор салоҳ чунин будааст. Аз ҷумлаи номаҳои ӯ яке номае ба Моҷушнас (=Гушнасф) аст» [79, 93]. Гушнасф ё Моҳгушнасф, ки нома муанван ба ӯст, шоҳи Табаристон будааст. Зоҳиран, ӯ дар қабули сиёсат ва баъзе иқдомоти Ардашери Бобакон тардид дошта ва шарҳи онҳоро дар номае аз Тансар хоста будааст. Мӯҳтавои номаи Тансар низ саросар аз тавзеҳу тавҷеҳ ва исботи дурустии иқдомоти Ардашер фароҳам омадааст.

Дар муқаддимаи Ибни Муқаффаъ ба номаи Тансар омадааст: «Чунин гӯяд Ибн ал-Муқаффаъ аз Баҳром ибни Хурзод ва ӯ аз падари хеш Манучеҳр – мӯбади Хуросон ва уламои Порс» [85, 45]. Аз ин ҷумла, ки аҳли таҳқиқ ба ибҳоми маънии он ишора кардаанд [85, 36], метавон дарёфт, ки маъхази аслии тарҷумаи Ибни Муқаффаъ матни паҳлавие будааст, ки онро Баҳром ибни Хурзод тадвин карда ва дар ин амр ба ривояти уламову рӯҳониёни зардуштӣ, аз ҷумла падараш – мӯбади Хуросон такя кардааст.

Матни ин номаро бори нахуст Дж. Дармстетер аз рӯи нусхаи хаттии «Таърихи Табаристон» бо тарҷумаи франсавии он дар соли 1894 ба чоп расонид. Муҷтабои Минавӣ низ ин матнро дар асоси муқобала бо нусхаи дигар бо таълиқоту ҳавошии мабсут ду маротиба ба чоп ҳозир кардааст

[221, IV, 678]. Матни нома дар Тоҷикистон низ ба хати кириллӣ бо кӯшиши Н.Салимов рӯи чопро дидааст [14, 186-227], ки он моро аз бозгӯӣ ва баррасии мӯҳтавои нома бениёз мегардонад. Дар иртибот бо мӯҳтавои «Номаи Тансар» ҳаминро бояд қайд кард, ки бархе аз матолиби он бо замони Ардашер созгор нест ва ба даврони салтанати Хусрави Анӯшервон татбиқпазир аст. Бино бар ин, А.Кристенсен ва Дж. Маркварт мӯътақид бар онанд, ки ин нома зодаи даврони салтанати Хусрави Анӯшервон буда ва ба аҳди Ардашер ва ба қалами Тансар нисбат дода шудааст [283, 103-105]. Бар хилофи ин, Дж. Дармстетер ва М.Бойс ақида доранд, ки асли нома ба замони Ардашер оид аст, вале дар давраҳои баъдӣ, хоссатан дар аҳди Хусрави Анӯшервон матни он дархури тағйироту иловаҳо гардидааст [316, 11-13]. Бидуни тардид, чунин таҳаввул ва тағайюри матни асл ҳини тарҷумаи он ба арабӣ ва сипас ба форсӣ низ идома дошта, ки гувоҳи он вуруди оёти қуръонӣ, абёт ва амсоли арабиву форсӣ ба матни форсии нома аст.

«Номаи Тансар» бар баробари он, ки «яке аз муҳимтарин аснод роҷеъ ба ташкилоти аҳди сосонӣ» маҳсуб мешавад, [283, 102] ҳамчунин афкори сиёсиву иҷтимоӣ ва адабиву ахлоқии он давронро бозтобӣ мекунад. Дар он баёни далелу бурҳон ҷиҳати тавҷеҳу исботи дурустии сиёсати Ардашер бо панду андарз гуфтан ва зикри қиссаҳои ибратангези Растину Бирӣ ва бӯзинагон (банди 14) тавъам омада, боиси тақвият ва имтиёзи ҷанбаи ахлоқии номаи мазкур гаштааст.

Тавқеот. Яке аз риштаҳои насри паҳлавӣ, ки тавассути тарҷума дар қарнҳои VIII-IX ба насри арабизабон ва муҳити адабиву фарҳангӣ ва ахлоқии исломӣ роҳ ёфт, тавқеоти шоҳони эронӣ маҳсуб мешавад. Тавқеот маъмулан ҷумлаҳои кӯтоҳи ҳикматомезе ҳастанд, ки дар фармонҳову маншуроти шоҳон ва дар аризаву мактубҳои мухталиф ба тариқи посух ва ё дастур навишта мешуданд.

Тавқеот аз осори адабиву ҳунарӣ ва ахлоқии адабиёти тоисломии Эрон ба ҳисоб мерафт. Бино бар ин, шоҳон ва дабирони онҳо дар интихоби

алфоз, умқи маонӣ ва зебоии ибороти тавқеот кӯшиши зиёд ба харҷ медоданд. Фузун бар ин, дар дарбори шоҳони эронӣ расми маъмули тавқеъгузорӣ риоят мешуд. Ибни Қутайба бо таваҷҷӯҳ ба ин расм овардааст, ки ҳар гоҳ Анӯшервон шахсеро ба мансабе таъйин мекард, ба дабири худ амр медод, дар фармоне, ки дар ин хусус таҳия менамуд, чаҳор сатрро барои тавқеъ холӣ гузорад. Чун дабир фармонро ба Анӯшервон пешкаш мекард, ӯ дар сатрҳои холии фармон ба хатти худ чунин тавқеъ мегузошт: «Бо некони мардум ба меҳр даромез, бо авом биму умед ба ҳам омез ва бо сифлагон ба қаҳр даромез!» [29, I, 53].

Аз шоҳони тоисломии эронӣ беш аз дигарон Ардашер, Хусрави Анӯшервон ва Хусрави Парвиз бо тавқеоти мӯҷаз ва пурмаънии худ маъруфанд. Тавқеоти тоисломӣ, ки дар авохири салтанати дудмони сосонӣ дар маҷмӯаҳои махсус фароҳам омада буданд, дар қуруни нахустини исломӣ ба забони арабӣ баргардон шуда, мавриди эъҷоб ва истиқболи аҳли адаб ва ҳуккоми давр қарор гирифтанд. Бино ба ишороте, ки дар манобеъ рафтааст, тавқеоти Хусрави Анӯшервон ба ҳайси маҷмӯаи алоҳида аз паҳлавӣ ба арабӣ баргардон шуда ва муаллифи «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» онро дар баробари андарзҳои шоҳи мазкур ба писараш - Ҳурмузд ва бинои Айвони Мадоин арҷ гузоштааст [76,76]. Маҷмӯаи арабии тавқеоти Анӯшервон, ки мутарҷимаш номаълум аст, дар миёнаҳои асри XVII дар Ҳиндустон мавҷуд буд ва аз ҷониби Мирзо Ҷамолуддин Муҳаммади Таботабоӣ ба форсӣ тарҷума шуда, ба «Дастурномаи Кисравӣ ё тавқеоти Анӯшервон» мавсум гардид [234, 242]. Таваҷҷӯҳи муаллифони арабизабон ба тавқеоти шоҳони эронӣ ба ҳадде буд, ки теъдоди зиёди онҳо дар кутуби адабиву таърихӣ дар тарҷумаи арабӣ ва дар мавориде чанд ҳатто ба забони асл нақл шудаанд [53, 112].

А. Тафаззулӣ ба бархе аз он кутуб ишора кардааст [234, 239-245], вале дар маохиз ва манобеи дигар, аз қабили «Заҳр ул-одоб»-и Ҳусрии Қайрувонӣ низ тавқеоти шоҳони эронӣ ба назар мерасанд. Баршумурдани ҳамаи онҳо суханро ба дарозо мекашад, аз ин рӯ бо зикри ин нукта метавон

иктифо кард, ки бо тарҷумаи тавқеоти шоҳони эронӣ як риштаи насри паҳлавӣ дар муҳити исломӣ ба ҳастии худ идома бахшид.

Ҳамин тариқ, дар асрҳои VIII-IX қисмати бузурги насри ахлоқии тоисломии эронӣ дар сурати андарзномаву васиятномаҳо, хитобаҳои тоҷгузорӣ, номаҳо дар ойину одоби кишвардорӣ, тавқеоти шоҳони бостонӣ ва ғайра ба забони арабӣ тарҷума шуда, аз як тараф, тадовуми афкори ахлоқии мардуми Эронзаминро дар муҳити ҷаҳоншиносии нави ваҳдонӣ таъмин кард, аз тарафи дигар, дар ташаккули ахлоқ ва насри ахлоқии мусалмонӣ нақши фаъоли худро гузошт. Дар раванди тарҷума ба забони арабӣ осори ахлоқии тоисломии эронӣ таҳаввул пазируфт ва бо ҳифзи асолати худ ба муқтазоёт ва арзишҳои ҷадиди исломӣ ҳамоҳанг ва мунсаҷим гардид.

II.5. Тарҷумаи осори бадеӣ

Яке аз риштаҳои борвари насри паҳлавиро асарҳое фароҳам оварда буданд, ки онҳоро бо таваҷҷӯҳ ба меъёрҳои маъмул дар шинохти каломи бадеъ метавон чун осори насри бадеӣ арзёбӣ кард. Дар ин маврид манзур аз «насри бадеӣ» достонҳои тамсилӣ, достонҳои ҳамосӣ, достонҳои ишқӣ ва афсонаву ривоёти куҳан аст. Дар ташаккули ин шохаҳои насри бадеии паҳлавӣ се манбаи асосии зерин нақши созанда доштанд:

1. эҷодиёти шифоҳӣ ва устураву ривоёти куҳани ақвоми эронӣ;
2. суннатҳои солномависӣ ва вақоеънигории роиҷ дар дарборҳои шоҳони эронӣ;
3. нуфузи қиссаву достонҳои ақвоми дигар, хоссатан мардуми Ҳинд.

Ин се манбаъ боис гардиданд, ки дар насри авохири аҳди Сосониён қиссаву ривоят ва афсонаву достонҳои мухталиф ривоҷ ёбанд. Бархе аз ин осор дар асрҳои VIII-IX ба забони арабӣ тарҷума гардид ва барои ташаккули шохаҳои ҷадид дар насри арабизабони давраи мазкур замина фароҳам овард.

Ибни Надим тамоми ин осори тарҷумашударо ба ду бахш: афсонаҳо («ал-асмор») ва саргузашту афсонаҳои ҳақиқӣ («ас-сияр ва-л-асмор-ас-саҳиҳа») тақсим карда, ба бахши дуюм, яъне қиссаву саргузаштҳои ҳақиқӣ достонҳои қаҳрамонӣ ва ишқӣ, аз қабили достони «Рустам ва Исфандиёр», «Достони Баҳроми Чӯбина», қиссаи «Доро ва бути заррин» ва ғайраро дохил кардааст [86, 364]. Чунин тасниф бозтобе аз хусусияти адабиёти аҳди бостон аст, ки дар он дин, ахлоқ, устура, таърих ва адаб ба ҳам омезиш ёфта ва асари бадеӣ ба маънои томи сухан аз синкретизми аносири мазкур ҳанӯз истиқлол наёфта буд. Бад-ин вақҳ аст, ки дар он даврон дар адабиёти эронӣ мисли соири адабиётҳои Шарқ (ниг.: [174, 110-111]) устура бо таърих ба ҳам омада ва ривоёти марбут ба қаҳрамониҳои Рустам, Исфандиёр ва дигар номоварони таърихи афсонавии Эронзамин чун таърихи воқеӣ пазируфта мешуд. Дар баробари ин, дар баёни корномаҳои воқеии шоҳони таърихӣ лаҳзаҳои афсонагуна ва вақоеи хориқулода ба назар мерасанд, ки онҳо низ чун ҷузъе аз таърихи ҳақиқӣ ҷилва мекунанд. Бо назардошти табиат ва мазиятҳои мазкури осоре, ки мавсум ба насри бадеии паҳлавӣ ҳастанд, онҳоро метавон ба чаҳор шоха: осори бадеии ахлоқӣ, достонҳои ҳамосӣ, достонҳои ишқӣ ва афсонаҳо тақсим кард ва ба баррасии тарҷумаи осори ҳар яке аз ин шохаҳо ба забони арабӣ пардохт.

II.5.1. Осори бадеии ахлоқӣ

«Калила ва Димна». Дар шумори осори бадеии ахлоқӣ, ки ҳадафи онҳо талқини одобу равишҳои писандида ва панду андарз гуфтан дар қолаби қиссаҳо аст, нахуст бояд аз тарҷумаи «Калила ва Димна» ёдовар шуд. Масоили марбут ба асли ин китоб, овардани он аз Ҳиндустон ва ба забони паҳлавӣ тарҷума шуданаш дар аҳди Хусрави Анӯшервон дар даҳҳо китобу рисолаҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст (ниг.: [291, 9-88; 73, 8-23; 221, IV, 672-674]). Бо сарфи назар аз такрори ин матолиб ва ба тақозои аҳдофи ин рисола ин ҷо танҳо ба масоиле дахл хоҳад шуд, ки ба тарҷумаи ин китоб ба забони арабӣ ва афзудаҳое бар матни он аз ҷониби мутарҷим марбут аст.

Қисмати умдаи «Калила ва Димна» асли ҳиндӣ дорад ва аз ҷониби Барзуя – ҳаким ва табиби Хусрави Анӯшервон аз санскрит ба паҳлавӣ тарҷума шудааст. Маъхази панҷ боби ин китоб «Панчатантра» ва се боби он ҳамосаи бузурги ҳиндӣ – «Маҳабҳарата» ба шумор меояд. «Калила ва Димна» дар миёнаҳои қарни VIII аз ҷониби Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ аз паҳлавӣ ба забони арабӣ баргардон шуд. Ин матлаб на танҳо дар худи матни тарҷума таъкид шудааст, балки дар «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим низ ба қайд омадааст [86, 132]. Тарҷумаи Ибни Муқаффаъ ба ҳайси як намунаи олии насри фасеҳи арабизабон иштиҳори тамом пайдо кард ва пайваста мавриди истинсох қарор гирифт. Дар натиҷа, нусхаҳои зиёде аз ин тарҷума пайдо шуданд, ки миёни онҳо тафовутҳои фаровон ба назар мерасанд. Ҳанӯз Ибни Надим ба ин тафовутҳо мутаваҷҷеҳ гардида, теъдоди бобҳои «Калила ва Димна»-ро 17 ё 18 боб баршумурда ва афзудааст, ки нусхаеро низ дидааст, ки изофатан ду боби дигар доштааст [86, 364]. Нусхаҳои мухталифи чопии «Калила ва Димна»-и арабӣ ғолибан 19 бобро фаро гирифтаанд (ниг.: масалан:[73]).

Касрати нусхаҳои тарҷума ва ихтилофот миёни онҳо таъйини бобҳоеро, ки Ибни Муқаффаъ ба матни тарҷумаи паҳлавӣ афзудааст, то андозае душвор мегардонанд, вале муқобалаи тарҷумаи арабӣ бо тарҷумаҳои форсӣ ва сурёнӣ ба ин масъала метавонад равшанӣ андозад. Дар ағлаби нусхаҳои тарҷумаи Ибни Муқаффаъ қабл аз бобҳои панҷгонаи «Панчатантра» чаҳор боб ба унвони муқаддима омадааст. Боби нухустин аз ин чаҳор боб ба «Муқаддамат ул-китоб» мавсум аст ва он ба қалами шахсе ба номи Баҳнуд ибни Саҳвон маъруф ба «Алӣ ибн аш-Шоҳ ал-форсӣ» мансуб аст. Ин боб дар қадимтарин нусхаҳои тарҷумаи Ибни Муқаффаъ ва дар тарҷумаи форсии Абулмаолии Насруллоҳ вуҷуд надорад. Бино бар ин, аҳли таҳқиқ, аз қабили Силвестр де Саси, Луис Шейхо, Абдулазими Қариб, Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб ва дигарон мӯътақиданд, ки ин бобро пас аз ду қарн ё бештар пас аз тарҷумаи Ибни Муқаффаъ ба он афзудаанд [291, 101-102].

Боби дуюм аз бобҳои муқаддимавӣ «Баъсату Барзуя ило билод ил-Ҳинди» (Мусофирати Барзуя ба кишвари Ҳинд) ном дошта, дар баъзе аз нусхаҳои арабӣ бо ҷумлаи «Бузургмеҳр гӯяд» ва дар тарҷумаи форсии Абулмаолии Насруллоҳ бо ҷумлаи «Чунин гӯяд Абулҳасан Абдуллоҳ ибн ал-Муқаффаъ» шурӯъ шудааст. Аҳли таҳқиқ интисоби ин бобро ба Бузургмеҳр мураҷҷаҳ донистаанд [221, IV, 673].

Боби сеюм «Боб арз ал-китоби» ном дорад ва дар нусхаҳои тарҷумаи арабӣ ба қалами Ибни Муқаффаъ мансуб дониста шудааст. Муҳаққиқон низ бо истинод ба баъзе аз лаҳзаҳои ин боб дар интисоби он ба Ибни Муқаффаъ тардид намекунанд [221, IV, 673].

Боби чаҳорум, ки «Боб Барзуя, тарҷамат Бузарҷмеҳр ибн ал-Бухтакон» ном дорад, аз рӯи унвонаш бояд пардохтаи Бузургмеҳр бошад. Дар он аз номи Барзуя шарҳи ҳол, сайру сулуки ботиниву виҷдонӣ ва кӯшиши ӯ дар роҳи расидан ба саодат ва ҳақиқат баён шудааст. Абӯрайҳони Берунӣ дар китоби «Таҳқиқу мо ли-л-Ҳинд»-и хеш боби марбут ба Барзуяро аз афзудаҳои Ибни Муқаффаъ дониста ва мӯътақид будааст, ки Ибни Муқаффаъ бо ин амали худ ҳадафи аз дин баргардонидани мардуми сустэътиқод ва ба монавият даъват кардани онҳоро доштааст [44, 123; 221, IV, 672]. Бархе аз муҳаққиқон, аз қабили Т.Нелдеке ва Ф.Габриэли ин ақидаи Бероиро пазируфта ва ин боб ё ҷузъе аз онро, ки марбут ба шак овардан дар ҳаққонияти динҳои гуногун аст, аз таълифоти Ибни Муқаффаъ донистаанд. Иддае аз пажӯҳишгарони дигар, мисли П. Краус ва Аббоси Зарёб бо истинод ба он, ки афкори озодонаи ин боб бештар ба муҳити замони Анӯшервон ва Барзуя муносибтар буд, боби мавриди назарро аз афзудаҳои Барзуя ва ҷузъе аз матни тарҷумаи паҳлавии «Калила ва Димна» ба шумор меоранд [221, IV, 672-673].

Боби дигар аз тарҷумаи арабии китоби мазкур низ, ки мавсум ба «ал-Фаҳс ан амри Димна» («Бозҷуст аз кори Димна») аст, ба назари ағлаби муҳаққиқон, аз афзудаҳои Ибни Муқаффаъ маҳсуб мешавад [59, 17], вале Фатҳуллоҳи Муҷтабоӣ бо тавоҷҷӯҳ ба таъсири расмулхатти паҳлавӣ дар

исмҳои хоси ҳикоятҳои ин боб онро аз таълифоти Барзуяи табиб пиндоштааст [289, 33-63]. Аз он чӣ зикр шуд, метавон ба бардоште расид, ки «Калила ва Димна» тарҷумаи ҳарф ба ҳарфи як асари алоҳидаи ҳиндӣ набуда, балки бо роҳи ба мутуни ҳиндиасл афзудани матолиби эронӣ ва илова кардани чанд боб аз ҷониби Ибни Муқаффаъ фароҳам омадааст. Бино бар ин, китоби мазкурро дар он сурате, ки имрӯз дар даст аст, бо эътирофи асли ҳиндии он бояд мавлуди муҳити адабиву фикрии сосонӣ ва бозтобе аз вижагиҳои алоҳидаи рӯҳи эронӣ ба шумор овард. Ин матлаб аз назари донишмандони нахустин садаҳои исломӣ низ пӯшида набуд ва иддае аз онҳо ин китобро аз мероси адабии эронӣ пиндоштаанд. Бо ишора ба ин маънӣ Ибни Надим навиштааст: «Аммо дар бораи «Калила ва Димна» ихтилоф аст: ба қавле он сохтаи Ҳинд аст, ки дар муқаддимаи китоб гуфта шуда, ба қавле он сохтаи подшоҳони ашконӣ аст ва ҳиндиён онро ба худ бастаанд, ба қавле онро эрониён таълиф кардаанд ва ҳиндиён ба худ бастаанд. Ва гурӯҳе гуфтаанд, ки Бузургмеҳри ҳаким порае аз онро сохтааст. Ва Худо донотар аст» [86, 364].

Тарҷумаи арабии «Калила ва Димна» на танҳо ба Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ шӯҳрати ҷаҳонӣ овард, балки заминае барои сайри нусратбори ин китоб дар адабиёти олам гардид (Дар бораи тарҷумаҳои ин китоб ба забонҳои мухталифи дунё ниг.: [291, 44-112]). Тарҷумаи «Калила ва Димна» дар муҳити адабиву фарҳангии қарнҳои нахусти ислом истиқболи тамом пайдо кард. Он яке аз панҷ беҳтарин китобҳо ба забони арабӣ шинохта шуд [86, 140] ва хондану аз бар карданаш василаи камолоти ахлоқиву маънавии афроди ҷомеа ба шумор омад. Бесабаб нест, ки дар тӯли сад соли фармонравоии Аббосиён «Калила ва Димна» аз рӯи тарҷумаи Ибни Муқаффаъ чандин бор кисвати назми арабӣ ба бар кард (Дар ин бора ниг.: [134, 142-145]).

Пас аз Ибни Муқаффаъ «Калила ва Димна» бори дигар аз ҷониби Абдуллоҳ ибни Ҳилоли Аҳвозӣ ном нависандаи эронитабор ба насри арабӣ тарҷума гардид. Ҳоҷӣ Халифа дар «Кашф уз-зунун»-и хеш пас аз

зикри тарҷумаи Ибни Муқаффаъ навиштааст: «Ва баъд онро Абдуллоҳ ибни Ҳилоли Аҳвозӣ дар даврони хилофати Маҳдӣ ба соли 165 (781м.) барои Яҳё ибни Холиди Бармакӣ аз форсӣ (яъне паҳлавӣ – З.Н.) ба арабӣ тарҷума кард. Ва Саҳл ибни Навбахти Ҳаким онро барои Яҳёи мазкур ба риштаи назм кашид ва аз ӯ ҳазор динор ато гирифт» [55, II, 428-429]. Зоҳиран, тарҷумаи Абдуллоҳ ибни Ҳилоли Аҳвозӣ аз лиҳози фасоҳат ва накӯии сухан ба пояи тарҷумаи Ибни Муқаффаъ намерасидааст, ки таҳтушшуои он қарор гирифта ва аз миён рафтааст.

Дар манобеи арабизабон ҳикматҳои фаровон аз тарҷумаи арабии «Калила ва Димна» ба назар мерасанд (ниг.: [29, I, 323, 324, 576; II, 182, 194]), ки маҳбубияти ин китобро дар муҳити нахустин садаҳои исломӣ собит мекунад.

«Синдбоднома». «Китоби Синдбод» ё «Синдбоднома»-ро дар масири таърих сарнавиште монанд ба сарнавишти «Калила ва Димна» насиб гаштааст. Донишмандони қадим дар таъйини асли ин китоб бо ҳам ихтилофи назар доштаанд. Масъудӣ «Синдбоднома»-ро аз кутуби ҳиндиён ба шумор оварда, таълифи онро ба замони салтанати шоҳи ҳиндӣ Кураш мансуб донистааст. Бино ба навиштаи ӯ, «Синдбод китоби «Ҳафт вазир, муаллим, ғулом ва зани подшоҳ»-ро барои ҳамин шоҳ танзим кард ва он ба номи «Китоби Синдбод» маъруф шуд» [80, I, 75].

Иддае аз асҳоби таворих «Синдбоднома»-ро аз таълифоти замони Ашкониён шинохтаанд. Аз ҷумла, Ҳамзаи Исфаҳонӣ чанде аз китобҳои даврони «мулук ут-тавоиф», яъне Ашкониёнро, ки дар маҷмӯъ ба 70 китоб мерасида, номбар кардааст, ки миёни онҳо «Китоби Синдбод» низ вуҷуд дорад [57, 41]. Муаллифи «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» низ ҳамин маълумотро айнан такрор кардааст [76, 93-94].

Муаллифи «Ниҳоят ул-ираб фи ахбор ал-фурс ва-л-араб» низ «Синдбоднома»-ро аз китобҳои замони Ашкониён дониста, дар тавҷеҳи ин матлаб овардааст, ки пас аз вафоти Искандар мулуки тавоиф ба рақобати ҳамдигар бархостанд ва ба назди якдигар расул мефиристоданд ва масоили

душворро пеши рақиби худ матраҳ мекарданд. Ҳар кӣ ҷавоби дурусти ин масоилро дармеёфт, ғолиб ҳисоб мешуд ва мағлуб ба ӯ хироҷ мепардохт. «Бино бар ин одат, – навиштааст муаллифи мазкур, - рағбати мардум ба ҳикмату одоб зиёд шуд ва дар ин боб китобҳое таълиф шуданд, ки имрӯз дар даст аст ва аҷамиён онҳоро сармашқи худ дар таҳзиби ахлоқ қарор додаанд». Сипас, муаллифи «Ниҳоят ул-ираб» номи чанде аз чунин китобҳо, минҷумла «Синдбоднома»-ро низ зикр кардааст [87, 158; 81, 171].

Ҳамин ихтилофи назари қудамо дар асли «Синдбоднома» дар ахбори Ибни Надим низ зоҳир аст, зеро ӯ як бор ин китобро дар бахши қиссаву ривоёт ва афсонаҳои ҳиндиён зикр карда, дар ҷои дигар иттилоъ медиҳад, ки дар интисоби он ба эрониён ва ҳиндиён тардид кардаанд ва худ мансубияти китобро ба ҳиндиён наздиктар ба ҳақиқат донистааст [86, 364]. Аҳли таҳқиқ имрӯз бар он ақидаанд, ки «Синдбоднома» бо он ки мӯъҷами ҳикоёташ асли ҳиндӣ дорад, дар Эрон ба таҳрир омадааст. Ба ҳадси М.Минавӣ, муаллиф ё муҳаррири он будани Барзуяи табиб аз эҳтимол дур нест [85, 184].

«Синдбоднома» дар давраи наҳзати тарҷумаи осори паҳлавӣ ба арабӣ, ки ба нимаи дуюми асри VIII – нимаи аввали асри IX рост меояд, ба забони арабӣ дар ду таҳрири муфассал ва мухтасар баргардон шудааст. Муаллифи «ал-Фиҳрист» таҳрири муфассалро «Китоб Синдбод ал-кабир» ва таҳрири мухтасарро «Китоб Синдбод ас-сағир» номида, мутарҷими онҳоро таъйин накардааст [86, 364], вале ба риштаи назм кашидани «Китоби Синдбод»-ро аз ҷониби шоир Абон ибни Абдулҳамиди Лоҳиқӣ ба қайд овардааст [86, 186]. Дар ҳошияи яке аз нусхаҳои дастнависи «ал-Фиҳрист» мутарҷими таҳрири мухтасари ин китоб «ал-Асғаб ибни Абдулазиз ибни Салим ас-Сиҷистонӣ» навишта шудааст [86, 364]. А.Е.Кримский ҳадс задааст, ки ҳамин тарҷумаи «Китоб Синдбод ас-сағир» асоси кори Абони Лоҳиқӣ дар назми таҳрири мухтасари китоби мазкур будааст [152, 17-18].

«Синдбоднома» дар асри XI аз арабӣ ба забони юнонӣ тарҷума шуда ва дар нусхаи боқимонда аз он номи муаллиф ё муншии китоб «Мӯсои

порсӣ» зикр шудааст. К.Брокелман ва А.Тафаззулӣ «Мӯсои порсӣ»-ро ҳамон Мӯсо ибни Исои Кисравӣ – яке аз мутарҷимони «Худойнома» пиндошта ва ӯро мутарҷими «Синдбоднома» донистаанд [231, III, 102; 234, 299]. Агар ин пиндор ҳақиқат дошта бошад, пас маълум нест, ки Кисравӣ кадоме аз ду таҳрири «Синдбоднома»-ро тарҷума кардааст. Вале агар бипазирем, ки Асғаби Систонӣ таҳрири мухтасар, яъне «Китоб Синдбод ас-сағир»-ро тарҷума карда бошад, пас ба ӯҳдаи Кисравӣ тарҷумаи «Китоб Синдбод ал-кабир» мемонад.

Ҳамин тариқ, масъалаи мутарҷим ё мутарҷимони ду таҳрири «Синдбоднома» ба забони арабӣ дар ҳадди фарзияву тахмин боқӣ мондааст, вале худи тарҷума шудани ин китоб аз паҳлавӣ ба арабӣ ва бад-ин васила шӯҳрати тамом пайдо кардани он дар олами мутамаддин шакку шубҳаеро эҷод намекунад.

«Билавҳар ва Бузосаф». Ин қисса низ мисли «Калила ва Димна» ва «Синдбоднома» асли ҳиндӣ дорад, вале ба ҳайси китоби мустақил дар авохири аҳди Сосониён арзи вуҷуд кардааст. Муҷтабои Минавӣ эҳтимол додааст, ки дар замони салтанати Хусрави Анӯшервон Барзуяи табиб ҳикоятҳои ин қиссаро ба паҳлавӣ баргардон карда, онҳоро ба шакли китобе алоҳида даровардааст [43, 20].

Асоси китобро саргузашти муассиси дини будоӣ – Будо, ки бо ҳикоёт ва суханони ҳикматомез даромехтааст, ташкил мекунад. Лақаби Будо қаблан «Будистава» ба маънои «Будои оянда» буд, ки аз он шакли эронии «Бузосаф» падид омадааст [234, 301]. Билавҳар номи зоҳиде аст, ки Бузосафро ҳидоят кардааст.

Дар «Ниҳоят ул-ираб» дар мавриди зикри кутуби аҳди Ашкониён номи китоби «Билавҳар ва Бузосаф» дар гунаи таҳрифшудаи «Юсфоасф ва Билаҳвар» ба қайд омадааст [87, 158]. Дар таърихномаи Ҳамзаи Исфаҳонӣ низ сухан аз китобҳои даврони Ашкониён рафта ва теъдоди онҳо дар ҳудуди 70 ҷилд муайян шудааст. Номи иддае аз ин китобҳо, ки Ҳамза зикр кардааст, бар асари тасҳиф аз асл дур шуда, дар гунаҳои «Юсфос»,

«Бараснос» ва ғайра навишта шудаанд, ки, зоҳиран, таҳрифе аз «Бузосаф» ва «Билавҳар» ҳастанд [57, 41]. Агар ин эҳтимол ҳақиқат дошта бошад, пас дар мавриди интисоби китоби «Билавҳар ва Бузосаф» ба эрониён ва ҳиндиён ҳанӯз дар миёни донишмандони қадим ихтилофи назар ҷой дошт.

Бино ба ишораи Ибни Надим, китоби «Билавҳар ва Бузосаф» дар баробари ду китоби дигар: яке «Китоб ул-Буд» ва дигаре «Китоб Бузосаф» (ба танҳоӣ) дар нимаи дуюми қарни VIII ба забони арабӣ тарҷума гардид [86, 364]. Зоҳиран, ин ҳар се китоб пайвандҳое ба ҳам дошта ва лаҳзаҳои муштарак дар онҳо ба назар мерасидаанд. Дар таъйиди ин матлаб метавон ба китоби «Ниҳоят ул-ираб» мурочиат кард, ки дар фасле аз он мӯҳтавои ҳамон «Китоби Бузосаф» нақл шудааст [87, 160-171]. Бузосаф дар ин фасл ба писари Фаррухон – яке аз мулук ут-тавоиф табдил ёфтааст, ки мисли Бузосафи ҳиндӣ тарки алоиқи дунё мекунад ва ҳамвора ба тоату ибодат машғул мешавад, вале пас аз вафоти падар ба талаби аҳолии мамлакаташ ба сарири салтанат менишинад, то рӯзи вафоташ фаро мерасад. Пас аз вай писараш – Ардавон подшоҳ мешавад, ки ӯро Ардашери Бобакон шикаст дода, салтанати Сосониёнро таъсис медиҳад. Чунон ки аён аст, «Китоби Бузосаф» бо вуҷуди шабоҳати баъзе лаҳзаҳои зиндагии қаҳрамони он ба саргузашти Будо китобест, ки мавлуди муҳити фикрӣ ва маҳсули суннати қиссапардозии эронӣ аст.

Дар китоби «Билавҳар ва Бузосаф» бошад, Бузосаф бо раҳнамоии Билавҳари зоҳид ва ҳаким ба мақоми ойингустарӣ ва ҳидоятгарии мардум мерасад.

Пас аз тарҷумаи мансури «Билавҳар ва Бузосаф» ин китоб аз ҷониби шоири арабизабони эронӣ Абон ибни Абдулҳамиди Лоҳиқӣ (ваф.с.815) ба риштаи назми арабӣ кашида шуд [86, 132, 186]. Аз тарҷумаи мансури арабии китоб ду таҳрире боқӣ мондааст, ки яке аз онҳоро Шайх Садуқ ибни Бобувайҳ (ваф. 991) дар китоби худ «Икмол уд-дин ва итмом ун-неъмат» нақл карда ва Мулло Муҳаммад Боқири Маҷлисӣ (ваф. 1699) онро дар китоби «Айн ул-ҳаёт»-и хеш ба форсӣ тарҷума кардааст. Ховаршиноси

маъруф В.Ҳеннинг дар миёни дастхатҳое, ки дар Турфон ёфт шуданд, як пора аз «Билавҳар ва Бузосаф»-ро ба шеъри дарӣ ва ба хатти монавӣ ташхис дода, интисоби назми онро ба Рӯдакӣ наздик ба ҳақиқат донистааст [312, 1-9].

Дар қуруни нахустини исломӣ «Билавҳар ва Бузосаф» ба сурёнӣ ва баъдтар ба лотинӣ ва забонҳои мухталифи аврупоӣ таҳти унвони «Варлаам ва Иосаф»тарҷума гардида, мазмуну мӯҳтавои масеҳӣ касб кард.

«Мушкдона ва Шоҳизанон». Дар насри паҳлавии авохири аҳди Сосониён дар баробари осори ахлоқие, ки мусалламан асли ҳиндӣ доштаанд (мисли «Калила ва Димна», «Синдбоднома», «Билавҳар ва Бузосаф»), қиссаву достонҳое низ роиҷ будаанд, ки дар заминаи суннатҳои адабиву бадеии эронӣ ба вуҷуд омадаанд. Дар ин қиссаву достонҳо баъзан аносири қиссапардозии ҳиндӣ ба кор гирифта шудаанд, вале аз ин амал сибғаи эронии онҳо коҳиш наёфтааст.

Пас аз истилои араб ағлаби ин қиссаву достонҳо ба забони арабӣ баргардон шуданд ва мазҳаре аз мазоҳири ҳаёти адабии халқҳои эрониро дар асрҳои VIII-IX фароҳам оварданд. Тундбоди ҳаводиси қуруни баъдӣ бештари ин қиссаву достонҳоро аз миён бурдааст, вале бо такя ба ишороте, ки муаллифони манобеи адабиву таърихии қуруни нахустини исломӣ ба унвон ва мӯҳтавои онҳо кардаанд, метавон аз ривоҷи суннатҳои адабии эронӣ дар давраи баъди истилои араб огаҳии бештар пайдо кард.

Яке аз ин гуна қиссаҳо қиссаи «Мушкдона ва Шоҳизанон» аст, ки дар авохири аҳди Сосониён арзи ҳастӣ карда ва миёни мардум иштиҳор доштааст. Ибни Надим дар «ал-Фиҳрист» дар бахши «Асмор ул-фурс» (Афсонаҳои эрониён) номи ин достонро дар шакли таҳрифшудаи «Мускзанона ва Шоҳизанон» ба қайд оварда [86, 364], вале ишорае ба мӯҳтавои он накардааст. Дар китоби «ал-Маҳосин ва-л-аздод», ки ба қалами алломаи араб Ҷоҳиз (775-868) мансуб аст ва бо истифодаи фаровон аз манобеи эронӣ ба таҳрир омадааст, дар боби «Маҳосини вафои занон ва акси он» қиссаи бо дастуру тадбири Ширин – ҳамсари маъруфи Хусрави

Парвиз бар мӯбадон мусаллат шудани канизаки ӯ – Мушкдона нақл шудааст [53, 201-202], ки мусалламан хулосаи мӯҳтавои қиссаи мавриди назар аст. Дар он омадааст, ки мӯбадон (зоҳиран, мӯбадон мӯбад) чун ба назди Хусрави Парвиз ворид мешуд, ҳамвора ӯро бо суханони «Шоҳо! Дар зиндагонӣ саодатманд ва бар душманонат пирӯз бош, хайру сахо кун ва аз тоати занон иҷтиноб варз!» шодбош мегуфт. Шоҳро ба дурӣ аз занон тарғиб кардани мӯбадон боиси хашмгинии Ширин мегардид. Бино бар ин, ӯ ба ҳилаву тадбире даст зад ва ба Хусрави Парвиз гуфт, ки канизаки соҳибҷамоли худ – Мушкдонаро ба мӯбадон, ки назди шоҳ аз манзалати волое бархурдор аст ва алҳол пир гаштааст, мехоҳад тӯҳфа бикунад. Хусрави Парвиз ин пешниҳоди Ширинро меписандад ва бо мӯбадон дар ин хусус гуфтугӯ мекунад. Мӯбадон бо огоҳӣ аз ҳусну ҷамоли Мушкдона ва ба пиндори он ки ин подоши хидматҳои ӯст, канизакро мепазирад. Ширин ба Мушкдона дастур медиҳад, ки бо зебоиву маҳосинаш мӯбадонро ба худаш мутеъ ва тарғиб кунад ва агар мӯбадон майли наздикӣ бо ӯ намояд, шарте пеш гузорад, ки нахуст Мушкдона бар пушти мӯбадон ба сони маркаб савор хоҳад шуд. Ширин ҳамчунин дастур дод, ки агар ин амр барои Мушкдона муяссар гардад, соати онро ба вай қаблан хабар диҳад. Канизак, бино ба супориши Ширин, мӯбадонро чунон ба худ моил намуд, ки ӯ пас аз чанд дафъа рад кардани шарти мазкур ахиран сабру тоқатро аз даст дод ва онро пазируфт. Мушкдона бонуи хешро аз ин амр огоҳ кард ва мӯбадонро чаҳорпо гузошта, ба ӯ лаҷому полон пӯшонид, бар болояш савор шуд ва «хар, хар» гӯён ӯро ба ҳаракат водор кард. Дар ин асно Ширин Хусрави Парвизро ба болои боми хонаи мӯбадон роҳнамоӣ намуд ва ӯ бо дидани ин манзара нидо бароварад, ки «эй мӯбадон, ин чӣ ҳол аст, ки ту гирифтор шудаӣ?». Мӯбадон сар боло кард ва ҷавоб дод, ки «ин ҳамон итоати зан аст, ки ман туро аз он бар ҳазар медоштам». Хусрави Парвиз хандиду гуфт, ки «Эзид рӯи ту ва касеро, ки минбаъд аз ту маслиҳат мепурсад, сиёҳ гардонад» [53, 201-202].

Қиссаи мазкур собит мекунад, ки шакли саҳеҳи номи канизак, ки дар «ал-Фиҳрист» дар асари таҳриф «Мушкзанона» сабт шудааст, «Мушкдона» аст ва аз «Шоҳизанон» манзур Ширин мебошад, ки, воқеан, дар мақоми шоҳи занони Хусрави Парвиз қарор гирифта буд. Мӯҳтавои қиссаи мазкур аз зумраи достонҳо дар хусуси макри занон будани «Мушкдона ва Шоҳизанон»-ро таъйид мекунад. Ин навъ достонҳо, ки реша дар адабиёти қадими Ҳинд доштанд, дар адабиёти аҳди Сосониён аз ривоҷи тамом бархурдор буданд. Баид нест, ки бунмояи достони «Мушкдона ва Шоҳизанон» низ хеле пештар аз замони Хусрави Парвиз ба вуҷуд омада ва баъдан бо пайвастан ба номи ин шоҳаншоҳи сосонӣ ва ҳамсари ӯ – Ширин рангу мазмуни комили эронӣ пайдо карда бошад. Ба ҳар ойин, бар мабнои қиссае, ки дар «ал-Маҳосин ва-л-аздод» нақл шудааст, метавон истинбот кард, ки дар адабиёти аҳди Сосониён қиссае мустақил доир ба тасаллут ёфтани канизаки Ширин бар мӯбадон маъмул буда ва дар қарнҳои аввали ислом ба арабӣ баргардон шудааст.

Дар иртибот ба қиссаи «Мушкдона ва Шоҳизанон» таъкиди як нукта бамаврид аст. Эроншиноси маъруфи рус К.А.Инострансев дар оғози асри гузашта ин қиссаро бо китоби дигаре, ки соҳиби «ал-Фиҳрист» онро бо номи «Китоб ал-файласуф аллазӣ булийа би-л-ҷорийати Қайтар ва ҳадис-ул-фалосифа фи амриҳо» (Китоби файласуфе, ки ба василаи канизе бо номи Қайтар озмоиш шуд ва сухани файласуфон дар бораи он каниз) ба қайд овардааст [86, 378], як шуморида буд. Ӯ чунин ақида дошт, ки номи канизак – Қайтар таҳрифе аз «Мушкдона» ва «Шоҳизанон» гунаи муҳаррафи «мӯбадон» аст. Аз ин рӯ, К.А.Инострансев бар он буд, ки унвони саҳеҳи қиссаи «Мушкдона ва Шоҳизанон» бояд «Мушкдона ва ал-мӯбадон (ё шайх ал-мӯбадон)» бошад [138, 20]. Ақидаи К.А. Инострансев дар хусуси як будани ду асари мазкур баъдан аз ҷониби муҳаққиқи араб Муҳаммад Ғанимӣ Ҳилол дастгирӣ ёфт [309, 372]. Таъкид ҷоиз аст, ки миёни хулосаи мӯҳтавои достони «Мушкдона ва Шоҳизанон», ки дар фавқ нақл гардид ва унвони тӯлонии китоби дуюм, ки то андозае мазмуни онро

шарҳ медиҳад, мушобиҳате вуҷуд дорад. Чунончи, дар ҳар ду асар қаҳрамони асосӣ канизаконанд, ки яке мӯбадон ва дигаре файласуферо мавриди озмоиш қарор медиҳанд. Вале ин зоҳираҳо барои як шуморидани ин ду асар ва вожаҳои «Қайтар»-у «Шоҳзанон»-ро мутаносибан таҳрифи «Мушкдона»-ву «ал-Мӯбадон (ё Шайх-ул-мӯбадон)» пиндоштан асосе кофӣ буда наметавонанд. Баръакс, чанд нукоте мавҷуд аст, ки бар ду асари мустақил будани китобҳои фавқуззикр далолат мекунад:

1. Ибни Надим «Мушкдонаву Шоҳизанон»-ро дар бахши «Афсонаҳои эрониён» дар радифи китобҳое, аз қабили «Ҳазор достон» (зоҳиран, бунмояи паҳлавии «Ҳазору як шаб»), «Китоб ад-дуб ва-с-саълаб» (Китоби хирс ва рӯбоҳ), «Китоби Намруд-малики Бобул» ва ғайра зикр карда [86, 364] ва бо ин ба сибғаи равшани бадеӣ доштани он ишорат кардааст. Асари дуюм – «Китоби файласуфе, ки ба василаи канизе бо номи Қайтар озмоиш шуд ва сухани файласуфон дар бораи он каниз» дар «ал-Фиҳрист» дар бахши «Китобҳое, ки дар мавоиз, одоб ва ҳикмат аз ҷониби эрониён, румиён, ҳиндуён ва аъроб таълиф шудаанд», зикр ёфтааст [86, 377-378]. Ағлаби ин китобҳо, ҳамчунон ки аз унвонашон пайдост, осоре ҳастанд, ки дар панду ахлоқ, ҳикмати амалӣ ва ойини кишвардорӣ навишта шудаанд. Бино бар ин, китоби дуюми мавриди назар низ яқинан аз зумраи китобҳои ҳикамӣ буда, манзур аз озмоиши файласуф аз ҷониби канизак радду бадали суолу ҷавобҳо дар хусуси матолиби ҳакимиву фалсафӣ миёни канизаку файласуф аст, ки чунин озмоишҳо дар адабиёти халқҳои эронӣ беназир нестанд. Пас, ин ду асар аз лиҳози мӯҳтаво ба ду навъи гуногуни адабӣ мутааллиқ буданд ва, бино бар ин, як шуморидани онҳо дур аз савоб аст.

2. Муаллифи «ал-Фиҳрист» ҳар яке аз ду асарро дар бахшҳои алоҳида ва дар шумори китобҳое, ки аз лиҳози навъи адабӣ аз ҳам мутафовитанд, ҷой додааст. Агар ин ду китоб яке мебуд, гумон аст, ки Ибни Надим чунин шеваро пеш мегирифт.

3. Дар манобеи арабии қарнҳои нахусти ислом ҳар ҷо, ки сухан аз донишварони тоисломии эронӣ ва намояндагони фарҳехтаи рӯҳонияти

зардуштӣ равад, дар тавсифи онҳо одатан вожаи «ҳаким» истифода мешавад. Чунончи, Ҷомоспи ҳаким, Бузургмеҳри ҳаким, Барзуяи ҳаким ва ғайра. Вожаи «файласуф» бошад, бештар дар муаррифӣ аз донишмандони юнонӣ ба кор рафтааст. Пас, дар ҳолати як будани ду китоби фавқуззикр низ дар тавсифи мӯбадон, ки Мушкдона бар ӯ тасаллут ёфт, бояд вожаи «ҳаким» корбаст мешуд, ҳол он ки дар унвони китоби дуюм сухан дар бораи «файласуф» меравад. Аз ин ҷо низ пайдост, ки достони «Мушкдона ва Шоҳизанон» бо сибғаи эронии мӯҳтаво ва ҷанбаи боризи адабиву афсонавии хеш ба китоби дуюм, ки, ба гумони наздик, ба яқин матолиби ҳикамиву фалсафӣ бар он тасаллут дошт ва аслаш низ, зоҳиран, ба ахлоқу ҳикмати Юнон мепайваст, рабте надорад.

Қиссаи шоҳи сосонӣ Балош ва духтари шоҳи Ҳинд. Яке аз қиссаҳое, ки, зоҳиран, дар даврони тоисломӣ мутадовил буда ва дар нахустин садаҳои исломӣ ба арабӣ нақл гардидааст, қиссаи Балош ва духтари шоҳи Ҳинд аст.

Муаллифи «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» ҳини сухан аз салтанати Балош аз ободкориҳо, шикордӯстӣ ва осори бозмонда аз шикоргоҳи ӯ хабар дода ва чунин афзудааст: «Ва дар «Сияр-ул-мулук» хондам, ки ба Ҳиндустон рафт ва духтари малики Ҳиндро биёварад баъди корзорҳо. Ва он қисса дароз аст миёни Балош ва духтари шоҳи ҳиндувон ва духтари сутурдори Балош» [76, 72]. Хулосаи қиссаи мазкур, ки муаллифи «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» аз шарҳи мӯҳтавои он иҷтиноб варзидааст, дар ду маъхази арабизабони қуруни нахустини исломӣ баён гардидааст. Маъхази аввал китоби «ал-Маҳосин ва-л-аздод»-и мансуб ба адиби маъруфи араб Ҷоҳиз (775-868) аст, ки дар он фишурдаи қиссаи Балош ва духтари шоҳи Ҳинд бо истинод ба Мӯсо ибни Исои Кисравӣ нақл гардидааст [53, 193-198]. Чунон ки қаблан ишора шуд, Мӯсо ибни Исои Кисравӣ аз мутарҷимони «Худойнома»-и сосонӣ ба арабӣ ба шумор омада, тарҷумаи ӯ шомили таърихи подшоҳони сосонӣ будааст [177, 166]. Бо таваҷҷӯҳ ба ин матлаб метавон ҳадс зад, ки қиссаи марбут ба Балош дар нусхае аз

«Худойнома», ки онро Кисравӣ ба арабӣ тарҷума кардааст, ҷой дошт. Ин ҳадсро ишораи фавқуззикри муаллифи «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас» ба он ки ӯ қиссаи Балошро дар китоби «Сияр-ул-мулук», яъне тарҷумаи арабии «Худойнома» хондааст, низ таъйид мекунад.

Маъхази дуюме, ки қиссаи Балош ва духтари шоҳи Ҳиндро бо тафсиле бештар аз маъхази аввал баён кардааст, китоби «Ниҳоят ул-ираб фи ахбор ал-фурс ва-л-араб» [87, 280-294] аст. «Ниҳоят ул-ираб» дар асри XIV аз ҷониби муаллифе номаълум аз арабӣ ба форсӣ баргардон шуд ва тарҷума номи «Таҷоруб ул-умам фи ахбор мулук ал-араб ва-л-аҷам»-ро ба худ гирифт [46, 251-269]. Дар «Ниҳоят ул-ираб» ва тарҷумаи форсии он Ибни Муқаффаъ ба касрат мавриди истинод қарор гирифтааст. Бо таваҷҷӯҳ ба ин нукта метавон ҳадс зад, ки қиссаи Балош ва духтари шоҳи Ҳинд дар тарҷумае аз «Худойнома» низ, ки ба қалами Ибни Муқаффаъ тааллуқ дошт, ғунҷоиш ёфта буд.

Бино бар маохизи фавқуззикр, Балош, пас аз он ки ба сарири салтанат нишаст ва мулкаш истиқрор ёфт, ба лаҳву лааб ва муошарат бо занон майл пайдо кард. Рӯзе дар маҷлисе аз ҳусну ҷамоли духтари шоҳи Ҳинд хабар ёфт ва тавассути мактуб ӯро аз падараш хостгорӣ кард. Шоҳи Ҳинд нома ба духтар дод ва ӯро ба издивоҷи Балош тарғиб кард. Духтар ба сабаби он ки Балош аз занон бо яке, ки бар дигарон дар ҳусну ҷамол ва фазлу камол бартарӣ дошта бошад, қаноат нахоҳад кард, ин талабро рад намуд ва дар таъйиди раъйи хеш ҳикояти подшоҳеро овард, ки дар аснои сайр ҷавоҳири зиёде меёбад, ки дар байни онҳо яке дар зебоиву қимат бартар аз дигарон буд. Подшоҳ он ҷавҳари якторо бо вуҷуди он ҳама бартариву афзалияташ дар ҷанби сангҳои нафиси дигар мегузорад ва онҳоро якҷоя дар силке мекашад.

Подшоҳи Ҳинд узри духтарашро мепазирад ва ба талаби Балош ҷавоби рад медиҳад. Балош ба мулки Ҳинд лашкар мекашад ва дар ҷанге тан ба тан подшоҳи он кишварро мекушад ва ба назди духтараш расул фиристода, ӯро ба издивоҷи хеш даъват мекунад. Духтар розӣ мешавад,

вале шарт мегузорад, ки Балош то ба кишвари хеш барнагардад ва дар тахти худ мутамаккин нашавад, майли мулоқот бо ў накунад, зеро ў бар асари фавти падар ва заволи мулки ў дилшикаста ва ҳуснаш коҳидааст ва метарсад, ки Балош аз ҳусни ў ғайри он чиро, ки шунидааст, мушоҳида кунад ва ўро аз назари хеш дур бияндозад. Дар тасдиқи узри хеш духтар қиссаи ғаввосеро нақл мекунад, ки дар қаъри баҳр лўълўеро меёбад ва дар истихроҷи он аз садаф саросема мешавад. Дар натиҷа, лўълўъ шикаста, пора-пора мегардад ва қимати хешро гум мекунад.

Балош узри духтарро мепазирад ва ўро ба кишвараш меорад ва сипас бо ў издивоҷ мекунад. Вале пас аз чанде Балош худро аз ҳиндия дур мегирад. Ҳиндия аз беилтифотии Балош нисбат ба ў, ки дар талабаш лашкар ба Ҳинд кашида ва ҷони худро ба хатар андохта буд, ҳайрон мешавад. Ба воситаи ҳоҷибаи хоссаи худ ҳиндия мефаҳмад, ки Балош саргарми яке аз занонаш – духтари охурсолори дарбор аст. Ў бо ҳилае худро ба духтари охурсолор наздик мекунад ва мефаҳмад, ки сабаби таваҷҷӯҳу шефтагии Балош ба вай итоату хидматгузорӣ ва фармонбариву меҳрубонӣ будааст. Ҳиндия бо ҳилае Балошро ба дидорбинии хеш вомедорад ва бо тавассул ҷустан ба хислатҳое, ки аз духтари охурсолор дарёфта буд, дубора дили Балошро ба худ гарм ва ўро аз духтари охурсолор дур менамояд. Ҳиндия ба хотири хуш гузаштани вақти Балош дар назди ў ва бо ҳадафи аз дили шоҳ бадар кардани меҳри духтари охурсолор қиссаи дарахтеро нақл мекунад, ки дар зебоии шоху баргҳо ва бўи хуш назир надошт. Яке аз мулук дар аснои сайд дар болои кўҳе он дарахтро мебинад ва шефтааш мегардад. Бо маслиҳати вузарову наздикон он дарахтро решакан карда бо худ меорад ва дар дарбор мешинонад. Дарахт дар ҷои нав, бо вуҷуди он ки дар нигоҳубинаш саъйи тамом карданд, як муддат зард ва пажмурда мегардад. Малик бо мушоҳидаи ин ҳоли дарахт мехоҳад, ки онро ба ҷои худ баргардонад, вале чун чанд рўзи дигар мегузарад, дарахт ба ҷои нав хў мегирад ва дубора сарсабзу хуррам мегардад. Наздикони малик аз бими он, ки ў мабодо саргарму шефтаи дарахт бишавад ва бар асари ин дар кори салтанат халал падид ояд, ба вай

ҳоли дарахтро бар акси он чӣ буд, тасвир мекунанд ва ба ҷои пештара кӯчониданашро тавсия менамоянд. Дили малик ба дарахт месӯзад ва ба дидани вай мутаваҷҷеҳ мешавад. Чун дарахти дӯстдоштаашро дар ҳоли сарсабзиву тарӣ мебинад, суруру шодмониаш дучанд мегардад.

Ҳиндия ҳоли худро ба он дарахт ва ҳоли Балошро ба он малик монанд мекунад ва сипас дар ташбеҳи худ, Балош ва духтари охурсолор ҳикояти шер, шербача ва кафторро нақл мекунад. Бино бар он, шере ба сабаби наёфтани ҳамҷинси худ бо кафторе издивоҷ мекунад. Рӯзе кафтор шербачаеро мебинад, ки падари ӯро шер – шавҳари кафтор кушта буд. Шербача аз кафтор вазъи зиндагиву маишаташро пурсон мешавад ва дармеёбад, ки аз марҳамати шер бархурдор ва бо вуҷуди қабоҳати манзараш ҳамсари ӯ будааст.

Шербача ба шер тақарруб меҷӯяд ва ба иллати ҳамҷинсӣ ба ҳамсарии ӯ мустаҳиқтар будани худашро арза медорад. Шер ӯро ба издивоҷи хеш даъват мекунад. Шербача шерро аз макру пасттинатии кафтор ҳушдор дода, хоҳиш мекунад, ки агар майли издивоҷ бо ӯ дошта бошад, нахуст кафторро аз худ дур кунад. Шер инро мепазирад ва кафторро аз назди худ меронад. Балошро ин ҳикоят хуш меояд ва духтари охурсолорро ба ҳиндия мебахшад.

Пас аз ин духтари охурсолор ба қасри ҳиндия меояд ва ба Балош рӯй оварда, ӯро аз макру ғадри ҳиндия барҳазар медорад ва дар таъйиди иддаои хеш ҳикояти рӯбоҳеро меорад, ки бар асари омадани сел аз макони хеш ба бешае меафтад, бо ҳилае бо паррандагони он тарҳи дӯстӣ мерезад ва ҳамарӯза бо хӯрдани яке аз паррандагон ба сар мебарад. Пас аз чанд муддат паррандагон гум шудани ёрони худро пай бурда, ба шоҳашон аз рӯбоҳ гумонбар будани худро арза медоранд, вале ӯ гумони онҳоро ба ҳасаду нотавонбинӣ ҳамл мекунад. Ӯ тасмим мегирад, ки ин амрро худ тафтиш кунад ва чун ба лонаи яке аз паррандагон пинҳон мешавад, рӯбоҳ ӯро дошта мехӯрад.

Дар ҷавоб ҳиндия барои исботи вафодории хеш ба Балош ва фасоди нияти духтари охурсолор ҳикояти зоғ ва кабӯтарро меорад, ки, бино ба он,

зоғе ба ошхонаи яке аз подшоҳон роҳ ёфта ва рӯзии худро аз он ҷо пайдо мекард. Ошпазҳо низ ба ӯ кордор намешуданд. Рӯзе таоми лазизе, ки барои подшоҳ тайёр карда буданд, гум мешавад ва ошпазҳо аз зоғ гумонбар шуда, ӯро аз ошхона меронанд. Зоғ ҳоли худро ба кабӯтаре, ки дӯсташ буд, нақл мекунад. Кабӯтар бо раҳнамоии зоғ ба он ошхона меояд, то барои зоғ ҳилате созад. Ошпазҳо аз омадани кабӯтар шод мешаванд ва барояш мавзее ихтисос медиҳанд ва обу ғизояшро муҳайё месозанд, зеро ғадру макри зоғро шинохта ва аз ҳусни хулқу табиати кабӯтар огаҳ буданд.

Духтари охурсолор дар навбати худ барои тасбити ғадру макри ҳиндия қиссаи гунҷишку саъваро меорад, ки ҳар ду дӯсти қарин буданд, вале саъва аз гунҷишк рӯй мегардонад ва бо зағане тарҳи дӯстӣ мерезад ва охиран худ тӯъмаи ӯ мегардад. Дар фарҷом ҳиндия мехоҳад духтари охурсолорро ба издивоҷи ғуломе дароварад, вале духтари охурсолор худро бо заҳр мекушад. Балош низ гӯё баъд аз чанд рӯз вафот мекунад.

Чунон ки пайдост, қиссаи Балош ва духтари шоҳи Ҳинд ба шеваи маъмули масалгузорӣ бо ҳадафи таъйид ва тасдиқи андешаву оро ва рафтору кирдори воқеъгардида асос ёфтааст. Дар китоби «ал-Маҳосин ва-л-аздод», ки фишурдаи қиссаи мазкурро шомил аст, ҳамагӣ ду ҳикояти тамсилӣ: яке ҳикояти рӯбоҳе, ки тазоҳури дӯстӣ бо паррандагон мекард ва онҳоро яке паси дигар мехӯрд ва дигаре ҳикояти зоғ ва кабӯтар, ки ба ошхонаи шоҳ роҳ ёфта буданд, оварда шудааст.

Муҳаққиқи эронӣ А.Тафаззулӣ, ки огоҳияш аз қиссаи мазкур ба китоби «ал-Маҳосин ва-л-аздод» оид буд, теъдоди ҳикоёти тамсилиро дар он ба ҳамин ду ҳикоят маҳдуд кардааст [234, 306] ва зоҳиран аз шакли муфассали қисса, ки дар «Ниҳоят ул-ираб» ва тарҷумаи форсии он – «Таҷоруб ул-умам фи ахбор мулук-ал-араб ва-л-аҷам» баён гардидааст, бехабар будааст. Дар ду китоби охир зимни баёни қиссаи Балош ва духтари шоҳи Ҳинд панҷ ҳикояти дигар низ оварда шудааст, ки ба мазмуни онҳо дар фавқ ишора рафт.

Ҳамин тавр, қиссаи Балош ва духтари шоҳи Ҳинд ҳафт ҳикоятро дар бар гирифтааст, ки чаҳортои он ҳикоёт аз забони ҷонварон аст. Ин навъ

ҳикоёт дар замони Сосониён пас аз тарҷумаи «Калила ва Димна» аз ҳиндӣ ба паҳлавӣ хеле маъмул ва роиҷ гашта буд. Ағлаби қиссаву ҳикоёте, ки аз забони ҷонварон ҷиҳати баёни матолиби ахлоқиву иҷтимоӣ ва андешаҳои сиёсиву фалсафӣ пардохта мешуданд, аслу маншаи ҳиндӣ доштанд, вале бо ворид шудан ба муҳити андешаву оро ва тафаккури мардуми Аҷам кисвати эронӣ ба бар мекарданд. Дар қиссаи Балош низ ҳикоёти тамсилии дохили он асли ҳиндӣ доранд, вале худи қисса маҳсули завқу суннату адабии аҳди сосонӣ аст. Он бо ном ва замони салтанати шоҳи воқеии сосонӣ пайванд аст, вале гумон аст, ки бори ҳақиқати таърихро бар дӯш дошта бошад, зеро ба шаҳодати таърихномаҳо Сосониён дар солҳои салтанати Балош ба доираи мухолифат бо Ҳайтолиён ворид буданд ва баид аст, ки Балош дар он шароит ва дар муддати кӯтоҳи салтанати хеш барои лашкар кашидан ба Ҳинд имконе пайдо карда бошад. Аслан гап дар сари воқеияти таърихӣ доштан ё надоштани қиссаи мавриди назар нест. Аҳамияти ин қисса дар маҳзи вуҷуди он аст, ки дар авохири аҳди Сосониён пайдо шуда ва ба василаи тарҷума аз паҳлавӣ ба арабӣ ба муҳити нави исломӣ роҳ ёфт. Осоре, ки аз ин қисса дар кутуби арабизабону арабиҳарфи қуруни нахустини исломӣ боқӣ мондааст, аз як тараф, ривоҷи суннати қиссапардозиро дар адабиёти тоисломии форсу тоҷик таъйид мекунад, аз ҷониби дигар, гувоҳи ҷаҳду талоши мутарҷимоне, аз қабили Ибни Муқаффаъ, Мӯсо ибни Исои Кисравӣ ва дигарон аст, ки ҳифзу бақои осори ниёгони хешро аз тариқи тарҷумаи он ба забони арабӣ дар шароити истилои сиёсиву маънавии аъроб ва тасаллути комили забони эшон таъмин карданд.

Ҳамин тариқ, як идда қиссаву ривоятҳо, ки ҳадафи онҳо ҷуз ироаи панду андарз, талқини ахлоқи шоиста ва ташвиқи табақоти мухталифи мардум ба адлу инсоф ва меҳрубониву хайрхоҳӣ чизе дигар нест, дар асрҳои VIII-IX аз паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума шуданд. Бино бар ин, онҳо ба осори бадеии ахлоқӣ мансуб дониста шудаанд.

Ағлаби ин осор асли ҳиндӣ доранд ва ё муштамил бар ҳикоёти ҷудогонае ҳастанд, ки аз адабиёти мардуми Ҳинд сарчашма гирифтаанд.

Ин қиссаҳо маъмулан аз забони ҳайвонот гуфта шудаанд. Ба иттифоқи орои аҳли таҳқиқ, ин равиши баён аз вижагиҳои адабиёти қадими Ҳинд маҳсуб мешавад.

Вобаста ба тарҷумаи осори мазкур ба забони арабӣ дар арабишиносӣ ва шарқшиносии Аврупо аксаран чунин ақида талқин мешавад, ки гӯё хидмати эрониён дар ин маврид танҳо аз интиқоли мероси маънавии ҳиндӣ ба олами ислом иборат асту бас (ниг., масалан: [126, 37-38]). Албатта, чунин тарҳи масъала удул аз роҳи савоб аст, зеро осори мавриди назар бо он ки решаҳое дар адабиёти қадими ҳиндӣ доштаанд, бо вуруди худ ба олами андешаву орои мардуми Эронзамин рангу рӯҳи эронӣ касб карда буданд. Аз ин рӯ, тарҷумаҳои ин осорро танҳо василаи интиқоли мероси маънавии ҳиндӣ ба муҳити исломӣ ба қалам додан хатои маҳз аст. Баръакс, ҳадаф ва ангезаи ин тарҷумаҳо идомаи суннатҳои ҳамон қисмати насри тоисломии эронӣ буд, ки дар ташаккули он пайванду омезиши аносири қиссапардозии ҳиндӣ ва панднигориву ҳикматгароии эронӣ нақши муҳим доштанд.

II.5.2. Достонҳои ҳамосии эронӣ

Бар хилофи қиссаву ривоёти ахлоқии эронӣ, ки ғолибан аз пайванди аносири эрониву ҳиндӣ таркиб ёфтаанд, достонҳои ҳамосии насри тоисломии эронӣ аз устураву ривоёти куҳани эронӣ бархостаанд ва дар ташаккули худ ба суннатҳои ҳамосасароии эронӣ такя кардаанд. Ағлаби достонҳои ҳамосии тоисломӣ ҷузъе аз аҷзои фароҳамоварандаи «Худойнома» буданд ва бо тарҷумаи ин китоб ба забони арабӣ ба муҳити исломӣ роҳ ёфтанд.

Дар баробари ин, дар насри аҳди Сосониён достонҳое низ мутадовил буданд, ки ҳам ба таркиби «Худойнома» ворид буданд ва ҳам ба ҳайси асаре мустақил аз он ривоҷ доштанд. Ба ин маънӣ ин достонҳо ду таҳрир доштанд: яке таҳрире, ки ба василаи дохил шудан ба таркиби «Худойнома» расмият ёфта буд ва дуюм таҳрири ғайрирасмӣ, ки ғолибан ба ривоёти шифоҳӣ такя мекард. Бадеҳист, ки миёни таҳрирҳои расмиятёфта ва

ғайрирасмӣ дар ҷузъиёту тафосили мӯҳтавои достон тафовутҳо ҷой доштанд. Ҳамчунин метавон эҳтимол дод, ки дар аҳди тоисломӣ миёни мардуми Эронзамин достонҳое низ роиҷ буданд, ки гунаи китобӣ надоштанд.

Ибни Надим унвони иддае аз достонҳои ҳамосии тоисломии эрониро дар бахши китобҳое, ки эрониён дар бораи «саргузашт ва афсонаҳои рост» (фи-с-сияр ва-л-асмор ас-саҳиҳа) аз подшоҳони худ таълиф кардаанд, ба қайд оварда ва онҳоро ҷузъи китобҳои таърихӣ шумурдааст [86, 364]. Ин назари Ибни Надим бозтобе аз синкретизми жанрҳо дар адабиёти аҳди куҳан аст, ки дар он ҳанӯз таърих аз ҳамоса ҷудо нашуда ва достони қаҳрамонӣ чун таърихи воқеӣ қабул мегардид. Бо таваҷҷӯҳ ба бахши мазкури «ал-Фиҳрист» иддае аз достонҳои ҳамосиро, ки дар асрҳои VIII-IX ба забони арабӣ чун осори мустақил баргардон шудаанд, мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Достони Баҳроми Чӯбина. Ин достон шарҳи корномаи Баҳром - яке аз сардорони номвари сипоҳи Эронро дар замони салтанати Ҳурмуз ва писари ӯ – Хусрави Парвиз дар бар мегирифтааст. Қиссаи пирӯзиҳои Баҳроми Чӯбина бар туркон, маъзул шуданаш аз фармондеҳии сипоҳи Эрон, нофармонии ӯ аз Ҳурмуз ва баъдан аз Хусрави Парвиз, гурехтани Хусрави Парвиз ва тоҷи шоҳӣ ба сар ниҳодани Баҳроми Чӯбина, бо мадади императори Рум сарири шоҳиро дубора ба даст овардани Хусрави Парвиз, паноҳ бурдани Баҳром ба туркон ва охируламр кушта шудани ӯ ба таҳрики Хусрави Парвиз дар «Шоҳнома» кисвати шеъри дариро ба бар карда ва ин моро аз бозгӯи мӯҳтавои достон бениёз мегардонад.

Шакке нест, ки таҳрири расмии ин достон, ки Баҳром дар он чун сарлашкари исёнгар ва ғосиби тахти шоҳӣ ба тасвир омада буд, дар таърихномаи расмии Сосониён – «Худойнома» ғунҷоиш ёфта ва дар таркиби он ба арабӣ тарҷума шудааст. Дар баробари ин, дар шарҳи корномаи Баҳроми Чӯбин достони алоҳида низ дар насри паҳлавӣ вуҷуд дошт. Ин матлабро Масъудӣ чунин таъйид кардааст: «Эрониён дар

саргузашти Баҳроми Чӯбин ва аъмоли ҷолиби вай дар диёри Турк дар айёме, ки он ҷо буд ва наҷот додани духтари шоҳи Турк аз ҳайвоне ба номи «самаъ», ки ба қадри як гӯрхар бузург буд ва духтарро ҳангоми сайругашт аз миёни канизонаш рабуда буд, ҳамчунин дар ҳамаи аҳволи Баҳром аз оғози кор то ҳангоми кушта шудан ва насаби ӯ китобе ҷудогона доранд» [80, I, 270].

Ҳамин китоби ҷудогона дар авосити қарни VIII аз ҷониби Ҷабала ибни Солим, ки ба шарҳи ҳоли ӯ дар боби аввал ишора рафт, ба арабӣ баргардон шуд. Дар «ал-Фиҳрист» зимни зикри ин тарҷума лақаби Баҳром «Шус» сабт шуда[86, 364] ва пай бурдан душвор нест, ки ин вожа таҳрифе аз «Чӯбин» аст, зеро қаробати имлои арабии ин ду вожа маҳалле барои тардид дар чунин таҳриф боқӣ намегузорад.

«Достони Баҳроми Чӯбина» пас аз тарҷума дар миёни муаррихон ва адибони нахустин садаҳои исломӣ маъруф гардида, мӯҳтавои он дар кутуби таъриху адаб гоҳе батафсил ва гоҳе ба ихтисор мавриди нақлу бозгӯй қарор гирифт. Муфассалтарин нақли ин достон дар «Ниҳоят ул-ираб фи ахбор ал-фурс ва-л-араб» ба назар мерасад [87, 350-392]. Зоҳиран, муаллифи «Ниҳоят ул-ираб» тарҷумаи арабии достони мазкурро дар даст дошта ва онро дар китоби худ ба таври мукаммал бозгӯй кардааст. Дар таъйиди ин матлаб метавон ду далел овард: якум, дар «Ниҳоят ул-ираб» баъзе лаҳзаҳои достон омадааст, ки онҳоро дар китобҳои дигар, аз ҷумла дар «Шоҳнома» низ наметавон пайдо кард. Сониян, дар «Ниҳоят ул-ираб» қиссаи наҷот додани Баҳром духтари Хоқони Туркро аз ҳайвони дарранда нақл шудааст, ки он, ба қавли Масъудӣ, ҷузъе аз китоби ҷудогона доир ба корномаи Баҳром будааст.

Дар «ал-Ахбор ут-тивол»-и Абӯҳанифаи Динаварӣ ва «Ғурар ус-сияр»-и Саолабӣ мӯҳтавои «Достони Баҳроми Чӯбина» нисбатан муфассал зикр шудааст [61, 79-101; 47, 365-385]. Табарӣ, Масъудӣ ва иддае аз муаррихони дигар низ мӯҳтавои ин достонро ёдрас шудаанд [67, II, 726-734; 80, I, 266-270].

«Достони Рустам ва Исфандиёр». Яке аз достонҳои ҳамосӣ, ки дар нимаи аввали асри VIII аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума гардид, «Достони Рустам ва Исфандиёр» аст. Ибни Надим ин достонро ҷудо аз «Худойнома» зикр карда ва бо ин ба ҳайси достоне мустақил тадовул доштани он ишора кардааст. Ин достон низ мисли «Достони Баҳроми Чӯбин» аз ҷониби Ҷабала ибни Солим тарҷума шудааст. «Рустам ва Исфандиёр» дар аҳди Сосониён ва қарнҳои нахусти ислом аз шӯҳрати фаровон бархурдор будааст. Дар «ас-Сират ун-набавия» омадааст, ки яке аз аҳли Макка, ки Назр ибни Ҳорис ном дошт, барои дур кардани мардум аз пайғамбари ислом ва машғул доштани онҳо аз шунидани мавъизаҳои Муҳаммад (с) ба ривояти ахбори подшоҳони эронӣ ва нақли достони «Рустам ва Исфандиёр» мепардохт [20, I,61].

Асли паҳлавӣ ва тарҷумаи арабии достони мустақили «Рустам ва Исфандиёр» аз миён рафтааст, вале дар таърихномаҳои исломӣ ишороте ба ин достон рафта ва ё мӯҳтавои он ба ихтисор нақл шудааст. Муаллифи «Ниҳоят ул-ираб» матолиби достони мазкурро нисбатан муфассал аз қавли Ибни Муқаффаъ нақл кардааст [87, 82-85]. Ибни Муқаффаъ дар навбати худ ба «яке аз китобҳои эрониён» истинод кардааст, ки он, зоҳиран, ҳамон китоби ҷудогонаи «Рустам ва Исфандиёр» будааст. Қиссаи ҷанги Рустам бо Исфандиёр ва кушта шудани Исфандиёр дар ин набард, ки меҳвари достони мазкурро фароҳам меовард, дар «ал-Ахбор ут-тивол»-и Абӯҳанифаи Динаварӣ низ нақл шудааст [61, 25-26]. Масъудӣ чанд маротиба аз ҷанги Рустам ва Исфандиёр ёдовар шуда, иттилоъ додааст, ки эрониён ахбори Исфандиёр, кушта шудани ӯ ба дасти Рустам ва кушта шудани Рустам ба дасти Баҳманро дар китоби «Сакисарон», ки онро Ибни Муқаффаъ ба арабӣ даровардааст, шарҳ додаанд [80, I, 221]. Бино бар ин, метавон истинбот кард, ки миёни матолиби ин китоб ва достони «Рустам ва Исфандиёр» умумиятҳое вуҷуд доштаанд. Муфассалтарин нақли достони мазкур ба қалами Саолабӣ ва Фирдавсӣ тааллуқ дорад [47, 172-224; 17, VI, 281-428].

«Достони Баҳром ва Нарсӣ». Ибни Надим дар «ал-Фиҳрист» дар ҳамон бахши китобҳое, ки эрониён дар бораи саргузашт ва афсонаҳои рости подшоҳони худ таълиф кардаанд, достони «Баҳром ва Нарсӣ»-ро зикр карда, вале ишорае ба мутарҷими ин достон ва мӯҳтавои он накардааст [86, 364]. Дар манобеи қуруни нахустини исломӣ низ ишорае сареҳ ба ин достон ба назар намерасад, вале шарҳи салтанати подшоҳони эронӣ, ки номҳои «Баҳром» ва «Нарсӣ» доштаанд, дар ағлаби таворихи исломӣ мундариҷ аст. Дар миёни ин Баҳромҳову Нарсиҳо касоне, ки ба тақозои унвони достони мавриди назар ба ҳам дар иртибот бошанд ва гузашта аз ин, саргузашт ва аъмолашон сазовори мавзӯи як достон шуда тавонад, ду нафар шоҳони сосонӣ: Баҳром ибни Баҳром ва бародари ӯ – Нарсӣ ибни Баҳром ҳастанд, ки паси ҳам салтанат рондаанд. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар мавриди салтанати онҳо чизе ҷуз аз панду андарзҳояшон ҳини ҷулус ба тахти шоҳӣ зикр нашудааст [17, VII, 300-306].

Дар «Муруҷ уз-заҳаб» як қиссаи тамсилие аз рӯзгори Баҳром ибни Баҳром нақл шуда, ки он боиси ба роҳи адолату инсоф баргаштани ин шоҳи сосонӣ мегардад. Хулосаи қисса ин аст, ки худхоҳӣ ва такаббури Баҳром мулкро ба табоҳӣ ва киштзоронро ба харобӣ оварда. Рӯзе ҳангоми мурур аз харобазоре бонги ду ҷуғзеро шунид ва аз мӯбадон мӯбад шарҳи гуфтори ин ду паррандаро пурсид. Мӯбадон мӯбад гуфтори онҳоро тавре тавҷеҳ кард, ки Баҳром аз он панду андарз барои худ гирифт, адлу адолат ва хайру сахоро пеша кард. Мулки ӯ ободон ва харобаҳо гулистон шуданд. Пас аз ӯ бародараш – Нарсӣ ба тахт нишаст ва шеваи кишвардории бародарро пайравӣ кард [80, I, 246-248].

Қиссаи ба роҳи адлу инсоф баргаштани Баҳром дар «Ниҳоят ул-ираб» низ нақл шуда, вале дар ин ҷо ҳикояте, ки боиси ин роҳро пеш гирифтани шоҳи сосонӣ мешавад, куллан дигар аст. Тибқи ин ҳикоят, сарони кишвар худро аз шоҳ канора мегиранд ва касе ба назди ӯ намеравад. Баҳром дар танҳоӣ мефаҳмад, ки шоҳии ӯ бо раият арзиш дорад ва сирату сулуки худро тағйир медиҳад. Пас аз ӯ бародараш – Нарсӣ ба тахт нишаста «сирату

суннати ўро иқтидо мекунад» [87, 212-213, 216-217]. Аз имкон дур нест, ки матолиби мазкур мавзўи достони «Баҳром ва Нарсӣ»-ро фароҳам оварда бошанд.

Достони «Доро ва бути заррин». Яке дигар аз достонҳои паҳлавӣ, ки тарҷумаи он ба арабӣ дар «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим ба қайд омадааст, «Доро ва-с-санам аз-заҳаб» (Доро ва бути заррин) ном доштааст. Дар кутуби таъриху адаби куҳан асаре аз ин достон ва номи мутарҷими он боқӣ намондааст. Дар ағлаби таърихномаҳои исломӣ қиссаи таваллуди Доро, дар сандуқчае ба об афкандани ў аз ҷониби модараш - Ҳумой, онро аз об баровардани козуре ва Дороро тарбия кардани ў, расидани Доро ба тахти шоҳӣ, пирўзиҳои вай ба лашкари Рум ва соири кишварҳо баён шудааст [87, 88-89; 99; 47, 227-232; 61, 27-29], вале маълум нест, ки кадом як лаҳзаи ин қиссаи рўзгори Доро мавзўи достони «Доро ва бути заррин»-ро фароҳам оварда будааст. Забеҳуллоҳи Сафо ба таваҷҷўҳ ба ҷанги Доро бо лашкари Шуайби аъробӣ, ки шарҳи он дар «Шоҳнома» омадааст [17, VI, 498-499], ҳадс задааст, ки матолиби достони мавриди назар бояд бо ин ҷанг иртиботе дошта ва он бути заррин, ки дар унвони достон таъкид шудааст, дар сарзамини аъроби аҳди ҷоҳилият ёфта мешудааст [260, 544].

Достони «Шаҳрбароз ва Хусрави Парвиз». Дар қиёс бо достонҳои фавқуззикр аз баъзе осори ҳамосии тоисломӣ дар манобеи арабизабон матолиби бештар ба қайд омадааст. Яке аз ин гуна асарҳо достони «Шаҳрбароз ва Хусрави Парвиз» аст.

Шаҳрбароз аз сипаҳсолорони бузурги аҳди Хусрави Парвиз (590-628) буд, ки дар авохири замони салтанати шоҳи мазкур ҳамвора дар мадори воқеоти сиёсиву аскарӣ қарор гирифт ва дар ҷангҳое, ки миёни Эрон ва Рум ҷараён дошт, нақше муҳим бозид. Ибни Надим дар бахше аз «ал-Фиҳрист»-и худ, ки осори таърихиву ҳамосии тоисломии эрониро баршумурдааст, номи китоби «Шаҳрбароз ва Парвиз»-ро низ ба қайд овардааст [86, 364]. Дар нусхаҳои чопии «ал-Фиҳрист» номи «Шаҳрбароз» дар шакли муҳаррафи «Шаҳризод» ба табъ расида ва аён аст, ки ин таҳриф

дар заминаи мушобиҳати ин ду ном сар задааст. К.А.Иностранцев, ки таҳрифи «Шаҳрбароз» будани вожаи «Шаҳризод»-ро пай набурда, китоби мазкурро аз кутуби афсонаҳо шуморидааст ва, бино ба наздикии «Шаҳризод» ва «Шаҳрзод»-и афсонавӣ, ба иртиботе миёни ин китоб ва «Ҳазору як шаб» қоил будааст [138, 28]. М.Муҳаммадӣ бо ишора ба таҳрифи мазкур достони таърихиву ҳамосӣ будани «Шаҳрбароз ва Парвиз»-ро таъкид карда ва ҳадс задааст, ки онро, зоҳиран, Ҷабала ибни Солим ба арабӣ тарҷума кардааст [294, 171].

Ахбор ва аъмоли Шаҳрбароз ҳам ба василаи тарҷумаи китоби мазкур ва ҳам аз тариқи баргардони «Худойнома» ба забони арабӣ ба манобеи таърихиву адабии қуруни нахустини исломӣ роҳ ёфт. Ҳамин манобеъ буданд, ки баъди аз миён рафтани китоби ҷудогонаи «Шаҳрбароз ва Хусрав» ва «Худойнома» лаҳзаҳои алоҳидаи ин достонро то андозае нигоҳ доштанд ва вуҷуди яке дигар аз достонҳои марғуби тоисломии адабиёти форсу тоҷикро таъйид карданд. Таъкид ҷоиз аст, ки ахбори манобеи мазкур дар хусуси корномаи Шаҳрбароз ва муносибати ӯ бо Хусрави Парвиз мутафарриқ ва дар баъзе маворид мухолиф ба ҳамдигаранд. Зоҳиран, сабаби ин ихтилоф он аст, ки дар ривояти достон баъзан тахайюли бадеӣ аз ҳақиқати таърих дур рафта ва дар ин замина миёни онҳо тафовут ва таноқузе буруз кардааст. Муаллифони манобеъ низ дар баёни ахбору аъмоли Шаҳрбароз гоҳо ба воқеияти таърих такя кардаанд ва гоҳе дигар бофтаи хаёлро ҳақиқат пиндоштаанд. Бо вуҷуди ин, дар заминаи муқобалаву муқоясаи ахбори манобеи қуруни нахусти исломӣ мазмуну мӯҳтавои достони «Шаҳрбароз ва Хусрави Парвиз»-ро, ба ҳадде ки ба асл наздик бошад, метавон барқарор кард. Қабл аз он ки ба ин кор пардозем, бояд ба масъалаи инъикоси корномаи Шаҳрбароз дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дахл намоем. Ҷоиз ба таъкид аст, ки дар «Шоҳнома» номи Шаҳрбароз дар сурати «Гуроз» омадааст ва «Гуроз» шакли форсии вожаи паҳлавии «Вроз» аст, ки пас аз таъриб «бароз» гардидааст. Сониян «Шаҳрбароз» номи рутба буда, аслан ӯ, бино бар

«Шоҳнома», «Фароин» ном доштааст. Дар қиёс бо ахборе, ки дар манобеи қуруни VIII-X дар хусуси Шаҳрбароз зикр шудааст, муаллифи «Шоҳнома»-и безавол достони мазкурро ба ихтисор овардааст [17, IX, 319-328, 393-405]. Сабаби ин амр, аз як тараф, мӯҷазбаёнӣ ва садро яке гуфтани Фирдавсӣ бошад, аз ҷониби дигар, Ҳакими Тӯсӣ баъзе аз лаҳзаҳои достонро фурӯгузор кардааст.

Ҳаминро низ бояд қайд кунем, ки муносибати Фирдавсӣ ба Гуроз (яъне Шаҳрбароз) хушбинона нест ва ӯ дар тавсифи Гуроз сифотеро аз қабили «девсар», «бедоду шум» ва ғайра ба кор гирифтааст [17, IX, 320]. Метавон ҳадс зад, ки чунин муносибат ба Шаҳрбароз аз «Худойнома» - таърихи расмиятёфтаи Сосониён маншаъ гирифтааст, зеро Шаҳрбароз бо он ки аз тухмаи шаҳриёрон набуд, дасти таарруз ба тахти шоҳӣ дароз кард ва муддате кӯтоҳ салтанат бironд. Аз назари расмии дарбор ин «шоҳи бемоя» (таъбири Фирдавсӣ) ғосиби тахти шоҳӣ маҳсуб мешуд ва бадеҳист, ки ҳамин назар дар «Шоҳнома»-и Ҳакими Тӯсӣ низ ҳини сухан аз Гуроз (Шаҳрбароз) тасаллут пайдо кардааст. Дар баробари ин, дар манобеи адабиву таърихӣ лаҳзаҳое аз рӯзгору пайкори Шаҳрбароз ба қайд омадаанд, ки ӯро бар хилофи шоҳи худбину мағрури сосонӣ – Хусрави Парвиз ба ҳайси сипаҳсолори шуҷоъ ва ҷавонмард муаррифӣ мекунанд. Ба ҳадси ғолиб, чунин лаҳзаҳо аз достони ҷудогона доир ба Шаҳрбароз, ки дар миёни мардум ривоҷ дошт ва дар ҷузъиёту тафосил ва арзёбии корномаи ӯ аз таърихи расмии сосонӣ фарқ мекард, маншаъ гирифтаанд. Бо таваҷҷӯҳ ба ин нукот ба шарҳу бозсозии мӯҳтавои достони Шаҳрбароз ва Хусрави Парвиз метавон пардохт.

Бар мабнои ахборе, ки дар манобеи арабӣ доир ба Шаҳрбароз зикр шудааст, достони ӯро метавон шартан ба се бахш тақсим намуд: бахши аввал оғози кори Шаҳрбароз ва пирӯзиҳои ӯро дар ҷанг бо Рум фаро мегирад. Румиён бар қайсари худ Муриқ (ё Мурис), ки падарзани Хусрави Парвиз буд, мешӯранд ва ӯро кушта ба ҷояш Фуқоро ба салтанат мебардоранд. Писари қайсар ба Эрон фирор мекунад ва ба шоҳи сосонӣ

паноҳ меоварад. Хусрави Парвиз, ки дар вақташ аз қайсар дар мубориза бо Баҳроми Чӯбина дастгирӣ ва мадад ёфта буд, ба кинхоҳии қайсар бармехезад. Ӯ се тан аз сардорони хешро ба сипаҳсолорӣ мегузинад ва эшонро бо лашкаре анбӯҳ ба Рум мефиристад. Яке аз ин се сипаҳсолор Шаҳрбароз буд, ки номаш дар иддае аз манобеъ дар гунаҳои муҳаррафи «Шаҳризод», «Шаҳриёр», «Шаҳробароз», «Шаҳрэрон» ва «Шаҳррон» ба чашм мерасад.

Табарӣ, Мискавайҳ ва Ибни Асир, ки ҷанбаҳои адабии достони Шаҳрбарозро дар қиёс бо муаллифони дигар бештар ҳифз карда ва, зоҳиран, ба ҷуз аз «Худойнома» аз ҳамон китоби ҷудогона дар саргузашти Шаҳрбароз бевосита ва ё бавосита огоҳ будаанд, дар мавриди интихоби ӯ ба ҳайси яке аз сипаҳсолорон қиссаи ҷолиберо нақл кардаанд. Бино бар он, дар Форс зане будааст, ки фақат фарзандони далеру шуҷоъро ба дунё меовардааст. Хусрави Парвиз он занро фаро мехонад ва мегӯяд: «Мехоҳам, ки сипоҳе сӯи Рум бифиристам ва яке аз писарони туро солори он кунам. Бигӯ, ки раъйи ту чист ва солорӣ кадоминро диҳам?» Он зан яке аз писаронашро, ки Фаррухон ном дошт, «аз тир гузаротар» ва дигареро, ки номаш Шаҳрбароз буд, «аз санги хоро бурдбортар» тавсиф мекунад ва ҳаққи интихоби яке аз эшонро ба Хусрави Парвиз вомегузорад. Шоҳи сосонӣ Шаҳрбарозро ба солории сипоҳ мегуморад ва Фаррухонро ба ӯ ҳамроҳ карда, ба набарди румиён мефиристад [67, II, 738; 81, I, 197-198; 38, 106]. Шаҳрбароз бо сипоҳи худ Шомро тасхир кард, Байтулмуқаддасро фатҳ намуд ва Қустантанияро ба муҳосира гирифт. Сипаҳсолорони дигар Мисру Искандария ва диёри Нубаро гирифтанд. Шаҳрбароз дар сарзамини румиён тохтутози зиёд кард, шаҳрҳои онҳоро вайрон намуд ва ғаноими зиёде ба даст овард. Дар Байтулмуқаддас ӯ ба чӯби салибе, ки, ба ақидаи насрониён, Исоро бар он салб карда будаанд, даст ёфт. Он салиб дар сандуқи заррин дар бӯстоне мадфун буд. Шаҳрбароз дар мутолабаи салиб яке аз роҳибонро ба қатл овард, дигарон филҳол ҷои онро нишон доданд.

Шаҳрбароз салибро ба Хусрави Парвиз фиристод [81, I, 195; 2, I, 624; 46, 346].

Сипоҳиёни Шаҳрбароз румиёнро хеле ба танг оварданд. Онҳо бар қайсари худ – Фуқо шўриданд ва ба ҷои ў Ҳирақл (Гераклиус) –ро ба тахт шинонданд. Бино ба ишорае, ки дар «Китоб ут-тоҷ»-и мансуб ба Ҷоҳиз рафтааст, румиён ба Шаҳрбароз пешниҳоди сулҳ карданд, вале аз ў ҷавоби рад гирифтанд [51, 241-242]. Қайсар хост, ки аз роҳи баҳр бо Шаҳрбароз муқобилат кунад. Аз ин рў, ў ҳазор киштӣ омода кард, молу сарвати зиёд ва силоҳу олоти ҷанг ба онҳо интиқол дод [80, I, 272]. Вале ҳамон шаб тўфони сахт сурат гирифт ва тундбоде пуршиддат вазида, тамоми киштиҳоро аз ҷои исташон барканд ва ба ҷонибе ронд, ки лашкаргоҳи Шаҳрбароз буд. Ҳамин тавр, Шаҳрбароз бо ҳукми қазо ба ин киштиҳои пур аз ганҷу амвол даст ёфт ва онро ба Хусрави Парвиз фиристод. Хусрави Парвиз аз дидани ганҷҳои хазинаи қайсари Рум дар шигифт афтод. Пас, ў дастур дод, ки барои ин ғаниматҳо ганҷхонае ихтисос бидиҳанд ва онро «Ганҷи бодовард» хонданд [51, 242; 80, I, 272; 47, 390-391; 6, 102]. Пирўзӣ бар румиён боиси шўҳрати тамом ёфтани Шаҳрбароз ва аз мақоми рафеъ бархурдор шудани ў дар назди Хусрави Парвиз гардид.

Пас аз ин воқеоте рўй намуданд, ки онҳоро метавон ба бахши дувуми достони Шаҳрбароз ва Парвиз мансуб донист. Қайсари Рум Ҳирақл пас аз нокомиҳои нахуст дар набард бо сипоҳи Эрон муваффақ шуд, ки қувва ҷамъ намояд ва ағлаби сарзаминҳоеро, ки лашкари Шаҳрбароз истило карда буд, бозпас бигирад. Қайсари Рум соли 628 қасри Хусрави Парвизро дар Дастгирд забт намуда, сипас пойтахти шоҳаншоҳии Сосониён – Мадоинро муҳосира кард.

Хусрави Парвиз аз сардорони лашкари худ, хоссатан Шаҳрбароз бадгумон шуд ва дар садади уқубати ў буд. Вале дере нагузашт, ки ҳавои гирифтани тахти шоҳӣ аз Хусрави Парвиз ба сари писараш - Шерўя афтод. Дар ин амр саронисипоҳ, ки аз Хусрави Парвиз норозӣ буданд, бо ў ҳамдостон гардиданд. Дар натиҷа, бо қайсари Рум ақди сулҳ баста шуда,

Шерӯя ба сарири шоҳӣ нишаст ва падарашро ба қатл расонид. Ҳамин ҳақиқати таърих дар достони Шаҳрбароз ба доираи тахайюл кашида шуда, тибқи қавонини маъмули қиссапардозӣ обуранги бадеӣ касб кардааст.

Дар доираҳое, ки ин достон эҷод шудааст, зоҳиран кӯшиш ба харҷ рафтааст, ки нокомиҳои сипоҳи Сосониён дар набард бо Рум дар ҳолае аз афсона ва дар сурате қобили тавҷеҳ намудор гардад. Чунончи, оғози ҳамлаи румиён ба Эрон ба хоб дидани Ҳирақл вобаста гардидааст. Бино ба ривояти Табарӣ ва Мискавайҳ, қайсари Рум паёпай се шаб дар хоб мардеро дид, ки занҷире дар даст дошт ва онро бар гардани марде, ки бар ҷойгоҳи баландтар истода буд, афканд ва ӯро ба қайсар супорид. Чун қайсар хоби худро ба аҳли раъйи хеш баён намуд, эшон хобро ба ҳайси башорати пирӯзии Рум бар Эрон таъвил карданд ва қайсарро ба набард бо Хусрави Парвиз тарғиб ва таҳрис намуданд [67, II, 735; 81, I, 195-196]. Ҳирақл омодаи ҷанг шуд ва, чунон ки зикраш рафт, то ба пойтахти Сосониён расид.

Аз сиёқи ривояти Табарӣ ва Мискавайҳ, ки ҳуҷуми румиёнро ба Эрон нисбат ба соири манобеъ ботафсилтар баён кардаанд, бармеояд, ки Шаҳрбароз бо сипоҳи хеш дар марзи Эрону Рум урду зада буд ва Хусрави Парвиз ба ӯ дастур дода буд, ки он ҷо бимонад. Бино бар ин, ӯ ба Ҳирақл, ки аз ҷое дигар ба Эрон ворид гардида буд, муқобилате нишон надод [67, II, 736; 81, I, 196]. Бар хилофи ин, дар манобеи дигар, аз қабили «Ахбор ут-тивол»-и Динаварӣ, «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Таҷоруб ул-умам фи ахбор мулук ал-араб ва-л-аҷам» таъкид шудааст, ки Шаҳрбароз ва бародараш – Фаррухон дар ҷанг бо Ҳирақл мунҳазим шуданд [61, 106; 2, I, 626; 81, 346].

Ҳазимати сипоҳи Эрон дар набард бо Рум боиси хашмгинии Хусрави Парвиз аз сарони лашкари хеш, аз ҷумла Шаҳрбароз гардид ва мухолифатро миёни эшон барангехт. Дар манобеи адабиву таърихӣ сабабҳои дигари ихтилофи Шаҳрбароз бо Хусрави Парвиз низ баён шудааст, ки дар зоҳир бо ҳазимати сипоҳи Эрон аз Ҳирақл рабте

надоранд. Аз ҷумла, дар «Китоб-ут-тоҷ»-и мансуб ба Ҷоҳиз омадааст, ки Шаҳрбароз пас аз чира шудан бар румиён ва фиристодани «Ганҷи бодовард» ба Хусрави Парвиз дар назди шоҳи сосонӣ соҳиби эҳтиром ва нуфузи тамом гашт. Аз ин мақоми рафеи Шаҳрбароз яке аз надимони Хусрав, ки Руста ном дошт, норозӣ ва дилтанг буд ва Хусравро ба гумонбарӣ аз он ки Шаҳрбароз на ҳамаи ганҷҳоро фиристода ва бо ин ба шоҳ хиёнат кардааст, водошт. Хусрави Парвиз низ бадгумон шуд ва Руста маслиҳат дод, ки ӯро таъҷилан аз сарҳади Рум ба Мадоин даъват кунад. Ӯ бо ганҷу хостаи худ хоҳад омад ва чизе, ки пинҳон карда буд, аён хоҳад шуд. Хусрави Парвиз ба Шаҳрбароз пайке фиристод ва ӯро ба Мадоин даъват кард. Шаҳрбароз, ки аз бадгӯии Руста ва бадгумонии шоҳ огоҳӣ ёфта буд, даъватро иҷобат накард.

Хусрав пас аз ин низ ду нома ба Шаҳрбароз бо амри ҳозир шудан ба пойтахт бифиристод, вале ӯ гардан нафароварда, зеро ба қасди бади шоҳ яқин ҳосил карда буд. Хусрав, чун дарёфт, ки Шаҳрбароз аз ӯ бадгумон шудааст ва ба дарбор ҳозир нахоҳад шуд, ба бародари ӯ – Фаррухон нома навишт, ки Шаҳрбарозро аз сипаҳсолорӣ сабукдӯш кардааст ва мансаби фармондеҳиро ба ӯ супоридааст, агар Шаҳрбароз ба он розӣ нашавад, бо ӯ биҷангад. Шаҳрбароз макру найранги Хусрави Парвизро ба Фаррухон бифаҳмонд ва ду бародар ба қайсари Рум мутамоил гаштанд [51, 242-244].

Табарӣ, Мискавайҳ ва Абулҳасани Омирӣ ахбореро зикр кардаанд, ки, зоҳиран, маншаи ягона дошта, сабаби ихтилофи Шаҳрбарозро бо Хусрави Парвиз ба воқеаи дигар вобаста мекунад. Тибқи ин ахбор, пас аз ғалаба бар румиён Фаррухон рӯзе ҳангоми сармастӣ мегӯяд, ки ӯ дар хоб худро дар тахти Хусрав дидааст. Ин хабар ба Хусрави Парвиз мерасад ва ӯ ба Шаҳрбароз нома фиристода, сари бародарашро талаб мекунад. Шаҳрбароз аз иҷрои ин амр худдорӣ намуда, ба Хусрав менависад, ки ба диловариву шуҷоат мисли Фаррухон ҷанговареро пайдо кардан душвор аст. Хусрав навишт, ки дар сипоҳи Эрон мисли Фаррухон зиёданд ва дар куштани ӯ исрор кард. Шаҳрбароз ин дафъа низ аз иҷрои фармон даст кашид. Нофармонии Шаҳрбароз Хусрави Парвизро ба ғазаб оварда ва ӯ номаи

сеюм фиристод ва куштани Фаррухонро шадидан талаб намуд, вале ин дафъа низ Шаҳрбароз аз иҷрои амри шоҳ худдорӣ намуд.

Пас аз ин Хусрави Парвиз ба урдугоҳ расуле фиристод ва ба василаи ӯ аз мансаби фармондеҳи лашкар халъ кардани Шаҳрбароз ва ба ҷои ӯ таъйин кардани Фаррухонро эълон намуд. Шоҳ ба расул дастур дод, ки чун Фаррухон зимоми умури лашкарро ба даст гирад, номаи Хусрави Парвизро ба ӯ диҳад, ки дар он қатли Шаҳрбароз ва фиристодани сари ӯ ба Хусрави Парвиз талаб карда мешуд.

Чун расул ба урдугоҳ расид ва фармони Хусравро эълом дошт, Шаҳрбароз бо итоати тамом зимоми умури лашкарро ба бародараш супорид. Расул номаи шоҳро ба Фаррухон дод ва ӯ тибқи фармон хост, ки Шаҳрбарозро сар занад. Шаҳрбароз аз бародар хоҳиш кард, ки ба ӯ каме вақт диҳад, то васияти худро нависад. Фаррухон розӣ шуд. Шаҳрбароз сандуқчаеро талаб кард, ки дар он номаҳои Хусрави Парвиз маҳфуз буд. Ӯ онҳоро ба бародар дод ва гуфт, ки ин се номае, ки шоҳ ба ман фиристода ва куштани туро талаб карда буд, ман се дафъа амри ӯро рад кардам ва ту бо як нома мехоҳӣ маро сар занӣ. Фаррухон, чун аз вазъи ҳол огоҳ гашт, мансаби фармондеҳиро ба Шаҳрбароз баргардонид ва аз иҷрои амри Хусрави Парвиз даст кашид [67, II, 739-740; 81, I, 198-199; 68, 323].

Пас аз ин, Шаҳрбароз ба қайсари Рум рӯй овард ва дар мубориза бо Хусрави Парвиз бо ӯ ҳамраъй гардид. Ин лаҳзаи достонро Ҷоҳиз, Табарӣ, Мискавайҳ ва Абулҳасани Омирӣ бо тафовутҳое андак ба қайд овардаанд. Тибқи ривояти эшон, Шаҳрбароз ба қайсари Рум нома навишт ва изҳор кард, ки коре бо ӯ дорад, ки онро ба расул наметавон гуфт ва дар нома наметавон навишт. Аз ин рӯ, аз қайсар хоҳиши мулоқот кард ва талаб намуд, ки бо худ беш аз панҷоҳ нафар румиён надошта бошад ва ӯ низ ҳамин миқдор ҳамроҳон хоҳад овард. Қайсар ин талаби ӯро иҷобат кард. Мулоқоти эшон бо ширкати тарҷумоне доир гардид ва ҳар ду ба набарди Хусрави Парвиз тасмим гирифтанд. Пас яке аз эшон ба дигаре гуфт, ки аз розе, ки дар миёни ду кас бошад, набояд каси дигаре воқиф бошад. Дигаре онро тасдиқ кард. Пас, ҳар ду бархостанд ва бо корде, ки бо худ

доштанд, тарҷумонро бикуштанд, то роз нуҳуфта бимонад [51, 245; 67, II, 740-741; 81, I, 199-200; 68, 323-324].

Пас аз ҳамдаст шудан бар ҷанг бо Хусрави Парвиз, тибқи ривояти «Китоб ут-тоҷ», Шаҳрбароз аз қайсар хоҳиш кард, ки лашкарро ӯ сарварӣ кунад, зеро аз ҳилаву найранги Хусрав огоҳ аст, вале қайсар ин хоҳишро напазируфт ва гуфт, ки худ бо Хусрав меҷангад ва Шаҳрбароз бояд дар мавқеи худ биистад. Шаҳрбароз инро қабул кард, вале иҷозат хост, ки нақшаи ҷангро тарҳрезӣ кунад, ки риояти он боиси пирӯзӣ хоҳад шуд. Қайсари Рум аз рӯи нақшаи Шаҳрбароз пеш омад ва то Наҳравон расида, он ҷо лашкаргоҳ кард ва ба ҷанг омода шуд. Хусрави Парвиз аз хабари расидани лашкари анбӯҳи Рум, ки иборат аз чаҳорсад ҳазор сарбоз буд, музтарибҳол гардид, зеро тавону имкони муқобала надошта, лашкар ва сарони он аз бедодии ӯ пароканда шуда буданд [51, 245]. Пас Хусрави Парвиз даст ба ҳила зад, ки шарҳи он дар «Китоб ут-тоҷ»-и мансуб ба Ҷоҳиз, «Таҷоруб ул-умам»-и Мискавайҳ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо тафсили бештар ва дар «Муруҷ уз-заҳаб»-и Масъудӣ мухтасаран ба қайд омадааст. Бино ба ривоёти манобеи мазкур, Хусрави Парвиз яке аз тарсоёнеро, ки аз марҳамати шоҳи сосонӣ бархурдор буд, ба назди худ хонда, асоеро ба ӯ супорид ва гуфт, ки онро бояд ба назди Шаҳрбароз барад ва ҳатман ба дасти ӯ супорад. Дар бадани асо номае ба Шаҳрбароз пинҳон буд. Дар он Хусрави Парвиз навишта буд, ки чун ин нома ба ту расад, дар пойтахти Рум хонаҳоро оташ зан, сарбозонро бикуш ва хонадони қайсарро ба асирӣ гир ва сарваташонро ба ғорат деҳ. Ин корро дар фалон рӯзу соат кун, ки дар он вақт сипоҳиёни ман аз ин ҷониб ба лашкари қайсар ҳуҷум хоҳанд овард». Хусрави Парвиз он марди тарсоро пулу сози сафар дод ва таъкид кард, ки он асо ба румиён наафтад ва ҳатман ба худи Шаҳрбароз бирасад.

Марди тарсо ба роҳ баромад ва чун аз Наҳравон - аз назди лашкаргоҳи румиён мегузашт, овози ноқусҳои румиён ба гӯшаш расид, ки ба ибодат даъват мекарданд. Марди тарсо аз шунидани ин овоз мутаассир

гашт ва аз он ки ба роҳи хиёнат ба ҳамкешони хеш ва иҷрои фармони шоҳи ситамкори сосонӣ пой гузоштааст, пушаймон шуд. Ӯ ба лашкаргоҳи румиён рӯй овард ва асоро ба қайсар дода, достони худ ва Хусрави Парвизро ба ӯ бозгуфт. Қайсар аз даруни асо номаи Хусрави Парвизро ба Шаҳрбароз пайдо кард, онро хонд ва ҳамчунон ки шоҳи сосонӣ мехост, бовар кард, ки Шаҳрбароз бо румиён ҳилаву найранг кардааст [51, 246-247; 81, I, 216-219; 17, IX, 321-324; 80, I, 242].

Аз ин пештар Хусрав расуле дигар гусел карда буд, ки роҳро кӯтоҳ карда ва аз урдугоҳи румиён гузашта ва чунин вонамуд карда буд, ки расуле аз ҷониби Шаҳрбароз аст ва номае ба сӯи Хусрави Парвиз мебарад. Дар нома аз номи Шаҳрбароз омада буд, ки «шоҳаншоҳ, ба ман фармон дода будӣ, ки ба қайсари Рум наздик шавам ва ӯро фиреб дода, роҳи пешравии ӯро ба Эрон боз гузорам, то ту аз пеш ва ман аз қафо бар ӯ битозем. Инак, ман фармонро иҷро кардаам ва интизори раъйи ту ҳастам , ки чӣ ҳангоме бар қайсар битозам».

Ин нома низ, ҳамчунон ки Хусрав мехост, ба дасти қайсар меафтад ва ӯ яқин ҳосил мекунад, ки Шаҳрбароз ӯро фиреб дода, бо Хусрав алайҳи вай забон як кардааст. Қайсар тасмим гирифт, ки ба зудӣ ба кишвари худ баргардад ва ба Шаҳрбароз даст ёфта, ӯро гирифтори ҷазо бикунад. Хусрави Парвиз аз баргаштани сипоҳи румиён хабар ёфта бихандид ва гуфт, ки «номае, ки ба танҳоӣ чаҳорсад ҳазор сарбози ҷангиро шикаст бидиҳад, арҷу мартабаташ бисёр аст, овозаи ӯ ба ҳар ҷо расад ва ҳаргиз аз ёд наравад» [51, 247].

Шаҳрбароз дар марзи Руму Эрон бо сипоҳиёни худ боқӣ мемонад. Дере нагузашта Шерӯя тахти шоҳиро соҳиб мешавад ва падари хеш – Хусрави Парвизро аз байн мебарад.

Пас аз ин дар манобеи адабиву таърихӣ дар хусуси Шаҳрбароз ахбор ва вақоее зикр шудаанд, ки аз тахтхоҳии ӯ, муддати кӯтоҳи салтанат рондан ва кушта шуданаш ҳикоят мекунанд. Вақоеи мазкурро метавон шартан ба қисмати сеюми достони Шаҳрбароз мансуб донист. Ин қисмат

аз ин оғоз меёбад, ки пас аз Шерӯя бузургони давлат писари кӯчаки ӯ – Ардашерро ба тахти шоҳӣ мешинонанд. Бино ба ривояти Табарӣ ва Мискавайҳ, ин кор бидуни маслиҳат бо Шаҳрбароз, ки аз давлатмардони бузурги замон буд ва дар корҳои муҳимми кишвар аз ӯ раъй мехостанд, сурат гирифт ва мунҷар ба он гардид, ки Шаҳрбароз аз итоат ба Ардашер саркашӣ кард ва дар сари худ ҳавои тахту тоҷи Эронро парварид. Пас, бо сипоҳиёни хеш ба сӯи Мадоин ҳаракат ва шаҳрро муҳосира намуд, вале ба он даст наёфт. Чун аз фатҳи Мадоин оҷиз монд, ба ҳила рӯй овард ва ду нафар аз солорони Ардашерро бифиреф т, то онон дарвозаи пойтахтро ба ӯ боз намуданд. Шаҳрбароз вориди шаҳр шуд. Ардашер ва сарони ӯро бикушт ва худ ба сарири шоҳӣ нишаст [67, II, 780-781; 81, I, 222]. Вақоеи мазкур бо тафовутҳое чанд дар «Ғурар ахбор мулук ил-фурс»–и Саолабӣ низ ба қайд омадааст [47, 405-406].

Шаҳрбароз, ки аз дудаи шоҳон набуд, ғосиби тахти шоҳӣ маҳсуб мешуд. Ин маънӣ аз муколамаи зерини ӯ бо писаронаш, ки дар «Ғурар»-и Саолабӣ ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ зикр ёфтааст, низ ҳувайдо аст: Шаҳрбароз рӯзе ба ҳамнишинонаш гуфт, ки як рӯзи зиндагӣ ба подшоҳӣ беҳ аз сад соли зиндагӣ ба ғуломӣ аст. Писари бузургаш ёдовар шуд, ки ту аз дудмони шоҳон нестӣ ва метарсам аз ин, ки подшоҳиро ба ту бознагзоранд. Вале писари хурдии ӯ ин суханро напазируфт ва гуфт, ки кишвардорӣ барои ҳамеша аз они Сосониён нест, Худованд ҷуз онон бандагони шоистае дорад, ки метавонанд беҳтар аз эшон салтанат бironанд [47, 407; 17, IX, 399-400]. Сухани писари хурдӣ ба Шаҳрбароз хуш омада бошад ҳам, писари бузурги ӯ дар пешгӯии хеш хато накарда буд. Дере нагузашт, ки бузургони дарбор подшоҳии ӯро напазируфтанд ва ба куштани ӯ ҳамдостон шуданд.

Саранҷоми зиндагии Шаҳрбароз дар ағлаби манобеъ бо гунаҳои мухталиф тазаккур ёфтааст. Аз ҷумла, Табарӣ фармудааст, ки Шаҳрбарозро Фасфаррух писари Мохуршедон ва ду бародари ӯ, ки ҳар се аз мардуми Истахр ва аз нигаҳбонони шоҳ буданд, ҳангоми аз миёни сафи

нигаҳбонон гузаштани ӯ куштанд ва ресмоне ба пои ӯ андохта, ҷасадашро дар шаҳр кашиданд [67, II, 781-782]. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» номи кушандаи Шаҳрбарозро «Шаҳрон Гурози Истахрӣ» хонда ва вақти кушта шуданашро ҳангоми шикор донистааст [17, IX, 404-405]. Саолабӣ бар он буда, ки Шаҳрбароз дар яке аз шабҳо дар роҳи миёни Ироқ ва Порс аз ҷониби Ҳурмузи Истахрӣ ба ҳалокат расидааст [47, 407]. Аз ишорате, ки дар маохиз рафтааст, метавон истинбот кард, ки дар куштани Шаҳрбароз духтари Хусрави Парвиз – Пурон, ки пас аз Шаҳрбароз ба тахти салтанат нишаст, даст доштааст [84, I, 521; 80, I, 272; 6, 31]. Бино ба ахбори ағлаби манобеъ , подшоҳии Шаҳрбароз ҳамагӣ 40 рӯз идома дошт [67, II, 782; 2, I, 653; 81, I, 223].

Таваҷҷӯҳи афзуни муаллифони манобеи таърихиву адабии асрҳои миёна ба корномаи Шаҳрбароз гувоҳ бар он аст, ки достони ӯ дар адабиёти авохири аҳди сосонӣ ва қуруни нахустини исломӣ аз шӯҳрат ва маъруфияти тамом бархурдор будааст. Ихтилофи манобеъ дар тасвири лаҳзаҳои ҷудогонаи корномаи Шаҳрбароз, ҳамчунин ривоёти гуногуни ин лаҳзаҳо, ки дар фавқ ба он ишора шуд, далел бар он аст, ки хати сужаи достони алоҳидаи «Шаҳрбароз ва Хусрави Парвиз» аз он чӣ дар таърихномаҳои расмии дарборӣ, аз ҷумла «Худойнома» дар бораи Шаҳрбароз ва корномаи ӯ омадааст, то андозае тавофут дошт. Ба занни ғолиб, ин тафовут, аз як тараф, маҳсули тахайюли бадеии эҷодкорони достон бошад, аз ҷониби дигар, натиҷаи кӯшиши таҳиягарони «Худойнома» бар он будааст, ки нокомиҳои сипоҳи Хусрави Парвиз ба «хиёнати» Шаҳрбароз вобаста гардад ва мағлубияти Эрон аз Рум дар сурати қобили тавҷеҳ падидор гардад.

Достони Шарвини Даштбо. Дар манобеи адабиву таърихии куҳан ба иддае аз достонҳои ҳамосии эронӣ ишора рафта, ки дар қарнҳои нахусти ислом мутадовил будаанд, вале номи онҳо дар миёни китобҳое, ки ба арабӣ тарҷума шуданашон дар «ал-Фиҳрист» ба қайд омадааст, ба назар намерасанд. Бино бар ин, метавон ҳадс зад, ки ин достонҳо ба таркиби

кутуби тарҷумашуда, хоссатан «Худойнома» ворид буданд ва ё ба ҳайси осори ба сари худ мустақил дар ривояти шифоҳӣ миёни мардуми эронинажод мутадовил будаанд.

Дар ҳар сурат, ин қиссаву достонҳо падидае аз ҳаёти адабии халқҳои эронӣ дар асрҳои VIII-IX буда, таҳқиқ дар онҳо метавонад ҳалқаҳои мафқуди занҷираи адабиву фарҳангие, ки Аҷами зардуштиро бо Эронзамини исломӣ мепайвандад, барқарор намояд.

Яке аз ҳамин гуна достонҳо қиссаи «Шарвини Даштбо» аст. Ба ин достон дар иддае аз манобеи адабиву таърихӣ ишора рафтааст, ки қадимтарини онҳо қасидае аз шоири бузурги арабизабон Абӯнувоси Аҳвозӣ (762-813) ба шумор меравад. Қасидаи мазкур, ба сабаби он ки бо аносири форсии маънавию луғавӣ мамлӯъ аст, ба унвони «форсиёт» мавсум гашта ва аз девонҳои матбӯи шоир берун мондааст. Донишманди маъруфи Эрон Муҷтабои Минавӣ онро аз рӯи чанд нусхаи дастнависи девони Абӯнувос, ки тадвину шарҳи он ба адиб ва муаррихи арабизабон Ҳамзаи Исфаҳонӣ (883-961) ихтисос дорад, ба табъ расонида ва вожаву таъбироти душворфаҳми онро, ки аксаран паҳлавӣ ҳастанд, тавзеҳ додааст [303, 49-67].

Дар қасида шоир дар пайравӣ аз суннати зардуштӣ силсилаи савгандҳоро зикр карда, аз ҷумла бо достони «Шарвини Даштбо» қасам хӯрдааст:

Қасам ба он чӣ аз рамзҳои «Авесто», он китоби Зардушт - пайғамбари маҷусиён мехонанд.

Қасам ба он чӣ аз «Шарвини Даштбо» ва аз фаргардҳо (бобҳо)-и «Ромину Вис» мехонанд…

Дар ин абёт Абӯнувос «Шарвини Даштбо»-ро пас аз «Авесто» ва дар радифи «Вису Ромин» зикр карда, мактуб ва мудавван будани онро мисли ду китоби дигар таъйид кардааст.

Аз лиҳози қидмати замон дуюмин маъхазе, ки роҷеъ ба Шарвини Даштбо иттилое ба даст медиҳад, «ал-Ахбор ут-тивол»-и Абӯҳанифаи

Динаварӣ (ваф. тахминан 895) аст. Динаварӣ Шарвинро аз сардорони аҳди Хусрави Анӯшервон ба шумор оварда, пас аз хабари аз ҷониби шоҳи мазкури сосонӣ истило шудани шаҳрҳои мухталифи Шом ва Ҷазира, ки таҳти тасарруфи Рум қарор доштанд, чунин тазаккур додааст: «Сипас қайсар ба Анӯшервон нома навишт ва аз ӯ тақозои сулҳ кард ва аз Анӯшервон хост, ки шаҳрҳое, ки гирифтааст, ба ӯ баргардонад бар ивази он, ки қайсар ҳамасола хироҷ хоҳад пардохт. Нӯшервон хусумат ва душманиро бад медид. Аз ин рӯ, ба он чӣ қайсар пешниҳод кард, ҷавоби мусбат дод ва Шарвини Дастбой [=Даштбо]-ро маъмур кард, то ҳамасола хироҷи қайсарро бигирад ва ба ӯ бифиристад. Шарвин ҳамроҳи Хурринғуломи маъруфи худ, ки саворкори ҷавонмард ва далер буд, дар дарбори қайсари Рум муқим шуд [61, 69].

Дар «Ниҳоят-ул-ираб фи ахбор мулук-ал-фурс ва-л-араб» ва тарҷумаи форсии асримиёнагии он, ки унвони «Таҷоруб ул-умам фи ахбор мулук-ал-Аҷам ва-л-Араб»-ро дорад, роҷеъ ба Шарвин ба истинод ба Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ахборе дарҷ шудааст, ки он бо ривояти фавқуззикри Динаварӣ мушобиҳати том дорад (ниг.: [87, 325; 81, 293]). Муаллифи «Ниҳоят-ул-ираб» дар таърифи Шарвин навиштааст, ки «ӯ аз аҳли Даштбо буд».

Қиссаи Шарвин бо тафовутҳое чанд дар таворихи дигар низ ба қайд омадааст. Аз ҷумла, Ҳамзаи Исфаҳонӣ дар «Синий мулук-ал-арз ва-л-анбиё»-и хеш бо истинод ба Мӯсои Кисравӣ, ки яқинан ҳамон Мӯсо ибни Исои Кисравӣ – яке аз мутарҷимони «Худойнома»-и паҳлавӣ ба арабӣ аст, қайд мекунад, ки дар таворихи қадима ба сабаби мушобиҳати номҳо аз силсилаи подшоҳони сосонӣ номи Яздигурд – падари Яздигурди базаҳкор ҳазф шудааст. Дар робита ба ин подшоҳ Ҳамзаи Исфаҳонӣ навиштааст, ки ӯ сарвари Шарвини Даштбо ва бар хилофи писари хеш- Яздигурди базаҳкор подшоҳи меҳрубону боотифа буд. Ҳамза дар бораи вафо ба аҳди Яздигурд қиссаи зеринро нақл кардааст: «Яке аз подшоҳони Рум ба ҳангоми фаро расидани маргаш фарзанди кӯчаки худро ба Яздигурд супурд ва аз вай хост, ки ҷонишине барои ӯ ба билоди Рум фиристад, то

ўҳдадори корҳои писар бошад, то он гоҳки ба синни мардӣ бирасад. Яздигурд Шарвини Барниён – раиси вилояти Даштборо ба Рум фиристод ва фармонравоии он ҷоро бад-ў супурд. Вай пас аз бист соли ҳукумат билоди Румро ба дасти писари подшоҳи Рум супурд, ҷуз шаҳре, ки онро Бошарвон номид ва ин ҳамон шаҳре аст, ки пас аз таъриб Боҷарвон хонданд». [57, 14-15].

Дар «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас», ки дар соли 1126 аз ҷониби муаллифи маҷҳул таълиф шудааст, ахбори Ҳамзаи Исфаҳонӣ доир ба амонат ва вафо ба аҳди Яздигурд, ирсоли Шарвини Даштбо ба Рум ба муддати бист сол ва бунёди шаҳри Бошарвон аз ҷониби ў такрор шудааст [76, 86] ва аён аст, ки ин матолибро муаллифи «Муҷмал-ут-таворих» аз таърихномаи Ҳамза иқтибос кардааст. Дар айни ҳол муаллифи «Муҷмал ут-таворих» матолиберо доир ба достони Шарвин зикр кардааст, ки он дар манобеи дигар ба чашм намерасад. Аз ҷумла, дар ҳамон бобе аз китоб, ки сухан аз бузургони рўзгори ҳар як аз подшоҳони эронӣ меравад, муаллиф овардааст, ки «Андар аҳди Яздигурд ибни (Ҳур)-муз қиссаи Шарвин ва Хуррин будааст ва он, ки Рум хонанд, (на) Рум будааст. Ва шунидаам, Рум(ро) Ҳулвон хондаанд. Ва он то…, ки Хуррин ўро бикушт, роҳ (яъне фосила) доштааст, он ҷо, ки акнун «Тоқи Гарро» хонанд. Ва Шарвинро он зани ҷоду дўст гирифт, ки «Марияҳ» хонандаш ва ўро муддате он ҷо бибаст, чунон ки дар қисса гўянд ва Худой донад кайфияти он. Ва андар «Сияр ул-мулук» гуфтааст, ки Шарвин(ро) Нўшервони Одил ба Рум бигзошт, то хироҷ бистонад…Валлоҳу аълам биҳи» [76, 95]. Дар «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ низ ба қиссаи Шарвин ишорат рафта, замони зиндагӣ ва пайкори ў ба давраи шоҳии Шопури дуюм интисоб ёфтааст [78, 110].

Ҳамдуллоҳи Муставфӣ достоне маъруф будани қиссаи Шарвинро сареҳан таъкид карда навиштааст: «Номи Шарвин дар ашъори паҳлавӣ бисёр аст. Китобе аст дар ишқномаи ў, «Шарвиниён» хонанд» [78,110].

Чунон ки аён аст, ахбори манобеи адабиву таърихӣ доир ба Шарвин ва достони марбут ба ӯ, бо вуҷуди он ки аз нукоти норавшан ва ғомиз холӣ нестанд, имкон медиҳанд, ки чанде аз лаҳзаҳои достон ба доираи тасаввур ва ё тахмин кашида шаванд:

1. Куллияи манобеъ ба он тасреҳ кардаанд, ки Шарвин аз сардорони номовари сосонӣ буда, раёсати ноҳияи Даштборо ба ӯҳда доштааст. «Даштбо» (ё «Дастбо» дар шакли муарраб), бино ба навиштаи Ёқути Ҳамавӣ, ноҳияте байни Рай ва Ҳамадон ба шумор омада, баъдан дар ҷои он шаҳри Қазвин бунёд шудааст [90, II, 573, 607].

2. Асҳоби таворих дар таъйини замони Шарвини Даштбо ба ҳам ихтилоф варзидаанд. Ин ихтилоф аз гуногунии манобеи ахбор сар задааст. Чунончи, муаллифони «ал-Ахбор ут-тивол», «Ниҳоят-ул-ираб» ба Ибни Муқаффаъ, ки манзур аз ӯ «Худойнома» ё «Сияр ул-мулук»-и ба арабӣ тарҷумакардаи ӯст, истинод кардаанд. Аз ин бармеояд, ки дар «Худойнома»-и мазкур замони зиндагии Шарвин ба аҳди Хусрави Анӯшервон интисоб ёфта будааст.

Муаллифони «Синий мулук-ал-арз ва-л-анбиё» ва «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» бо истинод ба Мӯсо ибни Исои Кисравӣ, ки низ яке аз мутарҷимони «Худойнома» ба арабӣ буд, Шарвинро сардори замони подшоҳии Яздигурд – падари Яздигурди базаҳкор донистаанд. Ин амр аз ҳамдигар тафовут доштани таҳрирҳои мухталифи «Худойнома»-ро, ки дар таърихномаи Ҳамзаи Исфаҳонӣ низ бад-он ишорат рафтааст [57, 13], тасдиқ мекунад.

Манбаи ахбори Ҳамдуллоҳи Муставфӣ – муаллифи «Таърихи гузида», ки Шарвинро аз риҷоли замони Шопури дуюм донистааст, маохизе ҷуз аз он будааст, ки муаллифони таърихномаҳои фавқуззикр ба онҳо истинод кардаанд. Фузун бар ин, Ҳамдуллоҳи Муставфӣ бо он, ки аз Қазвин, яъне аз ҳамон мавзее, ки Шарвин дар аҳди Сосониён сардори он буд, бархостааст, метавонист аз қиссаву ривоятҳо ва ашъоре, ки миёни мардуми Қазвин роҷеъ ба Шарвин мутадовил буд, истифода намояд.

3. Ихтилофи манобеи таърихӣ дар таъйини замони зиндагии Шарвин касро ба тахмине водор мекунад, ки шояд сурати нахусти достон хеле пештар аз замони Шарвини таърихӣ арзи вуҷуд карда, дар ҷараёни таҳаввули баъдӣ дар заминаи мушобиҳати вақоеъ ва ҳаводиси он бо саргузашти Шарвини Даштбо – ин сардори номвари аҳди Хусрави Анӯшервон ба қаҳрамони достон табдил ёфта бошад.

4. Дар куллияи манобеи фавқуззикр корномаи Шарвин бо Рум пайванд аст, вале дар ваҷҳи ирсоли Шарвин ба он кишвар асҳоби таворих ба ду даста ҷудо шудаанд: дастаи аввал, ки ба Ибни Муқаффаъ истинод кардаанд, бар онанд, ки Анӯшервон Шарвинро барои ҷамъи хироҷи Рум ба он кишвар ирсол кард. Дастаи дуюм бо такя ба Мӯсо ибни Исои Кисравӣ муқим шудани Шарвинро дар Рум ҷиҳати ӯҳдадории корҳои фарзанди қайсар то ба синни булуғ расидани ӯ донистаанд.

Ривояти дастаи аввал ба воқеияти таърих татбиқпазиртар ва бад-ин ваҷҳ ҷанбаи таърихии он қавитар аст, зеро дар таърихномаҳои мӯътабар ба ҳаводиси аз ҷониби Анӯшервон истило шудани шаҳрҳои Шом ва Ҷазира, ки таҳти тасарруфи Рум буданд, ҳамчунин ба боҷ супоридани қайсар ба Анӯшервон борҳо ишорат рафтааст (ниг.: [80, I, 259-260; 67, II, 649]).

Ривояти дастаи дуюм, зоҳиран, ба тасаввуроти мардумӣ доир ба рисолати Шарвин дар Рум алоқаманд аст. Ин ривоят аҳдофи иқомати бистсолаи Шарвинро дар Рум аз лиҳози ахлоқу маънавият накӯтару писандидатар намоён мекунад ва, ба гумони ғолиб, дар достоне, ки ташаккул ёфт, бо ҷанбаи адабии ғолиби худ ҷойгузини воқеияти таърих гардидааст.

5. Дар манобеи таърихӣ дар мавриде чанд ба ғуломи маъруфи Шарвин – Хуррин ишора рафта ва Динаварӣ, чунон ки қаблан зикр шуд, ӯро «саворкори ҷавонмард ва далер» номидааст. Дар ашъори арабие, ки Ибни Фақеҳ дар «Китоб-ул-булдон»-и хеш дарҷ кардааст, як ҷо аз Шарвин ва Хуррин ба унвони «шерони шуҷоъ, диловар ва далер» ёд шуда ва ҷои дигар деворнигорае ба тасвир гирифта шудааст, ки дар он «Шарвин» нишаставу дастор бар сар ва Хуррин «тозон ва дар ҳоли ба нишон

гирифтани ҳайвони зебоe» тавсиф шудаанд [27, 140]. Матолиби мазкур ҳокӣ бар он аст, ки Хуррин пас аз Шарвин дуюмин қаҳрамони достон буда, дар мадори воқeоту ҳаводиси он қарор доштааст.

6. Бар асоси он чӣ дар бораи Шарвин дар манобеи адабиву таърихӣ ба қайд омадааст, бояд эҳтимол дод, ки достони Шарвин достоне таърихиву ишқӣ аз аҳди Сосониён буда, мӯҳтавои он аз баёни бадеии саргузашти Шарвин дар Рум ва моҷароҳои ошиқонаи ӯ фароҳам омадааст. Бар нуфузи ҳаводиси ошиқона дар достон чанд нукта далолат мекунад. Аввалан, Абӯнувос дар қасидаи фавқуззикри худ онро дар радифи достони ошиқонаи «Вису Ромин» оварда ва, зоҳиран, бо ин ба шабоҳати мӯҳтавои ин ду достон ишора кардааст. Сониян, Ҳамдуллоҳи Муставфӣ тасреҳ кардааст, ки достони Шарвин «китобе аст дар ишқномаи ӯ, «Шарвиниён» хонанд».

7. Ишораи муаллифи «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» ба зани ҷодуе, ки Шарвинро дӯст дошта ва ӯро муддате бубастааст, гувоҳ бар он аст, ки дар достони Шарвин мисли дигар достонҳои таърихии Эрони тоисломӣ саргузашти қаҳрамони асосӣ бо аносири афсонавӣ омезиш ёфта будааст.

8. Аз тасвири симои Шарвину Хуррин дар деворнигорае ва вуҷуди силсилаи ашъоре бо номи «Шарвиниён» дар миёни мардум, ки зикраш гузашт, метавон истинбот кард, ки шахсияти Шарвин ва достони марбут ба ӯ дар Эрони тоисломӣ аз шӯҳрати зиёд бархурдор будааст. Ҳарчанд ки тундбоди ҳаводиси таърих асли онро аз байн бурдааст, вале нақше аз он дар манобеи адабиву таърихӣ боқӣ мондааст.

Ҳамин тариқ, дар асрҳои VIII-IX як идда достонҳои ҳамосиву таърихии роиҷ дар насри паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума гардида, дар муҳити исломӣ шӯҳрат ёфтаанд. Тарҷумаи осори мазкур яке аз риштаҳои борвари адабиёти мансури паҳлавӣ будани достонҳои ҳамосиву таърихиро ба субут мерасонад. Бояд таъкид кард, ки тарҷумаи ин риштаи насри паҳлавӣ ба арабӣ танҳо мунҳасир ба он достонҳое нест, ки дар фавқ зикре аз онҳо рафт. Дар осори адабиву таърихии қуруни вусто ба достонҳое аз қабили

«Ахбори Баҳман», «Ахбори Искандар», «Пирӯзинома» ва ғайра ишора рафтааст (ниг., масалан: [76, 20, 66, 70, 92, 463]) ки матолиби онҳо ба аҳди тоисломӣ оид аст. Ба арабӣ тарҷума шудани онҳо дар манобеъ дақиқан забт нашудааст, вале дар қиёс бо он ки ағлаби осори адабиёти тоисломии эронӣ ба адабиёти форсии дарӣ аз тариқи тарҷума ба арабӣ гузаштаанд, метавон ҳадс зад, ки достонҳои мазкур низ чун ҷузви китобҳои дигар, хоссатан «Худойнома» ба арабӣ тарҷума шуда будаанд.

II.5.3. Достонҳои ишқии паҳлавӣ

Дар миёни осори мансури паҳлавӣ, ки дар қуруни нахустини исломӣ чун китоби ҷудогона ва ё ба ҳайси ҷузъе аз «Худойнома» ба забони арабӣ тарҷума шуда ва баъдан дар адабиёти форсии дарӣ бозсозии манзуми худро дарёфтаанд, чанд достони ишқӣ низ буданд. Бино бар ахборе, ки дар китобҳои таъриху адаби куҳан дарҷ ёфтааст, метавон ҳадди ақал бар тарҷума ва тадовули ду достони ишқии эронӣ дар муҳити он даврон қоил буд: яке аз онҳо достони «Хусраву Ширин» аст.

Қиссаи ишқи Хусраву Ширин, ки мавзӯи достони маъруфи Низомӣ ва осори шуарои дигари форсизабонро фароҳам оварда ва дар «Шоҳнома» низ пораҳое аз он нақл шудааст, дар миёни мардуми Эронзамин аз авохири аҳди Сосониён иштиҳор дошт. Ба ҳадси А.Кристенсен, ҳанӯз қабл аз суқути давлати сосонӣ як ё чанд достони омиёна роҷеъ ба ин мавзӯъ вуҷуд доштааст, ки пораҳои онро ба «Худойнома»-и паҳлавӣ ворид карда будаанд [283, 618]. Бо тарҷумаи «Худойнома» пораҳои ин достон низ кисвати насри арабизабонро ба бар карданд. Ҳамчунин аз эҳтимол дур нест, ки достони мазкур ҷудо аз «Худойнома» ба ҳайси китоби мустақил низ ба арабӣ баргардон шудааст. Ба ҳар ойин, чунин як имконро ишорат ба ин достон ва нақли матолиби он дар манобеи куҳан истисно намекунанд.

Яке аз қадимтарин маохизе, ки дар он ба қиссаи ишқи Хусрави Парвиз ишора рафтааст, шеъре аз шоири арабизабони садри ислом Холид ал-Файёз (ё Қаннос) маҳсуб мешавад. Шоир лаззати Хусрави Парвизро дар

аспаш Шабдиз, карашмаи Ширин, дебо ва бӯи хуш ба шумор оварда, баъдан қиссаи вафоти Шабдиз ва расонидани Борбад ин хабарро ба Хусрав дар қолаби шеъри арабӣ баён кардааст [84, III, 520].

Дигар аз манобеи куҳан, ки маълумоте дар бораи достони «Хусраву Ширин» дар бар дорад, китоби «ал-Маҳосин ва-л-аздод»-и Ҷоҳиз (775-868) маҳсуб мешавад. Дар ин китоб Ширин чун маҳбуба ва зани Хусрави Парвиз дар се маврид ёд шудааст: нахуст, зимни баёни воқеаи пас аз марги Хусрав Ширинро ба занӣ хостани Шерӯя ва худро ҳалок кардани Ширин [53, 167]; сониян, дар шарҳи чавгонбозии Гурдияро наззора кардани Хусрав бо Ширин ва Хусравро аз кайди Гурдия барҳазар доштани Ширин [53, 169]; сеюм, зимни баёни қиссаи «Мушкдона ва Шоҳизанон», ки чанд сафҳа пеш ба мӯҳтавои он ишора рафта буд [53, 201-202]. Зоҳиран, Ҷоҳиз бо тарҷумаи комили ин достон ошно будааст. Ин матлабро нақли қиссаи ахир, ки дар достонҳои форсии «Хусраву Ширин» ба назар намерасад, таъйид мекунад.

Дигар маъхази арабизабон, ки дар он ишорае ба ишқи Хусраву Парвиз рафтааст, як байт шеъри шоири маъруфи араб Ибни Мӯътазз (ваф. 908) ба шумор меояд. Шоир дар як хамрияи худ зимни таъкиди асли эронии соқӣ ӯро аз авлоди Хусраву Парвиз дониста ва бо он вуқуфи худро бар достони мазкур эълом доштааст:

Соқӣ шаробе дод, ки ранги он шабеҳи садбарги рӯяш буд. Ӯ куртаи эронӣ дар бар дошт ва худ аз авлоди Хусраву Ширин буд [32, 439].

Дар таърихномаҳои куҳан низ ба қиссаи Хусраву Ширин ишорате рафтааст. Аз ҷумла, дар номаи Хусрави Парвиз ба Шерӯя, ки Абӯҳанифаи Динаварӣ нақл кардааст, Хусрав аз ҳамсараш – Ширин ёд кардааст [61, 109]. Муқаддасӣ дар «ал-Бадъ ва-т-таърих» навиштааст: «Абарвиз касест, ки фармон дод, то тасвири ӯву аспаш Шабдиз ва маъшуқааш Ширинро дар Қармисин (Кирмоншоҳ) нақш кунанд, то ёдгоре аз вай бимонад» [84, III, 521]. Табарӣ бо шафоати Ширин аз қатли Хусрави Парвиз наҷот ёфтани Яздигурди хурдсолро, ки баъдан ба ҳайси охирин намояндаи дудмони

сосонӣ ба тахт нишаст, нақл карда ва дар номаи Хусрави Парвиз ба Шерӯя низ ӯро чун ҳамсари Хусрав ёд намудааст[67, II, 768-769; 774].

Саолабӣ қиссаи тадбири Ширинро дар ҷалби таваҷҷӯҳи Хусрави Парвиз, ки як муддат ӯро фаромӯш карда буд, нақл карда ба шарҳи аруси Ширин бо Хусрав ва тадбири Хусрав дар баробари бадгӯии бузургон аз ин арӯсӣ пардохтааст [47, 387-388, 391].

Дар манобеъ аз авосити қарни X сар карда дар баробари қиссаи ишқи Хусраву Ширин ба ишқи Фарҳод ба Ширин низ ишораҳо рафтааст. Аз ҷумла, дар як номаи шоири арабизабон Мусъир ибни Муҳалҳил, ки бештар бо куняву нисбаи Абӯдӯлафи Хазраҷӣ ва ба ҳайси яке аз шуарои дарбори Соҳиб ибни Аббод шӯҳрат дорад [48, III, 352-354], дар васфи нақшҳои кӯҳи Бесутун сухан рафта ва амали «Фарҳоди ҳаким» будани он нақшҳо зикр шудааст (ниг.: [293, 141]). Дар тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ ва «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» низ ишораи сареҳ ба муошақати Фарҳоду Ширин рафтааст [2, I, 623; 76, 79].

Бо таваҷҷӯҳ бар он ки қиссаи ишқи Фарҳод ва Ширин бори нахуст дар манобеи миёнаҳои асри X ба зуҳур омада ва ин манобеъ дар қаламрави Эронзамин ва ба забони форсӣ арзи вуҷуд кардааст, метавон истинбот кард, ки дар «Худойнома»-ҳои дар асрҳои VIII-IX ба арабӣ тарҷумашуда сухан танҳо аз қиссаи Хусраву Ширин рафтааст. Қиссаи ишқи Фарҳод ба Ширин бошад, дар асли паҳлавии достон вуҷуд доштааст, вале дар асрҳои VIII-IX дар ривояти шифоҳӣ миёни мардуми эронинажод роиҷ буда, баъдан дар асри X гунаи китобии худро пайдо кардааст.

Аз достонҳои ошиқонаи дигари насри тоисломии эронӣ, ки асаре аз худ дар маохизи арабизабони асрҳои VIII-IX гузоштаанд, яке «Вис ва Ромин» аст, ки аз ҷониби Фахруддин Асъади Гургонӣ дар асри XI дар қолаби шеъри форсӣ бозгӯӣ шудааст [74]. Асли ин достон ба забони портӣ буда, дар аҳди Сосониён ба паҳлавӣ баргардон шудааст [287, 293-319]. Муаллифи «Муҷмал ут-таворих ва-л-қисас» ин достонро аз пардохтаҳои замони Шопур – писари Ардашери Бобакон дониста ва бад-ин маънӣ

овардааст, ки «андар аҳди Шопури Ардашер қиссаи Вису Ромин будааст ва Мӯбад – бародари Ромин соҳиби тарафе буд аз дасти Шопур, ба Марв нишастӣ ва Хуросон ва Моҳон ба фармони ӯ буд» [76, 94].

Роҳе, ки достони «Вис ва Ромин» аз насри паҳлавӣ то шеъри дарӣ паймудааст, дақиқан маълум нест. Тарҷумаи он аз паҳлавӣ ба арабӣ, ки ағлаби осори аҳди Сосониён то расидан ба қаламрави адабиёти форсии дарӣ ин марҳаларо убур кардаанд, дар манобеи куҳан ба қайд наомадааст. Вале дар ҳамон манобеъ ишороте ба ин достон рафтааст, ки аз интишор ва шӯҳрати он дар муҳити асрҳои VIII-IX дарак медиҳад. Аз ҷумла, шоири арабизабони эронитабор Абӯнувос (762-813) дар як қасидаи худ, ки ба он қаблан дар мавриди сухан аз достони «Шарвини Даштбо» ишора рафт, дар пайравӣ аз суннати зардуштӣ силсилаи савгандҳоро зикр карда, аз ҷумла бо номи достони мавриди назар қасам хӯрдааст:

«Қасам ба он чӣ аз рамзҳои «Авесто», он китоби Зардушт- пайғамбари маҷусиён мехонанд;

Қасам ба он чӣ аз «Шарвини Даштбо» ва аз фаргардҳои «Ромину Вис» мехонанд» [303, 54-56].

Гузашта аз Абӯнувос як шоири дигари арабизабони исфаҳонӣ низ ба китоби «Вису Ромин» дар се байти худ ишора кардааст, ки онҳоро Роғиби Исфаҳонӣ дар «Муҳозарот ул-удабо» ба қайд овардааст (ниг.: [304, 76]). Ишороти мазкур ба «Вису Ромин» барои таъйиди тарҷумаи ин достон ба забони арабӣ кофӣ набошад ҳам, пас мутадовил будани онро дар ҳаёти адабии халқҳои эронинажод дар қарнҳои нахусти ислом собит мекунанд.

II.5.4. Афсонаҳои тоисломии эронӣ

Риштаи дигаре аз насри паҳлавӣ, ки осори он дар қарнҳои нахусти ислом ба арабӣ тарҷума гардид ва заминае барои ташаккули як шохаи ҷадид дар насри арабизабон фароҳам овард, афсонаҳои тоисломии эронӣ ба шумор меоянд. Ибни Надим бо таваҷҷӯҳ ба густариши афсонаҳо дар миёни мардуми эронинажод чунин нигоштааст: «Аввалин касоне, ки ба таснифи афсона пардохтанд ва онро ба сурати китоб дароварда ва дар

хазоини худ нигаҳдорӣ карданд ва баъзе аз онҳоро аз забони ҳайвонот нақл намуданд, эрониёни қадим буданд. Пас аз он подшоҳони ашконӣ, ки сеюмин табақа аз табақоти шоҳони Эронанд, дар ин маврид иғроқ карданд. Дар замони Сосониён чизҳое бар он (афсонаҳо) афзуда шуд. Аъроб онҳоро ба арабӣ тарҷума карданд, фусаҳо ва булағо ба таҳзиб ва оростани он афсонаҳо даст заданд ва афсонаҳои дигаре назири онҳо тасниф карданд» [86, 363]. Аз суханони Ибни Надим пайдост, ки афсонапардозӣ дар миёни қавмҳои эронинажод аз қадим маъмул буда, дар аҳди Ашкониён ва Сосониён ривоҷи тамом доштааст. Ҷолиб он аст, ки Ибни Надим на танҳо ба сурати китоб даромадани афсонаҳо, яъне гунаи китобӣ пайдо кардани онҳоро таъкид кардааст, балки номи иддае аз китобҳои афсонаҳои эрониро, ки дар қарнҳои VIII-IX аз ҷониби мутарҷимони эронӣ ба арабӣ нақл ва бозгӯӣ шудаанд, дар «ал-Фиҳрист» номбар кардааст [86, 364]. Дар миёни онҳо муҳимтарин китоб аз лиҳози иштиҳор ва таъсири он ба афсонанигорӣ дар олами ислом «Ҳазор афсон»-и паҳлавӣ маҳсуб мешавад. Соҳиби «ал-Фиҳрист» ин китобро аз нахустин китобҳои таълифшуда дар боби афсона дониста, ангезаи пайдоиши онро чунин шарҳ додааст: «Сабаби таълифи «Ҳазор афсон», ки маънояш «Алф хурофа» аст, ин буда, ки яке аз шоҳони эронӣ зане мегирифт ва як шаб бо ӯ мебуд ва фардои он рӯз ӯро ба қатл мерасонид. Ва боре духтаре аз шоҳзодагонро ба номи Шаҳрзод ба занӣ гирифт, ки бисёр хирадманд ва боҳуш буд. Ҳамин ки ӯро ба даст овард, он духтар забон ба гуфтани афсонае боз карда, суханро то поёни шаб расонид, то ин ки подшоҳ ӯро барои дувумин шаб нигоҳ дорад ва боқии афсонаро аз вай бишнавад. Ҳазор шаб ҳамин гуна сипарӣ шуд ва дар ин муддат шоҳ бо ӯ ҳамбистарӣ дошт. Саранҷом Шаҳрзод фарзанде таваллуд кард ва фарзандро ба подшоҳ нишон дода, аз ҳилааш ӯро огоҳ кард. Подшоҳ хирадмандии ӯро писандид, бад-ӯ дилбастагӣ пайдо кард ва ӯро нигоҳ дошт. Подшоҳро зани коргузоре буд ба номи Динорзод, ки дар он корҳо бо Шаҳрзод ҳамраъй буд.

Гуфтаанд, ки ин китоб барои Ҳумой – духтари Баҳман таълиф шуда буд ва дар ин бора ривояти дигаре низ нақл кардаанд» [86, 363].

Муаллифи «Муруҷ уз-заҳаб» пас аз сухан дар бораи «Ирами зот ул-имод» - шаҳре, ки онро Шаддод ба гунаи ҷаннат дар рӯи замин бино карда буд (дар ин бора ниг.: [140, 101-102]), ахбореро дар бораи он нақл карда ва он ахборро такзиб намуда навиштааст: «Ин ахбор аз қабили китобҳое аст, ки аз форсӣ ва ҳиндӣ ва румӣ нақл ва тарҷума шуда ва тартиби таълифи он чун китоби «Ҳазор афсон», яъне ҳазор «хурофа» аст, ки «хурофа»-ро ба форсӣ «афсон» гӯянд. Имрӯз мардум ин китобро «Алф лайла ва лайла», яъне «Ҳазору як шаб» гӯянд, ки ҳикояти подшоҳ, вазир, духтари вазир ва канизи духтар аст, ки Шаҳрзод ва Динорзод ном доранд» [80, I, 610].

Ибни Надим ва Масъудӣ мутарҷими «Ҳазор афсон»-ро ба арабӣ таъйин накардаанд, вале Абулқосим Абдулазизи Бағдодии Наҳвӣ, ки дар садаи сеюми ҳиҷрӣ – нуҳуми мелодӣ қабл аз Ибни Надим ва Масъудӣ зистааст, «Ҳазор афсон»-ро аз китобҳои тарҷумакардаи Ибни Муқаффаъ ба шумор овардааст (ба нақл аз: [36, 63]). Бино ба навиштаи Ибни Надим, китоби «Ҳазор афсон» муштамил бар ҳазор шаб ва камтар аз дусад афсона будааст ва нақли баъзе аз афсонаҳо чандин шаб идома меёфтааст [86, 363].

Тарҷумаи арабии «Ҳазор афсон»-и паҳлавӣ мавриди истиқбол ва пайравии адибони арабизабони исломӣ қарор гирифт. Дар садаи X мелодӣ адиби маъруфи араб Ҷаҳшиёрӣ дар садади ҷамъ овардани ҳазор афсона аз афсонаҳои арабӣ, эронӣ ва румӣ шуд, вале танҳо 480 афсонаро ҷамъ оварда тавонист, ки ҳар яке маъмулан дар ҳудуди 50 варақ барои як шаб таълиф шуда буданд [86, 363-364].

Пас аз Ҷаҳшиёрӣ адибони дигари арабизабон низ ба ҷамъ, таълиф ва тадвини афсонаҳо пардохтанд ва ҳосили кори онҳо «Ҳазору як шаб» аст, ки шӯҳрати ҷаҳонӣ касб кардааст. Ба иттифоқи орои аҳли таҳқиқ, аз қабили Де Гуе, Т.Нелдеке, А. Мюллер, И.Э. Оструп ва дигарон «Ҳазору як шаб» аз се даста афсонаҳо фароҳам омадааст: якум, афсонаҳои эронӣ, ки асоси «Ҳазору як шаб»-ро фароҳам оварда ва аз «Ҳазор афсон»-и паҳлавӣ

гирифта шудааст; дуюм, афсонаҳои исломӣ, ки дар Бағдод ба он изофа шудаанд; сеюм, афсонаҳое, ки баъдан дар Миср ба он илова гардидаанд (ниг.: [294, 186-187; 95, 163-190]).

Ибни Надим ба ҷуз аз «Ҳазор афсон» ба тарҷумаи даҳ китоби дигари афсонаҳои эронӣ низ ишора кардааст, вале номи иддае аз ин китобҳо аксаран дучори таҳриф шудаанд ва пай бурдан ба асли онҳо душвор аст. Ба ҳар ҳол, дар миёни ин китобҳо номҳои «Ҳазор достон», «Хурофа ва назҳа», «ад-Дуб ва-с-саълаб» (Хирс ва рӯбоҳ), «Рӯзбеҳи ятим», «Китоби Намруд – шоҳи Бобул» наздик ба асл сабт шудаанд [86, 364]. Ибни Надим дар бахши унвони «Китобҳои подшоҳони Бобул ва мулук ут-тавоиф» низ ҳафт китобро зикр кардааст, ки ғолибан маҳсули суннати афсонапардозии эронӣ мебошанд [86, 365].

Ҳамин тариқ, дар қарнҳои VIII-IX афсонаҳои зиёде аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума гардида, суннати афсонанигории насри тоисломии эронӣ дар муҳити исломӣ ва қолаби насри арабизабон идома пайдо кард.

Матолибе, ки дар ин фасл баён гардид, далел бар он аст, ки бо ҳиммату кӯшиши мутарҷимони эронӣ дар қарнҳои VIII-IX осори мутааддиде аз риштаҳои мухталифи насри паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума ва бозгӯӣ шуд. Тарҷумаи ин осор мазҳаре аз мазоҳири ҳаёти адабӣ ва тобише аз бозтобиҳои қариҳаи адабии халқҳои эронӣ дар шароити истилои араб ва сукути иҷбории забонҳои маҳаллӣ буд. Бо тарҷумаи осори паҳлавӣ намояндагони аҳли адаби эронинажод насри вижаеро дар қолаби забони арабӣ ба вуҷуд оварданд, ки онро метавон ба «насри тарҷума» номзад кард. Насри тарҷума шакли таърихан ногузири идомаи суннатҳои насри тоисломии эронӣ ва дар айни замон василаи вуруди он суннатҳо ба матну батни ҷаҳоншиносии нави исломӣ буд. Дар заминаи насри тарҷума ва дар пайравиву истиқбол аз мавзӯъву матолиб ва қолабҳои нигориши он нависандагони арабизабон даст ба таълифи осори мутааддиде заданд, ки дар онҳо дороиҳои маънавии ақвоми эронӣ ва суннатҳои насри паҳлавӣ бо муқтазоёти муҳити исломӣ ва завқу салиқаи адабии давр мувофиқ ва

мунтабиқ гардонида шуданд. Ин масъала дар боби баъдии рисола мавриди пажўҳиш қарор хоҳад гирифт.

Боби III

Насри таълифии арабизабон дар қарнҳои VIII-IX

III.1. Нависандагони арабизабони садаҳои VIII-IX

Дастовардҳои насри паҳлавӣ дар садаҳои VIII-IX бо ҳиммату заҳмати мутарҷимони эронӣ кисвати насри арабизабонро ба бар карданд. Чунон ки дар бахшҳои қаблии рисола таъкид гашт, тарҷума мазҳаре аз мазоҳири нубуғи адабии халқҳои эронӣ дар қарнҳои нахусти ислом буд. Вале фаъолияти аҳли адаби халқҳои эронӣ дар саҳнаи насри арабизабон танҳо бо кори тарҷума маҳдуд набуд. Василаи дигари зуҳури андешаву тафаккури адабиву бадеии мардуми эронинажод, ки дар баробари тарҷума дар ҳифзу эҳёи дороиҳои маънавии Эронзамини тоисломӣ нақше муассир ва фаъол дошт, таълифи осор ё фаъолияти нависандагии адибони эронитабор буд. Агар мутарҷимони эронитабор завқу тафаккур ва одобу ахлоқи мардуми эронзаминро дар гунаи аслӣ ё наздик ба асл ба олами исломи садаҳои VIII-IX манзур карда бошанд, пас нависандагони эронӣ буданд, ки дар фаровардаҳои қалами худ он сарвати маънавиро бо муҳит ва завқу салиқаи исломӣ ҳамоҳанг ва мутаносиб гардониданд ва бад-ин васила дар ҳаққи бақои комил ва расмияти сиёсиву мафкуравӣ ва адабиву ахлоқӣ касб кардани онҳо дар муҳити ҷаҳоншиносии ваҳдонӣ гоме фаротар аз мутарҷимон ниҳоданд. Дар баробари ин, нависандагони арабизабони эронитабор дар рушду нумӯи насри араб ва борвар гардидани он бо андешаву орои ҷадид ва шаклу қолабҳои нави ифода саҳми бориз гузоштанд. Бино бар ин, муайян кардани доираи ширкати нависандагони эронитабор дар насри арабизабон, назаре иҷмолӣ андохтан ба рӯзгору осори онҳо ҷиҳати тасвири манзараи комили ҳаёти адабии халқҳои эронӣ дар асрҳои VIII-IX зарур ба назар менамояд. Қабл аз он ки ба ин кор даст занем, таъкид ҷоиз аст, ки ағлаби мутарҷимони эронӣ ба ҷуз аз тарҷума ба кори таълиф низ иқдом кардаанд ва онҳоро мебояд дар радифи нависандагон низ қарор дод. Бо таваҷҷӯҳ ба ин матлаб дар зер сухан аз

нависандагоне хоҳад рафт, ки тарҷумае аз онҳо дар манобеъ ба қайд наомадааст ва шӯҳраташон дар қаламрави насри арабизабон комилан мадюни нависандагӣ ва таълиф аст. Дар ин маврид танҳо як истисно равост, ки он ба фаъолияти нависандагии Ибни Муқаффаъ вобаста аст. Адиби мазкур, ҳамчунон ки дар боби дуюми рисола ба қайд омад, на танҳо пешвои мактаби мутарҷимони эронӣ маҳсуб мешавад, балки саркори мактаби насрнависии эронӣ дар садаҳои VIII-IX низ ба шумор меояд. Азбаски шарҳи ҳоли ӯ зимни сухан аз мутарҷимон омад ва чанде аз таълифоташ баъдан мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт, дар ин ҷо ба хотири иҷтиноб аз такрори матолиб салоҳ дониста шуд, ки аз тахсиси бахши алоҳида роҷеъ ба шахсияти Ибни Муқаффаъ чун нависанда сарфи назар карда шавад. Бо назардошти ин матлаб ба муаррифии шахсият ва осори нависандагони арабизабон – намояндагони мактаби насрнависии эронии садаҳои VIII-IX мепардозем.

Саҳл ибни Ҳоруни Даштимешонӣ

Нависандаи дигаре, ки пас аз Ибни Муқаффаъ дар интиқоли суннатҳои насри тоисломии эронӣ ба аҳди ислом ва инкишофи насри арабизабон нақши бориз гузоштааст, Саҳл ибни Ҳорун маҳсуб мешавад. Номи пурраи ӯ дар манобеи куҳан дар сурати «Абӯамр (ё Абӯмуҳаммад) Саҳл ибни Ҳорун ибни Роҳбун (ё Роҳбунӣ)-и Даштимешонӣ» забт шудааст [86, 133; 56, II, 616; 89, XI, 266; 55, V, 336]. Ӯ дар ноҳияи Даштимешони вилояти Хузистон дар ҳудуди соли 758 таваллуд шудааст. Бино ба ахбори манобеъ, ӯ дар ҷавонӣ дар Басра касби камол карда ва баъдан дар Бағдод маскан гузидааст. Дар ин ҷо ӯ бо хонадони Бармакиён наздик мешавад ва вазифаи китобати Яҳёи Бармакӣ – вазири Ҳорунаррашидро ба ӯҳда мегирад. Пас аз қатли Бармакиён дар соли 803 ӯ дар дарбори Ҳорунаррашид дар девони расоил ифои вазифа намуд. Авҷи шӯҳрат Саҳл ибни Ҳорунро дар замони хилофати Маъмун (813-833) даст додааст. Ӯ дар ин давра на танҳо яке аз адибони муқарраби Маъмун мешавад, балки сарварии «Байт ул-ҳикма» - маркази тарҷума, таълиф ва таҳқиқро, ки дар

пайравӣ аз академияи эронии Гундишопур таъсис ёфта буд, ба ӯҳда мегирад [86, 133; 89, XI, 266]. Дар ин вазифа ӯ то вафоташ, ки, бино ба қавли Ёқути Ҳамавӣ, ба соли 215/830 мусодиф афтод [89, XI, 267], боқӣ монд. Баъзе аз манобеъ вафоти ӯро дар соли 239/853 ва ҳатто 244/858 таъйин кардаанд [55, V, 336], ки аз эҳтимол дур ба назар менамояд.

Куллияи манобеъ барҷастагиву кифояти Саҳл ибни Ҳорунро дар донишу ҳикмат таъкид карда, ӯро чун дабир, адиб, ҳаким ва шоир мавриди ситоиш қарор додаанд. Ибни Надим номи Саҳл ибни Ҳорунро дар шумори «балеғтарин» адибони арабизабон зикр карда, дар баробари ин аз шоирии ӯ низ сухан гуфтааст ва ҳаҷми девонашро 50 варақ таъйин намудааст [86, 139, 191]. Алломаи араб Ҷоҳиз низ овардааст, ки дар эҷодиёти Саҳл ибни Ҳорун шеъру хутба, рисолаву китобҳои бисёрҷилда, таъриху ахбори мудавван ба ҳам омада буд [50, I, 63]. Бино ба таъкиди Ибни Надим, Ҷоҳиз ба бартарии Саҳл ибни Ҳорун бар ақрони худ қоил буд ва дар таълифи осор ӯро пайравӣ мекард [86, 134].

Истеъдоду маҳорати нависандагӣ, умқи маонӣ ва волоии андеша, фасоҳати забон ва балоғати осори Саҳл ибни Ҳорун ба дараҷае буд, ки бад-он масал мезаданд ва дар ҳаққи соҳибсухан мегуфтанд, ки «ӯ ба забони Саҳл ибни Ҳорун сухан мегӯяд» [327, VIII, 839].

Шавқӣ Зайф Саҳл ибни Ҳорунро аз мутарҷимони осори эронӣ ба шумор овардааст [263, 527]. Вале дар манобеи қадим ҳеҷ ишорае ба он, ки ӯ дар тарҷумаи осори паҳлавӣ даст дошта, ба қайд наомадааст. Зоҳиран, ин ақидаи олими араб ношӣ аз он аст, ки ағлаби осори Саҳл ибни Ҳорун дар пайравӣ аз осори тоисломии эронӣ эҷод шуда ва ё бозгӯи навини он осор ҳастанд. Аз эҳтимол дур нест, ки Шавқӣ Зайф чунин осорро тарҷума аз паҳлавӣ ба шумор оварда бошад. Ба ҳар ойин, чизе, ки шубҳаеро эҷод намекунад, ин дилбастагиву иродати Саҳл ибни Ҳорун ба мероси маънавии ниёгони тоисломиаш аст. Ин матлабро номгӯи таълифоти нависанда, ки онро Ҷоҳиз, Ибни Надим, Ёқути Ҳамавӣ ва Ҳоҷӣ Халифа бо тафовуте андак дар унвон ва теъдоди осор зикр кардаанд, таъйид мекунад [50, I, 63;

86, 134; 89, XI, 267; 55, V, 336-337]. Мутаассифона, ағлаби таълифоти Саҳл ибни Ҳорун аз миён рафтаанд, вале бо таваҷҷӯҳ ба номҳои осори ӯ ва он чӣ аз маҳсули қалами вай дар лобалои мутуни таърихиву адабӣ боқӣ мондааст, метавон умдатарин хасоиси эҷодиёти ӯро тарсим намуд.

Тааммул бар номгӯи осори Саҳл ибни Ҳорун аз гароиши нависанда ба панду андарз ва эҷоди китобҳои ахлоқӣ дарак медиҳад. Дар ин замина ба Саҳл ибни Ҳорун ду китобе бо номҳои «Саъла ва Афра» ва «ан-Намр ва-с-саълаб» (Паланг ва рӯбоҳ) мансуб аст, ки ҳар ду дар пайравӣ аз «Калила ва Димна» эҷод шудаанд. Аз китоби аввал, ки номаш баъзан дар сурати «Саъола ва Афро» низ ба назар мерасад [265, 148; 327, VIII, 839], танҳо як пораи кӯтоҳ дар «Заҳр ул-одоб ва самар ул-албоб»-и Ҳусрии Қайрувонӣ боқӣ мондааст, ки муштамил ба насиҳате доир ба зарурати додани саривақтии бахшишу атоё аст. Муаллифи мазкур пас аз зикри ин пора навиштааст, ки «китоби «Саъла ва Афра» саршор аз донишу ҳикмат аст [56, II, 616].

Масъудӣ низ ба ин китоб баҳои баланд дода, онро бо «Калила ва Димна» мавриди муқоиса қарор додааст, чунончи: «Саҳл ибни Ҳоруни дабир барои амирулмӯъминин Маъмун китобе ба унвони «Саъла ва Афра» фароҳам оварда ва абвобу амсоли «Калила»-ро татаббӯъ карда, ки аз он муназзамтар аст» [80, I, 73].

Китоби дуюм – «ан-Намр ва-с-саълаб» низ гумшуда маҳсуб мешуд, вале ахиран дар яке аз китобхонаҳои Тунис пайдо гардид ва бо ҳиммати Абдулқодири Муҳайрӣ бо тарҷума ба форонсавӣ ба нашр расид [64], ки дар бораи он дар бахши баъдии рисола сухан хоҳад рафт. Иддае аз китобҳои дигари Саҳл ибни Ҳорун низ, зоҳиран, дар қолаби қиссаҳо аз забони ҳайвонот ва наботот эҷод шудаанд. Ба ин гуна китобҳо мансуб будани «Китоб ул-ғизолайн», «Шаҷарат ул-ақл», «Китоби Надуд, Вадуд ва Ладуд»-и ӯро номҳои ин таълифот то андозае таъйид мекунад.

Китоби дигари Саҳл ибни Ҳорун – «Китоб ул-ихвон» низ перомуни масоили ахлоқӣ, аз қабили ойини дӯстӣ, интихоби дӯст, вафодорӣ ба ӯ ва

ғайра баҳс мекард. Ин матолиб аз мавзӯоти маъмули насри ахлоқии паҳлавӣ буд ва дар истиқбол аз он нависандагони арабизабон рисолаву китобҳое таҳти унвони «Китоб ул-ихвон» эҷод карданд, ки дар ин бора дар мавриди худ сухан хоҳад рафт. Аз унвони асари дигари нависанда – «Китоб тадбир ал-мулк ва-с-сиёса» бармеояд, ки он ба масоили одоби кишвардорӣ ва сиёсати давлатӣ ихтисос доштааст. Дар қиёс бо осори ҳамгуни он дар насри паҳлавӣ ва адабиёти исломӣ метавон ҳадс зад, ки асари мазкур дар рӯҳи осори тоисломии эронӣ ва истифодаи фаровон аз он таълиф ёфта буд. Дар яке аз рисолаҳои Ҷоҳиз гуфтори Саҳл ибни Ҳорун дар бораи сифоти ҳоҷиби дарбор нақл шудааст [52, 39], ки, зоҳиран, баргирифта аз ҳамин «Китоб тадбир ал-мулк ва-с-сиёса»-и ӯст.

Бо истинод ба номгӯи осори Саҳл ибни Ҳорун мазияти дигари эҷодиёти ӯро метавон чун бозгӯии осори тоисломии эронӣ таъйин кард. Дар ин замина якчанд китобҳои ӯ иншо шудаанд, ки аз ҷумлаи онҳо яке «Адаб Ашк ибни Ашк» аст. Ба эҳтимоли наздик ба яқин, нависанда дар ин китоб панду андарзҳоеро, ки, зоҳиран, дар манобеи куҳан ба ин подшоҳи ашконӣ мансуб дониста шудааст, ҷамъ ва бозгӯӣ намудааст.

Китоби дигаре аз ин қабил китобҳои Саҳл ибни Ҳорун «Вомиқ ва Азро» аст. Бино ба ақидае, он бунмояи паҳлавӣ дошта, дар замони Хусрави Анӯшервон таълиф ва ба ӯ тақдим шудааст [327, VIII, 839]. Ақидаи дигаре низ дар ин хусус вуҷуд дорад, ки мубтанӣ бар абёти бозмонда аз «Вомиқу Азро»-и Унсурӣ аст ва решаҳои ин достонро ба адабиёти юнонӣ мерасонад [144,47-53]. Ба ҳар ойин, Саҳл ибни Ҳорун ин достонро дар қолаби насри арабизабон бозгӯӣ кардааст.

Бо такя ба номи китоби дигари нависанда – «Китоб ал-Махзумӣ ва-л-Ҳазалия» метавон ҳадс зад, ки он мисли китоби «Вомиқ ва Азро» ба исми қаҳрамонҳояш унвонгузорӣ шуда ва достоне ишқиро дар бар доштааст.

Дар миёни осори нависанда китобе бо номи «ал-Масоил» зикр шудааст. Бо таваҷҷӯҳ бар он, ки номи Саҳл ибни Ҳорун дар манобеъ дар радифи пешвоёни равияи мӯътазила зикр шудааст, метавон тахмин кард,

ки матолиби китоби «ал-Масоил»-и ў, агар бозгўи китоби «ал-Масоил»-и мансуб ба Анўшервон, ки қаблан ба он ишора рафт, набошад, пас ногузир бояд ба мавзўоти баҳсу муноқишаҳои ақлонии мўътазилиён иртиботе дошта бошад.

Китоби дигари Саҳл ибни Ҳорун, ки «Сират Маъмун» ном дорад, яқинан шарҳи рўзгор ва кишвардории халифаи мазкури аббосиро дар бар гирифта, дар пайравӣ аз зиндагиномаҳои шоҳони сосонӣ, аз қабили «Сират Ардашер», «Сират Анўшервон» ва ғайра ба таҳрир омадааст.

Дар манобеи адабии арабизабон баъзе аз рисолаҳо ва суханони ҳикматомези Саҳл ибни Ҳорун дарҷ шудаанд [50, I, 63, 69, 85, 120; 235, 325, II, 468, 577], ки дар онҳо низ вуқуфи комили нависанда аз суннатҳои панднигории тоисломии эронӣ аён аст.

Китобу рисолоти фавқуззикри Саҳл ибни Ҳорун далел бар он аст, ки нависандаи мазкур дар тарвиҷу таблиғи ҳикмату ахлоқи Эронзамини тоисломӣ ва интиқоли шеваҳои баёни он ба муҳити исломӣ аз яккатозони майдони насри арабизабон буд. Бесабаб нест, ки ҳамзамононаш ба ў лақаби «Бузургмеҳри ислом»-ро додаанд [56, II, 616].

Саҳл ибни Ҳорун, ба таъкиди Ибни Надим, аз шуубиёне буд, ки нисбат ба арабҳо адовати шадид доштанд [86, 133]. Аз асарҳои нависанда, ки бевосита зери таъсири афкору ақоиди шуубии ў иншо шудаанд, яке бо номи «Рисола фи-л-бухл» ба туфайли пурра иқтибос шуданаш дар «Китоб ул-бухало»-и Ҷоҳиз маҳфуз мондааст [49, 11-15]. Саҳл ибни Ҳорун дар рисолаи мазкур бар хилофи арабҳо, ки саховатро аз фазилатҳои анъанавии худ меҳисобиданд ва эрониёнро ба бухлу хасосат муттаҳам мекарданд, бухлро ҳамчун зуҳуроти сарфакориву хоҷагидорӣ ситоиш кардааст ва онро бар саховатмандӣ тарҷеҳ додааст. Албатта, чунин тарҷеҳи бухлу хасосат аз ҷониби нависанда танҳо шигирди адабӣ ва василае барои мазаммати арабҳо буда, мақсади муаллифи рисола ҳамоно ситоиши тамаддун ва тарзи ҳаёти эронӣ аст.

Алӣ ибни Убайдаи Райҳонӣ

Аз дигар нависандагони номовари эронӣ, ки аз лиҳози шӯҳрат дар паҳнои насри арабизабон ҳамрадифи Саҳл ибни Ҳорун, Ҷоҳиз ва дигарон буд, Абулҳасан Алӣ ибни Убайдаи Райҳонӣ (ба қавле Занҷонӣ) маҳсуб мешавад. Бино ба ахбори манобеи куҳан, Райҳонӣ аз адибони муқарраби халифа Маъмун (813-833) буда ва «дар таснифоту таълифоти худ тариқаи ҳикмат мепаймудааст» [86, 133; 89, XIV, 52]. Донишмандони гузашта ӯро чун дабири забардаст ва яке аз балеғону фасеҳони давр ситоиш намуда, дар ҳусни тасниф ва истеъдоди нависандагӣ ӯро муқаддам бар Ҷоҳиз низ шуморидаанд [89, XIV, 51]. Бино ба ишораи Ҳоҷӣ Халифа, Райҳонӣ соли 219/834 аз олам чашм пӯшидааст [55, V, 537]. Ибни Надим, Ёқути Ҳамавӣ ва Ҳоҷӣ Халифа номгӯи китобҳои Райҳониро овардаанд, ки теъдоди он болиғ бар 50 адад аст [86, 133; 89, XIV, 54-55; 55, V, 537].

Аз осори Алӣ ибни Убайдаи Райҳонӣ танҳо пораҳои мутафарриқа дар кутуби адабӣ боқӣ мондааст, ки дар заминаи онҳо тасаввури комил пайдо кардан дар бораи паҳлуҳои мухталифи эҷодиёти ӯ, албатта, имкон надорад. Бо вуҷуди ин, тааммул бар номгӯи китобҳои нависанда метавонад ба муҳимтарин мавзӯоти осори ӯ ва гароишаш ба мероси маънавии Аҷами тоисломӣ ишора намояд. Аз ин лиҳоз нахустин китобе, ки дар ин номгӯй таваҷҷӯҳи муҳаққиқро ба худ ҷалб мекунад, ин «Китоб Кайлуҳросф ал-малик» аст. Пайдост, ки Райҳонӣ дар таълифи ин китоб аз тарҷумаи «Худойнома»-ҳои паҳлавӣ ва ривоятҳои шифоҳие, ки перомуни шоҳи каёнӣ – Лӯҳросп мавҷуд буд, истифода кардааст.

Як идда китобҳои Райҳонӣ мусалламан дар мавзӯоти панду ахлоқ таълиф шудаанд. Дар таъйиди ин матлаб «Китоби адаби Ҷавоншер», «Китоб ул-ихвон», «Китоби ахлоқи Ҳорун», «Китобу шарҳ ал-ҳава ва васф ал-ихо»-ро метавон зикр кард.

Теъдоде аз китобҳои Райҳонӣ, мисли «Китоб ал-яъс ва-р-раҷо» (Навмедӣ ва умед), «Китоб ал-ақл ва-л-ҷамол», «Китоб ас-самъ ва-л-басар» (Гӯш ва чашм), «Китоб ал-муаммил ва-л-муҳиб» (Умедворкунанда ва

навмедкунанда), ки бо исмҳои ҷуфти мутазод номгузорӣ шудаанд, зоҳиран, дар мавзӯи баҳсу мунозира эҷод шудаанд. Мунозира яке аз навъҳои адабии маъмул дар осори ахлоқии паҳлавӣ буд, ки як намунаи боризи он – «Дарахти осурӣ» то замони мо расидааст [234, 256-259]. Гумон меравад, ки осори фавқуззикри Райҳонӣ дар истиқбол аз ҳамин навъи насри паҳлавӣ иншо шудаанд.

Райҳонӣ мисли Саҳл ибни Ҳорун чанд китоби худро дар шеваи маъмули пандгӯӣ аз забони ҷонварон, ки истиқболе аз сабки «Калила ва Димна» маҳсуб мешавад, эҷод кардааст. Ба ин қабил китобҳо «Китоб ан-намла ва-л-бауза» (Мӯрча ва магас) ва «Китоб Вуруд ва Вудуд ал-маликайн (ё мокирайн?)»-ро бо истинод ба номҳояшон дохил кардан дур аз савоб нест. Чунон ки қаблан ишора рафт, Саҳл ибни Ҳорун низ китобе бо номи шабеҳ ба асари охири Райҳонӣ дорад. Дар ҳар ду маврид номи ин китобҳо дар гунаи таҳрифёфта дарҷ шуда бошад ҳам, ин амр худ далели қаробате миёни эҷодиёти Саҳл ибни Ҳорун ва Райҳонӣ аст.

Гароишу дилбастагии Райҳонӣ ба осори тоисломии Эронзамин дар он низ зоҳир шудааст, ки ӯ ба иддае аз таълифоти худ номҳои сирф паҳлавӣ гузоштааст. Одатан ин номҳо дар сарчашмаҳои арабӣ дучори тасҳиф шудаанд ва барқарор кардани асли онҳо коре мушкил аст. Аз байни ин гуна асарҳои Райҳонӣ китобе, ки номи он дар баъзе нусхаҳои «ал-Фиҳрист» ва «Мӯъҷам ул-удабо» ба сурати «Рӯшаноидил» забт шудааст, диққати аҳли таҳқиқро бештар ба худ ҷалб кардааст. Ба ҳадси К.А.Инострансев, ки наздик ба ҳақиқат менамояд, номи паҳлавии китоб бояд «Рӯшана нибик» (яъне «Рӯшноинома») бошад. Муҳаққиқи мазкур ин асарро чун ҳалқаи пайванд байни осори ахлоқии сосонӣ ва адабиёти ҳикамии исломӣ дониста, тахмин карда буд, ки нақше аз он дар «Рӯшноинома»-и Носири Хисрав муқарраран боқӣ мондааст [138, 39-40].

Унвони паҳлавии китоби дигари Райҳонӣ дар манобеъ ба тавре дарҷ шудааст, ки аҳли таҳқиқ дар таъйини асли он ба ҳам ихтилоф варзидаанд. Аз ҷумла, Ризо Таҷаддуд онро дар «ал-Фиҳрист» дар сурати «Китоби

Миҳр Озод Ҷушнас» ва мусаҳҳеҳи «Мўъҷам ул-удабо» дар шакли «Китоби Миҳрзоди Хашиш» ва таҳиягари «Кашф уз-зунун» дар сиғаи «Китоби Наҳр орад Ҳасис» забт кардаанд. К.А.Иностранцев ба пайравӣ аз Юсти ин номро «Миҳр Озар Ҷушнас» хонда ва такрор шудани онро дар номи китобе, ки эрониён дар мавзўи панд таълиф кардаанд, таъкид кардааст [138, 17-18]. Чунон ки қаблан ишора рафт, дар қуруни нахустини исломӣ аз насри паҳлавӣ асаре бо номи «Китоб Миҳр Озар Ҷушнас ал-фрамадор ила Бузарҷмиҳр ибн ал-Бухтакон» (Номаи Меҳр Озар Гушнаспи фрамадор ба Бузургмеҳр – писари Бухтакон) ба арабӣ тарҷума гардид. А.Тафаззулӣ ҳадс задааст, ки китоби фавқуззикри Райҳонӣ тарҷумаи ҳамин номаи паҳлавӣ аст [234, 203].

Иртиботи ин ду асарро, албатта, наметавон инкор кард, вале бо таваҷҷўҳ бар он, ки асари Райҳонӣ дар куллияи манобеи куҳан на «тарҷума», балки «таълиф» номида шудааст, ногузир бояд иқрор кард, ки китоби Райҳонӣ тарҷумаи мустақими он номаи ахлоқии паҳлавӣ набуда, балки таълифе дар заминаи он номаи куҳан аст.

Дар манобеи арабизабон суханони ҳикматомези ин нависандаи номовар дар бораи дўстӣ ва бародарӣ, дар таърифи ишқ, ҳамчунин ҳикоёте аз заковату ҳушмандӣ ва донишу хирадӣ ӯ нақл шуда, ки дар онҳо ҷилваҳои андешаву тафаккури ахлоқии эронӣ зоҳир аст [56, I, 241; 89, XIV, 52-55].

Ба шаҳодати сарчашмаҳо, Алӣ ибни Убайдаи Райҳонӣ ба куфру зиндиқа муттаҳам гардидааст. Ба гумони ғолиб, пайвастагиву иродати ӯ ба фарҳанги тоисломии эронӣ ва саъю кўшишаш дар таблиғу тарвиҷи осори насри паҳлавӣ ба иттиҳоми мазкур мўҷиб шудаанд.

Ҳамин тариқ, бар мабнои он чӣ зикр шуд, метавон ба бардоште расид, ки Алӣ ибни Убайдаи Райҳонӣ дар ҳифзу эҳёи дастовардҳои насри паҳлавӣ тариқеро пеш гирифта, ки натиҷаи он муассиртар аз шеваи тарҷума будааст, зеро он дастовардҳо дар раванди таълиф бар муҳити

ҷаҳоншиносии исломӣ бештар муносиб ва ҳамоҳанг мешуданд ва барои бақои ҳастии худ фазое мусоидтар пайдо мекарданд.

Аллони Шуубӣ

Аз нависандагони арабизабони нимаи дуюми асри VIII – аввали асри IX яке дигар Аллон ибн ал-Ҳасан (ба қавле ал-Мақсуд) ал-Варроқ аш-Шуубӣ аст, ки, бино ба ахбори манобеи куҳан, ба Бармакиён ихтисос дошт [86, 118; 89, XII, 191; 55, V, 535]. То саранҷоми фаҷеи ин хонадон (дар соли 903) Аллон узви маҳфили адабии онҳо ва аз ҳимояту сарпарастии эшон бархурдор буд. Сарчашмаҳо дар аҳди Ҳорунаррашид (786-809) ва Маъмун (813-833) дар «Байт ул-ҳикма» ҳамчун варроқ ва нассох кор кардани Аллонро ба қайд овардаанд. Лақаби аввали Аллон – «ал-Варроқ» ношӣ аз ҳамин пешаи варроқии ӯ буд. Ёқути Ҳамавӣ овардааст, ки Аллон дар наздикии «Боб уш-Шом»-и Бағдод дӯкони фурӯш ва истинсохи китобҳо дошт, ки дар он Фирӯзон ном варроқи эронӣ бо ӯ кор мекард [89, XII, 192].

Бино ба нақли Ҷаҳшиёрӣ, Аллон, зоҳиран, дар оғози фаъолияти худ як муддат самти дабирии Аҳмад ибни Абӯхолиди Аҳвал, ки яке аз амирони аҳди Ҳорунаррашид буд, ба ӯҳда доштааст. Амири мазкур рӯзе ба хонае, ки Аллон ва дабирони дигар машғули китобат буданд, медарояд. Ҳама, ҷуз ба Аллон, зуд ба пой меистанд ва салом медиҳанд. Амир бо ишора ба Аллони нишаста мегӯяд, ки чӣ беадаб варроқест ӯ! Бо шунидани ин сухан Аллон нидо мекунад: «Чӣ тавр маро ба беадабӣ нисбат медиҳӣ, дар ҳоле ки ман кони адаб ҳастам ва дигарон адабро аз навиштаҳои ман меомӯзанд. Барои чӣ мехоҳӣ, ки ман ба маҳзи вуруди ту ба пой истам, дар ҳоле ки ту ба назди ман омадаӣ, на ман ба назди ту, ту ба китобати ман эҳтиёҷ дорӣ, на ман ба амирии ту!» Пас аз ин гӯё Аллон аҳд кардааст, ки дар хонаи ягон шахс дабирӣ накунад [89, XII, 192-193]. Ин ҳикоят далел бар эътимоди Аллон бар донишу маърифат ва мақоми худ дар адабу ҳикмат аст, ки ин матлабро муаллифони кутуби адаб ва тазкираҳо низ таъйид кардаанд. Даврaҳои ахири зиндагии Аллон ба дарбори Тоҳириён алоқаманд буд. Аз эҳтимол дур нест, ки ӯ охири ҳаёташро дар Марв ва ё Нишопур –

марказҳои сиёсиву фарҳангии замони Тоҳириён гузаронида ва дар ҳамон ҷо ба зиндагӣ падруд гуфта бошад.

Бино ба маълумоти сарчашмаҳо, Аллон намояндаи мутаассиби ҷунбиши шуубия буд ва бад-ин сабаб ба «Шуубӣ» мулаққаб гардидааст. Ӯ дониши пурвусъати худро дар таърих ва ансоби арабҳо ҳамчун василаи мубориза ба муқобили Хилофати араб истифода бурда, китобе бо унвони «ал-Майдон фи-л-масолиб» навишта буд, ки ба шаҳодати «ал-Фиҳрист» ҳовии тамоми айбу нуқсонҳои қабилаҳои араб, аз ҷумла қабилаи пайғамбари ислом – Қурайш буд [86, 118; 89, XII, 191-192]. Аллон китоби мазкурро, ки мақсад аз таълифи он ташҳиру тасхири аъроб буд, ба поягузори давлати Тоҳириён – Тоҳир ибни Ҳусайн (ваф. 822) пешкаш намуда, соҳиби инъоми бузург гардидааст. Ба намояндаи дигари хонадони тоҳирӣ – Абдуллоҳ ибни Тоҳир (828-844) чанд шеъри Аллон бахшида шудааст, ки онҳо низ аз адовати шоир нисбат ба истилогарони араб дарак медиҳанд ва эҳсоси меҳанпарастӣ ва эронгароии Аллонро бозтобӣ мекунанд (дар бораи ин ашъор ниг.: [134, 74-75]).

Саид ибни Ҳумайд

Ибни Надим дар «ал-Фиҳрист» дар як саҳифа бо фосилаи чанд сатр дар бораи ду «Саид ибни Ҳумайд» ба таври алоҳида маълумот додааст, ки ҳар ду ҳам куняи «Абӯусмон» доранд, ҳар ду ҳам аз пайравони ҷараёни шуубия ҳастанд ва яке китобе бо номи «Интисоф ул-Аҷам мин ал-Араб» (Баробарии аҷамиён бо арабҳо) ва дигаре бо номи «Фазл ул-Аҷам ала-л-Араб ва ифтихоруҳо» (Бартарии аҷамиён бар арабҳо ва фазилатҳои онҳо) дорад. Ибни Надим якеро танҳо бо номи «Саид ибни Ҳумайд» ва дигареро бо номи «Саид ибни Ҳумайд ибн ал-Бухтакон» зикр карда, аввалиро ба иддаои худи вай «аз авлоди шоҳони эронӣ» ва дуюмиро «аз табори куҳани эронӣ» ба қайд овардааст. Тафовуте, ки дар шарҳи ин ду нафар ба назар мерасад, он аст, ки Ибни Надим аввалӣ, яъне Саид ибни Ҳумайдро «дабир, шоир ва номанигори ширинбаён» ва дуюмӣ, яъне Саид ибни Ҳумайд ибн ал-Бухтаконро «бисёр боҳуш ва мутакаллиме фасеҳ» номидааст [86, 137].

Аз сиёқи ривоёти Ибни Надим бармеояд, ки дар ин ҷо дар бораи ду шахси алоҳида – яке котибу шоир ва дигаре мутакаллим – сухан меравад. Вале бар мабнои умумиятҳое, ки миёни ин ду нафар вуҷуд доранд, ҷой доштани иштибоҳе дар ин маврид ва як шахс будани ин ду нафар ба назар мураҷҷаҳ менамояд. Дар таъйиди ин матлаб метавон ба чанд нукта ишора кард:

1. Ҳоҷӣ Халифа дар «Кашф уз-зунун» дар тарҷумаи «Саид ибни Ҳумайд ибн ал-Бухтакон», ки бар мабнои маълумоти Ибни Надим бояд мутакаллим бошад, ахбореро зикр кардааст, ки онро Ибни Надим дар шарҳи «Саид ибни Ҳумайд»-и дабир ва шоир дарҷ кардааст [55, V, 319], яъне Ҳоҷӣ Халифа ин ду нафарро ба ҳам омезиш додааст. Албатта, дар ин маврид ин амали Ҳоҷӣ Халифаро метавон хато ва иштибоҳ шуморид, вале ӯ санаи вафоти Саид ибни Ҳумайд ибн ал-Бухтаконро, ки мусодиф ба соли 240/854 буд, зикр карда, ки он дар «ал-Фиҳрист» ба назар намерасад. Аз ин мебарояд, ки Ҳоҷӣ Халифа ба маълумоте комилтар ва дақиқтар даст доштааст, ки имкони тардидро дар он рафъ мекунад.

2. Муаллифи «ал-Фиҳрист» Саид ибни Ҳумайд ибн ал-Бухтаконро мутакаллим ва дар айни замон аз аҳли шуубия дониста ва таассуби шадиди ӯро алайҳи аъроб таъкид кардааст. То ҷое, ки маълум аст, аҳли шуубия асосан адибону шоирон буданд, на мутакаллимон.

3. Дар нусхаи чопии «ал-Фиҳрист» дар охири тарҷумаи Саид ибни Ҳумайд чанд иборате омадааст, ки он рабте ба шарҳи ҳолу осори ӯ надорад. Ба ин нукта мусаҳҳеҳи китоб Ризо Таҷаддуд низ дар ҳошия ишора кардааст [86, 137]. Яъне аён аст, ки дар ин саҳифаи «ал-Фиҳрист» ҳарҷу марҷе ба назар мерасад.

Бино бар нукоти мазкур, метавон ба натиҷа расид, ки ду Саид ибни Ҳумайди фавқуззикр аслан як шахс – Саид ибни Ҳумайд ибни Бухтакони нависанда ва шоири шуубимазҳаб будааст, ки пораҳое аз суханон ва ашъораш дар маохизи мухталиф нақл шудаанд. Ибни Халликон аслан тӯсӣ будани Саид ибни Ҳумайдро таъкид карда, ӯро дабир ва нависандаи

фасеҳбаён номидааст [23, III, 79-80]. Бино ба ишораи ағлаби манобеъ, ӯ соҳиби девони номаҳо буда ва теъдоде аз онҳо дар «Уюн ул-ахбор», «Заҳр ул-одоб» ва «Вафаёт ул-аъён» дарҷ шудааст [29, III, 67; 56, IV, 1100-1101; 23, III, 79-80].

Дар фаъолияти нависандагии Саид ибни Ҳумайд як шеваи муборизаи шуубиён, ки иборат аз таълифи осор дар бораи фазилатҳои эрониён ва бартарии онҳо бар арабҳо буд, инъикоси худро ёфтааст. Ӯ дар асари фавқуззикри «Интисоф ул-аҷам ала-а-араб» баробарии эрониёнро бо арабҳо талқин карда бошад, дар асари дигари худ – «Фазл ул-аҷам ала-л-араб ва ифтихоруҳо» ба муқаддам будани эрониён бар арабҳо аз лиҳози фарҳангу тамаддун қоил будааст. Дар иртибот ба ин ду китоби Саид ибни Ҳумайд бояд таъкид кард, ки шуубия дар ҷараёни пайдоиш ва таҳаввули худ ба ду даста тақсим шудааст: дастаи аввал пайравони ақидаи баробарии эрониён бо арабҳо ва дастаи дуюм муддаиёни бартарии эрониён бар арабҳо буданд. Аз унвони китобҳои Саид ибни Ҳумайд бармеояд, ки ӯ дар онҳо ақоиди ин ду дастаи ҳавохоҳони тамаддуни эрониро ба таҳрир оварда будааст.

Дар манобеъ ба девони ашъори ӯ ишора рафта ва ҳаҷми он дар ҳудуди 50 варақ таъйин шудааст [86, 191]. Намунаҳои ашъори ӯ, ки дар «Китоб ул-оғонӣ» ва «Заҳр ул-одоб» зикр шудаанд, иборат аз ғазалҳо буда, дар онҳо қиссаи ишқи ӯ бо шоираи арабизабон Фазл ул-Басрия (ваф. 874) таҷассуми бадеии худро ёфтааст.

Абӯубайда Маъмар ибни Мусанно

Яке дигар аз донишмандон ва нависандагони арабизабон, ки дар рушди илму адаб, таърих ва ансоби исломӣ саҳми бориз гузошта ва аз пайравони мутаассиби наҳзати шуубия ба шумор омадааст, Абӯубайда Маъмар ибни Мусанно мебошад.

Бино ба ахбори «ал-Фиҳрист», ки ба қавли Аллони Шуубӣ истинод мекунад, Убӯубайда аз аҳли Форс буда, лақаби форсии «Сахт» (зоҳиран, муодили «хасис») доштааст [86, 59]. Дар манобеъ дар мавриди зодбуми

падари Абўубайда шаҳри Бошарвон низ номбар шуда, асли ўро аз яҳудиёни эронӣ низ гуфтаанд [86, 59; 89, XIX, 156; 23, V, 240]. Аўубайда соли 110/728 ва бо қавле соли 114/732 дар Басра таваллуд шуда, дар ҳудуди сад сол зиндагӣ кардааст [86, 58; 89, XIX, 160; 23, V, 242]. Дар санаи вафоти ў ихтилоф кардаанд ва солҳои 208/823 то 213/828-ро ба ҳайси соли даргузашти вай нишон додаанд. Зоҳиран, ахбори Масъудӣ дар ин мавриd қобили эътимоди бештар аст, ки ў дар соли 211/826 аз олам гузаштани Абўубайда ва чанд нафар аз адибону шоирони дигарро низ ба қайд овардааст [80, II, 450].

Дар манобеи куҳан дониши беҳамтои Абўубайда дар таъриху ансоби арабҳо, маҷоз ва алфози ғарибаи Қуръон, аҳодиси набавӣ ба қайд омада, устодон ва шогирдони ў, ки ҳамагӣ аз машоҳири адаби арабӣ – мусалмонӣ ба шумор меоянд, номбар шудаанд [89, XIX, 155-156].

Абўубайдаро муаллифи тақрибан 200 асар донистаанд, ки номи беш аз 100 адади онҳо дар манобеи қадим дарҷ шудааст [86, 59-60; 89, XIX, 160-162; 23, V, 238-239; 55, VI, 361-362]. Аз миёни ин мероси бузурги фарҳангӣ як идда китобҳо то замони мо расида ва пораҳое аз осори мафқуди нависанда дар манобеи адабиву таърихии арабизабон нақл шудаанд (ниг.: [231, II, 143-145]).

Номгўи китобҳои Абўубайда ҳусни таваҷҷўҳи вайро ба таъриху фарҳанги тоисломии эронӣ ва интисобашро ба ҷараёни шуубия таъйид мекунад. Иродат ва таваҷҷўҳи Абўубайда ба мероси фарҳангии Эронзамини тоисломӣ ва эҳсоси эронгароии ў дар ду самт зоҳир шудааст: якум, ў дар таърихи қавмҳои эронӣ китобҳо эҷод карда, бад-ин васила дар ҳифзи андўхтаҳои таърихии Аҷами тоисломӣ ва вуруди он ба доираи таърихнигории исломӣ хидмате босазо аз худ ба ёдгор гузоштааст. Аз ин қабил китобҳо яке «Китоби Хуросон» ва дигаре «Ахбор ул-фурс» (Ахбори эрониён) аст. Дар бораи китоби аввал дар манобеъ иттилое ба қайд наомадааст ва бо истинод ба номаш метавон ҳадс зад, ки он шомили маълумоти таърихӣ ва ҷуғрофиёии марбут ба қисмати шарқии Эрон

будааст. Китоби дуюм – «Ахбор ул-фурс» чанд дафъа дар «Муруҷ уз-заҳаб»-и Масъудӣ мавриди истинод ва иқтибос қарор гирифтааст. Зоҳиран, ин китоб яке аз маъхазҳои асосии Масъудӣ дар мавриди таърихи Эрон будааст. Муаллифи «Муруҷ уз-заҳаб» доир ба подшоҳии Ҷамшед ва расм шудани ҷашни Наврӯз, дар бораи нахустин подшоҳони ашконӣ, дар бораи иқомати ҳамаи шоҳони сосонӣ дар Гундишопур то Ҳурмуз ибни Нарсӣ ва доир ба чаҳор табақа тақсим шудани шоҳони эронӣ матолиберо бо истинод ба ҳамин китоби Абӯубайда нақл кардааст [80, I, 218, 229, 248, 276-277]. Лозим ба таъкид аст, ки Табарӣ низ беш аз 50 маврид дар таърихномаи худ ба Абӯубайда истинод карда ва аз китоби мазкури ӯ низ дар баёни таърихи Эрон истифода бурдааст [256, 514].

Дуюм, Абӯубайда низ мисли нависандагони дигари шуубимазҳаб ба таълифи китобҳо дар ситоиши фарҳангу тамаддуни тоисломии қавмҳои эронӣ пардохта, бо ин ҳадафи дар баробари таърихи арабҳо нишон додани шукӯҳу ҷалоли таъриху маънавияти Аҷамро пайгирӣ кардааст. Бидуни тардид, китоби «Фазоил ул-фурс»-и ӯ (Фазилатҳои эрониён) аз ҳамин гуна мазияти ғоявию мундариҷавӣ бархурдор будааст. Бар хилофи ин, мӯҳтавои баъзе асарҳои Абӯубайда аз мазаммати арабҳо ва зикри «масолиб», яъне айбу иллатҳои қабилаҳои араб фароҳам омадааст. Ба шаҳодати муаллифони куҳан, Абӯубайда дар «Китоб ул-масолиб»-и хеш дар баробари соири қабилаҳои араб ба шаъни қабилаи пайғамбари ислом ва ҳатто худи ӯ таарруз кардааст [86, 59]. Масъудӣ дар бораи ин китоби Абӯубайда овардааст, ки «дар он ӯ аз фасоди ансоби араб сухан оварда ва чизҳое ба араб нисбат дода, ки гуфтани он хилофи сиёсат аст ва муносиб нест» [80, II, 450].

Дар миёни китобҳои мутааддиди Абӯубайда китобе низ ба назар мерасад, ки номаш, зоҳиран, паҳлавӣ аст. Дар «ал-Фиҳрист» унвони он дар шакли «Равшанқубод» ва дар «Кашф уз-зунун» дар гунаи «Рустқубоз» ё «Рустақбоз» забт шуда [86, 60; 55, VI, 362] ва аён аст, ки дучори тасҳиф гардидааст. Ба эҳтимоли наздик ба яқин, Абӯубайда дар ин маврид ҳамон

суннати ба китобҳои арабӣ гузоштани номҳои паҳлавиро, ки ба намунаҳои он дар осори Саҳл ибни Ҳорун ва Алӣ ибни Убайдаи Райҳонӣ қаблан ишора рафт, пайравӣ кардааст.

Ҳайсам ибни Адий

Яке аз донишмандони илми таърих ва ансоб, ровӣ ва адиби маъруфи арабизабон Абӯабдурраҳмон Ҳайсам ибни Адий дар соли 130/747 дар Куфа чашм ба олами ҳастӣ кушода ва дар соли 207/822 ва, ба қавле дигар, дар соли 209/824 аз дорулфано ба дорулбақо реҳлат кардааст [86, 112; 89, XIX, 309; 23, VI, 113; 55, VI, 398].

Ҳайсам ибни Адий ба шарофати вусъати дониш ва шӯҳрати беназираш дар ривояти ахбору ансоб дар аҳди хилофати Мансур (754-775), Ҳодӣ (775-776), Маҳдӣ (775-786) ва Ҳорунаррашид (786-809) пайваста аз муқаррабони дарбор буд.

Дар аслу насаби Ҳайсам муаллифони манобеъ ихтилоф кардаанд. Иддае ӯро аслан араб ва иддае дигар ӯро аз ғайриараб ва аҷамӣ донистаанд. Фузун бар ин, ашъоре аз шуарои ҳамзамони Ҳайсам дар сарчашмаҳо ба қайд омадааст, ки ҳамагӣ асли ғайриарабии ӯро мавриди таънаву мазаммат қарор додаанд [23, VI, 112].

Дар манобеи арабизабон номи беш аз 60 асари Ҳайсам ибни Адий дарҷ шудааст [86, 112-113; 23, VI, 106-107; 89, XIX, 309-310], ки тааммул бар ановини онҳо вуқуфи комили нависандаро бар таъриху фарҳанги арабҳо ва халқҳои эронӣ таъйид мекунад. Ба қалами нависанда асарҳои «Таърих ул-аҷам ва Банӣ Умайя» ва «Ахбор ул-фурс» тааллуқ доштаанд, ки, бидуни тардид, перомуни таърихи Эрон ва ақвоми эронинажод баҳс мекарданд. Китобҳои мазкур мусалламан бо истифода аз матолиби «Худойнома» ва осори дигари таърихии тоисломӣ навишта шудаанд. Китобҳои мазкур аз нахустин муаллафоти исломӣ перомуни таърихи Аҷами тоисломӣ ба шумор меоянд, ки ба эҷоди пайванд миёни афкори таърихии исломӣ ва андешаи таърихии тоисломии эронӣ мусоидат намудаанд. Ҳайсам ибни Адий мисли Абӯубайда ва Аллони Шуубӣ чанд китобе дар мазаммати

аъроб навиштааст, ки «Китоб ул-масолиб ал-кабир», «Китоб ул-масолиб ас-сағир» ва «Китоб масолиб Рабиъа» аз ҳамин зумраанд. Ағлаби онҳое, ки ин қабил китобҳо навиштаанд, пайрави шуубия маҳсуб мешаванд. Вале дар мавриди интисоби Ҳайсам ибни Адий ба мазҳаби шуубия дар манобеъ иттилое нарафтааст. Аз ин рӯ метавон ҳадс зад, ки агар ангезаи шуубӣ ӯро ба таълифи ин гуна китобҳо вонадошта бошад, пас ҳусни таваҷҷӯҳаш ба мероси маънавии халқҳои эронӣ дар таълифи осори мазкур ҳатман нақше аз худ гузоштааст.

Муҳаммад ибни Лайси Хатиб

Яке аз дабирон ва нависандагони арабизабони нимаи дуюми асри VIII – аввали асри IX, ки дар осораш нақши насри ахлоқии тоисломии эронӣ ошкор аст, Муҳаммад ибни Лайси Хатиб маҳсуб мешавад. Ибни Надим дар бораи ӯ ахбори мухталифро зикр кардааст [86, 134]. Аз он бармеояд, ки ӯ аз хонадони решадори эронӣ бархоста ва насабаш ба Доро писари Доро мерасидааст. Табори эронӣ ва табаҳҳури Муҳаммад ибни Лайс дар одобу ҳикмати ниёгонаш мӯҷиб шуда, ки Бармакиён ӯро мавриди эҳтиром ва инояти худ қарор диҳанд. Дар авохири асри VIII ӯ самти дабирии Яҳёи Бармакиро бар ӯҳда дошт ва пас аз фоҷиаи хонадони Бармакиён як муддат дар дарбори Ҳорунаррашид (786-809) ба китобат машғул буд. Зоҳиран, пас аз ин ӯ аз олам гузаштааст, зеро дар манобеъ ба ахборе, ки аз иртиботи ӯ бо дарбори Амин (809-813) ва Маъмун (813-833) гувоҳӣ диҳад, ишора нарафтааст. Лозим ба таъкид аст, ки, тибқи ривояти дигар, ӯ гароише зидди шуубия дошта ва, аз ин рӯ, бо Бармакиён дар танозуз будааст. Зоҳиран, ин ривоят баъди қатли Бармакиён аз ҷониби Ҳорунаррашид пайдо шудааст, зеро баъзе аз адибоне, ки бо Бармакиён робита доштанд, пас аз фоҷиаи онҳо аз тарси таъқиб иродати худро ба ин хонадон пинҳон карданд. Аз эҳтимол дур нест, ки Муҳаммад ибни Лайс низ ба хотири ҳимояи худ ба ин роҳ рафта бошад.

Ановини китобҳои Муҳаммад ибни Лайс гувоҳ бар он аст, ки ин нависандаи суханпардоз бо таълифи осор дар пайравии пандномаҳои аҳди

сосонӣ дар тадовуми андешаи ахлоқии ниёгонаш саҳм гузоштааст. Ибни Надим ба қалами ӯ ду китобро аз ин қабил осор нисбат додааст, ки яке «Китоб изат Ҳорун-ар-рашид» (Китоби мавъизаҳои Ҳорунаррашид) ва дигаре «Китоб Яҳё ибн Холид фи-л-адаб» (Одобномаи Яҳё ибни Холиди Бармакӣ) мебошад [86, 134].

Китоби дигари Муҳаммад ибни Лайс – «Китоб ал-хат ва-л-қалам»-ро мусалламан метавон истиқбол аз мунозираҳои маъмул дар насри паҳлавӣ ба ҳисоб оварда. Ибни Надим соҳиби номаҳои мутааддид будани Муҳаммад ибни Лайсро ба қайд оварда, таъкид кардааст, ки дар номаҳояш забони панду мавъизаро ба кор мегирифт [86, 134]. Дар «ал-Фиҳрист» ба қалами нависандаи мазкур мансуб будани китоби «ар-Рад ала-з-занодиқа» зикр шуда, дар ҳоле ки муттаҳам ба зиндиқа будани худи ӯ ба қайд омадааст. Дар қиёс бо он ки ағлаби адибону шоирони арабизабони садаҳои VIII-IX ба сабаби гароишашон ба мероси фарҳангии Аҷами тоисломӣ ба зиндиқа муттаҳам гардидаанд, иттиҳоми Муҳаммад ибни Лайсро низ на ба маънии зиндиқи воқеӣ, яъне пайрави дини Монӣ ё куфру илҳод, балки ба маънии эронигароии ӯ тавҷеҳ кардан наздик ба ҳақиқат хоҳад буд.

Амр ибни Масъада

Абулфазл Амр ибни Масъада ибни Саъд (ё Саид) ибни Сул намояндаи хонаводаи маъруфест, ки ниёи он Сул аз шоҳони Гургон буд ва пас аз истилои Гургон аз ҷониби аъроб дар аҳди хилофати Сулаймон ибни Абдулмалики Умавӣ (714-717) ислом оварда. Ёқути Ҳамавӣ асли ин хонадонро аз турконе гуфтааст, ки эронӣ шуда ва дини зардуштиву тамаддуни эрониро қабул карда будаанд [89, I, 165; 16, 129].

Падари Амр – Масъада дабири волии Умавиён дар Хуросон – Холид ал-Қасрӣ (ваф. 743) буда, пас аз интиқоли хилофат ба Аббосиён китобати Холиди Бармакӣ ва сипас китобати Абӯайюби Мӯриёниро, ки ҳар ду аз нахустин вазирони эронии хулафои аббосӣ буданд, бар ӯҳда доштааст [89 XVI, 127]. Ӯ аз нависандагони суханшинос маҳсуб мешуд ва китобу рисолаҳое дар пайравӣ аз осори ахлоқии паҳлавӣ тадвин карда буд. Яке аз

ин гуна китобҳои ўро бо номи «Китоб адаб Масъада ал-Котиб» (Одобномаи Масъадаи Котиб) Ибни Надим зимни китобҳои ахлоқие, ки эрониён, ҳиндиён, румиён ва арабҳо таълиф кардаанд, ба қайд овардааст [86, 378]. Зоҳиран, Масъада писари худ Амрро низ дар рӯҳи гароиш ба одобу ахлоқ ва суннатҳои адабии эронӣ тарбия карда, дар баробари ин ба ӯ забону адаб ва фарҳанги арабиро низ омӯзонидааст. Шавқӣ Зайф бо таваҷҷӯҳ ба вусъати дониш ва паҳнои маълумоти Амр ибни Масъада навиштааст: «Пайдост, ки ӯ чандон ба омӯхтани фарҳанги пурдоманаи арабиву исломӣ пардохт, ки на танҳо сухангӯе фасеҳбаён, балки шоире ширинсухан шуд, ба одоби эрониён ва китобҳои онон дар бораи сиёсат, ахлоқ ва идораи кишвар вуқуф дошт» [264, 552].

Натиҷаи чунин тарбия ва истеъдоди фитрии авлодӣ дар китобату иншо буд, ки Амр ибни Масъада мавриди истихдом ва писанди вазирону халифаҳои аббосӣ қарор гирифт. Бино ба ахбори манобеъ, дар аҳди Ҳорунаррашид (786-809) Амр ибни Масъада дар назди Ҷаъфари Бармакӣ ба китобат машғул будааст. Чунон ки аз нақли худи вай бармеояд, рӯзе ходимони Ҷаъфари Бармакӣ аризаеро бо хоҳиши зиёд кардани маош ба ӯ мерасонанд. Ҷаъфар амр медиҳад, ки ҷавоби аризаро Амр ибни Масъада нависад. Амр дар ариза чунин тавқеъ мегузорад: «Андаки доимӣ беҳ аз бисёри нопойдор». Ҷаъфар аз хондани ин тавқеъ ба ваҷд меояд ва мегӯяд: «Кадом вазир дар пӯсти туст?!» [23, III, 476].

Пас аз фоҷиаи Бармакиён Амр ибни Масъада ба Маъмун пайваста, чанд сол бо ӯ дар Марв буд. Баъди ба хилофат расидани Маъмун Амр ибни Масъада ба мансаби раиси девони расоил ва девони хотам мерасад. Мақом ва манзалати ӯ дар ин давра ба дараҷае мерасад, ки баъзе шуаро зимни ситоиш аз вай ба унвони «вазир» ёд кардаанд ва Ибни Халликон низ ўро «яке аз вузаро» номидааст, ҳарчанд ки ӯ, бино ба ишораи Ёқути Ҳамавӣ, мансаби вазириро надоштааст [23, III, 475; 89, XVI, 129]. Амр ибни Масъада дар соли 214/829 ва, бо қавле дигар, дар соли 217/832 аз олам гузаштааст [23, III, 476; 89, XVI, 127]. Бино ба ишораи Ибни Надим, ӯ соҳиби девони

расоил ва девони шеър будааст. Ҳаҷми девони ашъори ӯ дар якҷоягӣ бо шеърҳои бародараш – Муҷошеъ 50 варақ таъйин шудааст [86, 136, 192].

Шӯҳрати Амр ибни Масъада, қабл аз ҳама, ба номаҳои ӯ оид аст. Дар манобеи куҳан аксаран аз эъҷобу шигифтии Маъмун аз балоғати Амр ибни Масъада сухан рафта ва чанде аз номаҳои ӯ нақл шудаанд (ниг.: [23, III, 475-478; 89, XVI, 127-130]. Дар тавсифи истеъдоди суханпардозии Амр ибни Масъада аз забони вазир Фазл ибни Саҳл овардаанд: «Ӯ балеғтарин кас аст. Аз балоғати ӯст, ки ҳар кас суханони ӯро бишнавад, мепиндорад, ки ӯ назири онро навишта метавонад, вале чун бад-он даст занад, муяссараш нагардад» [89, XVI, 129].

Муҳимтарин хусусияти номанигории Амр ибни Масъадаро донишмандони гузашта дар истифодаи ҷумлаву ибороти кӯтоҳи ҳикматомез дидаанд, ки онҳо ба тавқеоти шоҳони тоисломии эронӣ ва панду андарзҳои онон шабоҳати комил доранд. Ба ҳукми намуна зикри чанд пора аз суханони ӯ, ки дар кутуби адаби арабизабон ба қайд омадаанд, бамаврид аст. Чунончи: «Ҳар кас туро дар ҳузур ситоиш кунад ва ниҳояти мақсадаш дороии ту бошад, бидон, ки дар ғайбат ҷуз бадӣ нагӯяд ва ба суръат ба накӯҳиш гарояд». Дар мавриди одобу сиёсати шоҳӣ гуфтааст: «Шӯҳратмандтарин ва арҷмандтарини ҳакимон он аст, ки дар ҳукумати худ ба марги адолат ризо надиҳад, ростӣ ва дурустӣ ба рӯзгори салтанаташ ҳувайдо бошад ва манофеи мардум дар рӯзгори ӯ ба онон бирасад. Хушбахттарин фармонраво касе аст, ки нури хушбахтӣ дар даврони зиндагияш бидурахшад ва пас аз маргаш низ идома ёбад». Ҳамчунин дар мавзӯи бародариву дӯстӣ гуфтааст: «Итоат пайравии бародарвор аст, на тобеияти ғуломвор. Дӯст доштан самимонатар аз тараҳҳум аст. Бузургвор аз маърифати хеш он мекунад, ки хешованд ба далели қаробат. Бар шумост риояти дӯстон, ки дар осоиш зеваранд ва дар гирифторӣ-ёр» [56, III, 893-894; 274, III, 216-217]. Чунон ки аён аст, суханони мазкури нависанда ҳам аз лиҳози мавзӯъву мӯҳтаво ва ҳам аз ҷиҳати шеваи таъбир бо матолиби панднома ва васиятномаҳои паҳлавӣ, ки дар бахшҳои

қаблии рисола бад-онҳо ишора рафт, ҳамоҳанг ҳастанд. Ин ҳамоҳангӣ натиҷаи истиқбол аз матолиб ва шеваҳои панднигории тоисломии эронӣ аст, ки дар фаровардаҳои қалами Амр ибни Масъада ба муқтазоёти муҳити исломӣ мутаносиб ва ҳамранг гардидааст. Хидмати нависанда низ дар тадовуми дастовардҳои насри тоисломии эронӣ, қабл аз ҳама, дар ҳамин чиз ба зуҳур омадааст.

Саид ибни Ҳурайм

Дар «Байт ул-ҳикма»-и Бағдод, чунон ки қаблан ишора шуд, як даста аз нависандагони эронитабор таҳти сарварии Саҳл ибни Ҳорун ба кори тарҷумаву таҳқиқ машғул буданд. Номи яке аз онҳо дар «ал-Фиҳрист» Саид ибни Ҳурайм ва дар баъзе нусхаҳои ин китоб ба гунаи «Саид ибни Ҳорун» забт шудааст [86, 134]. Номи ин нависанда дар «Кашф уз-зунун» «Саид ибни Ҳорун ал-Котиб ал-Бағдодӣ» зикр шудааст [55, V, 319]. Дар мавриди ин нависанда он чизе, ки шубҳаеро ба вуҷуд намеоварад, ин ҳамкори Саҳл ибни Ҳорун дар «Байт ул-ҳикма» буданаш аст. Ибни Надим бо зикри ин матлаб таъкид кардааст, ки Саид ибни Ҳурайм «нависандаи балеғ ва фасеҳ буд, ки Ҷоҳиз аз вай нақл кардааст» [86, 134].

Бо таваҷҷӯҳ ба фаъолияти Саид ибни Ҳурайм дар «Байт ул-ҳикма»-и Маъмун (813-833) замони зиндагии ин нависанда ва дабирро дар авохири асри VIII – нимаи аввали асри IX метавон таъйин кард. Ибни Надим ӯро дар ҷои дигар аз «ал-Фиҳрист»-и худ ҳини баршумурдани номҳои «нависандагони балеғ» низ зикр карда ва бо ин иштиҳори Саидро дар балоғат таъйид кардааст [86, 139].

Ба қалами Саид ибни Ҳурайм «Китоб ул-ҳикма ва манофиъуҳо» мансуб дониста шудааст, ки аз таваҷҷӯҳаш ба панду ҳикмат дарак медиҳад. Дар манобеъ ҳамчунин мудавван ва маҷмӯъ будани расоили ӯ ба қайд омадааст [86, 134; 55, V, 319].

Ибни Фузайли Котиб

Ибни Надим дар «ал-Фиҳрист» чанде аз адибони эронитаборро номбар кардааст, ки ба ҳайси дабирон маъруф будаанд. Яке аз онҳо

Абулҳасан Алӣ ибни Фузайл ибни Марвони Котиб аст. Ибни Надим асли эронии ӯ ва ба қаламаш мансуб будани чанд китобро зикр кардааст [86, 138]. Асари ӯ бо номи «Китоб ул-асном ва мо конат ал-араб ва-л-аҷам таъбуду мин дуна-л-лоҳи» (Китоби бутҳо ва он чӣ аъроб ва эрониён ба ҷуз Оллоҳ ба он ибодат мекарданд) аз вуқуфи Ибни Фузайл ба таъриху фарҳанги тоисломӣ дарак медиҳад. Дар сарчашмаҳо замони зиндагии Ибни Фузайл аниқ нашудааст, вале аз нависандагони садаҳои VIII – IX будани ӯ мусаллам аст.

Исҳоқ ибни Салмаи Котиб

Яке дигар аз нависандагоне, ки ба шуғли дабириашон маъруф буданд, Исҳоқ ибни Салмаи Котиб ба шумор меояд. Ибни Надим аз шарҳи рӯзгори ӯ сарфи назар карда, танҳо эронитабор буданаш ва номи китобҳояшро зикр кардааст [86, 142]. Аз номи китоби ӯ – «Фазл ул-аҷам ала-л-араб» пайдост, ки муаллиф пайрави фирқаи шуубия буда, дар осораш аз бартарии фарҳангу тамаддуни эронӣ нисбат ба маданияти аъроб сухан ба миён овардааст. Бо таваҷҷӯҳ бар он, ки ағлаби китобҳои аҳли шуубия дар бартарии эрониён бар арабҳо дар нимаи дуюми асри VIII – нимаи аввали асри IX таълиф шудаанд, метавон ҳадс зад, ки зиндагии Исҳоқ ибни Салма низ дар ҳамин давра ҷараён доштааст. Бино ба ишораи муаллифи «ал-Фиҳрист», расоили Исҳоқ ибни Салмаи Котиб мудавван гардида будааст.

Саид ибни Ваҳби Котиб

Ибни Надим дар баробари ишора ба табори эронии Саид ибни Ваҳби Котиб таъкид кардааст, ки ӯ ба хонадони арабии Оли Ваҳб, ки намояндагони он низ дар асрҳои VIII-IX ба ҳайси дабирони Умавиён ва сипас Аббосиён маъруф буданд, иртиботе надорад [86, 136]. Ин матлаб дар «Кашф уз-зунун» низ мундариҷ аст [55, V, 319]. Дар ин манобеъ дар китобе маҷмӯъ гардидани номаҳои Саид ибни Ваҳб зикр шудааст. Саид ибни Ваҳб дар шоирӣ низ даст дошта ва девонаш иборат аз 50 варақ таъйин шудааст [86, 192]. Ибн ал-Мӯътазз дар тазкирааш ӯро ҳамчун «шоири хуб» арзёбӣ карда, намунаҳои ашъор ва баъзе лаҳзаҳои рӯзгорашро, ки аз ихлоси

самимиаш ба Бармакиён далолат мекунад, зикр кардааст [313, 257-261]. Иродат ва ихлоси Саид ибни Ваҳб ба Бармакиён дар китоби «ал-Вузаро вал-куттоб»-и Ҷаҳшиёрӣ низ таъкид шудааст. Бино ба ахбори ин манбаъ, Саид ибни Ваҳб ягона шахсе будааст, ки Бармакиён дар зиндони Ҳорунаррашид дидан ва шунидани суханон ва ҳикоёти ӯро хостаанд ва ин барояшон муяссар гардидааст [54, 314-316]. Бар асоси ин ахбор метавон замони зиндагии Саид ибни Ваҳбро нимаи дуюми асри VIII – авоили асри IX таъйин кард.

Ҳамд ибни Маҳрони Котиб

Ҳамд ибни Маҳрони Котиб яке аз нависандагон ва дабирони эронитаборе маҳсуб мешавад, ки ворид ба доираи адабии Бармакиён ва бархурдор аз марҳамату иноятиони онҳо буд. Ибни Надим дар бораи ӯ навиштааст, ки «Исфаҳонӣ аст ва барои Бармакиён дар муддати зиндагонияшон китобат мекард» [86, 137]. Дар сарчашмаҳо соҳиби «Китоби расоил» будани ӯ ба қайд омадааст.

Абӯҳасин

Номи пурраи ин нависанда Абӯҳасин Муҳаммад ибни Алии Исфаҳонии Даймартӣ аст. Ба номи ӯ муаллифи «ал-Фиҳрист» чанд китобро мансуб донистааст, ки яке аз онҳо «Китоб масолиб Сақиф ва соир ал-араб» (Китоби айбҳои қабилаи Сақиф ва қабоили дигари араб) аст. Ин китоб гувоҳ бар он аст, ки Абӯҳасин аз пайравони шуубия буда, дар муораза бо арабҳо ва баршумурдани айбу навоқиси онҳо пайрави Аллони Шуубӣ, Абӯубайда ва дигарон будааст.

Таърихи аниқи таваллуду вафоти Абӯҳасин дар маъхазҳо зикр наёфтааст, вале бо таваҷҷӯҳ ба замони ривоҷи «масолиб»-нависӣ дар насри арабизабон зиндагии ӯро дар нимаи дуюми асри VIII – нимаи аввали асри IX таъйин кардан дур аз савоб нахоҳад буд.

Ҷаъфар ибни Аҳмади Марвазӣ

Номи пурраи ин нависандаи номвари арабизабон Абулаббос Ҷаъфар ибни Аҳмад ибни Алӣ ал-Марвазӣ ал-Аҳвозӣ аст, ки нисбаи аввали ӯ

ишора ба зодгоҳаш Марв буда, нисбаи дуюмаш марбут ба зиндагӣ ва фаъолияташ дар Аҳвоз аст.

Муаллифи «ал-Фиҳрист» иттилоъ додааст, ки «Абулаббоси Марвазӣ яке аз муаллифони кутуб дар анвои мухталифи улум буд ва китобҳояш хоҳишмандони бисёре дошт. Ӯ аввал касе аст, ки дар мавзӯи «Масолик ва мамолик» китобе таълиф кард, вале ба итмом нарасонида, дар Аҳвоз вафот ёфт. Китобҳои ӯро ба Бағдод оварданд ва онҳо дар соли 274 (=887м.) дар маҳаллаи Тоқ ул-ҳарронӣ ба фурӯш рафтанд» [86, 167]. Айни ҳамин матлаб бо истинод ба Ибни Надим дар «Мӯъҷам ул-удабо»-и Ёқути Ҳамавӣ низ такрор шудааст [89, VII, 151].

Ҳоҷӣ Халифа соли 274/887-ро, ки Ибни Надим чун соли фурӯши китобҳои Абулаббоси Марвазӣ таъйин кардааст, соли вафоти нависанда низ донистааст [55, V, 208].

Дар манобеи мазкур номи шаш китоби Абулаббоси Марвазӣ ба қайд омадааст. Дар миёни онҳо ду китоб – «Китоб ал-одоб ас-сағир» ва «Китоб ал-одоб ал-кабир» далели таваҷҷӯҳи муаллифи онҳо ба масоили ахлоқӣ аст. Дар қиёс бо он, ки Ибни Муқаффаъ низ қариб як аср пеш аз Абулаббоси Марвазӣ бо ҳамин гуна номҳо ду китоби ахлоқӣ таълиф карда ва дар онҳо аз матолиби пандномаҳои сосонӣ фаровон истифода кардааст, метавон ҳадс зад, ки китобҳои нависандаи мавриди назар низ дар пайравӣ аз суннати андарзнигории паҳлавӣ иншо шудааст. Китоби дигари Абулаббоси Марвазӣ – «ал-Масолик ва-л-мамолик» дар мавзӯи ҷуғрофиё таълиф ёфта, ба ҳайси нахустин асар дар навъи худ ба рушду ривоҷи насри ҷуғрофиёии исломӣ замина фароҳам овардааст. Китобҳои дигари Абулаббоси Марвазӣ дар мавзӯъҳои марбут ба балоғат, таърихи Қуръон ва ғайра иншо шуда, вусъати дониш ва назари нависандаро таъйид мекунанд.

Аҳмад ибни Абӯтоҳири Тайфур

Абулфазл Аҳмад ибни Абӯтоҳири Тайфури Котиб яке дигар аз нависандагони номовари арабизабон маҳсуб мешавад. Муаллифони

манобеи куҳан асли марврӯдӣ ва аз хонадони давлатмардони Хуросон бархостани ӯро таъйид кардаанд [86, 163; 89, III, 87]. Ибни Абӯтоҳир дар соли 204/819 таваллуд шуда, дар оғози кор дар мактабҳои умумӣ ба тарбияти котибон машғул будааст ва сипас дар ҷониби шарқии бозори варроқони Бағдод мактаби хоси худро таъсис додааст. Вафоти Ибни Абӯтоҳирро дар соли 280/893 дар Бағдод таъйин кардаанд [86, 163; 89, III, 87].

Ибни Абӯтоҳир ҳам дар наср ва ҳам дар назми арабизабон даст доштааст, вале дар мавриди шоирии ӯ гуфтаанд, ки дар шеърҳояш калимотро тасҳиф мекардааст. Зоҳиран, мурод аз ин эрод истифодаи ноҷои калимот дар шеър будааст. Шӯҳрати ӯ дар адабиёти арабизабон бештар ба таълифоти мутааддидаш муртабит аст. Ибни Надим, Ёқути Ҳамавӣ ва Ҳоҷӣ Халифа унвони беш аз 50 асари Ибни Абӯтоҳирро ба қайд овардаанд [86, 163; 89, III, 90-92; 55, V, 45]. Бештари таълифоти нависанда ба ахбори шуаро ва ашъори онҳо бахшида шудааст. Як идда таълифоти ӯ ба таърих оид буда, дар миёни онҳо «Таърихи Бағдод» шӯҳрат ва аҳамияти бештар дорад. Аз ин китоб қисми шашуми он, ки ба таърихи хилофати Маъмун ихтисос дорад, то замони мо расида ва рӯи чопро дидааст. Ба ақидаи Е.Босворт, ин китоб аз нахустин падидаҳои нигориши таърих ва фарҳанги шаҳрҳо ба шумор меояд [315,VII,663]. Номгӯи осори Аҳмад ибни Абӯтоҳир далел бар он аст, ки нависанда ба мероси маънавии Эронзамини тоисломӣ вуқуф дошта ва дар ин замина чанде аз китобҳои худро таълиф кардааст. Яке аз ин китобҳо «Китоб мартабат Ҳурмуз ибн Кисро Анушервон» (Китоби мартабаи Ҳурмуз писари Хусрави Анӯшервон) аст. Дар баъзе аз нусхаҳои «ал-Фиҳрист», аз ҷумла дар чопи Ризо Таҷаддуд, номи он дар шакли «Китоб тарбият Ҳурмуз ибни Кисро Анӯшервон» забт шудааст. Дар нашри «Мӯъҷам ул-удабо» номи ин асар дар гунаи «Китоб марсият…» ва дар «Кашф уз-зунун» ба таври «Китоб мартабат…» ба қайд омадааст. Муҳаммади Муҳаммадӣ аз миёни ин гунаҳои мухталиф номи «Китоб тарбият Ҳурмуз ибни Кисро Анӯшервон»-ро саҳеҳ шуморида, ҳадс задааст,

ки ин китоб шомили достони таълим ва тарбияти Ҳурмуз ва кайфияти имтиҳони ӯ дар ҳузури падараш – Хусрави Анӯшервон бояд бошад, ки Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» онро батафсил овардааст [292, 324-326]. Чунин эҳтимолро наметавон рад кард. Пас, агар ҳадси М.Муҳаммадиро бипазирем, бояд китоби Ибни Абӯтоҳирро таълифе мустақил бар асоси ҳамон достон ба шумор овард, на тарҷумаи мустақими он, зеро нависандаи мазкур на бо тарҷума, балки бо таълиф сарукор доштааст. Ба ҳар ойин, мӯҳтавои эронии китоби мазкури Ибни Абӯтоҳир тардидеро эҷод намекунад.

Номи китоби дигари нависанда, ки дар пайравӣ аз суннатҳои насри паҳлавӣ иншо шудани он мусаллам аст, ҳамчунин дар манобеъ дар гунаҳои мухталиф забт шудааст. Аз ҷумла, дар «ал-Фиҳрист» он дар шакли «Хабар ал-малик ал-онӣ фӣ тадбир ал-мамлака ва-с-сиёса», дар «Мӯъҷам ул-удабо» дар сиғаи «Хабар ал-малик ал-олӣ…» ва дар «Кашф уз-зунун» дар қолаби «Хабар ал-малик ал-одил…» ба қайд омадааст. Гунаи ахири номи китоб, яъне «Хабар ал-малик ал-одил фӣ тадбир ал-мамлака ва-с-сиёса» (Хабари тадбири малики одил дар идораи кишвар ва сиёсат) ба назар мураҷҷаҳ менамояд, зеро таърифи малик бо сифатҳои «ал-олӣ» ва «ал-онӣ» (хору залил, гирифтор) дур аз мантиқ аст. Дар баробари ин, таъбири «малики одил» ба ҳайси таъриф аз Хусрави Анӯшервон дар адабиёти мусалмонӣ роиҷ аст. Бо таваҷҷӯҳ ба китоби қаблии Ибни Абӯтоҳир, ки огоҳии нависандаро аз ахбори Хусрави Анӯшервон ва писари ӯ - Ҳурмуз таъйид мекунад, метавон тахмин кард, ки мӯҳтавои ин китоб бо сиёсати кишвардории Хусрави Анӯшервон робита доштааст.

Ду китоби дигари Аҳмад ибни Абӯтоҳир – «Китоб ал-малик ал-бобилий ва-л-малик ал-мисриййи-л-боғийайни ва-л-малик ал-ҳалим ар-румий» (Достони шоҳони ситамгари бобуливу мисрӣ ва шоҳи ҳалими румӣ) ва «Китоб ал-малик ал-муслиҳ ва-л-вазир ал-муъин» (Достони шоҳи дурусткор ва вазири ёвар) аз он дарак медиҳанд, ки муаллифи онҳо аз суннатҳои афсонанигории тоисломӣ воқиф буда ва ин китобҳоро дар пайравӣ аз он суннатҳо ба риштаи таҳрир кашидааст.

Ба қалами Аҳмад ибни Абӯтоҳир ҳамчунин рисолае бо номи «Муфохарат ул-вард ва-н-нарҷис» (Нозидани гули сурх ва наргис) мансуб аст, ки он, бешак, аз навъи мунозираҳои маъмул дар адабиёти паҳлавӣ аст. Ин рисола дар ҷузви китоби «ал-Фарағ баъд аш-шидда»-и Танухӣ то замони мо расидааст [231, III, 28].

Аз номи асари дигари Ибни Абӯтоҳири Тайфур – «Китоб фазл ал-араб ала-л-аҷам» (Китоби бартарии арабҳо бар эрониён) пайдост, ки муаллиф, бо вуҷуди эронитабор будан ва ба осори ниёгон ҳусни ихлос доштанаш, афкору ақоиди шуубияро напазируфтааст ва китоби мазкурро дар радди асарҳое, ки Аллони Шуубӣ, Саид ибни Ҳумайд, Абӯубайда ва дигар пайравони шуубия доир ба бартарии эрониён бар арабҳо навиштаанд, таълиф кардааст.

Бино ба ахбори манобеи куҳан, писари Ибни Абӯтоҳир – Убайдуллоҳ низ дар ҷодаи таълифу тасниф пайрави падараш буда ва китоби «Таърихи Бағдод»-и вайро такмил дода, баёни вақоеи таърихиро то замони халифа ал-Муқтадир (907-932) расонидааст. Ба қалами ӯ чанд китоби дигар низ тааллуқ доштааст, ки номи онҳо дар манобеъ ба қайд омадааст [86, 164].

Ҳамин тариқ, осори Аҳмад ибни Абӯтоҳири Тайфур иртиботи ин нависандаро бо дастовардҳои насри тоисломии эронӣ ва нақши ӯро дар тадовуми онҳо таъйид мекунанд.

Аҳмади Сарахсӣ

Абулфарағ Аҳмад ибни Таййиби Сарахсӣ яке аз адибоне маҳсуб мешавад, ки дар риштаҳои мухталифи адабу илми замонаш осори мутааддиде таълиф кардааст. Ибни Надим ӯро «нависандаи балеғ ва соҳиби ривояти бисёр» номида, унвони чаҳор китоби ӯро зикр кардааст [86, 166]. Ёқут дар бораи Аҳмади Сарахсӣ маълумоти бештаре зикр карда, ба осори ӯ ва саҳмаш дар улуми мухталиф баҳои баланд додааст [89, III, 98-102]. Муаллифи «Кашф уз-зунун» дар зикри куния ва номи падари Аҳмади Сарахсӣ бо Ибни Надим ва Ёқути Ҳамавӣ ихтилоф дорад, вале нисбат ба ин ду муаллиф ановини китобҳои бештари ӯро зикр кардааст [55, V, 46].

Бино ба ахбори манобеи мазкур, Аҳмади Сарахсӣ аз надимон ва муқаррабони халифа Мўътазид (892-902) будааст, вале баъдан мавриди хашму ғазаби халифа қарор гирифта, ба зиндон меафтад ва дар моҳи сафари соли 286/899 вафот меёбад [89, III, 99]. Дар мавриди сабаби зиндонӣ шудани Аҳмади Сарахсӣ муаллифи «Мўъҷам ул-удабо» аз забони халифа Мўътазид овардааст, ки гўё ў ба илҳод гароиш дошта ва халифаро низ ба он даъват кардааст, вале дар чӣ зоҳир шудани илҳоди вай ташхис нашудааст [89, III, 101].

Бо истинод ба ановини беш аз чиҳил китоби Аҳмади Сарахсӣ метавон тазаккур дод, ки ў дар риштаҳои адаб, мусиқӣ, панду ҳикмат, одобу сиёсати кишвардорӣ, ҷуғрофиё, таърих, тиб, улуми риёзӣ таълифот ва маҷмўаҳо доштааст, ки ғолибан «ихтисороте аз кутуби мутақаддимин» ба шумор мерафтаанд [55, V, 46]. Бо таваҷҷўҳ ба унвони ду асари Аҳмади Сарахсӣ – «Китоб адаб ал-мулук» ва «Китоб ус-сиёса» метавон ба иртиботе миёни онҳо ва рисолоти маъмул дар адабиёти паҳлавӣ дар бораи одобу сиёсати кишвардорӣ қоил буд.

Хонадони Тоҳириён

Таъсис ёфтани давлати Тоҳириён (821-873) ва насру назмро ба забони арабӣ ташҷеъ кардани онҳо ба ташаккули адабиёти арабизабон, аз ҷумла анвои мансури он дар марказҳои Эрон ибтидо гузошт. Чанде аз намояндагони дудмони Тоҳириён мисли ағлаби хонадонҳои ришадори Эронзамин, аз қабили Бармакиён, Оли Саҳл ва дигарон, дар қуруни нахустини исломӣ бо пазириши ислом ва касби табаҳҳур дар забону адаби арабӣ дар кори тарҷума, таълиф ва иншо даст доштанд. Фаровардаҳои қалами онҳо ва номҳои таълифоташон дар манобеи арабизабон ба қайд омадаанд, ки аз истеъдод ва ҳунари нигорандагии онҳо дарак медиҳанд. Фузун бар ин, хонадони Тоҳириён дар пайравӣ аз дудмони Бармакиён дар сарпарастӣ ва дастгирии нависандагону шоирони эронитабор, ки таваҷҷўҳ ва иродате ба меросии маънавии Эронзамин доштанд, саъйи вофир мабзул медоштанд. Дар партави иноят ва карами онҳо дар Марву Нишопури асри

IX маҷмааи адибону шоирон ташаккул ёфт, ки ба он аксаран аҳли адаби эронитабор шомил буданд. Дар таъйиди ин матлаб ва бо истинод ба ахбори манобеи куҳан метавон дар бораи нақши намояндагони алоҳидаи сулолаи Тоҳириён дар насри арабизабон сухан ба миён овард.

Тоҳир ибни Ҳусайн. Муассиси давлати Тоҳириён – Тоҳир ибни Ҳусайн ибни Мусъаб ибни Рузайқ ибни Моҳон аз хонадоне бархоста буд, ки намояндагони он аз аҳди Умавиён сар карда дар ҳаёти сиёсии хилофат нақш доштанд. Ҷадди Тоҳир – Мусъаб шуғли дабирӣ дошт ва дар қиёми Абӯмуслими Хуросонӣ алайҳи Умавиён ширкат карда буд. Падари Тоҳир – Ҳусайн вилояти Бушанҷро ба ӯҳда дошт. Тоҳир ибни Ҳусайн соли 159/775 таваллуд ёфта, соли 207/822 аз олам гузаштааст [23, II, 521]. Корномаи ӯ ва ҳадиси марги асроромезаш дар «Таърих»-и Табарӣ, «Вафаёт ул-аъён» ва соири манобеъ баён шуда ва аз ҷониби муаррихони ватаниву хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [128, I, 444-447; 143, II, 321-325; 100, VII, 506-507].

Тоҳир ибни Ҳусайн на танҳо давлатмарди бузург буд, балки ба ҳайси нависанда ва адиби суханпардоз низ иштиҳор дошт. Ибни Надим ӯро «номанигори балеғ» муаррифӣ карда ва соҳиби рисолаҳои маҷмӯъ буданашро ба қайд овардааст [86, 130]. Чанде аз номаҳои Тоҳир ибни Ҳусайн дар миёни аҳли адаб ва сиёсат шӯҳрат доштанд. Яке аз онҳо, ки дар таворих нақл шудааст, номаест аз Тоҳир ибни Ҳусайн ба халифа Маъмун пас аз фатҳи Бағдод ва халъи халифа Амин аст, ки онро соҳиби «ал-Фиҳрист» бо иборати «номаи машҳур ва бисёр накӯ» васф кардааст [86, 130].

Машҳуртарин номаи Тоҳир ибни Ҳусайн номаест, ки онро перомуни одобу қавонини кишвардорӣ барои писараш – Абдуллоҳ ибни Тоҳир ба муносибати волии Диёри Рабиа таъйин шудани ӯ дар соли 206/821 навиштааст. Ин нома моҳиятан аҳдномаи сиёсиву ахлоқиест, ки дар пайравӣ аз пандномаҳои сосонӣ ва номаи Абдулҳамиди Котиб аз ҷониби Марвон ба валиаҳдаш навишта шудааст. Ин нома, ки дар фасли баъдӣ

мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт, намое аз табаҳҳури Тоҳир ибни Ҳусайн дар суннатҳои андарзнигории сосонӣ ва мазҳаре аз мазоҳири андешаи сиёсиву ахлоқии тоисломии Эронзамин дар муҳити исломӣ аст.

Абдуллоҳ ибни Тоҳир. Яке аз номвартарин амирони хонадони Тоҳириён – Абулаббос Абдуллоҳ ибни Тоҳир дар айни замон дар паҳнаи назму насри арабизабон низ иштиҳор дошт. Ибни Надим ўро « аз шуаро ва мутарассилони балеғ» муаррифӣ карда, аз вуҷуди девони расоили ў хабар додааст [86, 130]. Соҳиби «Китоб ул-оғонӣ» намунаҳои ашъори ў ва баъзе лаҳзаҳои рўзгорашро нақл кардааст [37, XII, 101-106]. Шарҳи нисбатан муфассали рўзгори Абдуллоҳ ибни Тоҳир, пораҳои ашъори ў ва мадоеҳи шоирони дигар дар ҳаққи вай дар «Вафаёт ул-аъён» ба назар мерасад [23, III, 83-89]. Абдуллоҳ ибни Тоҳир дар соли 230/844 дар Нишопур аз олам гузаштааст.

Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳир. Убайдуллоҳ низ мисли падараш – Абдуллоҳ ибни Тоҳир ҳам ба ҳайси яке аз давлатмардон ва ҳам чун шоири тавоно ва адиби суханвар шўҳрат дошт. Ибни Надим дар бораи ў чунин нигоштааст: «Убайдуллоҳ аз шоирон ва мутарассилони умаро буда, раёсати шуртаи Бағдодро дошт. Ӯ сарвари хонадон ва охирин нафар аз Тоҳириён аст, ки бо доштани раёсати шурта аз дунё рафт» [86, 193]. Дар сарчашмаҳо таваллуди ўро дар соли 223/837 ва вафоташро дар соли 300/912 таъйин кардаанд.

Ба қалами Убайдуллоҳ чанд китоб мансуб аст, ки, ғолибан, ба масоили шеъру шоирӣ, фасоҳат ва бароат ва ғайра тааллуқ доранд. Дар миёни онҳо «Рисола фӣ-с-сиёса ал-мулукийя» (Рисола дар сиёсати шоҳӣ) ба назар мерасад, ки дар иртибот бо ин навъ китобу рисолаҳои аҳди сосонӣ таълиф шуданаш аз эҳтимол дур нест.

Убайдуллоҳ ҳамчун хунёгар ва мусиқишинос низ маъруф буд ва ба қаламаш рисолае дар илми мусиқӣ бо унвони «Китоб ул-адаб ар-рафиа» тааллуқ дошт. Намунаҳои ашъори Убайдуллоҳ дар «Китоб ул-оғонӣ», «Вафаёт ул-аъён» ва соири манобеи адабиву таърихӣ дарҷ шудааст.

Мансур ибни Талҳа. Аз намояндагони дигари хонадони Тоҳириён Мансур ибни Талҳа ибни Тоҳир аст, ки ўро «ҳакими Тоҳириён» меномидаанд [86, 130]. Мансур ҳокими Марв, Омул, Зам ва Хоразм буд ва дар баробари ин ба таълифу тасниф дар фалсафа мепардохт. Аз ҷумлаи китобҳои ў яке дар илми мусиқӣ бо номи «Китоб ул-мӯнис» буд, ки файласуфи маъруф ал-Киндӣ пас аз хондани он гуфтааст: «Ҳамон тавре ки муаллифаш онро номида, дар ҳақиқат ҳам, мӯниси хонанда аст». Бо зикри ин матлаб Ибни Надим унвони китобҳои дигари Мансурро низ ба қайд овардааст [86, 130]. Бино ба ишораи Ҳоҷӣ Халифа, Мансур ибни Талҳа дар ҳудуди соли 250/864 аз дунё рафтааст [55, VI, 366].

Намояндагони дудмони Тоҳириён бо ширкати фаъоли хеш дар эҷоди насру назми арабизабон таваҷҷӯҳи худро ба тамаддуну забони арабӣ пинҳон намедоштанд. Дар баробари ин, онҳо муборизаи шуубиёни эрониро ба муқобили Хилофат ва кӯшиши онҳоро баҳри эҳёи анъанаву суннатҳои эронӣ дастгирӣ мекарданд, зеро аҳдофи шуубиён ба мақсади истиқлолҷӯии Тоҳириён созгору мусоид буд. Чунин сиёсати фарҳангӣ боис шуд, ки забони форсӣ ва назми форсизабон торафт бештар ба дарбори Тоҳириён роҳ ёбад. Дар натиҷа, дар аҳди Тоҳириён аввалин бор дар таърихи адабиёти халқҳои эронӣ ҳамзистиву муносибати ҳамрӯии назму насри арабизабон ва форсизабон зери пуштибонии расмии дарбор оғоз ёфт. Дар ин давра дар радифи аввалин шоирони порсигӯй Маҳмуди Варроқ ва Ҳанзалаи Бодғисӣ як даста аз нависандагону шоирони арабизабон, аз қабили Авф ибни Муҳаллими Хузоӣ (753-тахм.835), Абуламайсал Абдуллоҳ ибни Хулайд (ваф. 854), Аҳмад ибни Абӯхолиди Зарир ва дигарон зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ки ишороте ба рӯзгору осори онҳо дар рисолаи дигари нависандаи ин сатрҳо рафтааст (ниг.: [134, 46-50]).

Иброҳим ибни Мамшоди Мутаваккилӣ

Пас аз инқирози давлати Тоҳириён ва ба майдон омадани Саффориён вусъати адабиёти арабизабон дар давраи кӯтоҳи ҳокимияти онҳо то андозае маҳдуд гардид, вале аз байн нарафт. Бо Саффориён алоқаманд

будани фаъолияти нависанда ва шоири маъруфи арабизабон – Абӯисҳоқ ибни Мамшоди Мутаваккилии Исфаҳонӣ далел бар он аст, ки насру назми арабизабон дар дарбори Саффориён низ, сарфи назар аз он, ки муаррихон ва тазкиранигорон онҳоро ба забони арабӣ нобалад донистаанд, мавқеъ дошт.

Муаллифи «Мӯъҷам ул-удабо» бо истинод ба муаррих ва адиби маъруфи арабизабон Ҳамзаи Исфаҳонӣ дар бораи Иброҳим ибни Мамшод чунин иттилоъ додааст: «Ӯ аз балеғони Исфаҳон маҳсуб мешавад ва аз рустои Ҷаййи ин шаҳр бархостааст» [89, II, 16]. Иброҳим пас аз касби камол ба Бағдод рафта, ба дабирӣ иштиғол варзидааст. Дар аҳди Мутаваккил (847-861) Иброҳим ибни Мамшод ба дараҷаи сардабир ва надими халифаи мазкур мерасад ва ба нисбаи «Мутаваккилӣ» иштиҳор пайдо мекунад.

Ёқут ишора бар он дорад, ки дар замони Иброҳим ибни Мамшод дар Ироқ балеғтар аз ӯ нависандае набуд ва иддае аз номаҳои ӯ, хоссатан рисолаҳои тӯлониаш дар ситоиши корномаҳои халифа Мутаваккил ва яке аз сипаҳсолорони ӯ – Фатҳ ибни Хоқон дар миёни дабирон чун сармашқи эҷод то ҳол (яъне то замони Ёқут) мутадовил аст [89, II, 16]. Пас аз кушта шудани Мутаваккил нависанда бо дарбори Аббосиён қатъи алоқа карда, ба Яъқуб ибни Лайси Саффор (867-879) пайвастааст.

Аз номи ин амири саффорӣ Иброҳим ибни Мамшод ба халифа Мӯътамид (870-892) рисолаи манзуми машҳуре навиштааст, ки мӯҳтавои он аз ситоиши фарҳангу тамаддуни тоисломии Эронзамин ва таъкиди эҳёи ҳастии сиёсиву маънавии халқҳои эронӣ фароҳам омадааст (ниг.: [134, 75-76]). Дар «Мӯъҷам ул-удабо» ҳикоёте аз рӯзгори Иброҳим ибни Мамшод ва пораҳое аз ашъори ӯ нақл шудаанд [89, II, 17-20].

Зоҳиран, Иброҳим ибни Мамшод дар замони аморати Яъқуби Лайс аз дунё гузаштааст, зеро ахборе, ки ба иртиботи ӯ бо ҷонишини Яъқуб – Амри Лайси Саффорӣ ишора кунад, дар манобеъ ба қайд наомадааст.

Ҳамин тавр, дар асрҳои VIII-IX ба ҷуз аз адибоне, ки ба ҳайси мутарҷимони осори паҳлавӣ ба арабӣ шӯҳрат доштаанд, ҳамчунин теъдоди зиёди нависандагони эронитабор дар қаламрави насри арабизабон бо таълифу тадвин машғул будаанд. Лозим ба таъкид аст, ки доираи ширкати нависандагони эронитабор дар насри арабизабон васеътар аз он аст, ки дар ин бахши рисола ба қайд омад. Ҳар муҳаққиқе, ки ба тазкираҳо ва китобҳои марҷаи адабиёти арабизабон, аз қабили «ал-Фиҳрист», «Мӯъҷам ул-удабо», «Вафаёт ул-аъён» ва осори ҳамгуни онҳо даст дорад, бо номи даҳҳо адибоне мувоҷеҳ мегардад, ки нисбаҳояшон ба шаҳрҳои қаламрави Эронзамин оид аст. Вале дар ин бахши рисола танҳо ба ҳамон нависандагоне ишора шуд, ки бо осори худ дар тадовуми суннатҳои насри тоисломии эронӣ дар муҳити арабиву исломӣ нақше доштаанд. Ин нависандагон бо ҳусни таваҷҷӯҳ ба дастовардҳои маънавии мардуми Эронзамин, бо истиқболу пайравӣ аз мазмуну оҳанг ва қолабҳои ифодаи маъмул дар насри паҳлавӣ ва ҳамоҳанг кардани он бо муқтазоёти ҷаҳоншиносии нави ваҳдонӣ мӯҷиби дар паҳнаи насри арабизабон арзи вуҷуд кардани навъҳои нави осори мансур гардиданд, ки дар ин бора дар бахши баъдии рисола сухан хоҳад рафт.

III.2. Анвои насри таълифӣ

Чунон ки дар бахшҳои гузаштаи рисола зикр гардид, дар садаҳои VIII-IX дар паҳнаи насри арабизабон теъдоди зиёди мутарҷимон ва нависандагони эронӣ ба кори тарҷумаву тадвин ва таълифу иншо пардохта буданд. Ҳосили кори мутарҷимон буд, ки қисми аъзами осори мансури паҳлавӣ кисвати арабӣ ба бар кард ва дар тадовули аҳли адабу фарҳанги садаҳои нахустини исломӣ қарор гирифт. Мутарҷимони эронӣ мазмуну мӯҳтавои осори паҳлавиро зимни тарҷума ба арабӣ ҳатталмақдур нигоҳ медоштанд, вале тарҷумаи онҳоро набояд ба маънии баргардони ҳарф ба ҳарф аз як забон ба забони дигар фаҳмид. Адабиёти паҳлавӣ бар мабнои ҷаҳоншиносии зардуштӣ ташаккул ёфта, муҳимтарин аркони ойини

Зардуштро дар худ таҷассум карда буд. Аён аст, ки роҳ пайдо кардани осори ин адабиёт ба муҳити нави маънавию мафкуравӣ, ки дар заминаи ойини муҳаммадӣ пайрезӣ мегардид, бидуни тағайюр ва таҳаввул ғайриимкон буд. Бино бар ин, мутарҷимони осори паҳлавӣ мутуни мавриди тарҷумаи хешро то андозае тағйир медоданд. Ин тағйир бештар аз ҳазфу таҳрири қисматҳое иборат буд, ки асосҳои дини зардуштӣ ва ё бовару эътиқодоти қадимаи носозгор бо муҳити исломиро ба гунаи равшан ва возеҳ бозгӯ мекарданд. Албатта, чунин равиш матни асари мавриди тарҷумаро куллан тағйир намедод ва ҳадаф аз он то андозае мутобиқ ва мувофиқ кардани он матн ба чаҳорчӯбаи талаботҳои замони нав ба завқу салиқаи хонандагони давр буд. Дар айни замон чунин равиши тарҷума василаи ҳифзи он осор аз нобудӣ ва қадами нахуст дар вуруди адабу фарҳанги Аҷам ба матну батни тамаддуни исломӣ ба шумор меомад.

Пас аз тарҷума навбати таълиф фаро расид. Нависандагони эронӣ, хоссатан онҳое, ки эҷодиёташон аз манобеи тафаккуру андешаи ниёгонашон шодоб гардида буд, осореро таълиф карданд, ки он маҳсули пайравӣ ва истиқбол аз суннатҳои насри паҳлавӣ буд. Дар натиҷа, дар насри арабизабон оҳангу мазмунҳои нав, навъҳову қолабҳои ҷадиди ифода ва вижагиҳои сабкиву ҳунарии тозае рӯй намуданд, ки ба насри тоисломии араб хос набуда, реша дар осори мансури аҳди сосонӣ доштанд. Ҳамин қисмати насри арабизабони асрҳои VIII-IX-ро, ки моҳиятан зодаи тафаккуру андешаи эронӣ ва самараи ҳамоҳангиву мутобиқати томи он бо аркони ҷаҳоншиносии исломӣ аст, метавон ҳамчун насри таълифии эронӣ ба забони арабӣ қаламдод кард. Ин наср дар шароити сиёсиву фарҳангӣ ва муҳити забонии асрҳои VIII-IX мазҳари тафаккур ва қариҳаи бадеии халқҳои эронӣ маҳсуб мешавад. Дар доираи ин наср метавон ба ҷилваҳои мухталифи афкору андешаи эронӣ ва тадовуми суннатҳои насри паҳлавӣ дар қолаби забони арабӣ ишора кард. Дар маҷмӯъ ин ҷилваҳо ҳалқаи пайванд миёни насри тоисломии эронӣ ва насри форсии дарӣ будани насри арабизабони садаҳои VIII-IX-ро таъйид мекунанд.

III.2.1. Густариши насри ахлоқӣ

Тааммул бар насри арабизабони садаҳои нахусти ислом аз густариши бесобиқаи насри ахлоқӣ дар он дарак медиҳад. Ҳамон сон ки дар миёни осори тарҷумашуда аз паҳлавӣ пандномаву андарзномаҳо қисмати аъзамро фароҳам оварда буданд, дар насри таълифии он даврон низ осори ахлоқӣ ё китобҳои «адаб» аз лиҳози теъдод бар соири риштаҳои наср бартарӣ доштанд. Муҳаққиқони араб «далеле барои ин падида намеёбанд, ҷуз фаровон шудани китобҳо ва рисолаҳои форсии тарҷумашуда ба арабӣ дар ин шоха аз адабиёт» [269, 182]. Дар ҳақиқат ҳам, миёни касрати китобҳои тарҷумашуда аз паҳлавӣ ва фузунии таълифот дар риштаи ахлоқ таносуб ва иртиботи қавӣ ҷой дошт, ки онро наметавон инкор кард. Тарҷумаи пандномаҳои сосонӣ, баргардони «Калила ва Димна», «Синдбоднома» ва қиссаҳои дигар аз паҳлавӣ ба арабӣ дар ҷомеаи он даврон он қадар истиқболи пуршӯру шаафе пайдо карданд, ки нависандагони арабизабонро ба таълифи осори ҳамгун бо истифодаи фаровон аз матолиби онҳо водошт. Дар натиҷа, дар насри он даврон анвои мухталифи осори ахлоқӣ арзи вуҷуд карданд, ки онҳоро метавон ба тариқи зайл дастабандӣ кард:

1. Осоре, ки бо номи «Китоб ул-адаб» ё «Китоб ул-одоб» маъруфанд.
2. Осоре, ки бо номи «Китоб ул-васоё» машҳуранд.
3. Осоре, ки «Китоб ул-ахлоқ» унвон доранд.
4. Осоре, ки ба «Китоб ул-ихвон» маъруфанд.

Лозим ба таъкид аст, ки ин дастабандӣ мавзӯоти куллии осори ахлоқиро дар бар гирифтааст. Дар баробари ин, баъзе аз мавзӯоти ҷузъии ахлоқӣ низ буданд, ки перомуни онҳо ҳам китобу рисолаҳои ҷудогона таълиф шудаанд ва вусъату паҳнои насри ахлоқии садаҳои нахустини исломиро бозтобӣ кардаанд. Бо зикри ин матлаб ба баррасии ҳар яке аз дастаҳои мазкури осори ахлоқӣ мепардозем.

Китобҳои «адаб» ё «одоб». Дастаи аввалро, чунон ки зикр шуд, китобҳои «адаб» ё «одоб» фароҳам овардаанд. Ин навъи китобҳои ахлоқӣ

аз лиҳози мавзўъву мўҳтаво ва тарзи баёни матолиби ахлоқӣ дар пайравӣ аз пандномаву андарзномаҳои паҳлавӣ таълиф шудаанд. Мазияти дигари ин навъ китобҳо ин аст, ки муаллифони онҳо аз истифодаи фаровони матолиби осори ахлоқии паҳлавӣ дурӣ наҷустаанд. Ин амр аҳли таҳқиқро баъзан ба он водоштааст, ки ин китобҳоро на таълифи мустақил, балки тарҷумаи мустақим аз паҳлавӣ ба шумор оваранд.

Намунаи барҷастаи ин навъ осор ду китоби Ибни Муқаффаъ бо номҳои «ал-Адаб ас-сағир» ва «ал-Адаб ал-кабир» аст. Лозим ба ёдоварист, ки дар масъалаи тарҷума аз паҳлавӣ ё таълифи мустақил будани ин ду асар ва интисоби «ал-Адаб ас-сағир» ба қалами Ибни Муқаффаъ дар миёни донишмандони Шарқу Fарб, аз қабили О.Решер, Г.Рихтер, Ф.Габриэли, М.К.Алӣ, Эҳсон Аббос ва дигарон ихтилофи назар вуҷуд дорад. Андеша ва далоили муҳаққиқони мазкур доир ба ин масъала ба таври иҷмолӣ дар мақолаи муҳаққиқонае дар «Доиратулмаорифи бузурги исломӣ» баён шудааст, ки он моро аз баргирифтани домани ин баҳс бениёз мегардонад [221,IV, 674-675]. Фақат ҳаминро бояд таъкид кард, ки ихтилофоти мазкур аз он ҷо бархостааст, ки Ибни Надим ҳангоми баршумурдани осори Ибни Муқаффаъ миёни тарҷумаҳо ва таълифоти ӯ ҳадде фосил нагузоштааст [86, 132]. Сониян, Абулҳасани Омирӣ дар «ас-Саъода ва-л-исъод»-и худ овардааст, ки «Ибни Муқаффаъ маҷмӯаҳое аз китоби «Авесто»-и зардуштиёнро, ки дар ахлоқи нек аст, дар китоби маъруф ба «ал-Адаб ал-кабир» нақл кардааст» [68, 159-160].

Ин сухани Омирӣ далел бар он шуда наметавонад, ки «ал-Адаб ал-кабир» ба тамомӣ тарҷума аз «Авесто» ё ба таври умум аз адабиёти ахлоқии тоисломии эронӣ бошад. Баръакс, фаҳмидани он ба маъное, ки Ибни Муқаффаъ дар таълифи асари мазкураш аз сарчашмаҳои ахлоқу маънавиёти зардуштӣ истифода кардааст, наздик ба ҳақиқат менамояд. Ба ҳар ойин, алҳол ақидаи ғолиб дар ин боб ин аст, ки ҳар ду асари Ибни Муқаффаъ аз таълифоти ўянд ва далели қотее дар даст нест, ки интисоби «ал-Адаб ас-сағир»-ро ба ин нависанда рад кунад.

Бо таваҷҷӯҳ бар он, ки ишора ба матолиби ин ду асари Ибни Муқаффаъ метавонад тасаввуре кофӣ дар бораи ин даста аз насри ахлоқии арабизабон ба даст диҳад, онҳоро мухтасаран аз назар мегузаронем:

«ал-Адаб ас-сағир». Ин китоб мутобиқ ба номаш рисолае кӯтоҳ аст, ки панду андарзҳои он ба оммаи васеи хонандагон ё, ба қавли Ибни Муқаффаъ, ба ҳар «офаридае» нигаронида шудааст. Ҳадафи муаллиф аз тарғибу талқини панду андарзҳо низ таҳзиби ахлоқи ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, дар рисола таълимот ва дастурҳои ахлоқие дарҷ гардидаанд, ки ба масъалаҳои зиндагии фардӣ ва иҷтимоӣ оиданд. Ҳадафи таълифи рисоларо муаллиф чунин шарҳ додааст: «Ман дар ин китоб суханонеро аз мардум ҳарф ба ҳарф нигоштаам, ки онҳо ба ободониву сайқали дилҳо, равшании дидаҳо, ривоҷи андешаҳо ва ҷустани тадбирҳо мусоидат мекунанд, ба умури писандида ва ахлоқи ситуда роҳнамоӣ мекунанд» [35, 37].

Бино ба ақидаи муаллиф, мақсуди мардум ва ниёзҳои эшон салоҳи зиндагӣ ва охираташон аст ва роҳ ба сӯи даст ёфтан ба ин мақсуд доштани ақлу хиради дуруст аст. Ақлу хирад меъёри асосии рафтору кирдор ва василаи ноил шудан ба саломати тан ва саодати рӯҳ аст. Бесабаб нест, ки ағлаби бандҳои ин рисола бо иборати «Ала-л-оқили ан…» (яъне оқилро мебояд, ки…) оғоз мешавад. «Ақлҳо, - навиштааст Ибни Муқаффаъ,- ба воситаи адаб нашъунамо меёбанд ва поку покиза мешаванд» [35, 31]. Бад-ин маънӣ адобу ахлоқи ҳамида инсонро метавонад хушбахт гардонад ва шахсияти ӯро такомул бахшад. Барои ин шарт аст, ки ақлу хиради инсон ҳокими нафсу тани ӯ бошад. Сипас Ибни Муқаффаъ хислату хӯй ва равишу манишҳоеро, ки барои марди оқилу хирадманд заруранд, дар қолаби панду андарз ва суханони ҳакимона баён мекунад.

Ӯ ба хирадманд зарурати ҳамнишинӣ бо соҳибони ақлу тамизро талқин мекунад. Барои он ки нафс бар ақл пирӯз нагардад, хирадманд бояд чаҳор соатро барои чаҳор чиз ҷудо намояд ва ҳеҷ кори дигар ин чаҳор соатро ишғол накунанд: соате барои хилват бо Худои хеш, соате барои баррасии нафси худ ва шикастани он, соате барои дидор бо дӯстони

мавриди итминони худ, ки айбҳояшро аз сари сидқу дурустӣ ба ӯ мегӯянд ва ба насиҳату роҳнамоии вай мепардозанд, соате барои лаззатҳо ва сархушиҳои поку писандида.

Шахси хирадманд набояд хатое дар раъй, лағзише дар илм ва ғафлате дар корҳояшро кӯчак шуморад, зеро хатоҳои бузургу фоҳиш аз ҳамин чизҳои кӯчак сар мешавад.

Ба дастури Ибни Муқаффаъ, хирадманд бояд ду ойина дар даст дошта бошад: бо яке аз онҳо бадиҳои худро бингарад ва то метавонад, ба ислоҳи хеш бипардозад; бо ойинаи дигар хубиҳои мардумро бубинад ва то метавонад, аз он хубиҳо баҳравар гардад.

Дар миёни фазоили ахлоқие, ки Ибни Муқаффаъ аз онҳо ёд мекунад, ҷавонмардӣ мавқеи хос дорад: «Шахси ҷавонмард, вале нодор мӯҳтарам аст, мисли шери захмин, ки аз он метарсанд, ҳарчанд ки он аз ҷояш намехезад. Вале шахсе, ки ноҷавонмард аст, молу сарвати зиёд дошта бошад ҳам, мавриди иҳонат қарор мегирад, монанди саге, ки назди мардум беқадр аст, гарчи гардану пойҳояш бо тавқу занҷири заррин ороста бошанд» [35, 90].

Мавзӯоти панду андарзҳои Ибни Муқаффаъ дар ин рисола хеле васеъ буда, ағлаби масоили ахлоқии марбут ба рафтору кирдор ва муомилаву муносибати инсонро дар зиндагии фардӣ ва иҷтимоии ӯ дар бар мегирад.

«ал-Адаб ал-кабир». Ин китоб аз рисолаи аввал ҳаҷман калон буда, ба ду бахш тақсим мешавад. Бахши аввал ҳамчун дастур ва панднома ба ҳукмронҳо ва наздикону муқаррабон ва атрофиёни онҳо иншо шудааст. Бахши дуюмро муаллиф ба масъалаи дӯстӣ ва кайфияти муносибату рафтор бо дӯстон ихтисос додааст. Дар оғози китоб Ибни Муқаффаъ истиноди худро ба донишу таҷрибаи пешиниён ва мақоми эшонро дар андӯхтан ва ба наслҳои баъдӣ интиқол додани он донишҳо дар иборати зерин, ки шеъри маъруфи Рӯдакиро ба ёд меоранд, таъкид кардааст: «Таваҷҷӯҳи пешиниёни мо дар бораи донишандӯзӣ ба ҷое расида буд, ки ҳар гоҳ даре аз илме барои эшон кушода мешуд ё сухани дурусти

ҳакимонае мешуниданд, онро бар сахраҳо ва сангҳо менигоштанд, то аз миён наравад ва ба ояндагон ба ёдгор бимонад» [35, 98].

Ибни Муқаффаъ тасреҳ кардааст, ки дар миёни донишҳои пешиниён ҳикмату андарзҳои латиф низ ба мо арзонӣ шудааст ва бархе аз абвоби онро дар ин китоби худ баён намудааст, то мавриди ниёзи мардум қарор гирад [35, 100]. Манзури Ибни Муқаффаъ аз донишу ҳикмати пешиниён ба ҷуз аз андӯхтаҳои ахлоқиву маънавии мардуми Эронзамин чизе дигар буданаш аз эҳтимол дур аст, зеро ӯ худ дастпарвари ҳамин ахлоқу маънавиёт буд ва ба он дилбастагиву иродати тамом дошт.

Панду андарзҳои бахши аввали «ал-Адаб ал-кабир», чунон ки зикр шуд, ба масъалаҳои марбут ба ҳокимият, шахси ҳоким ва ҳамнишинони ӯ ихтисос ёфтааст. Дар ин бахш муаллиф нахуст доир ба ахлоқу одоби ҳоким ва он чӣ барозандаи ӯст, баҳс мекунад. Андешаҳои ӯро дар ин хусус метавон ба таври иҷмолӣ чунин дастабандӣ кард:

1. Такя бар донишмандон дар амри ҳукумат. Ҳоким бояд дар амри ҳукумат бо донишмандон рӯй оварад. Донишмандон ва мардони солеҳу накӯкор дар миёни ҳар қавму қабила ва дар ҳар шаҳру русто ҳастанд ва онҳо бояд ёвар ва дӯсти ҳоким қарор гиранд, то бо машварат ва суханони ҳикматомези худ ҳокимро ба хайру салоҳи умур далолат кунанд ва аз иқдомоти нодуруст ӯро барҳазар доранд. Ҳоким бояд дар баробари шунидани насиҳату андарзҳои онон таҳаммул ва шикебоӣ зоҳир кунад ва ба чашидани талхии гуфтори онон одат кунад. Дар айни замон ӯ роҳи андарзгӯӣ ва сарзаниши худро ба ғайр аз пирони хирад ва соҳибназарони ҷавонмард ба дигарон боз нагузорад.

2. Парҳез аз мадҳу ситоиш. Ибни Муқаффаъ ба ҳокими давр дастур медиҳад, ки аз майл ба мадҳу ситоиш бипарҳезад. Ба ақидаи муаллифи носеҳ, «шахсе, ки мадҳу ситоишро қабул мекунад, монанди касе аст, ки худро мадҳ мекунад. Агар шахс хоҳад, ки ӯро мадҳ кунанд, бояд мадҳу ситоишро қабул накунад, зеро радкунандаи мадҳ худ мавриди ситоиш аст ва қабулкунандаи он мавриди сарзаниш қарор мегирад» [35, 105].

3. Дастёбӣ ба хушнудиву ризои мардум. Ҳоким набояд аз паи ризову хушнудии ҳамаи мардум бошад, зеро ин чизест, ки бад-он ҳаргиз даст нахоҳад ёфт. Аз ин рӯ, ӯ бояд ризои мардуми накӯкору соҳибхирадро ба даст оварад ва ба ризои мардуми ҷафокор, гумроҳ ва нодон ниёз надошта бошад.

4. Равиш ва манишҳои шоистаи ҳоким. Ҳокимро шоиста аст, ки аз корҳои бузурги хеш даст накашад, ки шаънаш паст хоҳад шуд ва ба корҳои хурд саргарм нашавад, ки корҳои бузург нобасомон хоҳад монд. Ҳоким бояд дар подоши некӣ ва сазои бадӣ ҳеҷ гоҳ шитоб накунад, зеро чунин равиш дар давоми тарси гунаҳкор ва умедвории накӯкор бисёр муассир аст.

5. Парҳез аз ахлоқи ношоиста. Ибни Муқаффаъ барои ҳоким чунин шартҳоро пеш мегузорад: ӯ набояд зуд ба хашм ояд, зеро бе ин ҳам тавонотар аз ӯ касе нест; набояд дурӯғ гӯяд, зеро касе ба ӯ эрод нахоҳад гирифт; набояд хасисӣ кунад, зеро нодорӣ ба ӯ таҳдид нахоҳад кард; набояд кина варзад, зеро ҷоҳу манзалаташ бештар ва болотар аз дигарон аст; набояд пайваста қасам хӯрад, зеро гуфтораш бе ин ҳам мавриди қабул хоҳад буд.

Ибни Муқаффаъ дар қисмати дуюми бахши аввал як силсила масъалаҳоеро, ки ба одоби муошират ва мусоҳибат бо ҳокимон ва ойини дарбори онон алоқа дорад, баррасӣ кардааст. Аз ҷумла, ӯ таъкид кардааст, ки зердастон ва раоё ба ҳоким бояд итоат кунанд, вале дар баробари ин аз тамаллуқ ва чоплусӣ назди ӯ барҳазар бошанд. Ибни Муқаффаъ зиён ва хатарҳои ҳамнишиниро бо ҳокимону шоҳон баршумурда, ба вазир ва ашхоси муқарраби дарбор як идда тавсияву дастурҳои ахлоқиро пешниҳод кардааст, ки онҳо аз ин қабиланд: дур шудан аз ҳокиме, ки хайру салоҳи раияти худро намехоҳад; зуд-зуд дасти ниёз дароз накардан ба ҳоким; назди ҳоким аз густохиҳо ва баёни костиҳои ӯ парҳез кардан; дур будан аз шахсе, ки ҳоким ӯро аз худ дур кардааст; парҳез аз дурӯғгӯӣ; ҷавоб надодан ба суоле, ки аз каси дигар пурсида шудааст; кӯшиш накардан бар он, ки ҳамнишинони дигарро бо роҳи бадгӯӣ аз ҳоким дур намоӣ; зарурати

пўшида доштани раъйу рози ҳоким; зарурати ғарра нашудан ба қудрат, мол, мақому ҷавонӣ ва ғайра.

Дар «ал-Адаб ал-кабир» муаллиф ба масъалаи вазир ва маслиҳатгари донои ҳокимону подшоҳон таваҷҷӯҳи махсус зоҳир кардааст. Ба ақидаи ӯ, ҳоким ба вазирони донову ҳакимони маслиҳатгар ниёз дорад. Рисолати вазир далолати ислоҳу салоҳи умури кишвар аст. Бино бар ин, ӯро мебояд, ки дар рафтору гуфтор ва кирдори худ камоли диққат ва инояти комилро риоят намояд, то аз ӯҳдаи боздоштани ҳоким аз зулму беадолатӣ ва аъмоли носавоб баромада тавонад.

Бахши дуюми «ал-Адаб ал-кабир» матолиби ахлоқиеро шомил аст, ки перомуни дӯстӣ, ахлоқи дӯстон ва одоби муоширату муомилати онон баҳс мекунад. Ибни Муқаффаъ дастур медиҳад, ки дӯст барои дӯст бояд ҷону молашро фидо кунад ва дар муносибат бо ӯ ҷавонмардиро меъёри асосӣ қарор диҳад. Ҳар вақт, ки пешомаде ногувор ба сари дӯст ояд, ӯро бо ҳамдардӣ ва сарфи мол бояд ёрӣ дод ва инро миннат накард. Мартабаи дӯстро Ибни Муқаффаъ чунин арзёбӣ кардааст: «Дӯсту рафиқ ғуломи ту нест, ки ҳар вақт хостӣ, ӯро озод кунӣ ё ҳамсарат нест, ки ҳар гоҳ ирода кардӣ, ӯро талоқ диҳӣ, балки дӯст ба манзалаи обрӯ ва ҷавонмардии туст ва ҷавонмардӣ ва обрӯи шахс ҳамоно дӯстон ва руфақои ӯянд» [35, 150]. Аз ин ҷост, ки Ибни Муқаффаъ дар гузиниши дӯст шартҳоеро пеш гузошта ва таъкид кардааст, ки «агар дӯстат аз зумраи мардони дин бошад, бояд фақеҳе бошад дур аз риёву озмандӣ ва агар аз ҷумлаи мардони дунё бошад, бояд марди озодае холӣ аз нодонӣ, дурӯғ, шарорат ва зиштқорӣ бошад» [35, 151].

Ибни Муқаффаъ дар баробари зикри сифатҳои ҳамида ва хислату хӯйҳои писандидаи дӯст аз рафтору кирдор ва ахлоқи накӯҳидаи душман сухан ба миён оварда ва василаҳои эмин будан аз шарри ӯро баён кардааст. Дар фарҷоми рисола муаллиф симои ахлоқиву маънавии дӯстеро аз дӯстони худ тарсим намудааст, ки он моҳиятан масали аълои дӯст аз

назари Ибни Муқаффаъ ва як навъ ҷамъбасти ақоиди ахлоқии ӯ дар боби дӯстӣ ба шумор меояд [35, 186-187].

Чунон ки аён аст, ин ду рисолаи фавқуззикри Ибни Муқаффаъ дар пайравӣ аз пандномаҳои сосонӣ навишта шудаанд. Ба ишораи худи муаллиф, ӯ дар баёни матлаб ва мазмунҳои ахлоқӣ аз «дониши пешиниён», яъне маъхазҳои паҳлавӣ истифода бурдааст, вале онро ба завқу салиқаи хонандагон ва талаботи ғоявии муҳити нави исломӣ мутаносиб гардонидааст. Аз шарҳи мӯҳтавои рисолаҳо низ пайдост, ки дар он дастурҳои ахлоқии мазҳабӣ ба назар намерасад ва матолибе, ки баён шудааст, ҳамагӣ дар доираи ҳикмати амалӣ чарх мезанад. Ҳам дар «ал-Адаб ас-сағир» ва ҳам дар «ал-Адаб ал-кабир» масъалаҳои гуногуни ахлоқӣ ба таври муҳокимаронаиҳои муҷарради ҳакимона баён шудаанд. Агар ба таври дигар гӯем, муаллиф зимни талқини сифатҳои ҳамидаи ахлоқӣ аз овардани қиссаву масалҳо, ки хоси шеваи баёни китобҳои ахлоқии ҳиндиасл, аз ҷумла «Калила ва Димна» аст, худдорӣ карда, аз ҷиҳати услуби нигориш низ ба пандномаҳои паҳлавӣ пайравӣ кардааст.

«ал-Адаб ал-ваҷиз ли-л-валад ас-сағир». Китоби дигаре низ бо ҳамин ном ба Ибни Муқаффаъ мансуб аст. Он дар миёни осори ин нависанда, ки дар «ал-Фиҳрист» зикр шудаанд, наёмада ва асли арабиаш низ дар даст нест, вале тарҷумаи форсии он боқӣ мондааст. Дар тарҷума асли китоб аз Ибни Муқаффаъ ва тарҷумаи форсиаш маҳсули қалами Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дониста шудааст (ниг.: [34, 3]). Масъалаи интисоби асли китоб ва тарҷумаи он ба адибони мазкур мавриди тардиди бархе аз муҳаққиқон қарор гирифтааст, вале далели қотее, ки акси онро таъйид кунад, пешниҳод нашудааст.

«ал-Адаб ал-ваҷиз» шомили панду андарзҳое аз боби ҳикмати амалӣ аст, ки аз ҷониби падар ба фарзандаш ҷиҳати раҳнамоии ӯ дар зиндагӣ арза мегардад. Ҳар банди рисола бо хитобаи «Эй писар» оғоз мешавад ва дар он мавзӯе аз мавзӯоти маъмули ахлоқӣ матраҳ мегардад. Ҳадафи таълифи рисоларо муаллиф дар оғози он чунин шарҳ додааст: «Эй писар,

чун Худои таоло маро ба вуҷуди ту мустабшир гардонид ва ба атои ту бар ман миннат ниҳод, ба ин синну дараҷа ва ҳадду мартаба расонид, ки мустаидди қабули адаб ва қобили иддати ҳунар гаштӣ, бар ман воҷиб аст, ки шукри Офаридгори азза ва ало бар ин мавҳибати ҳанӣ ва атийяти санӣ бигузорам ва бар қазияи каломи раббонӣ, ки «лаин шакартум, мазиданнакум» ба адои шукри мазид истимтоъ ва интифоъ ба бақои ту талаб кунам ва назаре шофиъ ва фикре кофӣ намоям дар иҷтиҳод бо нафси хеш ва базли маҷҳуд ҷиҳати ту, ки ба анвори одоби ман ваъзе ёбӣ ва ҳаззе касб кунӣ, ки бо он мунтафеъ ва мутаматтеъ тавонӣ буд» [34, 4-5].

Рисола дар пайравӣ аз пандномаҳои маъмул дар насри паҳлавӣ, ки аз номи падар ба фарзанд навишта мешуданд ва дар адабиёти баъдии исломӣ низ ривоҷ доштанд, таълиф шудааст. Тарҷумаи форсии он ба сабки маснӯи замони Хоҷа Насируддини Тӯсӣ нигориш ёфта ва бо оёту аҳодис ва ашъору амсоли арабиву форсӣ пероста гардидааст. Гузашта аз ашъори форсӣ, ашъори арабӣ низ ғолибан аз шоиронест, ки баъди замони Ибни Муқаффаъ зистаанд. Ҳамчунон ки аз китобҳои фавқуззикри Ибни Муқаффаъ истинбот мешавад, ин нависанда ба оёту аҳодис ва ашъор истинод намекард ва суннату ойини нигориши паҳлавиро дар шакле, ки ҳанӯз бо аносири фарҳанги исломӣ имтизоҷи тамом пайдо накардааст, маҳфуз медошт. Бино бар ин, амр ва дар қиёс бо тарҷумаҳои форсии «Калила ва Димна», ки бо оёту аҳодис ва ашъор зинат ёфтааст, метавон ҳадс зад, ки мутарҷими форсии «ал-Адаб ал-ваҷиз» матолиберо ба асли арабии он афзудааст.

Лозим ба таъкид аст, ки дар мӯҳтавои «ал-Адаб ал-ваҷиз» ва соири осори ахлоқии Ибни Муқаффаъ умумиятҳое ба назар мерасанд ва маҳсули қалами ҳамин нависанда будани асли ин рисоларо таъйид мекунанд. Чунончи, дар «ал-Адаб ас-сағир» омадааст: «Агар марди фақир далеру шуҷоъ бошад, ӯро сабукмағз мехонанд; агар бахшанда бошад, ӯро исрофкор меноманд; агар ҳалиму бурдбор бошад, ӯро заифу нотавон медонанд; агар бовиқору тамкин бошад, ӯро кундзеҳн меноманд; агар гӯёву забоновар бошад, ӯро ҳазёнгӯ мехонанд; агар сокиту хомӯш бошад,

ўро гунгу забонгир мемонанд» [35, 88]. Муқоиса шавад бо ин пора аз «ал-Адаб ал-ваҷиз»: «Дарвеш маҳалли тўҳмат ва суъи занн бошад. Мардумон шуҷоати дарвешро ба ҳамоқат ном баранд, саховати ўро бар исрофи вай ҳамл кунанд, ҳилми ўро заъф пиндоранд, виқору суботи ўро балодат шуморанд, фасоҳат ва залоқати ўро ҳазар ва ҳазён хонанд ва камсуханиву хомўширо гунгиву бастазабонӣ донанд» [34, 100].

Китобҳои дигари навъи мазкур. Дар истиқбол аз суннатҳои пандномонависии насри паҳлавӣ ва дар пайравӣ аз китобҳои адаби Ибни Муқаффаъ дар насри арабизабони асрҳои VIII-IX таълифи китобҳои «адаб» ё «одоб» ба ҳукми анъана даромад. Табиист, ки ин анъана бештар миёни нависандагони эронитабор роиҷ буд. Дар таъйиди ин нукта метавон ёдовар шуд, ки Ҷаъфар ибни Аҳмади Марвазӣ ду китоби «ал-Одоб ас-сағир» ва «ал-Одоб ал-кабир» иншо кард, ки мусалламан ҳам дар ном ва ҳам дар мўҳтаво ба Ибни Муқаффаъ пайравӣ кардааст [86, 167]. Муҳаммад ибни Лайси Хатиб, чунон ки қаблан зикр шуд, рисолае бо номи «Китоб Яҳё ибн Холид фӣ-л-одоб» навишт [86, 134] ва дар он ба тақлид аз пандномаҳои паҳлавӣ, ки, ғолибан, ба шоҳону вазирон ва ашхоси фарзонаи динӣ нисбат дода мешуданд, матолиби ахлоқиро ба Яҳёи Бармакӣ ихтисос додааст. Муҳаммад ибни Лайс рисолаи дигаре бо номи «Китоб изат Ҳорун-ар-рашид» (Китоби мавъизаҳои Ҳорунаррашид) дорад ва аз унвонаш пайдост, ки он шомили суханони ҳикматомези халифаи маъруфи аббосӣ будааст [86, 134]. Ибни Надим аз китобҳои зиёди адаб, ки дар садаҳои VIII-IX ба ришгаи таҳрир кашида шудаанд, иттилоъ медиҳад. Ҷиҳати огоҳӣ аз касрати ин навъ китобҳо дар он даврон бархе аз онҳоро зикр кардан ба нафъи кор хоҳад буд: Масъада. Китоб ул-адаб [86, 378]; Алӣ ибни Зайд ан-Насронӣ. Китоб фӣ-л-одоб ва-л-амсол ало мазоҳиб ал-фурс ва-р-рум ва-л-араб [86, 378]; Офия ибни Язид ал-Қозӣ. Китоб ул-одоб [86, 135]; Сафвон ибни Яҳё. Китоб ул-одоб [86, 278]; Иброҳим ибни Маҳдӣ. Китоб ул-одоб [86, 378]; Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Китоб ул-адаб [86, 286]; Абўзиё ан-Насибӣ. Китоб ул-одоб [86, 166]; Ибн ал-Ҳорун. Китоб

ул-одоб [86, 165]; Воқидӣ. Китоб ул-одоб [86, 111]; Ибн ал-Мўътазз. Китоб ул-одоб [86, 130] ва ғайра.

Ағлаби ин китобу рисолаҳо аз байн рафтаанд, вале дар қиёс бо китобҳои адаби Ибни Муқаффаъ метавон истинбот кард, ки онҳо ҷанбаҳои мухталифи адабу ахлоқро фаро гирифта буданд. Аз ин лиҳоз ин китобҳоро метавон «китобҳои адаби омм» номид. Дар баробари ин навъ китобҳо асарҳои зиёде дар он даврон таълиф шуданд, ки ба ахлоқу одоби табақаи муайяни иҷтимоӣ ва ё аҳли касбу кор ва ҳирфаи алоҳида ихтисос доштанд. Ин навъ китобҳоро метавон ба «китобҳои адаби хос ё адаби ҳирфаӣ» номзад кард. Дар раъси ин навъи китобҳои адаб осоре қарор доштанд, ки бо унвонҳои «Адаб ул-мулук» ё «Адаб ус-султон» маъруфанд. Ҷои тардид нест, ки мўҳтавои ин китобҳо бо матолиби бахши аввали «ал-Адаб ал-кабир»-и Ибни Муқаффаъ ҳамоҳангии комил дошта, перомуни хислату хўй ва одобу ахлоқи шоҳону фармонравоён баҳс мекардаанд. Дар насри давраи мавриди назар ба вуҷуди теъдоде аз ин навъ китобҳо, аз ҷумла ба «Китоб адаб ал-мулук»-и Аҳмад ибни Таййиби Сарахсӣ [86, 321], «Китоб одоб ус-султон»-и Мадоинӣ [86, 115] метавон ишора кард.

Як даста аз китобҳои адаби хос дар мавзўи одоби дабирон таълиф ёфтанд, ки «Китоб адаб ал-котиб»-и Абҳарии Исфаҳонӣ [86, 152], «Китоб адаб ал-котиб»-и Ибни Қутайбаи Динаварӣ [86, 86], «Китоб адаб ал-куттоб»-и Абўмуҳаммад Қосими Анборӣ, «Китоб адаб ал-куттоб»-и Ибни Дурайд [86, 67] ва ғайра аз зумраи онҳоянд. Дар доираи китобҳои адаби хос ҳамчунин китобҳои марбут ба одоби надимон («Китоб адаб ан-надим») одоби қозиён (силсилаи китобҳо бо номи «Китоб адаб ал-қозӣ»), одоби сухангўён («Китоб адаб ан-нотиқ»), одоби сари дастурхон («Китоб адаб ал-мавоид») ва ғайра таълиф ёфтаанд, ки бо номи муаллифонашон дар «ал-Фиҳрист»-и Ибни Надим ба қайд омадаанд [86, 67, 82, 86, 152, 154, 172, 258, 259, 261, 264, 272, 291].

Китобҳои адаби хос аз китобҳои адаби омм сарчашма гирифтаанд ва марҳалаи ҷадидеро дар таҳаввули осори ахлоқӣ бозтобӣ мекунанд.

Китобҳои «васоё». Дастаи дигари осори ахлоқии насри арабизабони садаҳои VIII-IX аз китобҳое фароҳам меоянд, ки бо номи «Китоб ул-васоё» (Китоби васиятҳо) маъруфанд. Ривоҷи ин гуна китобҳо дар насри арабизабон маҳз дар даврае, ки як идда васиятномаҳои шоҳони гузаштаи эронӣ ба забони арабӣ тарҷума гардид, худ гувоҳ аст, ки насри арабизабон дар ин замина таҳти нуфузи осори паҳлавӣ қарор доштааст. Дар манобеи куҳан як силсила асарҳо бо номи умумии «Китоб ул-васоё» ба қалами нависандагону адибони асрҳои VIII-IX Сафвон ибни Яҳё, Абӯҳанифаи Динаварӣ, Аёшии Самарқандӣ, Муҳаммад ибн ал-Ҳасан, Абӯалии Лӯълӯӣ ва дигарон мансуб дониста шудааст [86, 86, 245, 257, 258, 278]. Теъдоде аз «Китоб ул-васоё»-ҳо дар шумули осори фақеҳону риёзидонҳо низ ба қайд омадааст [86, 260, 264, 279]. Зоҳиран, онҳо дар баробари матолиби ахлоқӣ ҳамчунин дастурҳоеро марбут ба ҳалли масоили фиқҳиву риёзӣ дар бар гирифта будаанд.

Китобҳои ахлоқ. Дастаи дигари осори ахлоқии насри арабизабонро осоре ташкил медиҳанд, ки бо номи «Китоб ул-ахлоқ» маъруфанд. Ин китобҳо аз лиҳози мӯҳтаво бо китобҳои «адаб» иртиботи қавӣ доранд ва ба ду навъ: китобҳои ахлоқи омм ва ахлоқи хос тақсим мешаванд. Аз китобҳои ахлоқи омм метавон ба «Китоб ул-ахлоқ»-и Абӯабдурраҳмони Утбӣ [86, 135] ва «Китоб маҳосин ал-ахлоқ»-и Аёшии Самарқандӣ [86, 245] ишора кард. Дар мавзӯоти марбут ба ахлоқи хос «Китоб ахлоқ ал-мулук»-и Ҷоҳиз [86, 211], «Китоб ахлоқ ал-мулук»-и Муҳаммад ибн ал-Ҳорис ас-Саълабӣ [86, 165], «Китоб ахлоқ ал-Ҳорун»-и Алӣ ибни Убайдаи Райҳонӣ [86, 133], «Китоб ахлоқ аш-шуттор» (Китоби ахлоқи зиракон)-и Ҷоҳиз [86, 212] ва ғайра таълиф шуда буданд.

Аз ин навъ китобҳо яке бо номи «ат-Тоҷ фӣ ахлоқ ал-мулук» маҳфуз монда ва ба зевари табъ ороста гардидааст [51]. Мӯҳтавои он аз матолиби марбут ба ахлоқу одоби шоҳон ва ойину қавоиди маъмул дар дарбори онон, аз қабили ойини борёбӣ, ғизо хӯрдан бо шоҳон, қоидаҳои мунодамат бо шоҳон, рафтор ва кирдори муқаррабон ва ҳамнишинони шоҳон, одоби

сафорат, равиши подшоҳон дар баррасии кори мардум, додани ҷоиза ва атоё, ҳадяҳои Наврӯзу Меҳргон, расму суннатҳои наврӯзӣ, пазироии шоҳон аз мардуми хосу омм, вазоифи подшоҳон дар тадбири умури кишвар ва ҳангоми бурузи хатарҳои гуногун ва ғайра фароҳам омадааст. Дар ҳар масъалае, ки матраҳ мешавад, муаллиф нахуст аз одобу ахлоқ ва равиши шоҳони эронӣ сухан ба миён оварда, сипас расму ойин ва рафтори халифаҳои умавию аббосиро дар ҳамон масъала шарҳ додааст. Матолиби ахлоқӣ дар китоб ба таври муҷаррад баён нашуда, балки бо овардани қиссаву ҳикоёт аз рӯзгори шоҳону халифагон ташреҳ ёфтаанд. Аз ин лиҳоз, китоби мазкур на танҳо бозтоби андешаи ахлоқии эронӣ аст, балки арзиши таърихӣ низ дорад, зеро бархе аз воқеоте, ки дар он зикр шудааст, дар соири китобҳои таърихи мардуми Эронзамин ба қайд наомадаанд ё ишорае кӯтоҳ ба онҳо рафтаасту бас.

Китоби «ат-Тоҷ фи ахлоқ ал-мулук» як намунаи боризи вуруди ахлоқу маънавиёти тоисломии эронӣ ба олами ислом ва мисоли возеҳи ба ҳам омадан ва омезиш ёфтани андешаи ахлоқии эрониву исломӣ аст. Аз ин лиҳоз, китоби мазкур таҳаввули суннатҳои осори ахлоқии эрониро дар қуруни нахустини исломӣ намудор месозад.

Таълифи ин китобро ба қалами Ҷоҳиз, ки табаҳҳуре дар фарҳангу маънавиёти тоисломии мардуми эронитабор дошт, мансуб донистаанд. Дар интисоби китоб ба адиби мазкур тардидҳое низ ҷой дорад, вале дар асоси маохизи тоисломии эронӣ ва дар замони Ҷоҳиз, яъне дар асри IX ба риштаи таҳрир кашида шудани он амре мусаллам маҳсуб мешавад.

Осоре, ки ба «Китоб ул-ихвон» маъруфанд. Дастае дигар аз осори ахлоқии насри арабизабон китобҳоеро шомил аст, ки дар мавзӯи дӯстиву бародарӣ ва одобу шурути он таълиф шудаанд. Ин мавзӯъ аз мавзӯоти асосии пандномаву андарзномаҳо ва соири осори ахлоқии паҳлавӣ ба шумор меомад. Табиист, ки нависандагони арабизабон низ дар пайравӣ аз осори мазкур ва тарҷумаҳои арабии он дар таълифоти ахлоқии худ ба баррасии ин мавзӯъ пардохтанд ва ё дар ин замина осори мустақиле иншо намуданд. Яке аз нахустин рисолаҳое, ки дар мавзӯи дӯстиву бародарӣ ба

забони арабӣ таълиф ёфт, ҳамоно «Рисола фӣ васф-ал-ихо» (Рисола дар васфи бародарӣ)-и Абдулҳамиди Котиб аст, ки қаблан дар фасли марбут ба осори ин нависанда ба он ишора рафт. Ибни Муқаффаъ қисмати дуюми «ал-Адаб ал-кабир»-и худро ба ин мавзӯъ тахсис додааст, ки он, бино бар гароиши ошкор ва истиноди сареҳи нависанда ба осори паҳлавӣ, метавонад доир ба мӯҳтавои ин навъ осори насри тоисломии эронӣ ва таҳаввули суннатҳои он дар таълифоти нависандагони арабизабон тасаввуре кофӣ ба даст диҳад.

Осоре дар ин мавзӯъ бо номи «Китоб ул-ихвон» ба қалами Алӣ ибни Убайдаи Райҳонӣ, Ҷоҳиз ва Ибни Қутайба мутааллиқ аст [86, 85, 133, 211]. Китобе дар мавзӯи интихоби дӯст ва шартҳои он дар номгӯи китобҳои Саҳл ибни Ҳорун [86, 134] зикр ёфтааст. Китоби Абулаббоси Саймарӣ таҳти унвони «Китоб ул-ихвон ва-л-асдиқо» (Китоби дӯстон ва бародарон) низ дар доираи ҳамин мавзӯъ қарор дорад [86, 169].

Вусъати насри ахлоқии садаҳои VIII-IX, ки таҳти нуфузи осори паҳлавӣ ташаккул ёфтааст, бо мавзӯот ва чаҳор даста аз китобҳои фавқуззикр маҳдуд намешавад. Бархе аз муҳаққиқон давоми суннатҳои адабиёти ахлоқии сосониро дар анвои дигари осори насри арабизабон низ ташхис додаанд. Аз ҷумла, К.А.Иностранцев бар он ақида буд, ки «Китоб ул-маҳосин» (Китоб дар бораи хислатҳо ва равишҳои накӯ)-и Умар ибни Фаррухон ва осори ҳамноми соири нависандагони садаҳои нахустини исломӣ бо мавзӯи сифатҳо ва хислатҳои писандидаи ахлоқӣ, ки дар адабиёти тоисломии эронӣ маъмул буд, иртиботи мустақим доранд. Бино бар ин, муҳаққиқи мазкур Умар ибни Фаррухонро нахустин нависандае донистааст, ки суннатҳои ин навъ осори паҳлавиро ба насри арабизабон ворид кардааст [138, 34]. Фузун бар ин, К.А.Иностранцев мӯътақид буд, ки таҳаввули минбаъдаи суннати нигориши китобҳо оид ба хислату хӯйҳои писандида пайдоиши навъи дигари китобҳоро таҳти унвони «Китоб ул-маҳосин ва-л-аздод» ва «Китоб ул-маҳосин ва-л-масовӣ» ба бор овард. Дар ин қабил китобҳо хислату хӯй ва равишҳои писандида бо зуҳуроти акси

онҳо ба доираи муқобала кашида мешуданд ва аз лиҳози шаклу мавзўъ бо осори паҳлавие, ки дар қолаби «Шояст - Нашояст» эҷод шудаанд, қаробат доранд [138, 35-36]. Аз ин навъ китобҳо яке бо номи «ал-Маҳосин ва-л-аздод» ба қалами Ҷоҳиз ва дигаре таҳти унвони «ал-Маҳосин ва-л-масовӣ» ба қалами Иброҳим ибни Муҳаммади Байҳақӣ тааллуқ доранд. Ин ду китоб то замони мо расида, ба зевари табъ ороста гардидаанд. Дар онҳо матолибе, ки маъхазашон осори тоисломии эронӣ аст, фаровон ба назар мерасанд ва ҳақиқати назари К.А.Иностранцевро таъйид мекунанд.

Ҳамин тариқ, бар мабнои матолиби фавқуззикр метавон истинбот кард, ки суннатҳои насри ахлоқии аҳди Сосониён дар ташаккули насри ахлоқии арабизабони садаҳои VIII-IX нақши муҳим гузошта, навъҳои мухталифи китобу рисолаҳоро дар мавзўоте, ки барои насри араб хос набуд, ба бор оварданд.

III.2.2. Рисолаҳо дар ойини кишвардорӣ

Мардуми Эронзамин аз қадимулайём дар давлатдорӣ ва идораи кишвар таҷрибаву дониши фаровон андўхта ва онро дар шакли китобу рисолаҳо мудавван карда буданд. Ин китобу рисолаҳо созмони давлати Сосониро чун намунаи барҷастаи ташкилоти идорӣ намудор мекарданд. Аъроб, ки дар давлатдорӣ ва тадбири мулк таҷрибаи кофӣ надоштанд, пас аз таъсиси Хилофат ба омўзиш ва пазириши ойину русуми фармонравоӣ ва кишвардории Сосониён рўй оварданд. Бар асари ҳамин ниёзи сиёсиву иҷтимоӣ буд, ки ағлаби осори паҳлавии марбут ба масоили тадбири мулк, сиёсати шоҳӣ ва ойини фармонравоӣ дар садаҳои нахусти ислом ба забони арабӣ баргардон шуданд. Фузун бар ин, нависандагони арабизабон низ ба таълифи осор дар ин заминаҳо пардохтанд ва ҳамон осори тарҷумашударо сармашқи кори худ қарор доданд. Дар натиҷа, андешаи сиёсии Эронзамин пас аз суқути давлати Сосониён аз миён нарафт, балки ба василаи ҳамин тарҷумаву таълифот ба муҳити исломӣ интиқол ёфт ва ба пайдоиши шохаи наве дар насри арабизабони қарнҳои нахусти ислом асос гузошт. Осори ин

шохаро рисолаҳо дар ойини фармонравоӣ ва идораи кишвар фароҳам оварданд. Ин рисолаҳо моҳиятан андарзномаҳои сиёсӣ буданд, ки дастур ва тавсияҳоро доир ба тарзи ташкили сохтору ниҳодҳои давлативу аскарӣ, одоб ва вазоифи сардори давлат ва намояндагони дастгоҳи идории кишвар, шева ва усулҳои пиёда кардани сиёсати шоҳӣ фаро мегирифтанд. Ин навъ осори насри паҳлавӣ, ки намунаи барҷастаи он «Аҳди Ардашер» маҳсуб мешавад, маъмулан дар сиғаи дастуру роҳнамоиҳо аз номи шоҳ ба валиаҳдаш ва ё шоҳони баъдӣ таълиф мешуданд. Ҳамин қолаби баёни матлаб дар таълифоти нависандагони арабизабон низ ҳифз гардид. Дар таъйиди ин матлаб метавон ба рисолаи маъруфи Абдулҳамиди Котиб аз номи халифаи умавӣ Марвон ба валиаҳдаш ишора кард, ки дар боби аввали ин нигошта мавриди баррасӣ қарор гирифт. Рисолаи мазкур аз нахустин осорест, ки дар заминаи андарзҳои сиёсӣ ва сиёсати шоҳӣ дар насри арабизабон таълиф шудааст.

«Рисолат ус-саҳоба». Пас аз Абдулҳамиди Котиб ба ин мавзўъ Ибни Муқаффаъ рўй овард ва яке аз осори маъруфи худ - «Рисолат ус-саҳоба»-ро таълиф кард. Рисола амалан як барномаи ислоҳоти сиёсиву иҷтимоӣ аст, ки муаллиф ба халифаи аббосӣ Мансур (754-775) пешниҳод кардааст. Роҳнамоӣ ва андарзҳои Ибни Муқаффаъ дар ин рисола мавзўоти зеринро шомил ҳастанд:

1. Вазъи сипоҳи Хуросон ва тарзи муомила бо он. Ибни Муқаффаъ, пас аз ситоиши мухтасари Мансур халифаи аббосӣ ва сиёсати ў дар оғози рисола, ба баррасии вазъи сипоҳиёни Хуросон, ки дар он даврон ағлаби лашкари Хилофатро ташкил мекарданд, пардохтааст. Ба ақидаи муаллиф, сипоҳиёни Хуросон дар тоат, иффат ва худдорӣ аз саркашиву фасод назир надоранд, вале алҳол ба ду гурўҳ ҷудо шудаанд: гурўҳе дар итоати комили Мансур ҳастанд ва гурўҳе бо он, ки ба тоати халифа тан додаанд, дудила ва мутаҳаййир ҳастанд. Зоҳиран, Ибни Муқаффаъ дар ин маврид ба дудилагии сипоҳ пас аз қатли хоинонаи сарвари онон – Абўмуслими Хуросонӣ ишора кардааст. Муаллифи рисола ба халифаи давр андарз медиҳад, ки ў бояд барои сипоҳиёни Хуросон амонномае балеғу мўҷаз

бинависад ва дар он умуреро, ки онон бояд бикунанд ва ё аз он даст бозоранд, бо далелу бурҳон муайян намуда, бад-ин васила дасту дили сипоҳиёни мутаҳаййирро ба ҷониби худ моил созад [35, 194]. Ибни Муқаффаъ ба халифаи давр амалан бастани як навъ шартномаро бо сипоҳиёни Хуросон пешниҳод карда, зарурати дар он муайян кардани ҳадду ҳудуди вазоифи ҳар ду ҷонибро ҷиҳати таъмини ваҳдат ва якдилӣ дар сипоҳ таъкид кардааст [35,194-195].

2. Барҳазар доштани сипоҳ аз ҷамъи андозу хироҷ. Ибни Муқаффаъ ба халифаи давр тавсия додааст, ки сипоҳиён набояд ба ситонидани молиёт аз мардум ҷалб карда шаванд, зеро ин амр метавонад боиси сӯистифода аз қувва гардад. Дар баробари ин, муаллифи рисола масъалаҳои таълиму таъдиб ва таҷҳизи сипоҳро матраҳ карда, зарурати таъйини маошро ба онҳо, ки пардохти он бояд дар вақти муайян пас аз ҳар се ё чаҳор моҳ сурат гирад, таъкид кардааст [35, 200-203].

3. Муносибати хайрхоҳона бар мардуми Ироқ. Ибни Муқаффаъ пас аз сипоҳи Хуросон ва аҳли он минтақа мардуми Ироқро такягоҳи Хилофати аббосӣ ва омили рушди сиёсиву фарҳангии мамлакат донистааст ва зарурати дар идораи давлат истифода кардани донишу хирадӣ аҳли Ироқ, хоссатан чунин марказҳои фарҳангии он, аз қабили Басра ва Куфаро таъкид кардааст [35, 204-206].

4. Зарурати тағдиди назар дар умури додхоҳӣ ва ислоҳи он. Ибни Муқаффаъ таваҷҷӯҳи халифаи даврро ба вуҷуди ҳарҷу марҷҳое дар амри қазо ҷалб карда, ба ихтилофи аҳкоме, ки дар як шаҳр содир мешавад, бо аҳкоми шаҳри дигар ишора намудааст. Бино бар ин, Ибни Муқаффаъ ба халифа тавсия додааст, ки дар асоси равияҳои мухталиф дар амри қазо як қонуни ягонае фароҳам оварда шавад, ки такя бар он дар судури аҳком барои ҳамаи қозиён ва фақеҳон ҳатмӣ бошад [35, 206-210].

5. Зарурати мадоро ва хайрхоҳӣ нисбат ба мардуми Шом. Мардуми сарзамини Шом такягоҳи асосии Умавиён ва душмани Аббосиён буданд.

Ибни Муқаффаъ ба хотири таъмини ваҳдату осоиши мамлакат рафтори хайрхоҳона ва мадороро бо эшон ба халифа тавсия кардааст [35, 210-212].

6. Гузиниши ёрону муқаррабон ва дарбориён. Ибни Муқаффаъ ба халифа андарз медиҳад, ки дар интихоби саҳоба, яъне наздикону муқаррабон ва дарбориёни худ камоли диққатро ба кор гирад, зеро атрофиёни халифа «зинати маҷлиси ӯ, забонҳои раияташ, ҷонибдорони раъйаш, тақвиятдиҳандагони обрӯву иззаташ ва хоссони мардумаш» ҳастанд. Муаллифи рисола таъкид кардааст, ки пештар дар аҳди Умавиён халалҳое дар ин амр роҳ ёфта буд ва мардуми ношоиста ба дарбор наздик ва мардони сазовор дур аз он буданд. Ибни Муқаффаъ халифаро ба он роҳнамоӣ мекунад, ки дар интихоби муқаррабон ва аҳли дарбор, аз ҷумла вазирону котибон, ба амонатдорӣ, адолатхоҳӣ, донишу хирад ва ахлоқу равишҳои писандидаи эшон такя намояд. Ба табақаи аъёну ашроф ва асилзодагон мансуб будани атрофиёни халифаро Ибни Муқаффаъ яке аз шартҳои баргузидани онон ба шумор овардааст [35, 213-218].

7. Ислоҳ дар низоми андозу молиёт. Ибни Муқаффаъ бо ишора ба нобасомониҳое, ки дар ин соҳаи ҳаёти Хилофат вуҷуд доштанд, зарурати гирифтани пеши роҳи зулму ситам дар андозситонӣ ва бар пояи адлу адолат устувор кардани онро таъкид кардааст [35, 218-220].

8. Пешгирии ҷиноёт ва фасодҳои иҷтимоӣ. Ибни Муқаффаъ ба хотири пешгирии ҷиноёт ва фитнаву фасодҳои иҷтимоӣ, таъмини оромиву осудагии ҷомеа ба халифаи давр пешниҳод кардааст, ки дар ҳар як шаҳру ноҳия аз ҳисоби «аҳли фиқҳу суннат ва адабу насиҳат» ашхосеро таъйин кунад, ки вазифаи онҳо далолат кардани мардум ба роҳи хайр аз тариқи панду андарз, фаҳмонидани саҳву хатоҳо ва пешгирӣ намудани бидъату фасодҳо дар ҷомеа бошад [35, 221-224].

Чунон ки аён аст, Ибни Муқаффаъ ба ҳайси яке аз фарзонагони замонаш ба халифаи давр таълимоти сиёсии худро дар шакли як барномаи ислоҳоти иҷтимоӣ пешниҳод кардааст. Аз мӯҳтавои пешниҳодоту тавсияҳои нависанда пай бурдан душвор нест, ки ӯ низоми давлатдории

Хилофатро аз бисёр ҷиҳат номаъқул ҳисобида, зарурати ба сохтори сиёсиву дастгоҳи идории Сосониён пайравӣ карданро ба миён гузоштааст.

Андешаву афкори Ибни Муқаффаъ дар ин рисола метавонист ба иззати нафси халифаи давр расад. Бесабаб нест, ки бархе аз муҳаққиқон сабаби қатли нависандаро на дар муттаҳам будани ӯ ба куфру зиндиқа, балки маҳз дар таълифи ҳамин рисола дидаанд [267, 2, 445; 203, 93].

Матолиби «Рисолат ус-саҳоба» ба масъалаҳои сиёсиву иҷтимоии замони муаллиф дахл дорад, вале дар рӯҳу оҳанги умумӣ ва қолаби адабӣ он давоми суннати нигориши андарзномаҳои сиёсии маъмул дар аҳди Сосониён маҳсуб мешавад.

«Рисолаи Тоҳир ибни Ҳусайн ба писараш Абдуллоҳ». Аз насри арабизабони садаҳои VIII-IX асаре дигар аз навъи андарзномаҳои сиёсӣ боқӣ мондааст, ки он аз лиҳози куллиёт ва ҷузъиёти мӯҳтавои худ бо «Рисолат ус-саҳоба»-и Ибни Муқаффаъ ҳамоҳанг аст. Ин асар рисолаи Тоҳир ибни Ҳусайн – асосгузори давлати Тоҳириён ба писараш Абдуллоҳ ибни Тоҳир аст, ки ба муносибати волии Раққа ва Миср таъйин шудани Абдуллоҳ аз ҷониби падараш навишта шудааст. Ин рисола, бино ба иштиҳоре, ки дар паҳнаи насри арабизабон касб карда буд, дар ағлаби таърихномаҳои куҳан, аз қабили «Таърих»-и Табарӣ, «ал-Комил фӣ-т-таърих»-и Ибни Асир, «Таърихи Бағдод»-и Аҳмад ибни Абӯтоҳири Тайфур, «Муқаддима»-и Ибни Халдун ва ғайра нақл шудааст. Муаллифи китоби ахир – Ибни Халдун рисолаи мазкурро «аз беҳтарин осор ва ҷомеътарини онҳо» дар навъи худ номида, таъкид кардааст, ки дар он Тоҳир ибни Ҳусайн ба фарзандаш «ҳамаи ниёзмандиҳое, ки дар давлат ва фармонравоии хеш дошт, аз қабили одоби диниву ахлоқӣ ва сиёсати шаръиву кишвардорӣ тавсия кард ва вайро бар макорими ахлоқ ва маҳосини рафтор барангехт, ки аз онҳо ҳеҷ подшоҳ ё оммӣ бениёз нест» [22, 215].

Матолиби рисола ба ду бахш тақсим мешавад. Бахши аввал дастурот ва андарзҳои марбут ба одоби динӣ ва макорими ахлоқиро дар бар гирифтааст, ки онҳоро метавон чунин дастбандӣ кард:

1. Раҳнамоӣ ба одоби динӣ. Муаллифи рисола ба фарзандаш парҳезгориву худотарсӣ, ҳамвора дар ёд доштани рӯзи растохез, иҷрои фароизи динӣ, аз қабили намозу рӯза ва тиловати Қуръон, барангехтани ҳамроҳону тобеони худ ба иҷрои ин фароиз ва дигар воҷиботи одоби диниро талқин кардааст. Тоҳир ибни Ҳусайн ба фарзандаш фармудааст: «Худованд ба ту некӣ фармуда ва фармонравоии гурӯҳе аз бандагонашро ба ту супурдааст, дареғ надоштани меҳри хешро аз бандагони Худо бар ту воҷиб карда ва туро ба додгарӣ дар миёни онон муваззаф сохтааст. Пас, туро лозим аст, ки аҳкому ҳудуди Худовандро дар миёни эшон иҷро созӣ, аз ҷону номус ва сарзамини онон дифоъ кунӣ, нагузорӣ, ки хуни касе бирезад, дар амнияти роҳҳои мардум бикӯшӣ ва осоиши онҳоро таъмин кунӣ» [22, 215].

2. Омӯхтани фиқҳ ва баргузидани фақеҳон ва олимони дин. Муаллифи рисола омӯхтани фиқҳ ва баҳрабардорӣ аз дониши фақеҳону уламои динро аз рукнҳои дониши фармонравоён ба шумор оварда, таъкид кардааст, ки фиқҳ василаи маърифати Худованд, раҳнамои инсон ба некиҳо ва боздорандаи ӯ аз гуноҳон аст [22, 215].

3. Зарурати миёнаравӣ дар ҳамаи корҳои дунявӣ . Муаллифи рисола панд медиҳад, ки дар ҳамаи корҳо бояд миёнаравиро пеш гирифт, зеро «он одамиро ба роҳи рост мехонад, роҳи рост ӯро бо комёбӣ раҳбарӣ мекунад ва комёбӣ роҳнамои вай ба сӯи хушбахтӣ аст» [22, 215].

4. Таҳзиби ахлоқ ва ороста будани фармонраво бо хислатҳои нек. Муаллифи рисола мухотаби хешро ба ислоҳу таҳзиби ахлоқаш даъват карда, маҷмӯи макорими ахлоқӣ ва равишу манишҳои ситударо ёдовар шудааст, ки шахсияти фармонраво бояд бо онҳо ороста бошад.

Ба ақидаи муаллиф, фармонраво набояд ба ёрон ва касоне, ки онҳоро ба кор гуморидааст, бадгумон бошад ва пеш аз ошкор шудани ҳақиқати

ҳол онҳоро ба айбе муттаҳам созад. Баръакс, гумони нек дар қалби итоат ва тарбияи дӯстону тобеон муассир аст ва бо нерӯмандиву осоиш қарин мебошад. Дар баробари ин, гумони нек ва меҳрубоние набояд фармонраворо аз огоҳӣ ва муроқибати аҳволи тобеону раият боздорад.

Фармонраво бо мардум бояд аз рӯи адлу адолат муносибат кунад, гунаҳкорон ва ситамгаронро ба андозаи гуноҳҳояшон ҷазо диҳад ва дар ин кор таъхирро раво надорад, ки ин боиси табоҳии авзои кишвар мегардад. Вафо ба аҳд ва устуворӣ дар қавлу ваъда, парҳез аз дурӯғ ва душманӣ бо суханчинон аз хислатҳои ҳамидаи фармонраво маҳсуб мешавад. Фармонраво набояд мутеи ҳавову ҳавас гардад ва даст ба ситамгарӣ занад. Ҳангоми хашм ӯ бояд хештандору бурдбор бошад, тамкину виқорашро аз даст надиҳад ва сабуксариву тундхӯӣ накунад [22, 216].

5. Дороиву сарват ва сарфи он ба нафъи давлат ва раият. Дар ин хусус муаллифи рисола чунин дастур додааст: «Бидон, ки ҳар гоҳ сарватро дар ганҷинаҳо ҷамъ ва нигаҳдорӣ кунанд, он баҳра ва суд намедиҳад, вале агар онро дар роҳи салоҳи ҳоли раият ва пардохти ҳуқуқи онон ба кор баранд ва бад-ин васила бори ранҷу машаққатро аз дӯши халқ бардоранд, он фузунӣ меёбад ва мояи фаровониву рафоҳият мегардад» [22, 217]. Вобаста ба ин, муаллифи носеҳ дастур медиҳад, ки фармонраво бояд озманду тамаъкор набошад, ба моли мардум дастдарозӣ накунад ва дар ҳаққи онҳо ситамгариро раво набинад. Ӯ бояд аз бухлу хасисӣ парҳез кунад ва дарҳои инъому эҳсонро бар рӯи онҳое, ки аз рӯи хулусу сафо ба дӯстӣ ва хидмат гароидаанд, боз нигаҳ дорад, зеро бахшиш аз беҳтарин аъмоли бандагони Худост. Ғурури сарвату дороӣ ва қудрату давлат набояд фармонраворо ба куфрони неъмат водорад, ки он боиси табоҳии умур ва заволи мулк хоҳад буд.

Бахши дуюми рисолаи Тоҳир ибни Ҳусайн дастурот ва андарзҳоро доир ба идораи кишвар ва ойини мамлакатдорӣ шомил аст, ки онҳоро метавон ба мавзӯоти зерин тақсим кард:

1. Муносибат ба сипоҳиён. Муаллифи рисола ба мухотаби худ зарурати огоҳӣ доштан аз ҳоли сипоҳ, таъмини васоили зиндагии онон ва иноятu эҳсон карданро дар ҳаққи эшон таъкид кардааст [22, 217].

2. Таваҷҷӯҳ бар умури доварӣ ва додхоҳӣ. Ба ақидаи муаллиф, таъмини адолат дар ҷомеа ба амри қазову доварӣ вобаста аст. Бино бар ин, фармонраворо мебояд, ки баробарии ҳамаи мардумонро дар амри қазо ҷорӣ кунад, то рӯзгори раият ба ислоҳ гарояд ва ситамдида доди хешро аз ситамгар ситонида тавонад [22, 218].

3. Масъалаи хироҷ ва андоз. Муаллиф дастур медиҳад, ки ситонидани хироҷу андоз бояд бар пояи адолат ва баробарӣ устувор бошад. Ба ҳеҷ ваҷҳ беш аз қудрату имкони мардум аз онон хироҷ гирифтан раво нест. Хироҷ бояд барои беҳдошти мардум сарф шавад.

4. Таъйини волиёни шоиста ба навоҳиву вилоёт. Ба дастури муаллиф, яке аз муҳимтарин вазифаҳои фармонраво ин гуморидани ашхоси соҳибраъйу мудаббир ва покдоман, дорои таҷрибаву дониш дар сиёсати кишвардорӣ ба сарварии ноҳияву вилоятҳо аст. Дар ҳар як ноҳия бояд фиристодагони бовариноку мўътамад бошанд, ки вазифаашон огоҳ кардани фармонраво аз вазъи он минтақа ва рафтору кирдори волии он маҳсуб мешавад [22, 218].

5. Дастгирӣ ва имдод ба нодорон ва мўҳтоҷон. Муаллиф дастур медиҳад, ки ба мардуми нотавон, аз ҷумла солхўрдагон, ятимон, бевазанон, фақирон дасти ёрӣ бояд дароз кард ва васоили зиндагии ононро таъмин кард. Фармонраво бояд як рўзи хосеро барои шунидани шикояту додхоҳии мардум муайян кунад ва худаш онҳоро қабул намояд. «Барои нобиноён, - навиштааст муаллиф, - аз хазинаи давлат маоши хосе таъйин кун, … барои беморони мусалмонон бемористонҳое барпо кун, беморонро дар онҳо паноҳ деҳ ва пизишконеро баргумор, ки дардҳои эшонро даво кунанд» [22, 219].

6. Зарурати андўхтани донишу таҷриба барои фармонраво. Фармонраво бояд аз таҷрибаи пешиниён ибрат бигирад, бо донишмандон

ва асҳоби раъю фазилат ҳамнишинӣ кунад ва ба онон дар умури кишвар машварат намояд. Надимону муқаррабони фармонраво бояд касоне бошанд, ки ҳар гоҳ айбе дар ӯ бубинанд, аз сари хайрхоҳӣ онро ба вай гуфта тавонанд.

Чунон ки аз шарҳи мӯҳтавои рисолаи мазкур бармеояд, он дар пайравии андарзномаҳои сиёсии аҳди Сосониён, хоссатан «Аҳди Ардашер» таълиф шудааст. Ағлаби матолиби рисолаи Тоҳир ибни Ҳусайн бо дастуроти Ардашер, ки мавзӯоти он қаблан баррасӣ гардид, ҳамоҳанг ва мушобеҳ ҳастанд. Ин амр далел бар идомаи андешаи сиёсиву ахлоқии Эронзамини тоисломӣ дар насри садаҳои VIII-IX аст, ки яке аз ҷилваҳои он ҳамин рисолаи мазкур ба шумор меравад. Аз истиқболи тамоми ин андеша дар ҷомеаи исломӣ шӯҳрати беназир касб кардани рисолаи мазкури Тоҳир ибни Ҳусайн дарак медиҳад. Бино ба нақли Ибни Халдун, «вақте ин рисола интишор ёфт, он мавриди эъҷоби мардум гардид. Хабари он ба Маъмун расид. Вақте рисоларо ба ӯ хонданд, гуфт: «Абутаййиб, яъне Тоҳир ибни Ҳусайн чизеро аз умури дунёву дин, тадбиру раъй, сиёсат ва салоҳи кишвару раият, ҳифзи қудрат, тоати хулафо ва таҳкими Хилофатро фурӯ нагузошта ва ҳамаро баён карда ва доир ба ҳар як аз он андарзи лозим додааст». Пас Маъмун амр кардааст, ки нусхаҳои онро ба ҳамаи сарварони ноҳияҳо бифиристанд, то аз он пайравӣ кунанд ва андарзҳои онро ба кор гиранд» [22, 220].

Дар давраи мавриди назар рисолаву китобҳои дигар низ дар тадбири мулк ва сиёсати кишвардорӣ аз ҷониби нависандагоне, ки гароишашон ба суннатҳои фарҳанги тоисломӣ ва насри паҳлавӣ амре мусаллам аст, таълиф ёфтанд. Яке аз ин навъ асарҳо бо номи «Китоб тадбир ал-мулк ва-с-сиёса» ба қалами Саҳл ибни Ҳорун – сарвари «Байт ул-ҳикма» тааллуқ дорад [86, 134]. Ба намояндаи дигари хонадони Тоҳириён – Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳир низ китобе аз ин навъ бо номи «Рисола фи-сиёсат ал-мулукия» мансуб аст, ки мисоли дигари иродати ин хонадон ба андешаи сиёсии тоисломии эронӣ маҳсуб мешавад [86, 131]. Ду китоб бо номҳои

«Китоб ус-сиёса ал-кабир» ва «Китоб ус-сиёса ас-сағир» дар номгўи осори нависандаи арабизабон Аҳмад ибни Таййиби Сарахсӣ ба қайд омадаанд [86, 321], ки, зоҳиран, ба масъалаҳои сиёсати кишвардорӣ ихтисос доштаанд. Ибни Надим дар «ал-Фиҳрист» ановини китобҳои дигарро, ки марбут ба сиёсат ҳастанд ва, зоҳиран, масоили назарии сиёсатро ба таври омм фаро мегирифтаанд, зикр кардааст [86, 130, 144, 153, 243]. Аз эҳтимол дур нест, ки андешаи сиёсии Аҷам дар онҳо низ нақше аз худ гузошта бошад. Ҳамин тавр, китобу рисолаҳое, ки перомуни тадбири мулк ва сиёсати кишвардорӣ дар насри арабизабони асрҳои VIII-IX ба риштаи таҳрир кашида шуданд, мазҳари тадовуми суннатҳои ин навъ осори насри паҳлавӣ дар муҳити исломӣ маҳсуб мешаванд.

III.2.3. Қиссапардозӣ аз забони ҷонварон

Қиссаву достонҳое, ки дар асрҳои VIII-IX ба забони арабӣ тарҷума шуданд, дар муҳити исломӣ истиқболи тамом пайдо карданд. Чунон ки дар бобҳои қаблии рисола таъкид гардид, «Калила ва Димна», «Синдбоднома» ва дигар қиссаҳои асли ҳиндиву эронӣ дошта, ки моҳиятан бо ҳадафи роҳнамоии ахлоқиву маънавии ҷомеа таълиф ёфта буданд, на як бору ду бор ба насру назми арабӣ баргардон шуданд ва чандин гузидаву ҷавомее аз онҳо падид омаданд. Фузун бар ин, нависандагони арабизабон, ғолибан онҳое, ки эронитабор буданд, худ ба таълифи қиссаҳо дар муораза ва истиқбол аз суннати қиссанигории тоисломии эронӣ пардохтанд. Дар натиҷа, дар насри арабизабон аз нимаи дуюми асри IX сар карда, қиссаҳои мухталиф аз забони ҷонварон падид омад ва ин амр мунҷар ба пайдоиши як шохаи ҷадид дар адабиёти арабизабон гардид, ки онро метавон «қиссапардозӣ аз забони ҷонварон» номид. Муҳаққиқони адабиёти араб низ таъсири тарҷумаи «Калила ва Димна»-ро ба фанни қиссапардозии арабӣ таъкид кардаанд. Аз ҷумла, Муҳаммади Fуфронӣ навиштааст, ки «пас аз тарҷумаи «Калила ва Димна» ба василаи Ибни Муқаффаъ таҳаввуле бунёдин дар ҳунари қиссанависӣ ба забони ҳайвонот дар

адабиёти араб рух дод. Ин шева барои ироаи ҳунармандонаи роҳнамоиҳои ахлоқиву иҷтимоӣ, густурдани андешаҳои сиёсӣ ва баёни бархе аз орои фалсафӣ мавриди таваҷҷӯҳи ҳамагон қарор гирифт» [276, 21].

Тарҷумаи арабии «Калила ва Димна» дар замони худ ва баъдан яке аз осори барҷастаи насри арабизабон ба шумор мерафт. Табиист, ки сабки таълифи он мавриди пайравӣ ва тақлиди бархе аз нависандагони давраи мавриди назар қарор гирифт. Яке аз нависандагоне, ки осораш дар ташаккули қиссапардозӣ аз забони ҷонварон нақши муҳим бозид, Саҳл ибни Ҳорун аст. Чунон ки қаблан зимни шарҳи осори ин нависандаи номовар таъкид гардид, ба қалами ӯ чанд қисса мансуб аст, ки дар адабиёти исломии қуруни вусто маъруфият дошт. Яке аз онҳо қиссаи «Саъла ва Афра» (Кирмак ва оҳуи мода) аст, ки аз он танҳо иқтибосе дар «Заҳр ул-одоб ва самар ул-албоб»-и Ҳусрии Қайрувонӣ боқӣ мондааст бас. Дар шинохти ин қисса ишораи Ҳусрии Қайрувонӣ бар он, ки вай саршор аз донишу ҳикмат аст, аҳамият дорад [56, II, 616]. Масъудӣ дар муоразаву тақлиди «Калила ва Димна» эҷод шудани «Саъла ва Афра» ва аз он муназзамтар буданашро таъкид кардааст [80, I, 73].

Китоби дигари Саҳл ибни Ҳорун, ки ҳамчунин дар қолаби қисса аз забони ҷонварон ва дар муоразаи «Калила ва Димна» таълиф ёфтааст, «ан-Намр ва-с-саълаб» (Паланг ва рӯбоҳ) маҳсуб мешавад. Ин асар низ мисли соири осори Саҳл ибни Ҳорун гумшуда ба шумор мерафт, вале ахиран муҳаққиқи араб Абдулқодири Муҳайрӣ онро пайдо карда, матнашро ҳамроҳ бо тарҷума ба забони фаронсавӣ ба нашр расонид [64]. Бо таваҷҷӯҳ бар он, ки «ан-Намр ва-с-саълаб» ягона асари маҳфузмонда аз ин навъ осор аст, баррасии мухтасари мазмун ва мӯҳтавои он метавонад тасаввуре кофӣ доир ба кайфияти тақлид ба «Калила ва Димна» ва истиқбол аз суннати қиссапардозии тоисломӣ дар насри арабизабони садаҳои VIII-IX ба даст диҳад.

Қаҳрамонҳои асосии қисса се нафаранд: рӯбоҳи ҳаким, гурги мағруру саркаш ва паланги бадхӯву золим. Рӯбоҳ, ки исмаш Марзуқ ва кунияш

Абӯсаббоҳ буд, дар як водии маъмур ва сарсабз бо занаш зиндагӣ мекард. Дар он водӣ ба ҷуз ин ду рӯбоҳ касе дигар набуд. Рӯзе аз рӯзҳо яке аз дӯстони рӯбоҳ, ки Ториқ ном ва Абӯмуғаллас куния дошт, ба меҳмонии ӯ меояд. Пас аз зиёфат ва изҳори эҳтиром ба ҳамдигар Ториқ ба Марзуқ мегӯяд, ки ҳама кору бор ва рафтору кирдори дӯсти мизбонашро аз рӯи ақлу тадбир ёфт, ба ҷуз он ки манзилаш дар ҷои хавфнок воқеъ аст ва аз хатари сел эмин нест. Бино бар ин, ӯ ба Марзуқ тавсия кард, ки ин ҷойро тарк гӯяд ва мавзее амнро барои зиндагӣ ихтиёр намояд. Марзуқ гуфтаи Ториқро ба занаш расонид ва зарурати кӯчидан ба ҷои бехавфро ба миён гузошт. Зани рӯбоҳ ба ин розӣ нашуд ва маслиҳати Ториқро ба ҳасаду нотавонбинӣ ҳамл намуда, кӯчиданро рад кард. Ториқ, пас аз он ки ба дӯсташ зарари ба фикру иродаи зан амал карданро баён намуд, бо вай видоъ кард ва рафт.

Як муддат Марзуқ бо занаш дар оромиву осоиш ба сар бурданд, вале рӯзе борони сахт борид ва сели даҳшатнок омада, ҳамаро ба коми худ кашид. Зани рӯбоҳ ҳалок гардид. Худи ӯро мавҷи сел бо худ бурд ва пас аз чанд рӯз ба ҷазирае партофт. Рӯбоҳ ба худ омад ва дид, ки дар ҷазира касе ба назар намерасад. Аз ранҷу озор ва гуруснагиву танҳоӣ ӯ ба ҳалоки худ яқин ҳосил кард. Дар ин ҳол буд, ки ногоҳ гурге ба ӯ пеш омад. Рӯбоҳ ба гург салом кард ва ному насабашро пурсид. Гург номашро Мукобир ва кунияшро Абулфарроъ гуфта, аз рӯбоҳ суол кард, ки ӯ чӣ тавр ба ин ҷазира афтодааст, ки дар он барои ӯ хӯрдание пайдо намешавад. Рӯбоҳ саргузашти худро нақл карда, аз гург пурсид, ки барои чӣ ӯро аз тӯъмае ноумед мекунад. Гург гуфт, ки дар ин ҷазира ба ғайр аз оҳувон ва говони ваҳшӣ чизе дигар нест, вале сайди онҳоро шоҳи ин ҷазира – паланги ситамгар Музаффар ибни Мансур ба ҷуз аз худ барои дигарон манъ кардааст, аз тарси ӯ касе тавони онро надорад, ки ба оҳувон наздик шавад ва ё ҷои худашро тарк намуда, ба мавзеи дигар кӯч бандад. Рӯбоҳ ва гург аз бими он, ки паланг онҳоро набинад, рӯзи дигар дар ҷои пинҳон аз назари паланг вохӯрданро авло донистанд ва аз ҳам ҷудо шуданд. Рӯбоҳ аз дарки вазъи худ дар ин ҷазира ғамгин шуд, вале роҳи наҷотро дар раъйу тадбир

дид ва ба худ гуфт, ки фазилати оқил ҳангоми мушкилоту бадбахтиҳо аён мешавад, вале дар ҳоли осоишу оромӣ ҷоҳил бо оқил яксон ҳастанд.

Аз ин рӯ, рӯбоҳ тасмим гирифт, ки даст ба тадбире занад. Рӯзи дигар ӯ чун бо гург вохӯрд, гуфт, ки раҳоӣ аз ин вазъи ногувор дар он аст, ки гург ба пеши паланг рафта, аз ӯ вилоятеро барои худ хоҳиш кунад ва қавл диҳад, ки ҳар чӣ ба даст оварад, ними он аз они паланг хоҳад буд.

Гург аз тарсу ҳарос аз паланги ҷаббор ин пешниҳодро рад кард, вале рӯбоҳи оқил бо овардани ҳуҷҷату бурҳон ӯро ба қабули тадбири хеш розӣ намуд. Гург ба назди паланг рафт ва бо изҳори фурӯтаниву тавозӯъ ва баёни садоқату ҳусни ният аз ӯ вилоятеро барои худ талаб кард ва ваъда дод, ки аз суду манфиати он вилоят паланг баҳрае вофир хоҳад дошт. Паланг тамаъ бар ваъдаҳои гург баст ва вилояти мавзеи оҳувонро ба ӯ дод. Гург ба амри вилоят оғоз карда, рӯбоҳро вазири худ таъйин намуд. Аз сайди оҳувон ҳоли гургу рӯбоҳ рӯ ба беҳбудӣ овард, ранҷу азоб фаромӯш гардид ва зиндагии пурнозу неъмат пеш омад. Гург бар ин ҳоли худ мағрур шуд ва ваъдаи худро ба паланг фаромӯш кард. Паланг пас аз муддате интизорӣ амр кард, ки ба гург номае нависанд ва аҳду паймонашро ба хотираш ованд. Дар нома паланг гургро ба кибру ғурур ва бевафоӣ ба аҳд муттаҳам карда, ба ӯ мӯҳлат дод, ки хатояшро ислоҳ кунад, вагарна пешомаде нохуш барояш хоҳад овард.

Гург номаро хонд ва бо рӯбоҳ машварат кард. Рӯбоҳ зарурати вафо ба аҳдро бар ӯ таъкид кард, вале гург ин тавсияро напазируфт. Ӯ ба рӯбоҳ амр кард, ки номаи узромез ба паланг нависад, вале аз фиристодани молу сарват ба паланг худдорӣ кунад. Паланг номаи гургро бо изҳори ҳамду сано дар ҳаққи шоҳи ҷазира ва баёни узру тавба аз ҷониби гург хонд ва интизори ҳадяву тӯҳфаҳои ӯ шуд. Рӯзҳо мегузаштанд, вале аз фиристодагони гург дараке набуд. Паланг бори дигар ба гург нома навишт ва ӯро маломату таҳдид намуд, вале боз ҳам кушода будани дарҳои тавбаву истиғфорро барои ӯ таъкид кард.

Чун ин нома ба гург расид, ӯ бо рӯбоҳ - вазир машварат орост ва аз ӯ раъй хост. Рӯбоҳ ба вай ҷустани роҳи ризоият ва мадороро бо паланг

маслиҳат дод ва дур будан аз хашм ва парҳез аз душманӣ бо вайро ба салоҳи кор донист. Гург ин маслиҳатро напазируфт ва аз сари ғурур сар фаровардан дар баробари палангро барои худ хориву мазаллат ҳисобид. Ӯ ба рӯбоҳ амр кард, ки номае ба паланг нависад ва дар он узр аз палангро бо таҳдид бар ӯ ба ҳам оварад.

Чун ин нома ба паланг расид, донист, ки гург ба роҳи саркашӣ ва мухолифат бо ӯ қадам ниҳодааст. Вазиронро ҷамъ намуд ва аз онҳо раъй хост. Вазири аввал гуфт, ки шоҳ номае дигар ба гург нависад, то тасмими гург ба мухолифати паланг собит шавад, он гоҳ метавон бо далели қотеъ ва ҳуҷҷате возеҳ ба муқобили ӯ лашкар кашид. Вазири дуюм маслиҳат дод, ки шоҳ-паланг бо гург муросо кунад ва аз баҳри хироҷи ӯ барояд, зеро агар оташи ҷанг барафрӯхта гардад, ба ҷамъи сипоҳиён ва сарфи моле, ки афзунтар аз хироҷи вилояти гург аст, эҳтиёҷ меафтад. Вазири сеюм бо далелҳои вазирони аввалу сонӣ розӣ нашуд ва гуфт, ки бояд ба муқобили гург зудтар лашкар кашид ва ӯро торумор кард, то ин барои дигар саркашону исёнгарон дарси ибрат гардад.

Паланг маслиҳати вазири аввалро пазируфт ва номае кӯтоҳ ба гург фиристод ба ин маънӣ, ки агар моил ба сулҳу салоҳ бошӣ, итоат пеш ор, вагарна ба ҷанг ҳозир шав.

Чун нома ба гург расид, аз вазири худ – рӯбоҳ толиби раъй шуд. Вазир ҷанги гургро бо паланг салоҳ надонист, нокомӣ будани оқибати онро пешгӯӣ кард ва далел овард, ки раият бар ҷанги шоҳон қодир нестанд, зеро шоҳонро ду маъдане ҳаст, ки он пирӯзиро барои онон таъмин мекунад: яке аз ин маъданҳо сипоҳиён ва дигаре молу сарват аст. Агар ин ду ба ҳам оянд, натиҷа пирӯзӣ хоҳад буд.

Гург далелҳои рӯбоҳро напазируфт ва ба ӯ амр дод, ки ҷавоби номаи палангро нависад ва ҷангро эълом дорад.

Пас аз ин шоҳи ҷазира – паланг ду бор ба муқобили гург лашкар мефиристад, вале ҳар ду дафъа ҳам гург дар ҷанги тан ба тан сардори сипоҳиёни палангро ба қатл мерасонад ва пирӯзӣ насиби ӯ мегардад. Паланг бо вазирони худ дар ин кор машварат мекунад. Вазири аввал

маслиҳат медиҳад, ки ба муқобили гург лашкаре бештар ва сарваре эҳтиёткортар фиристода шавад, то зафар ёбанд. Раъйи вазири дуюм бар он буд, ки гургро бар ҳоли худ гузоранд, бо ў ваъдаю ваид кунанд, зеро агар гург дафъаи сеюм тоифаеро аз лашкари паланг шикаст диҳад, то назди дари паланг омаданаш аз эҳтимол дур нест. Вазири сеюм гуфт, ки агар гургро бар ҳолаш гузоранд, нерўяш фузунӣ ёбад, макру ҳилааш ба ҳам ояд ва раиятро бар хилофу фасод кашонад. Бино бар ин, шоҳ бояд худ лашкарро сарварӣ кунад ва амирону хоссон дар ин кор ўро ҳамрадиф бошанд. Паланг маслиҳати вазири сеюмро пазируфт ва худ дар раъси лашкар ба ҷанги гург рафт.

Чун хабари лашкар кашидани паланг ба гург расид, аз рўбоҳ раъй хост. Ў маслиҳат дод, ки роҳи савоб фирор аз ҷанги шоҳи палангон аст, зеро гург бо ҳамтоёни худ тавони баробарӣ ва имкони пирўзӣ дорад, вале бо шоҳ қудрати муқовимат ва иститоати мухолифат надорад. Гург маслиҳати вазирро пазируфтанӣ шуд, вале гургони дигар раъйи рўбоҳро бар аҳмақии ў ҳамл карданд ва шоҳи худро ба ҷанги шоҳи палангон таҳрик карданд.

Дар набарде, ки миёни ду тараф доир гардид, гургон ва сардори онон – Мукобир кушта шуданд. Вақте ки теғи бурранда бар сари рўбоҳ баланд гардид, ў фарёд кард, ки ман ба шоҳ сухане дорам. Шоҳи палангон гуфт, ки «эй хабис, пас аз он ки фитнае бар муқобили мо барпо кардӣ ва дар ҳалоки мо кўшидӣ, боз чӣ сухане бар мо дорӣ». Рўбоҳ дар ҷавоб гуфт, ки «агар зиёдии мулк ва фарохии салтанатро хоҳӣ, маро зинда гузор, зеро маро панҷ чизест, ки ҳар яке беҳтар аз моли фузун аст».

Шоҳ аз он панҷ чиз пурсид. Рўбоҳ гуфт: «Маро насиҳатест, ки амал бар он шармандагӣ наорад; амонатест, ки хиёнатро намепазирад; тоатест, ки онро маъсият доғдор накунад; хидматест, ки хастагиро надонад; раъйест, ки хато пайгири он набошад».

Шоҳ ба вазирони худ дар мавриди қатл кардан ва ё озод намудани рўбоҳ машварат мекунад. Вазирон ҳар яке бурҳоне бар зарурати қатли рўбоҳ ва далеле бар имкони зинда гузоштани ў пеш меоваранд. Шоҳ

тасмим гирифт, ки рӯбоҳро зинда гузорад ва ба вазирону ҳакимони худ амр кард, ки ақлу хирад ва раъйу тадбири ӯро имтиҳон кунанд ва агар вай шоистаи ҳамтоӣ ва ҳамнишинӣ бо эшон бошад, мулозими дарбор гардонанд, вагарна аз дар бironанд.

Сипас дар ҳузури шоҳ имтиҳони рӯбоҳ сурат мегирад. Вазирону донишмандон аз ӯ ашёи мухталифро пурсон мешаванд. Рӯбоҳи донишманд ба ҳамаи суолҳо ҷавобҳои саҳеҳ медиҳад ва барозандагии ақл, шоистагии раъй, зебоии сухан ва тезии ҳуши худро собит мекунад. Шоҳи палангон рӯбоҳро аз муқаррабону хоссони худ гардонида, дар масоили вазнин ва мушкилоти сангин аз ӯ раъй мепурсид. Ин равиш то вақте идома ёфт, ки рӯбоҳ аз ҳаёт даргузашт.

Чунон ки аз мӯҳтавои «ан-Намр ва-с-саълаб» пайдост, он мисли «Калила ва Димна» саршор аз панду андарзҳо ва суханони ҳикматомез аст, ки аз забони ҷонварон, хоссатан рӯбоҳи донишманд ва вазирони шоҳи палангон садо медиҳанд. Ба ин маънӣ, «ан Намр ва-с-саълаб» асари пандуахлоқист, ки дар қолаби қиссаҳо аз забони ҷонварон таълиф шуда ва ҳамон ҳадафи раҳнамоии ахлоқиву маънавиро, ки барои «Калила ва Димна» хос аст, пайгирӣ мекунад.

Дар қиссаи мазкур паланг рамзи шоҳони ҷаббор ва ситамгар аст, ки таърих амсоли онҳоро бисёр дида ва ағлаби хулафои замони зиндагии Саҳл ибни Ҳорун низ дар равишу рафторҳои худ мушобеҳ ба онҳо буданд. Гург намое аз волиёну амирони мутамаррид ва исёнкоранд, ки мисли гург аксаран парварда ва дастнишондаи шоҳонанд, вале бо афзун гаштани ҷоҳу неъматашон қадам ба роҳи исён гузоштаанд. Рӯбоҳ ва вазирони шоҳи палангон тимсоли бадеии вазирон ҳастанд, ки ақидаи куҳани шарқӣ бар ӯҳдаи онон рисолати далолати хайр ва ислоҳу салоҳи иҷтимоиро вогузоштааст. Мутобиқ бар ҳамин ақидаи куҳан аст, ки ағлаби панду андарзҳо бар забони вазирон ниҳода шудааст.

Саҳл ибни Ҳорун на танҳо дар қолаби бадеии асари худ ба «Калила ва Димна» пайравӣ кардааст, балки як даста панду ҳикматҳое низ овардааст, ки онҳоро айнан ва ё бо андаке тағйир метавон дар «Калила ва Димна» низ

пайдо кард. Чунончи, дар «Калила ва Димна» ҳикмати зерин зикр шудааст: «Ҳар кӣ бо молу сарват зист, ба аҳлаш ва дӯстонаш караму эҳсон намуд, агарчи зиндагониаш кӯтоҳ буд, ӯро дарозумр шуморанд. Ва ҳар кӣ дар зиндагиаш тангдасту нодор буд, худ нахӯрду аҳлашро нахӯронд, мурдаи қабр аз ӯ зиндатар аст» [73, 101]. Айни ҳамин маънӣ дар «ан-Намр ва-с-саълаб» низ омадааст: «Ҳар кӣ дар зиндагӣ қадру манзалате дошта ва бар аҳлу дӯстонаш караму эҳсон кардааст, агарчи умре кӯтоҳ дидааст, ӯ дарозумр бошад. Ва ҳар киро зиндагӣ дар тангдастӣ гузашта ва хайру саховат дар он барояш кам даст додааст, агарчи солиёни дароз зистааст, кӯтаҳумр бувад» [64, 15].

Дар «Калила ва Димна» омадааст: «Касе дар даргоҳи султон дер напояд, магар он, ки бори ору нангро бар худ гирад, ба озору ранҷ таҳаммул кунад, хашму ғазабашро фурӯ барад ва бо мардум ба рифқу мадоро муомила кунад. Ва агар чунин кунад, ба мақоме баланд дар назди султон хоҳад расид» [73, 103]. Айни ҳамин ҳикматро Саҳл ибни Ҳорун дар «ан-Намр ва-с-саълаб» ғунҷоиш додааст: «Касе мулозими даргоҳи султон нагардад, магар он, ки манманиро аз худ дур кунад, ба азиятҳо тоб оварад, хашму ғазабашро фурӯ бурда тавонад ва бо мардум ба нармӣ муомила кунад. Дар ин сурат ӯ метавонад ниёзмандиҳояшро аз султон ҳосил кунад» [64, 15].

Дар «Калила ва Димна» омадааст: «Донишмандон гуфтаанд, ки ба се чиз ҷуръат намекунанд, магар нодонон ва аз он сар ба саломат намебаранд, магар кам касон: сӯҳбати султон, бовар кардани сир ба занон ва нӯшидани заҳр барои таҷриба» [73, 104]. Ин ҳикмат дар айни ҳамин иборот дар «ан-Намр ва-с-саълаб» низ такрор шудааст [64, 15].

Ҳикмати зерин низ дар қолаби ибороти якхела дар ҳар ду асар такрор ёфтааст: «Дар се кор кас иқдом натавон кард, магар, ки ҳиммати олӣ ва маниши воло дошта бошад: сӯҳбати султон, тиҷорати баҳр ва пайкор бо душман» [73, 104; 64, 16].

Баъзе аз ҳикматҳои «ан-Намр ва-с-саълаб» бо андарзҳои «ал-Адаб ас-сағир»-и Ибни Муқаффаъ ҳамоҳанг ҳастанд. Чунончи, Саҳл ибни Ҳорун аз забони рӯбоҳ овардааст: «Мол мояи фузунии нерӯву раъй аст. Вуҷуди дӯстону ёрон ва хешон низ вобаста ба мол аст. Ҷавонмардӣ низ зоҳир намешавад, ҷуз бо мол. Касе, ки мол надорад, агар ба коре иқдом кунад, тиҳидастӣ ӯро ба ҷояш нишонад ва ӯ аз он кор оҷиз бимонад» [64, 16]. Ин фикрро Ибни Муқаффаъ бад-ин сурат баён кардааст: «Вуҷуди пайравон, ёрон, дӯстон ва чокарон нест, ҷуз барои мол ва чизе ҷавонмардиро ошкор намекунад, ҷуз мол. Ва раъйу нерӯ ба кор намеояд, ҷуз бо мол… Ва касе, ки мол надорад, ҳеҷ чиз надорад» [35, 87].

Чунин шабоҳат ва ҳамоҳангиҳое, ки миёни панду ҳикматҳои асари Саҳл ибни Ҳорун, аз як тараф, ва «Калила ва Димна» ва осори Ибни Муқаффаъ, аз тарафи дигар, ба назар мерасанд, аз ягонагии сарчашмаи онҳо – осори ахлоқии паҳлавӣ дарак медиҳанд. Зоҳиран, истифодаи дурдонаҳо аз он ганҷинаи ахлоқӣ барои тамоми осори адибони арабизабон, ки дар пайравии «Калила ва Димна» таълиф шудаанд, хос будааст.

Муаллифи «ан-Намр ва-с-саълаб» дар ироаи панду андарз ва баёни матолиби ҳикамӣ аз шеваи суолу ҷавоб фаровон истифода кардааст. Чунин қолаби панднигорӣ аз шеваҳои маъмули осори ахлоқии паҳлавӣ буд, ки ба баргардони бархе аз онҳо дар қуруни нахустини исломӣ ба забони арабӣ дар фасли марбути ин рисола ишора рафт. Ба ин маънӣ, «ан-Намр ва-с-саълаб» на танҳо пайравӣ ба «Калила ва Димна» аст, балки истиқбол аз хасоиси он осори ахлоқии паҳлавӣ маҳсуб мешавад, ки бо шеваи суолу ҷавоб таълиф шудаанд. Ин ҷанбаи шаклии «ан-Намр ва-с-саълаб», хоссатан дар қисмате аз он, ки ба имтиҳони рӯбоҳ аз ҷониби вазирони паланг ва худи ӯ оид аст, ба вузӯҳи тамом зоҳир мешавад.

Ҷавоби рӯбоҳи ҳаким ба суолҳое, ки ба ӯ матраҳ мешаванд, гоҳо муфассал ва тӯлонӣ ва гоҳе дигар мухтасар ва мӯҷаз аст. Ин суолу ҷавобҳо мавзӯоте, аз қабили моҳияти ақл ва ҷаҳл, сифоти оқил ва ҷоҳил, таъсири

ақл ба рафтору кирдор ва ахлоқи инсон, мақоми илму дониш, хислатҳои писандида ва сириштҳои накӯҳидаи инсон ва ғайраро фаро гирифтаанд [64, 47-79]. Худи мавзӯи имтиҳони ақлу хирад ва заковату фаросат аз тариқи суолу ҷавоб аз мавзӯоти роиҷи адабиёти тоисломии эронӣ ба шумор меояд. Ин мавзӯъ мӯҳтавои китобҳои паҳлавиро, ки ба забони арабӣ бо номи «Китоб-ул-масоил» (Китоби пурсишҳо) тарҷума шудаанд, фароҳам овардааст. Гузашта аз ин, бархе аз намунаҳои боризи чунин имтиҳонро Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ба риштаи назм кашидааст [17, VIII, 396-412; 432-439].

Саҳл ибни Ҳорун дар «ан-Намр ва-с-саълаб» аносири номанигориро ба кор гирифта ва муносибатҳоеро, ки миёни паланг ва гург сурат гирифт, дар қолаби чаҳор номаи паланг ба гург ва чаҳор номаи ҷавобии гург ба паланг баён кардааст. Истифодаи аносири номанигорӣ дар қиссаҳои арабизабон бори нахуст дар ҳамин асари Саҳл ибни Ҳорун ба назар мерасад. Аз эҳтимол дур нест, ки муаллиф дар ин шеваи баён аз осори тоисломии эронӣ илҳом гирифта бошад. Дар таъйиди ин нукта метавон ба достони «Вису Ромин» ишора кард, ки дар матни худ даҳ номаи Висро ба Ромин ғунҷоиш дода ва дар қарнҳои нахустини исломӣ иштиҳор пайдо карда буд [74, 259-286].

Саҳл ибни Ҳорун ба матни асари худ баъзе аз оёти қуръонӣ, аҳодиси набавӣ, амсол ва ашъори арабиро низ ворид кардааст [64, 8, 9, 11, 12, 14, 15, 19, 21, 22 ва саҳафоти баъдӣ]. Дар натиҷа, дар «ан-Намр ва-с-саълаб» суннатҳои насри ахлоқии паҳлавӣ бо аносири фарҳанги арабӣ-исломӣ омезиш пайдо карда, ба завқу салиқа ва муқтазоёти замони нав ҳамоҳангӣ пайдо кардааст.

Ҷои шакку тардиде нест, ки мазиятҳои мазкури шакливу маъноии «ан-Намр ва-с-саълаб» ба дигар қиссаҳое низ, ки дар давраи мавриди таҳқиқ дар пайравӣ аз «Калила ва Димна» аз забони ҷонварон таълиф ёфтаанд, хос буд. Аз зумраи ин қиссаҳо ду асари дигар низ ба қалами Саҳл ибни Ҳорун мансуб буда, номи яке аз онҳо дар сурати «Надуд, Вадуд ва Ладуд»

ва дигаре дар дар шакли «Китоб ул-ғизолайн» забт шудаанд [86, 134; 89, XI, 267; 55, V, 336-337]. Аз мӯҳтавои ин китобҳо асаре дар манобеъ боқӣ намонда ва имкон дорад, ки унвони онҳо низ дучори таҳриф шуда бошад.

Қиссаҳо аз забони ҷонварон ба нависандаи дигари арабизабон Алӣ ибни Убайдаи Райҳонӣ низ тааллуқ дошт. Номи яке аз онҳо дар манобеъ ба ду шакл – «Китоб Варуд ва Вадуд ал-мокинайн» (Варуд ва Вадуди сарватманд) ва «Китоб Варуд ва Вадуд ал-маликайн» (Шоҳ Варуд ва шоҳ Вадуд) сабт ёфтаанд [86, 133; 89, XIV, 51-56; 55, V, 537]. Чунон ки аён аст, номи ин асар ба номи китоби фавқуззикри Саҳл ибни Ҳорун мушобеҳ аст. Зоҳиран, ҳар ду нависанда як қиссаи куҳанро бозгӯӣ кардаанд, ки, мутаассифона, аз асли он ва бозгӯиҳои баъдии вай дараке надорем.

Китоби дигари Райҳонӣ «Китоб ан-намла ва-л-баъуза» (Мӯрча ва пашша) ва, ба ривояте дигар, «Китоб сифат ан намла ва-л-баъуза» (Китоби сифати мӯрча ва пашша) ном доштааст [86, 133; 55, V, 537]. Агар ривояти аввал ҳақиқат дошта бошад, пас ин китоб аз зумраи қиссаҳо аз забони ҷонварон аст, вагарна аз анвои мунозираҳоест, ки дар онҳо ду ҷонвар бартарии худро бо зикри сифоташон таъйид мекарданд.

Ҳамин тариқ, осоре, ки зикр шуд, ба ривоҷи қиссапардозӣ аз забони ҷонварон дар насри арабизабони садаҳои VIII-IX далолат мекунад. Ағлаби ин қиссаҳо дар пайравӣ аз «Калила ва Димна» таълиф шудаанд. Дар шаклу мӯҳтавои ин қиссаҳо суннатҳои насри ахлоқии паҳлавӣ ба зиндагии худ идома бахшида, дар айни замон бо аносири фарҳанги исломӣ имтизоҷ пайдо кардааст.

III.2.4. Ривоҷи жанри мунозира

Тадовуми суннатҳои насри сосонӣ дар садаҳои нахустини исломӣ ва нуфузи он дар насри арабизабон боиси пайдоиши як даста китобҳое гардиданд, ки дар насри пешини араб собиқа надоштанд. Ин китобҳоро аз лиҳози мӯҳтаво ва мавзӯъ бояд «мунозира» номид. Дар ин қабил асарҳо одатан ду ҷониб ба зикри манофеъ ва фазилатҳои худ мепардохтанд, то дар ниҳояти мунозира бартарии яке бар дигаре ба субут мерасид.

Қаҳрамонони мунозираҳо аз миёни инсонҳо, олами ҳайвоноту наботот ва падидаҳои гуногун баргузида мешуданд. Муҳим дар ин маврид он аст, ки ду ҷониби мунозира дар аслу моҳият ва сифоту мазиятҳои худ бо ҳам ихтилоф дошта бошанд ва ин ихтилоф имкони ба доираи муқобалаву мубоҳиса кашидани онҳоро таъмин карда тавонад.

Мунозираҳо моҳиятан осори пандуахлоқӣ ҳастанд, зеро онҳо бо ҳадафи роҳнамоии мардум ба рафтору кирдор ва сиришту хислатҳои ҳамида ва ё манфиату фазилатҳои судманд барои ҷомеа, ки маъмулан ба ғолиби мунозира хос аст, навишта мешаванд.

Намунае аз мунозираҳои маъмул дар насри паҳлавӣ бо номи «Драхти Асурик» маҳфуз мондааст. Фузун бар ин, теъдоде аз ин қабил мунозираҳо дар асрҳои нахустини исломӣ ба забони арабӣ баргардон шуданд. Ибни Надим дар миёни китобҳои ахлоқӣ, ки аз паҳлавӣ ба забони арабӣ баргардон шудаанд, ду мунозираро ба қайд овардааст [86, 378]. Яке аз онҳо «Китоб ҳадис ал-яъс ва-р-раҷо ва-л-муҳовара аллатӣ ҷарат байнаҳумо» (Сухани навмедӣ ва умед ва гуфтугӯе, ки миёни онҳо рафт) ва дигар «Китоб ҳадис ас-самъ ва-л-басар» (Гуфтугӯи гӯш ва чашм) ном доранд.

Тааммул бар осори насри арабизабони садаҳои VIII-IX далел бар он аст, ки бархе аз нависандагони он даврон дар пайравӣ аз ин осор андешаву орои худро дар қолаби мунозира баён кардаанд. Табиист, ки истифодаи ин шева дар эҷодиёти нависандагони эронитабор бештар ба назар мерасад. Аз ҷумла, дар миёни осори Алӣ ибни Убайдаи Райҳонӣ се мунозира – «Китоб ул-ақл ва-л-ҷамол» (Китоби ақл ва зебоӣ), «Китоб ус-самъ ва-л-басар» (Китоби гӯш ва чашм) ва «Китоб ал-яъс ва-р-раҷо» (Китоби навмедӣ ва умед) ба қайд омадаанд [86, 133]. Номи ду китоби ахири Райҳонӣ ба номи ду китобе, ки Ибни Надим онҳоро аз осори ахлоқии паҳлавӣ донистааст, шабоҳат дорад. Ин шабоҳат метавонад далел бар он бошад, ки Райҳонӣ дар эҷоди мунозираҳои худ аз ҳамон осори ҳамноми паҳлавӣ илҳом гирифтааст.

Дар манобеи куҳан мунозирае бо номи «Китоб ул-ҳурра ва-л-ама» (Зани озод ва каниз) ба қалами Алӣ ибни Довуд, ки ба ҳайси нозими «Калила ва Димна» ва мутамоил ба фарҳанги эронӣ шӯҳрат дорад, мансуб дониста шудааст [86, 134]. Нависандаи дигари эронитабор Муҳаммад ибни Лайси Хатиб низ асари худро бо номи «Китоб ул-хат ва-л-қалам» дар қолаби мунозира пайрезӣ кардааст [86, 134]. Мунозирае бо номи «Китоб муфохарат ал-вард ва-н-нарҷис» (Нозидани гули сурх ва наргис) ба қалами Аҳмад ибни Абӯтоҳири Тайфур мутааллиқ аст [86, 163].

Аз нависандагони араб низ чанд тан дар корбасти шеваи мунозира маъруфанд. Яке аз онҳо аллома Ҷоҳиз аст, ки «Китоб ифтихор аш-шито ва-с-сайф» (Нозидани зимистон ва тобистон) ва «Китоб ус-судон ва-л-бизон» (Сиёҳпӯстон ва сафедпӯстон) аз фаровардаҳои қалами ӯянд [86, 210-211].

Лозим ба таъкид аст, ки дар назми арабизабони давраи мавриди назар эҷоди шеърҳо дар қолаби мунозира ривоҷ дошт. Аҳли таҳқиқ пайдоиши ин қабил шеърҳоро ба таъсир ва нуфузи мунозираҳои тоисломии эронӣ вобаста донистаанд [219, 126; 206, 136-162]. Ин матлаб далеле дигар бар он аст, ки нависандагони арабизабон низ дар эҷоди мунозираҳои фавқуззикр суннатҳои насри паҳлавиро сармашқи кори худ қарор дода ва мӯҷиби пайдоиши як шохаи ҷадид дар насри садаҳои VIII-IX гардидаанд.

III.2.5. Бозсозии осори тоисломии эронӣ

Нависандагони арабизабони садаҳои VIII - IX дар роҳи ҳифзу эҳёи дастовардҳои маънавии Эронзамини тоисломӣ дар баробари тарҷумаи осори паҳлавӣ ва таълифи китобу рисолаҳо дар пайравӣ аз онҳо ,ки дар ин бора дар бахшҳои қаблии рисола сухан рафт, аз шеваи дигаре низ истифода карданд, ки онро метавон «бозсозии осори тоисломии эронӣ дар қолаби насри арабизабон» номид. Моҳияти ин шева иборат аз он аст,ки нависандагони садаҳои VIII-IX асаре аз осори тоисломии эронӣ ва ё матолиби ҷудогонаи онро дар қолаби насри арабизабон бозсозӣ мекарданд. Ин амал ба тарҷума наздик аст, вале тарҷумаи мустақим нест,

балки таълифе мустақил бар асоси матолиби адабиву таърихии тоисломии эронӣ аст. Намунаҳои ин бозсозӣ дар эҷодиёти ағлаби нависандагони эронитабор ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар миёни осоре,ки ба қалами Алӣ ибни Убайдаи Райҳонӣ мансуб аст, ҳадди ақалл чаҳор китобро, бино ба ановини онҳо, метавон аз зумраи ҳамин навъ асарҳо донист. Яке аз онҳо "Китоб Кайлӯҳросф ал- малик " унвон дорад. Масъудӣ дар "Муруҷ уз- заҳаб" ба фазилатҳои подшоҳии Лӯҳросп, Балхро бунёд ниҳодани ӯ, муносибаташ бо Банӣ Исроил, кушта шуданаш ба дасти туркон ва гирифтани қасоси ӯ ишора карда, афзудааст, ки перомуни ин подшоҳ ҳикоятҳое дар китобҳои қадимии эрониён омада ва нақли он ба дарозо мекашад [80,I, 222-223]. Ба гумони ғолиб, асари мазкури Райҳонӣ бозсозии ҷадиди ҳамон ҳикоятҳои куҳан доир ба саргузашту корномаи Лӯҳросп аст, ки Масъудӣ ба онҳо ишора кардааст.

Асари дигари Райҳонӣ аз навъи мазкур "Китоб Меҳр Озар Ҷушнаш" ном дорад . Чунон ки қаблан ишора рафт, исми "Меҳр Озар Гушнасф" дар муаррифии номи баъзе аз китобҳои дигар низ ба назар мерасад. Зоҳиран, шахси ҳомили ин ном яке аз фарзонагони Аҷами тоисломӣ буда ва осоре ахлоқӣ аз забони ӯ ривоят шудааст. Аз эҳтимол дур нест, ки Райҳонӣ дар китоби мазкури хеш панду андарзҳо ва суханони ҳакимонаи ӯро бозгӯӣ кардааст.

Китоби дигари Райҳонӣ "Китоб адаб Ҷавоншер" , бино ба унвонаш, бозсозии яке аз асарҳои ахлоқии паҳлавӣ бояд бошад.

Аз номи китоби чаҳоруми Райҳонӣ "Равшаноидил ", ки онро К.А. Иностранцев тасҳифе аз "Равшананибик" (яъне Рӯшноинома) донистааст, пайдост, ки бо осори тоисломии эронӣ иртиботе мусаллам дошта ва дар асоси яке аз навиштаҳои ахлоқии он даврон таълиф шудааст.

Ду китоб аз навъи бозсозиҳои осори тоисломии эронӣ ба қалами Саҳл ибни Ҳорун дахл доранд, ки яке "Китоб ул-Вомиқ ва-л-Азро " ва дигаре "Китоб адаб Ашк ибни Ашк " номида мешаванд [86, 133-134]. Шояд ҷои

тардид набошад, ки китоби аввал бозсозии ҷадиди қиссаи куҳани эронӣ аст ва китоби дуюм маҷмӯи панду андарзҳои марбут ба шоҳи ашкониро бозгӯ кардааст.

Нависандаи дигари эронитабор Аҳмад ибни Абӯтоҳири Тайфур низ ба таълифи китобу рисолаҳо бар асоси осори тоисломӣ гароиш дошта ва “Китоб тарбият (ё мартабат) Ҳурмуз ибни Кисро Анӯшервон”-ро иншо кардааст. Се китоби дигари Ибни Абӯтоҳир низ - “Китоб хабар ал-малик ал-олӣ фи тадбир ал-мамлака ва с-сиёса”, “Китоб ал-малик- ал муслиҳ ва-л-вазир ал-муъин” ва “Китоб-ал-малик ал-бобулӣ ва-л-малик-ал-мисрӣ албоғийайн ва-л-малик ал-ҳалим ар-румӣ” дар мавзӯоти хос ба қиссаҳои тоисломии эронӣ таълиф шуда ва, ба занни қавӣ, мӯҳтавои он осорро дар қолаби насри арабизабон бозгӯ кардаанд.

Нависандаи шуубимазҳаб Абӯубайда низ асареро аз осори тоисломии эронӣ бозсозӣ кардааст, ки он дар феҳристи таълифоти ӯ бо номи “Равшанқубод” ба қайд омадааст. Унвони мазкур аз мӯҳтавои асар дараке намедиҳад, вале вожае эронӣ будани он мусаллам аст.

Нависандагони арабизабон на танҳо осори бадеӣ ва ахлоқии Эронзамини тоисломӣ, балки худи таърихи қавмҳои эрониро низ мавриди бозгӯии ҷадид қарор дода буданд.

Аз ҷумла, нависандаи шуубимазҳаби эронӣ Ҳайсам ибни Адий таърихи қавмҳои эрониро дар ду китоби хеш “Ахбор ул-фурс”ва “Таърих ул-Аҷам ва Банӣ Умайя” баён карда буд [86, 112].

Нависанда ва донишманди илми ансоб Муҳаммад ибни Қосими Тамимӣ, маъруф ба «Абулҳасани Нассоба» низ китобе дар таърихи қавмҳои эронӣ ва насаби онҳо бо номи “Ахбор ул-фурс ва ансобуҳо ” таълиф кардааст [86, 127]. Дар мавзӯи мазкур китобе дигар бо номи “Ҷамҳарат ансоб ал-фурс”(маҷмӯи насабҳои эрониён) ба қалами нависанда ва ҷуғрофидони маъруфи эронитабор Ибни Хурдодбеҳ таалллуқ дорад [86, 165]. Ҳишом ибни Муҳаммади Калбӣ – яке аз муаррихони номии қуруни нахустини исломӣ ахбореро аз таърихи шоҳаншоҳии

Хусрави Анӯшервон доир ба гирифтани гаравгонони араб дар китобе бо номи “Китоб ахз Кисро раҳн ал-араб” бозгӯ карда буд [86, 109].

Бозсозии таърихи қавмҳои эронӣ дар осори фавқуззикр дар баробари тарҷумаи “Худойнома” ва соири китобҳои таърихии паҳлавӣ ба забони арабӣ ба ҳифзу эҳёи таъриху ҳикмати Аҷами тоисломӣ ва пайванди он бо маънавиёти ислом мусоидат намуд.

Ҳамин тариқ , дар садаҳои VIII-IX осори мухталифи тоисломии эронӣ дар қолаби насри арабизабон бозсозӣ гардид. Дар зимни ин бозсозӣ матолиби куҳани эронӣ мувоҷеҳ ба таҳаввул гардида, ба чаҳорчӯбаи талаботи маънавиву мафкуравии давр ва завқу салиқаи хонандагони замон мутобиқати том пайдо кард. Бад-ин васила осори тоисломии эронӣ дар муҳити ҷаҳоншиносии ваҳдонӣ машрӯияти адабиву фарҳангӣ ва ҳаққи бақову идома касб намуд.

III.2.6. Ҷилваҳои афкори шуубия дар насри арабизабон

Садаҳои VIII-IX давраи пайдоишу ташаккул ва густариши фаъолияти ҷунбиши шуубия дар қаламрави Хилофат маҳсуб мешавад. Арзи вуҷуд кардани ин ҷунбиши мафкуравӣ вокуниши халқҳои эронӣ ва соири қавмҳои ғайриараб ба муқобили фишори сиёсиву маънавӣ ва таассуби қабилавиву нажодии аъроб буд. Аъроб дар аҳди Умавиён нисбат ба мардуми кишварҳои мафтӯҳ таҳқиру иҳонат ва зулму ситамро раво медиданд. Чунин равиш аслан бо аҳкоми ислом дар бораи баробарии мусалмонон мухолифат дошт ва таҳаммули он барои қавмҳои эронӣ, ки таҷрибаи тӯлонии давлатдорӣ ва фарҳангу тамаддуни ғаноманде пушти сар доштанд, амре сангин буд. Аз ин ҷост, ки онҳо ба набарди мафкуравӣ зидди ҳизби арабгаро қиём карданд ва ба ҳизби эронгарои шуубия шинохта шуданд. Муборизае, ки байни ин ду ҳизб ҷараён дошт, тамоми соҳаҳои ҳаёти маънавии Хилофати асрҳои VIII-IX-ро фаро гирифт. Ҳадафи қиёми фикрии ҳавохоҳони ҷунбиши шуубия, қабл аз ҳама, таъмини растагории маънавии Эронзамин аз тариқи ҳифзу эҳёи дороиҳои фарҳангу

тамаддуни тоисломӣ ва ворид кардани он ба матну батни тамаддуни ҷадиди исломӣ буд.

Дар роҳи расидан ба ин ҳадаф аҳли шуубия ба роҳу усулҳои мухталифи мубориза рӯй оварданд ва вобаста ба ин ба ду гурӯҳ тақсим шуданд. Гурӯҳи аввал иддаои ҳизби арабгароро доир ба бартарии аъроб бар халқҳои дигари Хилофат рад мекарданд ва баробарии эрониёну соири халқҳоро бо арабҳо талқин мекарданд. Аз ин ҷост, ки дар бархе аз маъхазҳои адабиву таърихӣ пайравони ин гурӯҳро аҳли «тасвия», яъне «баробарӣ» ва «мусовот» ном гузоштаанд ва маънои «шуубӣ»-ро ҳамчун касе, ки байни арабиву аҷамӣ тафзиле наниҳад, зикр кардаанд [26, II, 69]. Талабу талқини баробариву мусовот байни арабҳо ва халқҳои ғайриараб дар даврае, ки аъроб унсури ҳукмрони Хилофат буданд,як шакли эътироз ва як навъи муқовимат бар зидди онҳо маҳсуб мешуд.

Гурӯҳи дигари пайравони шуубия ақида доштанд, ки арабҳо аз ҷиҳати фарҳангу тамаддун аз эрониён ва соири халқҳои Хилофат пасттар ҳастанд. Бино бар ин, дар баъзе фарҳангҳо ва осори адабиву таърихӣ шуубиёнро «аҳли тафзили аҷам бар араб» хондаанд [50, III, 709].

Пайравони ҷунбиши шуубия, ғолибан, аз миёни аҳли қалам – шоирону нависандагон ва адибони арабизабон бархоста буданд. Аз ин ҷост, ки маром ва маслаки ин ҷунбиш пештар ва бештар аз ҳама дар адабиёти арабизабони садаҳои VIII-IX ба зуҳур омадааст.

Ахбори муаллифони манобеи адабиву таърихии куҳан имкон медиҳад, ки шоиронеро мисли Исмоил ибни Ясор, Башшор ибни Бурд, Абўяъқуби Хураймии Суғдӣ, Абўнувос, Абдуллоҳ ибни Тоҳир, Иброҳим ибни Мамшоди Мутаваккилӣ аз зумраи пайравони мутаассиби ҷунбиши шуубия ба шумор овард. Баррасии ҷилваҳои афкори шуубии шоирони мазкур аз доираи аҳдофи ин рисола хориҷ аст. Бино бар ин, таваҷҷўҳи алоқамандони ин мавзўъро ба бахши марбути рисолаи дигари нигорандаи ин сатрҳо ҳавола намуда (ниг.: [135, 54-68]), ба ҷустуҷўи мазоҳири шуубия дар насри арабизабон мепардозем.

Маслаки шуубии нависандагони садаҳои VIII-IX дар эҷодиёти онҳо ба ду равиш зоҳир шудааст. Равиши аввал ин тарҷумаи осори тоисломии эронӣ ба забони арабӣ аст, ки на танҳо ҳадафи ҳифзу эҳёи он осорро дар қолаби насри арабӣ пайгирӣ мекард, балки мақсади исботи бартарии фарҳангу тамаддуни эрониро бар арабӣ низ дар назар дошт. Ба ин маънӣ ағлаби мутарҷимони эронӣ, ки дар бораи онҳо дар боби дуюми рисола сухан рафт, пайравони ҷунбиши шуубия маҳсуб мешаванд. Табиист, ки дар тарҷумаҳои худ мутарҷимони эронӣ афкору ақоиди шуубиашонро ошкор карда наметавонистанд, вале ангезаи асосие, ки қалами эшонро ба тарҷума таҳрик кардааст, ҳамон эҳсоси меҳандӯстиву эронгароии шуубиёнаи онон буд.

Равиши дигари зуҳури маслаки шуубии нависандагони арабизабон ин таълифи осор ҷиҳати баёни ошкорои андешаву ақоиди шуубӣ буд. Ин навъ осорро, ки дар садаҳои VIII-IX арзи вуҷуд кардаанд, метавон ба се гурӯҳ дастабандӣ кард. Дастаи аввал аз китобу рисолаҳое фароҳам меояд, ки мазмуни онҳо аз талқини мусовату баробарӣ миёни аъроб ва эрониёну соири халқҳои ғайриараб иборат буд. Дар ин замина китобе бо номи «Интисоф-ул-аҷам мин ал-араб» (Баробарии эрониён бо арабҳо) ба қалами Саид ибни Ҳумайди Бухтакон мансуб аст [86, 137]. Ба баробариву мусовати аъроб ва эрониён Ҷоҳиз низ қоил буда ва ин матлабро рисолаи ӯ «Китоб ут-тасвия байн ал-араб ва-л-аҷам» собит мекунад [86, 211].

Нависандаи дигари аҳди мавриди таҳқиқ Мадоинӣ низ китобе бо унвони «Муфохарат ул–араб ва-л-аҷам» таълиф кардааст ва шоистагиҳои аъробу эрониёнро бидуни тафзили яке бар дигаре зикр намуда, бо ин ба талқини баробарии ин ду қавм пардохтааст [86, 117]. Абӯабдуллоҳи Исфаҳонии мулаққаб ба «Боҳ» доир ба шуубиёне, ки ақидаи мусоваи Арабу Аҷамро ҷонибдорӣ мекарданд, китобе махсус бо номи «Китоб ут-тавшиҳ ва-т-таршиҳ фи баъз ат- тасвия байн аш-шуубия» навиштааст [86, 151].

Дастаи дуюм аз осори нависандагони шуубимазҳаб аз китобу рисолаҳое иборатанд, ки дар паҳнои насри арабизабон бо номи «Китоб ул-масолиб» маъруфият доранд. Муаллифони ин қабил китобу рисолаҳо , ки ғолибан аз зумраи шуубиёни ифротгаро буданд, ҷиҳати таҳқиру тазлили арабҳо «масолиб», яъне айбу навоқиси онҳоро дар навиштаҳои худ як ба як бармешумурданд.

Нависандагони шуубимазҳаб ду навъ аз ин қабил китобҳо таълиф кардаанд: якум, «Китоб ул-масолиб»-ҳои омм, ки фарогири айбу навоқиси тамоми қабоили аъроб буданд; дуюм, «Китоб ул–масолиб»-ҳои хос, ки дар онҳо ношоистагиҳои як қабила ё як шоха аз қабоили аъроб зикр шудаанд. Ба қалами нависандаи маъруф Абӯубайда аз навъи аввал китобе бо номи «Китоб ул-масолиб» тааллуқ дорад, ки дар он ӯ , бино ба ишораи Ибни Надим, ҳатто «ба наздикони пайғамбар, алайҳи-с-салом, таънаҳо задааст» [86, 59]. Ҳамин нависанда дар навъи дуюми «Китоб ул-масолиб»-ҳо низ асаре бо номи «Китоб масолиб Боҳила» таълиф кардааст, ки он ба зикри ношоистагиҳои қабилаи Боҳила ихтисос дорад [86, 59].

Китобҳо аз ҳар ду навъи мазкур дар миёни осори мансуб ба Ҳайсам ибни Адий низ ба назар мерасанд. Нависандаи мазкур «Китоб ул-масолиб ас-сағир» ва «Китоб ул–масолиб ал–кабир»-и хешро дар равияи навъи аввал ва «Китоб масолиб Рабиъа»-ро дар навъи дуюм ба риштаи таҳрир кашидааст [86, 112]. Китобе бо номи «ал-Майдон фи-л-масолиб» ба Аллони Шуубӣ мансуб аст, ки дар он муаллиф зикри масолиби аъробро аз қабилаи Қурайш оғоз кардааст. Ибни Надим таъкид кардааст, ки Аллон дар ин китоб «парда аз рӯи масолиби аъроб бардошт ва онҳоро ошкор кард» [86, 118]. Дар «ал-Фиҳрист» ба қалами нависандаи шуубимазҳаби дигар Абӯҳасин Муҳаммад ибни Алии Исфаҳонии Даймартӣ низ асаре бо номи «Китоб масолиб Сақиф ва соир ал- араб» мутааллиқ дониста шудааст [86, 152].

Ба дастаи сеюми таълифоти нависандагони шуубимазҳаби садаҳои VIII-IX китобу рисолаҳое ворид ҳастанд, ки мӯҳтавои онҳо аз зикри

шоистагиҳои эрониён ва таъйиди бартарии онон бар аъроб фароҳам омадааст. Яке аз китобҳое, ки дар ин замина эҷод шудааст, ба қалами Абўубайда мансуб буда, «Фазоил ул-фурс» ном дорад [86, 59]. Дар ҳамин мавзўъ Саид ибни Ҳумайди Бухтакон низ китобе бо унвони «Фазл ул–аҷам ала-л-араб ва ифтихоруҳо» таълиф кардааст [86, 137]. Ақоиди шуубии нависандаи дигари эронитабор - Исҳоқ ибни Салма низ қалами ўро ба таълифи китобе дар бартарии эрониён бар арабҳо бо номи «Китоб фазл ал–аҷам ала-л–араб» таҳрик кардааст [86, 142].

Бархе аз осори мансури давраи мавриди таҳқиқ дар мавзўоте таълиф шудаанд, ки дар назари аввал гўё ба шуубия иртиботе надоранд, вале агар заминаҳои пайдоиши ин китобҳо мавриди тааммул ва андеша қарор гирад, маҳсули ақидаву афкори шуубӣ будани онҳо аён мегардад. Аз зумраи ин қабил асарҳо «Китоб ман тазаввaҷа маҷусиййатан» (Китоб дар бораи онҳое, ки ба маҷусизанҳо издивоҷ кардаанд)–и Мадоинӣ ва «Китоб ман тазаввaҷа мин ал-маволӣ фи-л-араб» (Китоб дар бораи он маволие, ки бо арабзанҳо издивоҷ кардаанд)-и Ҳайсам ибни Адийро метавон зикр кард [86, 112,114]. Аз манобеи адабиву таърихии қуруни нахустини исломӣ, ки ғурури қабилавиву қавмии аъроб ва муносибати эшонро бо эрониён ва соири халқҳо бозтобӣ мекунад, аён аст, ки аъроб издивоҷ кардани мардони худро ба занҳои ғайриараб муҷоз медонистанд, вале мавлои ғайриараб ҳаққи хонадор шудан ба зани арабро надошт [226, 66-74]. Ҳамчунин издивоҷ бо маҷусизан барои аъроби мусалмон мамнўъ эълон шуда буд. Бар хилофи ин дастурҳо, Мадоинӣ ва Ҳайсам ибни Адий китобҳои мазкури хешро таълиф кардаанд, то бад-ин васила зарбае бар ғурури ҳизби арабгаро ворид кунанд.

Рисолае дар ситоиши бахилӣ бо номи «Рисола фи-л-бухл» ба Саҳл ибни Ҳорун мутааллиқ аст, ки он дар «Китоб ул-бухало»-и Ҷоҳиз ба тамомӣ иқтибос шуда ва бад-ин васила то замони мо расидааст [49, 11-15]. Дар назари аввал ин рисола ҷавоби Саҳл ибни Ҳорун ба онҳоест, ки ўро ба бухл мазаммат кардаанд. Муаллиф дар посухи ҳар як эродҳое, ки ба ў

нозил шудаанд, равиши худро дар сарфакориву иқтисод дифоъ карда, зарарҳои сарфи ноҷои дороиву сарват ва саховатмандии бемавридро бо истинод ба ҳикматҳои гузаштагон таъкид кардааст. Лозим ба ёдоварист, ки аъроб дар муораза бо эрониён саховат ва дасткушодиро аз фазилатҳои суннатии худ мешумориданд ва бухлу хасосатро хос ба эрониён медонистанд. Рисолаи Саҳл ибни Ҳорун ҳадафи накӯҳиши тарзи зиндагии аъробро дар пай дорад ва мазмуни шуубиаш низ дар ҳамин ҳадаф зоҳир мегардад.

Китобу рисолаҳои фавқуззикр, ки дар доираи набарди мафкуравӣ бо аъроб эҷод шудаанд, эҳсоси меҳандӯстӣ ва ҳусни таваҷҷӯҳи халқҳои эрониро нисбат ба фарҳангу тамаддуни хеш дар қолаби насри арабизабон бозтобӣ мекунанд. Аз ин рӯ, ин қисмати насри арабизабони садаҳои VIII-IX-ро метавон чун насри шуубияи эронӣ ба забони арабӣ қаламдод кард. Насри шуубия дар тадовуми афкори меҳанпарастии халқҳои эронӣ ва дифоъ аз арзишҳои фарҳангу тамаддуни Аҷам дар шароити истилои араб нақше муҳим бар ӯҳда дошт.

ХУЛОСА

Таҳқиқи адабиёти арабизабони садаҳои VIII-IX далел бар он аст, ки қариҳаи адабии халқҳои эронӣ дар давраи мазкур дар қолаби насру назми арабӣ ба зуҳур омадааст. Ҳарчанд ки бар асари истилои араб се рукни муҳимми тамаддуни эронӣ, яъне дин, забон ва хат тағйир пазируфтанд ва қисмате аз мероси маънавӣ ва обидаҳои фарҳангии тоисломӣ нобуд гаштанд, омилҳое мавҷуд буданд, ки заминаҳои бақо ва идомаи суннатҳои адабу фарҳанг, аз ҷумла ҳунари насрнависии тоисломии эрониро дар муҳити ислом фароҳам оварданд. Омилҳои мазкур, ки дар миёни онҳо, қабл аз ҳама, бояд аз ҳастии забони форсӣ ва лаҳҷаву гӯишҳои маҳаллӣ, фаъолияти пайравони кешу мазҳабҳои маҳаллӣ, хоссатан зардуштия доир ба гирд кардану гиромӣ доштани мероси маънавии Эронзамин, густариши эҳсоси ватанпарастиву эронгароӣ ва рӯҳияи истиқлолхоҳии мардуми Эронзамин, борварии андешаи сиёсӣ ва ғаномандии таҷрибаи кишвардории халқҳои эронӣ, наҳзати тарҷумаи осори тоисломӣ ба забони арабӣ ва мунтаҳо ривоҷи фанни нависандагӣ ва балоғати эронӣ ёдовар шуд, ба масобаи пули фарҳангие буданд, ки Аҷами тоисломиро бо Эронзамини исломӣ пайвастанд.

Дар давраи сукути иҷбории забонҳои эронӣ, ки ба ду аср, яъне асрҳои VIII-IX тӯл кашид, намояндагони аҳли адаби Эронзамин забони арабиро чун воситаи ягонаи нашри афкори адабиву бадеии худ истифода карданд. Ин амр мӯҷиб гардид, ки дар қаламрави адабиёти арабизабон як идда нависандагони эронитабор нуфуз ёбанд. Рисолати ҳифзу идомаи суннатҳои адабиёти тоисломии эрониро ҳамин нависандагони арабигӯ ба дӯши худ гирифта, онро бо истифода аз забон ва қолабҳои адабии арабӣ дар беҳтарин ваҷҳ ба иҷро расониданд.

Нахустин нависандагони номвари арабизабони эронитабор аз доираи котибони девонҳои Хилофат бархоста буданд. Ба василаи осори онҳо дар насри номанигории нимаи аввали асри VIII услуби форсии китобат шӯҳрат пайдо кард. Таъсири услуби форсии китобат боис гардид, ки насри арабӣ

ба марҳалаи таҳаввул ворид гардад, аз қолаби иҷозу ихтисор берун ояд ва сӯи итнобу насри мурсал роҳ паймояд. Нахустин падидаҳои чунин таҳаввули шакливу услубӣ аввал дар эҷодиёти Абулалои Солим рӯй намуд, баъдан дар осори Абдулҳамиди Котиб, ки асосгузори насри фаннии арабӣ эътироф шудааст, ба ғояти камоли худ расид.

Саҳми Абдулҳамиди Котиб дар идомаи анъанаву суннатҳои насри тоисломии эронӣ дар муҳити нави забонӣ ва дар партави ҷаҳоншиносии ҷадиди ваҳдонӣ хеле бузург аст. Ин нависандаи номовар бо ворид кардани аносири маънавиву шаклии осори тоисломии эронӣ ба насри арабизабон пояҳои таҷаддуди онро устувор кард, шеваеро дар нависандагӣ ибдоъ намуд, ки дар он дастовардҳои завқу ҳунари эронӣ бо зарфияту имконоти баёнии забони арабӣ ва фикру андешаи исломӣ дар беҳтарин ваҷҳ инсиҷом ёфт.

Бар асари таҳаввулоте, ки пас аз истилои араб дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва адабиву фарҳангии халқҳои Эронзамин рӯй намуданд, роҳи ягонаи ҳифзу эҳёи дастовардҳои насри тоисломии эронӣ ин тарҷумаи онҳо ба забони арабӣ ва бад-ин васила ворид кардани арзишҳои адабиву бадеии он ба матну батни тамаддуни ҷаҳоншиносии нави исломӣ буд. Бо дарки ин ҳақиқат ва зарурати таърихӣ намояндагони аҳли адаби Эронзамин ба тарҷумаи муҳимтарин осори тоисломии эронӣ ба забони арабӣ пардохтанд. Дар натиҷа, дар Хилофати асрҳои VIII-IX мактаби мутарҷимони эронӣ ташаккул ёфт, ки сарвари онҳо, мусалламан, Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ буд.

Дар маохизи адабиву таърихӣ номи беш аз сӣ нафар намояндагони мактаби мутарҷимони эронӣ ба қайд омадааст. Ҷои тардид нест, ки дар давраи мазкур мутарҷимони дигар низ ба нақли осори тоисломии эронӣ ба забони арабӣ пардохта буданд, вале номашон дар манобеи куҳан зикр нашудааст. Ин нуктаро даҳҳо кутуби паҳлавие, ки мутарҷимашон ба забони арабӣ маълум нест, таъйид мекунанд. Бо саъю кӯшиши мутарҷимони эронӣ дар давраи мазкур ағлаби дастовардҳои насри тоисломии эронӣ ба забони арабӣ баргардон шуданд, ки онҳоро дар

маҷмӯъ метавон чун насри тарҷумаи эронӣ ба забони арабӣ арзёбӣ кард. Насри тарҷума анвои мухталифро дар бар гирифта, ба дастаҳое, аз қабили осори таърихӣ, осори ахлоқӣ ва осори бадеӣ тақсим мешавад.

Дар миёни китобҳои паҳлавие, ки дар давраи мазкур кисвати забони арабӣ ба бар карданд, таърихномаҳо ва ба таври умум китобҳое, ки таҷрибаи таърихии мардуми Эронзамин дар онҳо баён ёфта буданд, тасаллут доштанд. Тарҷумаву таҳрирҳои мутааддиди «Худойнома», «Тоҷнома», «Ойиннома», «Китоб ус-сувар», «Сакисарон» ва ғайра боис шуд, ки таърихи Эронзамин бо сармоя ва дороиҳои маънавиву ахлоқиаш ба матну батни тамаддуни ҷадиди исломӣ ворид гардида, расмияти сиёсиву динӣ пайдо кунад.

Таваҷҷӯҳи омм ва фарогир ба панду андарз яке аз боризтарин вижагиҳои ҳастии маънавии қавмҳои эронӣ қабл аз ислом буд. Аз ин ҷост, ки дар адабиёти паҳлавӣ андарзномаву пандномаҳои зиёде таълиф ёфта буданд. Бахши аъзами ин осор, ки матолиби марбут ба ахлоқи фардиву иҷтимоӣ, сиёсати шоҳӣ ва одоби кишвардориро дар бар мегирифтанд, таҳти унвонҳои «уҳуд» ва «васоё» ба забони арабӣ баргардон шуданд. Тавассути ин тарҷумаҳо арзишҳои маънавӣ ва андешаи ахлоқиву сиёсии Эронзамини тоисломӣ ба ҷомеаи исломӣ роҳ пайдо карда, аз маъруфият ва истиқболи тамом бархурдор гаштанд. Дар натиҷа, донистану ба кор гирифтани онҳо василае аз васоили тарбияи ахлоқӣ ва унсуре аз аносири фарҳангу маърифати исломӣ ба шумор омад.

Яке аз риштаҳои борвари насри паҳлавиро асарҳое фароҳам оварда буданд, ки онҳоро бо таваҷҷӯҳ ба меъёрҳои маъмул дар шинохти каломи бадеъ метавон чун осори насри бадеӣ арзёбӣ кард. Бархе аз ин осор дар асрҳои VIII-IX ба забони арабӣ тарҷума гардид. Дар ин осор устура бо таърих ба ҳам омада ва ривоёти марбут ба қаҳрамониҳои номоварони таърихи афсонавии Эронзамин чун таърихи воқеӣ пазируфта мешуд. Дар баробари ин, дар баёни корномаҳои воқеии шоҳони таърихӣ лаҳзаҳои афсонагуна ва вақоеи хориқулода ба назар мерасанд, ки онҳо низ чун ҷузъе аз таърихи ҳақиқӣ ҷилва мекунанд. Осори насри бадеии паҳлавиро, ки ба

забони арабӣ тарҷума шудаанд, бо назардошти синкретизми хос ба онҳо метавон ба чаҳор даста: осори бадеии ахлоқӣ («Калила ва Димна», «Синдбоднома», «Билавҳар ва Бузосаф», «Мушкдона ва Шоҳизанон», «Балош ва духтари шоҳи Ҳинд» ва ғайра), достонҳои ҳамосӣ («Достони Баҳроми Чӯбина», «Рустам ва Исфандиёр», «Баҳром ва Нарсӣ», «Доро ва бути заррин», «Шаҳрбароз ва Хусрави Парвиз», «Достони Шарвини Даштбо» ва ғайра), достонҳои ишқӣ («Хусраву Ширин», «Вису Ромин») ва афсонаҳо («Ҳазор афсон», «Ҳазор достон», «Хурофа ва назҳа», «Рӯзбеҳи ятим», «ад-Дуб ва-с-саълаб» ва ғайра) тақсим кард.

Тарҷума мазҳаре аз мазоҳири нубуғи адабии халқҳои эронӣ дар садаҳои VIII-IX буд. Вале фаъолияти аҳли адаби халқҳои эронӣ дар паҳнои насри арабизабон танҳо бо кори тарҷума маҳдуд набуд. Василаи дигари зуҳури андешаву тафаккури адабиву бадеии мардуми Эронзамин дар он даврон ин фаъолияти нависандагии адибони эронитабор буд. Агар мутарҷимони эронӣ ҳосили завқу тафаккур ва одобу ахлоқи эрониро дар гунаи аслӣ ё наздик ба асл ба олами ислом манзур карда бошанд, пас нависандагони эронӣ буданд, ки дар фаровардаҳои қалами худ он сарвати маънавиро бо муҳит ва завқу салиқаи исломӣ ҳамоҳанг ва мутаносиб гардониданд ва бад-ин васила дар ҳаққи бақои комил касб кардани онҳо дар муҳити ҷаҳоншиносии ваҳдонӣ гоме фаротар аз мутарҷимон ниҳоданд.

Нависандагоне, аз қабили Ибни Муқаффаъ, Саҳл ибни Ҳорун, Алӣ ибни Убайдаи Райҳонӣ, Аллони Шуубӣ, Саид ибни Ҳумайд, Абӯубайда, Ҳайсам ибни Адий, Муҳаммад ибни Лайси Хатиб, Амр ибни Масъада, Исҳоқ ибни Салма ва даҳҳо нафари дигар осореро таълиф карданд, ки он маҳсули пайравӣ ва истиқбол аз суннатҳои насри паҳлавӣ буд. Дар натиҷа, дар насри арабизабон оҳангу мазмунҳои нав, навъҳову қолабҳои ҷадиди ифода рӯй намуданд, ки ба насри тоисломии араб хос набуда, реша дар осори мансури аҳди сосонӣ доштанд. Ҳамин қисмати насри арабизабони асрҳои VIII-IX –ро, ки моҳиятан зодаи тафаккуру андешаи эронӣ ва самараи ҳамоҳангиву мутобиқати томи он бо аркони ҷаҳоншиносии

исломӣ аст, метавон ҳамчун насри таълифии эронӣ ба забони арабӣ қаламдод кард. Густариши насри ахлоқӣ бо анвои мухталифи он (китобҳои адаб, васоё, ахлоқ ва ғайра), касрати китобҳо ва рисолот дар ойини кишвардорӣ, ривоҷи қиссапардозӣ аз забони ҷонварон, тааддуди мунозираҳо, бозсозии осори тоисломии эронӣ ба забони арабӣ, пайдоиши насри шуубия аз муҳимтарин ҷилваҳои афкору андешаи эронӣ ва тадовуми суннатҳои насри паҳлавӣ дар адабиёти мансури асрҳои VIII-IX маҳсуб мешаванд.

Ҳамин тариқ, асос ва меҳвари маънавии насри арабизабоне, ки нависандагони эронитабор дар садаҳои VIII-IX ба вуҷуд оварданд, ин эҳсоси пайванди рӯҳонӣ бо гузаштаи пурифтихори қавмҳои ориёӣ ва ҳифзи асолати маънавиву фарҳангии Эронзамин буд. Ба ин маънӣ, насри арабизабон давоми мустақими насри паҳлавӣ ва яке аз муҳимтарин манбаъҳои омӯзишу таҳқиқи он аст. Ҳар қадар насри арабизабони асрҳои VIII-IX беҳтару хубтар омӯхта шавад, ҳамон қадар чеҳраи воқеии насри тоисломии эронӣ равшантар мегардад.

Аз ҷониби дигар, насри арабизабон барои шинохти таҳаввуле, ки осори тоисломии эронӣ дар давраи гузариш ба фарҳангу тамаддуни исломӣ аз сар гузаронид, маъхази асосӣ аст, зеро мутобиқ ва ҳамоҳанг шудани арзишҳои адабиву фарҳангии тоисломии эронӣ бо муҳит ва муқтазоёти ҷаҳоншиносии нави ваҳдонӣ дар қолаби ҳамин наср таҳаққуқ пайдо кард. Фузун бар ин, насри арабизабон барои шинохти заминаҳои пайдоиши насри навини форсӣ аҳамияти вижа дорад, зеро ағлаби навъу шаклҳои насри форсу тоҷик дар ҳамин давра пайрезӣ гардидааст.

Бо таваҷҷӯҳ бар нукоти мазкур насри арабизабони асрҳои VIII-IX-ро метавон халқаи чун пайванд миёни насри паҳлавӣ ва насри адабиёти навини форсу тоҷик арзёбӣ кард ва дар даврабандии таърихи насри халқҳои эронӣ онро ба насри давраи арабизабон номзад намуд.

КИТОБНОМА

I. САРЧАШМАҲО БА ХАТИ КИРИЛЛӢ

1. Абу-л-фарадж ал-Исфахани. Книга песен. Перевод с арабского А.Б.Халидова, Б.Я. Шидфар. – М.: Наука, 1980.- 671с.
2. Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Дар ду ҷилд. Бо муқаддима ва тавзеҳоти М.Умаров ва Ф. Бобоев. – Теҳрон: Замон, 1380/2001.
3. Берунӣ. Абӯрайҳон. Китоб ут-тафҳим ли авоил саноат ат-танҷим. – Душанбе: Дониш, 1973. – 286с.
4. Берунӣ, Абӯрайҳон. Осор ул-боқия. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 432с.
5. ал-Джахиз. Книга о скупых: Перевод с арабского. Предисловие и примечания Х.К. Баранова. – М.: Наука, 1965.- 287с.
6. Ибн ал-Балхӣ. Форснома. – Душанбе: Дониш, 1989. – 160с.
7. Изведать дороги и пути праведных. Пехлевийские назидательные тексты. Введение, транскрипция текстов, перевод, комментарий, глоссарий и указатели О.М.Чунаковой. – М.: Наука, 1991. – 192с.
8. Калила и Димна. Перевод с арабского И.Ю.Крачковского и И.Н. Кузьмина. 2-е издание.-М.:Изд-во восточной литературы, 1967.-281с.
9. Китоби Ҳаким Синдбод. Аз рӯи «Синдбоднома» -и Заҳирӣ. Таҳрири Ҷ.Азизқулов. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 267с.
10. Коран. Перевод с арабского И.Ю.Крачковского.-М.:Изд-во восточной литературы, 1963.-715с.
11. ал-Мас’уди. Золотые копи и россыпи самоцветов (История Аббасидской династии: 749-947гг.). - Перевод с арабского Д.В. Микульского - М.:Наталис, 2002.- 800с.
12. Наршахӣ, Абӯбакр. Таърихи Бухоро. – Душанбе: Дониш, 1979. – 118с.
13. Низами Арузи Самарканди. Собрание редкостей или Четыре беседы. – М.: ИВЛ., 1963. – 168с.
14. Номаи Тансар. Таҳияи Н.Салимов/ Нахустқомуси миллат. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. – С. 186-227.

15. Сомониён дар оинаи таърих. Дар ду ҷилд. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1998.
16. Таърих Систан (История Систана) /Перевод, введение и комментарии Л.П. Смирновой.-М.:Наука, 1976.-214с.
17. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилдҳои I-IX. -Душанбе:Адиб, 1987-1991.

II. САРЧАШМАҲО БА ХАТИ АРАБӢ

18. الآبی. نثر الدرر.ج ۷ .تصحیح منیره محمد المدنی و حسین نصار. القاهرة ۱۹۹۰.- ۶۲۶ص.
19. ابن ابی طاهر طیفور، احمد. کتاب تاریخ بغداد. ج. ۶. عنی بنشره محمد زاهد کوثر، القاهرة ۱۹۴۹. – ۳۱۷ص.
20. ابن هشام. السیرة النبویة. قدم لها و علق علیها و ضبطها طه عبد الرووف سعد. ج. ۱- ۴. بیروت دار الجیل، ۱۹۷۵.
21. ابن اسفندیار. تاریخ طبرستان. بتصحیح عباس اقبال آشتیانی. تهران، کلاله خاور، ۱۳۶۶- ۳۳۱+ ۱۷۵ ص.
22. ابن خلدون. مقدمة ابن خلدون. بیروت، دار الفکر العربی، ۱۹۹۷.- ۴۸۸ص.
23. ابن خلکان. وفیات الاعیان وانباء ابناء الزمان. ج.۱- ۸. حققه الدکتر احسان عباس. دار صادر، بیروت ۱۴۱۴/ ۱۹۹۴.
24. ابن رشیق. العمدة فی صناعة الشعر و نقد. ج.۱- ۲. الطبعة الاولی. عنی بتصحیحه محمد بدر الدین النسعانی. ۱۳۲۵ /۱۹۰۷.
25. ابن صاعد الاندلسی. طبقات الامم. عنی بنشره حیات بوعلوان. بیروت، دار الفکر العربی، ۱۹۸۵.- ۵۷۸ص.
26. ابن عبد ربه. کتاب العقد الفرید.ج.۱- ۴. القاهرة، دار الفکر العربی،۱۹۶۷.
27. ابن الفقیه الهمدانی. مختصر کتاب البلدان. لیدن ۱۸۸۵/۱۳۰۳. المقدمه ۶۸ ص + ۲۳۰ ص.
28. ابن قتیبه. ادب الکاتب. عنی بنشره ماکس گرونر. لیدن ۱۹۰۰. - ۳۸۲ ص.
29. ابن قتیبه. عیون الاخبار.ج.۱- ۴. دار الکتاب العربی. بیروت ۱۴۱۸ /۱۹۹۷.
30. ابن قتیبه. کتاب الشعر و الشعراء. طبع فی مدینة لیدن بمطبعة بریل. ۱۹۰۲.- ۵۷۶ ص.
31. ابن القفطی. تاریخ الحکماء. لیپسیك. ۱۹۰۳.- ۴۱۲ ص.
32. ابن المعتز. دیوان. دار الصادرللطباعة والنشر، بیروت ۱۳۸۱ / ۱۹۶۱. - ۵۲۳ ص.
33. ابن المعتز . طبقات الشعراء المحدثین. تحقیق عبد الستار احمد فراج، القاهرة، دار المعارف بمصر، ۱۹۵۶.- ۶۰۲ص.

34. ابن المقفع، عبدالله. الادب الوجيز للولد الصغير. ترجمه خواجه نصرالدين طوسی. به تصحيح و اهتمام غلام حسين آهنی. انتشارات دانشكده ادبيات اصفهان، ۱۳۴۰. - ۱۱۸ ص.

35. ابن المقفع، عبدالله. الادب الصغير، الادب الكبير، رسالة الصحابه. بيروت، مكتبة دار البيان، مؤسسه الزين (د.ت)- ۲۲۴ص.

36. ابن المقفع، عبدالله. المنطيق. ابن بهريز، حدود المنطق. با مقدمه و تصحيح محمد تقي دانش پژوه. تهران ۱۳۵۷.- ۱۵۳+۸۸ ص.

37. الاصفهانی، ابوالفرج. كتاب الآغانی. ج۱ - ۲۰، مصور عن طبع دار الكتب، المؤسسه المصرية العامة للتأليف و الترجمة و الطباعة و النشر،القاهرة(د.ت)

38. اخبار إيران از الكامل ابن اثير. ترجمه محمد ابراهيم باستانی پاريزی. انتشارات دانشگاه تهران. ۱۳۴۹.- ۴۰۷ ص.

39. اردشير بن بابك. عهد اردشير. حققه و قدم له الدكتر احسان عباس. دار صادر للطباعة و النشر، بيروت، ۱۹۶۷. - ۱۱۲ص.

40. اصطخری، ابواسحق ابراهيم. ممالك و مسالك. ترجه محمد ابن اسعد ابن عبدالله تستری. به كوشش ايرج افشار. تهران ، ۱۳۷۳. – ۵۷۹ ص.

41. بلاذری، احمد ابن يحيی. انساب الاشراف. عنی بنشره عبد العزيز الدوری. بيروت ۱۳۹۸/ ۱۹۷۸. –۴۴۶ ص.

42. بلاذری. احمد ابن يحيی. كتاب فتوح البلدان.ج.۱- ۳. نشره و وضع ملا حقه و فهارسه الدكتر صلاح الدين المنجد. مكتبة النهضة المصريه، القاهرة، ۱۹۵۶/ ۱۹۵۷.-۷۹۳ ص.

43. بلوهر و بوذاسف. انتشارات امير كبير. تهران، ۱۳۷۶.- ۱۵۲ص.

44. بيرونی ابوريحان. تحقيق ما للهند. هيدر آباد ۱۹۸۵/۱۳۷۷. – ۳۱۶ص.

45. تاريخ سيستان. بتصحيح ملك الشعراء بهار، تهران، كلاله خاور، ۱۳۱۴. –۴۸۶ص.

46. تجارب الامم فی اخبار ملوك العرب و العجم. تصحيح رضا انزابی نژاد- يحی كلانتری. مشهد، ۱۹۹۴/۱۳۷۳. –۴۱۴ص.

47. ثعالبی مرغنی. شاهنامه كهن. پارسی تاريخ غرر السير. پارسی گردان سيد محمد روحانی. مشهد،۱۹۹۴/۱۳۷۲.- ۴۳۶ص.

48. الثعالبی النسابری. يتيمة الدهر فی محاسن اهل العصر. ج.۱- ۴. دار الكتب العلمية. (د.ت)

49. الجاحظ، عمرو بن بحر. كتاب البخلاء. دار الكتب الشعبية، بيروت ۱۹۷۷- ۱۷۶ ص.

50. الجاحظ، عمرو بن بحر. كتاب البيان و التبيين. ج.۱- ۴. دار احياء العلوم ۱۹۹۳/۱۴۱۴. - ۱۲۰۴ ص.

51. الجاحظ، عمرو بن بحر. كتاب التاج. ترجمة محمد علی خليلی. تهران، ۱۳۴۷. - ۲۴۸ ص.

52. الجاحظ، عمرو بن بحر. رسائل الجاحظ. القاهرة، ۱۹۳۳. - ۳۱۷ ص.

53. الجاحظ، عمرو بن بحر. المحاسن و الاضداد. قدم له و راجعه عاصم عيتانى، بيروت، دار احياء العلوم،۱۴۱۹ / ۱۹۹۹.

54. الجهشيارى، محمد بن عبدوس. كتاب الوزراء و الكتاب. ترجمه ابو الفضل طباطبای. تهران، ۱۳۴۸. – ۴۳۹ ص.

55. حاجى خليفه. كشف الظنون عن اسامى الكتب و الفنون. ج. ۱-۶. دار الفكر للطباعة و النشر و التوزيع، بيروت، ۱۴۰۶ / ۱۹۸۶.

56. الحصرى، القيروانى. زهر الآداب و ثمر الالباب ج.۱- ۴. مفصل و مضبوط و مشروح بقلم زكى مبارك، دار الجيل، بيروت، ۱۴۱۹ / ۱۹۹۹. – ۱۱۶۸ ص.

57. حمزه اصفهانى. سنى ملوك الارض و الانبياء. تاريخ پيامبران و شاهان. ترجمه جعفر شعار. تهران، ۱۳۶۷ .- ۲۶۹ ص.

58. خرد نامه. به كوشش منصور ثروت. تهران، ۱۳۶۷.

59. داستان های بيد پای. ترجمه محمد عبد الله البخارى. به تصحيح پرويز ناتل خانلرى و محمد روشن. تهران، خوارزمى، ۱۳۶۹.- ۲۳۲ ص.

60. دولت شاه سمرقندى. تذكرة الشعراء. به تصحيح و تحقيق محمد عباس. تهران، ۱۳۳۷-.۶۵۰ ص.

61. الدينورى، ابوحنيفه. الاخبار الطوال. دار احياء الكتب العربية. القاهرة، ۱۹۶۰. – ۴۶۸ ص.

62. راحة الارواح فى سرور المفراح، بختيارنامه. انتشارات دانشگاه تهران.شماره ۱۰۵۶ ، سال ۱۳۴۵- ۱۶۸ ص.

63. رسائل البلغاء. عنى بجمعها محمد كرد على. القاهرة، دار الكتب العربية الكبرى، ۱۹۱۳/۱۳۳۱. – ۳۲۰ ص.

64. سهل بن هارون. كتاب النمر و الثعلب. حققه و قدم له و ترجم الى الفرنسية عبدالقادر المهيرى. منشورات الجامعة التونسية، ۱۹۷۳. - ۱۷۴ص.

65. صفوة ، احمد زكى. جمهرة رسائل العرب. الطبعة الاولى، مكتبة مصطفى البابى الحلبى، القاهرة ۱۹۳۷م. - ۵ ۷۶ص.

66. الصولى، ابوبكر. اخبار الشعراء المحدثين من كتاب الاوراق. عنى بنشره ج.هيورت د ن. دار المسيرة، بيروت ۱۹۸۲.- ۱۵۹ ص.

67. طبرى، محمد جرير. تاريخ الرسل و الملك. ج. ۱ - ۱۵. ترجمه ابوالقاسم پاينده. انتشارات بنياد فرهنگ إيران، تهران، ۱۳۵۲- ۱۳۵۳.- ۶۷۸۵ ص.

68. العامرى، ابو الحسين. السعادة و الاسعاد. بكتابة و مباشرة مجتبى مينوى، ويسبادن – آلمان ۱۳۳۶. – ۴۶۰ ص.

69. العسکری، ابو هلال. کتاب الصناعتین. ج. ۱ - ۲. عالم الکتاب، القاهرة.(د.ت)

70. العسکری، ابو احمد. فی تفضیل بین بلاغتی العرب و العجم. مطبعة الجوائب، القسطنطنیة، ۱۳۰۲. – ۱۶۷ ص.

71. القلقشندی. صبح الاعشی فی صناعة الانشاء. وزارة الثقافة و الارشاد القومی. المؤسسة المصریة العامة للتالیف و الترجمة والنشر.۱۳۸۳ / ۱۹۶۳. ج. ۱ - ۴۸۱ ؛ ج. ۱۰ - ۴۶۸ ص.

72. کلیله و دمنه. با مقابله چاپ عبد العظیم قریب. انتشارات عاریافر، تهران (د.ت) – ۳۳۶ ص.

73. کلیله و دمنه. الطبعة الثانیة، بیروت ۱۹۸۰/۱۴۰۰.- ۲۸۸ص.

74. گرگانی، فخر الدین. ویس و رامن. به اهتمام محمد جعفر محجوب، تهران ۱۳۳۷.- ۵۰۴ ص.

75. المبرد. الکامل فی اللغة و الادب. ج. ۱ - ۲. بیروت، دار الفکر العربی، ۱۹۹۹.- ۸۰۰ ص.

76. مجمل التواریخ و القصص. به تصحیح ملك الشعرا بهار. چاپ دوم. تهران (د.ت) .- ۵۶۸ ص.

77. المرتضی. امالی. ج. ۱ - ۲. الطبعة الاولی. صححه و ضبط الالفاظه و علق حواشیه محمد بدر الدین النعسانی الحلبی. القاهرة ، ۱۳۲۵./ ۱۹۰۷.

78. مستوفی، حمد الله. تاریخ گزیده. چاپ دوم، تهران، انتشارات دنیای کتاب ، ۱۳۶۱.- ۵۶۸ ص

79. مسعودی، علی بن حسین. التنبیه و الاشراف. ترجمه ابو القاسم پاینده. شرکت انتشارات علمی و فرهنگی، تهران ۱۳۶۵. – ۴۵۲ص.

80. مسعودی، علی بن حسین. مروج الذهب و معادن الجوهر. ج. ۱ - ۲. ترجمه ابو القاسم پاینده. شرکت انتشارات علمی و فرهنگی، تهران ۱۳۷۴. –. ج. ۱-۷۸۵ ص، ج. ۲- ۹۲۳ ص.

81. مسکویه، ابو علی. تحارب الامم. ج. ۱. ترجمه ابوالقاسم امامی. انتشارات سروش، تهران ۱۳۶۹ – ۵۴۴ ص.

82. مسکویه، ابو علی. جاویدان خرد. ترجمه تقي الدین محمد ششتری. با اهتمام بهروز ثروتیان، تهران، ۱۹۷۶/۲۵۳۵.- ۴۴۰ ص.

83. مسکویه، ابو علی. الحکمة الخالدة. (جاویدان خرد). حققه و قدم له عبد الرحمن بدوی. مکتبة النهضة المصریة، القاهرة. ۱۹۵۲.- ۳۸۳ ص.

84. مقدسی، مطهر بن طاهر. آفرینش و تاریخ. در دو کتاب و شش مجلد. مقدمه، ترجمه و تعلیقات از محمد رضا شفیعی کدکنی. تهران ، ۱۳۷۴.- ۱۱۳۲ ص.

85. نامه تنسر به گشنسپ. به تصحیح مجتبی مینوی. انتشارات خوارزمی، تهران، ۱۳۵۴.- ۲۵۹ ص.

86. الندیم، محمد ابن اسحق. کتاب الفهرست. بتصحیح رضا تجدد.تهران ، ۱۹۷۳/۱۳۹۳.-۴۲۵ + ۱۶۴ ص.

87. نهایة الارب فی اخبار الفرس و العرب. به تصحیح محمد تقی دانشپژوه. انجمن آثار و مفاخر فرهنگی. تهران، ۱۳۷۵.- ۴۷۳ ص.

88. النويرى، شهاب الدين. نهاية الارب فى فنون الادب. نصخة مصورة عن طبعة دار الكتب. القاهرة (د.ت) ج. ۷. – ۳۱۵ ص.

89. ياقوت الحموى. معجم الادباء. فى عشرين جزاء. الطبعة الثالثة. بيروت، دار الفكر للطباعة والنشر والتوزيع، ۱۹۸۰/۱۴۰۰.

90. ياقوت الحموى. معجم البلدان. ج. ۱- ۵. دار صادر للطباعة و النشر ، بيروت، ۱۹۵۷/۱۳۷۶.

III. ОСОРИ ТАҲҚИҚӢ БА ХАТИ КИРИЛЛӢ

91. Абдуллаев И. Поэзия на арабском языке в Средней Азии и Хорасане X-начала X1 вв. – Ташкент: Фан, 1984. – 294с.

92. Абдусатторов А. Арабият ва насри ирфонии асри XI // Паёми Донишгоҳи миллӣ. Маҷаллаи илмӣ. Бахши суханшиносӣ. - №1. – 2002, -С. 92-97.

93. Абдусаттор, Абдушукур. Арабият ва адабиёти аҳди Ғазнавиён. – Душанбе, 2001.-220с.

94. Абдусаттор, Абдушукур. Рӯъяти Қуръон дар шеър. Мақолаҳо. – Душанбе, 1997. – 75с.

95. Арабская средневековая культура и литература. Сборник статей зарубежных ученых. – М.: Наука, 1978. – 216с.

96. Ахундова Р.Ю. Жизнь и творчество Ибн ал-Мукаффы: Автореф. дисс…. канд. филол. наук. – Баку,1967. - 28с.

97. Афанасьев В.Г. О системном подходе в социальном познании // Вопросы философии. – 1973. - №6. -С. 98-111.

98. Бартольд В.В. Начало халифата и арабской культуры // Соч.: Т. VI – М.: Наука, 1966. – С. 156-162.

99. Бартольд В.В. Персидская культура и ее влияние на другие страны// Соч.: Т. VI. – М.: Наука, 1966.– С. 174-188.

100. Бартольд В.В. Персидская шуубийя и современная наука //Соч. т.VII. М.: Наука, 1971. – С. 359-370.

101. Бартольд В.В. Тахир бин ал-Хусейн. //Соч.: Т.VII. –М.: Наука, 1971.– С. 506-507.

102. Бартольд В.В. Тахириды // Соч.: Т.VIII. – М.: Наука, 1971. –С.508-509.

103. Бартольд В.В. Этнографический состав мусульманского мира. Значение арабского языка и арабской литературы // Соч.: Т.VI. – М.: Наука, 1966. – С.231-253.

104. Беляев В.И. Материалы по истории науки и культуры народов Средней Азии в арабских рукописях собрания Института востоковедения АН СССР //Материалы первой всесоюзной научной конференции востоковедов в г.Ташкенте. 4-11 июня 1957г. – Ташкент, 1958. – С. 921-927.

105. Беляев В.И. Основные линии развития арабской литературы в Средней Азии// Научная сессия Ленинградского госуниверситета. 1946г. Тезисы докладов по секции востоковедения. – Ленинград, ЛГУ. 1946. - С.19-23.

106. Беляев В.И. Основные черты арабской поэзии в начале аббасидского периода (VIII в. – первая половина IX): Труды XXV Международного конгресса востоковедов.–Т.II.–М:Изд-во восточной литературы,1963. –С.113-118.

107. Беляев Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в раннее средневековье. Второе издание. – М.: Наука, 1966. – 280с.

108. Бертельс Е.Э. Избранные труды. История литературы и культуры Ирана. – М.: Наука, 1988. –558с.

109. Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы. Избранные труды. – Т.I. – М.: Изд-во восточной литературы,1960. –556с.

110. Блауберг И.В., Юдин Э.Г. Становление и сущность системного подхода. – М.: Наука, 1973. – 344с.

111. Бойс, Мэри. Зороастрийцы. Верования и обычаи. – М.: 1988. – 302с.

112. Болдырев А.Н. Опыт периодизации истории средневековой персоязычной литературы (УШ-XIX вв.) // IV Всесоюзная научная

конференция по иранской филологии: Тезисы докладов. -Ташкент: Изд-во АН Уз. ССР, 1964.-С.40-42.

113. Болдырев А.Н. Отражение древних культурных традиций в классической литературе Ирана //История Иранского государства и культуры. К 2500-летию Иранского государства. -М.: Наука, 1971.-С.250-261.

114. Болдырев А.Н., Брагинский И.С. Соображения о периодизации классической персидско-таджикской литературы //Проблемы периодизации истории литератур народов Востока. -М.:Наука, 1968.-С. 315-328.

115. Брагинский И.С. Древнеиранская литература./ История всемирной литературы. Том I. - М.: Наука, 1983. - С.252-270.

116. Брагинский И.С. Ещё раз о проблеме периодизации истории персидской и таджикской литератур // Проблемы периодизации истории литератур народов Востока. – М.: Наука, 1968. – С. 290-314.

117. Брагинский И.С. Иранское литературное наследие.-М. : Наука, 1984.-296с.

118. Брагинский И.С. К проблеме периодизации истории персидской и таджикской литератур //Труды Двадцать пятого Международного конгресса востоковедов.-Т.II.–М.:Изд-во восточной литературы, 1963.-С. 349-356.

119. Брагинский И.С. Литература Ирана в среднеиранских языках//История всемирной литературы. Том II. –М.: Наука, 1984. – С.243-260.

120. Брагинский И.С. От Авесты до Айни. Исследования по истории таджикской литературы. -Душанбе: Ирфон, 1981.-256с.

121. Габриэли Ф. Основные тенденции развития в литературах ислама //Арабская средневековая культура и литература. -М: Наука, 1978.-С.14-30.

122. Гамидов И.Я. Некоторые заметки об антишуубитском трактате Ибн Кутайбы //Литература народов Востока. -М.: Наука,1970. –С. 12-19.

123. Гамидов И.Я. О значении трудов Ибн Кутайбы «Поэзия и поэты» и «Источники сообщений». // «Народы Азии и Африки. История, экономика, культура». – М., 1970. V. - С.21-28.

124. Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история.-М.: Наука, 1972.-664с.

125. Герхард М. Искусство повествования. – М.: 1984. – 456с.

126. Гибб Х.А.Р. Арабская литература. Классический период: Перевод А.Б.Халидова.-М.:Изд-во восточной литературы,1960.-187с.

127. Грюнебаум Г.Э. Основные черты арабо-мусульманской культуры. Статьи разных лет. - М.: Наука, 1981.-227с.

128. Ғафуров Б. Тоҷикон. Ҷ.I-II. – Душанбе, «Ирфон», 1983- 1985.

129. Демидов К.Б. Трактат Джахиза (775-868). Порицание нравов писцов (Замм ахлак ал-куттаб). Предисловие, перевод с арабского и примечание.//Восточное историческое источниковедение и специальные исторические дисциплины. Вып.4. – М.: 1985. – С. 50-74.

130. Джалилов А. Согд накануне арабского нашествия и борьба согдийцев против арабских завоевателей в первой половине VIIIв. – Сталинабад: Изд-во АН Тадж. ССР, 1961. – 166с.

131. Диловаров М., Хромов А. Адабиёти қадим // Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе, 1978. – С. 71-73.

132. Занд М. Шесть веков славы. Очерки истории персидско-таджикской литературы. – М.: Наука, 1964. –252с.

133. Зороастрийские тексты. Суждения духа разума. Сотворение основы и другие тексты / Издание подготовлено О.М.Чунаковой. –М.: 1997. – 352с.

134. Зохидов Н. Арабоязычный период персидско-таджикской литературы. VIII-IX вв. – Душанбе: Дониш, 1993. – 186с.

135. Зоҳидов Н. Адабиёти арабизабони форсу тоҷик аз истилои араб то аҳди Сомониён.- Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1999. –142 с.

136. Ибрагимов Н. Арабский народный роман. -М.: Наука, 1984. - 251 с.

137. Иностранцев К.А. Материалы из арабских источников для культурной истории Сасанидской Персии //Записки восточного отделения Российского археологического общества, т.XVIII.-СПб.,1908.-С.113-232.
138. Иностранцев К.А. Сасанидские этюды. – СПб. 1909. – 140 с.
139. Ислам. Краткий справочник. – М.: Наука. 1983. -106с.
140. Ислам. Энциклопедический словарь. – М.: Наука, 1991, - 316с.
141. История немецкой литературы. В 5т. – М.: Изд-во АН СССР, 1962. – Т.1. – 470с.
142. История персидской и таджикской литературы /Под редакцией Яна Рипки. Перевод с чешского. Редактор и автор предисловия И.С.Брагинский.-М.:Прогресс,1970. – 440с.
143. История таджикского народа. Том II. Эпоха формирования таджикского народа / Под редакцией Н.Н.Негматова. - Душанбе. 1999. – 790с.
144. Каладзе И. Эпическое наследие Унсури. –Тбилиси:Мецниереба, 1983.- 220с.
145. Кеннеди, Хиу. Зиндагии ақлонӣ дар чаҳор садаи нахустини ислом // Суннатҳои ақлонӣ дар ислом. – Душанбе: Нодир, 2002. – С. 36-53.
146. Колесников А.И. Завоевание Ирана арабами. – М.: Наука, 1982. – 270с.
147. Конрад Н.И. Запад и восток. Статьи. – М.: Главная редакция восточной литературы, 1972. – 496с.
148. Краткая история литератур Ирана, Афганистана и Турции. Курс лекций.-Л.: Изд-во ЛГУ, 1971.-119с.
149. Крачковский И.Ю. Калила и Димна. Введение //Избранные сочинения. Т.II. – М.-Л.: Изд-во АН СССР, 1956. – С.433-442.
150. Крачковский И.Ю. Мутазилитский трактат VIIIв. о литературном творчестве // Избранные сочинения. Т.II. – М.-Л.: Изд-во АН СССР, 1956. – С. 221-229.

151. Крачковский И.Ю. Общие соображения о плане истории арабской литературы //Избранные сочинения.-Т.II.-М.-Л.: Изд-во АН СССР, 1956.-С.563-574.

152. Крымский А.Е. Абан Лахыкый, манихействующий поэт (ок.750-815 гг.). Очерк из истории арабской повествовательной литературы индоперсидского характера VIII-IX вв. //Труды по востоковедению, издаваемые Лазаревским Институтом Восточных языков. Выпуск 37.-М., 1913.-С.1-32.

153. Крымский А.Е. История арабов и арабской литературы, светской и духовной (Корана, фыкха, сунны и пр.) //Труды по востоковедению, издаваемые Лазаревским Институтом восточных языков. Выпуск XV. – М.1912. Часть I. – 217с; Часть II – 202с.

154. Крымский А.Е. История Персии, ее литературы и дервишеской теософии //Труды по востоковедению, издаваемые Лазаревским Институтом восточных языков. Выпуск. XVI, №1.- М., 1909 – 196с.

155. Крымский А.Е. История Сасанидов и завоевание Ирана арабами. 2-е издание. - М., 1905. – 416с.

156. Куделин А.Е. Средневековая арабская поэтика.-М.: Наука, 1983.-216с.

157. Литературный энциклопедический словарь. Под общей редакцией В.М. Кожевникова, П.А. Николаева. – М.: Сов.энциклопедия, 1987. – 752с.

158. Лихачев Д.С. Древнеславянские литературы как система// Славянские литературы. VI международный съезд славистов. – Прага, август, 1968. Доклады советской делегации.-М.:Наука, 1968.-С.5-48.

159. Луконин В.Г. Культура Сасанидского Ирана. – М.: Наука, 1969. – 242с.

160. Мардонов Т.Н. Арабско-таджикское двуязычие в поэзии IX-Xвв.-Душанбе: Маориф, 1993 – 166с.

161. Мардонов Т. Ал-Джахиз и возникновение арабо-персидского двуязычия //Молодые ученые 100-летию С.Айни. Материалы конференции молодых ученых Таджикистана, посвященной 100-летию С. Айни.-Душанбе: Дониш,1980.-С. 44-50.
162. Мардонов Т.Н. Возникновение и развитие традиции двуязычия в персидско-таджикской поэзии 1Х-Х вв.: Автореф. дис.… канд. филол. наук. -Душанбе.1986.-22с.
163. Мардонов Т.Н. Об одном раннем двуязычном персидско-таджикском поэте// Письменные памятники Востока. История, филология. – М.: Наука, 1979. – С. 121-132.
164. Маҳдиев С. Истоки и развитие малых жанров прозы персидско – таджикской литературы Х- XIV вв. –Душанбе: Маориф, 1989.- 421 с.
165. Махмудов М.Р. Арабоязычные поэты и литераторы Азербайджана (VIII-XII вв.): Автореф.дис. … докт. филол. наук. -Баку, 1975.-82с.
166. Мец А. Мусульманский ренессанс.-М.: Наука, 1966.-458с.
167. Мирзозода Х. Нуқтаи назари зиддидинӣ дар адабиёти классикии форсу тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 182с.
168. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (аз даврањои қадим то асри XIII). Китоби 1 (I). -Душанбе: Маориф, 1987.- 488с.
169. Муминов Х.К., Исаева Ф.А. Джахиз о влиянии персидского языка на арабский //Индоарабская филология. Сборник научных трудов. Тадж.гос.ун-т. – Душанбе, 1991. – С.43-49.
170. Муминов Х.К. К вопросу об иранском влиянии на стиль ранней арабской прозы //Проблемы арабской классической и современной литератур. Сб.научн.тр. Тадж.гос.ун-т. – Душанбе. 1989. – С.52-54.
171. Мусаев О. Антология ал-Бахарзи «Думйат ал-каср» как памятник арабоязычной литературы Средней Азии //Вопросы восточного литературоведения и текстологии.- М., 1975. – С. 17-31.
172. Негматов Н.Н. Государство Саманидов. – Душанбе: Дониш., 1977. – 279с.

173. Неупокоева И.Г. История всемирной литературы. Проблема системного и сравнительного анализа. – М.: Наука, 1976. – 359с.

174. Никитина В.Б., Паевская Е.В., Позднеева Л.Д., Редер Д.Г. Литература древнего Востока. – М.: Изд-во МГУ, 1962. – 468с.

175. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию. Издание 2-е, дополненное.-М.: Наука, 1988. – 389с.

176. Османов М.Н. Из истории литературы народов Хорасана и Мавераннахра УШ-1Х вв. //Советское востоковедение.-1956.-№ 2.-С.105-118.

177. Османов М.Н. Своды иранского героического эпоса («Худайнаме» и «Шахнаме») как источники «Шахнаме» Фирдоуси. // Ученые записки Института востоковедения. Том XIX. - М. 1958. -С.153-189.

178. Османов М.Н. Ҳаёти адабии Эрони Fарбӣ дар асри Х ва ибтидои XI //Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. Қисми якум. – Душанбе: Дониш, 1976. – С. 7-37.

179. Очерки истории арабской культуры Х – XV вв. – М.: Наука, 1982. - 440 с.

180. Пайкова А.В. Книга «Калила и Димна» как «зерцало»/ Палестинский сборник. 1969, вып.19 (82). – С. 38-46.

181. Пайкова А.В. Композиция сборника «Калила и Димна» //История и филология стран Ближнего Востока. – М.- Л., 1964. – С.72-79.

182. Петрушевский И.П. Ислам в Иране в VII-XV веках (курс лекций). – Л.: ЛГУ, 1968. – 399с.

183. Пехлевийская божественная комедия /Введение, транслитерация пехлевийских текстов, перевод и комментарий О.М.Чунаковой. – М., 2001. – 208с.

184. Пиатровский М.Б. Коранические сказания. – М.: Наука. 1991. – 219с.

185. Полосин В.В. «Фихрист» Ибн ан-Надима как историко-культурный памятник Х века. – М.: Наука, 1989. – 160с.

186. Рак И.В. Мифы древнего и раннесредневекового Ирана. Санкт-Петербург, 1998. - 560 с.

187. Раҳмонов А. Назария ва сайри таърихии устурасозии форсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 1999. – 220с.

188. Розен В.Р. Два слова о значении слова «зиндик» //Записки восточного отделения имперского русского археологического общества. Т.VI. – С. 336-340.

189. Розен В.Р. К вопросу об арабских переводах «Худай-нама» //Восточные заметки. - СПб., 1895. – С.153-191.

190. Розен В.Р. Повесть о Варлааме и Иосафе. - М.-Л., 1947.

191. Розен В.Р. Речь перед защитой докторской диссертации / Заметки коллегии востоковедов при Азиатском музее. Т. I, - Л. 1925. –С. 281-290.

192. Саймиддинов Д. Адабиёти паҳлавӣ (Пажӯҳиш, тарҷума ва ташреҳ). Душанбе, 2003. – 232с.

193. Салимов Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвоъи наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. – 398с.

194. Салимов Н. Муқаддима //Мероси Оли Сомон. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. –С. 3-84.

195. Салимов Ю. Насри ривоятӣ. - Душанбе: Ирфон, 1986.- 127 с.

196. Салимов Ю. Насри ривоятии форсу тоҷик. - Душанбе: Ирфон, 1971.- 157 с.

197. Салье М.А. Об освещении роли так называемой «арабской культуры» в Средней Азии // Труды ИВ АН Уз. ССР, выпуск III. – Ташкент, 1954. – С. 5-24.

198. Сатторзода А. Аристотель и таджикского - персидская литературная мысль (IX-XV). - Душанбе: Адиб. 2002. – 264с.

199. Сатторзода, Абдунабӣ. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ. – Душанбе: Адиб, 2001.- 142 с.

200. Типология и взаимосвязи средневековых литератур Востока и Запада.-М.: Наука, 1974.-575с.

201. Ал-Фахури, Ханна. История арабской литературы /Перевод с арабского В.В.Атамали. В 2-х томах.-М.: Изд-во иностранной литературы, 1959. Т.1-336с; Т.2 - 480с.

202. Фильштинский И.М. Арабская литература в средние века. Словесное искусство арабов в древности и раннем средневековье. – М.: Наука, 1977. – 292с.

203. Фильштинский И.М. Арабская литература в средние века. Арабская литература VIII-IX веков. -М.:Наука, 1978. – 256с.

204. Фильштинский И.М. Вопросы периодизации средневековой арабской литературы //Проблемы периодизации истории литератур народов Востока.-М. :Наука, 1968. - С.271-289.

205. Фильштинский И.М. История арабской литературы. V-начало X века.-М. :Наука, 1985. – 525с.

206. Фотиева В.С. К вопросу об историчности Ваддаха ал-Йамана // Письменные памятники Востока. Историко-филологические исследования. Ежегодник. 1975. -М.: Наука, 1982. – С. 136-162.

207. Фрай Ричард. Наследие Ирана /Издание второе, исправленное и дополненное. Под редакцией и с предисловием М.А.Дандамаева. – М.: Восточная литература, 2002. – 463с.

208. Халидов А.Б. Арабские рукописи и арабская традиция. – М.: Наука, 1985. - 303с.

209. Хусейн-заде М.Ш. Биография в пространстве и времени.- Душанбе, 1999.- 206с.

210. Ҳодизода Р. Аз Рӯдакӣ то имрӯз. – Душанбе: Адиб, 1988. – 288с.

211. Ҳодизода Р. Пеш аз Рӯдакӣ //Садои Шарқ.-1968.-№. 9. - С. 116-122.

212. Шарифов Х. Теоретические вопросы прозы в таджикско-персидских памятниках классического периода. Дисс…док. филол. наук. – Душанбе, 1987. – 454с.

213. Шидфар Б.Я. Абу Нувас. Писатели и ученые Востока. - М.: Наука. 1978. – 232с.

214. Шидфар Б.Я. Арабская проза и средневековая испанская литература. // Теоретические проблемы восточных литератур. – М.: 1969. – С. 133-140.

215. Шидфар Б.Я. Образная система арабской классической литературы VI-XII вв. -М.:Наука, 1974. – 253с.

216. Шкловский В. О теории прозы. - М.: Советский писатель, 1983. – 283с.

217. Энциклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Дар се ҷилд. Душанбе: Сарредакцияи илмии энциклопедияи миллии тоҷик. Ҷ.I- 1988; Ҷ.II- 1989; Ҷ.III- 2004.

218. Эберман В.А. Ал-Хурейми, арабский поэт из Согда //Записки коллегии востоковедов. т.V. - Л.: Изд-во АН СССР,1930. - С. 429-450.

219. Эберман В.А. Персы среди арабских поэтов эпохи Омейядов //ЗКВ, т.II, выпуск 1. -Л.: Изд-во АН СССР, 1926. – С. 113-154.

220. Юдин Э.Г. Системный подход и принцип деятельности. -М.: Наука, 1978. – 392с.

IV. ОСОРИ ТАҲҚИҚӢ БА ХАТИ АРАБӢ

221. آزرنوش، آزرتاش و زریاب، عباس. ابن مقفع.– دائرة المعارف بزرگ اسلامی. جلد چهارم. تهران، ۱۳۷۰.– ص. ۶۶۲– ۶۸۰.

222. آزرنوش، آزرتاش. اسماعیل ابن یسار. – دائرة المعارف بزرگ اسلامی. جلد هشتم. تهران، ۱۳۷۷.– ص.۶۵۵– ۶۵۷ .

223. آزرنوش، آزرتاش. تاریخ ترجمه از عربی به فارسی (از آغاز تا عصر صفوی). ۱.ترجمه های قرانی. تهران، سروش، ۱۳۷۵/ ۱۹۹۶.– ۳۲۷ ص.

224. آزرنوش، آزرتاش. راه های نفوز فارسی در فرهنگ و زبان عرب جاهلی (همراه با واژهای فارسی در شعر جاهلی)، تهران، توس، ۱۳۷۴.– ۲۷۹ ص.

225. اته، هرمان. تاریخ ادبیات فارسی. ترجمه با هواشی رضا زاده شفق. تهران، ۱۳۳۷،– ۳۶۶ ص.

226. افتخار زاده، محمود رضا. شعوبیة ناسیونالیسم ا یرانی. دفتر نشر معارف اسلامی. تهران، ۱۳۷۶.– ۴۲۴ ص.

227. اقبال، عباس. خاندان نوبختی .تهران ۱۳۵۷.– ۱۴۴ص.

228. اقبال، عباس. شرح حال عبد الله ابن مقفع فارسی. برلین، ۱۹۶۲. – ۸۲ ص.

229. امین، احمد. ضحی الاسلام. الطبعة العاشرة.ج.۱– ۳. دار الکتب العربیة، بیروت (د.ت)

230. امین احمد. فجر الاسلام. مکتبة النهضة المصریة. القاهرة ۱۹۷۵. – ۳۳۴ ص.

231. بروکلمان، کارل. تاریخ الادب العربی.ج.۱– ۳.الطبعة الثانیة، دار المعارف بمصر، ۱۹۶۹.

232. البستانی، بطرس. ادباء العرب في الاعصر العباسیة. الطبعة الرابعة.بیروت، مکتبة صادر، ۱۹۵۱.– ۴۷۸ ص.

233. بهار، محمد تقی. سبك شناسی یا تاریخ تطور نثر فارسی .ج.۱– ۳. تهران، امیر کبیر، ۱۳۶۹.

234. تفضلی،احمد. تاریخ ادبیات إیران پیش از اسلام. انتشارات سخن. تهران ۱۳۷۷.– ۴۵۲ ص.

235. تقي زاده. شاهنامه فردوسی. / هزاره فردوسی. تهران ۱۹۴۴.– ص. ۰ ۳ – ۱ ۴

236. خانلری،پرویز ناتل. معارضه فارسی و عربی، مجله سخن ، دوره ۲۰، شماره ۱۱ اردیبهشت ماه ۱۳۵۰، ص. ۹۸۲ – ۹۸۶.

237. خطیبی، حسین. تاریخ تطور نثر فنی. انتشارات دانشکاه تهران، (شماره ۱۰۴۴). تهران ۱۳۴۴.– ۱۷۲ ص.

238. خطیبی، حسین. فن نثر در ادب پارسی. چاپ دوم. انتشارات زوار. تهران، ۱۳۷۵ .– ۶۳۷ ص.

239. حجاب، محمد نبیه. الصراع الادبی بین العرب و العجم. القاهرة، دار القلم، ۱۹۶۳– ۱۲۵ ص.

240. حسین قاسم العزیز. دراسة فی الشعوبیة. مجلة الثقافة الجدیدة عدد ۸۱، عیار ۱۹۷۶، ص.۶۵– ۸۸.

241. حقیقت، عبد الرفیع. فضل ابن سهل سرخسی.ناموراه دکتر محمود افشار.جلد اول.تهران ۱۳۶۰.– ص.۵۳۷ – ۵۶۰.

242. الحوفی،احمد محمد. تیارات ثقافیة بین العرب والفرس. دار نهضة مصر،القاهرة، ۱۹۶۷.– ۳۴۰ ص.

243. دانشپژوه، منوچهر. سیر نامه نگاری در ادبیات فارسی. تهران ، ۱۳۷۷.– ۳۱۵ ص.

244. دریایی، تورج. تاریخ و فرهنگ ساسانی. ترجمه مهرداد قدرت دیزجی. تهران، ققنوس. ۱۳۸۲.– ۱۷۶ ص.

245. الدوری، عبدالعزیز. الجذور التاریخیة للشعوبیة. دار الطلیعة للطباعة والنشر. بیروت، ۱۹۸۰.– ۱۰۴ ص.

246. روزنتال، فرانتس. تاریخ نگاری در اسلام. بخش دوم. ترجمه اسد الله آزاد. انتشارات آستان قدس رضوی، مشهد، ۱۳۶۸.– ۴۵۰ ص.

247. زریاب، عباس. آل نوبخت – دائرة المعارف بزرگ اسلامی. جلد دوم. تهران، ۱۳۶۸.– ص۱۷۷–۱۷۸.

248. زرین کوب ، عبد الحسین. از گذشته ادبی ایران. تهران ، انتشارات الهدا. ۱۳۷۵.– ۵۸۸ ص.

249. زرین کوب ، عبد الحسین. تاریخ إیران بعد از اسلام. تهران، امیر کبیر، ۱۳۶۷.– ۶۸۵ ص.

250. زرین کوب ، عبد الحسین. تاریخ در ترازو. تهران، امیر کبیر، ۱۳۶۲.– ۳۲۳ ص.

251. زرین کوب ، عبد الحسین. دو قرن سکوت. چاپ ششم، تهران، جاویدان، ۱۳۵۵.– ۴۲۰ ص.

252. زیدان، جرجی. تاریخ تمدن اسلام. ترجمه و نگارش علی جواهر کلام. انتشارات امیر کبیر، تهران، ۱۳۷۲. – ۱۱۰۸ ص.

253. الشرقاوی، عفت محمد. ادب التاریخ عند العرب. بیروت، دار العودة. ۱۹۷۳.– ۳۶۲ ص.

254. شفق، رضازاده. تاریخ ادبیات إیران. تهران ، آرمان ، ۱۳۶۹. – ۴۲۳ ص.

255. شمیسا، سیروس. سبك شناسی نثر. تهران، نشر میترا، ۱۳۷۷. – ۳۱۹ ص.

256. صادق آئینه وند. علم تاریخ در گستره تمدن اسلامی. مجلد أول، پژوهش گاه علوم انسانی و مطالعات فرهنگی. تهران ۱۳۷۷/ ۱۹۹۸.– ۶۹۵ ص.

257. صادقی، علی اشرف. تکوین زبان فارسی. تهران، دانشگاه آزاد إیران، ۱۳۵۷.– ۱۲۵ ص.

258. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات در إیران. جلد ادل. انتشارات فردوسی. تهران، ۱۳۷۱.– ۸۱۶ ص.

259. صفا، ذبیح الله. تاریخ علوم عقلی در تمدن اسلامی تا اواسط قرن پنجم. ج. ۱.تهران، انتشارات دانشگاه تهران، ۱۳۷۱. –۴۵۲ ص.

260. صفا، ذبیح الله. حماسه سرایی در إیران . انتشارات امیر کبیر، تهران،۱۳۶۶.– ۶۷۶ ص.

261. صفا، ذبیح الله. شعوبیت فردوسی. فردوسی نامه مجله مهر، تهران، ۱۹۳۴، ص. ۲۱۹–۲۲۳ .

262. الصیاد، فؤاد عبد المعطی. النوروز و اثره فی الادب العربی. بیروت ۱۹۷۲.– ۱۵۹ ص.

263. ضیف، شوقی. تاریخ الادب العربی. العصر الاسلامی. دار المعارف بمصر ۱۹۷۶.– ۴۹۲ ص.

264. ضیف، شوقی. تاریخ الادب العربی. العصر العباسی الاول. القاهرة، دار المعارف، ۱۹۹۹. –۵۷۶ص.

265. ضیف، شوقی. الفن و مذاهبه فی النثر العربی. دار المعارف بمصر. ۱۹۸۱.– ۴۰۰ ص.

266. طه، حسین. حدیث الاربعاء.ج. ۱ –۳. دار المعارف، القاهرة ، ۱۹۵۴.

267. طه، حسین. من تاریخ الادب العربی.ج. ۱ –۳. دار العلم للملایین، بیروت، ۱۹۸۰.

268. طه، هند حسین. الادب العربی فی اقلیم خوارزم منذ الفتح العربی حتی سقوت الدولة الخوارزمیة. منشورات وزارة الاعلام، بغداد، ۱۹۷۶.– ۵۱۳ ص.

269. العاکوب، عیسی. تا ثیر پند بارسی بر ادب عرب. ترجمه عبدالله شریف خجسته، انتشارات علمی و فرهنگی.تهران، ۱۳۷۴.– ۳۳۶ ص.

270. عزت، عبد العزیز. ابن مسکویه، فلسفته الاخلاقیة. دارالمعارف، القاهره، ۱۹٦٤.– ص ۳۳٦.

271. عطوان حسین. الشعر العربی بخراسان فی العصر الاموی. عمان، مکتبة المحتسب، بیروت، دار الجیل، ۱۹۷۴.– ۳۴۱ ص.

272. عظیمی، عباسعلی. شرح حال و آثار ابن مقفع. تهران، فرخی،۲۵۳۵.– ۳۷۱ ص.

273. عفیفی، رحیم. اساطیر و فرهنگ ایرانی در نوشته های پهلوی. تهران، توس، ۱۳۷۴.– ۶۶۰ ص.

274. عمر، فروخ. تاریخ الادب العربی.ج.۱– ۳ . دار العلم للملایین. بیروت، ۱۴۰۰/۱۹۸۰.

275. الغزی. الهادی حمودة. الشعر الاموی فی خراسان و البلاد الا یرانیة. الکویت، مؤسسة الوحدة للنشر، تونس، الدار تونسیة للنشر، ۱۳۹۶ – ۱۹۷۶. –۲۴۰ ص.

276. غفرانی خراسانی، محمد. عبد الله بن المقفع. الدار القومیة للطباعة و النشر بمصر، ۱۹۶۵.–

277. غوشة، عصمة عبدالله. الشعر فی ظلال البرامکة. کلیة الآداب الجامعة الاردنیة، ۱۹۷۵.– ۱۶۸ ص.

278. فرای، ریچارد. بخارا دستاورد قرون وصطا. ترجمه محمود محمودی. تهران، ۱۳۶۵.– ۱۸۰ ص.

279. الفکیکی، عبدالهادی. الشعوبیة والقومیة العربیة. بیروت، منشورات دار الادب، ۱۹۶۰.– ۱۱۱ص.

280. قزوینی، محمد. مقدمه قدیم شاهنامه/ هزاره فردوسی. تهران ۱۹۴۴، ص.۱۲۳ – ۱۴۸.

281. کرد علی، محمد. امراء البیان.ج. ۱– ۲. الطبعة الثانیة. القاهرة، مطبعة لجنة التألیف و الترجمة و النشر، ۱۳۶۷/ ۱۹۴۸ .– ۶۰۳ ص.

282. کرد علی، محمد. کنوز الاجداد. مطبوعات المجمع العلمی العربی بدمشق. ۱۹۵۰. – ۴۳۸ ص.

283. کریستن سن، آرتور. ایران در زمان ساسانیان. ترجمه رشید یاسمی. چاپ ششم، دنیای کتاب، تهران ۱۳۶۸. –۷۱۲ ص.

284. کریستن سن، آرتور. کیانیان. تهران، بنگاه ترجمه و نشر کتاب. ۱۳۷۶.– ۳۱۱ ص.

285. کسائی، نورالله. عبدالحمید کاتب. –مجله دانشکده ادبیات تهران، سال ۲۵. شماره ۱– ۴ . ص.۱۲۵ –۱۵۲.

286. اللیثی، سمیرة مختار. الزندقة و الشعوبیة و انتصار الاسلام و العربیة علیهما. مکتبة الانجلو المصریة، القاهرة، ۱۹۶۸.–۲۵۴ ص.

287. مؤذن، جامی، محمد مهدی. ادب پهلوانی: مطالعه ای در تاریخ ادب دیرینه ایرانی از زرتشت تا اشکانیان. تهران، قطره، ۱۳۷۹ .– ۴۱۷ ص.

288. مبارك، زکی. النثر الفنی فی القرن الرابع. ج. ۱ – ۲، القاهرة، ۱۹۳۴.

289. مجتبائی، فتح الله. ملاحظاتی در باره کلیله و دمنه. مجله زبان شناسی، تهران، ۱۳۶۳، سال أول، شماره ۲، ص. ۳۳– ۶۳

290. المجدوب البشیر. حول مفهوم النثر الفنی عند العرب القدامی. تونس، الدار العربیة للکتاب، ۱۹۸۲ – ۲۲۳ ص.

291. محجوب، محمد جعفر. در باره کلیله و دمنه. تاریخچه، ترجمه دو باب ترجمه نشده از کلیله ودمنه. تهران، خوارزمی. ۱۳۴۹ –۳۳۳ ص.

292. محمدی، محمد. تاریخ و فرهنگ إیران در دوران انتقال از عصر ساسانی به عصر اسلامی. جلد چهارم. زبان فارسی همچون مایه و مددگاری برای زبان عربی در نخستین قرنهای اسلامی. تهران، توس. ۱۳۸۰.– ۴۴۰ ص.

293. محمدی، محمد. الترجمه و النقل عن الفارسیة فی القرون الاسلامیة الاولی. منشورات توس، تهران ۱۹۹۵/۱۳۷۴. – ۲۹۰ ص.

294. محمدی، محمد. فرهنگ إیرانی بیش از اسلام و آثار آن در تمدن اسلامی و ادبیات عربی. انتشارات توس، تهران ، ۱۳۶۴.– ۱۳۸۲ ص.

295. محمدی، محمد. کتاب التاج فی سیرة انوشیروان. مجلة الدراسات الادبیة. السنة الثالثة، العدد الثالث. حریف ۱۹۶۱. ص. ۲۳۷ – ۲۶۴.– العدد الرابع، شتاء ۱۹۶۲، ص. ۳۴۵ – ۳۷۸ .

296. المصری، حسین مجیب. صلات بین العرب و الفرس و الترك. مکتبة الانجلو المصریة . ۱۹۷۱.– ۵۲۷ ص.

297. معین، محمد. مزد یسنا و ادب پارسی. انتشارات دانشگاه تهران. جلد اول. تهران ۱۳۳۸. – ۴۴۸ ص.

298. المقدسی، انیس. تطور الاصالیب النثریة فی الادب العربی. الطبعة السابعة. بیروت، دار العلم للملا یین. ۱۹۸۲. – ۴۱۶ ص.

299. ممتحن، حسینعلی. نهضت شعوبیة. انتشارات امیر کبیر، تهران، ۱۳۷۰.– ۳۸۸ ص.

300. مهدی ، محی الدین. زمینهای رشد زبان فارسی دری تا عهد سامانی. دشنبه ۱۹۹۹. – ۲۳۸ ص.

301. موافی، عثمان. التیارات الاجنبیة فی الشعر العربی منذ العصر العباسی حتی نهایة القرن الثالث الهجری. مؤسسة الثقافة الجامعیة، ۱۹۷۳.– ۴۲۰ ص.

302. موسی، سلیمان . الادب القصصی عند العرب. بیروت. دار الکتب اللبنانی. ۱۹۵۶.– ۲۱۳ ص.

303. مینوی، مجتبی. احدی فارسیات ابی نواس. مجلة الدراسات الادبیة. الجامعة اللبنانیة، بیروت، ربیع، ۱۹۶۰، السنة الثانیة. العدد الاول، ص. ۴۹ – ۶۷.

304. مینوی، مجتبی. یکی از فارسیات ابو نواس. مجلة دانشکده ادبیات.سال أول، شماره سوم، تهران، ۱۳۳۳. ص. ۶۲–۷۷

305. نامه آل سامان. مجموعه مقالات مجمع علمی تمدن، تاریخ و فرهنگ سامانیان. به کوشش علی اصغر شعر دوست و قهرمان سلیمانی. ۱۳۷۸.– ۹۵۸ ص.

306. ندا، طه. الادب المقارن. دار النهضة العربیة للطباعة و النشر، بیروت، ۱۹۷۵ – ۲۳۹ ص.

307. ندا، طه.الفارسیة و عیوب المنطق العربی. مجلة کلیة الآدب بجامعة الاسکندریة، العدد ۱۵، ۱۹۶۱. – ص. ۹۵– ۱۱۵ .

308. نفیسی، سعید. تاریخ نظم و نثر در إیران و در زبان فارسی.ج. ۱– ۲. تهران ، ۱۳۴۴. – ۱۱۷۲ ص.

309. هلال، محمد غنیمی. الادب المقارن. دار العودة و دار الثقافة، بیروت (د.ت).– ۴۶۹ ص.

310. همائی، جلال الدین. تاریخ ادبیات إیران. ج. ۱– ۲ . تبریز ۱۳۴۸.

311. همائی، جلال الدین. شعوبیة. با اهتمام منوچهر قدسی. اصفهان، ۱۳۶۳.– ۱۷۷ ص.

312. هنینگ و.ب. قدیم ترین نسخه شعر فارسی. – مجله دانشکده ادبیات، شماره ۴. سال پنجم، تیرماه ۱۳۳۷.– ص. ۱– ۹.

313. هینلز، جان. شناخت اساطیر إیران. ترجمه ژاله آموزگار و احمد تفضلی. تهران ، نشر اویش، ۱۳۷۵– ۲۱۳ ص.

V. ОСОРИ ТАҲҚИҚӢ БА ЗАБОНҲОИ АВРУПОӢ

314. Arabic literature to the end of the Umayyad period. Cambridge: Cambridge university press, 1983. – 547p.

315. Bosworth C.E. Ebn Abi Taher Tayfur //Encyclopaedia Iranica. Edited by Ehsan Yarshater. - Vol.VII. 1996. – P.663-664.

316. Boyce M. The letter of Tansar. Rome, 1968. – 110p.

317. Browne, G. Edward. A Literary history of Persia. Vol.1. From the Earlist times until Firdawsi.- Cambridge: University press, 1977. – 521p.

318. Daudpota U.M. The Influence of Arabic poetry on the development of Persian poetry. - Bombay, 1934 – 204c.

319. Gibb H.A.R. Abu Ubayda Mamar b.al-Muthanna //The Encyclopaedia of Islam. New edition. Vol.1. Leiden-London.-1956. – C.158-159.

320. Goldziher A. Mohammedamische studien. Bd.1-2. -Halle, 1989-1890.

321. Grignaschi M. Quelgues specimens de la litterature Sassanide. – Journal asiatigue. – 1966, t. 254. – C.1-142.

322. Nicholson, R.A. A literary history of the arabs. Cambridge: Cambridge university press, 1966. – 505p.

323. Ritter H. Uber Bildersprache Nizamis. - Berlin – Leipzig, 1927.

324. Shaked Sh. Andarz (precept, instruction, advice). //Encyclopaedia Iranica. Edited by Ehsan Yarshater. - Vol. II. 1985. – P.11-16.

325. Shaked Sh. The Pahlavi Andarz Literature. Doctoral thesis of London University, 1954.

326. Shaked Sh. Wizdom of the Sasanian Sages (Denkard VI) //Persian heritage series. № 34, Columbia University, 1979.

327. Zakeri, Mohsen. Sahl b. Harun b. Rahawayh //The Encyclopaedia of Islam. New edition. Vol.III. Leiden., 1995. – C.838-840.

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА……..…

БОБИ I. ОҒОЗИ НУФУЗИ УНСУРИ ЭРОНӢ ДАР НАСРИ АРАБИЗАБОН. НАСРИ ТАРАССУЛ

I.1. Омилҳои пойдорӣ ва давоми суннатҳои насри тоисломии форсу тоҷик дар қарнҳои нахусти исломӣ...……

I.2. Нуфузи услуби форсӣ ва балоғати эронӣ дар насри арабизабон …

I.3. Абулалои Солими Котиб……

I. 4. Абдулҳамиди Котиб …. ……

БОБИ II. НАҲЗАТИ ТАРҶУМАИ НАСРИ ПАҲЛАВӢ БА АРАБӢ ДАР ҚАРНҲОИ VIII-IX

II.1. Омилҳои густариши наҳзати тарҷума…… ……

II.2. Мутарҷимони осори паҳлавӣ……

II.3. Тарҷумаи осори таърихӣ ……

II.4. Тарҷумаи осори ахлоқӣ ……..…

II.5. Тарҷумаи осори бадеӣ…….. ……..…

II.5.1. Осори бадеии ахлоқӣ……....

II.5.2. Достонҳои ҳамосии эронӣ …….…….

II.5.3. Достонҳои ишқии паҳлавӣ…….. ……...

II.5.4. Афсонаҳои тоисломии эронӣ……..

БОБИ III. НАСРИ ТАЪЛИФИИ АРАБИЗАБОН ДАР ҚАРНҲОИ VIII-IX

III.1. Нависандагони арабизабони садаҳои VIII-IX……..

III.2. Анвои насри таълифӣ……

III.2.1. Густариши насри ахлоқӣ……..…..

III.2.2. Рисолаҳо дар ойини кишвардорӣ…….……..…

III.2.3. Қиссапардозӣ аз забони ҷонварон……

III.2.4. Ривоҷи жанри мунозира …..…….

III.2.5. Бозсозии осори тоисломии эронӣ……

III.2.6. Ҷилваҳои афкори шуубия ……

ХУЛОСА……..…

КИТОБНОМА……..……